ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2020. №3

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2020. №3

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2020. No.3

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2020

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2020. – №3. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).© ДМТ, 2020

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустов Хамрохон Джумаевич — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2020. – №3. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2020

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2020. – №3. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2020

УДК: 491.550

САБАБ НАТИҶА ДОРАДУ НАТИҶА САБАБ
(баъзе мулоҳизаҳо оид ба ҷумлаи пайрави натиҷа)

Хоҷаев Давлатбек
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баҳс ҳамеша муҷиби пешравии ҳама гуна корҳо ва поксозӣ аз ҳар хел олудагиҳо мегардад. Ин амал, алалхусус, дар пажӯҳиш ва ковишҳои илмӣ хеле муфид аст. Аз ин миён илми забоншиносӣ низ истисно нест.

Дар таърихи афкори забоншиносии Шарқ ин амал пас аз мактабҳои забоншиносии Юнони Қадим, Ҳинду Хитой дар ду мактаби забоншиносии араб: мактаби забоншиносии Басра ва Куфа аз тағриба гузаштааст. Масалан, ҷонибдорони мактаби забоншиносии Басра меъёри забони адабии арабро ба асоси забони китоби муқаддаси мусулмонон – Қуръон ва забони классикии араб медонистанд. Намояндагони мактаби забоншиносии Куфа бошанд, ғалатҳои нутқи омма, гӯйиши мардумро ислоҳ карда, меъёргузорӣ кардаанд.

Ин гуна ихтилофи назар дар таърихи афкори забоншиносии ҳама халқу миллатҳо рух додааст ва имрӯз ҳам роиҷ мебошад. Ба таъбири Саъдии бузург се чиз бе се чиз пойдор намонад: илм бе баҳс; мол бе тиҷорат; мулк бе сиёсат. Аз ин нуқтаи назар,баҳс дар ҳама давру замон ва дар ҳама бахшҳои илм зарур аст. Албатта баҳс ҳадафҳо дошта бошад ва баҳскунанда далелҳо, вагарна аз он баҳс суде нест.

Дар илми забоншиносии аҳди шӯравии тоҷик қариб ҳамаи хели ҷумлаҳои пайрав ба сурати рисолаҳои илмӣ таҳқиқ шудаанд ва банда фикр мекардам, ки дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ду мавзӯи муҳимми ҳалталаб интизори муҳаққиқ аст: яке муродифоти ҷумлаҳои пайрав ва дигаре сермаъноии ҷумлаҳои пайрав. Вале мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ андешаҳои баҳсталаб ҳоло ҳам вуҷуд доштааст.

Дар қисмати хулосаи як мақолаи устоди муҳтарам Б. Камолиддинов бо исми «Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаи пайрави натиҷа» дар маҷмуаи мақолаҳои худи муаллиф «Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ» [5] чунин омадааст: «Он ҳама омилҳои семантикию структурӣ ва тарзҳои гуногуни муоинаи муносибати маъноии байни ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ шаҳодат медиҳанд, ки муносибати маъноии натиҷа натанҳо дар қолаби ҷумлаҳои сода, балки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ ифода намеёбад» [5, 69].

Ин мулоҳизаи устоди муҳтарам Б. Камолиддинов дар ҷаласаи солонаи устод Айнӣ дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми апрели соли 2010 баён шуда буд ва то имрӯз дар андеша ҳастам, ки чаро устод ин масъаларо ба миён гузоштааст. Банда намехостам, ки бо устод баҳс кунам, аммо ду чиз маро водор кард, ки оид ба ин мавзӯъ баъзе муоҳизаҳои худро иброз намоям: якум ин, ки устоди шодравонам, профессор Д. Т. Тоҷиев тамоми фаъолияти илмиаш ба таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ марбут буд; дуюм, банда низ бо роҳнамоии устод чандин сол ба таҳқиқи як хели ҷумлаи мураккаби тобеъ машғул будам ва дар ин бахш бо бисёр манбаъҳои илмӣ ошно шудам.

Ин андешаи устод Б. Камолиддинов моро ба ибрози баъзе мулоҳизаҳо дар бораи ҷумлаи пайрави натиҷа водор намуд.

Дар воқеъ муаллиф хеле дурусту мантиқӣ ин мақолаи хешро ба қатори масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ дохил кардааст. Мутаассифона, ин баҳсест, ки ба илми наҳви забони тоҷикӣ фоида намеорад, балки дар низоми таснифу омӯзиши анвои ҷумлаи пайрав дар наҳвшиносии тоҷик халал ворид менамояд ва хонандаро ба иштибоҳ мебарад. Ғайр аз ин таҳқиқоти дар боби ҷумлаҳои пайрав анҷом додаи донишмандони риштаи забоншиносии тоҷикро ба шубҳа мекашад.

Бояд дониста шавад, ки ҳеҷ сабабе бенатиҷа буда наметавонад, ҳамчунон ки ҳеҷ натиҷае бе сабаб ё иллат пайдо намешавад. Ин ду мафҳум ҳам дар фаҳмиш ва ҳам рухдодашон ба ҳамдигар дар иртиботи доимианд ва яке бе дигаре буда наметавонад. Саволе пайдо мешавад, ки агар маънои натиҷа, ба фикри устоди соҳибтаҷрибаю баркамоли мо, профессори муҳтарам Б. Камолиддинов, на дар қолаби ҷумлаи сода ва на ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ифода наёбад, қолаби ифодаи он чӣ ном дораду дар куҷо ҳаст? Мутаассифона, муаллифи мақола дар ин бобат ҳарфе нагуфтааст.

Маънии сабабу натиҷа чун дар як қолаби мураккаби наҳвӣ, дар шакли ҷумлаи мураккаби тобеъ ифода мешавад ва яке нақши сарҷумла (ҷумлаи асосӣ ё поя), дигаре нақши ҷумлаи пайравро адо менамояд. Азбаски натиҷа чизе аст, ки аз чизе пайдо мешавад, ё аз таъсири амале сар мезанад, пас он амале, ки натиҷа аз он рух медиҳад, асос ё сабабу иллат буда, дар нақши сарҷумла ва натиҷае, ки сар задааст, дар мақоми ҷумлаи пайрав меистад.

Дар луғати тафсирии муътабари «Ғиёс-ул-луғот», ҷ.2. – Душанбе, 1986 чунин оварда шудааст: «Натиҷа – берун овардашуда…, ба истилоҳи мантиқ қавлест, ки ҳосил шавад аз имтизоҷи (омехта шудан – Д. Х.) ҷузвҳои суғро ва кубро ба андохтани лафзи мукаррар, ки онро ҳадди авсат гӯянд» [8, 336].

Бояд таъкид кард, ки дар тамоми осори илмии ба илми мантиқу наҳв иртибот доштаи донишмандони гузаштаи мо мафҳум ё маънои сабабу натиҷа ва қолаби ифодаи онҳо матраҳ шудааст ва ин чизи наве нест, ки солҳои охир эҷод шуда бошаду ба ин осонӣ аз сохти наҳвиёти забони тоҷикӣ ҳазф гардад. Масалан, донишманди улуми адабии асри Х1Х Воҷидалии Муҷмалӣ дар «Матлаъ – ул – улум ва маҷмаъ – ул - фунун», ки ба таснифу гурӯҳбандии илмҳою фанҳо бахшидааст, ҳатто дар қолаби ҷумлаи содаи тафсилӣ маънии натиҷаро таъкид кардааст; чунончи ӯ гуфтааст: «Чаҳорум, он ки аз каломи мобаъд зоида ҳосил шавад ва онро натиҷа гӯянд, чунон ки гӯем: Ибодат ва парҳезгорӣ муъҷиби наҷоти уқбо аст. Муъҷиби наҷоти уқбо натиҷа аст» [4,312]. Агар ҷойи аъзоҳои ин ҷумларо тағйир дода гӯем: Муҷиби наҷоти уқбо ибодат ва парҳезгорӣ аст, боз ҳамон маънии сабабу натиҷа ифода мешавад.

Аз нигоҳи илми мантиқ мафҳуми натиҷа натанҳо мустақиман ба сар задани амали сарҷумла ки чун иллат барои рух додани натиҷа нақш адо менамояд, балки дар заминаи дигар муносибатҳои наҳвӣ, ки тавассути ҷумлаҳои пайрави гуногун пайдо мешавад, низ мушоҳида мегардад. Масалан, Абӯалӣ Сино зимни қазияҳои мантиқӣ чунин мисолҳо овардааст: Агар офтоб барояд, рӯз бавад. Албатта ин ҷумла ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави шарт аст, аммо тобиши натиҷа дорад, чаро ки рӯз шудан натиҷаи баромадани офтоб аст. Аз ин рӯ ҷумлаи мазкур тобиши маънои иловагии натиҷа дорад.

Ҷумлаи пайрави натиҷа дар ҳамаи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ дохил карда шудааст ва имрӯз ҳам дар тозатарин нашри китоби дарсии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ҷой дорад.

Донишманди шодравон Л. Бузургзода дар «Синтаксиси мухтасари забони тоҷик» [1]муносибати натиҷаро ифода кардани ҷумлаи пайрави ҳолшарҳкунандаро ин тавр таъкид кардааст: «Ҷумлаи пайрави ҳолшарҳкунанда натиҷаи таъсиру ҳаракати сарҷумла шуда ҳам меояд: **Ҳезумҳои дар рӯйи ҳавлӣ будагӣ чунон тар шуда буданд, ки намесӯхтаанд (С. А.)»**[1, 334]. Дар китоби дарсии «Грамматикаи забони тоҷикӣ», қ. 2. муаллифон А. Мирзоев, Ш. Ниёзӣ, М. Ғафуров дар бораи ҷумлаи пайрави натиҷа чунин маълумот оварда шудааст: «Ҷумлаи пайрави натиҷа ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки «ки» пайванд мешавад. Мисол: Пеши чашмашро пардаи сиёҳе гирифт, ки чизеро намедид»[7, 67].

Донишманди шодравон Н. Маъсумӣ дар «Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» [6] ҷумлаи натиҷаро ҳамчун хели алоҳидаи ҷумлаи пайрав ҷудо намуда, чунин мисолҳоро далел овардааст: **1. Суҳбат чунон гарм шуда буд, ки аз омада мондани меҳмонҳохабар наёфтем; 2. Роҳи танг қисман бо барф пушидагӣ буд, ки дар баъзе ҷойҳо зери по фурӯ мерафт.**

Инҳо ва ин гуна ҷумлаҳо, - мегӯяд муаллиф, аз ҷиҳати маъно натиҷаи сарҷумларо нишон медиҳанд. Барои муайян кардани ҷумлаҳои пайрави натиҷа, - фикрашро идома медиҳад шадравон Н.Маъсумӣ, монанди ҷумлаҳои пайрави дигар саволҳои муайян ва муқаррарӣ набошад ҳам, натиҷаи амал аз рӯйи мазмун фаҳмида мешавад. Ғайр аз ин саволҳои чӣ натиҷа дод?, натиҷа чӣ шуд? ва ин гунаҳоро ба таври ёридиҳанда кор фармудан ҳам мумкин аст [6, 82].Воқеан, ҷумлаҳои пайрави мисолҳои овардаи муаллиф ҷумлаи пайрави натиҷа буда, дар натиҷаи рухдодани амали сарҷумла сар задаанд. Агар ҷойи сарҷумлаю ҷумлаҳои пайравро тағйир диҳем, муносибати сабабунатиҷа боз ҳам равшан мегардад, чунончи: **1. Аз омада мондани меҳмонҳохабар наёфтем, зеро суҳбат гарм шуда буд; 2. Дар баъзе ҷойҳо зери по фурӯмерафт, чунки роҳи танг қисман бо барф пӯшидагӣ буд.**

Дар китоби дарсии муаллифон Б. Ниёзмуҳаммадов ва Ш. Ниёзӣ «Грамматикаи забони тоҷикӣ», қ. 2. ба ҷумлаи пайрави натиҷа ин тавр таъриф дода шудааст: «Ҷумлаи пайрави натиҷа – натиҷаи амали дар сарҷумла гуфташударо мефаҳмонад. Ҷумлаи пайрави натиҷа ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки **ки**, **чунон** … **ки** пайваст мешавад. Мисол: Имсол ҳосили ангур чунон бисёр шуд, ки қариб аст токҳо шикананд» [9, 94].

Яке аз аввалин муҳаққиқони бахши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ шодравон Х.Ҳусейнов дар рисолаи худ «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [12]дар ҷумлаи пайрави замон ифодаи муносибати натиҷаро бо далелҳо нишон дода, аз ҷумла чунин мегӯяд: «Ҷумлаи пайрави замон баробари замони ҳаракат натиҷаи амалҳои сарҷумларо низ нишон дода метавонад» [12,24]. Барои тасдиқи фикраш муаллиф мисоли зеринро овардааст: Вақте ки духтар онҳоро мехонд, як китоб маъно мегирифт (Ш. Р.). Дар ҳақиқат дар мисоли овардаи муаллифи рисола ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замоне, ки ба ин монанданд, ифодаи муносибати натиҷа равшан мушоҳида мешавад. Агар ҳамон мисоли овардаи муаллифро ба ин тариқ биёрем, ин андеша собит мегардад: **Вақте ки духтар онҳоро мехонд, дар натиҷа як китоб маъно мегирифт.**

Маҳаққиқи тавоно ва борикназари тоҷик шодравон профессор Д. Т. Тоҷиев дар таснифу гурӯҳбандии ҷумлаҳои пайрав ҷумлаи пайрави натиҷаро ҳамчун хели алоҳидаи ҷумлаи пайрав ҷудо карда, чунин нигоштааст: «Ин ҷумлаи пайрав (муҳаққиқ ҷумлаи пайрави натиҷаро дар назар дорад – Д. Х.) натиҷа ва ё хулосаи фикри дар сарҷумла ифодашударо нишон медиҳад: Як табассуми латиф, бачагона ва маъсумона дар рӯйи ӯ бишкуфт, ки ӯро боз ҳам зеботар гардонд (Р. Ҷ.)»; Ба манқал ва сандалиҳо уду анбар месӯхтанд, ки ҳама ҷо муаттар мегашт (Ҷ. И.).

Пас аз ин муҳаққиқ хусусиятҳои маъноию сохтории ин хели ҷумлаи пайравро равшану возеҳ ва содаю ихчам баён менамояд, ки дигар ҷои шакку шубҳа ва баҳсу андеша намемонад, чунончи: «Ҷумлаи пайрави натиҷа ҳамеша тамоми сарҷумларо шарҳ медиҳад. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи пайрави натиҷадор муносибатҳои натиҷа ва сабабро равшан мушоҳида мекунем: дар ин ҷумлаҳои мураккаб сарҷумла сабабро фаҳмонад, ҷумлаи пайрав натиҷаи онро ифода мекунад» [11, 393].

Як хусусияти ҷумлаи пайрави натиҷа, ҳамчунон ки устоди шодравон профессор Д. Т. Тоҷиев низ таъкид намудааст, ин аст, ки аксар ҷумлаи пайрави натиҷаро ба ҷумлаи пайрави сабаб баргардондан мумкин аст, аммо ин ба ҳеҷ ваҷҳ маънии инкори ҷумлаи пайрави натиҷаро надорад. Азбаски сабабу натиҷа як категорияи бо ҳам иртиботдоштаи фалсафа буда, онҳоро аз ҳам ҷудо кардан ё якеро ҳазф намудан мумкин нест, дар ҳамон қолаби табдил ҳам маънии сабабу натиҷа ва моҳияту мазмуни мухобиротии он боқӣ мемонад.

Муқоиса шавад:

Ҷумлаи мураккаби тобеъ Ҷумлаи мураккаби тобеъ
бо пайрави натиҷа бо пайрави сабаб

Якуним моҳ ин тарафинҳо хату Ҳам дастам ва ҳам забонам ба забони русиро ёд дода истодаанд, навиштану гуфтан анча рост шу –ки ҳам дастам ва ҳам забонам ба данд, чунки якуним моҳ ин тараф навиштану гуфтан анча рост инҳо хату забони русиро ёд дода шуданд (Р. Ҷ.). истоданд.

Ҳам суруд мехонд, ҳам рақс Ҳама ба шавқу сурур омаданд,мекард, ҳам доира мезад, ки ҳама зеро ҳам суруд мехонд, ҳам рақс ба шавқу сурур омаданд (Ҷ. И.).мекард, ҳам доира мезад.

Бояд гуфт, ки на ҳамаи ҷумлаи пайрави натиҷаро ин хел осону беосеби мазмун ба ҷумлаи пайрави сабаб баргардондан мумкин аст.Агар дар таркибиҷумлаи пайрави натиҷа ҷонишинҳо омада ба амали сарҷумла ё аъзои эзоҳшавандаи сарҷумла ишора намоянд, ин хели ҷумлаи пайрави натиҷаро ба ҷумлаи пайрави сабаб баргардондан ё мумкин нест, ё гардонда шавад ҳам, мазмун халал мебинад. Мисол, ин ҷумлаҳои пайрави натиҷа ба осонӣ ба ҷумлаи пайрави сабаб барнамегарданд; агар баргардонда шаванд ҳам, ба мазмуни ҷумла халал мерасад: Табиат сукут мекард ва машъали азими осмонӣ – моҳ, торафт зиёдтар баланд мебаромад, ки ин оромии табиатро мукаммалу мунаввар мегардонд (Р. Ҷ.).

Дар «Луғати терминҳои забоншиносӣ» [13] дар бораи ҷумлаи пайрави натиҷа маълумоти равшану саҳеҳ дода шудааст, чунончи: «Пайраве, ки натиҷа, оқибати кору ҳаракат, амалу ҳолати сарҷумларо фаҳмонда, ба он бо ёрии пайвандаки «ки» тобеъ мешавад ва ҳамеша пас аз сарҷумла меистад, ҷумлаи пайрави натиҷа номида мешавад: Аз бозор ранги қирмизӣ харида оварда, онро ба лаки зард салоя намуда, дар рӯйи карнайчаҳо гулпартоӣ кард, ки баъд аз он харидорон бисёр шод шуда бозораш чақонтар шуд (Р. Ҷ.).

Маъноҳои сабабу натиҷа ҳамеша бо ҳамдигар наздик ифода мешаванд. Аз ин рӯ, дар сарҷумла маънои сабаб ифода ёбад, дар ҷумлаи пайрав маънои натиҷа оварда мешавад [13, 245].

Тавре ки аз намунаҳои фавқ бармеояд, ҳамаи муҳаққиқони зикргардида ҷумлаи пайрави натиҷаро ҳамчун як навъи ҷумлаи пайрави алоҳидаи дорои сохту мазмуни мустақил эътироф намуда, дар низоми сохти наҳвиёти забони адабии тоҷик дорои ҷойгоҳи махсус донистаанд.

Мафҳуми натиҷа маънии аз омезиши чизе ба чизе ҳосил шудан мебошад. Дар фаҳмиши низоми наҳвиёт мазмуни ҷумлаест, ки ба асоси сабабу иллат дар қолаби ҷумлаи пайрав пайдо мешавад ё ба даст меояд, гоҳо ин муносибат дар қолаби ҷумлаи мураккаби пайваст низ ифода мешавад. Ин хели ҷумлаи мураккаби пайваст бедушворӣ ба ҷумлаи мураккаби тобеъ баргашта, муносибати сабабу натиҷа равшан мушоҳида мешавад.

Муқоиса шавад:

Боз як бори дигар калангардонӣ Боз як бори дигар калангардонӣ карда мола кашидам ва бо ин замин карда мола кашидам, ки бо ин барои кишт тайёр шуд (С. А.). (дар натиҷа) замин барои кишт тайёр шуд.

Устод Айнӣ, ки донандаи беҳтарини забони тоҷикӣ буд, ҳамин муносибати сабабу натиҷаро дар ҷои дигар ба воситаи ҷумлаи мураккаби тобеъ баён кардааст, чунончи:

Бо каландча он заминро се Бо каландча он заминро се бор бор каландгардон кардам, ки он каландгардон кардам ва он замин замин дар чуқурии се қади он дар чуқурии се қади он каландча каландча нармӣ пайдо нармӣ пайдо кард.(С. А.)

Ҷумлаи пайрави натиҷа бе пайвандак низ метавонад, ба сарҷумла тобеъ шуда ояд, чунончи: Ман дилтанг шудам, ҳазор гуна васвасаҳо дар дилам пайдо шудан гирифт (С.А.).

Муқоиса шавад:

Ҷумлаи мураккаби бепайвандак	Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор	Ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор
Ман дилтанг шудам, ҳазор гуна васвасаҳо дар дилам пайдо шудан гирифт (С. А.).	Ман дилтанг шудам ва ҳазор гуна васвасаҳо дар дилам пайдо шудан гирифт.	Ман дилтанг шудам, ки дар натиҷа ҳазор гуна васвасаҳо дар дилам пайдо шудан гирифт.

Як вижагии сохторию маънои ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави натиҷа дар ин аст, ки дар баробари натиҷаи амалу ҳаракати сарҷумла будан аломату сифати шайъи сарҷумла ё калимаҳои ҳамнисбатро ҳам ифода менамояд. Дар ин тарзи ифода калимаи ҳамнисбати кадом хели ҷумлаи пайрав ояд, ҷумлаи пайрави натиҷа тобиши маънои иловагии ҳамон хели ҷумлаи пйравро пайдо менамояд.

1.Натиҷа ва тарзи амал: Тани ин одам ба тарзе пурра буд, ки баландии қоматаш он қадар ҳис карда намешуд ва ба назар миёнақад менамуд

(С. А.): Паша бисёр изо мекашид, ба тавре ки ҳатто гӯшҳояш ҳам суп – сурх мешуданд (С. У.).

2. Натиҷа ва миқдору дараҷа:Ман дар шунидани саргузашти Бобоғулом чунон ғарқ шудам, ки тағоиҳоямро фаромӯш карда бегоҳ шудани рӯзро ҳам нафаҳмида мондам (С. А.): Дар роҳ чунон давидам, ки кайфи он оби ҳаёт аз сар парида рафт (С. А.).

Дигар маъноҳои иловагӣ низ дар ҷумлаи пайрави натиҷа мушоҳида мешаванд.

Бисёр наҷиб менамояд, ки гоҳо ҷумлаи пайрави замон дар нақши сарҷумлаи ҷумлаи пайрави натиҷа меояд: Мо каме бероҳа гашта бар болои тепачае баромадем, ки тамоми атроф ба назарамон намоён гардид (Б. О.).

Дар ин тарзи ифода муносибати грамматикии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав суст буда, хусусияти ихтиёрӣ дорад: Мо каме бероҳа гашта бар болои тепачае баромадем. Тамоми атроф ба назарамон намоён гардид.

Мо метавонем бе осеби мазмун ин ҷумларо дар қолаби ҷумлаи мураккаби пайваст биёрем, чунончи: Мо каме бероҳа гашта, ба болои тепачае баромадем ва тамоми атроф ба назарамон намоён гардид.

Ин яке аз вижагиҳои дигари ҷумлаи мурккакби тобеъ бо пайрави натиҷа мебошад, зеро барои ҷумлаи мураккаби тобеи мазкур тарзу воситаи алоқа он қадар муҳим нест, муҳим ҷиҳати маъноии ҷузъҳои он мебошад. Масалан, ин ду ҷумлае, ки устод Айнӣ паси ҳам овардаанд, ҷумлаҳои содаи тафсилии гӯё мустақиланд, вале байни онҳо муносибати сабабу натиҷа аст.

Муқоиса шавад:

Дар ин вақт рӯйи реги сурх ба Дар ин вақт рӯйи реги сурх ба шакли хомқаймоқи сахтбаста ба шакли хомқаймоқи сахтбаста назар акс андохт. Акнун фазои ба назар акс

андохт, ки дар биёбон ҳам як баҳри пуршир натиҷа акнун фазои биёбон ҳам барин менамуд (С. А).як баҳри пуршир барин менамуд.

Ҷумлаи пайрави натиҷа аксар вақт хулоса ё натиҷаи амали сарҷумлаест, ки сифату аломати фоили сарҷумла низ таъкид мешавад,чунончи: Дар он миён воқеае рӯй дод, ки барои Бухоро рафта хонданам имкон пайдо шуд (С. А). .

Ин қолаби ҷумлаи пайрави натиҷа ба сурати чида низ меояд,чунончи: Аммо он сол дар музофоти Бухоро аҳволе рӯй дод,ки на танҳо умеди падарам ва осоиши мо барбод рафт, балки осудагӣ ва ҳаёти ҳама зеру забар шуд (С.А.).

Дар сохти наҳвиёти забони русӣ низ ҷумлаи пайрави натиҷа таъкид мешавад, масалан, дар «Грамматика русского языка», Том 11. Синтаксис [3]чунин оварда шудааст: «К придаточные предложениям следствия относятся такие придаточные, в которых излагается факт, являющийся следствием действия либо результатом качества, о котором говорится в главном предложении.

Придаточные предложения следствия всегда занимают место после главного предложения» [3, 340].

Пас аз ин тавзеҳ мисоли зерин оварда шудааст: Лед на реке тоже истончился и посинел, а местами уже и тронулся, так что идти на лыжах было опасно (3, 341).

Дар «Русская грамматика» Том 11.Синтаксис. – М ., 1980 (Нашри академикӣ, зери назари Н. Ю. Шведова) [8]омадааст: Предложения со значением следствия оформляются не расчленяемым союзам так что. Этот союз позиционно специализирован: порядок частей предложения строго фиксрован: придаточное всегда находится в постпозиции по отношению к главному [10, 597].

Барои тасдиқи шарҳи додашуда мисоли зерин оварда шудааст: В поэме было точно названо место действия, так что не спутаешь (Симон).

Тавре аз иқтибосҳои ин ду нашри грамматикаи забони русӣ дида мешавад,дар сохтори наҳвии забони русӣ низ ҷумлаи пайрави натиҷа чун хели алоҳидаи ҷумлаи пайрав мустаъмал буда, аз назари илми забоншиносӣ таҳқиқу тасдиқ шудааст.

Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳам дар забоншиносии рус ва ҳам забоншиносии халқҳои дигар дар асоси категория ва қонунҳои мантиқ сурат гирифтааст. Нахустин таҷрибаи таснифи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз мавқеи мантиқию грамматикӣ дар асоси монандию ҳаммаъноии ҷумлаҳои пайрав бо аъзоҳои ҷумлаи сода дар забоншиносии рус аз ҷониби профессор Ф. И. Буслаев пеш гузошта мешавад [2]. Баъдтар дар таҳқиқ ва таснифи анвои ҷумлаи пайрав аз ду нигоҳ: аз нигоҳи сохтору воситаи алоқаи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла (Ҷонибдорони ин равия Ф. Ф. Фортунатов, Д. Н. Овсяников, А. М. Пешковский, Д. Н. Ушаков, Н. Н. Дурново, М. Н. Петерсон, Г. О. Винокур, А. Б. Шапиро ва дигарон буданд), аз нигоҳи муносибати сохторию маъноии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ (Ҷонибдорони ин равия В. В. Виноградов, Н. С. Поспелов, Л. Ю. Максимов, В. А. Белошакова ва дигарон буданд).

Аз солҳои 60- уми асри XX ҳамин меъёри сохторию маъноии таснифи ҷумлаҳои пайрав ҳам дар забоншиносии рус ва ҳам забоншиносии тоҷик устувор гардидааст. Дар забоншиносии форсӣ ва дарӣ низ ҷумлаи пайрави натиҷа навъи алоҳидаи ҷумлаи пайрав дониста мешавад. Масалан, дар «Дастури забони форсии дарӣ»-и Муҳаммад Ҳусейни Ямин чунин омадааст: «Вобастагии натиҷа ин гуна тобеъият натиҷаро менамояд ва ғолибан бо нишонаҳои (ки ва то ки) меояд Албатта фикраи тобеъ дар ин замина пас аз фикраи ҳаста қарор мегирад. Масалан: Ӯ бисёр кӯшид, то ки муваффақият насибаш шуд».

Ӯ+ бисёр кӯшид (ҳаста) муваффақият+насибаш шуд (вобаста)… Аз нишонаҳои дигари ин ҷумла (пас аз он, бинобар он, дар натиҷа, бад-ин сон, бо ин тартиб) мебошад.

Ҳамчунин гоҳе ҳам нишонаи (то ин ки) дар ин гуна вобастагӣ ба кор меравад. Масалан: Ӯ бо тамоми қудрataш мубориза кард, то ин ки ба пирӯзӣ расид.

Ӯ + бо тамоми қудрataш мубориза кард (ҳаста).

Ба пирӯзӣ расид (вобаста).

Ба гунае ки аз ин шарҳи муаллифи дастур бармеояд, ӯ ҷумлаи пайрави натиҷаро ҳамчун навъи алоҳидаи дорои маънию сохтори муайян таъин кардааст.

Аз рӯйи ин меъёр ҷумлаи пайрави натиҷа чун навъи алоҳидаи ҷумлаи пайрав ҳам дар сохти наҳвиёти забони русӣ ва ҳам тоҷикию форсӣ мустаъмал аст.

АДАБИЁТ

1. Бузургзода Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷик //Дурахши ахтари сӯзон. Ҷ. 2. – Душанбе, 2013. – С. 254 – 337.

2. Буслаев Ф. И. Опыт исторической грамматики русского языка. Спб, 1858.
3. Грамматика русского языка. Том11. Синтаксис. Часть вторая. –М., 1954 – 444 с.
4. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 2017. – 303 с.
5. Камолиддинов Б. Масъалаҳои баҳсноки забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2003. – 131с.
6. Маъсуми Н. Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ. – Сталинобод, 1949 – 93 с.
7. Мирзоев А., Ниёзӣ Ш., Ғафуров М. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қ. 2. Синтаксис. – Сталинобод, 1948.
8. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс – ул – луғот. Ҷ. 2. – Душанбе, 1988. – 416 с.
9. Ниёзмуҳаммадов Б., Ниёзӣ Ш. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қ. 2. Синтаксис. – Сталинобод, 1955.
10. Русская грамматика. Том11. Синтаксис.- М.,1980. – 709 с.
11. Тоҷиев Д. Т. Осори мунтахаб. – Душанбе, 2005. – 480 с.
12. Хусейнов Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Сталинобод, 1960. -123 с.
13. Ҳусейнов Х. Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 1983. – 255 с.

САБАБ НАТИҶА ДОРАДУ НАТИҶА САБАБ
(баъзе мулоҳизаҳо оид ба ҷумлаи пайрави натиҷа)

Мақола ба таҳқиқи хусусиятҳои созмонию маъноии ҷумлаи пайрави натиҷа бахшида шудааст. Ҳарчанд ҷумлаи пайрави натиҷа дар китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ, «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (Нашри академӣ) тасвир ёфта, дар рисолаи профессор Д. Т. Тоҷиев «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (Душанбе, 1981) таҳқиқ шудааст, аммо имрӯз дар атрофи он баъзе андешаҳои баҳсталаб пайдо гардидааст. Муаллифи мақола дар замимаи таҳқиқи муҳаққиқони гуногуни тоҷик, рус ва форс, маводи фаровони забони адабии тоҷик чун қолаби мустақил ва мустаъмал роиҷ будани ин навъи ҷумлаи пайравро нишон додааст. Дар мақола таъриф ва шинохти ҷумлаи пайрави натиҷа дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таълимии умумӣ аз солҳои 50-уми асри XX то имрӯз (Ба сурати намуна чанде аз онҳо оварда мешавад), дастуру асарҳои таҳқиқӣ, мақолаҳои ҷудогонаи муҳаққиқони наҳви забони тоҷикӣ нишон дода шудааст. Муаллифи мақола барои муқоиса ба таври хеле фишурда маълумоти дар грамматикаҳои забони русӣ ва дарӣ дода шударо ҳам овардааст, то ин ки равшан шавад, ки дар сохтори наҳвии ин забонҳо низ ҷумлаи пайрави натиҷа чун қолаби алоҳида ва мустақили ҷумлаи пайрав вуҷуд дорад. Илова бар ин барои нишон додани таърихияти фаҳмиши ҷумлаи пайрави натиҷа ва иртиботу бастагии сабабу натиҷаро равшан намудан аз осори илмию таълимии донишмандони гузашта далелҳо оварда шудааст.

Калидвожаҳо: ҷумла, таҳқиқ, восита, алоқа, тобеъ, мураккаб, сохт, маъно, натиҷа, сабаб, муқоиса, тобиш.

.

ПРИЧИНА ИМЕЕТ СЛЕДСТВИЕ, А СЛЕДСТВИЕ - ПРИЧИНУ
(некоторые размышления о придаточном предложении следствия)

Данная статья посвящена изучению структурно-смысловых особенностей придаточного предложения следствия. Несмотря на то, что придаточное предложение следствия описано в учебниках, пособиях по таджикскому языку: «Грамматика современного таджикского литературного языка» (академическое издание), и исследовано в диссертации профессора Д.Т. Тоджиева «Сложноподчиненные предложения в современном таджикском литературном языке» (Душанбе, 1981), сегодня вокруг этой проблемы возникли некоторые противоречивые идеи. Автор статьи, в дополнение к исследованиям различных таджикских, русских и персидских ученых, показал богатство таджикского литературного языка в употреблении независимой и самой употребительной формы данного типа придаточного предложения. В статье определяются и распознаются определенные фразы в учебниках таджикского языка для общеобразовательных учреждений с 50-х годов XX века до наших дней (приведены некоторые примеры), учебные пособия, отдельные статьи исследователей таджикского языка. Автор статьи также дает очень краткое сравнение грамматики русского языка и языка дари, чтобы прояснить, что в грамматической структуре этих языков также есть придаточное предложение следствия как отдельная и независимая форма предложения. Кроме того, чтобы проиллюстрировать историю понимания придаточного предложения и прояснить связь между причиной и следствием, предоставлены доказательства из научных работ известных ученых.

Ключевые слова: предложение, исследование, средства, связь, подчинение, сложный, структура, значение, следствие, причина, сравнение, оттенок.

CAUSE HAS AN EFFECT, AND AN EFFECT HAS A CAUSE
(some reflections on the subordinate clause of the corollary)

This article is devoted to the study of structural and semantic features of the subordinate clause of the consequence. Despite the fact that the subordinate clause of the investigation is described in the textbooks on the basics of the Tajik language manual, “Grammar of the modern Tajik literary language” (academic publication), and studied in the dissertation of Professor D.T. Tojiev “complex Sentences in the modern Tajik literary language” (Dushanbe, 1981), today there are some contradictory ideas around this problem. The author of the article, in addition to the research of various Tajik, Russian and Persian scientists, has shown the richness of the Tajik literary language as an independent and most common form of this type of subordinate clause. The article defines and recognizes the following phrases in textbooks of the Tajik language for General education institutions from the 50s of the twentieth century to the present day (some examples are given), textbooks, and individual articles by researchers of the Tajik language. The author also gives a very brief comparison of the grammar of the Russian language and the Dari language to make it clear that the grammatical structure of these languages also includes the subordinate clause of the consequence as a separate and independent form of the sentence. In addition, It is provided the evidence from the scientific works of famous scientists to illustrate the history of understanding the subordinate clause and clarify the relationship between cause and effect.

Key words: suggestion, research, means, connection, subordination, complex, structure, meaning, effect, cause, comparison, hue.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хоҷаев Давлатбек*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторах: ***Ходжаев Давлатбек*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the authors: ***Khodzhaev Davlatbek*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК:492.7.09

АНДЕШАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР НАХУСТИН ФАРҲАНГНОМАИ АРАБӢ- «КИТОБ-УЛ-АЙН»

Исмонов К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фарҳангнигориро метавон яке аз бахшҳои кадимтарин ва, ҳамзамон, мушкилтарини забоншиносӣ унвон кард, чун ин бахш на фақат мавриди истифодаи забоншиносону мутахассисон, балки мустафоди хоссу ом мегардад. Ҳамин аст, ки фарҳангномаҳо аз ҳама нақди бештар мегарданд. Ба таъбири Сэмюэл Ҷонсон: «Ҳар кас, ки китобе таълиф мекунад, моил ба васфу таърифи хонанда аст. Аммо касе, ки луғат менигорад, ягона ормонаш он аст, ки аз маломат раҳад» [9, с.91].

Фарҳангнигорӣ таърихи тӯлонӣ дошта, барои ҳар миллат дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули забон ба майдон омадааст. Пайдоиш ва чигунагии нахустин фарҳангномаҳо дар таърихи башарият маълум нест, танҳо ин нукта мусаллам аст, ки ба майдон омадани он ба ихтирои хат, густариши тамаддунҳо ва пайдоиши тарҷумаҳо бастагии сахте дорад. Он чи имрӯз аз ҷониби донишмандон дар робита ба фарҳангнигорӣ таъкид мешавад, ин аст, ки фарҳангнигорӣ таърихи беш аз чорҳазорсола дорад. Ҳанӯз асри XXV то мелод дар тамаддуни шумерӣ, асри XX пеш аз мелод дар Хитой ва асри XVIII пеш аз милод дар Мисри қадим фарҳангномаҳои тарҷумавӣ ба майдон омада будаанд. Инчунин, навиштаҷотҳои фарҳанггунаи дузабонаву сезабонаи то замони мо расидае, ки дар Байнаннаҳрайн ҳанӯз ду ҳазор сол пеш аз мелод таҳия гаштаанд, далел ба таърихи қадима доштани фарҳангнигорӣ менамояд [2, с.3; 3, с.13; 10, с.7].

Омӯзиши таърихи забоншиносӣ нишон медиҳад, ки марҳилаи аввали забоншиносии ҳар миллат маҳз аз навиштани фарҳангномаҳо шурӯъ гаштааст. Ҳамин аст, ки дар тӯли таърихи башарият шумораи фарҳангномаҳои тафсириву тарҷумавӣ ба ҳазорҳо мерасад ва ин раванд ҳамеша дар ҳоли ташаккул аст. Масалан, таҳқиқоти библиографии В.Саунмюлер нишон медиҳад, ки аз соли 1460 то 1956 5600 фарҳанг бо фарогирии беш аз 500 забону лаҳҷа таҳияву таълиф гаштааст. Дар ҳоле ки фарҳангнигории пургановати асримиёнагии араб аз ин шумор берун аст, яъне мавриди таҳқиқи библиографии В.Саунмюлер қарор нагирифтааст [2, с.3].

Ангезаи асосии ба майдон омадани фарҳангнигорӣ дар таърих, бе тардид, аз завол нигаҳ доштани забон ва мондагор сохтани он будааст. Чи тавре арабшиноси шинохтаи тоҷик С.Сулаймонов таъкид намудаанд: «Вазифаи асосии фарҳангномаҳои ҳар як забон ин тасвири захираи луғавии забони адабӣ, шарҳ ва тафсири маънои калимаҳо дар асоси истинодот аз сарчашмаҳои мухталифи забони адабӣ, муайян кардани ҳадду ҳудуди истеъмоли ин ё он вожа ва тафсири бархе аз паҳлуҳои шаклҳои грамматикӣ мебошад» [11, с.10].

Сафҳагардонии таърих ва ангезаҳои бамайдоноии фарҳангномаҳои қадима нишон медиҳад, ки ин фаъолияти башарӣ вақте рӯйи кор омадааст, ки тамаддуне дар ҳудуди густардатар аз хостгоҳаш доман паҳн кардааст ва ё миллату қавме дар маҳдудаи сиёсӣ-фарҳангӣ қарор гирифтаву бими аз байн рафтани забон ва ё ҳадди ақал халалдор гаштани низоми овоиву лексикӣ ва дастурии он эҳсос шудааст. Метавон гуфт, ки ҳадафи нахустин аз фарҳангнигорӣ ин шарҳу тафсири калимаи мушкил ва, ҳамзамон, мондагорсозии маонии вожаҳо мебошад. Чаро ки тағйироту дигаргунӣ дар забон, пеш аз ҳама, дар қисмати лексикаи он сурат мегирад ва дар ин росто гуфта метавон, ки дар камтарин муддат, ҳатто чоряк аср ва ё камтар аз он аз лиҳози лексикӣ забон ба дигаргунӣ рӯбарӯ мешавад, зеро зиндагии башарият аз насле ба насли дигар ба таври чашмрас тағйир мепазирад. Дар натиҷаи маҳдудшавӣ ва васеъшавии маонии вожаҳо, ба майдон омадани таъбирҳои наву тоза,

ниёзмандӣ ба истилоҳоти нав ва пазируфтани иқтибосот аз забонҳои дигар сабабгори тағйир ёфтани лексикаи забон мегардад, зеро забон ҳамеша дар тараққӣ ва тағйироти доимӣ аст. Ба таъбири Л.П. Иванова: «дигаргунӣ ва тағйирпазирӣ дар қисмати лексикаи забон метавонад ҳар панҷ сол баъд сурат гирад, дар ҳоле ки бахши синтаксисии забон дар тӯли сад сол баъд ба дигаргунӣ дучор мешавад» [7, с.4-5; 5, с.218].

Гузашта аз ин, ҳеҷ нафаре наметавонад ҳама фонди луғавии забон ва ҳама маонии вожаҳоро дар хотир ҳифз намояд, дар ин маврид ҳангоми бархӯрд бо калимаи ноошно, ҳатман, фарҳангнома ҳамчун сарчашма мусоидат менамояд. Бад-ин тартиб, фарҳангнигорӣ, аз як тараф, ба хотири ҳифзу посдории вожаҳову таъбирҳои забон ба майдон омада бошад, аз тарафи дигар, ҳамчун манбаи кумакрасон барои фарогирии маонӣ мураттаб гардонида шудааст.

Пайдоиши фарҳангнигории араб низ аз ин ангезаҳо берун нест ва он мисли ҳама бахшҳои дигари забоншиносӣ маҳз пас аз зуҳуру интишори Ислом сурат гирифта, дар як муддати кӯтоҳе аз рушдёфтатарин бахшҳои забоншиносии араб гардид. Чи тавре Ибни Халдун таъкид намудааст: «Вақте малакаи забонии араб бинобар омезишу бархӯрд бо ғайриарабҳо нахуст дар сатҳи ҳаракату эъроб сипас, дар сатҳи калимаву таъбирҳо халалдор гардид, зарурати посдориву нигаҳдории таъбирҳову мавзӯот тавассути нигоштан ба миён омад. Аз ин рӯ, пешгомони забони арабӣ дар робита ба гирдоварии калимаву таъбирҳои арабӣ китобҳо тадвин намуданд, ки пешоҳанги онҳо Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ба шумор меравад, ки дар ин ҷода китоберо бо номи «Китоб-ул-айн» тадвин намудааст» [1, с.298].

Ҳарчанд «илми фарҳангнигорӣ дар муҳити фарҳангии асримиёнагии арабҳо аз бахшҳои муҳимми забоншиносии араб буда, дар ҳаёти фарҳангӣ, илмӣ ва забоншиносии худи онҳо ва халқҳое, ки ба оини Ислом гаравида буданд, нақши арзанда дошта» [11, с.10] бошад ҳам, вале дар муқоиса ба дигар миллатҳо таърихи ҷавонтаре дорад, бад-ин маъно ки баррасии таърихи пайдоиши фарҳангнигории араб нишон медиҳад, ки арабҳо дар муқоиса ба ошуриёну чиниён ва юнониёну румониён чандин аср баъдтар рӯ ба тадвини фарҳанг овардаанд. Ба таъкиди Имел Бадеъ Яъқуб, «аслан, таърихи фарҳангнигории араб ба асри Аббосӣ бармегардад ва ин таъхиркории арабҳо дар ин ҷода ангезаҳои худро дорад:

А) шахсони хатхону хатнавис дар байни арабҳо ангуштшумор буда, бесаводӣ дар байнашон интишори густардае дошт, бад-ин гуна ки пеш аз Ислом шумори арабҳое, ки навиштаву хонда метавонистанд бисёр кам буд;

Б) табиати иҷтимоии зиндагиашон бар пояи ҷангу аз як ҷо ба ҷойи дигар кӯч бастан бунёд ёфта буд;

В) эҷодиёти шифоҳӣ бисёр рушд карда буд, ба гунае, ки агар дар фаҳмиши калимае душворӣ мекашиданд, ҳатман, ба эҷодиёти шифоҳӣ рӯ меоварданд. Ба таъбири дигар, агар арабҳо дар фаҳми маонии вожае дар мемонданд, ҳатман, ба шеър рӯ меоварданд. Аз ин рӯ, шеърро девони араб номидаанд. Чунин ангезаҳо боис гашт, ки арабҳо дар муқоиса ба дигар миллатҳои соҳибтамаддун дар фарҳангнигорӣ ба таъхиркорӣ роҳ диҳанд [6, с.24-25].

То ба таълифи «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ асарҳои фарҳанггунае ба майдон омада бошад ҳам, вале шомили вожаҳои гуногунсоҳа ва фарогир набудаанд. Ҳамин аст, ки «бисёре аз манобеъ «Китоб-ул-айн»- ро аввалин фарҳанги ҷомеи луғоти забони арабӣ ба ҳисоб овардаанд. Фарҳангҳое, ки қабл аз ин китоб тадвин шуда бошад, фарҳангҳои мутародифоту муштаққоти ҳамреша дар мавзӯоти хосса буд, мисли «Китоби шутур», «Китоби борон», «Китоби ҷангафзор», «Китоби зироат», «Китоби гиёҳҳо» ва ғайра. Бархе низ мухтассоти вижае аз корбурди роиҷи забони арабиро дар қолаби рисолоти ҷудогона тадвин карданд ва мусалласот, мақсуд ва мамдуд, итбоъ ва музовиҷа, аҷнос ва наводир ба риштаи таҳрир кашидаанд [8, с.181].

Ба таъкиди пажӯҳишгарони фарҳангнигориии араб Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ талош варзидааст, то дар «Китоб-ул-айн» ҳама калимоти арабиро гирд оварад ва такя ба махраҷи ҳарфҳо мураттаб намудани фарҳанг то ҷойе ба ӯ имконият додааст, то ин ҳадафи худро амалӣ намояд. Чунончи донишмандон шумораи абвоби бадастомадаро 12305406 боб зикр ва теъдоди абвоби ҳар даста аз калимотро низ ба тафкик баён кардаанд: дуҳарфӣ 756 калима, сеҳарфӣ 19650 калима, чаҳорҳарфӣ 491400 калима ва панҷҳарфӣ 11793600 калима [8, с.177].

Омӯзиши «Китоб-ул-Айн» дар шинохти масоили забоншиносии араб ва ҳатто дар робита ба таърихи наҳв ишора ба он менамояд, ки ин асар дар забоншиносии араб аз нахустин ва муътамадтарин сарчашма ба шумор меравад. Чунончи дар шарҳи калимаи наҳв омадааст: «наҳв ба маънои қасд намудан ба сӯйи чизест ва ба мо хабар додаанд, ки Абуласвад қоидаҳое арабиро гузошта, ба мардум гуфтааст: ба монанди ин идома диҳед» [14, с.302].

Истилоҳоти зерини наҳвӣ дар «Китоб-ул-Айн» омадааст: «танвин [12, с.51], ҷаҳд [12, с.445], ҷар [14, с.204], ҳуруф-ул-ҷазо [14, с.358], ҳуруф-ун-насақ [17, с.218], сила [16, с.86], насб [13, с.43], наът [13, с.83] ва ғ. Нуктаи мазкур ишора ба он менамояд, ки ҳанӯз пештар аз таълифи «ал-Китоб»-и Сибавайҳ забоншиносии араб шакл гирифта будааст, чаро ки шарҳи таърифгунаи истилоҳии калимот аз ҷониби Халил ибни Аҳмади Фароҳиди ифодагари он аст, ки, аллакай, дар оғози асри дувуми ҳичрӣ наҳв-забоншиносии араб, ҳамчун илми алоҳида ва дорои истилоҳоти хос шинохта шуда будааст. Масалан, бахши муқаддимавии китоби «Айн», ки ба таъкиди бештари муҳаққиқон ба Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ тааллуқ дорад ва ё ҳадди ақал аз зимни матни китоб сарчашма мегирад, фарогири муҳимтарин қоидаҳо дар робита ба бахши махориҷи ҳуруфи забони арабӣ, чандӣ ва чунии вожаҳои арабӣ, инчунин, чигунагии роҳҳои шинохти калимаҳои асил аз калимаҳои иқтибосӣ ба шумор меравад. Чунончи, Халил ибни Аҳмад нахуст дар таърифи ҳарфҳои нукизабонӣ ва лабӣ мегӯяд: «бидон, ки ҳарфҳои нукизабонӣ ва лабӣ шаштост: р, л, н, ф, б ва м…» [12, с.51]. Сипас, соҳиби «Китоб-ул-Айн» ба тавсифи махраҷ ва тарзи талаффузи ин ҳарфҳо пардохта, пасон мегӯяд: «Агар калимаи чор ё панҷҳарфае аз ҳарфҳои нукизабонӣ ва лабӣ орӣ бошад ва дар он калима як, ду ё зиёда аз он аз ин ҳарфҳо набошад, пас, бидон, ки чунин калимае наввожаву ғайриарабист. Зеро аз каломи араб ҳеҷ калимаи чор ё панҷҳарфаеро нахоҳӣ ёфт, ки як, ду ё зиёда аз ин ҳарфҳои нукизабонӣ ё лабиро дар худ надошта бошад» [12, с.52].

Илова ба шарҳи истилоҳоти наҳвӣ дар фарҳанг масоили дастурии забони арабӣ низ мавриди таҳлилу таъкид қарор гирифтааст. Чунончи, ҳангоми шарҳи калимаи «фавқ» дар робита ба омили рафънамои мубтадову хабар Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ мегӯяд: «фавқ зидмаънои тахт буда, он ҳам зарф ва ҳам исм аст. Вақте ба вазифаи зарф бошад, онро мансуб мегардонӣ. Чунончи мегӯӣ: таҳта Абдиллоҳ ва фавқа Зайдин. Дар ин ҷо (фавқа) насб омадааст, чаро ки зарф аст. Агар онро исм гардонӣ, онро дар ҳолати марфуӣ меорӣ ва мегӯӣ: фавқуҳу раъсуҳу. Дар ин ҷо рафъ аст, чаро ки он ба маънои раъс аст. Ин ду (воҳиди синтаксисӣ)-ро аз таъсири ҳамдигарӣ марфуъ сохтаӣ» [16, с.224]. Дар ин ҷо соҳиби фарҳанг ба яке аз баҳсбарангезтарин масоили наҳви арабӣ - ангезаи марфуъ омадани мубтадову хабар ишора намуда, марфуияти онҳоро аз таъсири якдигарӣ унвон мекунад.

«Китоб-ул-айн» бинобар фарогирии таърихияти вожаҳо, чи вожаҳои арабӣ ва чи вожаҳои муарраби форсии тоҷикӣ, назди пажӯҳишгарон аз аҳаммияти волое бархӯрдор аст. Чаро ки дар баррасиҳои таърихӣ манобеъ ҳар чи қадимтар бошанд, асолати бештаре доранд. Аз ин зовия арзиши таърихии «Китоб-ул-айн» аз ҳама фарҳангҳои баъдӣ бештар аст. Бад-ин гуна ки мумкин аст, «Лисон-ул-араб» ба ҳайси фарогирии калимоти форсии тоҷикӣ ҷузъи барҷастатарин ва беҳтарин фарҳангҳои классикӣ бошад, аммо дар баррасии таърихӣ ҳамин манбаи арзишманд дар муқоиса ба «Китоб-ул-айн» дасти дувум ба ҳисоб меравад, яъне манбае, ки матолиби худро аз манобеи дасти аввал, аз ҷумла аз «Китоб-ул-айн» иқтибос кардааст [4, с.110]. Масалан, соҳиби «Китоб-ул-айн» дар шарҳи вожаи ҳандаса мегӯяд: «муҳандис: нафаре, ки равиши корез ва ҷойе, ки канда мешавад, чен ва муайян менамояд. Ин калима баргирифта аз ҳандазаи форсист ва дар он «з» ба «с» табдил дода шудааст, зеро дар каломи араб баъди «д» ҳаргиз «з» намеояд [15, с.120]. Дар ин ҷо соҳиби фарҳанг на фақат ба форсӣ будани ин вожа ишора мекунад, балки ба асли форсии он ишора карда, сабаби тағйир ёфтани ҳарфи онро дар забони арабӣ баён намудааст. Воқеан, чунин тафсири соҳиби фарҳанг, аз як тараф, арзиши этимологӣ дошта, аз тарафи дигар, аз хусусияти вожаҳои арабӣ, пас аз ҳарфи «д» наомадани «з» ва ба «с»-и арабӣ табдил шудани «з»-и форсӣ шаҳодат медиҳад.

Дар ҷойи дигар соҳиби фарҳанг калимаи форсиро оварда, танҳо ба иқтибосӣ будани он ишора мекунад. Чунончи, дар тафсири калимаи банд овардааст: «банд калимаи ғайриарабист. Мегӯянд: фалонӣ бандҳои бисёр дорад, яъне ҳиллаҳои бисёр дорад. Банд, инчунин, ифодагари парчамҳои сарлашкар аст ва таҳти ҳар банд даҳ ҳазор нафар (каму беш) қарор мегирад. Гуфтаанд: Эй соҳиби парчаму бандҳо [17, с.52].

Тибқи ишораи пажӯҳишгарон дар «Китоб-ул-айн» 52 калимаи форсии тоҷикӣ оварда шудааст, ки ин, аз як тараф, ишора ба робитаи пешазисломии арабу форс ва, аз тарафи дигар, аз таъсирпазирии забони арабӣ аз забони форсии тоҷикӣ дарак медиҳад.

Хулоса, «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ аз нахустин фарҳангномаҳои арабие мебошад, ки дар он талош шудааст, то вожаҳои арабӣ бо тартиби овоӣ оварда шуда, барои таъйиди маъно байте ва ё қавле ҳамчун шоҳид зикр гардад. Ҳарчанд соҳиби фарҳанг бештар ба маонии калимаҳои ношинохтаву душворфаҳм таваҷҷуҳ намуда бошад ҳам, вале тавониста, ки барои фарҳангнигорони ояндаи арабизабон низоми хуби гирдоварии вожаҳову таъбирҳоро замина гузорад. Арзиши асосии ин фарҳангнома дар он хулоса мешавад, ки дар

он Халил ибни Аҳмад танҳо ба овардани шарҳу тафсири маонии вожаҳо қаноат накарда, балки саъй намудааст, то ба гунае ҳар вожаеро аз нигоҳи овоӣ, сохторӣ, наҳвӣ, балоғӣ, ҳамнишинӣ бо дигар вожаҳо, аз ҷиҳати асолату иқтибосӣ ва этимологӣ баррасӣ намояд. Ҳамин аст, ки асари мазкурро метавон дар саргаҳи ҳама бахшҳои илми забоншиносии араб қарор дода, Халил ибни Аҳмади Фароҳидиро асосгузори мактабҳои забоншиносӣ, бунёдгузори фарҳангнигорӣ ва муассиси илми балоғати арабӣ унвон кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмон ибни Халдун. Ал-Муқаддима / Ибни Халдун, Абдураҳмон; дар таҳқиқу таълиқ ва муқаддимаи Абдуссалом аш-Шаддодӣ. – ад-Дор-ул-байзо, 2005. – Ҷ.5. – 341 с.
2. Берков В.П. Вопросы двуязычной лексиографии (словник) / В.П. Берков. –Л., 1973. – 190 с.
3. Дубичинский В.В. Теоретическая и практическая лексикография / В.В. Дубинчинский. – Вена-Харьков, 1998. – 160 с.
4. Зарқонӣ С.М. Калимоти форсӣ дар қадимтарин фарҳангномаи арабӣ / С.М. Зарқонӣ // Ҷусторҳои адабӣ-маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишӣ. - Шумораи 171, зимистон 1389. - С.109-142. [бо забони форсӣ].
5. Иванова Л.П. Курс лекций по общему языкознания / Л.П. Иванова. – К.: Освита Украины, 2006. – 312 с.
6. Имел Бадеъ Яъқуб. Ал-Маоҷим-ул-луғавият-ул-арабия: бидоатуҳо ва татаввуруҳо / Яъқуб, Имел Бадеъ. – Бейрут: Лубнон, 1985. Чопи дувум. – 208 с. [бо забони арабӣ].
7. Исмонов К.Б. Тобишҳои лексикӣ-грамматикии эъроб дар забони тоҷикӣ / К.Б. Исмонов. –Душанбе: Душанбе-Принт, 2015. – 192 с.
8. Масъуди Фаромарз. Мурурe бар манобеи «Китоб-ул-айн» / Фаромарз, Масъуд // Маҷаллаи «Таҳқиқоти исломӣ», 1370. - Шумораи 1-2. - С.174-203 [бо забони форсӣ].
9. Меросбари арзандаи Ибни Сино: муҳаррирон: А.Саломов, К.Исмонов. – Душанбе, 2017. – 139 с.
10. Рубинчик Ю.А. Лексикография персидского языка / Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991. – 224 с.
11. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С.Сулаймонӣ. Чопи дуюми ислоҳшуда ва иловашуда. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 1564 с.
12. Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ. Китоб-ул-Айн» / Ал-Фароҳидӣ, Халил ибни Аҳмад; таҳқиқи Маҳдӣ ал-Махзумӣ ва Иброҳим ас-Сомароӣ. - Ҷ.1. Бидуни ҷойи чоп ва соли нашр. – 382 с.
13. Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ. Китоб-ул-Айн» / Ал-Фароҳидӣ, Халил ибни Аҳмад; таҳқиқи Маҳдӣ ал-Махзумӣ ва Иброҳим ас-Сомароӣ. - Ҷ.2. Бидуни ҷойи чоп ва соли нашр. – 368 с.
14. Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ. Китоб-ул-Айн» / Ал-Фароҳидӣ, Халил ибни Аҳмад; таҳқиқи Маҳдӣ ал-Махзумӣ ва Иброҳим ас-Сомароӣ. - Ҷ.3. Бидуни ҷойи чоп ва соли нашр. – 440 с.
15. Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ. Китоб-ул-Айн» / Ал-Фароҳидӣ, Халил ибни Аҳмад; таҳқиқи Маҳдӣ ал-Махзумӣ ва Иброҳим ас-Сомароӣ. - Ҷ.4. Бидуни ҷойи чоп ва соли нашр. – 473 с.
16. Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ. Китоб-ул-Айн» / Ал-Фароҳидӣ, Халил ибни Аҳмад; таҳқиқи Маҳдӣ ал-Махзумӣ ва Иброҳим ас-Сомароӣ. - Ҷ.5. Бидуни ҷойи чоп ва соли нашр. – 464 с.
17. Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ. Китоб-ул-Айн» / Ал-Фароҳидӣ, Халил ибни Аҳмад; таҳқиқи Маҳдӣ ал-Махзумӣ ва Иброҳим ас-Сомароӣ. - Ҷ.8. Бидуни ҷойи чоп ва соли нашр. – 522 с.

АНДЕШАҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР НАХУСТИН ФАРҲАНГНОМАИ АРАБӢ-«КИТОБ-УЛ-АЙН»

Мақола ба яке аз бахшҳои нахустин ва ташаккулёфтаи забоншиносии араб-фарҳангнигории араб бахшида шудааст. Аз таҳлилу баррасии мавзӯъ бармеояд, ки фарҳангнигории араб, ба мисли ҳама илмҳои дигари вижаи араб маҳз дар заминаи густариши дин ва интишори бесобиқаи забони арабӣ ба майдон омадааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки аввалин фарҳангнома дар забони арабӣ «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ унвон мешавад, ки вожаҳо дар он бо тартиби овоӣ оварда шудаанд. Ин равиши гирдоварии калимаҳо, ки, пеш аз ҳама, такя ба махраҷи ҳарфҳо ва ба қолибҳои калимасозӣ роҳандозӣ шудааст, имконият медиҳад, то фарҳангнома зиёда аз дувоздаҳ миллион вожаи арабиро дар бар гирад. Омӯзиши «Китоб-ул-айн» нишон медиҳад, ки ин асар аз арзиши баланди илмӣ бархӯрдор аст. Чунончи, дар муқаддимаи он мусанниф таҳқиқи арзишманде атрофи савтиёти арабӣ анҷом дода, нақши ҳамнишинии ҳарфҳоро дар шинохти калимаҳои асили арабӣ ва дахил муайян намудааст. Андешаҳои сарфӣ, наҳвӣ ва балоғии Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ маҳз дар ҳамин асари ӯ инъикос ёфтааст, ки тавассути омӯзиши онҳо метавон аввалин афкори забоншиносии арабро муайян намуд. Илова бар ин, дар «Китоб-ул-айн» калимаҳои зиёди ғайриарабӣ, аз ҷумла вожаҳои форсии тоҷикӣ оварда шуда, дар бархе маврид ба тағйироти овоӣ ва этимологияи баъзе аз онҳо ишора шудааст, ки ин арзиши илмӣ-таърихии ин асарро дар омӯзиши масоили муқоисавии забоншиносӣ дучанд намудааст.

Калидвожаҳо: грамматика, забоншиносӣ, фарҳангнигорӣ, Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ, «Китоб-ул-айн», калимаҳои муарраб, луғат.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ВОЗЗРЕНИЯ В ПЕРВОМ АРАБСКОМ СЛОВАРЕ - «КИТОБ-УЛЬ-АЙН»

Статья посвящена одной из первых сформировавшихся отраслей арабского языкознания – лексикографии. Как показывают исследования арабская лексикография, как и многие другие арабские науки, сформировалась благодаря проникновению религии и распространению арабского языка в мире. В статье подчеркнуто, что первым словарем арабского языка признан «Китоб-уль-айн» Халила ибн Ахмада Аль-Фарахиди, который составлен не по алфавитному, а фонетическому принципу. Этот метод составления словаря, где первыми стояли слова, в корне которых были звуки, образующиеся дальше всего – в гортани, позволило составить словарь, состоящий из более двенадцати миллионов слов. Изучение «Китоб-уль-айн» показывает, насколько этот словарь имеет большую научную ценность не только в арабской лексикографии, но и в целом в арабском языкознании. В частности, составитель во введении приводит ценное исследование по фонетике арабского языка, рассуждает о роли соответствия арабских букв в выявлении истинно арабской лексики и определении заимствованных слов, которые никак не отстают от современных

исследований по данной теме. Мысли и воззрения Халила ибн Ахмада Аль-Фарахиди об арабском синтаксисе, морфологии и риторике нашли должное отражение именно в этой книге, что повышает ценность словаря как первого произведения по арабской лексикографии. Кроме этого, в «Китоб-уль-айн» приведено множество неарабской лексики, в т.ч. персидские (таджикские) слова. Более того, в отдельных случаях автор разъясняет этимологию и фонетические изменения заимствованных слов, что повышает научную и историческую ценность этой книги в изучении вопросов сопоставительного языкознания.

Ключевые слова: грамматика, лингвистика, лексикография, Халил ибн Ахмад Аль-Фарахиди, «Китоб-уль-айн», арабизмы, словарь.

LINGUISTIC VIEW IN THE FIRST ARABIC DICTIONARY "KITOB -UL-AIN"

The article is devoted to one of the first emerging branches of Arabic Linguistics – Arabic Lexicography. As the studies show, Arabic Lexicography like many other Arabic sciences was formed due to penetration of religion and the spread of the Arabic language in the world. The article emphasized that "Kitob -ul-ain" by Khalil ibn Ahmad Al-Farahidi was accepted as the first dictionary of the Arabic language, which was compiled not according to alphabetical but to the phonetic principals. This method of compiling a dictionary, which is based primarily on the division of letters and word-formation patterns gives the dictionary the opportunity to contain more than twelve million Arabic words. The study of "Kitob-ul-ain" shows that this dictionary has the great scientific value not only in Arabic Lexicography but also in Arabic Linguistics as a whole. In particular, the compiler gives valuable research on the Phonetics of the Arabic language in the introduction, discusses about the role of correspondence of Arabic letters in revealing true Arabic vocabulary and identifying loan words, which are not behind modern research on the given theme. The thoughts and the views of Khalil ibn Ahmad Al-Farahidi about Arabic syntax, morphology and rhetoric are properly reflected in this book, which increases the value of the dictionary as the first work on Arabic Lexicography. Besides lots of non-Arabic words, including Persian (Tajik) words are given in "Kitob-ul-ain". Moreover, in some cases the author explains the etymology and phonetic changes of loan words, which increases scientific and historical value of this book in the study of issues of Comparative Linguistics.

Key words: Grammar, Linguistics, Lexicography, Khalil ibn Ahmad Al-Farahidi, "Kitob-ul-ain", Arabisms, dictionary.

Маълумот оид ба муаллиф: ***Исмонов Карометулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Сведения об авторе: ***Исмонов Карометулло*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**

Information about the author: ***Ismonov Karomatullo*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Tel.: **(+992) 917-44-40-40**

УДК: 492.7-5 (09)

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ИЛМИ НАҲВ ВА ТАШАККУЛИ ОН

Эмомов А.
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам

Ҳарчанд забони арабӣ яке аз забонҳои хеле қадими дунё ба шумор рафта, осори назмию насрии фаровони дар замони ҷоҳилӣ* ба вуҷуд омада, то имрӯз ҳамчун намунаи беҳтарин аз мероси адабии ин мардум шинохта шавад ҳам, муҳаққиқон арзи ҳастӣ кардани илми "сарфу наҳви" арабиро бештар ба пайдоиши ислом ва бахусус нозил шудани китоби муқаддаси Қуръон вобаста медонанд. Дар замони ҷоҳилӣ асосҳо ва қоидаҳои илми наҳв ҳоло гузошта нашуда бошад ҳам, мардум ба забони дуруст сухан мегуфтаанд, чунки ҳангоми коркарди қоидаҳои наҳвӣ забоншиносон бештар ба Қуръони маҷид, ашъори давраи ҷоҳилӣ ва забони қабилаҳое истинод менамуданд, ки бо мардуми шаҳр ва навмусулмоншудагони мустаъраб ихтилот надоштанд.

Аммо сабаби ба вуҷуд омадани илми наҳв танҳо нузули Қуръон ва аз ҷониби мардуми оддӣ хато хондани он набуда, сабабҳои дигар ҳам дошт. Дар адабиёти таҳқиқӣ ривояту ҳикояҳои зиёде ҳастанд, ки аз хатоҳои бешумор ҳангоми гуфтугӯи ҳаррӯза, ки на танҳо дар миёни мардуми оддӣ, балки воизону котибон рух медодааст, нақл мекунанд. Масалан, ривоят аст, ки яке аз волиёни Умар ибни Хаттоб (р) ба ӯ мактуб менависад, ки дар он хатоҳо ҷой доштааст. Умар ибни Хаттоб (р) ба ӯ ҷавоб навишта мегӯяд: **"قَنِّعْ كاتِبَكَ سَوْطاً"**(«Котибатро аз тозиёна сер кун») [3, с.11]: [12, с.17]. Ё ривояти дигаре вуҷуд дорад, ки Ҳаҷҷоҷ аз хатибаш Яҳё

*Арабҳо давраи пешазисломии таърихи худро даврони ҷоҳилӣ меноманд.

ибни Яъмур мепурсад, ки оё ҳангоми нутқ карданат ба хатогӣ роҳ медиҳӣ? Ӯ ба Ҳаққоқ қоил шуда мегӯяд, ки ҳангоми хондани фалон оят баъзан иъроби (ҳаракати) ҳарфҳоро омехта мекунам [3, с.11-12]. Аслан чунин савол гузоштани худи Ҳаққоқ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ғалатхонӣ ва риоя нашудани талаффузи баъзе аз ҳуруфи арабӣ ба балои ом табдил ёфта будааст. Омехта шудани арабҳо бо қавмҳое, ки арабиро қабул карда бошанд ҳам, таъсири забони миллии худ бар онҳо таъсири зиёд дошт, ин балоро дучанд мекард. Микроби лаҳн (хато гуфтан ва хато талаффуз кардан) ба дараҷае паҳн шуда буд, мегӯяд Муҳаммад ат-Тантовӣ, ки нафарони дуруст суханкунандаро бо ангуштон шумурдан мумкин буд ва дар тасдиқи гуфтаҳояш сухани Асмаъиро меорад: “Чор нафаранд, ки на дар ҳазл ва на дар ҷиддият ба лаҳн роҳ намедиҳанд; аш-Шаъабӣ, Абдулмалик ибни Марвон, Ҳаққоқ ибни Юсуф ва Ибн ал-Қария, ки дар миёни ин чор Ҳаққоқ фасиҳтар аст” [12, с.17]. Аммо доктор Иброҳим ас-Сомароӣ бошад аз хусуси интишори лаҳн дар миёни ҷомиаи ҳамонрӯзаи исломӣ сухан гуфта, менависад, ки он ҳатто ба фасеҳтарин нафарон, мисли Ҳаққоқ, таъсир карда буд, пас чӣ гила аз он олимоне, ки мисли Ҳасани Басрию амсолаш решаҳои ғайриарабӣ доштанд [11, с.9].

Ҳамаи ин дар якҷоягӣ эҳтиёҷи шадидеро ба вуҷуд овард, то қоидаҳои муайян кор карда шаванд, ки аз тариқи онҳо савобу хатои нутқ муайян карда шавад ва ғалатхониҳою хато талаффуз карданҳо тобиши умумӣ пайдо карда, ба тиловати оёти Қуръони маҷид роҳ наёбанд. Ҳол он ки чунин хавф вуҷуд дошт [12, с.18]. Чунин эҳтиёҷ натанҳо аз ҷониби арабҳо, балки аз ҷониби қавмҳои арабиро қабул карда ҳам эҳсос карда мешуд, чун мехостанд, то қоидаҳое вуҷуд дошта бошад, ки барои дурусту саҳеҳ сухан гуфтани онҳо кумак намояд. Маҷмӯи ин омилҳо ва садамаҳое, ки натанҳо мардуми оддӣ, балки табақаҳои мухталифи ҷамъият ҳамарӯза бо он рӯ ба рӯ мешуданд, донишмандон ва муҳаққиқонро маҷбур сохт, ки дар хусуси кор кардани қоидаҳое андеша намоянд, ки ин ҳарақу марақи ба вуҷуд омадаро дар забони арабӣ ба низом дарорад.

Хидмати Абӯласвад ад-Дуалӣ ва шогирдони ӯ

Азбаски илмҳо дар миёни мардум яку якбора ба вуҷуд наомада, зина ба зина ташаккул меёбанд ва бо мурури замон шакли ниҳоии худро мегиранд, баъзан ин тӯлкашии пайдоишу ташаккул сабаби аз хотираҳо маҳв шудани марҳилаҳои аввали пайдоиш ва омехташавии ташаббускорони аввалини чунин илмҳо мегардад. Ва ҳамин ҳодиса нисбати онҳое ҳам рух додааст, ки, менависад Шавқӣ Зайф, қадамҳои аввалинро дар муайян кардани қоидаҳои илми наҳви забони арабӣ гузоштаанд [3, с.13]. Абӯсаъид ас-Сайрофӣ низ аз ин хусус сухан гуфта, мегӯяд, ки мардум дар бораи аввалин нафаре, ки асосҳои илми наҳвро гузоштааст, ихтилоф кардаанд. Баъзеҳо онро Абӯласвад ад-Дуалӣ, баъзе дигарон Наср ибни Осим дониста, боз гурӯҳе ҳастанд, ки ин иқдомро ба Абдурраҳмон ибни Ҳурмуз нисбат медиҳанд. Лекин аксарият бар он ақидаанд, ки аввалин қадамҳо дар муайян намудани қоидаҳои наҳвӣ ба Абӯласвад ад-Дуалӣ тааллуқ дорад [10, с.10]. Муаллифи “Табақаҳои наҳвиён ва луғавиён” низ асосгузори наҳвро Абӯласвад ад-Дуалӣ медонад [4, с.21]. Аз хусуси он ки Алӣ ибн Абӯтолиб низ дар ин соҳа иқдомоте дошта, ҳатто рисолае дар ин ришта гӯё навишта будааст, ривоятҳо омада расидаанд. Ҷамолиддин ал-Қифтӣ (568-624ҳ.) аз хусуси аввалин асосгузорони наҳв сухан гуфта, менависад: “Адади калони ровиён бар онанд, ки аввалин асосгузори илми наҳв Алӣ ибн Абӯтолиб аст” [7, с.39]. Аммо Шавқӣ Зайф ба асосгузори илми наҳв будани Алӣ ибн Абӯтолиб шубҳа дорад [3, с.14], зеро нафаре, ки дар ин замон ба кашмакашҳои сиёсӣ банд буд, ҳеҷ гоҳ наметавонист ба чунин як кори бисёр муҳим, ки тамаркузи рӯҳию ақлиро тақозо менамуд, даст зада бошад.

Муҳаммад ат-Тантовӣ аз хусуси сабабҳои ба вуҷуд омадани илми “Наҳв” баҳс намуда, аз қиссае, ки миёни як нафар аъробӣ ва халифа Умар (р) рух дода, боиси рӯйи кор омадани қоидаҳои наҳвӣ шуда буд, ёдовар мешавад: “Дар замони хилофати Умар ибни Хаттоб (р) аъробие ба шаҳри Мадина меояд ва мепурсад, оё касе ҳаст, ки аз ояҳои бар Муҳаммад (с) нозилшуда чизе барои ман бихонад. Марде барои ӯ ояи зеринро аз сураи “Бароат” мехонад: " إِنَّ اللهَ بَرِيءٌ منَ الْمُشْرِكِينَ و رَسولُهُ (رَسُولِهِ) "Мард охири калимаи "Расул"-ро бо «касра» мехонад, ки маъноро тамоман дигар месозад. («Ба дурустие, ки Худованд аз мушрикон ва аз Расулаш безор аст»). Ҳол он ки калимаи «Расул» бо «замма» хонда мешавад ва чунин маъно дорад. («Худованд ва Расули Ӯ аз мушрикон безоранд»). Аъробӣ, вақте ки ин ояро (шакли нодурусти онро) мешунавад, ман ҳам аз Русули Ӯ безорам гӯён баромада меравад [12, с.25]; [1, с.17].Умар ибни Хаттоб баъд аз ин ҳодиса гӯё амр мекунад, ки Қуръонро танҳо нафароне хонанд, ки донандаи забон бошанд ва ба Абӯласвад ад-Дуалӣ мефармояд, то асосҳои илми наҳвро тартиб диҳад.

Ин қиссаро қисми зиёди муаррихону ровиён ва ононе, ки аз сабабҳои зуҳур намудани илми наҳв абар додаанд, зикр намудаанд.

Лекин, вақте ки ба сарчашмаҳо ва ривоятҳои гуногуни таърихнигорон назар мекунем, мебинем, ки, чи хеле ки дар боло мушоҳида кардем, дар ибтидо на масъалаи қоидаҳои наҳвӣ, балки масъалаи ҳаракати ҳарфҳои охири калима ва нодуруст гузошта шудани онҳо ва инчунин аз якдигар чӣ гуна фарқ карда тавонистани ҳарфҳои ба ҳам монанд мардумро ба ташвиш оварда будааст. Чун дуруст гузоштани ҳаракати охири калимаҳо як ҷузъи илми наҳв аст, ровиён ва баъзе муаррихон иштибоҳан Абӯласвад ад-Дуалиро аз аввалин муассисони илми наҳв донистаанд, ҳол он ки хидмати ӯ ва шогирдонаш аз он иборат будааст, ки аввалин шуда бо амри волии Басра, Зиёд ибни Абиҳи ё писараш Убайдуллоҳ ҳарфҳои охири калимаҳои Қуръонро нуқтагузорӣ кардаанд [3, с.16]. Масалан, Ҷамолиддин ал-Қифтӣ дар ин бора чунин қисса мекунад: “Зиёд ибн Абиҳӣ ба Абӯ Асвад гуфт: “Фарзандони ман Қуръонро ғалат мехонанд, ягон дастуруламале барои онҳо менавиштӣ ва Қуръонро нуқтагузорӣ мекардӣ?” Ва боз илова кард: “Забони ҳама, аз чӯпон то аҳли рикоб, ба фасод гирифтор шудааст, чӣ мешуд агар барои дуруст шудани забони онҳо нависӣ, ва навишт” [1, с.51]. Ва шояд ҳамин ривоятҳо сабаб гардида бошад, ки қисми зиёди ровиён Абӯласвад ад-Дуалиро аз ихтироъкорон ва муассисони қоидаҳои наҳви арабӣ гумон карда бошанд, ҳол он ки ӯ танҳо ояҳои Қуръони каримро бо ёрии нуқтаҳо эъробгузорӣ намудааст.

Алӣ Роҳҷирӣ ҳам дар аввали пайдоиш бидуни нуқта навишта шудани ҳуруфоти арабиро таъкид намуда, мегӯяд: “Дар ибтидо хатти арабӣ нуқта надошт ва ин амр, махсусан дар навиштани Қуръон тавлиди ишкол мекард, чун ҳуруфи шабеҳ ҳам буд. Баъд ҳуруфи муташобеҳро бо нуқта мутамойиз карданд ва ин кор дар нимаи дувуми қарни аввали ҳичрӣ шурӯъ шуд ва гӯянд аввалин касе, ки дар ба кор бурдани нуқта иқдом намуд, донишманди сутург Абӯласвад ад-Дуалӣ (ваф. 69ҳ) буд” [9, с.50-51].

Пас аз ӯ шогирдонаш, ки ҳамагӣ аз ҳофизони Қуръон буданд, кори ӯро идома доданд ва натанҳо Қуръони каримро эъробгузорӣ, балки ҳарфҳоеро, ки дар аввал аз ҷиҳати навишт якранг буданд, бо гузоштани нуқтаҳо онҳоро мутафовит гардониданд. Масалан, дар ибтидо ҳарфҳои “долу зол; ҳо, хо ва ҷим; бо, то, ва со” ва амсоли инҳо шакли навишти якхела дошта, дар болою зерашон ҳоло нуқтагузорӣ нашуда буданд. Хонанда мебоист аз рӯйи маъно кадом ҳарф будани онро муайян мекард, ки ин хеле душвор буд, бахусус барои мардуми аҷамӣ. Бояд эътироф намуд, ки кори анҷомдодаи Абӯасвад ад-Дуалӣ ва шогирдонаш кори бисёр бузург буда, он зинаи аввали ба вуҷуд омадани илми наҳв ба шумор мерафт.

Ҳамин тариқ, мегӯяд Шавқӣ Зайф, бо ёрии ҳофизони ҳозиқу боваринок ва бо дасти Абӯасвад ад-Дуалии басрагӣ нуқтаҳои эъроб гузошта шуд. Аз эҳтимол дур нест, ки гузошта шудани ҳаракатҳои болою зери ҳарфҳо боиси ба вуҷуд омадани саволҳое шуда бошанд, мисли: Чаро бояд чунин хонда шавад? Сабаб чист, ки калимаҳои баъд аз феъл омада ё марфуъ хонда мешаванд, ё мансуб? Ё чаро баъзе калимаҳо тамоми шакли эъробҳоро қабул мекунанд, аммо баъзеяшон не? ... ва амсоли ин. Ва ба вуҷуд омадани чунин саволҳо олимонро барои коркарди қоидаҳои наҳвӣ водор сохта бошад [3, с.18].

Албатта, ин тахмин аст, лекин дар ҳар сурат аз ҳақиқат дур нест, зеро ҳар илме, ки дар рӯйи замин имрӯз арзи вуҷуд дорад, аз назариётҳои парокандаю алоҳида ва ҳатто баъзан ба ҳам зид оғоз гардида, бо мурури замон сайқал ёфта мукаммал ва мураттабу муназзам гардидаанд ва ниҳоят аз ҷониби касе ё гурӯҳе ба сурати илмӣ дароварда шудаанд. Илми наҳв низ дар масири таърихии хеш ин зинаҳои табиӣ ва ногузирро пушти сар намудааст, то каму беш сурати илмиро соҳиб гардад. Ва аввалин касе, ки кӯшиши ин назариётҳои парокандаро ба шакли илмӣ даровардан намудааст, Ибни Абӯисҳоқи Ҳазрамӣ (ваф.117 ҳ.) ва шогирдони ӯ мебошанд. Абӯсаъид Сайрофӣ низ ҳаминро таъкид карда, мегӯяд: “Ҳангоми баровардани қоидаҳо (Абӯисҳоқ) ба қиёс зиёд такя менамуд ва дар асоси онҳо қоидаҳои саҳиҳи наҳвиро гузоштааст” [10, с.20]. Ӯ аз шогирдони Абӯасвад ад-Дуалӣ маҳсуб намешавад, лекин аз ҳофизони Қуръон аст ва зикр кардан ба маврид аст, ки на танҳо Ибни Абӯисҳоқи Ҳазрамӣ, балки шогирдонаш Исо ибни Амр, Абӯамр ибни Ало ва шогирдони Исо ибни Амр, Халил ибни Аҳмад ва Юнус ибни Ҳабиб ҳамагӣ аз ҳофизони Қуръон будаанд.

Лекин Иброҳим ас-Сомароӣ дар хусуси сабабҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи илми наҳв назари дигар дорад. Ӯ менависад: Зулм аст, агар мо сабаби ба вуҷуд омадани илми наҳвро танҳо аз интишор ёфтани лаҳн (ғалатхонӣ) бидонем. Интишори лаҳн, дарвоқеъ, як офат ва нуқсоне буд, ки бар болои забони арабӣ омада буд ва сабабҳояшро муаррихони даврони қадим зиёд зикр намудаанд. Агар танҳо ҳамин сабаби ба вуҷуд омадани илми наҳв мебуд, мо имрӯз соҳиби ин бинои боҳашамати наҳв намегардидем. Мо имрӯз танҳо чанд «ҳаракатҳо»-и содае медоштем, ки дар хондан барои мо айб накунанд ва ғалатҳоро пешгирӣ намояд.

… Ман гуфтаниям, ки илми наҳв мебоист дар шакли васеъ, чи хеле ки мо онро имрӯз медонем, новобаста аз зуҳур ва интишори лаҳн, ба вуҷуд меомад. Зеро он илмест, ки усулҳояш ҳанӯз дар нимаи дуюми асри дувуми ҳичрӣ ба вуҷуд омадааст. Ин замонест, ки маорифи арабӣ-исломӣ рӯ ба тараққӣ ва гулгулшукуфӣ ниҳода, дар асри сеюм ва чоруми ҳичрӣ мо, аллакай, соҳиби илми забоншиносии васее гардида будем, ки мисли дигар илмҳо ба чандин шохаҳо тақсим шуда буд [11, с.11].

Новобаста аз он ки кадом ҳодисаҳо сабаби ба вуҷуд омадани илми наҳв гардидааст, мусаллам он аст, ки асосҳои он аз ҷониби олимони шаҳри Басра гузошта шудаанд. Ва барои ба шакли дуруст даромадани ҳар гуна илм мебояд қоидаҳо ва қонуниятҳои он кор карда шуда, ҳар қоида бо далелу бурҳони дақиқ ва муқоисаҳои зиёд исбот карда мешуд. Ҳамаи ин амали бисёр ҷиддӣ ва пурмашаққат бори аввал аз ҷониби Ибни Абӯисҳоқи Ҳазрамӣ ва шогирдони басрагии ӯ анҷом пазируфтанд. Онҳо барои пажӯҳиш ва баровардани қоидаҳо танҳо аз маводе истифода мекарданд, ки аз ҷиҳати асл сиҳат бошад. Ва ба ин хотир ба минтақаҳои марказии Наҷд, Водии Ҳичоз ва Тиҳома сафарҳо анҷом доданд, то ки маводҳое аз сарчашмаҳои софи он бигиранд, яъне минтақаҳое, ки ҳоло ба фасоди тамаддун рӯ ба рӯ нашудааст [3, с.18]. Беҳуда нест, ки Ибни Надим аз ин боб сухан гуфта, менависад: ”Мо аввал дар бораи басрагиҳо маълумот овардем, чунки илми (забони) арабӣ аз онҳо гирифта шудааст” [5, с.64].

Ҷамолуддин ал-Қифтӣ ҳам дар ҳамин радиф гуфтаи Ибни Саломро чунин овардааст: “Абдулло ибни Абӯисҳоқ аввалин донишмандест, ки “Наҳвро” кашф карда, ба қиёс рӯй оварда ва сабабҳоро шарҳ дод” [7, с.105]. Навиштаи Абӯтайиб ал-Луғавиро низ таъйид ва тақвияти гуфтаҳои боло шумурдан мумкин аст: “Абдулло ибни Абӯисҳоқ донишмандтарин аз аҳли асраш ва оқилтарини онҳо буда, наҳвро ба шохаҳо ҷудо намуда, аз хусуси ҳолатҳои истеъмоли “ҳамза” баҳсе дорад ва дар ин бора китобе таълиф намуда, онро ба дигарон таълим медод ва менависонд” [8, с.25].

Баъди вафоти Абӯисҳоқ кори ӯро шогирдаш Исо ибни Умар ас-Сақафӣ идома дода, аз пайи ӯ рафтааст. Олими сутурге буд ва илмро аз Абӯисҳоқ омӯхтааст. Исо ибни Умар аз табақаи Абӯамр ибни Ало буд ва Халил ибни Аҳмад аз ӯ илм омӯхтааст [7, с.375]. Ӯ муаллифи ду китобест бо номи “ал-Ҷомиъ” ва “ал-Икмол”, ки ба таъбири Шавқӣ Зайф, дар китоби аввал муаллиф масъалаҳои наҳвӣ ва қоидаҳои онро ҷамъ намуда, дар китоби дуюм он қоида ва масъалаҳоро ба икмол расонидааст. Мутаассифона, ин таълифотҳо то ба мо нарасидаанд, то аз хусуси ҳусну қубҳи онҳо чизе гуфта тавонем [3, с.18]. Баъзеҳо гуфтаанд, ки “ал-Ҷомиъ, асли “ал-Китоб” буда, Сибавайҳ ба он танҳо иловаҳо ва ҳошияҳо афзудааст” [7, с.375]. Ӯ соли 149 ҳичрӣ олами ҳастиро падруд гуфта, ибтикоротеро, ки дар соҳаи наҳви арабӣ карда буд, ба шогирдаш Халил вогузошт, то бинои қасри наҳвро ба камол расонад.

Ал-Халил

Ал-Халил ибн Аҳмад ал-Фароҳидӣ ал-Басрӣ, арабиюласл аст. Соли 100 –уми ҳичрӣ ба дунё омада, соли 175 дунёро падруд гуфтааст. Дар шаҳри Басра бузург шуда, ҳаёташ дар он сипарӣ гардидааст. Аз айёми кӯдакӣ ба ҳалқаҳои илмии муҳаддисон, фақеҳон, олимони луғату наҳв ва ҳалқаҳои илмии устодонаш Исо ибн Амр ва Абӯамр ибни Ало мерафтагӣ шуд. Муаллифи “ал-Китоб- китобу Сибавайҳ” тарҷумаи ҳоли ал-Халил ибни Аҳмадро бо як ҷумла ифода намудааст, ки бисёр дақиқ ва фарогир аст: Халил эҳтиёҷ ба он надорад, ки дар тарҷумаи ҳоли ӯ зиёд таваққуф кунам. Ӯ устоди бузурги Сибавайҳ буда, аксарияти ҳикояҳои (далелҳо) дар “ал-Китоб” омада аз они ӯст [6, с.11].

Аз ривояти муаррихон бармеояд, ки ал-Халил ибн Аҳмад шогирдаш Сибавайҳро бисёр дӯст медоштааст. Ибни Наттоҳ менависад: “Дар назди Халил будам, Сибавайҳ даромад. Халил гуфт: Хуш омад меҳмоне, ки аз омаданаш малоле нест”. Абӯамр ал-Махзумӣ мегӯяд: “Бо Халил бисёр менишаст. Нашунидаам, ки Халил ба каси дигаре чунин гуфта бошад” [4, с.67].

Халил соҳиби ақли нодир ва пурсамаре будааст, ва чи хеле ки Ибни Муқаффаъ мегӯяд, ақлаш бештар аз илмаш буд [7, с.380]. Ӯ шахсест, ки аввалин қомусро дар забони арабӣ бо номи “Муъҷам ал-айн” тартиб дод. Халил ибни Аҳмад нисбат ба молу матоъи дунё бетафовут буда, ягона чизе, ки барояш ҷонфидоӣ мекард, илм буд. Аввалин чизе, ки дар ин росто кашф кардааст, арӯз мебошад, то ӯ касе чунин кореро анҷом надода ва баъд аз ӯ ҳам касе ба ӯ нарасидааст [3, с.30].

Олими илми “Наҳв”, забоншинос ва арӯздон буда, илми арӯзро кашф намуд ва сабабҳои онро нишон дод [7, 377].

Шавқӣ Зайф аз хусуси истеъдоди фавқулодаи Халил сухан гуфта, менависад: “Ақли ӯ ақли истисноӣ буд, ба ҳар чӣ ки даст мезад, онро ба низом медароварда, қоидаҳои онро

муайян месохт ва дақиқ мекард. Ақли ӯ бар қавонини илми сарфу наҳви арабӣ ҳам тасаллут пайдо намуда, дар он низ кашфиётҳои дақиқ анҷом дод, фақат ҳамин ки натавонист китоби ҷомеъе барои ҳамаи ақсоми ин илм мураттаб созад. Агар муҳаққиқоне, ки тарҷумаи ҳоли Халилро навиштаанд, дуруст гуфта бошанд, ӯ чанд рисолае бахшида ба бобҳои алоҳидаи ин илм навиштааст, ки яке аз онҳо ба маъонии ҳуруф дигар ба олоти эъроб ва сеюмин ба авомил бахшида шудааст [3, с.33-34].

Халил агарчи дар илми сарфу наҳви арабӣ китоби бунёдӣ ва фарогире аз худ ба мерос намонда бошад ҳам, шогирди ӯ Сибавайҳ дар китоби худ қисмати зиёди кашфиётҳои сарфию наҳвиро аз номи ӯ зикр кардааст. Сибавайҳ дар китоби худ гуфтаҳои устоди худро ба дараҷае фаровон зикр намудааст, ки ҳатто баъзеҳо гуфтаанд, ки ин китоб аз таснифоти Халил ва Сибавайҳ аст. Масалан, Абӯтайиби луғавӣ мегӯяд: “Сибавайҳ китоби хешро ба лафзи худ ва Халил навиштааст” [8, с.73].

Сибавайҳ (135-180 ҳ.)

Номаш Амр ибни Усмон ибни Қанбар буда, бо лақаби Сибавайҳ шуҳрат ёфтааст, ки лақаби аҷамист ва ба асли форсӣ доштани ӯ далолат мекунад. Дар яке аз деҳаҳои Шероз (аз рӯйи баъзе ривоятҳо дар ш. Байзо) ба дунё омада, дар синни ҷавонӣ ба Басра меояд ва ба ҳалқаҳои илмии он шомил мешавад. Дар ибтидо дар назди Ҳаммод ибни Салама (наҳвӣ) ҳадис мехондааст. Мегӯянд, ки рӯзе ҳангоми дарс ҳадисеро ғалат хонд ва Ҳаммод ба ӯ эрод гирифт [3, с.57]. Аз ҳамон рӯз тасмим гирифт, ки илми худро дар риштаи забон ва наҳви арабӣ қавитар созад ва ба ҳалқаи Халил ибни Аҳмад гузашт ва тамоми он чизеро, ки Халил аз илми сарфу наҳв медонист, аз ӯ омӯхт.

Санаи таваллуди Сибавайҳро муаррихон дақиқ накардаанд, аммо соли вафоташ 180 ҳ. аст. Аҳмад Бадавӣ барои муайян намудани соли таваллуди Сибавайҳ аввал гуфтаи Ёқути Ҳамавиро зикр намуда, сипас соли таваллуди Сибавайҳро чунин тахмин мекунад: “Ӯ (Сибавайҳ) баъд аз ба синни балоғат расидан барои таҳсили илм ба назди Исо ибн Амри Сақафӣ меравад, агар балоғатро синни рушд – чордаҳ ҳисоб кунем, мо метавонем соли таваллуди Сибавайҳро 135 тахмин намоем, зеро Исо ибн Амри Сақафӣ аз аввалин устодонест, ки Сибавайҳ аз ӯ дарс гирифтааст ва тамоми муаррихон бар онанд, ки соли вафоти Исо ибн Амри Сақафӣ 149 ҳичрист” [2, с.11].

Сибавайҳ баъд аз Халил донишмандтарин шахс дар илми наҳв аст. Ӯ китобе навиштааст, ки мардум онро “Қуръони наҳв” номидаанд. Сайрофӣ мегӯяд: “Китобе навиштааст, ки пеш аз ӯ касе чунин китоб нанавишта ва баъд аз ӯ низ касе ба ҳадди ӯ нарасидааст” [10, с.37].

Соъид ибни Аҳмад ал-Ҷиёнӣ аз аҳли Андалус китоби Сибавайҳро тавсиф намуда, мегӯяд: “Китоберо намедонам, ки дар илме аз илмҳои куҳан ё нав навишта шуда бошаду тамоми паҳлуҳо ва ҷузъиёти он илмро дар бар бигирад, ба ҷуз се китоб; аввал китоби ал-Маҷустӣ Батлимус дар илми “Ҳайат”, дуюм китоби Арасту дар илми “Мантиқ” ва сеюм китоби Сибавайҳи Басрии Наҳвӣ. “ал-Китоб”-и Сибавайҳ аввалин китоби ҷомеъест дар қоидаҳои сарфу наҳви арабӣ [2, с.25]. Баъд аз сари Сибавайҳ шогирди ӯ ал-Ахфаш ал-Авсат (Ахфаши Миёна, зеро Ахфашҳо се нафаранд, бузург, миёна ва хурд) ин китобро ба толибилмон дарс дода, онро ҳамчун китоби ягона ва беҳамто бо номи “ал-Китоб” машҳур гардонид. Ба ҳадде, ки дар Басра, вақте мегуфтанд, ки фалонӣ “ал-Китоб”-ро хондааст, ҳама медонист, ки мақсуд китоби Сибавайҳ аст. Беҳуда нест, ки шогирди ал-Ахфаш – ал-Мозинӣ мегӯяд: “Ҳар кӣ мехоҳад баъд аз китоби Сибавайҳ китоби бузурге дар илми наҳв нависад, бояд шарм дорад” [5, с.51]. ал-Ҷоҳиз мегӯяд: “Хостам ба назди Муҳаммад ибни Абдулмалик (аз-Зайот вазири ал-Муътасим) равам, фикр кардам, ки чӣ чизе барои ӯ ҳадя барам ва чизе шарифтар (муносибтар) аз китоби Сибавайҳ наёфтам. Чун ба наздаш омадам, гуфтам: - Хостам бароят ҳадяе биёрам, чун фикр кардам ҳама чиз бароят муҳайёст ва чизе қиматтар аз ин Китоб наёфтам, онро аз мероси ал-Фарро харидам. Ибни Абдулмалик гуфт: - Ба Худо қасам барои ман ҳадяе намудӣ, ки чизеро аз ин бештар дӯст надорам” [1, с.62].

Аҷибтарин қисса онест, ки дар бораи яке аз наҳвиёни Андалус, Абдулло ибни Муҳаммад Исо омадааст: “Абдулло китоби Сибавайҳро ҳар 15 рӯз як маротиба хатм менамуд, гӯё, ки тиловати Қуръон мекарда бошад” [6, с.24].

Китоби Сибавайҳро натанҳо шогирдон, ҳаводорон ва дӯстонаш тақдир ва ситоиш намудаанд, балки душманонаш низ маҷбур гардидаанд, ки ба абқарияти ӯ эътироф кунанд. Ахфаш, шогирди Сибавайҳ ҳикоя мекунад, ки ал-Кисоӣ “ал-Китоб”-ро дар назди ӯ хонда, ба ӯ ҳафтод динор ҳадя намудааст. Ва боз мегӯяд: “ал-Кисоӣ ба ман гуфт: Ин ҳарфро ҳаргиз нашунида будам, онро бароям бинавис, ва навиштам” [2, с.26].

Абуттайиб ал-Луғавӣ аз номи Абӯумар аз-Зоҳид нақл карда мегӯяд, ки гуфтааст: “Рӯзе Саълаб дар мачлисаш гуфт: ал-Фарроъ вафот кард (чи хеле ки медонем ӯ куфӣ ва аз мухолифони Сибавайҳ буд) ва дар зери сараш китоби Сибавайҳ буд” [2, с.26].

Китоби Сибавайҳ китобест, ки таҷрибаи тамоми наҳвиёни то замони ӯ гузаштаро дар худ ҷамъ намуда, илми наҳвро бо тамоми шохаҳо ва ҷузъиёташ дар бар мегирифт. Бинобар ин, аз замони таълиф шуданаш манбаи мурочиати олимон гардид; яке онро шарҳ медод, дигаре бобҳои онро ба тартиб меовард ва сеюмин истилоҳҳои онро дақиқтар месохт.

Ии китоб аз бозе, ки дар миёни мардум паҳн гардид ҳамчун барномаи илми олӣ дар риштаи наҳв шинохта шуд. Толибилм агар китоби Сибавайҳро хатм намекард, хатмкардаи ин ришта маҳсуб намеёфт.

Китоби Сибавайҳ натанҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб, ба билоди Андалус ҳам убур намуда, китоби таълимӣ гардида буд. Он натанҳо китоби таълимӣ, балки китоби муқаддаси ин мардум гардида, онро беҳтарин арабидонҳо ҳифз намуда буданд, ки Ҳамдуни Наҳвии Қайрувонӣ яке аз онҳост [12, с.221].

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки Сибавайҳ дарвоқеъ олими фавқулода ва абқарӣ буда, китобе таълиф намудааст, ки олимони соҳаи забоншиносии арабро то имрӯз тасхир карда меояд ва ҳоло ҳам агар пажӯҳише дар ин ришта анҷом дода шавад, ногузир мебояд аз он истифода кард.

Ба ақидаи ман, мегӯяд Аҳмад Бадавӣ, китоби Сибавайҳ, китоби аввалин ва охирин дар илми наҳв ба шумор меравад. Ҳамаи онҳое, ки баъд аз Сибавайҳ омадаанд, онро асоси омӯзиши хеш қарор дода, ба он ё шарҳ навиштаанд, ё онро ихтисор кардаанд [2, с.41].

Лекин бо вуҷуди фарогирӣ ва ҷомеъу ҳаматарафа будани маълумотҳои он, мо имрӯз онро ҳамчун маводи асосӣ дар омӯзиши забони арабӣ истифода карда наметавонем. Агар мо чунин кунем, пас инкишофу тараққиёти илми имрӯза ва дастовардҳоеро, ки илми забоншиносӣ дар таълифу таснифи китобҳои замонавӣ ва бобҳою шохаҳои алоҳидаи он ба даст овардааст, нодида гирифтаем.

Хулоса, китоби Сибавайҳ, натанҳо китоби таълимӣ барои толибилмони мадорис ва ҳалқаҳои илмии замони гузашта, балки инъикоси дараҷаи пешрафти илми наҳв дар охирҳои асри дуюми ҳичрӣ ва инчунин инъикоси сатҳи омӯзиши ин илм дар он замон мебошад. Дуруст аст, ки муаррихон ва муҳаққиқон баъд аз Халил ва Сибавайҳ, ки асосгузорони мактаби наҳвии Басра мебошанд, боз чор мактаби наҳвии дигар; мактаби Куфа, мактаби Бағдод, мактаби Андалус ва Мисрро ном мебаранд, аммо дар асл онҳо чизи нав ва ҷиддие дар ин илм кашф накарда, ё ба гуфтаҳои Сибавайҳ эрод гирифтаанд, ё ягон ҷузъи онро ба таври дигар пешниҳод намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. ал-Анборӣ Абулбаракот. Нузҳат ал-алиббо фӣ табақот ал-удабо / Абулбаракот, ал-Анборӣ; таҳқиқи Муҳаммад Абулфазл Иброҳим. – ал-Қоҳира: дор ал-фикр ал-арабӣ, 1998м. – 418 с.
2. Бадавӣ, А. Сибавайҳ, ҳаётуҳу ва китобуҳу / Аҳмад Бадавӣ. – Муассисаи «Ҳиндовӣ Си, Эй, Си.» - 2017 – 44 с. [http: //www.hindawi. org]
3. Зайф, Шавқӣ. ал-Мадорисан-наҳвия / Шавқӣ Зайф. - Қоҳира: Дор ал-Маориф. – 378 с.
4. аз-Зубайдӣ ал-Андалусӣ, Абӯбакр. Табақотан-наҳвийинва ал-луғавийин / Абӯбакр аз-Зубайдӣ ал-Андалусӣ; таҳқиқи Муҳаммад Абӯлфазл Иброҳим. - ал-Қоҳира: Дор ал-Маъориф, 1119ҳ. – 258 с.
5. Ибни Надим. ал-Феҳрист. – 386 с. (Бе сана ва ҷойи нашр. To pdf: http: // www. al-mostafa. com)
6. ал- Китоб – китобу Сибавайҳ Абибишр Амр ибн Усмон ибн Қанбар / Таҳқиқ ва шарҳи Абдуссалом Муҳаммад Ҳорун. – ал-Қоҳира: Мактаба ал-Хонҷӣ, 1988 м. - 63 с.
7. ал-Қифтӣ, Ҷамолуддин. Инбоҳ ар-руввот ало анбоҳ ан-нуҳот / Ҷамолуддин ал-Қифтӣ; таҳқиқи Муҳаммад Абулфазл Иброҳим. Ҷ. 1. – Бейрут, 1986. - 416 с.
8. ал-Луғавӣ, Абуттайиб. Маротиб ан-наҳвийин / Абуттайиб ал-Луғавӣ; таҳқиқи Муҳаммад Абулфазл Иброҳим. – Бейрут: Сайда, 2009 м. - 129 с.
9. Роҳҷирӣ Алӣ. Таърихи мухтасари хат ва сайри хушнависӣ дар Эрон / Алӣ Роҳҷирӣ. - Интишороти «Имод», 1345 ҳ. – 316 с.
10. ас-Сайрофӣ, Абӯсаъид ал-Ҳасан ибн Абдуллоҳ. Ахбор ан-наҳвийин ал-басрийин / Абӯсаъид ас-Сайрофӣ; таҳқиқи Таҳо Муҳаммад аз- Зайнӣ Муҳаммад Абдулмунъим Хаффоҷӣ. – Миср, 1955 м. - 98 с.
11. ас-Сомароӣ Иброҳим. ал-Мадорисан-наҳвия устура ва воқиъ / Иброҳим ас-Сомароӣ. - Уммон: Дору-л-фикр ли ан-нашрваат-тавзиъ, 1987. – 192 с.
12. ат-Тантовӣ, Аҳмад. Нашъату ан-наҳв ва таърих ашҳар ан-нуҳот / Аҳмад ат-Тантовӣ. - Ал-Қоҳира: Дор ал-Маъориф, 1119 ҳ. - С. 221. 326 с.

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ИЛМИ НАҲВ ВА ТАШАККУЛИ ОН

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи забони арабӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ҳанӯз дар замонҳои хеле қадим, пеш аз зуҳури ислом ҳамчун забони адабӣ, чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз лиҳози мазмун ба таври мукаммал ташаккул ёфта буд. Чи хеле ки маълум аст, дар замони ҷоҳилӣ, ки ҳанӯз илми арӯз вуҷуд надошт, шеъргӯию

шеърнависӣ дар миёни арабҳо ривоҷи зиёд ёфта буд, ки дар он қоидаҳои наҳвӣ ва меъёрҳои забони адабӣ риоя карда мешуданд. Аммо баъд аз нозил шудани оятҳои муқаддаси Қуръон ва интишори ислом дар миёни мардуми араб ва ғайриараб зарурати бевосита барои коркарди қоида ва меъёрҳои адабии забони арабӣ ба вуҷуд омад, зеро матни муқаддас мебоист бехато, возеҳ ва бетаҳриф хонда мешуд. Дар Нимҷазираи Араб қабила ва қавмҳои зиёде зиндагӣ мекарданд, ки ҳар кадом лаҳҷа ва гӯйишҳои фарқкунандаи худро дошт. Ҳангоми хондани Қуръон ва ҳадисҳо ҳар қабила калима ва оятҳои қуръониро ба тарзи худ талаффуз менамуд, ки метавонист барои намояндаи қабилаҳои дигар нофаҳмо ва ё бегона намояд. Маҳз ба ин хотир зарурати муайян намудани қоида ва меъёрҳои адабӣ ва забонии ягона ба вуҷуд омад, то ки он аз ҷониби натанҳо арабҳо, балки тамоми мардуми мусулмон, ки матни муқаддасро мехонданд, риоя карда шавад. Ҳамин тарз, ба тадриҷ илми наҳви забони арабӣ ба вуҷуд омад, ки дар ташаккул ва инкишофи он олимону донишмандони форсу тоҷик саҳми назаррас гузоштаанд.

Калидвожаҳо: забони арабӣ, Қуръон, ҳадис, забоншиносӣ, қоидаҳои грамматикӣ, матни муқаддас, меъёрҳои забоншиносӣ, ҳаракатҳо.

НЕКОТОРЫЕ СУЖДЕНИЯ ОБ ИСТОРИИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ НАУЧНОЙ ГРАММАТИКИ АРАБСКОГО ЯЗЫКА

Особенностью арабского языка является то, что в глубокие доисламские времена он уже сложился во всей своей полноте как в смысле внешней формы, так и внутреннего содержания. Как известно, ещё в период так называемой “джахилийи”, когда ещё не было науки просодии, у арабов уже существовало стихотворчество, в котором соблюдались все грамматические правила и законы арабского литературного языка. Разработка грамматических норм арабского языка стала насущной необходимостью с ниспосланием Священной Книги ислама – Корана, который следовало читать без ошибок, внятно и без искажений. На Аравийском полуострове жило множество арабских племён, каждое из которых имело свой диалект или говор. При чтении Корана каждое племя произносило священные коранические аяты на свой лад, что могло для других племён звучать непонятно. Именно по этому требовалось выработка единых литературных и лингвистических норм, которые соблюдались бы всеми народами, исповедующими ислам и читающими священные тексты. Так постепенно стала складываться наука о грамматике арабского языка, значительный вклад в формирование которой внесли ученые персидско- таджикского происхождения.

Ключевые слова: арабский язык, Коран, хадис, наука о грамматике, грамматические правила, священный текст, лингвистические нормы, огласовки.

SOME JUDGMENTS ABOUT THE HISTORY OF THE ORIGIN AND FORMATION OF THE SCIENTIFIC GRAMMAR OF THE ARABIC LANGUAGE

The peculiarity of the Arabic language is that in deep pre-Islamic times, it has already developed in its entirety, both in the sense of the external form and internal content. As you know, even in the period of the so-called “jahiliyya”, when there was still no science of prosody, the Arabs already had a poem in which all grammar rules and laws of the Arabic literary language were observed. The development of the grammar norms of the Arabic language became an urgent need with the sending of the Holy Book of Islam - the Koran, which should be read without errors, clearly and without distortion. On the Arabian Peninsula, many Arab tribes lived, each of which had its own dialect or dialect. When reading the Qur'an, each tribe pronounced the sacred Koranic verses in its own way, which could sound incomprehensible to other tribes. That is why it was necessary to develop common literary and linguistic norms that would be respected by all peoples who profess Islam and read sacred texts. So gradually the science of the grammar of the Arabic language began to take shape, a significant contribution to the formation of which was made by scholars of Persian-Tajik origin.

Key words: Arabic, Koran,hadis,science of grammar, grammar rules, sacred text, linguistic norms, vowels.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Эмомов А.С.*** – Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти араб. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Шодмонӣ-58/1. E-mail: **islamtaj @ mail.ru**. Тел:. **(+992 37 22) 241-30-79**

Сведения об авторе: ***Эмомов А.С.*** – Таджикский исламский институт им. Имама Аъзама Абуханифы, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабского языка и литературы. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Шодмони-58/1. E-mail: **islamtaj @ mail.ru**. Тел.: **(+992 37 22) 241-30-79**

Information about the author: ***Emomov A.S.*** – Tajik Islamic Institute by name Imami Azam Abuhanifa, Dr. of sciens (Philological Sciece). Department of Arabic language and Literature. **Adress:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shodmoni Str. 58/1. E-mail: islamtaj @ mail.ru. Tel.: **(+992 37 22) 241-30-79**

УДК: 809. 155.0:78(091)

УСУЛИ СИНТАКСИСӢ-МОРФОЛОГИИ ИСТИЛОҲСОЗИИ МУСИҚӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Абдуллоева З.Ф.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИ Тоҷикистон

Истилоҳсозӣ заминаи асосии рушду пешрафти ҳар соҳаи илму санъат ба ҳисоб меравад. Истилоҳоти ҳар кадом забон, аз ҷумла истилоҳоти мусиқии он, маъмулан, дар заминаи қолабҳои асосии калимасозии ҳамин забон сохта мешаванд. Усули наҳвию сарфӣ шеваи маъмултарини вожасозиву истилоҳнигорӣ дар забони тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи он истилоҳоти мураккаб бунёд меёбанд.

Истилоҳоти мураккаб дар забони тоҷикӣ маъмулан бо қолабҳои машҳуре, ки аз забонҳои эронии қадим ва ҳиндии бостон ба ёдгор мондаанд, сохта мешаванд. Таъкид кардан ба мавриди аст, ки низоми маъруфи таснифи вожаҳои мураккаби забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки бо номҳои ҳиндии двандва, амредита, татпуруша, кармадҳорая, двигу, баҳувриҳи ва авяйибҳова ифода меёбад, аз таълифоти забоншиноси бузурги Ҳинди бостон Панини оғоз мегардад, ки муҳаққиқон замони зиндагии ӯро асри IV то милод зикр карданд.

Панини асосан мавҷуд будани чор қолаби сохтани вожаҳои мураккаб: двандва, татпуруша, баҳувриҳи ва авяйибҳова, ҳамчунин ду зернавъи қолиби татпуруша: кармадҳорая ва двигуро таъкид кардааст, ҳарчанд дар навиштаҳои ӯ шарҳи чунин усули тақсимбандӣ ва ба кадом далел ба қолабҳо гурӯҳбандӣ кардан ба мушоҳида намерасад. Асоси назарии ин тасниф баъдан дар китоби забоншиноси дигари Ҳинд Патанҷали (асри II то милод), ки ҳамин таснифи Панириро тафсир намудааст, ба таври дақиқ баён гардидааст [5, с.107].

Ин нукта ҳам гуфтанист, ки таснифи дар боло зикршудаи Панини дар илми забоншиносии Аврупо дар нимаи аввали асри XIX мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифт ва забоншиносони олмонӣ, нахуст Ф. Бопп ва баъдан Т. Бенфей ба ин низом тағйирот ворид карда, онро дастраси аҳли илм намуданд. Аз ҷумла, Ф. Бопп бо истифода аз ин низом шаш навъи зерини қолибҳои вожасозии забонҳои ҳиндуаврупоиро таъкид намуд: 1) copulative (dvandva), 2) possesive (bahuvrīhi), 3) determinative (karmadhāraya), 4) abhangigkeits comrosita (tatpuruṣa), 5) collektive comrosita (dvigu), 6) adverbialle comrosita (avyayībhāva) [5, с.108].

Т. Бенфей низоми таснифи Панириро дар илми забоншиносии Аврупо дар сурати чор навъи зерин пешниҳод кард: 1) copulative (dvandva), 2) determinative (tatpurusa, karmadhāraya, dvigu), 3) relative (bahuvrīhi), 4) inflexible (avyayībhāva) [5, с.108].

Дар масъалаи таҳқиқи сохтмони дастурии вожаҳои мураккаби форсӣ, дар заминаи ҳамин таснифи дар боло баёншуда чанд таҳқиқоти ҷолиб ба миён омадааст [муфассал ниг. 4, с.223-230; 7,с.143-148; 5,с.107-123; 6, с.100-119].

Бояд хотирнишон кард, ки гурӯҳбандии таркибҳо (композитҳо) аз хусусияти таносуби дохилии худи ҳамин таркибҳо вобастааст. Аз рӯйи ҳамин нишона истилоҳоти мураккаби мусиқиро метавон ба таркибҳои зерин гурӯҳбандӣ кард:

1) таркибҳои копулятив (двандва), яъне истилоҳоти мураккабе, ки аз ҷузъҳои баробарҳуқуқ ба миён омадаанд;

2) таркибҳои редупликатив (амредита), яъне истилоҳоти мураккабе, ки бо такрор омадани ҳамон як ҷузъи асосӣ сохта мешаванд;

3) таркибҳои детерминатив (татпруша, кармодҳорая, двигу), яъне таркибҳои мураккаби тобеъ, ки як ҷузъ (бештар ҷузъи аввал) ба ҷузъи дигар тобеъ аст;

4) таркибҳои посессив (ё атрибутив) (баҳувриҳи), яъне таркибҳои аз рӯйи сохт шабеҳи таркибҳои детерминатив, вале бо ифодаи ҳатмии дорандагиву соҳибият.

1. Таркибҳои коопулятив ё таркибҳои мураккаби пайваст ва ё *двандва*. Дар сохтани истилоҳоти мусиқӣ чунин қолаби истилоҳсозӣ каммаҳсул аст: шумора + шумора: дувоздаҳ, понздаҳ (мақомҳои «дувоздаҳ», «понздаҳ» бо ҳамин усул сохта шудаанд).

2. Таркибҳои редупликатив (амредита) дар натиҷаи такрори ҷузъи асосии вожа ва ё истилоҳ сохта мешаванд. Истилоҳоти мусиқӣ, ки бо ин қолаб сохта шудаанд, зиёд нестанд: сифат + сифат:

а) бо миёнванди -андар-: сабзандарсабз

б) бо миёнванди -дар-:

Ҳамон **сабздарсабз** хонӣ кунун,

Бад-он гуна созанд макру фусун (Фирдавсӣ)

3. Таркибҳои детерминатив (татпуруша, кармодҳорая, двигу), ё таркибҳои мураккаби тобеъ. Нишонаи асосии умумии ин таркибҳо тобеияти як ҷузъ ба ҷузъи дигар вобаста ба таносуби маънои дохилӣ аст.

а) таркибҳои қолиби татпуруша.

I. исм + исм: **мушк-дона, шаҳ-ноз, фохта-зарб, гул-бонг, зар-парда**.

Чу баргуфтӣ навои **Мушкдона**,
Хутан гаштӣ зи бӯйи мушк хона (Низомӣ).

Гувашту Мояву Гардония чу бархонӣ,
Навоз пардаи Наврӯзу Салмаку **Шаҳноз** (Кавкабии Бухоройӣ).

Булбул зи шохи сарв ба **Гулбонг**и паҳлавӣ,
Мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ (Ҳофизи Шерозӣ).

II. исм + асоси замони ҳозираи феъл: **дил-фиреб, рӯҳ-афзо, хор-кан, хор-каш, бар-афшон, сар-андоз, гул-нӯш, тараб-ангез, рубоб-зан, дойра-зан, барбат-зан, дуҳул-зан, най-навоз, танбӯр-навоз, чанг-навоз**…

Агарчи **чангнавоз**он латифдаст буванд,
Фидои дасти қалам бод дасти чангнавоз! (Рӯдакӣ).

Нишонданд мутриб ба ҳар барзане,
Ағонисароеву **барбатзан**е (Низомӣ).

Зи юнониён **арғунунзан** басе,
Ки бурданд ҳуш аз дили ҳар касе (Низомӣ).

Дуҳулзан чу шуд бар дуҳул хашмнок,
Бароварда фарёд аз боди пок (Низомӣ).

III. исм + асоси замони гузаштаи феъл: **бод-оварда**, **дод-офарид**.

Чу бод аз Ганҷи **бодоварда** рондӣ,
Зи ҳар боде лабаш ганҷе нишондӣ (Низомӣ).

Суруде ба овози хуш баркашид,
Ки акнун ту хониш **Додофарид** (Фирдавсӣ).

IV. сифат+исм: **заиф-парда, равшан-чароғ**…

Навбате Полезбону навбате Сарви сиҳӣ,
Навбате **Равшанчароғ**у навбате Говизана (Манучеҳрии Домғонӣ).

V. сифати феълӣ + исм: **Зинда-рӯд** – таронаи қадимии форс-тоҷик, ки таснифоти онро ба аҳди Сосониён нисбат додаанд [11, с.469].

Зи Хезонтараф то лаби **Зиндарӯд**,
Замин зинда гашт аз навои суруд.
Зи бас рӯди Хезон, ки аз май расид,
Лаби Ромишон рӯдро май газид (Низомӣ).

Баста-нигор (номи оҳанг).

Аз ин раҳ ҳур дар савташ нисор аст,
Ки нақши чинияш **Бастанигор** аст (Туғро).

VI. асоси замони ҳозираи феъл+исм: **ист-парда**

VII. исм+зарф: **наво-андак**

VII. зарф + асоси замони ҳозираи феъл: **зер-афкан, пеш-рав**

VIII. зарф + асоси замони гузаштаи феъл: **зер-афканд**

Чун **Зерафканд** дар Ироқ мезад,
Дил ақл раҳо кунад зи тан бигрезад (Мавлавӣ).

б) таркибҳои қолиби кармодҳорая.

исм + исм: истилоҳоти мусиқӣ бо ҷузъи аввали шоҳ-; шаҳ-: **шоҳнома** (номи оҳанг), шаҳ-най, шаҳ-рӯд, шаҳ-ноз..

Шоҳномаст Окулу ҳам фаръ,
Пас Равон омаду Тавил аз шаръ.

Сарв соқию моҳ рӯднавоз,

Парда барбаста дар раҳи **Шаҳноз** (Фаррухии Систонӣ).

истилоҳоти мусиқӣ бо ҷузъи аввали сар-; **сар-ахбор, сар-овоза, сар-моя, сар-хона, сар-оҳанг...**

Лаб аз савти таърифи ӯ тоза бод,
Зи васфаш тараннум **саровоза** бод (Туғро).

Нишасту дарзамон бигрифт дар Ушшоқ оҳанге,
Ки сози Зуҳраро бишкаст дар ҳайрат **сароҳанг**е (Сайфи Исфарангӣ).

истилоҳоти мусиқӣ бо ҷузъи дувуми -парда: **миён-парда, сар-парда...**

истилоҳоти мусиқӣ бо ҷузъи дувуми хона-: **сарх-хона, миён-хона...**

в) таркибҳои қолиби двигу.

Истилоҳоти мураккабе, ки аз таркиби шумора ва дигар ҳиссаҳои нутқ ба миён меоянд, ба ин таркибҳо дохил мешаванд:

I. шумора + исм:

дутор – сози маъруфи мусиқии халқи тоҷик.

Дунаср – порчаи оҳангиест дар таркиби мавзӯъҳои аслии қисмати насри мақомҳои “Шашмақом” [11, с.428].

Дунай - ҷуфтанай, сози мусиқии нафасӣ [11, с.427].

Дугоҳ – 1) оҳанг ва суруди бостонӣ, аз таснифоти Борбад; 2) шуъбаи аввали мақоми “Ҳусайнӣ” дар “Дувоздаҳмақом”; 3) мақоми чорум дар “Шашмақом”, ки аз ду қисм – “Мушкилот” (созӣ) ва “Наср” (овозӣ) иборат аст.

Эй бародар як **Дугоҳ**е соз кун,
Аз Ҳусайнӣ пастие оғоз кун (Кавкабии Бухоройӣ).

Дувоздаҳмақом – мақомҳои таронаю оҳангҳои силсилавии мусиқии классикии форсу тоҷик, ки дар нимаи дуюми асри XII- ибтидои асри XIII ташаккул ёфта, бо ин ном то асри XVIII маъмул гаштааст. “Дувоздаҳмақом” аз дувоздаҳ парда (дастон, лаҳн, дастгоҳ, суруди силсилавӣ), ҳар мақом аз пардаи махсус оғоз ёфта, дар ҳамон парда ё лаҳн хотима меёбад. “Дувоздаҳмақом” як силсилаи мураккаб буда, аз шаш овоза, бисту чор шуъба, чилу ҳашт гӯша ё шохаҳои созию овозӣ иборат аст. Аммо то рӯзгори мо қисмҳои сузии “Дувоздаҳмақом” бо сабаби набудани сабти адворӣ (нота дар маънии кунунӣ) нарасидааст.

Ба андешаи муҳаққиқони мусиқӣ дар манбаъҳои адабию таърихӣ муаллифон аз мавҷудияти “Ҳаштмақом”, “Нуҳмақом”, “Даҳмақом”, “Понздаҳмақом” ёдрас шудаанд.

Панҷгоҳ - яке аз шуъбаҳои мақоми классикӣ аз силсилаи “Дувоздаҳмақом”. Панҷгоҳ ду навъ аст: панҷгоҳи асл ва панҷгоҳи зоид [12, с.527].

Рост хондан дар баландӣ мушкил аст,
Панҷгоҳе гар бихоҳӣ ҳосил аст (Кавкабии Бухоройӣ).

Панҷзарб – садои пасти созҳои мусиқиест, ки ба най мувофиқ меояд. Вай нисбат ба садои “чорзарб”-у “сезарб” пасттар, аксар ба даста, оркестр ва суруди ҳофизони яккахон ҳамовоз мегардад [12, с.527].

Панҷрӯд – сози панҷтора, панҷтор.

Аз захми ҳафту ҳашт наёбӣ муроди дил,
Як бор панҷрӯду сетору чаҳор гир (Саноӣ).

Панҷтор – сози мусиқии торӣ, ки аксаран дар ноҳияҳои Помиру Дарвоз маъмул бошад [12, с.527].

Сегоҳ – мақом.

Сетор – номи асбоби мусиқӣ.

Ситор – номи асбоби мусиқӣ.

Шашмақом – мақоми маъруф.

Чу бинам **Шашмақом** имрӯз ноҷӯр аст,
Ва ҳам оина андар хидмати кӯр аст... (Гулназар).

Шаштор - номи асбоби мусиқӣ.

Шаб шуд, эй хоҷа закӣ, охир он ёри ту ку,
Ёри хушовози ту, он хушдаму **шаштор**и ту ку (Мавлавӣ).

Чоргоҳ – мақом.

Аз ту Дугоҳ хоҳанд, ту **Чоргоҳ** баргӯ,
Ту шамъи ин саройӣ, эй хуш, ки месароӣ (Мавлавӣ).

Чорзарб – пардаи усули кабир.

II. шумора + сифат: ним-сақил

III. шумора + шумора: ду-як:

Дуяку Чорзарбу Зарбулфатҳ,
Нест гуфтам дар он чӣ гуфтан қадҳ.

“Дуяк”- вазн, зарби мусиқӣ, ки асри XII тасниф шудааст [11, с.430].

Дуякро Дилороми Чангӣ ҷорӣ кардааст. Чордуякро устодоне, ки дар он аср буданд, ин шаш усул дар миёни аъроб шуҳрати тамом дорад, ҳар якеро номе аст. Аввал Булуҷӣ, дуюм Шодиёна, сеюм Хиломӣ, чорум Найрезӣ, панҷум Равон, шашум Алусӣ (Улусӣ). Ва ин усулҳоро устодони нақорачӣ менавозанд [11, с.123].

4. Таркибҳои посессив ё атрибутив (баҳувриҳи).

Ин таркибҳо аз рӯйи сохт мисли таркибҳои детерминативанд, аммо ифодаи ҳатмии дорандагиву соҳибиятро дар худ доранд.

Ин даста сифатҳои мураккабро метавон ба зергурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

исм + асоси замони ҳозираи феъл: **барбат-зан, рубоб-зан, чанг- навоз, рӯд-соз**…

Агарчи **чангнавоз**он латифдаст буванд,
Фидои дасти қалам бод дасти **чангнавоз**! (Рӯдакӣ).

Даҳону бараш пур зи гавҳар кунам,
Бар ин **рӯдсоз**он-ш меҳтар кунам (Фирдавсӣ).

Чи тавре ки дида баромадем, дар истилоҳсозии мусиқии забони тоҷикӣ усули наҳвию сарфӣ яке аз маъмултарин истилоҳнигорӣ ба шумор рафта, теъдоди зиёди он бештар дар шеъру таронаҳои классикон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, дар рисолаҳои мусиқии гузаштагони мо Кавкабӣ, Ҷомӣ, Форобӣ, Сино ва ҳамчунин дар мусиқии ниёгони бою рангини мо “Шашмақом” дида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Нағмаи ниёгон: таҳқиқ ва таҳлили А. Раҷабов. - Душанбе: Адиб, 1988. - 160 с.
2. Негматов Н.Н. Ариана и Арйанведжа (история и цивилизация) / Н.Н. Негматов, Р.С. Мукимов и др. – Худжанд: Ношир, 2006. – 1900 с.
3. Низомов А. Таърихи мусиқии тоҷик / А.Низомов. - Душанбе, 2014. - 384 с.
4. Расторгуева В.С. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки: Западная группа, прикаспийские языки / В.С. Расторгуева. – М: Наука, 1982. – 571 с.
5. Султон, Мирзо Хасан. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии / Мирзо Хасан Султон. – Душанбе: Дониш, 2008. – 342 с.
6. Султон, Мирзо Ҳасан. Ташаккул ва такомули истилоҳсозии илмии форсӣ – тоҷикӣ / Мирзо Хасан Султон. – Душанбе: Дониш, 2011. – 334 с.
7. Саймиддинов Д. Бархе аз вожаҳои куҳна дар гӯишҳои тоҷикӣ / Д. Саймиддинов // Номаи Пажӯҳишгоҳ. - 2002. - № 2. - С.5-20.
8. Сохор А.Н. Музыка и общество / А.Н. Сохор. – М.: Знание, 1972 - 48 с.
9. Танзим ва корбурди истилоҳот дар забони тоҷикӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ (ш. Душанбе, 1 октябри соли 2013). - Душанбе: Ирфон, 2014. – 128 с.
10. Терминоведение и терминография в индоевропейских языках // Сборник научных трудов. - Владивосток, 1987. - 178 с.
11. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1. - Душанбе, 1988. - 544 с.
12. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 2. - Душанбе, 1989.

УСУЛИ СИНТАКСИСӢ - МОРФОЛОГИИ ИСТИЛОҲСОЗИИ МУСИҚӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Истилоҳсозӣ яке аз заминаҳои асосии рушду пешрафти ҳар соҳаи илму санъат ба ҳисоб меравад. Истилоҳоти ҳар кадом забон, аз ҷумла истилоҳоти мусиқии он дар заминаи қолабҳои мавҷудаи калимасозии ҳамин забон сохта мешавад. Яке аз ин роҳҳои сохтани истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ, ин усули наҳвию сарфӣ мебошад, ки ба воситаи он истилоҳоти мураккаб бунёд мегардад. Истилоҳоти мураккаб дар забони тоҷикӣ маъмулан бо қолабҳои машҳуре, ки аз забонҳои эронии қадим ва ҳиндии бостон ба ёдгор мондаанд, сохта мешаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки низоми маъруфи таснифи вожаҳои мураккаби забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки бо номҳои ҳиндии дванда, амредита, татпуруша, кармадҳорая, двигу, баҳувриҳи ва азяйибҳова ифода меёбад, аз таълифоти забоншиноси бузурги ҳинди бостон Панини оғоз мегардад, ки муҳаққиқон замони зиндагии ӯро асри 1У то милод зикр кардаанд. Таснифи Панини дар илми забоншиносии Аврупо дар нимаи аввали асри Х1Х мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирифтааст. Дар масъалаи таҳқиқи сохтмони дастурии вожаҳои мураккаби форсӣ, дар заминаи ҳамин таснифи дар боло баёншуда чанд тадқиқоти ҷолиб ба миён омадааст. Гуфтан лозим аст, ки қисми зиёди истилоҳоти мусиқӣ маҳз ба воситаи ҳамин таркибҳои мураккаб сохта шудаанд. Дар мақола таркибҳои зерин: копулятив, редупликатив, детерминатив ва пассесив мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар мақола мисолҳои зиёде доир ба ин таркибҳо оварда шудааст. Ҳар яки ин таркибҳо боз аз ҷиҳати сохт ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо мешаванд ва хусусиятҳои хосси худро доранд. Ногуфта намонад, ки теъдоди зиёди ин истилоҳоти мусиқӣ, ки бо роҳи наҳву сарф сохта шудаанд, дар мусиқии классикии “Шашмақом” ва рисолаҳои мусиқии олимони машҳур Кавкаби, Ҷомӣ, Сино, Форобӣ ва ғайра дида мешаванд.

Калидвожаҳо: усул, сарфу наҳв, вожасозӣ, истилоҳнигорӣ, истилоҳоти мураккаб, қолабҳо, таркибҳо, коопулятив, редупликатив, детерминатив, исм, сифат, сифати феълӣ.

СИНТАКСИЧЕСКО-МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ СПОСОБ ОБРАЗОВАНИЯ МУЗЫКАЛЬНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Терминообразование является одним из главных и основных путей развития науки и искусства. Термины каждого языка, в том числе музыкальные, образуются на основе существующих, то есть традиционных форм словообразования этого же языка. В связи с этим синтаксическо-морфологический способ является одним из распространённых способов образования музыкальной терминологии таджикского языка, с помощью которого строятся сложные термины. Сложные термины в таджикском языке обычно образуются на основе известных форм, которые остались нам в наследство от древних иранских и индийских языков. Нужно отметить, что известная классификация сложных слов индоевропейских языков, которая именуется как дванда, амредита, татпуруша, кармадхорая, двигу, бущуврихи ва азяйитхова начинается со времён великого творца и языковеда Панини, который создал свои произведения ещё в 1У веке до н. э. Метод классификации сложных слов Панини в школах языкознания Европы был изучен и использован во второй половине Х1Х века. Первыми учёными этой школы были Бопп Ф. и Бенфей Т., которые внесли некоторые свои изменения в учение Панини и представили его всему миру. На тему образования сложных терминов на основе этой классификации были проведены несколько интересных исследований. В статье приведены различные типы этих словосочетаний, которые используются при образовании сложных терминов музыкальной терминологии таджикского языка. В статье также приведены множество примеров музыкальной терминологии, которые образованы при помощи этих сложных сочетаний слов. Эти словосочетания делятся на несколько групп, каждые из которых имеют свои особенности. Нужно отметить очень важную деталь, что значительное количество музыкальных терминов таджикского языка, образованных синтаксическо-морфологическим путём, встречаются в классической музыке «Шашмаком», а также в музыкальных трактатах великих творцов Кавкаби, Джами, Сино, Фараби и т.д.

Ключевые слова: способ, синтаксико-морфологический, словообразование, терминообразование, сложные термины, формы, сочетания, коопуляция, редупликация, детерминация, существительное, прилагательное, причастие.

SYNTACTIC-MORPHOLOGICAL METHOD OF EDUCATION TAJIK MUSICAL TERMINOLOGY

Term formation is one of the main and main ways of development of science and art. The terms of each language, including musical ones, are formed on the basis of existing, that is, traditional forms of word formation of the same language. In this regard, the syntactic-morphological method is one of these common ways of forming the musical terminology of the Tajik language, with the help of which complex terms are constructed. Complex terms in the Tajik language are usually formed on the basis of well-known forms that we inherited from the ancient Iranian and Indian languages. It should be noted that the well-known classification of complex words of Indo-European languages, which is referred to as dvanda, amredita, tatpurusha, karmadhorai, dvizh, bushvuvrihi va azyayithova, dates back to the time of the great creator and linguist Panini, who created his works in the 1st century BC. e. The method for classifying Panini compound words in European linguistic schools was studied and used in the second half of the 19th century. The first scientists of this school were Bopp F. and Benfei T., who made some of their changes in the teachings of Panini and introduced him to the whole world. Several interesting studies have been conducted on the topic of the formation of complex terms based on this classification. The article describes the various types of phrases that are used in the formation of complex terms of the musical terminology of the Tajik language. The article also provides many examples of musical terminology that are formed using these complex combinations of words. These phrases are divided into several groups, each of which have their own characteristics. It is necessary to note a very important detail that a significant number of musical terms of the Tajik language formed syntactically-morphologically are found in classical music by “Shashmakom”, as well as in musical treatises of the great creators of the Caucasus, Jami, Sino, Forobi, etc.

Key words: method, syntactic-morphological, word-formation, term-formation, complex terms, forms, combinations, co-population, reduplication, determination, noun, adjective, participle.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Заррина Фатуллоевна*** –Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмМИ Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, ходими илмӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 21. E-mail: **zarrina. abdulloeva @ mail. ru**

Сведения об авторе: ***Абдуллаева Заррина Фатуллаевна*** - Институт языка и литературы им. А. Рудаки АН Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21. E-mail: **zarrina. abdulloeva @ mail. ru**

Information about the author: ***Abdullaeva Zarrina Fatullaevna*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, candidate of philological, Researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **zarrina. abdulloeva @ mail. ru**

УДК: 81 (22) 338

ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР СОҲАИ ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

Акрамов Ф.М., Гурезов Ҷ.Н.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Вожаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ хеле густариш ёфта, зиёда аз панҷоҳ фисади маҷмӯи фарҳанги умумии забони ҳозираи адабии тоҷикиро фаро мегирад. Таърих гувоҳ аст, ки баъди интишор ёфтани Ислом дар минтақаҳои форс-тоҷик ва тасарруф гардидани ин манотиқ аз ҷониби арабҳо забони арабӣ гарчанде забони ноби форсии тоҷикиро аз байн бурда натавонист, аммо калимаҳои зиёде ба ин забон иқтибос гардид ва мавқеи калимаҳои порсии миёнаро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт маҳдуд намуд.

Дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, иқтисодиёт низ яке аз соҳаҳои муҳим буда, бидуни он зиндагӣ ва идомаи ҳаёт имконнопазир мебошад. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур якчанд вожаҳои иқтисодии арабиро дар соҳаи иқтисодиёт ва тиҷорат аз ҷиҳати забонӣ шарҳу тавзеҳ диҳем, то мутахассисон ба тобишҳои маъноии калимаҳои мазкур некутар сарфаҳм рафта тавонанд.

Вожаи тиҷорат تِجارت аз феъли арабии تَجَرَ гирифта шуда, муодили форсии он бозаргонӣ савдогарӣ, хариду фурӯш мебошад. Шайх Саъдии Шерозӣ дар ин масоил чунин гӯяд: Се чиз бе се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорат ва илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат. Калимаи **тиҷоратӣ** تجارتی аз ҳамин реша гирифта шуда, мансуб ба **тиҷорат**, марбут ба корҳои хариду фурӯш ва муносибати тиҷоратии инсонро мефаҳмонад [6, с.107].

Решаи калимаи **иқтисод** إقتصاد қасд аст. Маънои луғавии **қасд** ният кардан, ба мақсад расидан аст. **Иқтисод** масдари феъли навъи ҳаштум буда, ба маънои барои зиндагӣ мубориза бурдан омадааст. Дар истилоҳоти динӣ иқтисод миёнаравӣ дар кору зиндагиро медонанд, яъне, ба маънои дар харҷу сарфи чизе ҳадди миёнаро нигоҳ доштан ва сарфаҷӯӣ омадааст.

Чи тавре ки дар яке аз ҳадисҳои паёмбари Ислом ҳазрати Муҳаммад (с) омадааст: **الإقتصاد في النفقة نصف المعيشة** яъне, миёнаравӣ дар зиндагӣ худ ними зиндагист.

1. **Иқтисодиёт** اقتصادیات шакли ҷамъи калимаи иқтисод маънои васеътар дошта, риштаи илм оид ба омӯзиши фаъолияти ин ё он соҳаи хоҷагӣ: **иқтисодиёти савдо, иқтисодиёти саноат, иқтисодиёти кишоварзӣ**, маҷмӯи шароити хоҷагӣ ва молию пулии кишваре ва ё муассисае мебошад.

Дар асоси калимаи **иқтисод** ба таври ибора мафҳумҳои зерини иқтисодиро сохтан мумкин аст, ки куллан аз забони арабӣ иқтибос гардидаанд ва на танҳо дар соҳаи илм, балки дар забони гуфтугӯйии мардум ҳам ҳазм гардидаанд, то он андозае, ки аксарият вожаи иқтибосӣ будани онҳоро дарк намекунанд.

2. **Захираи иқтисодӣ.** Захира ذخیره дар истилоҳи забонӣ чизеро, ки барои эҳтиёт ва пасандоз нигоҳ дошта мешавад, мегӯянд. Дар ин замина, сухани мутафаккири тоҷик Аҳмади Донишро овардан ба маврид хоҳад буд: "Баъд аз ду рӯз ба соҳиле дигар расидем – сабзу хуррам, ки аснофи гиёҳҳои хушбӯй дошт ва бехҳои ширин ва баъзе мағзҳо низ мавҷуд буд, ба захира бардошта, боз дар баҳр баромадем".

3. **Тазоди иқтисодӣ.** Калимаи تضاد "тазод" ضد вожаи арабӣ буда, маънояш зиддият ضدیت аст. Муродифи дигари ин калима муқобил مقابل ҳам аз решаи калимаи қабул гирифта шуда, рӯ ба рӯйи ҳамдигар истода баҳс намуданро баён мекунад.

4. **Омили иқтисодӣ.** Омил عاملаз решаи калимаи амал عمل гирифта шуда, шаклҳои амалиёт عملیات муомила معاملة ва муомилот معاملات - ро дорад, ки ҳар як тобишҳои маъноии худро доранд ва дар мавқеъҳои гуногун истифода мешаванд. Омил – сабаб, амал – кор, амалиёт – раванди иҷрои кор, муомила – бо касе оиди коре шартномаи хаттӣ ё шифоҳӣ бастан ва муомилот шакли ҷамъи калимаи муомила аст, ки бо илова кардани бандаки занонаи ات (отун) сохта шудааст.

5. **Тафаккури иқтисодӣ.** Тафаккур تفکرаз решаи калимаи "фикр" فکرгирифта шуда, масдари навъи панҷуми феъли арабист ва дар қолаби тафаъъул تفعلсохта шудааст ҳамчун фикрронӣ, андешакунӣ, мулоҳизакорӣ шарҳу тавзеҳ дода мешавад.

6. **Ташаккули иқтисодӣ**. تشکل Масдари навъи панҷуми калимаи шакл شکل аст, яъне, шаклгирӣ, дар як қолаби муайян даромадани чизе ё коре дар назар дошта шудааст.

7. Вожаи **содирот** صادرات – содирот ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ молҳоеро меноманд, ки аз мамлакате ба мамлакати дигар ирсол мешавад. Ин калима аз феъли навъи якуми арабии صدر

рух додан гирифта шудааст. Дар забони адабии тоҷикӣ ба маънои ба вуқуъ омадаи ҳодисае низ зикр шудааст. Масалан, воқеаи мудҳише дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ содир шуд, яъне, ба амал омад [10, с.98].

8. **Воридот** واردات чизҳои воридшаванда, молҳои аз берун овардашавандаи ягон мамлакат, даромадҳо, мадохилот аст. Тарҷумаи аслии ин истилоҳ "даромад аст". Масалан: **ورد المدرس من الباب** Муаллим аз дар даромад. Дар ҳамин қолаб ба ҷойи ворид шудан калимаи دخل дохил шуданро низ истифода мебаранд, ки ин ҳам дар забони тоҷикӣ ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ хизмат менамояд. "Дахл" бо маънои даромад, фоида ва маош истифода мегардад. **Хароҷот** خراجات *ҷ.* **харҷ - (баромадан) зидмаънои дахл** буда, харҷ, сарф, баромад **хароҷот кардан** сарф кардан, харҷ кардан, маблағеро сарф намудан. Мисол:

Ба он кадхудо зор бояд гирист,
Ки **дахлаш** бувад нуздаҳу харҷ бист (Саъдӣ).

9. Вожаи **амалиёт** عملیات дар луғат ба маънои фаъолият, ҳаракат; иҷрои кор омадааст: **амалиёти ҳарбӣ, амалиёти ҷарроҳӣ.** Аммо дар истилоҳи иқтисодӣ ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Мисол: амалиёти бонкӣ – раванди гузаронидани маблағ, кушодани суратҳисоб, дар сурати нақдию ғайринақдӣ пешниҳод намудани арзиши молҳои ба бонк мутааллиқ, иваз намудани асъор ва ғайраро дар назар дорад.

10. Решаи калимаи и**стеҳсол حاصل** استحصال **"ҳосил"** аст, дар луғатҳои арабӣ ба маънои ҳосил кардан, ба вуҷуд овардан; амалиёте, ки инсонҳо ба воситаи он ашё ва қувваҳои табиатро ба кор бурда маҳсулоти барои зисту зиндагонӣ ва тараққиёти ҷамъият даркориро тавлид мекунанд, омадааст. Масалан: **истеҳсоли фӯлод, истеҳсоли ғалла**; **истеҳсол кардан** тавлид кардан, ҳосил намудан, ба даст овардан. **Истеҳсолот** استحصالات шакли ҷамъи арабии калимаи истеҳсол буда, ба маънои маҳдудаш маҷмӯи олот ва меҳнати мавриди зарурати истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ба маънои васеаш истеҳсоли маҳсулот; он соҳаи саноат, ки дар он бевосита амалиёти истеҳсол ба вуҷуд меояд, мебошад.

11. Калимаи **маҳсулот** محصولات шакли ҷамъи маҳсул ва сифати феълии тарзи мафъулии феъли арабии حصل "ҳосил шудан", "ба даст овардан" аст. **Маҳсул** – дар шаклҳои ҳосили кори корхона ё хоҷагӣ; маҷмӯи чизҳои истеҳсолшаванда; маҳсулоти корхонаҳои ҳунармандӣ, маҳсулоти озуқавӣ, маҳсулоти саноатӣ, маҳсулоти чорводорӣ, мубодилаи маҳсулот, маҳсулот супоридан марвиди истифода қарор мегирад.

12. **Иқтидори истеҳсолӣ.** Иқтидор اقتدار қувват ёфтан, қудрат доштан; қудрат, тавоноӣ, қобилияти дар шароити комилан ба кор андохтани корхона ва воҳидҳои дигари истеҳсолот маҳсулот тавлид кардан, имконияти истеҳсолиро гӯянд. Ин вожа аз решаи калимаи **"қадр"** гирифта шуда, иқтидор доштан, соҳиби қудрат будан, дар иҷрои коре ба тавоноии ҳаматарафа соҳиб будан аст.

13. **Истеъмол** استعمال шакли масдари навъи даҳуми феъли арабӣ буда, дар қолаби "истифъол" сохта шудааст. Асоси калимаи истеъмол "амал" аст. Дар луғатҳои арабӣ ба маънои "талаби амал кардан", "ба кор бурдан", "кор фармудан" дарҷ гардидааст. Истеъмол зидмаънои калимаи истеҳсол буда, барои зиндагии рӯзмарра кор фармудани моликияти дар натиҷаи меҳнат ба даст омада дар назар дошта шудааст.

14. Калимаи **таваррум** تورم- ро маънои луғавиаш "варам кардан" буда, аммо дар истилоҳ ба маънои беқурб шудани пул меояд.

15. Калимаи **иҷора** اجاره https://www.vajehyab.com/?q=%D8%A7%D8%AC%D8%A7%D8%B1%D8%AA додани ҷойе ё чизе барои истифодаи муваққат ба касе дар бадали музди муайян бо пардохти ҳаққи он дар муҳлати муайян дарк карда мешавад. Ин калима бо исми جار «ҳамсоя» аз як реша ҳастанд. Аз ин бармеояд, ки дар лаҳзаҳои ба фаъолият шурӯъ кардани моликияти ба иҷора додашаванда, ба ҳамсоягони шахси соҳибмулк вогузор карда мешуд, зеро дар замоне, ки воситаҳои ахборот хеле маҳдуд буд, мардум ба шахсони дигар ба иҷора намедоданд. Дар раванди ташаккулёбии ҷамъият ин равand тағйир ёфт, яъне, минбаъд моликиятро бештар ба нафарони мусофир, муҳоҷир ва толибилмон месупориданд, аммо решаи асосии калима тағйири ном накард [9, с.27].

16. **Мубодилаи асъор ё арз**. **Мубодила** مبادله маънои табодул, иваз кардан ва дигар намуданро дорад. **Мубодилаи афкор مبادله افكار** изҳори фикру ақида байни ду ё чанд кас мебошад. **Мубодилаи арз** раванди иваз кардани асъор - пулҳои хориҷӣ бо пули миллӣ аст. Калимаи мубодила дар забони тоҷикӣ ба маънои иваз ва табодул низ истифода мегардад, ки ҳамагӣ аз арабӣ иқтибос шудаанд. Калимаи **асъор** اسعار шакли ҷамъи шикастаи "саър" аст. Тарҷумаи аслии калимаи саър – нарх, арзиш ва арз мебошад. Дар истилоҳи иқтисодӣ дар забони арабӣ низ ба маънои воҳиди пул, ки асоси сохтори пулии мамлакатеро ташкил

медиҳад, маънидод шудааст. Муродифи дигари ин калима **арз** عرض буда, маънои нахустинаш: паҳноӣ, бар; муқобили **тӯл** ва маънои иқтисодиаш мол, матоъ ва табдили онҳоро инъикос намудааст.

17. **Молия** مالیّ ва **молиявӣ** مالی - Маҷмӯаи воситаҳои пулӣ ва муомилоти давлат. **Идораи молия** - идора ё шуъбае, ки масъулияти ба роҳ мондани фаъолияти молиявии муассисаҳои давлатӣ, ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо ба зиммаи он гузошта шудааст, ҳамагӣ иқтибосоти арабӣ буда, муодили тоҷикии онро дастовард, дастранҷ, сарват, бойигарӣ гуфтан мумкин аст. Дар ин замина шоирони классикии форсу тоҷик низ суханҳои балеғе гуфтаанд:

Ҳар киро **мол** ҳаст ҳиммат нест,
Ҳар киро ҳиммат аст, **мол** намонд (Хоқонӣ**).**

Нест моро дар миён **моли** падар,
Бо манат, ҷони бародар, чист ҷанг? (Камоли Хуҷандӣ).

18. **Кафолат** كفالت кафил шудан ба касе; ба зимма гирифтани чизе ба ҷойи касе, замонат мебошад. Исми фоили ин вожа **кафил كفيل** кафолатдиҳанда, он ки ба касе ё чизе кафолат медиҳад. Муродифи ин калима **зомин** ضامن ҳам арабӣ буда, аз решаи калимаи **ضمن** "бар уҳда гирифтан" сохта шудааст.

Фоида فائده - суд, манфиат; баҳра ва натиҷаи нек (моддӣ ва ғайримоддӣ).

Манфиат .منفعت Шакли арабиаш **манфаат** нафъ, фоида, суд мебошад.

Зарар ضرر зиён, нуқсон, хисорот; газанд, осеб; муқобили **нафъ** аст.

19. **Қарз** قرض - ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ аз вожаи арабӣ гирифта шуда, маънои боварӣ доштанро нисбат ба молу пули ба қарз додашуда ва бозгашти онро дар вақти муайян ва дар ҳаҷми барзиёд ифода мекунад. Дар олами Ислом қарзи ҳасана роиҷ аст, яъне, қарзе, ки дар ивазаш рибо ё фоиз ситонида намешавад. Қарзе, ки фоида ва зарари он байни қарздиҳанда ва қарзгиранда баробар тақсим карда мешавад, музораба ном дорад, ки ин мафҳум аз феъли арабии ضارب "зарба задан", "бо якдигар баҳс кардан" гирифта шудааст.

20. **Муфлис** مفلس - Решаи калимаи муфлис бо "ифлос" ягона аст, аммо дар забони тоҷикӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад. бечиз, нодор, камбағал, фақир, бенаво, қашшоқ ва ифлос – чиркин, нопок, палид. **Муфлисӣ** مفلسی бечизӣ, нодорӣ, камбағалӣ, фақирӣ, бенавоӣ, қашшоқӣ сифати нисбии ҳамин калима аст. Мисол:

Соқиё, аз **муфлисӣ** шуд чеҳраи ман хоки роҳ,
Ин қадар маърӯзи табъи кимиётаъсири туст (Мушфиқӣ

21. **Ғизо** غذا хӯрок, қут, таом, хӯрданӣ; **ғизоӣ** غذائیّ мансуб ба ғизо аст. Мисол:

Бо нусхаи табиб чӣ кор он маризро,
К-аз хуни дида шарбату аз ғам **ғизо** кунад (Абдураҳмони Ҷомӣ).

22. **Интиқоли маблағ.** انتقال аз решаи калимаи "нақала" гирифта шуда, ба маънои аз ҷойе ба ҷойе рафтан, кӯчидан, ҷой иваз кардан; аз ҷое ба ҷое нақл кардан омадааст: Маблағ аз калимаи балағa – расидан гирифта шудааст, яъне, он чизе, ки аз даст ба даст мегузарад ва воситаи муомилоти молу маҳсулот мегардад.

Ҳар кас, ки чун сафина дар ин баҳри беканор
Пои сукун гирифт, сари **интиқол** ёфт (Шоҳин).

23. **Нафақа** نفقه – Маънои аслӣ**:** харҷи ҳаррӯза, хароҷот, он чӣ барои аҳлу аёл ҳар рӯз харҷ мешавад, моҳиёна; маош; таъминоти зиндагӣ. Маънои иқтисодӣ: маблағе, ки моҳона мунтазам аз тарафи давлат ба кӯҳансолон ва шахсони мутобиқи қонун муддати муайян хизмат карда, ба маъюбоне, ки қобилияти корӣ надоранд ва ғайра дода мешавад.

24. Идора اداره - Аз решаи калимаи **давр** гирифта шуда, маъноаш як доира ё гурӯҳи одамонро ба низом даровардану роҳнамоӣ кардан аст.

25. Муомилот معاملات Шакли арабиаш муъомалот аст. Муносибатҳои пулӣ, равобити тиҷоратӣ; **муомилоти пул** гардиши пул**; андоз ва муомилот,** андоз ва гардиши пул; андоз ва савдоро дар назар дорад.

26. **Муҳосиба** محاسبه ҳисобгирӣ, ҳисобдорӣ, ҳисобӣ кардан бо касе ва муҳосибот محاسبات шакли ҷамъи ҳамин калима аст.

27. **Имкон** امكان тавоноӣ, қудрат; имконият; **имконият** امكانيّت имкон, шароити мусоид барои кореро фароҳам овардан аст. Решаи калимаи мазкур **"макон "** аст, яъне, дар ҷойе фароҳам овардани коре фаҳмида мешавад.

28. **Манқул** منقول нақл кардашаванда, кӯчонда шаванда, мас. молу мулк ва ғайра. Маънои адабӣ: нақл кардашуда, ҳикоя кардашуда, гуфташуда аст. **Ғайри манқул** غيرمنقوله аз ҷое ба ҷое

бурданашаванда, кӯчониданашаванда; **мол (-у мулк)-и ғайриманқула** моле, ки онро аз ҷое ба ҷое бурдан мумкин нест: (*мисли замин, ҳавлӣ, иморат ва ғ)*.

29. **Нақд** نقد - Мавҷуда, пули мавҷуда, пули роиҷ; *муқобили* **насия**, пули нақд, пули мавҷуд, пул, маблағ.

30**. Хазина** خزنه - Ҷойи нигоҳ доштани пул ва ҷавоҳирот; сандуқи давлатӣ; ганҷина, ҷойи нигоҳ доштани чизе.

31**. Рақобат** رقابت - рақибӣ кардан, хусумат доштан. Маънои иқтисодиаш: мубориза барои ба даст овардани фоидаи калон ё имтиёзҳо.

32**. Амонат** -امانت Асоси калимаи амонат "амният" аст ва ба маънои дар макони амн гузоштани маблағ ё ашёи онро ивазкунандаро фаҳмидан мумкин аст. Касе, ки амонатро хуб нигоҳ дошта, онро бенуқсон ба соҳибаш бармегардонад, **амин** мегӯянд.

33. **Моликият** مالكيت молу мулк, ки дар тасарруфи касе, ё идорае бошад. Моликият аз калимаи мулк гирифта шудааст ва бо решаи малик – подшоҳ ҳамқолаб аст. Моликият дар шаклҳои **моликияти давлат, моликияти хусусӣ ё шахсӣ, моликияти ҷамъиятӣ ё умумӣ** марвиди истифода қарор мегирад.

Хулоса, аз муҳтавои ин мақола фаҳмида мешавад, ки аксари истилоҳоти иқтисодию тиҷоратии фарҳанги забони адабии ҳозираи тоҷик аз вожаҳои арабӣ дар шакли худ ва ё андаке тағйир ёфтани шакли фонетикӣ иқтибос гардидаанд. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши забони арабӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ, ки тамоюли иқтисодӣ доранд, аз манфиатҳои амалию назариявӣ холӣ нест. Ба ақидаи мо барои рушди зеҳнӣ ва ғанӣ гардонидани захираи луғавии донишҷӯён омӯзиши забони арабӣ, мусоидат карда метавонад, зеро ки забони арабӣ ҳамчунин забони муошарати байналмилалии СММ пазируфта шудааст, таъриху арзишҳои миллӣ ва тамаддуни мардумони форсу тоҷик ва олами араб тавассути дини Ислом муштарак гардида, ба иҷтисодиёт низ таъсири амиқ гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Богатова Э. Арабский язык.- (базовый курс) / Э. Богатова. - Москва: Живой язык, 2006. - 224 с.
2. Борисов В.М. Русско-арабский словарь / В.М. Борисов. - Москва, 1981. - 768 с.
3. Ковалев А.А. Учебник арабского языка / А.А. Коволоев, Г.Ш. Шарбатов. - Москва, 1969. - 824 с.
4. Ковтонюк В.Л. Арабский язык для экономистов / В.К. Ковтонюк. - Мосвка, 2004. - 234 с.
5. Лебедев В.Г. Практический курс арабского литературного языка.- (первая часть) / В.Г. Лебедев, Л.С. Тюрева. - Москва: Восток и Запад, 2004. - 342 с.
6. Назруллоҳи Назар. Луғати тоҷикӣ-арабӣ / Назар, Назруллоҳ. – Душанбе, 1998. - 360 с.
7. Назруллоҳи Назар. Луғати муъҷази арабӣ-тоҷикӣ / Назар Назруллоҳ. - Душанбе, 1992. - 326 с.
8. Нодирзаде Л.И. Вопросы общественно-экономичес-кого строя государств арабов и халифата / Л.И. Нодирзаде. - Москва, 1969. - 432 с.
9. Сулаймонӣ, Саидраҳмон. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / Саидраҳмон Сулаймонӣ. Ҷилдҳои 1,2. - Душанбе, 2008. - 1722 с.
10. Хабибов С. Луғати истилоҳоти иҷтисодӣ (русӣ-тоҷикӣ) / С. Хабибов Ҳ. Фақеров, М. Ҷамшедов. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 323 с.

ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР СОҲАИ ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

Муаллифон дар мақола бо овардани далелҳои муътамад вожаҳои иқтисобии арабӣ дар соҳаи иқтисод ва тиҷоратро бо забони тоҷикӣ шарҳу тавзеҳ додаанд. Дар мақолаи мазкур сохтор ва тобишҳои маъноии калимаҳои иқтибосшаванда ва роҳҳои дуруст истифода намудани онҳо баён гардидааст. Муҳим будани омӯзиши забони арабӣ ва роҳҳои таълими истилоҳоти иқтисодӣ дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, иқтисодиёт низ яке аз соҳаҳои муҳим буда, бидуни он зиндагӣ ва идомаи ҳаёт имконнопазир мебошад. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур якчанди вожаҳои иқтисодии арабиро дар соҳаи иқтисодиёт ва тиҷорат аз ҷиҳати забонӣ шарҳу тавзеҳ диҳем, то мутахассисон ба тобишҳои маъноии калимаҳои мазкур некутар сарфаҳм рафта тавонанд. Аз муҳтавои ин маърӯза фаҳмида мешавад, ки аксари истилоҳоти иқтисодию тиҷоратии фарҳанги забони адабии ҳозираи тоҷик аз вожаҳои арабӣ дар шакли худ ва ё андаке тағйир ёфтани шакли фонетикӣ иқтибос гардидаанд. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши забони арабӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ, ки тамоюли иқтисодӣ доранд, аз манфиатҳои амалию назариявӣ холӣ нест. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки ба хонанда моҳияти калимаҳои иқтибосии забони арабиро мухтасар шарҳ дода, онҳоро аз ҷиҳати шаклу мазмун саҳеҳ инъикос намоянд. Мақолаи мазкур барои мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, тиҷорат, забоншиносӣ ва луғатнигорӣ мусоидат карда метавонад. Дар мақола вожаю калимаҳое гирд оварда шудаанд, ки дар ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии одамон бисёртар истифода мегарданд.

Калидвожаҳо: иқтисод, тиҷорат, моликият, захира, воридот, содирот, амалиёт, молия, кафорат муфлис, идора, интиқол, муомилот, маблағ, нақд, хазина, амонат, кафолат.

ИНОЯЗЫЧНЫЕ АРАБСКИЕ ТЕРМИНЫ В СФЕРЕ ЭКОНОМИКИ И ТОРГОВЛИ

Авторы в статье привели неоспоримые аргументы использования в речи иноязычных слов, а именно арабских, в сфере экономики и бизнеса. Эти слова переведены на таджикский язык и прокомментированы. В этой статье описывается структура и значение цитируемых слов и способы их использования в речи. Важность изучения и

преподавания арабских экономических терминов в высших профессиональных учебных заведениях Республики Таджикистан неоспорима. Наряду с другими сферами общественной жизни, экономика также является одним из важных секторов, без которого невозможно жить и поддерживать жизнь. Поэтому в этой статье мы постарались объяснить арабское слово «экономика» в области экономики и коммерции, чтобы специалисты могли лучше понять значение слов и фраз. Из содержания статьи понятно, что большинство экономических и коммерческих терминов современного таджикского языка были переведены на арабский язык в его форме или в слегка измененной фонетической форме. В связи с этим изучение арабского языка в вузах республики, которые имеют отношение к экономике, имеет практическое значение. Авторы подчеркнули, что автор учебника кратко изложил суть арабской грамматики и привел конкретные примеры слов в отдельной форме и в контексте. Этот учебник может помочь экономистам, бизнесу, лингвистам. Тексты состоят из слов, которые часто используются в экономической и социальной жизни людей.

Ключевые слова: экономика, бизнес, торговля, импорт, экспорт, операция, финансы, банковское дело, управление, перевод, таможная, касса, депозит, гарантия.

FOREIGN ARABIC TERMEN IN THE FIELD OF ECONOMICS AND TRADE

The authors in the article gave indisputable arguments for the use of foreign words in speech, namely Arabic in the field of economics and business. These words are translated into Tajik and commented. This article describes the structure and meaning of quoted words and how to use them in speech. The importance in the study and teaching of the Arabic language, the use of economic terminology is relevant in higher professional educational institutions of the Republic of Tajikistan. Along with other spheres of public life, the economy is also one of the important sectors, without which it is impossible to live and maintain life. Therefore, we decided that in this article we can explain the Arabic word economics in economics and commerce so that experts can better understand the meaning of words in words. From the contents of the report it is clear that most of the economic and commercial terms of the modern Tajik language of the modern Tajik language have been translated into Arabic in its form or in a slightly modified form of the phonetic style. In this regard, the study of Arabic in universities of the republic, which has a tendency to the economy, is not far from practical and practical advantages. The authors emphasized that the reader briefly outlined the essence of the Arabic formulation of the Arabic language and reflected them in form and context. This textbook can help economists, business, linguists and linguists. It consists of words that are often used in the economic, social and social life of people.

Key words: Economy, business, trade, import, export, operation, finance, banking, management, transfer, transfer, customs, cash, deposit, guarantee.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Акрамов Файз Маҳрамович*** – Донишгоҳи давлатии тиҷоратиТоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба тарбия ва корҳои ташкилӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти 1/2. E-mail: **fayz_akramo @mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-44-41-10**
Гурезов Ҷамшед Нурмаҳмадович - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи забонҳо **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-93-53**

Сведения об авторах: ***Акрамов Файз Махрамович*** **–** Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, проректор по воспитательно - оргонизационной работе. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул Дехоти 1/2. тел: E-mail: **fayz_akramo @mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-44-41-10**
Гурезов Джамшед Нурмахмадович – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Дехоти 1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-93-53**

Information about the author: ***Akramov Fayz Mahramovich*** - Tajik State University of Commerce, candidate of philological sciences, vice rector for educational work. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str. 1/2. E-mail: **fayz_akramov @mail.ru.** Tel.: **(+992) 934-44-41-10**
Gurezov Jamshed Nurmahmadovich - Tajik State University of Commerce, candidate of philological sciences, senior teacher of Languages department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str.1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru**. Tel.: **(+992) 938-93-93-53**

УДК: 811.21/.22+811.441

ИМКОНОТИ КАЛИМАСОЗИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ БО ПАСВАНДИ -Ӣ / -ГӢ, -ВӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
(дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»)

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар бораи пасванди **-ӣ** ва шаклҳои он андешаҳои маҳаққиқон мухталифанд [ниг.: 7, с.55-58]. Ба андешаи муҳаққиқ Л.С. Пейсиков бунёди ин пасванд ба забони форсии миёна иртибот дорад [ниг.: 10]. Баъзе муҳаққиқон дар бораи мавҷуд будани ду пасванди **-ӣ** (**-ӣ**$_1$ ва **-ӣ**$_2$) дар забони тоҷикӣ (форсӣ) андеша баён кардаанд [ниг.: 9, с.214; 2, с.94-95; 19; 20]. Муҳаққиқи ӯзбек У.Ш. Яъқубов низ пасванди **-ӣ**-ро бо ду ном – یای نسبت(йои нисбат) ва یای مصدری (йои масдарӣ) зикр намудааст [ниг.: 21, с.10], вале забоншинос Ғ. Мирзоев дар забон мавҷуд будани пасвандҳои **-ӣ**$_1$ ва **-ӣ**$_2$-ро рад менамояд. Ба ақидаи ӯ ба хотири омехта накардани калимаҳое, ки бо ин пасвандҳо сохта мешаванд, *«ё онҳоро як чиз шуморидан лозим аст, ё ин ки масъалаи мазкурро амиқтар тадқиқ намудан лозим аст»* [6, с.184]. Муҳаққиқ С. Низомова низ муқобили ақидаи дар забон мавҷуд будани ду пасванди **-ӣ** буда, пасванди мазкурро муштараквазифа меҳисобад, ки *«дар калимасозии исм, сифат, зарф, сифати феълӣ ва калимаҳои мураккаби омехта фаровон истифода мегардад»* [ниг.: 8, с.67]. Муҳаққиқи дигар Т.А. Алескерова дар забони форсӣ мавҷуд будани чор пасванди **-ӣ** (ی$_1$, ی$_2$, ی$_3$, ва ی$_4$)-ро қайд менамояд. Ӯ ی$_1$-ро аз ҷиҳати баромад қадима номида, дар забонҳои ҳиндиву эронӣ асосан исми абстракт ва аҳёнан исми конкрет сохтани онро таъкид медорад. Ба ақидаи ин муҳаққиқ ی$_1$ дар забони форсии имрӯза ниҳоят сермаҳсул аст ва бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада вожаҳои абстрактмаъно месозад. Ба монанди: ***бузургӣ, дӯстӣ*** [ниг.: 1, с.27-28]. Т.А. Алескерова ی$_2$-ро хосси забони зиндаи гуфтугӯйии форсӣ меҳисобад, ки номи касбу кор месозад, ки баъзеи ин исмҳо ҳатто ба забони адабӣ ворид мешаванд. Ба монанди: ***ахтарӣ*** *(гайбгӯй)*, ***тилфунӣ*** *(алоқачии телефон)* [ниг.: 1, с.28]. ی$_3$-ро варианти фонетикии ی$_2$ меҳисобад, ки аз забони арабӣ ба форсӣ ворид гардидааст. Он шакли фонетикии пасванди ی- (иййун), وی- (авиййун) дониста шуда, танҳо бо калимаҳои иқтибосии арабӣ меояд. Ба монанди: ***луғавӣ, илмӣ*** [ниг.: 1, с.29]. Пасванди ی$_4$ аз ی$_2$ ибтидо гирифта, аз масдар сифати феълии замони оянда месозад. Ба монанди: ***хонданӣ, рафтанӣ, гуфтанӣ.*** Ба ақидаи Т.А. Алескерова ی$_4$ маҳсули ташаккули забони форсии имрӯза буда, дар осори забонҳои форсии қадим ва миёна ба назар намерасад [ниг.: 1, с.29]. Мо ба гуфтаҳои донишмандони зикршуда ҳаминро илова карданием, ки пасванди **-ӣ** унсури муштараки морфологии калимасоз ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони арабӣ мебошад, аммо, бар хилофи он ки ин пасванд дар забони тоҷикӣ дар калимасозии исм, сифат, зарф ва сифати феълӣ серистеъмол аст, дар забони арабӣ бештар сифати нисбӣ месозад [ниг.: 4, с.86-87; 5, с.91-93; 18, с.107-109; 15, с.86-88].

Дар асарҳои насрии Мавлоно Ҷомӣ пасванди **-ӣ** дар калимасозӣ аз иқтибосоти арабӣ назар ба дигар пасвандҳои калимасози тоҷикӣ сермаҳсулу серистеъмол аст. Он дар мавридҳои зерин истеъмол шудааст:

а) Аз исми шахси ***инсон*** сифати нисбии ***инсонӣ*** сохтааст:

*Асҳоби мо гоҳ-гоҳе аз сурати **инсонӣ** берун меоянд, аммо зуд ба он боз мегарданд* [17, с.614];

б) Аз исмҳои хосси ифодакунандаи номи одамон: *Муҳаммад* – ***муҳаммадӣ***, *Исроил* – ***исроилӣ***, *Имом Шофеъ* – ***шофе(ъ)ӣ***, *Имом Абӯҳанифа* – ***ҳанафӣ***:

*Рӯзе сухан мегуфт, ногоҳ чанд гом дар ҳаво бирафт ва гуфт: «Эй **исроилӣ**, биист ва каломи **муҳаммадӣ** бишнав!»* [17, с.643]; *Номи вай Ҳасан ибни Солеҳ ибни Ҳайрон аст. Фақеҳ буда, **шофе(ъ)ӣ** ҷамъ карда буд миёни фиқҳ вараъ* [17, с.278]; *Гуфт: «Бар миллати **ҳанафи**ён, камтар **ҳанафи**ям, аз уммати Муҳаммад, саллаллоҳу алайҳи вассалам»* [17, с.212].

Дар мисоли якум вожаҳои ***исроилӣ*** ва ***муҳаммадӣ*** сифатҳои нисбӣ мебошанд, ки ба вазифаи исми шахс омадаанд, яъне субстантиватсия шудаанд. Дар зери мафҳуми ***исроилӣ*** *«пайрави динӣ яҳудӣ»* ва зери мафҳуми ***муҳаммадӣ*** *«пайрави дини Ислом»* дар назар дошта шудааст. Ин ду вожа ба хотири муқобилгузории каломи нависанда ба кор бурда шудаанд. Илова бар ин, вожаи ***исроилӣ*** имрӯз ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони арабӣ ба маънои *«шахс ё ашёи мансуб ба давлати Исроил, сокини Исроил, яҳуд, исроилӣ, яҳудӣ»* кор фармуда мешавад [3, с.34; 13, с.558]. Вожаи ***шофе(ъ)ӣ*** аз исми амали феъли навъи якуми забони арабӣ – شَفَع, ки ба маънои *«ҳимоятгар, ҳомӣ, тарафгир, миёнрав»* [3, с.409],

«шафоаткунанда, дархостнамоянда, хоҳишгар» [12, с.598] меояд, сохта шуда, ҳамзамон номи асосгузори яке аз чаҳор мазҳаби Ислом имом Абӯабдуллоҳ Муҳаммад бинни Шофеӣ Идрис мебошад. Пайравони мазҳаб ва мактаби Имом Шофеиро ба таври мухтасар ***шофеӣ*** меноманд [ниг.: 12, с.598; 3, с.409], яъне мансуб ба мазҳаби Имом Шофеӣ. ***Ҳанафӣ*** ба маънои *«пайрави мазҳаб ва мактаби Имом Абӯҳанифа»* меояд. Дар мисолҳои боло бо пасванди **-ӣ** сохта шудани калимаҳо як роҳи мухтасару муъҷазбаёнист. Ба ҷойи *пайрави динӣ яҳудӣ* – ***исроилӣ,*** ба ҷойи *пайрави дини Ислом* – ***муҳаммадӣ,*** ба ҷойи *пайрави мазҳаби Имом Шофеъ* – ***шофеӣ,*** ба ҷойи *пайрави мазҳаби Имом Абӯҳанифа* – ***ҳанафӣ*** гуфтан ҳам каломро мухтасар ифода намуда, ҳам неруро сарфа мекунад.

в) Аз исми конкрети ифодакунандаи макон исми абстракти ифодакунандаи касб сохтааст: ***ҳаммомӣ***:

Ва чун аз ҳаммом берун омад, бист ҳазор дирам ба ***ҳаммомӣ*** *дод...* [16, с.445].

Дар мисоли боло пасванди **-ӣ** бо пасвандҳои **-чӣ, -бон** хусусияти муродифӣ зоҳир кардааст: ***ҳаммомӣ // ҳаммомчӣ, ҳаммомбон.*** Аммо бо пасванди **-чӣ** дар асарҳои насрии Ҷомӣ ягон калимаи сохта ба назар намерасад. Ин гувоҳи он аст, ки бо пасванди **-чӣ** сохтани калимаҳо дар забони тоҷикӣ дертар роиҷ гардидааст.

г) Аз исми конкрети ***сӯф***, ки ба маънои *«пашм, мӯйи гӯсфанд ва ғайра; матои пашмин»* [3, с.450; 12, с.281] меояд, сифати нисбии ***сӯфӣ*** сохтааст, ки он бештар бидуни исми муайяншаванда истеъмол гардида, ба вазифаи исми шахс кор фармуда мешавад:

*Вай гуфт: «****Сӯфӣ*** *аз мақомот ва аҳвол баргузаштааст, он ҳама зери қадами вай аст... »* [17, с.356].

Аҳёнан ин вожа ҳамчун сифати нисбӣ низ истеъмол мешавад:

Абӯҳошими ***сӯфӣ****... гуфтааст, ки кӯҳро ба нӯги сӯзан аз бех баркандан осонтар аст аз занги кибр аз дил бияфгандан* [16, с.335].

ғ) Аз исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва шуғли доимӣ, ки дар забони арабӣ бар вазни فَعَّالٌмеоянд [15, с.283], исми абстракт сохтааст, ки ба амалу фаъолият ва рафтору кирдори инсонҳо далолат мекунанд. Ба монанди: ***қассобӣ, саббоғӣ, ҳаҷҷомӣ:***

...писари қассобе буд, аз падар ***қассобӣ*** *омӯхта...* [17, с.374]; *бар вай гарон меомад, ки писараш ба суҳбати сӯфия мерафт ва тариқаи эшон меварзид ва аз* ***саббоғӣ*** *бозмемонд* [17, с.660]; *Агар қасди ин тариқ дорӣ, аввал бирав,* ***ҳаҷҷомӣ*** *биёмӯз...* [17, с.92].

Чунин исмҳои абстракт ҳамчун ҳиссаи маънодори феълҳои таркибии номӣ низ истеъмол шудаанд. Чунончи, дар мисолҳои зерин исмҳои абстракти ***ҳаммолӣ, наммомӣ, қавволӣ*** бо шаклҳои замони ҳозираю оянда ва замони ояндаи дури феъли ёвари ***кардан*** истеъмол гардида, барои маъно бахшидан ба ин феълҳои таркибии номӣ хизмат кардаанд:

...ва ман марди фақираму ***ҳаммолӣ мекунам*** [17, с.300]; *он кас, ки гирифт, боз нахоҳад дод ва он кас, ки гирифт боздид,* ***наммомӣ нахоҳад кард*** [16, с.364]; *Ва онҷунон буд, ки навҷавоне омада буд,* ***қавволӣ мекард*** [17, с.269].

д) Аз чунин исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва шуғли доимӣ, ки дар забони арабӣ бар вазни فَعَّالٌмеоянд, бо пасванди **-ӣ** сифати нисбӣ низ сохта шудааст. Ба монанди: ***амали банноӣ, дӯкони ҳаллоҷӣ, санъати саббоғӣ, номи ҳаҷҷомӣ:***

Ва гуфтаанд, вай дар рӯз ба амали ***банноӣ*** *машғул будӣ* [17, с.152]; *То рӯзе ба кӯе фурӯ шуд, дӯкони* ***ҳаллоҷӣ*** *дид, шогирди вай бар он нишаста* [17, с.278]; *Чун падараш он бидид, ҳайрон монд ва вайро ба сулуки роҳи сӯфия бозгузошт ва аз санъати* ***саббоғӣ*** *маъзур дошт* [17, с.660]; *Агар қасди ин тариқ дорӣ, аввал бирав,* ***ҳаҷҷомӣ*** *биёмӯз, то номи* ***ҳаҷҷомӣ*** *бар ту ниҳанд...* [17, с.92].

Чунон ки аз муқоисаи мисолҳои ду банди охир бармеояд, калимаҳои ***саббоғӣ*** ва ***ҳаҷҷомӣ*** ҳам ба вазифаи исми абстракт ва ҳам ба вазифаи сифати нисбӣ кор фармуда шудаанд. Дар мисолҳои *«...тариқаи эшон меварзид ва аз* ***саббоғӣ*** *боз мемонд»* [17, с.660] ва *«... аввал бирав,* ***ҳаҷҷомӣ*** *биёмӯз...»* [17, с.92], калимаҳои ***саббоғӣ*** ва ***наммомӣ*** исми абстракт мебошанд ва ба вазифаи пуркунанда истеъмол шудаанд. Дар мисолҳои *«...аз санъати* ***саббоғӣ*** *маъзур дошт»* [17, с.660] *«...номи* ***ҳаҷҷомӣ*** *бар ту ниҳанд... »* [17, с.92] ин ду калима сифати нисбӣ мебошанд ва ба вазифаи муайянкунанда омадаанд. Аз ин бармеояд, ки аксари исмҳои абстракт дар ибтидо сифати нисбӣ будаанд ва баъдан дар натиҷаи мухтасару мушаххасбаёнӣ субстантиватсия шуда, ба исм гузаштаанд. Ба монанди: ***амали наммомӣ / наммомӣ кардан, санъати саббоғӣ / аз саббоғӣ мондан, амали ҳаҷҷомӣ / ҳаҷҷомӣ омӯхтан.***

е) Аз исмҳои фоили феъли навъи якуми забони арабӣ *кофир, коҳил, зоҳир, ботин* бо пасванди **-ӣ** исми абстракти ***кофирӣ, коҳилӣ*** ва сифатҳои нисбии ***зоҳирӣ*** ва ***ботинӣ*** сохта шудааст:

Аз вай пурсиданд, ки аз мусалмонон кӣ ба ***кофирӣ*** *наздиктар?* [17, с.104]; *Ва агар касеро ҳоле ҳаст, ки ба дунё ва иморати он намепардозад, хуш вақти ӯ ва агар чунонки аз* ***коҳилӣ*** *тарки*

иморати замин кунад ва онро тарк ва зӯҳд ном ниҳад [17, с.546]; *Вай ба улуми* ***зоҳирӣ*** *ва* ***ботинӣ*** *ороста будааст* [17, с.513].

Дар мисоли охирин сифатҳои нисбии ***зоҳирӣ*** ва ***ботинӣ***, ки антоними луғавӣ мебошанд, бо мақсади муқобилгузорӣ ба кор бурда шудаанд.

ё) Аз исмҳои мафъули феълҳои навъи якум ва дуюми забони арабӣ – *машғул, муханнас, муҷаррад, мусаххар* исмҳои абстракти ***машғулӣ, муханнасӣ, муҷаррадӣ, мусаххарӣ*** сохта шудааст:

Ва ҳам вай гуфта, ки дур бош аз ***машғулӣ*** *ба халқ, ки имрӯз дар* ***машғулӣ*** *ба халқ суде намондааст* [17, с.165]; *...он дигар аст, ки чашм аз он пӯшидан мудоҳанат ва* ***муханнасӣ*** *бувад дар дин…* [17, с.173]; *Падари ман дар* ***муҷаррадӣ*** *вақте софӣ дошта буд ва фароғати дил дар зану фарзанд афтода буд ва он аз дасти вай бишуда* [17, с.432]; *Ҳокро дар ҳаракат ҷуз* ***мусаххарӣ*** *ва бечорагӣ нест дар дасти ҳаво...* [17, с.468].

Аз байни исмҳои абстракти номбаршуда вожаи ***машғулӣ*** бо феълҳои ёвари ***кардан*** ва ***намудан*** омада, феъли таркибии номӣ сохтааст:

Фалон кас ба такрори сабақи зикр, ки таълим гирифта буд, кам ***машғулӣ кард*** [17, с.484]; *Мегӯянд, ки Шайх Зайнуддин ба ҳалли вақоеъ ва таъбири маномот* ***машғулӣ менамоянд****...* [17, с.497].

ж) Аз исмҳои амал ё масдарҳои феъли навъи дуюм ва ҳаштуми забони арабӣ – *тасдиқ, таслим* ва *иҷтимоъ* сифатҳои нисбии ***тасдиқӣ*** ва ***таслимӣ*** ва исми абстракти ***иҷтимоӣ*** сохта шудааст:

Чун ӯро ба Қуръон ва суннат шиносӣ, ӯро ба ӯ бишнохта бошӣ, яъне шинохти ***тасдиқӣ*** *ва* ***таслимӣ*** [17, с.292]; *...аз* ***иҷтимоии*** *инҳо шеъри вайро ҳолате ҳосил омадааст...* [16, с.464].

з) Аз шаклҳои ҷамъи шикастаи исмҳои *қорӣ – қурро* ва *сурат – сувар* исми абстракти ***қурроӣ*** ва сифати нисбии ***суварӣ*** сохта шудааст:

Абдуллоҳи Харроз дар Макка буд, мегуфт: «Тариқаи мо футувват аст, на ***қурроӣ****»* [17, с.216]; *Абӯсаиди Харроз гуфт, ки маро дар ҳадосати синн ҷамоли* ***суварӣ*** *буд* [17, с.113].

и) Аз сифатҳои аслии *фузул* ва *зарур* исмҳои абстракти ***фузулӣ*** ва ***зарурӣ*** сохта шудааст:

Аз ***фузулӣ*** *бигурез ва он чӣ* ***зарури****ст, дар он овез* [16, с.350].

Бояд гуфт, ки сифати ***зарур*** ва исми маънии ***зарурӣ*** дар забони тоҷикӣ ҳазм гардидаанд, аммо калимаҳои ***фузул*** ва ***фузулӣ*** дар забони имрӯза дар истеъмол нестанд. Сифати ***фузул*** дар луғат чунин шарҳ дода шудааст: *«1. касе, ки ба корҳои дигарон бесабаб мудохила мекунад; забондароз, пургӯй, сафсатагӯй, лаққӣ; 2. гапҳои барзиёд, сафсата, гапҳои бемаънӣ; 3 зиёбталабӣ, орзу ва талабҳои барзиёд; 4. шахси номатлуб»* [12, с.442-443]. Исми маънии ***фузулӣ*** ба маънои *«1. сергапӣ, беҳуда мудохила кардан ба корҳои дигарон, забондарозӣ; 2. зиёдталаб, одаме, ки дар корҳо ва муносибатҳо аз ҳадди эътидол берун меравад»* [12, с.443] меояд. Дар мисоли боло нависанда исмҳои маънии ***фузулӣ*** ва ***зарури***ро, ки хусусияти антонимӣ доранд, ҳам бо мақсади муқобилгузорӣ ва ҳам бо мақсади таъмини оҳанги сухан ба кор бурдааст.

Ҳамчунин аз сифати аслии *ҳаром* бо пасванди ***-ӣ*** исми шахси ***ҳаромӣ*** сохта шудааст:

Баъд аз он шахсе дигар даромад ва гуфт: «Айюҳашшайх! Як хирвор гандум назри шайх карда будам, ***ҳаромиён*** *бурданд»* [17, с.697].

Вожаи ***ҳаромӣ*** дар забони арабӣ ба маънои *«дузд, роҳзан, горатгар, ягмогар, кисабур, торочгар, авбош»* [3, с.168] истеъмол мешавад. Дар забони адабиёти классикӣ низ ин вожа ба ҳамин маъно ба кор бурда мешуд [ниг.: 12, с.734]. Аммо дар забони имрӯза ин вожа тағйири маъно карда, бештар ба маънои *«фарзанде, ки аз падари гайриқонунӣ зоида шудааст»* [14, с.496] дар истеъмол мебошад. Дар мисоли овардаи мо низ вожаи ***ҳаромӣ*** ба маънои дар забони адабиёти классикӣ маъмулбудааш – *«дузд, роҳзан, горатгар»* ба кор бурда шудааст.

й) Нависанда бо ёрии пасванди ***-ӣ*** аз исмҳои абстракти *вичдон, орият, даъват, разоъ, ладун(н), самъ, ақл, нақл, гайб, абад, дин, яқин* сифатҳои нисбии ***виҷдонӣ, ориятӣ, разо(ъ)ӣ, ладуннӣ, даъватӣ, самъӣ, ақлӣ, нақлӣ, гайбӣ, абадӣ, динӣ, яқинӣ*** сохтааст.

Чӣ маърифат амре ***виҷдонӣ*** *аст ва тақрир аз он қосир* [17, с.25]; *То ҳаёти* ***ориятӣ*** *забонро ба таҳрик мадад мекунад, дар биёбони гурураш саробе менамояд...* [17, с.391-392]; *Бародарии эшон бародарии* ***разо(ъ)ӣ*** *аст, чи дар валодати сония аз як мавзеъ шир хӯрдаанд* [17, с.264]; *Дар вақти саҳар ҳазрати Ҳаққ, субҳонаҳу ва таоло, бар дили вай абвоби илми* ***ладуннӣ*** *бикшод...* [17, с.411]; *Рӯзе ҳазрати шайхро аз хонақоҳи шайх Абдуллоҳи Ансорӣ, раҳимаҳуллоҳу, ба* ***даъватӣ*** *мебурданд* [17, с.458]; *Ва ақлу қиёси худ мапазир, ки имон* ***самъӣ*** *аст, на* ***ақлӣ*** [17, с.292]; *...ба кутубхона даромад ва аз латоифи улуми* ***ақлӣ*** *ва* ***нақлӣ*** *маҷмӯае интихоб кард...* [17, с.535]; *Пайваста мутолааи гайб мекард, умури* ***гайбӣ*** *бар вай голиб омад* [17, с.319]; *Агар ба умри* ***абадӣ*** *дар нигоҳдошти ин нисбат саъй кунад, ҳанӯз ҳаққи ӯ гузорида нашавад* [17, с.507]; *...ба таҳсили улуми* ***динӣ*** *ва маорифи* ***яқинӣ*** *машғул шуд, то камоли вай ба ҷое расид...* [17, с.564].

Ба ҷуз сифатҳои нисбии ***разо(ъ)ӣ*** ва ***ладуннӣ*** дигар сифатҳои нисбии дар боло овардашуда имрӯз низ дар истеъмоланд. Сифати нисбии ***разо(ъ)ӣ*** ба маънои *«ҳамшир, ду бачаи аз пистони як модар ширмаканда»* [12, с.139] истеъмол мешавад: ***бародарии разо(ъ)ӣ*** – *бародарии ҳамшир, бародарии ширхора*. Вожаи ***лудуннӣ*** чунин маъно дорад: *«он чӣ аз гайри иштироки табиату зеҳн ва гайри кӯшиши гӯё аз тарафи Худо ато шудааст, худододӣ»* [11, с.590]. Пас ибораи илми ладуннӣ, ки хусусияти диниву ирфонӣ дорад, ба маънои *«илму дониши худододӣ, ки гӯё аз гайри таълими устод ва кӯшишу ҳаракати шахс аз гайб ҳосил шудааст»* [11, с.590] меояд.

к) Аз исмҳои ҷомеи ифодакунандаи шахси *аҷам* ва *маҷус* сифатҳои нисбии ***аҷамӣ*** ва ***маҷусӣ*** сохта шудааст. Исми ***аҷам*** дар забони арабӣ ба маънои умумии ҷомеи *«гайриарабҳо, мардумони гайриараб, хориҷиҳо, форсҳо, қавмҳои форсу тоҷикзабон»* [3, с.500; 11, с.123] истеъмол мегардад. Дар забони форсии тоҷикӣ бар замми маънои зикршуда, ба маънои исми танҳо *«мулк ва сарзамини форсу тоҷик»*-ро низ ифода менамояд [11, с.123]. Вожаи ***«аҷамӣ»*** дар насри нависанда ба ду вазифаи морфологӣ ба назар мерасад:

1) ҳамчун сифати нисбӣ: ***забони аҷамӣ***:

Ва ҳазрати шайх бар он бо забони ***аҷамӣ*** *суханони гариб ва маонии ладунӣ мефармуд, ки фаҳми он натавонистӣ кард...* [17, с.665].

2) ҳамчун исми ифодакунандаи шахс, яъне дар ин маврид исми муайяншаванда меафтад ва сифати нисбӣ субстантиватсия шуда исми шахсро ифода менамояд: ***марди аҷамӣ, шахси аҷамӣ // аҷамӣ:***

Гӯянд, ки дар мавсими ҳаҷ ***аҷамӣ*** *пеши вай омад, ки бароти ман бидеҳ, ки ҳаҷ гузоридаам...* [17, с.298].

Маҷус дар забони арабӣ исми ҷомеъ буда, ба маънои *«коҳинон, мугон, оташпарастон, соҳирон, гайбдонон, ҷодугарон»* [3, с.743] меояд. Ҳарчанд ин вожа дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои исми шумораи танҳо – *«офтобпараст, оташпараст, габр, зардуштӣ»* шарҳ ёфтааст [11, с.681], дар забони адабиёти классикии тоҷику форс низ ба маънои ҷомеъ ба кор шуда, гурӯҳи одамонро ифода мекард:

Ҷамъе ***маҷус*** *дар Ҳирот муқорини масҷид оташкада доштанд* ***(«Равзат-ус-сафо»)***; *Эшон мугонанд, яъне* ***маҷус****, ба порсӣ эшонро габрон гӯянд* ***(«Маҷмаъ-ул-ансоб »)*** [11, с.681].

Вожаи ***маҷусӣ*** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳамчун сифати нисбӣ *«мансуб ба маҷус»* шарҳ дода шудааст [11, с.681]. Дар луғати арабӣ ба русӣ ҳамчун шакли танҳои исми ҷомеи ***маҷус*** – *«оташпараст, соҳир, гайбдон, ҷодугар»* [11, с.681] маънидод гардидааст. Ин вожа ҳарчанд сифати нисбӣ аст *(марди* ***маҷусӣ****, шахси* ***маҷусӣ****)*, дар забони арабӣ бештар бидуни исми муайяншаванда ҳамчун исми шахс меояд. Дар насри Ҷомӣ низ ба маънои исми шахс корбаст гардидааст:

Рӯзе миёни Абуладён ва миёни ***маҷусӣ*** *сухане мегузашт* [17, с.295].

қ) Аз имҳои абстракти дорои хусусияти динии *Илоҳ, шайтон, лоҳут, носут* сифатҳои нисбии ***илоҳӣ, шайтонӣ, лоҳутӣ, носутӣ*** сохта шудааст:

Абвоби улуми ***илоҳӣ*** *ва маорифи раббонӣ бар вай кушода шуда буд* [17, с.711]; *Донист, ки он хоби* ***шайтонӣ*** *нест ва сабаб инкор аст, ки ба Шайх Абӯсаид дорад* [17, с.413]; *Раҳонидани мурғи* ***лоҳутӣ****, ки маҳбуси қафаси* ***носути****ст, бе таъсири ҷазбае, ки лозим аст, мақоми маҳбубиро, ки бозбаста ба мутобаат муставфӣ аст, муяссар нагардад* [17, с.507].

Дар ин ҷо мехостем, дар бораи сифатҳои нисбии ***лоҳутӣ*** ва ***носутӣ***, ки аз исмҳои ***лоҳут*** ва ***носут*** сохта шудаанд, истода гузарем. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи ***лоҳут*** *«худоӣ, илоҳӣ, улуҳият;* ***муқобили*** *носут»* шарҳ дода шудааст [11, с.608]. Дар луғати арабӣ ба русӣ ба маънои *«1. сиришти илоҳӣ, табиати илоҳӣ, улуҳият; 2. Худо, Худованд»* зикр гардидааст [3, с.709]. Маънои ***лоҳутӣ*** *«1. илоҳӣ, худоӣ; 2. фақеҳӣ, фиққӣ, теологӣ; 3. рӯҳӣ, маънавӣ, ботинӣ; 4. фақеҳ, донандаи илми илоҳиёт»* мебошад [3, с.709]. ***Носут*** ба маънои *«олами ҷисмонӣ, дунё, ин ҷаҳон, инсон, одамӣ;* ***муқобили лоҳут****»* [11, с.872], *«табиати инсонӣ, сиришти инсонӣ, одамият, банӣ одам, ҷинси одамӣ, одамон»* [3, с.778] омадааст. Пас, ***носутӣ*** ҳамчун сифати нисбӣ маънои *«ҳар чизи марбут ба олами ҷисмонӣ, ҳар чизи марбут ба дунё, чизи марбут ба табиату сиришти инсон, чизи марбут ба одамият»*-ро дорад. Ин ду калима антоним мебошанд ва дар забони адабиёти классикӣ барои муқобил гузоштани фикр истифода мешуданд. Дар мисоли боло низ ***лоҳутӣ*** ва ***носутӣ*** барои муқобилгузорӣ истифода шудаанд. Нависанда аз имконоти зидмаъноии ин калимаҳо истифода бурда ибораҳои маҷозии ***мурғи лоҳутӣ*** ва ***қафаси носутӣ*** офаридааст. ***Мурғи лоҳутӣ***, яъне ***мурғи илоҳӣ*** киноя аз *«рӯҳу ҷон»* мебошад. Дар зери ибораи маҷозии ***қафаси носутӣ*** нависанда *«ҷисми инсон»*-ро дар назар дорад.

л) Бо сифати аслии *ҷосус*, ки субстантиватсия шуда, ба вазифаи исми шахс ба кор бурда мешавад, омада, исми абстракти ***ҷосусӣ*** сохтааст, ки ба ҳамон амал машғул гардидани шахсро ифода менамояд:

*...савоб он аст, ки **ҷосусӣ** бар кор кунем, ки чун вақти қайлула хилват шавад ва чун пеши вай касе набошад, тане чанд дар хидмати ту биравем ва самое бунёд кунем ва ҳолате барорем ва дар он миён чизе бар вай занем* [17, с.419].

м) Аз зарфи замони *наҳор* исми абстракти ***наҳорӣ*** сохта шудааст:

Вай он аст, ки сӣ шабонарӯз дар Макка муҷовир буд, бар як наҳорӣ... [17, с.312].

н) Аз шумораи тартибии *аввал*, ки ба вазифаи сифати аслӣ ва зарф меояд, сифати нисбии ***аввалӣ*** сохта шудааст:

*Аз табақаи **аввалӣ** аст ва аз қудамои машоих* [17, с.65].

о) Бо исми муарраби *ҷавҳар* омада сифати нисбӣ сохтааст, ки ба ҳамон амал машғул гардидани шахсро ифода менамояд:

*...шахсе **ҷавҳарӣ** аз худ ҳикоят кард, ки миқдори хамир аз хонаи худ ба Фурн бурд, то нон пазанд...* [17, с.694].

Ин сифати нисбӣ субстантиватсия шуда, ба вазифаи исми шахс низ ба кор бурда шудааст:

*Чун бо ҳам мулоқот карданд, **ҷавҳарӣ** хотун ва фарзандонро бишнохт* [17, с.694].

п) Бо исми тасғир (исми ифодакунандаи хурдиву навозиш)-и ***туфайл***, ки маънои *«кӯдакча, кӯдакчаяк, кӯдакак»*-ро дорад, омада, сифати нисбии ***туфайлӣ***, сохтааст. Бо мурури замон ин сифати нисбӣ субстантиватсия шуда, исми шахсро ифода намудааст ва аз маънои аслии худ дур рафта, тобиши маънои манфӣ пайдо кардааст. Он дар луғат ба маънои *«меҳмони нохонда, касе, ки бехабар ба меҳмонии касе меравад; **маҷозан** муфтхӯр»* [12, с.380], *«муфтхӯрона, муфтхӯрӣ, резахӯр, резахӯр, туфайлихӯр, тегинхӯр»* [3, с.476] шарҳ дода шудааст. Дар насри нависанда низ исми шахсро ифода карда, ба маънои *«меҳмони нохонда, шахсе, ки бидуни даъват ба ягон ҷой меравад»* кор фармуда шудааст:

*Гуфтам: «Ё Раб! Ин мамлакате аст, ки **туфайли**ро гунҷоӣ дорад»* [17, с.114].

Чунон ки маълум аст, пасванди **-ӣ** дар забони тоҷикӣ вариантҳои **-гӣ, -вӣ** дорад. Бо варианти **-гӣ** аз исми *ҷумла,* калимаи ***ҷумлагӣ***, сохта шудааст, ки ба вазифаи ҷонишини таъйинӣ истеъмол гардидааст:

*Вай сахт муаззам аст ба наздики ман, чунонки **ҷумлагӣ** дилам шикори ӯст* [17, с.168].

Бо ин варианти **-гӣ** аз исми абстракти *наззора* исми шахси ***наззорагӣ*** сохта шудааст:

*Маро аз ин қавм гардон, ё аз **наззораги**ёни ин қавм гардон, ки қисми дигарро тоқат надорам* [17, с.736].

Дар мисоли боло пасванди **-гӣ** муродифи пасвандҳои **-чӣ** ва **-гар** мебошад. Муқоиса кунед: ***наззорагӣ / наззорачӣ, наззорагар.***

Аз сифати *сода* исми абстракти ***содагӣ*** сохта шудааст:

*Шайх саломати садру **соддаги**и вайро дид, донист, ки ёрон бо вай мазоҳ кардаанд...* [17, с.298].

Аз исми абстракти *масхара* исми абстракти дигар – ***масхарагӣ*** сохтааст, ки ба ҳамон амал машғул гардиданро ифода менамояд. Исми сохтаи ***масхарагӣ*** дар асарҳои нависанда ҳамагӣ як маротиба ҳамчун ҷузъи маънодори феъли таркибии номӣ истеъмол гардидааст:

*...пиёда дар бозорҳо мегашт ва мардум бо вай **масхарагӣ мекарданд** ва бар қафои вай силӣ мезаданд* [17, с.663].

Бо варианти **-вӣ** дар насри нависанда асосан аз рӯйи қоидаи калимасозии забони арабӣ аз исмҳои *набӣ* (نَبِيٌّ), *дунё* (دُنْيَا), *ухро* (أُخْرَى), *маъно* (مَعْنىً) сифатҳои нисбии ***набавӣ, дунявӣ, ухравӣ, маънавӣ*** сохта шудааст. Қоидаи сохта шудани ин сифатҳои нисбӣ ба чунин тариқ аст: агар исм бо анҷомаҳои ـِيٌّ*[ӣ],* ـَا*[о],* ـَى*[о],* ва ـً*[ан]* тамом шавад, ин анҷомаҳо партофта мешаванд ва ба ҷойи онҳо аввал ҳарфи *[вов]*و ва баъдан пасванди ـِيٌّ*[-ӣ]* меояд [ниг.: 5, с. 91-93]. Ба монанди: نَبِيٌّ*[набӣ]* → نَبَوِيّ *[набавӣ];* دُنْيَا*[дунё]* → دُنْيَوِيٌّ*[дунявӣ];* أُخْرَى*[ухро]* → أُخْرَوِيٌّ *[ухравӣ];* مَعْنىً *[маъно]* → مَعْنَوِيٌّ*[маънавӣ]:*

*Ва ӯ оинае шуда бошад, ки ҷуз авсоф ва ахлоқи **набавӣ** дар ӯ ҳеч набошад* [17, с.509]; *Шайхи моро назарае буд махсус, ки чун хостӣ, ки бар ҳоли касе иттилоъ ёфтӣ, назаре ба вай кардӣ ва аз аҳволи **ухравӣ** ва **дуняви**и вай хабар кардӣ* [17, с.677-678]; *Ва фазоилу камолоти **суварӣ** ва **маънави**и вай аз мусаннафоти вай зоҳир аст, чи арабӣ ва чи форсӣ* [17, с.513].

Чунонки аз мисолҳои боло дида мешавад, аз сифатҳои нисбии зикршуда ***ухравӣ*** ва ***дунявӣ*** ба маънои *«охиратӣ ва индунёӣ»*, ***суварӣ*** ва ***маънавӣ*** ба маънои *«зоҳирӣ ва ботинӣ, моддиву маънавӣ»* бо мақсади муқобилгузорӣ истеъмол гардидаанд.

Хулоса, дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ назар ба пасвандҳои дигар бо пасванди **-ӣ** аз иқтибосоти арабӣ калимаҳои бештар сохта шудааст. Сабаби ин шояд дар муштарак будани ин пасванд дар ҳар ду забон бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алескерова, Т.А. Словообразующие омоморяемы в персидском языке: авт. дис. ...канд. фил. наук / Т.А. Алескерова. – Баку, 1964. – 32 с.
2. Байзоев, А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома»-и Абӯалӣ Ибни Сино / А.Байзоев. – Душанбе: Андалеб Р, 2016. – 196 с.
3. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
4. Исаева, Ф.А. Грамматикаи мухтасари забони арабӣ / Ф.А. Исаева, Ҳ.Қ. Мӯминов. – Душанбе, 1972. – Қ. 1. – 134 с.
5. Ковалев А.А. Учебник арабского языка / А.А. Ковалев, Г.Ш. Шарбатов. – М., 1960. – 687 с.
6. Мирзоев, Г. Именное суффиксальное словообразование в современном таджикском языке: дис. ...канд. фил. наук / Г. Мирзоев. – Душанбе, 1987. – 202 с.
7. Низомова, С. Калимасозии сарфӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ / С. Низомова. – Душанбе, 2010. – 178 с.
8. Низомова, С.Ф. Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология / С.Ф. Низомова. – Душанбе – 2019. – 328 с.
9. Основа иранского языкознания. Новоиранские языки. – М., 1982. – 544 с.
10. Пейсиков, Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л.С. Пейсиков. – М.: Изд-во МГУ, 1973. – 210 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р.Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 946 с.
15. Халидов, Б.З. Учебник арабского языка / Б.З. Халидов. – Ташкент: Учитель, 1965. – 656 с.
16. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ. 7. 544 с.
17. Ҷомӣ, Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс: таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов / Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, 2013. – 866 с.
18. Шагаль В.Э. Учебник арабского языка / В.Э. Шагаль, М.Н. Меркин, Ф.С. Забиров. – М.: Военное издательство, 1983. – 784 с.
19. Шоев, Э. Суффиксальное словообразование относительных имен прилагательных в современном таджикском литературном языке (на материале суффикса -ӣ / -гӣ, -вӣ): дис. … канд. филол. наук / Э. Шоев. – Душанбе, 1983. – 201 с.
20. Шоев, Э. Суффиксальное словообразование относительных имен прилагательных и современном таджикском литературном языке (на примере суффикса -ӣ /-гӣ, -вӣ): авт. дисс. … канд. фил. наук / Э. Шоев. – Душанбе, 1984. – 20 с.
21. Якубов, У.Ш. Роль арабизмов в процессе словообразования персидского языка по модели «арабская основа» плюс «персидский аффикс»: авт. дисс. ...канд. фил. наук / У.Ш. Якубов. – Ташкент, 1994. – 24 с.

ИМКОНОТИ КАЛИМАСОЗИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ БО ПАСВАНДИ -Ӣ / -ГӢ, -ВӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

(дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»)

Дар мақолаи илмӣ дар бораи аз иқтибосоти арабӣ бо пасванди **-ӣ** ва вариантҳои он **(-гӣ, -вӣ)** сохта шудани калимаҳо дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» сухан меравад. Таъкид карда мешавад, ки баъзе муҳаққиқон дар забони тоҷикӣ мавҷуд будани ду, баъзеи дигар вуҷуд доштани чор пасванди **-ӣ**-ро қайд кардаанд, аммо баъзе муҳаққиқони дигар мухолифи дар забони тоҷикӣ вуҷуд доштани якчанд пасванди **-ӣ** буда, ин унсури морфологиро муштараквазифа меҳисобанд. Муаллиф дар такя ба андешаи муҳаққиқон таъкид медорад, ки пасванди **-ӣ** унсури муштараки морфологии калимасоз ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони арабӣ ба ҳисоб меравад, аммо, бар хилофи он ки ин пасванд дар забони тоҷикӣ дар калимасозии исм, сифат, зарф ва сифати феълӣ серистеъмол аст, дар забони арабӣ бештар сифати нисбӣ месозад. Таъкид карда мешавад, ки дар асарҳои насрии Мавлоно Ҷомӣ дар калимасозӣ аз иқтибосоти арабӣ пасванди **-ӣ** ва вариантҳои он **(-гӣ, -вӣ)** назар ба дигар пасвандҳои калимасози тоҷикӣ сермаҳсулу серистеъмол аст. Он, аз ҷумла, аз исмҳои шахс, исмҳои ифодакунандаи номи хосси одамон, аз исмҳои конкрет, аз исмҳои ифодакунандаи касбу кор ва шуғли доимӣ, ки дар забони арабӣ бар вазни فَعَّالٌмеоянд, аз исмҳои фоилу мафъули забони арабӣ, аз исмҳои амал ё масдарҳо, аз шакли ҷамъи шикастаи исмҳои арабӣ, аз сифатҳои аслӣ, аз зарфҳо ва ғайра сифатҳои нисбӣ ва исмҳои абстракт сохтааст. Аз асарҳои нависанда дар ҳар мавриди калимасозии пасванди **-ӣ** ва вариантҳои он **(-гӣ, -вӣ)** мисолҳои мувофиқ оварда мешавад. Дар охир муаллиф ба хулоса меояд, ки сабаби дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ бо пасванди **-ӣ** аз иқтибосоти арабӣ сохта шудани калимаҳои зиёд муштарак будани ин пасванд дар ҳар ду забон мебошад.

Калидвожаҳо: пасванд, муҳаққиқ, забон, забони зиндаи гуфтугӯйӣ, забони адабӣ, абстрактмаъно, варианти фонетикӣ, иқтибосоти арабӣ, вожа, сифати нисбӣ, исми абстракт.

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ С СУФФИКСАМИ -Ӣ / -ГӢ, -ВӢ В ПРОЗЕ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

(на примере «Нафахот-ул-унс» и «Бахористон»)

В научной статье речь идёт об образовании слов из арабских заимствований, суффикса **-ӣ** и его вариантов **(-гӣ, -вӣ)** в произведениях Абдурахмана Джами – «Нафахот-ул-унс» и «Бахористон». Подчеркивается, что некоторые исследователи таджикского языка отмечают наличие двух, иногда четырех вариантов суффикса **-ӣ**, однако некоторые

другие опровергают данный факт о существовании в таджикском языке нескольких суффиксов **-ӣ**, и данный морфологический элемент считают равнофункциональным. Автор, руководствуясь позицией исследователей, отмечает, что суффикс **-ӣ** является равным морфологическим словообразовательным элементом таджикского и арабского языков, однако, данный суффикс в таджикском языке широко употребляется в словообразовании существительных, прилагательных, наречий и причастий, но в арабском чаще образует относительные прилагательные. Подчеркивается, что в прозе Мавлоно Джами в словообразовании арабских заимствований продуктивно употребляются суффикс **-ӣ** и его варианты **(-гӣ, -вӣ),** нежели другие таджикские словообразовательные суффиксы. Он, в частности, из личных существительных, собственных имен существительных, конкретных существительных, существительных, выражающих профессию и постоянное занятие, которые в арабском языке выражаются в форме فَعَّال, из причастия действительного и страдательного залога арабского языка, имен действия или масдаров, формы множественного числа арабских существительных, качественных прилагательных, наречий и т.д. образовал относительные прилагательные и абстрактные существительные. Позиция автора относительно словообразования суффикса **-ӣ** и его вариантов **(-гӣ, -вӣ)** закрепляется соответствующими примерами из произведений писателя. В завершении автор приходит к выводу, что причина образования огромного количества слов с суффиксом **-ӣ** и арабских заимствований в прозе Абдурахмана Джами состоит в том, что данный суффикс равнофункционален в обоих языках.

Ключевые слова: суффикс, исследователь, язык, живой разговорный язык, литературный язык, абстрактное значение, фонетический вариант, арабские заимствования, слово, относительные прилагательные, абстрактные существительные.

WORD-FORMING OPPORTUNITIES OF ARABIC BORROWINGS WITH SUFFIXES -Ӣ / -ГӢ, -ВӢ IN PROSE OF ABDURAHMAN JAMI

(on the example of "Nafahot-ul-uns" and "Bahoriston")

In a scientific article, we are talking about the formation of words from Arabic borrowings, the suffix **-i** and its variants **(-gi, -vi)** in the works of Abdurahman Jami – "Nafahot-ul-uns" and "Bahoriston". It is emphasized that some scholars of the Tajik language note the presence of two, sometimes four, suffixes, but some others refute this fact that there are several suffixes in the Tajik language, and this morphological element is considered equally functional. The author, guided by the position of the researchers, notes that the suffix **-i** is an equal morphological word-forming element of the Tajik and Arabic languages, however, this suffix in the Tajik language is widely used as a gift for word formation of nouns, adjectives, adverbs and participles, but in Arabic more often forms relative adjectives. It is emphasized that in the prose of Mavlono Jomi in the word formation of Arabic borrowings the suffix **-i** and its variants **(-gi, -vi)** are productively used than other Tajik word-formation suffixes. It is, in particular, from personal nouns, proper nouns, specific nouns, nouns expressing the profession and permanent occupation, which are expressed in Arabic in the form, فَعَّال from the participle of the real and passive voice of the Arabic language, action nouns or infinitives, plural form Arabic nouns, quality adjectives, adverbs, etc. formed relative adjectives and abstract nouns. The position of the author regarding the word formation of the suffix **-i** and its variants **(-gi, -vi)** are fixed by relevant examples from the writer's works. In conclusion, the author concludes that the reason for the formation of a huge number of words with the suffix **-i** and Arabic borrowings in the prose of Abdurahman Jami is that this suffix is equally functional in both languages.

Key words: suffix, researcher, language, living spoken language, literary language, abstract meaning, phonetic variant, Arabic borrowings, word, relative adjectives, abstract nouns.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумъаев Меҳроб Одинаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-89-64-08**

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-89-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-89-64-08**

УДК: 491.550

ҲАРАКАТИ МАОРИФПАРВАРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА НИЗОМИ ДАСТУРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Додаров О.М.
Коллеҷи муҳандисӣ -техникии ноҳияи Нуробод, Тоҷикистон

Агар ба саҳифаҳои таърих нигарем, маълум мегардад, ки мардуми тоҷик дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият пешдаст буда, дар бунёди аксар улуми лисонию адаб саҳми назарраси худро гузоштаанд. Аз ин миён илми забоншиносии тоҷик дар байни улуми адабӣ ҷойгоҳи хосро ишғол менамояд. Зеро мутолиаи осори илмии ниёгон нишон медиҳад, ки донишмандони гузаштаи тоҷик, пеш аз ҳама, ба илми забоншиносӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Имрӯз, ки Истиқлолияти давлатӣ ба мо шароит фароҳам овардааст, мебояд афкори забоншиносии гузаштагони худро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, дар илму таълими муосир аз он истифода барем.

Таърихи афкори забоншиносии мардуми тоҷик монанди фалсафа, адабиёт, нақди адабӣ, ва санъату меъморияш решаҳои дурударози таърихӣ дорад. Гузаштагони тоҷикон ҳанӯз пеш аз истилои арабҳо дорои алифбо ва хатти худ буданд. Шарқшиноси машҳури рус В.В. Бартольд дар иртибот ба ин мавзӯъ чунин таъкид кардааст: "Хизмати суғдиҳо дар кори паҳн намудани алфавит… ба онҳо ҳуқуқ медиҳад, ки дар таърих аз ҷиҳати мавқеъ дар қатори финиқиҳо истанд" [2, с.32].

Ин далели он аст, ки афкори забоншиносии тоҷик то истилои арабҳо пайдо шудааст ва шояд бо роҳи баҳрабардорӣ аз таҷрибаи забоншиносии Юнону Ҳинд шакл гирифтааст.

Яке аз аввалин муҳаққиқони афкори забоншиносии тоҷик профессор Д. Ҳоҷаев роҷеъ ба пажӯҳиши масъалаи мавриди назар чунин ибрози назар кардааст: "Ҳарчанд, ки аз давраи қабл аз ислом барои равшан сохтани саҳифаҳои таърихи илми забоншиносии тоҷик маводи зарурӣ дастрас нест, аммо ба асоси рисолаю дастурҳои забони арабӣ, ки бинобар шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ, аксар муаллифонашон мардуми эронӣ, аз ҷумла тоҷикон буданд ва маълумоти хеле муътамаду муфассале, ки дар рисолаҳои фалсафӣ, арӯз, нақди адабӣ ва мусиқӣ дар аҳди ислом бо забони тоҷикӣ таълиф шудаанд, метавонем итминони комил дошта бошем, ки илми забоншиносии мо решаҳои таърихӣ доштааст" [6, с.4].

Дар воқеъ, мақому манзалати забони форсии тоҷикӣ чи пеш аз истилои арабҳо ва чи пас аз он дар манотиқи гуногуни Шарқ нишон медиҳад, ки ин забон дорои низоми дастурии қавӣ буда, тафтишу баррасии қонунҳои дастурии он аз мадди назари соҳибони ин забон, алалхусус донишмандонаш дур намондааст. Албатта, пас аз истилои арабҳо ин афкор зери таъсир ва нуфузи низоми дастури забони арабӣ монд, ҳарчанд ки тадвингарони низоми дастури забони арабӣ аксар донишмандони эронитабор буданд. Ва ин тақозои замон буд, чаро ки забони арабӣ ҳамчун забони миллати ҳукмрон афзалият дошту ҳамаи қуввахои илмӣ баҳри такмилу тадвини асосҳои дастури он сафарбар карда мешуд. Оҳиста-оҳиста нуфузи хилофат дар сарзаминҳое, ки аҳолиашон ғайри араб буданд, суст шудан гирифт ва ин мардумон имкон ёфтанд, ки илму фарҳанги худро ё аз нав эҳё созанд, ё тарҳрезӣ намоянд. Аз ҷумла, халқи тоҷик ҳам ба эҳёсозию заминагузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодию фарҳангиаш имконият пайдо кард. Ин имконият, махсусан, аз охирҳои асри IX ва ибтидои асри X бештар гардид ва чунон ки К.Е. Бендриков таъкид кардааст, баъди дар миёнаҳои асри X аз хилофати Бағдод ҷудо шудани вилоятҳои шарқии он вазъият тағйир ёфт. Забони адабии адабиёти халқҳои Осиёи Миёна, махсусан дар назм, ҳуқуқҳои гражданиро ба даст даровард [4, с.13].

Дар ҳамин замина оид ба бахшҳои гуногуни илм, аз ҷумла забоншиносӣ низ осори илмӣ пайдо шуданд, ки намунаи онро мо дар "Донишнома"-и Абӯалӣ ибни Сино дида метавонем.

Ин донишманди тавоно вобаста ба қонунҳои илми мантиқ як қатор мавзӯъҳои марбути забоншиносиро ҳам шарҳ додааст, ки аз диди забоншиносии муосир ҷолиби таваҷҷуҳанд. Зиёда аз ин, оид ба илми савтиёт рисолаеро ҳам бо номи "Махориҷ-ул-ҳуруф" таълиф кардааст. Ин анъана, яъне дар заминаи илмҳои фалсафа, арӯз, бадеъ, мусиқӣ шарҳ додани қавонини дастури забони форсии тоҷикӣ то нимаи аввали асри XX идома меёбад.

Танҳо дар охирҳои асри XIX бо таъсири ҳаракати маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳӣ дар соҳаи таълим дар афкори забоншиносии тоҷик, алалхусус низоми дастури забони тоҷикӣ низ тағйирот ба амал омад. Ин тағйирот одатан аз тариқи таълифи китобу дастурҳои таълимӣ аз забони тоҷикӣ пайдо мешавад.

Ба назари мо, нахустин иқдом дар ин ҷода аз тарафи донишманди шаҳири ҳиндустонӣ Воҷидалии Муҳмалӣ гузошта шудааст. Ин донишманди тавоно усули таълими мадориси форсизабонони Ҳиндустон, муҳтавои маводи таълимиро дар онҳо мушоҳида карда, тағйироту таҳдиди назарро ҳам дар усули таълим ва ҳам барномаи таълимии онҳо ногузир мешуморад.Вай мушоҳидаю андешаҳояшро дар ин бобат чунин баён кардааст: "… Ногоҳ аз файзони он бедорфайз ба хотирам гузашт, ки чун дастури таълимии мубтадиён, ки ба дабистонҳои форсӣ мустамир аст, рӯ ба камоли забунӣ дорад, яъне мутааллимон солҳои дароз ба хондани баъзе аз иншоҳо ва кутуби қисаси ишқангез ва ғайра, ки мубтадиёнро аз он эҳтироз мебояд, умри азиз талаф ва ройгон мекунанд ва дар ҳақиқат, аз саводи улум бебаҳра мебошанд. Агар ҷиҳати рафъи ин харобиҳои таълими мубтадиён ва тасҳилу осонии толибон ва шоиқон нусхае тартиб бояд, ки онро ду дафтар бошад: ба дафтари аввал хулосаи улум ва ба дафтари дуввум баёни фунун ба ҳолати таҳрир дарояд, мутааллимонро ба андак фурсат ва замонаи қалил бар ҳақоиқи ҷузъияи ҷамеи улум ва фунун ба тариқи иҷмол хибрат ва огоҳӣ метавонад шуд" [13, с.5].

Барои адои ин матлаб Воҷидалии Муҳмалӣ китоби боарзише бо исми "Матлаъ-ул-улум ва маҳмаъ-ул-фунун" таълиф менамояд, ки дар рушди донишҳои дастури забони форсии тоҷикӣ ва таълими босамари асосҳои дастури забон нақши муҳим гузоштааст.

Китоби "Матлаъ-ул-улум ва маҳмаъ-ул-фунун" соли 1267 (мутобиқ ба соли 1889-и мелодӣ) дар матбааи Навилкушури Ҳиндустон ба табъ расидааст. Андешаҳои муаллифи ин китоб Воҷидалии Муҳмалӣ дар боби забоншиносии форсии тоҷикӣ аз нигоҳи илми забоншиносии муосири тоҷик арзиши баланд ва моҳияти навҷӯӣ доранд, мо лозим донистем, ки дар бораи муаллиф ва сохтору муҳтавои ин китоб андаке таваққуф намоем.

Чунон ки аз шарҳи ҳоли муаллиф бармеояд, волиди бузургвораш ба таълиму тарбияи ӯ таваҷҷуҳи зиёде зоҳир карда, ба ӯ таълими ахлоқи ҳамида дода, ба баракати ҷаҳду саъйи онҳо дар синни 12-солагӣ сайри аксаре аз китобҳои дарсии форсӣ мисли "Гулистон", "Ахлоқи муҳсинӣ", "Калила ва Димна", "Маъдан-ул-ҷавоҳир", "Абвоб-ул-ҷинон" ва баъзе насрҳои муфид, мисли "Се насри Зуҳурӣ", "Туғро", баъзе маснавиҳо ва девонҳо, ки ба ҷиҳати кушоиши зеҳни мубтадиён (навомӯзон) кофист, мисли "Бӯстон", "Юсуф ва Зулайхо", "Искандарнома", девони Осафӣ, девони Заҳирро аз бар карда, ба қавли худаш, саводи бинавиштхонди форсӣ ҳосил менамояд ва дар улуми сарф ва наҳв низ чанд кутуб дар сина аз бар кардааст. Пас аз ин, барои фаро гирифтани улуми дигар аз синни 15-16 солагӣ ба шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон сафар мекунад. Натиҷаи ин мутолиаву сафарҳо ва таълим аз уламои давр таълифи ин китоби доиратулмаориф – "Матлаъ-ул-улум ва маҳмаъ-ул-фунун" мешавад. Ин китоб барои ҳамаи илмҳо фоидаовар буда, роҷеъ ба улуму фунуни гуногун як навъ маълумоти муқаддимотӣ медиҳад. Азбаски мавриди назари мо аз муаррифии ин асари волоарзиш таъкиди арзиши забоншиносии он мебошад, мехоҳем оид ба ин матлаб чанд нуктаро таъкид бикунем:Нуқтаи аввал ин аст, ки аксар қайду тавзеҳоти Воҷидалии Муҳмалӣ оид ба илми забоншиносӣ, хусусан асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ, дар "Эҳсоъ-ул-улум"-и Абӯнасри Форобӣ, "Донишнома"-и Абӯалӣ Сино, "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн"-и Носири Хусрав, "Асос-ул-иқтибос"-у "Меъёр-ул-ашъор"-и Насируддини Тусӣ, "Ал-муъҷам"-и Шамси Қайси Розӣ, "Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ил-уюн"-и Маҳмуди Омулӣ, "Бадоеъ-ус-саноеъ"-и Атоулло Ҳусайнӣ, "Фавоиди Зиёия"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, "Чаҳор гулзор"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, фарҳангномаҳои тафсирии гуногун ба чашм мерасанд. Тафовут дар ин аст, ки тавзеҳоти Воҷидалии Муҳмалӣ содаю мушаххас буда, мантиқан идомаи афкори донишмандони гузаштаи тоҷик мебошад.

Нуқтаи дуюм ин аст, ки боби якум ва нуҳуми китоби "Матлаъ-ул-улум ва маҳмаъ-ул-фунун" бевосита ба шарҳу баёни масоили забоншиносӣ, махсусан асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ, бахшида шудаанд.

Нуқтаи сеюм ин аст, ки аз нигоҳи илми забоншиносии муосир бисёр мавзӯоте, ки муаллиф дар бахши илми наҳв шарҳ додааст, ба бахши илми сарф (морфология) мансубанд. Ин гувоҳи он аст, ки Воҷидалии Муҳмалӣ аз афкори забоншиносии асримиёнагии донишмандони форсу тоҷик бештар огоҳӣ дошта, ба онҳо такя кардааст. Дар низоми улуми филологии асримиёнагии форсу тоҷик бошад, феълан ба низоми дастури забони арабӣ такя мекарданд. Масалан, фасли дуюми боби нуҳуми "Матлаъ-ул-улум ва маҳмаъ-ул-фунун" "Дар баёни қавоиди наҳви форсӣ" ном дошта, бо шарҳи гурӯҳбандии калимаҳо ба ҳиссаҳои нутқ шурӯъ мешавад, ки аз нигоҳи забоншиносии муосир ин мавзӯи баҳси илми сарф (морфология) мебошад. Чунончи "Бидон, ки калимоти форсӣ ба се қисм аст: исму феълу ҳарф. Исм он аст, ки маънии мустақил дорад ва замона аз ӯ мафҳум нашавад, чун аспу гову филу хар ало ҳозалқиёс (ба ҳамин монанд) ва осмон, ҷамеи махлуқот, малоик, кавокиб,

буруҷ, наботот, ҷамодот, мевачот. Ва феъл он аст, ки ба маънии яке аз азминаи салоса, ки мозӣ (замони гузашта) ва мустақбал (оянда) ва ҳол аст, мафҳум шавад, чун "гуфт" – феъли мозӣ ва "хоҳад гуфт" – феъли мустақбал ва "мегӯяд" – феъли ҳол. Ва ҳарф он аст, ки на маънии мустақил дорад ва на замона аз ӯ мафҳум шавад ва бе шумули лафзи дигар фоидаи маънӣ надиҳад, чун "вов"-и атф ва "ё"-и ваҳдат ва ғайра. Ва ҳарф ба ду қисм аст: яке муфрад чунончи гузашт, дуюм мураккаб, чун "дар", "бар", "аз", "ро" ва амсоли он ва ин ҳуруф низ бе инзоми (бе иловаи) калимаи дигар ифодаи маънӣ надиҳад" [13, с.137].

Воҷидалии Муҷмалӣ дар низоми таълими мадрасаҳо омӯхтану донистани муҳимтарин мавзӯоти асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ, аз ҷумла, категорияҳои грамматикӣ, вожасозӣ, ибораороию ҷумлабандиро зарур медонад. Албатта, ин назару биниши Воҷидалии Муҷмалӣ ва ӯ барин ашхоси донишманду фозил ба афкори забоншиносии замонааш бетаъсир намондааст. Баъзе аз уламою мударрисҳои бедорфикру миллатдӯст барои таълими асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ кӯшишҳо кардаанд. Вале ин кӯшишҳо дар усули таълими мадрасаҳо тағйироти ҷиддӣ ворид сохта натавонист. Оҳиста-оҳиста ин кӯшишҳо ба пайдо шудани ҳаракати маорифпарварӣ сабаб гардиданд.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар сарзамини Осиёи Миёна ҳаракати маорифпарварӣ пайдо гашт, ки намояндагонашон, пеш аз ҳама, ба ислоҳоти соҳаи таълим пардохтанд. Ба ин мақсад онҳо барои такмилу таҷдиди назар шудани барномаҳои таълимии мадрасаҳо, усули таълим ва мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ андешаҳояшонро иброз дошта, худашон бевосита ба таълиму тадрис машғул шуда, китобҳои дарсии нав таълиф намуданд.

Па аз он ки Осиёи Миёна ба Россия ҳамроҳ шуд, бо таъсири афкору маданияти рус ва ҷараёни маорифпарварӣ мактабҳои типи русӣ ва мактабҳои усули нав пайдо мешаванд. Дар ҷаҳонбинию шуури мардуми тоҷик дигаргунӣ ба вуҷуд меояд, дар соҳаи забони модарӣ, яъне тоҷикӣ, ба роҳ мондани таълим ва пайдо шудани назару афкори нави забоншиносӣ замина фароҳам меояд. Кӯшиш карда мешавад, ки дар асоси таҷрибаи забоншиносии рус меъёрҳои асосҳои дастури забони тоҷикӣ барои зинаҳои гуногуни омӯзиш ва синну соли мухталифи кишварҳои ҷомеаи тоҷикон навишта шавад. Натиҷаи ҳамин кӯшишҳо буд, ки соли 1832 бо диду усули нав бо унвони "Грамматикаи мухтасари забони форсӣ" (мураттиб Аббосқулӣ ибни Мирзомуҳаммад Холиқ Боқихонов) нашр мешавад. Соли 1875 М.А. Терентьев китоберо бо номи "Грамматикаи туркӣ, форсӣ, қирғизӣ ва узбекӣ" ба нашр мерасонад. Пас аз нуҳ сол, яъне соли 1884, Мирзо Ҷаъфар китоби "Сарф ва наҳви форсӣ ба русӣ"-ро менависад. Солҳои 1888-1900 И.П. Наливкин ду китоб: яъне бо исми "Руско-персидский словарь", дигаре "Руководство к практическому изучению персидского языка" нашр менамояд.

Ин китобҳо, ҳарчанд ки барои хонандагони синфҳои махсуси донишкадаю донишгоҳҳои забонҳои шарқи ҳамон солҳо тартиб дода шуда буданд ва баъзе чиновникҳои русе, ки дар Осиёи Миёна ба мардуми маҳаллӣ сару кор доштанд, аз ин китобҳо истифода мекарданд, вале дар шаклгирӣ ва рушди минбаъдаи афкори забоншиносии давраи нав ва навиштани китобҳои дарсии нисбатан мукаммал аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ заминае гардиданд.

Тазаккур додан ба маврид аст, ки дар низоми таълими мадрасаҳои Осиёи Миёна омӯзиши грамматика мавқеи асосӣ дошт. Танҳо иллат ин буд, ки он, асосан, фарогири асосҳои дастури забони арабӣ буд. Бинобар маълумоти устод Айнӣ, ки дар "Ёддоштҳо" нақл мекунад, барномаи таълимии мадрасаҳои Бухоро то Инқилоби Октябр ба ин тариқ будааст:

1. "Бидон". – Дар ин китоб сарфу наҳви арабӣ ба забони форсии тоҷикӣ ба таври сода шарҳ дода шудааст ва ин китоб чунин шурӯъ мешавад: "Бидон асъадакаллоҳу фиддорайн, ки калимоти араб бар се қисм аст: исм ва феъл ва ҳарф. Исм ҳамчун рачул (мард), феъл ҳамчун зараба (задан), ҳарф ҳамчун "мин" ва "ан".

2. "Аввали илм". – Дар ин китоб заруриёти динӣ ба тарзи саволу ҷавоб оварда шудааст. Чунончи: "Агар шахсе гӯяд, ки аввали илм кадом аст? Ҷавоб бигӯ, ки аввали илм шинохтани Аллоҳ Таъоло ва охири илм гузоштани ҳамаи амрҳост ба сӯйи Аллоҳ Таъоло".

3. "Муиззӣ". – Ин китоб оид ба тасрифи феълҳои забони арабӣ ва тағйири калимот баҳс мекунад.

4. "Авомил". – Дар ин китоб дар бораи омилҳое баҳс меравад, ки онҳо аз ду бахш иборатанд: яке лафзӣ, дигаре маънавӣ. Ин омилҳо дар маҷмӯъ 100-тоанд. Ин омилҳо ба калимаҳои баъдомадаи худ таъсир мерасонанд. Ин китоб ҳам роҷеъ ба қавоиди наҳвӣ арабӣ таълиф шудааст. Муаллифи он Абдулқоҳир ибни Абдурраҳмони Ҷурҷонӣ мебошад.

5. "Кофия". – Ин китоб низ дар бораи сарфу наҳви арабӣ бо шеваи хосси худ таълиф гардидааст. Номи пурраи ин китоб – "Алкофия фин-наҳв" буда, муаллифи он донишманди араб Ибни Ҳоҷиб мебошад, ки онро соли 1249 навиштааст.

6. "Шарҳи Мулло". – Ин асари мутафаккири асри XV Абдурраҳмони Ҷомӣ буда, номи дигараш "Фавоиди Зиёия" мебошад, ки дар маҷмӯъ 53 мавзӯи сарфу наҳви арабиро шарҳ медиҳад.

7. "Шамсия". – Ин асар оид ба илми мантиқ баҳс мекунад.

Тавре ки мебинем, дар низоми таълими мадрасагӣ мавқеи грамматика (сарфу наҳв) хеле муҳимму густарда будааст.

Дар ҷараёни омӯхтани қисмати грамматика агарчи меъёрҳои забони форсии тоҷикӣ омӯхта нашавад ҳам, шарҳу маънидоди меъёрҳои грамматикаи забони арабӣ барои инкишофу рушди меъёрҳои грамматикӣ (асосҳои дастури забони тоҷикӣ) ин асарҳо нақши муҳим доштанд. Ин ҳолат минбаъд барои пайдо шудани як силсила луғатҳои тафсирӣ ва дастурҳои забони форсии тоҷикӣ заминаи боэътимод гардидааст.

Барномаи таълимии дарсҳои мадрасаҳои Осиёи Миёна нишон медиҳад, ки нисбат ба дигар фанҳо мақоми илмҳои филологӣ, алалхусус улуми лисонӣ, хеле калон аст. Дар ҷараёни таълими аксар илмҳои дигар низ ба масъалаҳои забон ва забоншиносӣ бевосита ё бавосита дахл карда мешавад. Масалан, дар зинаҳои минбаъдаи таълим чунин китобҳо ё фанҳо омӯхта мешавад, ки ба илми забоншиносӣ, махсусан калом, иртиботи бештар доранд:

1. "Аҳаммияти Қутбӣ". – Ин китоб шарҳи китоби "Шамсия" буда, масъалаҳои мантиқу каломро дар бар мегирад.

2. "Ақоиди Насафӣ". – Ин китобест, ки ба илми калом бахшида шудааст ва таълифи Алломаи Тафтозонӣ мебошад.

3. "Таҳзиб". – Ин асар доир ба илми мантиқ ва калом аст.

4. "Ҳикмат-ул-айн" – Асарест оид ба ҳикмати табиӣ ва Илоҳӣ.

5. "Мулло Ҷалол". – Ин асарест доир ба илми калом.

То солҳои 90-уми асри XX дар адабиёти илмии забоншиносии тоҷик ақидае мавҷуд буд, ки гӯё дар ҷараёни таълими мадрасаҳои тоинқилобӣ забони тоҷикӣ мавқеъ надошт ва забони тоҷикӣ умуман таҳқиқ ҳам намешуд. Ба тарзи дигар гӯем, афкори забоншиносии тоҷикро нодида мегирифтанд, ҳол он ки дар тамоми ҷараёни таълими мадрасагӣ забони тоҷикӣ саҳми муҳим дошт. Дар иртибот ба ин масъала Қ. Рустамов дуруст изҳори андеша кардааст: "Чунин ақидаи нодуруст дар адабиётҳои илмӣ-методӣ (педагогика) аз он ҷиҳат ба амал омадааст, ки таҳқиқотчиён дар муайян кардани забони модарӣ дар мактаб ва мадрасаҳои куҳна нисбат ба забонҳои халқҳои бародаре, ки дар ин ҷо зиндагӣ ва маскан доштанд, муносибат ва рафтори якхела мекунанд, дар натиҷа оид ба мавқеи забони тоҷикӣ ҳам дар протсесси таълими мактаб ва мадрасаҳо хулосаи манфӣ бароварда шудааст, ки гӯё дар онҳо забони тоҷикӣ ҳеҷ гуна роле намебозидааст ва ба мавқеи он аҳаммият ҳам дода нашуда бошад" [11, с.129].

Дар воқеъ, забони форсии тоҷикӣ дар паҳлуи забони арабӣ дар ҷараёни таълими мадрасаҳо мақоми муҳим дошт ва дар ин замина афкори забоншиносии тоҷикӣ низ рушду инкишоф меёфт. Ин афкор дар мазмуну муҳтавои китобҳои дарсие, ки барои мактабҳои усули нав ва шаклгирии афкори забоншиносии давраи нави тоҷикӣ таълиф шудаанд, саҳми аввалин китобҳои дарсии мактабҳои маҳаллӣ хеле назаррас аст.

Ҳамин тариқ, дар мавқеи устувор пайдо кардани забони тоҷикӣ, қоидаҳои грамматикии он дар таълими мактабҳои усули нав ва шаклгирии афкори забоншиносии давраи нави тоҷикӣ саҳми аввалин китобҳои дарсии мактабҳои маҳаллӣ хеле назаррас аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода, С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С. Ализода. – Душанбе, 2006. - 79 с.
2. Бартолд, В.В. К вопросу об языках Согдийском и тохарском. Очерк из Ирана / В.В. Бартолд. - 1926. - Т. 1. - 391 с.
3. Бертельс Е.А. Грамматика персидского языка / Е.А.Бертельс. – Ленинград: Институт восточных языков им. А.С. Енукидзе, 1926. - 127 с.
4. Бендриков К.Е. Очерки по истории народного образования в Туркестане / К.Е. Бендриков. – М., 1960.
5. Беленитский, А.М. Наҳви забони тоҷикӣ. Барои синфҳои 6 – 7. Қисми дуюм / А.М. Беленитский, Б. Ҳоҷизода. – Душанбе, 2010. – 140 с.
6. Давлатбеки Хоҷа. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна. – Душанбе, 1998.
7. Джалолова, Ф.А. Языковедческие воззрения в «Гияс – ал – луготе» Мухаммад Гиясуддини Ромпури: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.22 / Ф.А. Джалолова. – Худжанд, 2011. – 23 с.
8. Наливкин, В.П. Руководство к практическому изучению персидского языка / В.П. Наливкин. – Самарқанд, 1900. – 346 с.
9. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007. – 718 с.
10. Зеҳнӣ ва Бақозода. Сарфи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2010. – 153 с.
11. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб / Қ.Рустамов. – Душанбе, 2001.

12. Терентьев М.А. Грамматики турецкая, персидская, киргизская и узбекская. Кника 1 / М.А. Терентьев. - СПб: Типография Императорской Академии Наук, 1875. – 209 с.

13. واجد علي مجملي. مطلع العلوم و مجمع الفنون. نول كشور، **1320** هـ. **–442** ص.

ҲАРАКАТИ МАОРИФПАРВАРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА НИЗОМИ ДАСТУРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола муаллиф таъсири ҳаракати маорифпарвариро дар таълифи китобу дастурҳои таълимӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ нишон додааст. Ба назари муаллифи мақола нахустин иқдом дар ин ҷода аз тарафи донишманди шаҳири ҳиндустонӣ Воҷидалии Муҷмалӣ гузошта шудааст. Ин донишманди тавоно ҳанӯз дар охирҳои асри Х1Х тағйиру таҷдиди назарро ҳам дар усули таълим ва ҳам барномаи таълимии мадрасаҳои форсихонон ногузир мешуморад. Мувофиқи таҳқиқи муаллифи мақола ин андешаҳои Воҷидалии Муҷмалӣ дар муқаддимаи китоби ӯ «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» таъкид шудааст. Дар мақола ҳамчунин хизмати як идда олимону донишмандони рус низ зикр гардидааст. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки дар воқеъ, забони форсии тоҷикӣ дар паҳлуи забони арабӣ дар ҷараёни таълими мадрасаҳо мақоми муҳим дошт ва дар ин замина афкори забоншиносии тоҷикӣ низ рушду инкишоф меёфт. Саҳми аввалин китобҳои дарсии мактабҳои маҳаллӣ дар рушди афкор ва мазмуну муҳтавои китобҳои дарсие, ки барои мактабҳои усули нав ва шаклгирии афкори забоншиносии даврои нави тоҷикӣ таълиф шудаанд, хеле назаррас аст. Ҳамин тариқ, дар мавқеи устувор пайдо кардани забони тоҷикӣ, қоидаҳои грамматикии он дар таълими мактабҳои усули нав ва шаклгирии афкори забоншиносии даврои нави тоҷикӣ саҳми аввалин китобҳои дарсии мактабҳои маҳаллӣ хеле назаррас аст.

Калидвожаҳо: ҳаракати маорифпарварӣ, асосҳои дастури забони тоҷикӣ, таълифи китобу дастурҳои таълимӣ, Воҷидалии Муҷмалӣ, забони форсии тоҷикӣ, забони арабӣ, ҷараёни таълими мадрасаҳо.

ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОЕ ДВИЖЕНИЕ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА СИСТЕМУ ПРАВИЛ НАПИСАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье автор показал влияние просветительского движения в составлении книг и учебных пособий из основ правил написания в таджикском языке. По мнению автора, свой вклад в это дело первым внес индийский ученый Воджидали Муджмали. Этот великий ученый еще в конце Х1Х века считал необходимым внесение изменений и дополнений в методы обучения и учебные пограммы персидских медресе. По мнению автора статьи, эти рассуждения Воджидали Муджмали подчёркнуты в предисловии его книги «Матлаъ-ул-улум и маджмаъ-ул-фунун. В статье также отмечен вклад ряда российских ученых в данное начинание. Автор также отмечает, что действительно персидско-таджикский язык наравне с арабским языком в процессе преподавания в медресе имел важное значение и на этой основе развивались передовые мысли таджикского языкознания. Вклад первых учебников местных школ очень заметна в формировании передовой мысли и в содержании и значении учебников, которые составлены для новометодных школ и формирования языковедческой мысли нового периода в жизни таджикского народа. Таким образом, можно констатировать тот факт, что в деле завоевания прочной позиции таджикского языка, его грамматических правил в учебном процессе новометодных школ и формирования передовой языковедческой мысли нового периода в жизни таджикского народа очень заметна роль первых учебников местных школ.

Ключевые слова: просветительское движение, основы правил написания в таджикском языке, составление учебников и учебных пособий, Воджидали Муджмали, персидско-таджикский язык, арабский язык, учебный процесс в медресе.

THE EDUCATIONAL MOVEMENT AND ITS IMPACT ON THE WRITING RULES SYSTEM IN TAJIK LANGUAGE

In the article, the author showed the influence of the educational movement in the compilation of books and teaching aids from the basics of the rules of writing in the Tajik language. According to the author, the Indian scientist Vojidali Mujmali was the first to make his contribution to this matter. At the end of the 19th century, this great scientist considered it necessary to make changes and additions to the teaching methods and educational programs of the Persian madrasahs. According to the author of the article, these arguments of Vodjidali Mujmali are emphasized in the preface of his book “Matla-ul-ulum and majma-ul-funun. The article also notes the contribution of a number of Russian scientists to this endeavor. The author also notes that the really Persian-Tajik language, along with the Arabic language, was of great importance in the process of teaching in madrasah, and on this basis the advanced ideas of Tajik linguistics were developed. The contribution of the first textbooks of local schools is very noticeable in the formation of advanced thought and in the content and meaning of textbooks that were compiled for new method schools and the formation of linguistic thought of a new period in the life of the Tajik people. Thus, we can state the fact that the role of the first textbooks of local schools is very noticeable in gaining a solid position of the Tajik language, its grammatical rules in the educational process of new method schools and the formation of advanced linguistic thought of a new period in the life of the Tajik people.

Key words: educational movement, basics of writing rules in the Tajik language, compilation of textbooks and teaching aids, Vojidali Mujmali, Persian-Tajik language, Arabic language, educational process in madrasah**.**

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додаров Оятулло*** **Мирзошариф**– Коллеҷи муҳандисӣ-техникии н. Нуробод, номзади илмҳои филологӣ, директор.**Суроға:**737450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Нуробод.
Телефон: **+992 9186794441**,

Сведения об авторе: ***Додаров Оятулло Мирзошариф***– Инженерно-технический колледж района Нуробод, кандидат филологических наук, директор. **Адрес:** 737450, Республика Таджикистан, район Нурабад. Телефон: **+992 9186794441**

Information about the author: ***Dodarov Oyatullo Mirzosharif*** **-** Engineering College of the Nurobod District, Candidate of Philological Sciences, Director. **Address:** 737450, Republic of Tajikistan, Nurabad district. Phone**: +992 9186794441**

УДК: 42

ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ МАТНҲОИ РАСМӢ-КОРГУЗОРИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ёқубова П.И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Маълум аст, ки асарҳои адабӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва мақолаҳои рӯзномаву маҷаллавӣ бо роҳҳои гуногун навишта мешаванд. Оиди шабоҳат надоштани нутқи омиёна ба нутқе, ки дар музокироти расмӣ истифода мешавад, ҳамагон хабардоранд. Вале аз уҳдаи таҳия ва эҷод кардани матнҳои расмӣ на ҳама баромада метавонад, зеро ҳар як матни алоҳидаи ягон услуби забонӣ аз рӯйи қоидаҳои махсуси ба худ хос тартиб дода мешавад.

Асри XXI асри пайдоиши технологияҳои нав ва вусъатёбии доираи истифодаи онҳо буда, шиддатнокии гуфтушунидҳои иқтисодию сиёсии дохилӣ ва байналмилалӣ афзуда истодааст. Рисолати асосии чунин гуфтушунидҳо ин табодули таҷриба, дониш ва ҳамкорӣ мебошад. Илова бар ин, аз сабаби тақвият ёфтани ихтисосҳои гуногуни ҷаҳони муосир, таҳияи матнҳои расмӣ - коргузорӣ аҳаммияти калонро ба даст оварда истодааст. Ҳуҷҷатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ ва ғайраҳо мисоли матнҳои расмӣ - коргузорӣ мебошанд.

Омодасозии ҳуҷҷатҳои расмӣ - коргузорӣ ва ҳамзамон тарҷумаи босифати онҳо аз як забон ба забони дигар яке аз фаъолиятҳои муҳимтарини марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ба шумор меравад, ки сабаби ин паҳншавии васеи алоқаҳои тиҷоратии байналмилалӣ аст. Ҳуҷҷатҳои хусусияти расмӣ - коргузорӣ дошта бештар дар шакли хаттӣ эҷод карда мешаванд. Онҳо ба танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва тиҷоратии байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд.

Бо баробари сухан рондан мавриди ҳуҷҷатҳои расмӣ - коргузорӣ бояд услуберо хотиррасон намуд, ки ҳамаи матнҳои хусусияти расмӣ - коргузорӣ дошта ба он тааллуқ доранд. Ин ҳам бошад “услуби функсионалӣ” аст. Ба гуфтаи И.Р.Галперин, услуби функсионалӣ – ин маҷмӯи усулҳои истифода, интихоб ва тавъампазирии василаҳои забонӣ аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафи муайяни муошират байниинсонӣ равона шудаанд [3, с.50].

Таснифи мушаххаси услубҳо вазифаи мушкил аст. И.Р. Галперин панҷ услуби функсионалии забони англисиро муайян мекунад: 1) услуби бадеӣ; 2) услуби публитсистӣ; 3) услуби рӯзномавӣ; 4) услуби коргузорӣ; 5) услуби техникӣ.

Тибқи иттилои Л.К. Граудина "услуби коргузорӣ – маҷмӯи воситаҳои забонӣ мебошад, ки вазифаи он хизмат расонидан ба доираи фаъолияти муносибатҳои расмӣ - коргузорӣ байни мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва воҳидҳои онҳо, ташкилотҳо ва шахсони алоҳида дар раванди истеҳсолот, иқтисодиёт, хоҷагидорӣ, робитаҳои дипломатӣ ва ҳуқуқӣ мебошад" [4, с.250].Дар илми забоншиносӣ се навъ услуби коргузорӣ фарқ карда мешавад.

1) расмӣ - коргузорӣ;
2) ҳуқуқӣ;
3) дипломатӣ.

Ин зергурӯҳҳо ба ҳам шабоҳат доранд, аммо ҳамзамон, ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ хусусиятҳои гуногунранги ба худ хосро низ доро мебошанд.

Ҷудошавии услуби расмӣ - коргузорӣ ҳамчун услуби алоҳидаи функсионалӣ ба солҳои 60-уми асри XX рост меояд. Ин услуб мисли дигар услубҳои нутқ низ ҳадафҳои мушаххаси муоширатӣ, қонуниятҳо ва хусусиятҳои забонии ба худ хосро доро мебошад.

Мувофиқи ақидаи И.Р. Галперин, услуби расмии коргузорӣ, ин худ услуби ҳуҷҷатҳои расмӣ мебошад [3, с.51].

Н.В. Алонтсева услуби расмӣ - коргузориро ба чор гурӯҳ тақсим мекунад:

1) Забони ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ, ки соҳаҳои гуногуни тиҷорат ва иқтисодиётро дар бар мегирад. Ба чунин намуди ҳуҷҷатҳо ҳар гуна шартномаву аҳдномаҳои тиҷоратӣ ё қарордодҳо, ҳисоботҳои тиҷоратӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ, кафолатномаҳо ва мактубҳои иқтисодӣ дохил мешаванд.

2) Забони ҳуҷҷатҳои дипломатӣ, ки соҳаи муносибатҳои байналмилалиро дар бар мегирад ва аз меморандумҳо, мактубҳои байналхалқӣ, ҳисоботҳо, конвенсияҳо, қарордодҳо, эъломияҳо ва ҳоказо иборат аст.

3) Забони санадҳои ҳуқуқӣ, ки ин ҳам бошад, қонунҳо, кодексҳо, санадҳои судӣ, қарорҳои ҳукумат, қарордодҳои парлумонӣ, санадҳои шаҳрвандиву ҷиноятӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

4) Забони ҳуҷҷатҳои ҳарбӣ, ки навъи махсуси услуби коргузорӣ ба ҳисоб меравад. Он фарогири фармонҳои ҳарбӣ, оинномаву ҳисоботҳои низомӣ ва ғайра мебошад [1, с.**7].**

Соҳаи фаъолияти услуби расмӣ - коргузорӣ «фаъолияти маъмурӣ ва ҳуқуқӣ, муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқӣ: шаҳрвандон ва давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, шахсони мансабдори ин ё он созмон, байни шахсони ҳуқуқӣ»- ро дар бар мегирад [7, с.129].

Ҳадафи асосии услуби расмӣ - коргузорӣ – ин танзими муносибатҳои ҳуқуқии иштирокчиёни муошират ва ба роҳ мондани муносибатҳое мебошад, ки метавонанд ду ё якчанд тарафро бо ҳам пайванд кунанд. Ба ибораи дигар, мақсади асосии услуби расмӣ - коргузорӣ – ин ноил гардонидани ду тарафи ҳавасманд ба созиш ва аҳду паймони ягона мебошад.И.В. Арнолд хусусиятҳои асосии услуби расмӣ - коргузориро аз рӯйи панҷ намуд гурӯҳбандӣ менамояд:

1. *Расмиятнокӣ.* Ин хусусият ба он ишора мекунад, ки ҳама гуна робитаю гуфтушунидҳои тарафҳо бояд асоси расмиятнок дошта бошанд.

2. *Саҳеҳӣ.* Истифодабарии воситаҳои услубие, ки муттасил дар назм ва насри адабӣ ба назар мерасанд, ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳои расмӣ манъ аст.

3. *Кӯтоҳбаёнӣ*. Мухтасарнокии гуфтушунидҳои расмӣ нишонаи асосии забони робитаҳои коргузорӣ мебошад. Ин ба зарурати дарки зудтари иттилоот вобаста аст.

4. *Стереотипнокӣ* (стандартнокӣ). Қолабнокӣ ва якрангии нусхаҳои ибора ва ҷумлаҳо яке аз нишонаҳои услуби расмии ҳуҷҷатҳо мебошанд, зеро доираи мавзӯи гуфтугӯҳои расмиву коргузорӣ дақиқ ва муайян буда, ҳолатҳои истифодаи он нисбатан якранг ва камшумор мебошанд.

5. *Мантиқнокӣ.* Набудани шакли муфассали муҳокима, абстрактнокии маълумоти пешниҳодгашта, ки бо хоҳиши аниқу кӯтоҳ баён намудани фикру андеша вобаста аст, боиси ба қисмҳои композитсионӣ (сархатҳо, банду бобҳо) ҷудо кардани матнҳо мегардад [2, с.97].

Адресатҳои матнҳои расмиву коргузорӣ метавонанд ходимони давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, инчунин шахсони алоҳида ва ё коллективҳо бошанд. Матнҳои расмии корӣ метавонанд ҳам дар намуди хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ амал кунанд [9, с.280].

Таҳлили муфассали забон ва услуби матнҳои расмӣ - коргузорӣ дар омода кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ - коргузорӣ ва инчунин тарҷумаи босифати онҳо хеле муҳим аст. Масалан, шартномаи тиҷоратии байналмилалиро мисол меорем, ки он бешубҳа яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимтарини муносибатҳои байни шарикони тиҷорат мебошад, зеро он асоси фаъолияти иқтисодии хориҷии ширкатҳоро ташкил медиҳад. Дар айни замон, “шартнома” яке аз жанрҳои муҳимми хаттии муносибатҳои расмӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи луғати тафсирии Т.Ф. Ефремова, "шартнома" – созишномаест (одатан хаттӣ), ки уҳдадориҳои тарафайни байни давлатҳо, муассисаҳо, шахсони алоҳидаро муқаррар мекунад [5, с.236]. Маҷмӯи маълумотҳое, ки ба ҳуҷҷат аҳаммияти ҳуқуқӣ медиҳанд, бояд дар банду марҳилаҳои дахлдор бо тартибу низоми муайян инъикос ёбанд. Ин ҳам бошад хусусият, муҳлат ва шартҳои созишномаҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ва ҳоказо мебошанд. Марҳилаҳои номбаршуда модул ҳисобида мешаванд, яъне онҳо порчаҳои матние мебошанд, ки иборат аз сарлавҳаҳои намунавианд. Сарлавҳаҳои намунавии модулҳо дорои маҷмӯи ибораҳои стандартӣ буда, одатан бо ҳарфҳои калон навишта мешаванд. Ҳоло дар ин ҷо аз тарҷумаи сарлавҳаҳои бандҳои шартномаи бонкии байни лизингдеҳ (иҷорадиҳанда) ва лизинггир (иҷорагиранда) басташударо мисол меорем, ки намунаи хуби модулҳои муҳимтарини ҳар гуна шартномаҳои тиҷоратӣ шуда метавонанд:

Subject of the agreement	***Мавзӯи шартнома***
Prepayment, leasing payment and procedures of payments	Пешпардохтҳо, пардохтҳои лизингӣ ва тартиби пардохтҳо
Terms of take over, accep- tance and hand over of subject of leasing	Шартҳои таҳвил ва қабул ва супоридани мавзӯи лизинг
Term of leasing	Муҳлати лизинг
Rights and responsibilities of the parties	Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо
Insurance charges	Суғуртакунӣ
Property rights and premature fulfilment of obligations by the lessee	Ҳуқуқи моликият ва пеш аз муҳлат иҷрои уҳдадориҳои лизинггир
Responsibilities of the parties	Ҷавобгарии тарафҳо

Termination of the present agreement	Қатъи шартномаи мазкур
Accounting of the subject of leasing	Баҳисобгирии мавзӯи лизинг
Legal address and payment details of the parties	Суроғаи ҳуқуқӣ ва реквизитҳои пардохтии тарафҳо

Илова ба нуқтаҳои асосии дар боло овардашуда, инчунин дигар нуқтаҳои иловагии шартномаву қарордодҳо низ мавҷуданд:

1. Controversal issues - масъалаҳои баҳснок
2. Dispute settlement procedure - тартиби ҳалли баҳсҳо
3. Force majeure – ҳолатҳои рафънопазир (фавқулодда)
4. Guarantee for the quality of the goods – кафолати сифати маҳсулот
5. Other conditions - шартҳои дигар
6. Penalty clauses – муҷозоти ҷаримавӣ

Матнҳои ҳуҷҷатҳо дақиқияти махсусро талаб мекунанд ва набояд ба таври гуногун тафсир карда шаванд, зеро ҳуҷҷат ин матни оддӣ нест, балки матни махсусе мебошад, ки арзиши ҳуқуқӣ дорад ва амалҳои одамонро идора мекунад. Танҳо нутқи хаттии дар сатҳи баланд омодашуда метавонад ба ин талабот ҷавобгӯ бошад, бинобар ин, дар ҳуҷҷатҳо ибораҳои стандартӣ ё худ клишеҳои расмӣ - коргузорӣ истифода мешаванд. Дар зери мафҳуми “клише” мо калимаҳо ва ибораҳои стереотипии дар шартномаҳои гуногун истифодашавандаро мефаҳмем. Якчанд мисолҳои клишеро дида мебароем:

1. *This agreement was made be tween ... company*... – Ин шартнома байни ширкатҳои .... баста шудааст.

2. *The company here by appoints and Grants Distributor* … - Дар ин созишнома, ширкат Дистрибюторро таъйин мекунад ва ба дистрибютор... пешниҳод мекунад.

3.… *have concluded this Exclusive Distributorship Contract as follows:*… - ... ин Шартномаи истисноии дистрибюториро ба таври зайл бастаанд: ...

4. *The goods shall be supplied to the Distributor for their further sale on the territory*… - Молҳо ба дистрибютор барои фурӯши минбаъда дар қаламрав таҳвил дода мешаванд ...

5. *By signing this contract, the supplier represents and warrants that … OMITTED.* - Бо баробари имзо гузоштан ба ин қарордод, молрасон арз мекунад ва кафолат медиҳад, ки ... дар варианти пурраи созишнома оварда шудааст.

6. *Upon expiration of the Contract*… - Пас аз ба охир расидани муҳлати шартнома ...

7. *Value of the Contract subject*… - *Арзиши предмети шартнома, ... дар бар мегирад ...*

Ҳар як ҷумла ва ё ибора бояд қолабнок бошад ва танҳо як тафсир ё маъно дошта бошад. Аз ин рӯ, табиист, ки дар матнҳои ҳуҷҷатҳо ҳамон як калимаҳо, номҳо ва истилоҳҳо якчанд маротиба ба такрор меоянд. Ин усул барои ноил шудан ба дақиқият ва саҳеҳнокӣ равона шудааст:

Upon expiration of the Contract or the Customer's request to return Contract Subject, the Contractor shall transport the Contract Subject to a place, within the location Indicated by the Customer.

- Пас аз қатъ гардидани амали Шартнома ё ҳангоми баргардонидани Предмети Шартномаро талаб кардани Фармоишгар, Пудратчӣ интиқоли Предмети Шартномаро ба ҷое, ки Фармоишгар нишон додааст, анҷом медиҳад.

Донистани формулаҳои стандартии нутқ, қолабҳо ва идиомаҳои солҳои тӯлонӣ дар амал озмудашуда, ба таҳияи матнҳои нави расмӣ - коргузорӣ кумак мерасонад. Қолабноккунонӣ дарк ва коркарди маълумоти дар ҳуҷҷат ҷойдоштаро осон мегардонад.

Таснифоти ҳуҷҷатҳои расмӣ - коргузорӣ дар ҳама гуна ҳолат имконияти намунасозии ҳама гуна матнҳоро медиҳад. Ҳамзамон, матни ҷузъӣ бо модулҳои алоҳида ва блокҳои қолабие, ки ҳиссаҳои клишешудаи матнро ифода мекунанд, амал мекунад (одатан, дар матнҳои шартномаҳо ин - пешниҳоди тарафҳо, предмети шартнома, тартиби ҳисоб, уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои тарафҳо, муҳлати шартнома аст).

1. THIS AGREEMENT was made on the (mm/dd/yy), by and between (Company name), with it's principal place of business located at _____, Tajikistan, and ….

ШАРТНОМАИ МАЗКУР _____ сол байни ширкати _____,

суроғаи ҳуқуқӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, _____ ва

Ширкати _____ баста шудааст.

2. The _____ Company, hereinafter the Lessor, and the _____ Company, hereinafter the Lessee, have concluded this Lease.

"Ҷамъияти _____, ки минбаъд ҳамчун Лизингдеҳ ном бурда мешавад

ва Ширкати _____, ки минбаъд ҳамчун Лизинггир номида мешавад, оид ба иҷора созишнома бастанд.

Ин модулҳо (оид ба иҷрои кор, иҷора, хариду - фурӯш) бетағйирот ба матнҳои шартнома дохил карда мешаванд. Худи матни модули ибтидоии шартнома тағйир намеёбад; истилоҳҳои ҳуқуқие, ки нақши иҷтимоии тарафҳои шартномасозандаро муайян мекунад, тағйир меёбанд.

1. *Work Performance Contract* - "Шартнома оиди Иҷроиши Кор" - Фармоишгар - Иҷрокунанда

2. *Contract for the Purchase and Sale* - "Шартномаи Хариду Фурӯш" – Фурӯшанда - Харидор

3. *Lease/ Rental Agreement* – Шартнома оиди Иҷора - Лизингдеҳ ва Лизинггир.

Ҳамаи хусусиятҳои услуби расмӣ-коргузорӣ бо амали тарафи ҳукмфармо ва тарафи иҷрокунанда шартонида шудааст, ки танзимоти ҷамъиятӣ ва аҳаммияти ҳуқуқии матнҳои расмӣ - коргузориро таъмин мекунад.

Дар ин ҷо бояд каме бобати хусусиятҳои лексикии матнҳои расмӣ - коргузорӣ низ сухан ронд. Тавре ки дар боло қайд карда шуд, дар ҳама намудҳои матнҳои расмӣ – коргузорӣ луғатҳои махсуси лексикӣ, яъне истилоҳот, ҷойи хосро ишғол мекунанд. Вожаи "истилоҳ", мувофиқи ақидаи Л.Л. Нелюбин, ба калима ё ибораи забони махсус ишорат мекунад, ки барои ифода намудан ва номбар кардани мафҳумҳову предметҳои махсус таҳия гардидааст [6, с.280]. Луғати истилоҳҳои забоншиносӣ вожаи "истилоҳ"-ро чунин таъриф медиҳад: «Истилоҳ – ин калима ё ибораест, ки ягон мафҳуми дар соҳаи илм, технология ва ё санъат истифодашавандаро ифода мекунад. Баръакси калимаҳои серистеъмол, ки одатан сермаъно ҳастанд, истилоҳҳо якмаъно буда, маънои экспрессивӣ хосси онҳо нест" [8, с.486]. Масалан, дар поён чанд намунаи истилоҳоти матнҳои иқтисодӣ бо тарҷумаашон оварда шудаанд:

Истилоҳҳо бо забони англисӣ	**Тарҷумаи истилоҳҳо ба забони тоҷикӣ**
Purchase	харид
acquisition	дастраснамоӣ
tax privilege	имтиёзи андоз
Budgetary financing	маблағгузории буҷавӣ
project financing	маблағгузории лоиҳа
socially significant project	лоиҳаи муҳимми иҷтимоӣ
purpose of the project	мақсади лоиҳа
private partner	шарики хусусӣ
Property	амвол
property tax	андози амвол
purchase of the equipment	хариди таҷҳизот
working capital	сармояи гардон
subcontractors	Пудратчиҳо

Ба гуфти П.Мамет, истилоҳоти махсус, ки унсури муҳимтарини муоширати касбии соҳибкорон аст, ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳангоми таҳия намудан ва бастани шартномаҳои байналмилалӣ мақсадҳои якдигарро бе монеа фаҳманд [10, с.125].

Ҳамзамон барои иштирокчиёни равобитҳои савдои берунмарзӣ донистани ҳам истилоҳоти соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва ҳам истилоҳҳои соҳаи тиҷорат муҳим аст, гарчанде ки истилоҳоти ҳар дуи соҳаҳо хусусиятҳои хосси луғавӣ ва ҳолатҳои махсуси истифода дошта бошанд ҳам, бо вуҷуди он, онҳо як қатор хусусиятҳои умумӣ низ доранд. Вале бояд қайд кард, ки дар ҷараёни гуфтушунидҳо ва омодасозии ҳуҷҷатҳои коргузорӣ, ғайр аз соҳибкорон, ҳамаи намояндагони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, инчунин шахсони алоҳида низ ба донистани истилоҳоти махсус ниёз доранд. Минбаъд, истилоҳҳои бештар паҳнгаштаро дар дохили матнҳои расмии тиҷоратӣ баррасӣ мекунем.

Масалан, дар забони англисӣ, барои ифодаи муносибатҳои мухолифи ҳуқуқӣ, истилоҳҳои антонимӣ ё ҷуфтҳои луғавӣ истифода мешаванд, ки бо ёрии флексия сохта шудаанд. Дар чунин истилоҳҳо шахсе, ки амалро иҷро мекунад бо лексемаи суффикси *-or* ё *-er* ишора мешавад ва иштирокчии ғайрифаъоли муносибатҳои ҳуқуқӣ бо лексемаи суффиксдори *-ee:*

Consignor (борфиристанда) – Consignee (борқабулкунанда)
Employer (кордеҳ) – Employee (коргар)
Addressor (ирсолкунанда)- Addressee (қабулкунанда)
Lessor (лизингдеҳ) – Lessee (лизинггир).

Ин мисолҳо истифодаи васеи антонимҳоро нишон медиҳанд, ки бешак аз забони ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ибтидо мегиранд, манфиатҳои ба ҳам мухолифро инъикос мекунанд, мафҳумҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, шахсӣ ва ҷамъиятӣ, даъвогар ва ҷавобгар, ҷиноят ва ҷазо ва ғайраҳоро муқобил месозанд.Хусусияти дигари лексикии фарқкунандаи матнҳои расмӣ - коргузории забони англисӣ ин фаровонии онҳо аз ихтисорот мебошад. Ихтисорот бештар хосси вожаву истилоҳоти иқтисодӣ ҳастанд ва дар амалияи ҳуқуқӣ кам истифода мешавад. Маҷмӯи муайяни ихтисорот барои ифода кардани намудҳои гуногуни ташкилоту ширкатҳо ва номгӯи вазифаҳо пешбинӣ шудаанд:

Ихтисорот бо забони англисӣ	**Тарҷумаи ихтисорот ба забони тоҷикӣ**
PSC (Purchase and Sale Contract)	ШХФ (Шартномаи Хариду Фурӯш)
IE (Individual Entrepreneur)	СИ (Соҳибкори Инфиродӣ)
NGO (Nongovernmental Organization)	СҒД (Созмони ғайридавлатӣ)
GKNB (State Committee for National Security)	КДАМ (Кумитаи Давлатии Амнияти Миллӣ)
LLC (Limited Liability Corporation)	ҶДММ (Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд)
Corp.	Корпоратсия
PO (Public Organization)	ТҶ (Ташкилоти ҷамъиятӣ)
CEO (Chief Executive Officer)	Директори иҷроия
PA (Personal Assistant)	Евари шахсӣ

Аксар вақт дар ҳуҷҷатҳои шартномаҳои англисии соҳаи ҳуқуқшиносӣ калимаҳои иқтибосӣ вомехӯранд. Як қатор луғатҳои ҳуқуқии забони англисӣ аз забони фаронсавӣ ва лотинӣ иқтибос шудаанд, ки ин аҳаммияти консепсияҳои ҳуқуқиро, ки аз қонуни Рим ба қонуни англисӣ ворид карда шудааст, нишон медиҳад. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки танҳо 10% иқтибосҳои бевоситаи лотинӣ боқӣ мондаанд, масалан, adarbitrium - худсарона; adfinem - то охир; adhoc - махсус; инчунин дар шартномаҳо ихтисороти лотинӣ истифода мешаванд, чунончи: e.g.- масалан; et.al.- ва ҳоказо, v.v. - ва баръакс, i.e.- яъне.

Дар системаи истилоҳоти расмӣ-коргузории забони англисӣ иқтибосҳои фаронсавӣ низ боқӣ мондаанд. Якчанд мисолҳоро пеш меорем: *act, agree, appeal, benefit, case, court, debt, defendant, evidence, government, judge, justice, legislature, merchant, money, note, order, power, process, punish, purchase, sum, tax, value*. Ин вожаҳо кайҳо ба таркиби луғавии асосии забони англисӣ устуворона ворид шудаанд.

Ҳамин тавр, дар мақолаи мо, мафҳуми *матнҳои расмии коргузорӣ* дар шакли баъзе ҳуҷҷатҳои расмӣ, қарордодҳо ва созишномаҳо таҳлил карда шуд. Маълум гашт, ки татбиқи равобити расмӣ - коргузорӣ ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи музокироти дохилӣ бидуни санадҳои расмии корӣ ва мукотибаҳои хаттиву шифоҳӣ ғайриимкон аст.

Инчунин, дар мақола, ба сохтор ва хусусиятҳои омодасозии ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ дар шакли шартномаҳо ва қарордодҳо байни муассисаҳо ва шахсони мансабдор таваҷҷуҳи хосса дода шуд. Тибқи гуфтаҳои дар боло зикршуда, қариб ҳама намудҳои матнҳои услуби расмӣ - коргузорӣ дар асоси модулҳои тайёр, қолабҳо ва клишеҳо, инчунин формулаҳои стандартӣ асос ёфтаанд. Ғайр аз ин, хусусиятҳои асосии матнҳои расмиву коргузорӣ номбар карда шуданд. Дар рафти тадқиқот маълум шуд, ки саҳеҳии фикр, стандартнокӣ ва кӯтоҳбаёнӣ меъёрҳои асосии омодасозии матнҳои услуби расмӣ коргузорӣ мебошанд. Дар омодасозии ҳуҷҷатҳо ороиш ва танзиму тартиб низ нақши муҳимро мебозад.

Мақола хусусиятҳои луғавии матнҳои расмӣ - коргузориро низ каме шарҳ медиҳад. Диққати махсус ба истилоҳҳое дода шуд, ки аз худ маҷмӯи махсуси калимаҳо ва таърифотеро мемонанд, ки танҳо ба шахсони марбут ба тиҷорат ва ҳуқуқшиносӣ маъмул ҳастанд. Шахсони бо тарҷумаи матнҳои расмӣ - коргузорӣ машғул буда низ донандагони хуби истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва ҳуқуқшиносӣ мебошанд. Дар байни истилоҳҳои услуби расмии номбаршуда, баъзе калимаҳои ифодакунандаи ихтисорот ва иқтибосҳои маъмул низ оварда шуданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алонцева, Н.В. Лексико-грамматические особенности дипломатических текстов официально-делового стиля [Текст] / Н.В. Алонцева // Вестн. Мин. гос. лингвист. ун-та. Сер. 1. Филология. – 2003. – № 11. – С. 7–15.
2. Арнольд И.В. Основы лингвистических исследований / И.В. Арнольд. - М.: Высшая школа, 1991. – 140 с.
3. Гальперин И.Р. Стилистика / И.Р. Гальперин. - М., 1977. - 342 с.
4. Граудина Л.К. Культура русской речи: Учебник для вузов / Л.К. Граудина, Е.Н. Ширяев. - М.: Издательская группа НОРМА-ИНФРА, 1999. - 560 с.

5. Ефремова Т.Ф. Новый словарь русского языка. Толково- образовательный / Т.Ф. Ефремова. – М.: Рус. Яз. 2000. – в 2 т. – 1209 с.
6. Нелюбин Л.Л. Толковый переводоведческий словарь. Изд. 3-е, перераб / Л.Л. Нелюбин. - М.: Флинт-Наука, 2003 г. – 320 с.
7. Радугин А.А. Русский язык и культура речи: учебное пособие для высших учебных заведений / А.А. Радугин. - М.: Библионика, 2004. – 240 с.
8. Розенталь Д.Э. Словарь - справочник лингвистических терминов. Изд. 2-е / Д.Э. Розенталь, М.А. Теленкова. - М.: Просвещение, 1976. – 542 с.
9. Флоря А.В. Языковые особенности официально-делового стиля / А.В. Флоря [Электронный ресурс] URL: https://cyberleninka.ru/article/v/
10. Mamet P. The language of trade negotiations / P. Mamet // Linguistica Silesiana. - 2002. - Vol. 23. - P. 125-132.

ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ МАТНҲОИ РАСМӢ - КОРГУЗОРИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба баъзе хусусиятҳои умумии матнҳои услуби расмӣ - коргузорӣ ва таҳлили баъзе модулҳову ибораҳои қолабнокшудаи ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ бахшида шудааст. Услуби коргузорӣ ин маҷмӯи воситаҳои забониест, ки вазифаи он хизмат расонидан ба ҳар гуна робитаҳои дипломатӣ ва ҳуқуқӣ; ба доираи фаъолияти муносибатҳои расмӣ - коргузорӣ байни мақомотҳои давлативу ташкилотҳо, ташкилотҳо ва шахсони алоҳида ва ғайра мебошад. Се навъ услуби коргузорӣ мавҷуд аст: расмӣ - коргузорӣ, ҳуқуқӣ, дипломатӣ. Мақсади асосии услуби расмӣ - коргузорӣ - ин ноил гардонидани ду тарафи ҳавасманд ба созиш ва аҳду паймони ягона мебошад. Бояд зикр намуд, ки модулҳо ва ибораҳои қолабнокшудаи ҳуҷҷатҳои коргузорӣ дар забони англисӣ бо эквивалентҳои тоҷикашон кам ба назар мерасанд, аз ин лиҳоз, мақола фарогири мисолҳои сохтори ҳуҷҷатҳои ҳар ду забон мебошад. Матнҳои услуби расмӣ - коргузорӣ хусусиятҳои расмиятнокӣ, саҳеҳӣ, кӯтоҳбаёнӣ, стереотипнокӣ ва мантиқнокиро доро мебошанд. Қисмати муҳимми ҳуҷҷатҳои расмӣ - коргузориро шартномаву аҳдномаҳо ташкил медиҳанд, ки бевосита дар асоси модулҳои стандартӣ, яъне порчаҳои матнии иборат аз сарлавҳаҳои намунавӣ сохта шудаанд. Хусусияти фарқкунандаи лексикии матнҳои расмӣ - коргузории забони англисӣ ин фаровонии онҳо аз истилоҳот ва ихтисорот мебошад.

Калидвожаҳо: матнҳои расмӣ - коргузорӣ, услуби функционалӣ, хусусусият, дипломатӣ, ҳуқуқӣ, ҳуҷҷат, шартнома, иқтисодӣ, клише, ислоҳ, тарҷума.

О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ ОФИЦИАЛЬНО-ДЕЛОВЫХ ТЕКСТОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье рассматриваются некоторые общие особенности официально- делового стиля и анализ некоторых клишированных моделей и фраз в экономических документах. Деловой стиль- это набор языковых инструментов, задача которых заключается в обслуживании любых дипломатических или правовых отношений, а также деловых отношений между государственными органами и организациями, организациями и частными лицами и др. Существует три типа деловой установки: официально- деловой, юридический и дипломатический. Основная цель официально-делового стиля заключается в том, чтобы помочь двум сторонам достичь общего соглашения и договорённости. Следует отметить, что клишированные модели и фразы рабочей документации английского языка с их таджикскими эквивалентами встречаются редко, поэтому в статье приводятся примеры структур документов на обоих языках. Тексты официально - делового стиля характеризуются формальностью, точностью, краткостью, стереотипностью и логичностью. Важной частью официальных документов являются контракты и соглашения, которые строятся непосредственно на стандартных моделях, то есть текстовых отрывках, которые представляют из себя примеры заголовков. Отличительной чертой официальных текстов на лексическом уровне является их изобилие терминами и сокращениями.

Ключевые слова: официально - деловые тексты, функциональный стиль, особенность, дипломатический, юридический, документ, контракт, экономический, клише, термин, перевод.

ABOUT SOME PECULIARITIES OF OFFICIAL BUSINESS TEXTS OF THE ENGLISH LANGUAGE

This article focuses on some basic features of official-style and analyzes some module and phrase clichés in economic documents. Official style is a set of language tools, the mission of which is to serve any diplomatic or legal relationship; within the limits of activities of official relations - business relations between the state bodies and organizations, organizations and individuals, etc. There are three types of official style: formal, juridical and diplomatic. The main objective of the official- style is to bring different parties to a common agreement. It should be noted that module and phrase clichés of the formal documentation of the English language with its Tajik equivalents is rapidly mentioned, so the article provides examples of the titles and subtitles of some commercial agreements in both languages. Formal-style texts have the characteristics of formality, accuracy, brevity, stereotyping and logic. An important part of official business-processes are contracts and covenants that are built directly on standard modules, that is, paragraphs containing sample headings. A distinguishing feature of the official texts lexis is the abundance of terms and abbreviations.

Key words: official-business texts, functional style, feature, diplomatic, juridical, document, contract, economic, cliché, term, translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Якубова Парвина Исломҷоновна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти Ph.D факултети забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбекова 1. E-mail**: yparvina@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-898-07-07**

Сведения об авторе: ***Якубова Парвина Исломджоновна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, докторант Ph.D факультета иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр.Мавлянбекова, 1. E-mail: **yparvina@list.ru.** Тел.: **(+992) 92-898-07-07**

Information about the author: ***Yakubova Parvina Islomjonovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Doctoral student of the department of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **yparvina@list.ru.** Tel.: **(+992) 92-898-07-07**

УДК: 491.550:42

СИҒА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Маҳсудинов Р.И.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҳар як омӯзиши муқоисавӣ ду арзиши назариявии худро соҳиб аст, ки яке умумӣ ва дигаре педагогӣ ба шумор меравад. Арзиши педагогии омӯзиши муқоисавӣ ин ошкор сохтани нуқтаҳои мутақобили системаи забонии ду забон дар раванди таълим маҳсуб меёбад.

Дар бораи типологияи муқоисавии сиға бисёр мақолаҳо ва тадқиқотҳо гузаронида шудааст, лекин то инҷониб мафҳуми актуалии сиға боқӣ мондааст. Таҳлили ҷумлаҳои сиға чи дар забони тоҷикӣ ва чи дар забони англисӣ яке аз проблемаҳои аввалиндараҷаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ чун омӯзиши забони англисӣ мебошад.

Дар таърихи типологияи муқоисавӣ сиға дар ин давру замон яке аз мавзӯъҳои аввалини тадқиқотӣ ба шумор меравад. Омӯхтани адабиётҳо бобати сиға дар синтаксис ва морфологияи муқоисашавии ҷумлаҳо чи амалӣ ва чи назариявӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҳам фарқияте дида мешавад. Чунин мушкилот дар раванди омӯзиш ва тарҷума кардани матнҳо монеаи калон мекунад.

Дар мавзӯи сиға чунин олимони тоҷик аз қабили: Фарҳод Зикриёев, Шарофуддин Рустамов, Баҳриддин Камолиддинов, Раҳим Саидов, Нурали Саидов, Муродали Набиев, Самиддин Ҷаматов ва ғ. кор кардаанд.

Аз забони англисӣ, ба монанди: М.Ганшина, Н. Василевская, Каушанский, Дженни Дулей, Вирхина Иванс ва ғ.

Аз забони русӣ, ба монанди: В.В. Виноградов, М.Ф. Лукин, Г.Г. Городилов, А.Г. Хмара, П.А. Лекен, В.В. Бабайцев ва ғ. кор кардаанд.

Бо тағйир ёфтани шакли феъл тобиши нав гирифтани амалро сиға мегӯянд. Сиға бо тарзи хабар, эҳтимол, шарту хоҳиш ва ё амр ифода гардидани амал мебошад: рафт, рафтагист, равад, бирав.

Феъл чор сиға дорад: хабарӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, амрӣ ва эҳтимолӣ. Сиғаи хабарӣ ба вуқӯъ омадан ва ё наомадани амалро дар ҳамаи замонҳо ифода мекунад: омад, наомад, меояд, хоҳад омад, омадааст, омада истодааст. Ба ин сиға шаклҳои замони гузашта (гуфтам, мегуфтам, гуфта будам) ба 7 шаклҳои замони ҳозира (гуфта истодам, мегӯям) ва ояндаи феъл (хоҳам гуфт) мансубанд.

Сиғаҳои амрӣ шакли феълиест, ки ба иҷрои амал водор карда, маъноҳои амру фармонро мефаҳмонад. Сиға яке аз хусусиятҳои фарққунандаи феъл аст. Гӯянда вуқӯъ, ҷараён ва анҷоми амалро баён карда, муносибати нисбат ба воқеият доштаи онро муайян менамояд.

Муносибати амал ба воқеият сиға номида мешавад.

а) Намудҳои сиға дар забони англисӣ

Дар забони муосири англисӣ **се** сиға мавҷуд аст ва ҳамаи шаклҳои замонҳои феълҳо аз рӯйи маънӣ ва хусусияти воқеияташон ба ин сиғаҳо мансуб мегарданд: сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ хоҳишмандӣ, сиғаи амрӣ, сиғаи эҳтимолӣ.

- Сиғаи хабарӣ **(Indicative Mood)**
- Сиғаи амрӣ **(Imperative Mood)**
- Сиғаи шартӣ хоҳишмандӣ **(Subjunctive Mood 1-2)**

Сиғаи хабарӣ воқеъ шудан ё нашудани тасдиқ ё инкор ва ё қайд карда шудани факти амалро мефаҳмонад [1, с.45-51].

Мисол: We went home early in the evening / Мо бегоҳӣ барвақт ба хона омада будем.

Сиғаи амрӣ изҳорӣ хоҳиш, супориши фармону таъкид ва водор кардан ба амалеро, ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст, мефаҳмонад.

Go! See it! Bring it! Have a rest Calm down! **Keep silent**! Be quite and ear what I tell you **(Eliot) /** Ором шав ва гӯш кун, ки ман ба ту чӣ мегӯям.

Дар шакли инкорӣ феъли ёридиҳанда **«to do»** низ истифода бурда мешавад.

Hush! Don‘t make a noise. **(Eliet). Don‘t be angry /** Ором шав. Шавкун накун! Хафа нашав!

Феъли ёридиҳандаи **«to do»** инчунин метавонад дар ҷумлаҳои ҳикоягӣ истифода бурда шавад.

But now do sing again to us / Акнун ҳозир боз як бори дигар барои мо суруд хон!

Эзоҳ: Агар амру хоҳиш ба шахси сеюм нигаронида бошад, он дар шакли танҳо ё ҷамъ ифода ёфта бошад, бо феъли «to let» ифода мегардад.

Let the child go home at once / Бигузор кӯдак ба хона тез равад. Let the child go home at once / Бигузор кӯдакон тез ба хона раванд.

Феъли **«tolet»** ба шахси якум нигаронида шуда, хоҳиши ба ягон амал ҳамроҳи карданро ифода мекунанд [1, с.60-64].

Сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунад, ки он ғайри реалӣ аст (яъне амал, дар ҳақиқат, иҷро намегардад) ва танҳо тасаввурот ё танҳо хоҳиш мебошад.

Сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ инчунин ҳиссиёти гӯяндаро нисбат ба факту реалии ҳақиқии амал ифода мекунад. Дар забони англисии муосир сиғаи эҳтимолии шартӣ - хоҳишмандӣ сохти синтетикӣ ва аналитикиро дорад.

Мисол: I wish I were ten years older (Baine) / Ман мехостам, ки 10 сол пеш калонтар бошам ман – гуфтам ман. I wish you would speak rationality (E. Bronte) / Ман мехостам шумо фикр карда гап занед.

Шакли синтетики сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ дар забони англисии қадим (The old English) асосан бо тарзи синтетикӣ ифода меёфт. Он махсусан бандаки махсуси худро дошт ва аз сиғаи хабарӣ фарқият дошт.

б) Замони ҳозираи сиғаи эҳтимолӣ

I be, he, she, it be, we be, you be, they be.

it have you know, speak, he, she, it have know, speak, you have, know, speak, they, have, know, speak [1, с.70-78].

Замони гузаштаи сиғаи эҳтимолӣ

I were he, she were, we were, you were, they were.

Дар замони ҳозираи сиғаи эҳтимолӣ феъли **«to be»** шакли **«be»** барои ҳамаи шахсҳо ҳам дар шакли танҳо ва ҳам дар шакли ҷамъ мебошад, ки он аз шакли сиғаи хабарӣ фарқ мекунад. Замони ҳозираи сиғаи эҳтимолӣ аз сиғаи хабарӣ танҳо бо шахси сеюми танҳо дар замони ҳозираи сиғаи эҳтимолӣ бандаки – **S** надорад.

Замони ҳозираи сиғаи эҳтимолӣ амали ҳозира ва ё ояндаро ифода мекунад. Ин сохтор одатан дар назм ё наср, архаизм, бо мақсади услуби адабӣ истифода бурда мешавад. Он инчунин дар забони илмӣ ва забони ҳуҷҷатнигорӣ истифода мешавад. Thought all the world be false, still will I be true **(Trollope) /** Ҳатто агар тамоми ҷаҳон дурӯғ бошад ҳам, ман доимо ҳақиқатпараст мемонам.

Замони ҳозираи сиғаи эҳтимолӣ инчунин дар ибораҳои фразеологӣ низ истифода бурда мешавад [2, с.44-49].

Be it so! Бигузор инчунин бошад!

Suffice it to say that he soon came back. **God forbid /** Худо нигоҳ дорад.

Far be it from me to contradict you / Ман ҳатто дар фикрам набуд, ки ба шумо муқобил бароям.

Замони гузаштаи сиғаи эҳтимолӣ бо ёрии феъли «**to be**» шакли «**were**» барои ҳама шахс дар шакли танҳо ва ҳам дар шакли ҷамъ мебошад, ки сиғаи хабарӣ дар замони гузашта бо шахси сеюм фарқият дорад.

Мисол: I know I am affectionate. I wouldn`t say it, if I wasn`t certain

that I am.

Замони гузаштаи сиғаи эҳтимолӣ на танҳо дар адабиёт инчунин дар нутқи шифоӣ низ истифода бурда мешавад. Замони гузаштаи сиғаи эҳтимолӣ танҳо ҳамчун анъана дар забони англисии муосир замони гузаштаро ифода намекунад. Дар ҷумлаи мураккаб ҳоли шарти он амали ғайриреалиро ифода мекунад. Он дар ҷумлаи мураккаби тобеъ амале, ки дар сарҷумла дар як вақт иҷро гардидаастро мефаҳмонад. Тавре ки он ба ҳангоми ҳозира ва гузашта тааллуқ дорад.

If I were ill I should like to be nursed by you (Bennett) / Агар ман бемор мебудам, ман мехостам, ки шумо маро нигоҳубин кунед.

I wished he were less remote / Ман мехостам, ки вай ин қадар бо мо бегона набошад.

Сохтори аналитикии сиғаи эҳтимолӣ аз сиғаи ёридиҳандаи should, would, may (might)- и shall, ки он хеле кам истифода бурда мешавад, аз масдар ва феъли асосӣ иборат аст [3, с.61-64].

Yates wished Bing would stop thanking him, but Bing went on **(Heym) /** Хесту мехост, ки Бинг миннатдории худро нисбати ӯ бас кунад лекин Бинг боз ба ӯ миннатдорӣ мекард. Whoever you may be, sir, I am duply graful to you **(Dicens) /** Касе набошед ҷаноб, ман аз шумо миннатдорам. She cowered the blind and closed the shutters that he might not see the sun / Вай пардаро пӯшид, ки нишастани офтобро набинад. I propese that you shall come along with me **(Dicens) /** Ман аз шумо хоҳиш дорам, ки бо ман ҳамроҳ равед.

Сиғаи ёридиҳанда аз феъли модалӣ пайдо шудааст, ки ҳоло шакли худро гум кардааст ва ҳамчун сохтори аналитикӣ хизмат мекунад. То ҳоло сиғаи модалӣ маънои модалии худро гум накардааст.

Мисол: Феъли модалии «might» дар ҷумлаи мураккаби ҳоли мақсад ифода меёбад.

Lizzie stood upon the causeway that her gather might see her / Лизза дар болои дамба истод, то ки падарам ӯро бубинад [3, с.66-79].

Дар забони англисии муосир ҳамчун як маънои калима дар сиғаи эҳтимолӣ метавонад ба шакли сиғаи хабарӣ иваз шавад – замони гузаштаи номуайян, замони гузаштаи мутлақ, замони гузаштаи давомдор ва замони гузаштаи давомдори мутлақ мебошад.

Дар ҷумлаи пайрави ҳоли шартӣ амали ғайриреалиро ифода мекунад, ки он ба замони ҳозира, оянда тааллуқ дорад.

Замони гузаштаи мутлақ амали ғайриреалии шартиро, ки ба замони гузашта дахл дорад, ифода мекунад. Дар дигар шакли аъзоҳои замони пайрави гузашта амалеро якҷоя бо амале, ки дар сараъзо иҷро мешавад, ифода мекунад. Замони гузаштаи мутлақ амали баъд аз аъзои пайрав иҷрошавандаро ифода мекунад.

I felt as if the visit had diminished the separation between Ada and me / Ман чунин ҳис кардам, ки ташриф моро ба Ада наздик кард [3, с.33-39].

Замони гузаштаи давомдор ва замони гузаштаи мутлақи давомдор хеле кам истифода бурда мешавад.

They looked as if they were fighting their life **(Ellot) /** Ба назар чунон менамуд гӯё, ки онҳо доимо барои зиндагӣ мубориза бурданд.

в) Истифодаи сиғаи шартӣ - эҳтимолӣ дар ҷумлаи содаи забони англисӣ

Дар ҷумлаҳои сода сохти синтетикии сиғаи шарти - эҳтимолӣ бештар назар ба сохти аналитикӣ истифода бурда мешавад, хоҳишро ифода мекунад.

Long liveTajikistan! / Зинда бод Тоҷикистон! **Success attend you! /** Муваффақият ёратон бод!

Барои ифодаи хоҳиш инчунин сиғаи аналитикӣ ба сиғаи ёридиҳандаи «may» истифода бурда мешавад.

May success attend you! / Бигзор муваффақият ёратон бод. **May you live long and dear happy /** Ба Шумо умри дароз мехоҳам ва доимо хушбахт дар ҳаёт бошед.

Хоҳиши ғайри реалиро ифода мекунад: **If only he were free** (Galsvorthy) / Агар ҳозир ӯ озод мебуд.

Дар қасам ва суханҳои қабеҳ: Manners be hanged. Confound these is flies.

Дар баъзе ибораҳо: God forded / Худо нигаҳдор, Be it so / Бигзор чунин бошад. Far be it from me to contradict you / Дар хотирам набуд, ба Шумо муқобил бароям.

Сиғаи эҳтимолӣ дар ҷумлаҳои сода аз рӯйи хусусияти худ ба услуби адабӣ - бадеӣ ифода меёбад ба ғайр аз калимаҳои қабеҳ ва қасам, ки дар онҳо ба нутқи шифоҳӣ тааллуқ доранд. Сиғаи шартӣ - эҳтимолӣ дар ҷумлаҳои таркибӣ ғайриреалӣ будани амалро, ки дар аъзои пайрави ҷумла ифода меёбад ва ғайриреалӣ будани асосро, ки дар аъзои ҷумла дида мешавад, ифода менамояд [3, с.115-121].

Дар ҷумлаи ғайриреалӣ сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ, ки ба оянда ва ҳозира дахл дорад бо ёрии феъли **«to be»** дар аъзои пайрав ифода ёфтааст, бо дигар феълҳои якмаънодошта дар замони гузаштаи сиғаи хабарӣ ифода меёбад дар сараъзои ҷумла мо сохти аналитикии сиғаро дарёфтем, ки он иборат аз сиғаи ёридиҳандаи **«should»** ва **«would»** ва масдари замони номуайянӣ сохта мешавад.

«Should» бо шахси якуми шакли танҳо истифода бурда мешавад.

«Would» барои ҳама шахсҳо дар шакли танҳо ва ҷамъ истифода бурда мешавад.

The world would be healthier if every chemists shop in England were demolished.

I should kill myself today if I didn`t believe that tyranny and injustice mustend.

Ғайриреалӣ амали шартӣ, ки ба оянда дахл дорад метавонад бо сиғаи эҳтимолии замони гузашта бо ёрии феъли **«to be» + «to»** Infinitive – и феъли асосӣ ё ин ки бо сохти аналитикии сиғаи амрӣ бо ёрии сиғаи ёридиҳанда барои ҳамаи шахс ифода ёбад [4, с.166-169].

If I were to after my home… Mt station… my collection to any one among the young women engaged in my calling, they would probably be accepted. Even readily accepted (Dickens).

Well, Major if you should send me to a difficult sport – with this man alone? I`d feel secure (Heym).

Агар дар аъзои пайрав сиғаи ёридиҳанда **«should»** истифода шуда бошад, мо доимо метавонем дар тарҷумаи сиғаи хабарӣ ё сиғаи амриро дар сараъзои ҷумла дарёбем: **(Trollope).** If he should come, ask him wait.

Дар ҷумлаҳои сиғаи шартӣ - ғайриреалӣ, ки ба замони гузашта тааллуқ дорад, замони гузаштаи мутлақи сиғаи хабарӣ дар аъзои пайрав исфода меёбад ва дар сараъзои ҷумла мо шакли аналитикии сиғаи шартиро дар ҷумла бо ёрии сиғаи ёридиҳандаи **«should»** дар шахси якум ё **«would»** дар шахси дуюм ва масдари шакли мутлақро дида метавонем. If I had consulted my own interests, I should never have come here.

Ду намуди гуногуни ҷумлаи сиғаи шартӣ - ғайриреалӣ.

Дар ин ҷумла шарт ба гузоштани сиға ва асоси он оид ба ҳозира ва оянда нигаронида шудааст.

If I had taken your medicine you should be well now/ No, by my word and truth I never despised you; If I had I should not love you now (Hardy).

Дар ҷумлаи дуюми шартӣ ягон муайянии вақт нест, 4 асоси он замони гузашта аст. If he were not so absent – minded he would not have mistaken you for your sister.

Still Beatvice had taken the trouble to go up to London and to buy the books for me. She should not have done that if she disliked me (Du Maurine).

But for the rain we should go down to the country - Агар намеборид мо ба сайру гашт мерафтем. If it were not far your help be able to finish my work in time.

If it hadn`t been for me his own brother would have shut him up for life [5, с.33-39].

Дар ҷумлаи сиғаи шартии ғайриреалӣ бошад, феълҳои модалии «might» ва «could» доимо истифода бурда мешаванд. Онҳо маънии худро гум намекунанд ва сохти аналитикӣ сиғаи шартӣ - эҳтимолиро намесозанд. Дар ин ҷо мо гурӯҳи феъли модалии масдар «modal verb» + «infinitive», ки хабари таркибии феълиро ифода мекунад ва шакли аналитикии сиғаи эҳтимоли хабари содаро месозад, меорем. If she were still waiting, she might berest less feverishbut surely she would not look like this / Агар вай то ҳол мунтазир мешуд, мумкин буд ки вай асббон мешуд, вале холӣ вай чунин намешуд.

«Would» вақте ки дар аъзои пайрави ҷумлаи сиғаи эҳтимолӣ истифода мешавад феъли модалӣ бо масдар феъли таркибии модалиро месозад.

Мисол: If you would come and see us… mother would be as proud of your company I should be (Dickens) / Агар шумо хоҳиши моро оварданро медонистед, модарам ба монанди ман низ хурсанд мешуданд.

Эзоҳ: Дар ҷумлаҳои шартӣ - хоҳишмандӣ одатан сиғаи хабарӣ истифода бурда мешавад, на сиғаи эҳтимолӣ. Мисол: But I can Bear anything gladly if you are happy **(Ellot) /** Лекин ман ба ҳамаи ин тоқат меоварам, агар ту хушбахт бошӣ.

Дар ҷумлаҳои ҳоли шартӣ – хоҳишмандӣ пайвандакҳои «if, in case, Provided, Suppose, Unless» ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Пайвандаки **«If»**, бештар дар ҷумлаи реалӣ ва ғайри реалии шартӣ истифода бурда мешавад. Мисол: In case I do not find her at home. Shall I leave her a note / Агар ман ӯро дар хона наёбам ба ӯ мактуб гузошта меравам.

I shall go there provided you consent to accompany me (Ch. Brontle) / Ман ба он ҷо ба шарте меравам, агар Шумо розӣ бошед, ки ҳамроҳ меравед [5, с.166-172].

Suppose дар ҷумлаҳои сиғаи эҳтимолии ғайриреалӣ истифода бурда мешавад.

Suppose he wrote to you, would you answer? / Агар вай ба Шумо нависад, Шумо ҷавоб медодед мӣ?

Unless дар сиғаи реалии ва ғайриреалӣ истифода бурда мешавад. I shall come in time unless I am detained at the institute / Агар дар донишкада ягон кор набошад, ман дар вақташ расида меоям.

Is a Bell would not engaged herself to Mr. Hardiman unless she had been fond of him / Агар Бел Нардименро дӯст намедошт ба Шумо маълум, ки ӯ ба издивоҷ розӣ намешуд.

Сиғаи шарти ҳол дар худ феъли Had, were, could be, should – ро дорад.

Доимо бе пайвандак ифода меёбад. Дар чунин ҳолат мо инверсияро истифода мебарем.

Had the wondever reminded awake for another half – hour a strong sight would HAVE meet his eyes (Conon Doyle) / Агар саёҳатчӣ боз якуним соати дигар тамошо мекард дар назди ӯ боз чизҳои аҷоиб пешниҳод мегашт [5, с.221-223]. Should he come this way I will speak to him (Ch. Brontle) / Агар ман боз бо ӯ дар ин ҷо вохӯрам, ман бо вай гапзанон мекунам.

Сиғаи шартӣ дар ҷумлаи пайрави мақсад истифода бурда мешавад, вақте ки аъзои пайрави мақсад бо пайвандакҳои “That, so that, in order that “пешкаш карда мешавад ва сиғаи шартӣ - аналитикӣ бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи «may (might)», агар сараъзои ҷумла ба замони оянда ё ҳозира таалуқ дошта бошад, агар сараъзои ҷумла ба замони гузашта дахл дошта бошад, танҳо шакли «might» истифода бурда мешавад. She opens (**will open**) the window that she may a breath of fresh air.

Order a conveyance to be at the door tomorrow evening in order that we may be in good time. (Dickens) / Ба экипаж фармон диҳед, ки барвақттар пагоҳ тайёр шаванд, ки мо дар вақташ расида тавонем. Mr, Ricobir impressed the name of streets upon me that I mind find my way back easily / Ҷаноби Рикобир маро маҷбур кард, ки номи кӯчаро ба хотир биёрам, то он ки роҳи хонаро тез ёбам. He got up, cautiously so that he might not work the sleeping day **(Cronin) /** Вай оромона ба болохона баромад то ин ки кӯдаки хобро бедор накунад.

Баъзе вақт феъли ёридиҳандаи «should» истифода бурда мешавад.

I made shorthand notes of all that she said however, so that there «should» be not possibility of a mistake **(Conan Doyle)** [5, с.88-93].

Дар аъзои пайрави мақсад агар бо калима «**lest**» ифода ёфта шуда бошад, «should» барои ҳамаи шахс умумӣ истифода мешавад.

Lest маънои манфии то ин ки (агар не) – ро дорад.

She opens (opened, will open) the window lest the also should (**begin**) be stuffy in the room / Вай тирезаро кушод, то ин ки ҳавои хона дамгир нашавад. She… looked steadily at her coffee lest she also should begin to cry as Ann was doing already (Eliot) / Вай сарашро боло набардошт, то ин ки гиря накунад. Анна, аллакай, гиря карда буд.

Сиғаи шартӣ. Though he may be tired. Tired though he may (might) be. No matter how tired he may **(might)** be he will go to the concert. However tired he may (might) be he will go to the concept / Ҳарчанд монда шуда бошад ҳам, вай ба консерт рафт. What ever obstacles may arise? We shall not give in / Чи қадаре ки мушкилие ба мо рух надиҳад, моро касе нигоҳ дошта наметавонад. You are my doughter Alise Although you may never admit it, you are like me. (Cow and Diusseau) [8, с.41-64] / Духтарам Алис ҳарчанде ки ту бо ӯ розӣ нестӣ, ту ба ман монанд ҳастӣ. I must return to the city, no matter what dangers may lurk there (Dreiser) / Ман бояд ба шаҳр баргардам, ҳарчанде ки хатаре маро интизор бошад. I should like to do some good to you and your husband whoever he may be (Hardly).

Сиғаи шартӣ дар ҷумлаҳои ҳоли вақт ва макон баъди пайвандаки Whenever ва Whereever истифода бурда мешавад.

Whenever you may (might) come you are welcome / Кай ки Шумо биёед мо доимо аз Шумо шодем. Of course, I shall come for your married whenever that may be fixed. (Trollope) / Албатта, ман ба тӯйи арӯсии Шумо меоям, кадом рӯзе, ки шавад.

Сиғаи шартӣ дар ҷумлаи пайрави муқоиса бо ёрии пайвандаки If he as though истифода мешавад.

She speaks (spoke) about him as if she knew him well / Вай дар бораи чӯнон гап мезад, ки гӯё ӯро хеле хуб мешинохта бошад. She greeted him as if he were her brother / Вай чунон салому алайк кард, ки гӯё ки ӯ бародараш бошад. He speaks as if he knew you / Вай чунон гап мезад, ки гӯё ки Шуморо мешинохта бошад. She shook hands with him as though they had known each other all their lives / Онҳо дасти ҳамдигарро фишурда, гӯё ки тамоми ҳаёт якдигарро мешинохта бошанд.

Сиғаи шартӣ инчунин дар ҷумлаи пайрави хабарӣ истифода бурда мешавад, ки он бо пайвандакҳо дар аъзои пайрави хабар пайваст шуда, феълҳои to be, to fell, to look, to seem дар сараъзои ҷумла меояд.

I feel as if we were back seven years, Jon / Ман чунин ҳиссиёт дорам,

гӯё ки мо ҳафт сол ақиб рафтем Ҷон. It was as if were angry with him / Маълум, ки ӯ аз вай ранҷида аст [10, с.111-123].

Агар дар сараъзои ҷумла сиға бо исмҳои абстрактӣ ифода ёфта бошад, ба монанди **Wish** – хоҳиш, Suppesition – пешниҳод, Aim - мақсад, Idea - идея ва дар чунин ҳолат феъли ёридиҳандаи should ё ин ки would истифода бурда мешавад.

Marry` s wish was that … our mother should come and live with her (A. Bronte) / Мери мехост, ки модарамон омада бо вай зиндагӣ кунад.

Сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ дар ҷумлаҳои пайрави мубтадо дар сараъзои ҷумла баъди шакли It is necessary, it is important истифода бурда мешавад. Шакли аналитикии сиға бо ёрии феъли ёридиҳандаи should барои ҳамаи шахс истифода бурда мешавад.

It was necessary that he should come it was desirable that she … should marry this earnest well to do and respectable man.

Сиғаи шартӣ - эҳтимолӣ дар ҷумлаи пайрави пуркунанда истифода мешавад. Вақте ки сараъзои ҷумла бо феъли **WISH** ифода ёфта бошад.

I wish I were a girl again. **(E.Bronte) /** Ман мехостам, ки боз аз сари нав духтар бошам (я хотела бы быть снова девочкой).

Сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ дар ҷумлаи пайрави пуркунанда истифода бурда мешавад, вақте ки феъл ё гурӯҳи калимаҳое, ки фармон, пешниҳод, маслиҳат, хоҳишро ифода мекунанд.

Шакли аналитикии сиға бо ёрии should барои ҳамаи шахс истифода бурда мешавад.

He orders (suggests, proposes) that everything should be ready by 5. He insists that everything should be ready by 6.

Сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ инчунин дар ҷумлаи пайрави муайянкунанда низ истифода бурда мешавад.

His wish that everybody should take part in the work was reasonable.

It is time we went home. It is time we should go home.

Чи хеле ки ба мо маълум аст, сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ метавонад ҳиссиёти гӯяндаро нисбат ба факт реалӣ ифода кунад.

А) Исм бо маънои якхела ҳайрат, (афсӯс), хурсандӣ, аҷоиб, ғайритабиӣ, имконпазирӣ, хушбахтона ва ғайра...

Б) Исм бо маънои якхела ҳайрат, пушаймонӣ ва шарму ҳаё.

He is such a charming man, that it is quite a pity he should be so grave and so dull. Сараъзои ҷумла метавонад бо чунин шакл сар шавад. I am sorry, glad, vexed, pleased ва ғайра. I am so vexed that such a thing should have been discussed before that child.

I forgive you, but so grieved, Dary that you should have such bad passions in your heart.

Чи хеле ки ба мо маълум шуд, олими бузурги рус Каушанская В.Л. сиғаҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад, аммо ГаншинаМ.А. бошад ба ду зергурӯҳ ҷудо кардааст ба сиғаи **бавосита** ва **бевосита** [10, с.114-116].

Ба сиғаи бавосита (the direct mood) сиғаи хабарӣ ва сиғаи амрӣ дохил мешавад, ба сиғаи бевосита (the obligue mood) сиғаи шартӣ - хоҳишмандии I ва II.

Ба сиғаи бевосита сиғаи амрӣ, ки амру хоҳишро ифода мекунад дохил мешавад.

Go and futch him. Come along with me.

Сиғаи хабарӣ, ки реалӣ будани амалро хабар медиҳад. Ба сиғаи бевосита сиғаи шартӣ ва эҳтимолӣ дохил мешавад, ки ғайри реалӣ будани амалро ифода мекунад, он амал танҳо хоҳиш, мақсад, пешниҳод, шубҳа, шарт, проблема ё ин ки баръакси далел меистад.

Мисол: **Be quite!** I wish you be quite / Дар ин ҷо танҳо ман ахборот ба шунаванда медиҳам, ки ман мехостам хоҳиши ман ғайриимкон аст. (You are not quite). I wish it were spring all year around / Дар ин ҷо ман ба шунавандае хоҳиши худро расонам, ки он танҳо тасаввурот бурда ҳеҷ гоҳ дар амал ба вуҷуд намеояд. It is impossible that he should said such a thing / Дар ин ҷумла ман шубҳаи худро ифода мекунам, нисбати гуфтаҳои ӯ. If it were not cold, I should go out / Бисёр хунук аст ва ман ба берун намебароям, ман танҳо тасаввур мекунам, ки имконияти берун баромадан ҳаст агар ҳаво хунук бошад.

Дар забони англисӣ **4** сиғаи **бевосита** ҳаст: 2 то **синтетикӣ** ва 2 то **аналитикӣ**. Аз нуқтаи назари олими рус Ганшина Мария Александровна сиғаи шартӣ хоҳишмандӣ 1 амали проблематикиро ифода мекунад, ки он ҳақиқати амалро рад мекунад.

If the weather be fine tomorrow we shall go to the country / Ман пурра гуфта наметавонам, ки пагоҳ ҳаво хуб мешавад, лекин мумкин хуб шавад. I suggest that hedo the work.

Сиғаи шартӣ хоҳишмандӣ маънои хоҳишмандиро ифода мекунад.

2. Сиғаи шартӣ хоҳишмандӣ замон надорад ҳарчанде ки барои ҳозира, гузашта ва оянда истифода бурда мешавад.

He orders that we be present. He ordered that we be present / Зарур аст, ки шумо бояд пагоҳ дар маҷлис бошед.

Сиғаи шартӣ хоҳишмандӣ 2 имконпазир будани амалро ифода мекунад.

I wish he were with us / Хоҳиши ман муқобили ҳолати асосӣ мебошад, зеро ӯ бо мо нест. If I had been in town yesterday, he would have come (if – ғайри реалӣ будани амалро мефаҳмонад) (He was not in town yesterday) / Дирӯз вай дар шаҳр набуд.

Сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ 2 замон дорад: **ҳозира** ва **гузашта** [10, с.165-186].

Замони ҳозираи сиғаи шартӣ – хоҳишмандии 2: I were he (she, it) were. Замони гузаштаи сиғаи хабарӣ мебошад. I was he (she, it) was. Он аз сиғаи хабарӣ фарқи калон дорад.

Баъд аз дида баромадани китоби Каушанская В.Л. «A grammer of English language» ва Ганшина М.А. «English grammar» ман ба чунин хулоса омадам, ки ин ду олими рус аз нуқтаи назари лингвистикӣ фикри худро нисбати сиға ва шаклҳои сохтори он бо мисолҳо ва далелу фактҳо ҳар як боби онро кушодаву равшан баён кардаанд.

Баъд аз мутолиаи ин ду китоб ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар китоби Каушанская В.Л. маълумоти илмӣ - назарявӣ бештар дода шудааст.

Дар китоби «**Grammar English**» сиға бо таври кушоду равшан ба таври амалӣ бештар бо мисолҳо хеле хуб равшан ва фаҳмо мисолҳо нишон додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов. – Москва, 1965. - 465 с.
2. Буронов Ж. / Грамматикаи забони англисӣ / Ж. Буронов, У. Ҳошимов Ҳ. Исматуллоев. – Тошкент, 1974. - 363 с.
3. Каушанская Л.В. / A grammar of English language / Л.В. Каушанская. – Leningrad, 1967. - 380 с.
4. Калонтаров Я.И. //Русско-таджикско-русский словарь Лингвистичечких терминов / Я.И. Калонтаров, В.А. Капран. – Душанбе, 1974. - 280 с.
5. Качалова К.Н. /тПрактическая грамматика английского языка/ К.Н. Качалова Е.Е. Израилович. – Душанбе, 1957. - 430 с.
6. Ниёзмуҳаммадов Б.Н. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. / Б.Н. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1973. - 276 с.
7. Рахмонов Б. Лексико-грамматические особенности глагола/ Б. Рахмонов. – Душанбе, 2017. – 187 с.
8. Саидов У. / Личная форма глагола выражающая нереальность в современном узбекском и английском языках / У. Саидов. АКД. – Тошкент, 1971. - 204 с.
9. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б. Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 165с.
10. Хлебникова И.Б. Сослагательнле наклонение в современном английском языке / И.Б. Хлебникова. – Ленинград: Учпедгиз, 1958. - 480 с.

СИҒА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола сиғаи забони англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мақсад аз навиштани мақолаи мазкур дар он аст, ки тамоми вижагиҳои мавзӯи додашударо дар ду забон равшан намоем. Инчунин дар мавзӯи мазкур мисолҳои зиёди тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ шудааст. Бояд қайд намуд, ки роҷеъ ба таҳлили муқоисавии сиға дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ҳол ягон тадқиқоти ҷудогонае анҷом дода нашудааст, бинобар ин мо ба хулосае омадем, ки доири ин мавзӯъ таҳқиқоти илмӣ намоем. Дар мақолаи иншошуда мақсад гузошта шуд, ки сиғаро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ карда, вижагиҳои лексикӣ ва грамматикии онро дар алоқамандӣ бо лексикология, морфология, фонетика, имло, сабки нигориш ва маданияти суханофаринӣ нишон диҳем. Илова бар ин, мақсади амалӣ сохтани ин ниятҳо, дар мақола, ба усулҳои бунёдии лингвистии таҳқиқ, ки ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва хусусиятҳои маводи тадқиқ мувофиқат мекард, содир шудааст. Дар мақолаи мазкур аз адабиёти илмӣ - таҳқиқотии зиёде истифода бурда шудааст.

Калидвожаҳо: сиға, сиғаи эҳтимолӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, сохти ҷумлаҳо, намуд, намуди сохти ҷумлаҳо, таҳқиқот, шакли муайянӣ, сохт, забономӯзӣ, маъноӣ, дараҷаи грамматикӣ, сиғаи хабарӣ, сиғаи амрӣ, синтетикӣ, классикӣ.

НАКЛОНЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье обсуждается наклонение английского и таджикского языков. Целью данной статьи является изучение специфики наклонения на двух языках. Многие таджикские и английские примеры также были изучены по этой теме. Следует отметить, что не было проведено сравнительного исследования сравнительного анализа наклонения в таджикском и английском языках, поэтому мы решили провести исследование по этой теме. В этой статье мы стремимся исследовать английские наклонения в таджикском и английском языках и показать их лексические и грамматические особенности, с точки зрения лексикологии, морфологии, фонетики, правописания, стиля выражения и культуры речи. Кроме того, цель реализации этих намерений состоит в том, чтобы придерживаться основных лингвистических методов исследования, которые соответствуют целям, задачам и специфике исследовательского материала. В данной статье использованы другие научно-исследовательские ресурсы из научной литературы Таджикского национального университета и Кулябского государственного университета.

Ключевые слова: наклонение, сослагательное наклонение, условное наклонение, императивное наклонение, структура предложения, форма, структура предложения, исследование, определение формы, структура, изучение языка, значение, грамматическая степень, индикативное наклонение, императивное наклонение.

MOOD IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article discusses the mood of English and Tajik laguages. The purpose of this article is to explore the specifics of the mood in two languages. Many Tajik and English examples have also been explored on the topic. It should be noted that no comparative study has been done on the comparative analysis of mood in Tajik and English, so I decided to do a research on the topic. In this article, we aim to investigate English moods in Tajik and English, and to show their lexical and grammatical peculiarities in terms of lexicology, morphology, phonetics, spelling, style of expression, and speech culture. In addition, the purpose of the implementation of these intentions is to adhere to the fundamental linguistic methods of research that align with the goals, objectives and specifics of the research material. In this article used other scientific and research resources from the scientific literature of the Tajik National University and the Kulyab State University.

Key words: mood, subjunctive mood, conditional mood, imperative mood, sentence structure, form, sentence structure, research, shape definition, structure, language learning, meaning, grammatical degree, indicative mood, imperative mood.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳсудинов Рамазон Исмоналиевич*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, аспиранти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълим. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 985-57-71-17**

Сведения об авторе: ***Махсудинов Рамазон Исмоналиевич*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, аспирант кафедры иностранных языков и методики преподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 985-57-71-17**

Information about the author: ***Mahsudinov Ramazon Ismonalievich*** – Kulob State University named after A.Rudaki, the postgraduate of the chair of foreign languages and teaching methodology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str., 16. Tel.: **(+992) 985-57-71-17**

УДК: 491.550

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ, ИНКИШОФ ВА МУШКИЛОТИ ИСТИЛОҲОТИ ТИББӢ ДАР ЗАБОНИ ОЛМОНӢ

Назаров Т.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳоти тиббӣ калимаҳои махсус буда, дар фаъолияти касбии мутахассисони соҳаи тибб хамчун илм ба шумор меравад. Тибб илмест оиди табобати инсон, ки дорои ҳазорҳо калимаву ибораҳои аз истилоҳоти соҳаҳои дахлдори дигар илмҳо (биология, химия, физика, микробиология, радиология, генетика, антропология, психология, шабакаи интернетӣ ва ғайра) мебошад. Таҷҳизотҳои муосири тиббӣ бо сарчашмаҳои зеҳнӣ ба таври истисноӣ мувофиқ буда, гуногунии консепсияҳои илмии ҷудогонае онҳоро инъикос менамояд.

Хусусиятҳои лексикии чунин фарҳангҳо дар ҷанбаҳои мухталиф дар таҳқиқотҳои олимони бузурги ҷаҳонӣ, ба монанди: Е.В. Бекишева, Л. Бесекирска, Л. Динес, Л.В. Дубровна, Яна Залевски, Т.С. Кириллова, З.Р. Палютиной, Н.Г. Петровка, К.Ю. Пешкова, А.М. Тюнь, М.Н. Чернявский, С.В. Швецова ва дигарон таҷассум ёфта, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Олимон сохтор ва мафхумҳои истилоҳи тиббӣ, таърихи ташаккулёбии он, тамоюли асосии ташаккулёбии онро омӯхтанд.

Масъалаҳои таҳқиқшудаи истилоҳоти тиббиро такя ба хусусиятҳои лингвистӣ ба гурӯҳҳои зерини шартӣ метавон ҷудо кард:

- Таҳияи масъалаҳои пайдоиш ва рушди истилоҳоти тиббӣ (Дубровина 1976; Гринев 1993; Остапенко 1998; Рудинская 1998; Новоселова 2001; Dallie, Habert 1996; Smith 2001);
- Таносуби эҳсосии истилоҳоти тиббӣ [Казарина 1998];
- Терминологияи патологияи касбӣ [Антонов 1983];
- Почтаи электронӣ дар истилоҳотҳои тиббӣ [Новинская 1989];
- Эпиномия дар истилоҳи тиббӣ [Новинская 1989];
- Аниқ (топонимика) кардани системаҳои истилоҳоти илмҳои тиббӣ [Моисеев 1970];
- Аббревиация (ихтсоркунии) истилоҳҳои тиббӣ [Мурасеев 1980; Маленова 2001];
- Масъалаҳои марбути маҷозӣ ба мафҳумҳои тиббӣ [Алексеева 1998; Мишланова 2002];
- Мушкилоти байналмилаликунонии истилоҳҳои тиббӣ [Бесекирска 1997];
- Ҷанбаҳои сервазифавии истилоҳоти тиббӣ [Динес 1985; Теплова 2002; Швецова 2005];
- Омӯзиши истилоҳоти забони тибб [Гаврилина 1998; Ельцова 2000; Мишланова 2002; Алленова 2003; Аллафи 2004];
- Таҳлили муқоисавӣ дар асоси маводи якчанд забон [Сердюкова 1998];
- Равандҳои ташаккули системаҳои дуюмдараҷаи истилоҳот дар заминаи забоншиносӣ [Бушин 1996];
Тадқиқи калимаву истилоҳоти марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвонот дар мақолаи забоншинос М.А. Мухаммед-алӣ низ ба чашм мерасад, ки номбурда паҳлуҳои гуногуни ин қабати лексикаро баррасӣ намудааст [6, с.82-84].

Бо такя ба маводи дар ихтиёр доштаамон метавон гуфт, ки ин навъи калимаҳо, асосан, оҳанги даъват, муроҷиат ва ронданро дар худ дороянд. Дар лаҳҷаи Варзоб барои ифодаи мафҳуми умумии рондани ҳайвон таркиби «ҳай кардан» (ҳай-исм аз амали ҳай кардан) истифода бурда мешавад: *Мол-о-ра а думи ман ҳай карда омадан гир* (Кон.).

Ҳамчунин, барои рондан, боздоштан (истонидан, нигоҳ доштан) ва ба назди худ хондан (даъват кардани)-и ҳайвонҳо калимаҳои гуногун истифода бурда мешаванд, ки мо онҳоро дар зер вобаста ба навъи ҳайвонҳо ба гурӯҳҳо тақсим намуда, таҳлил менамоем.

Вожаҳое, ки ҳангоми рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хурд истифода мешаванд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои зерин дохил мешаванд: «чигӣ-чигӣ» – барои ба назди худ хондани бузу бузғола: *Буз-а а лави ҷар чигӣ-чигӣ гӯ фаройа бийойа* (Хоҷ.)*;* «маҳ-маҳ» – барои ҷеғ задани гӯсфанд: *Гӯсфанд-о-ра маҳ-маҳ гӯ да қутан ҷам шаван* (Ҳуш.)*;* «ча//чаҳ» – барои рондани бузу бузғола: *Ча гӯ буз-о-ра болотар барон раван* (До.)*;* «ай» –барои рондани гӯсфанд: *А қафойи гӯсфанд-о ай гуфтан гир, ки бо йагон-та-ш қафо намона* (Дм.)*;* «чигӣ» – барои боз доштани буз: *Буз-а чигӣ гӯ да вақти ҷӯшидан наҷума* (Ғф.).

Барои рондани саг калимаи «тур» истифода бурда мешавад, ки истилоҳи туркӣ буда, маънои «хез», «бархез»-ро дорад: *Саг-а тур гӯ бо буз-о-ра насурона* (ШТ.). Дар баъзе асарҳои лаҳҷашиносӣ калимаи мазкур ҳамчун калимаи ӯзбекӣ оварда шудааст, вале на ба маънои мавриди таҳқиқи мо, балки ба маънои «боло», «пешгоҳи хона», «ҷойи бамартаба (одамони иззатманд, калонсолон, меҳмононро он ҷо менишонанд)» омадааст [2, с.50-51]. Сагро бештар дар шакли тақлид бо номаш нидо мекунанд (тузик-тузик, барсик-барсик ва ғайра). Баъзе истилоҳоти дигар низ ба мисли «киш-киш», «ҳулакиш//ҳула киш-киш», «гираша» мавҷуданд, ки барои ба муқобили касе ё ҷондоре равона кардан ва барангехтани саг истифода мегардад.

Дар мавриди ба назди худ хондани гурба калимаҳои тақлидии «кис-кис» ва «пиш-пиш» истифода мешавад. Барои ронданаш бошад «пишт» ба кор меравад: *Пишак-а пишт гӯ а пеши деги шир дур рава* (Ҷк.).

Вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти калон. Рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти калон бо калимаҳои ҷудогона ифода ёфта, аз дигар навъи ҳайвонот ба куллӣ фарқ дорад. Ба ин гурӯҳ калимаҳои зерин дохил мешаванд: «шӯг-шӯг» – барои ба назди худ хондан (ҷеғ задан)-и гӯсола: *Гӯсол-о-ра шӯг-шӯг гӯ ҷам шаван да пеши ҳел* (Хоҷ.)*;* «чӯг//чог» – барои рондани гӯсола: *Чӯг нагӯ гӯсола мегуреза* (Фан.)*;* «шӯг» – барои нигоҳ доштан ва боз доштани гӯсола: *Бийо гӯсола-ра шӯг гуфтан гир да пеши очаш иста ман оча-ш-а ҷӯшам* (Хоҷ.)*;* «ҳеш-ҳеш» – барои ҷеғ задан ва даъват кардани гов маъмул аст: *А сари тег гов-о-ра ҳеш-ҳеш гӯ барон бийон* (Якч.)*;* «бош» –барои рондани гов: *Гов-а бош гӯ бо алаф-о-йи бога нахура* (До.)*;* «ҳеш» –барои нигоҳ доштан ва боз доштани гов истифода мешавад: *Гов-а ҳеш гӯ қарор меиста* (Қул.).

Ҳамчунин, калимаҳои «эшем» ва «поҷӯш» низ барои наҷумбидани ҳайвон ҳангоми ширҷӯшӣ истифода мегардад. Ҳангоми ҷуфт ва хирманкӯбӣ барои гардонидани барзаговҳо аз як ҷониб ба ҷониби дигар истилоҳи «бош-парч» истифода мегардад: *Барзагов-а бош-парч гӯ, ки а рйад набаройа* (Лб.).

Вожаҳои, ки барои рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти боркаш истифода мешаванд. Ҳангоми рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти боркаш аз калимаву таркибҳои зерин истифода бурда мешавад, ки аз онҳо баъзеашон махсуси хар ва баъзеи дигарашон махсуси асп мебошанд: «беҳ-беҳ» – барои даъват кардани хар ва асп: *Хари сурх-а беҳ-беҳ гӯ бийойа, ки ҳози мегуреза* (Чб.)*;*) «йих//их» – барои рондани хар: *Хар-а тез-тез йих гӯ, тезтар ра гарда* (Кон.)*;* «чу» –барои рондани асп: *Чу нагӯ асп-а бо нагуреза* (Лб.)*;* «йуш» – барои нигоҳ доштани хар: *Хар-а йуш гӯ бор-о-ра бор кунем* (Фан.)*;* «так» – барои нигоҳ доштани асп: *Аспи калони-т кар-ай чӣ так мегӯйи баръакс ра мегарда?* (Зим.) ва ғайра.

Ба назди худ хондани ҳайвонот тавассути номҳои шартие, ки ба онҳо гузошта мешавад. Ба назди худ хондани ҳайвон тавассути номи ба он гузошташуда мувофиқ ва қулай буда, гузоштани номҳои шартӣ ба ҳайвоноти хонагӣ дар лаҳҷаи Варзоб гуногунранганд ва вобаста ба навъи ҳайвон гуногунанд. Тарзи номгузорӣ ба гароиши соҳибони ҳайвон ба ин ё он фарҳанг ва муҳити забониву маданӣ (бештар русӣ) вобаста аст ва гузоштани номҳои баромади тоҷикидошта хеле кам ба чашм мерасад, ки муҳимтарини онҳо чунинанд: нисбат ба гов: Марийа, Маша (барои говҳои мода), Миша, Кендал (туркӣ, солҳои охир), Мишка, Васка (барои говҳои нар); нисбат ба хар: Андроп, Рахш; нисбат ба асп: Рахш; нисбат ба саг: Барсик, Тузик, Барбос, Барф, Рекс, Хирс, Гург, Йулбарс//Жулбарс, Палвон; нисбат ба гурба: Мошон, Луса ва ғайра.

Чун дар ин мақола бештар нидоҳои марбут ба ҳайвоноти хонагӣ баррасӣ гардиданд, наметавон вожаҳоеро, ки овози ҳайвонотро ифода мекунанд, нодида гирифт. Агар аз назари ҷисмонӣ гирем, ҳамаи ҳайвонот дорои забонанд, вале вазифаеро, ки ин узв барои инсон иҷро мекунад (ҳарф задан) хосси ҳайвонот нест. Бояд қайд намуд, ки новобаста аз ин махрумияташон, онҳо баъзе садоҳо мебароранд, ки барои инсоният ҷолибанд. Ин навъ садоҳоро («шиҳа», «ҳингираст»-и асп, «ҳангаст»-и хар, «алуҷок»-и саг, «бааст//ваааст//ваҷаст»-и бузғола, барра, гӯсола ва ғайра, «мааст»-и гӯсфанду буз, «фашаст»-и ҳайвонот ҳангоми хӯрокхӯрӣ) инсоният омӯхта, барои ифодаи онҳо калимаҳои мувофиқро истифода намудааст, ки вобаста ба ҳайвон аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан: буз, бузғола, гӯсфанд, барра: мееее, беееe; саг: ҳаф-ҳаф, ак-ак, ав-ав, ҳав-ҳав; гурба (пишак): мийав-мийав; гов, гӯсола: мӯӯӯӯ//бӯӯӯӯ; хар: ҳанг-ҳанг; асп: ииииии ва ғайра.

Вожагони марбут ба амалҳои рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвонот, ки дар лексикаи лаҳҷаи Варзоб истифода мегарданд, дар шеваву лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ ва забонҳои шарқӣ-эронӣ низ мавриди истифода қарор доранд [5, с.13-14; 7, с.35-36; 4, с.169-186; 8, с.66].

	Гӯйиши Варзоб	***Забони ягнобӣ***	***Забонҳои помирӣ***	***Лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ***
назди худ хондани гурба	кис-кис, пиш-пиш	пиш-пиш		пиш-пиш-пиш-пиш
рондани гурба	пишт	пишт		пишт
назди худ хондани саг	баҳ-баҳ	баҳ-баҳ		боҳ-боҳ
рондани саг	тур	тур		тур
назди худ хондани буз	чигӣ-чигӣ	чги-чги	jiӯ- jiӯ- jiӯ!	чикӣ-чикӣ-чикӣ

рондани буз	чаҳ; ча	чаҳ		ай
боз доштани буз	чигӣ			
назди худ хондани гӯсфанд	маҳ-маҳ	ҳей-ҳей	tpruy- tpruy-tpruy!	бв-бв-бв
рондани гӯсфанд	ай, қуш	ай		Қуш
боз доштани гӯсфанд		пве-пве		
назди худ хондани гӯсола	шӯг-шӯг	шог-шог	ḍo-ďo- ḍo!	шок-шок-шок
рондани гӯсола	чӯг, чог	чог	šəg!	
боз доштани гӯсола	шӯг			
назди худ хондани гов	ҳеш-ҳеш	ҳош-ҳош	og-šog- šog!	ҳеш-ҳеш-ҳеш
рондани гов	бош	бош	sow!	Бош
боз доштани гов	ҳеш	ҳши-ҳши		
назди худ хондани хар	беҳ-беҳ	беҳ-беҳ	kot-kot-kot!	беҳ-беҳ
рондани хар	йих, их	их	ixx(a)!	
боз доштани хар	йуш, ушш	иш	čuš-š!	
назди худ хондани асп	маҳ-маҳ	беҳ-беҳ	kurr-kurr-kurr!	наҳ-наҳ
рондани асп	чу, чуҳ	чуҳ	ču!	
боз доштани асп	так			

Аз таҳлили вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Вожаҳои мазкур самараи омӯзишу пайгирии дурударози ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҳайвонот аз ҷониби инсоният маҳсуб ёфта, дар тӯли қарнҳо, зимни парваришу ромгардонӣ ва домдории пешиниёнамон чун донаҳои марвориди пурҷило ба хазинаи забони шевову суфтаи адабӣ ва лаҳҷаҳои ширину гувороямон ворид гардиданд.

2. Қисми зиёди вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хонагие, ки дар лаҳҷаи Варзоб мушоҳида гардид, дар забони адабӣ, шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва дар баробари ин, як қисми камашон дар забонҳои дигари шарқӣ-эронӣ мустаъмаланд.

3. Истилоҳоти ин бахш аз ҷиҳати сохтору дарназардошти хусусияту қонунияти калимасозӣ ва маъно баробар набуда, вобаста ба ҳайвон аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

4. Баъзе калимаҳо новобаста аз иқтибосӣ буданашон дар таркиби лексикаи лаҳҷа ҳазм гардида, серистеъмоланд ва муодили тоҷикии худро аз доираи истеъмол берун кардаанд.

5. Вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хонагӣ ягона қисмати лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар таркиби лаҳҷаи Варзоб аст, ки оҳанги навозишу меҳрубонӣ ва нафрату норизогии одамро нисбат ба ҳайвон ифода менамояд.

Рӯйхати деҳаҳои ихтисоршуда: Ғф. – Ғусғарф, Дм. – Деҳмалик, До. – Дуоба, Зим. – Зимчурӯд, Кон. – Кондара, Қул. – Қулписта, Лб. – Лучоб, Фан. – Фанфароқ, Хоҷ. – Хоҷа Оби Гарм, Ҳуш. – Ҳушёрӣ, Чб. – Чорбоғ, Ҷк. – Ҷангалак, ШТ. – Шаҳраки Такоб, Якч. – Якчағӯз.

А Д А Б И Ё Т

1. Германович А.И. Слова клича и отгона животных в русском языке/ А.И. Германович // Известия Крымского педагогического института им. М.В.Фрунзе. – 1954. – Т.19. – С.306-311.
2. Кабиров М. Лексикаи лаҳҷаҳои тоҷикони Чирчиқи Вилояти Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон: рис. … ном. илм. филол. / М.Кабиров. – Душанбе, 1995. – 213 с.
3. Қосимов В. Шеваҳои тоҷикони Фориш: рис. … ном. илм. филол. / В.Қосимов. – Душанбе, 1966. – 324 с.
4. Мирбобоев А. Лексика животноводства ваханского языка: дис. … канд. филол. наук / А.Мирбобоев. – Душанбе, 1991. – 205 с.
5. Мирзозода С. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ / С.Мирзозода. – Душанбе: Анҷумани Девештич, 2008. – 280 с.
6. Мухаммед-али М.А. Слова призыва животных в современном русском языке и их место в лингвистической литературе [электронный ресурс]. URL: http://journal.pushkin.institute/archive/archive/1973/1973-3/ (дата обращения: *11.03.2017 г.)*.
7. Ниматов Г. Лексикаи чорводории забони яғнобӣ: рис. … ном. илм. филол. / Г.Ниматов. – Душанбе, 1998. – 183 с.
8. Носиров С.М. Нидоҳои даъват ва рондани ҳайвонот ва паррандагони хонагӣ дар лаҳҷаҳои Фалғар / С.М. Носиров // Суханшиносӣ. – 2015. – №3. – С.65-70.
9. Рузиев М. Назаре ба дараҷаи омӯзиши лаҳҷаҳои Варзоб ва муносибати он бо лексикаи чорводорӣ / М. Рузиев // Паёми ДМТ. –2016. – №4/3 (203). – С. 110-115.
10. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С. Хоркашев. – Душанбе: Сабрина-К, 2014. – 106 с.

ВОЖАҲОИ МАРБУТ БА РОНДАН, БОЗДОШТАН ВА БА НАЗДИ ХУД ХОНДАНИ ҲАЙВОНОТИ ХОНАГӢ ДАР ЛАҲҶАИ ВАРЗОБ

Мақола яке аз бахшҳои муҳимми лексикаи лаҳҷаи Варзоб, вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хонагиро фаро мегирад. Ҳарчанд доир ба баъзе хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ ва лексикии лаҳҷаи Варзоб, инчунин, урфу одат, фарҳанг ва ҳаёти сокинони ноҳияи Варзоб лаҳҷашиносону этнографҳои тоҷику рус каму беш дар асару мақолаҳояи хеш маълумот дода бошанд ҳам, аммо қисмати лексикаи лаҳҷаи Варзоб, хусусан вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хонагии он амиқ омӯхта нашудааст ва мақолаи мазкур аввалин пажӯҳишест, ки ба ин қабати лексикаи лаҳҷаи Варзоб бахшида шудааст. Пажӯҳиши мавзӯи мазкур бо истифода аз таҷриба ва назарияи забоншиносони варзидаи ватаниву хориҷӣ, хусусан соҳаи лаҳҷашиносӣ, сурат гирифтааст. Муаллиф дар мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки вожаҳои марбут ба рондан, боздоштан ва ба назди худ хондани ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзобро дар муқоиса бо дигар шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва чанде аз забонҳои шарқӣ-эронӣ нишон диҳад. Инчунин, дар мақола дастовардҳои муҳаққиқоне, ки доир ба мавзӯъ тадқиқот анҷом додаанд, зикр гардида, барои фаҳмотар шудани маънои вожаҳо мисолҳои мувофиқ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: рондан, боздоштан, ба назди худ хондан, ҳайвоноти хонагӣ, лаҳҷаи Варзоб, забонҳои шарқӣ-эронӣ.

СЛОВА ОТНОСИТЕЛЬНО ИЗГНАНИЯ, ЗАДЕРЖАНИЯ И ПРИЗЫВАНИЯ ДОМАШНИХ ЖИВОТНЫХ В ВАРЗОБСКОМ ГОВОРЕ

Статья охватывает один из важных разделов лексики варзобского говора, слова относящиеся к изгнанию, задержанию и призывания домашних животных. Несмотря на то, что относительно некоторых фонетических, морфологических и лексических свойств варзобского говора, также традиций и обычаев, культуры и жизни жителей Варзобского района Таджикистана русскими диалектологами и этнографами приведена некоторая информация в их трудах и научных статьях, но раздел варзобского говора, особенно лексика относящаяся к изгнанию, задержанию и призывания к себе домашних животных изучена не в полной мере и в данная статья является первым исследованием, которое посвящено изучению пласта лексики варзобского. Исследование данной темы проведено с использованием опыта и теории отечественного и зарубежного языкознания, особенно диалектологической отрасли. Автор в статье сделал попытку отражения лексики варзобского говора, относящейся к изгнанию, задержанию и призывания домашних животных в сравнении с другими стилями и говорами таджикского языка и некоторых восточно-иранских языков. Также в статье отмечены достижения исследователей, которые завершили свои исследования относительно данной тематики, также приведены соответствующие данной тематике примеры.

Ключевые слова: изгнание, задержание, призывание к себе, домашние животные, варзобский говор, восточно-иранские языки..

WORDS REGARDING EXPULSION, RETAINING AND SUMMONING PETS IN THE VARZOB SPEAK

The article covers one of the important sections of the Varzob dialect vocabulary, words related to the expulsion, detention and summoning of pets. Despite the fact that regarding some phonetic, morphological and lexical properties of the Varzob dialect, as well as the traditions and customs, culture and life of the inhabitants of the Varzob region of Tajikistan, Russian dialectologists and ethnographers provided some information in their works and scientific articles, but the section of the Varzob dialect, especially the vocabulary related to the expulsion, detention and summoning of pets has not been fully studied and this article is the first study devoted to the study of the layer of Varzob vocabulary. The study of this topic was carried out using the experience and theory of domestic and foreign linguistics, especially the dialectological branch. The author in the article made an attempt to reflect the vocabulary of the Varzob dialect related to the expulsion, detention and summoning of pets in comparison with other styles and dialects of the Tajik language and some East Iranian languages. The article also notes the achievements of researchers who completed their research on this topic, and examples corresponding to this topic are also given.

Key words: exile, detention, calling to oneself, domestic animals, Varzob dialect, East Iranian languages**.**

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Рузиев Мехрубон Миралиевич*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИ Тоҷикистон, унвончӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 21. E-mail**: ruziev.mehrubon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-451-08-58**

Сведения об авторе: ***Рузиев Мехрубон Миралиевич*** - Институт языка и литературы им. А. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail**: ruziev.mehrubon@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-451-08-58**

Information about the author: ***Ruziev Mehrubon Miralievich*** - Institute of Language and Literature. A. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail**: ruziev.mehrubon@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-451-08-58**

УДК: 492.7.09: 491.550-4

ИФОДАИ ҶАМЪБАНДИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ)

Саломов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо омӯзиш ва баррасии категорияи шумора дар забони арабӣ маълум мегардад, ки ин забон ба фарқ аз бештари забонҳои шинохтаи ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳам вижагиҳои морфологиеро аз модарзабони сомӣ дар худ ҳифз менамояд. Корбурди шумораи дутогӣ, ҷамъҳои қиллату касрат ва шикаставу солим дар забони адабии арабии имрӯз мерос аз модарзабони сомӣ мебошад.

Дар забоншиносии араб дар робита ба шумораи ҷамъ асарҳову мақолаҳои зиёде нигошта шудааст, ба гунае ки аз «ал-Китоб»-и Сибавайҳ сар карда то тозатарин асару мақолаи ба наҳв бахшида, ҳатман, доир ба хусусиятҳову тарзи корбурди ин категорияи грамматикӣ ишораву тафсирҳо рафтааст. Дар арабшиносии тоҷик дар асару мақолаҳои Мусофиров К., Исаева Ф.А., Сулаймонов С., Яқубов Т., Исмонов К., Гурезов Ҷ. ва дигарон шумораи ҷамъ то ҷое ба баррасӣ кашида шуда бошад ҳам, вале ҳанӯз паҳлуҳои зиёде аз он ношинохта боқӣ мондааст. Хусусан, дар самти корбурди шумораи ҷамъи арабӣ дар забони тоҷикӣ ба истиснои бархе ишораҳо дар зимни китобҳои ба грамматикаи забони тоҷикӣ бахшидашуда, дигар пажӯҳиши бунёдиву ҳамаҷонибае ва он ҳам дар пояи ин ё он асари ёддоштӣ-бадеӣ сурат нагирифтааст. Дар ҳоле ки дар забони адабии тоҷикӣ миқдори чашмраси иқтибосоти арабие вуҷуд дорад, ки дар шаклҳои мухталифи ҷамъбандии арабӣ ба забони тоҷикӣ дохил гардида, дар забони навишториву гуфторӣ ба таври густарда корбурд мешаванд. Дар ин мақола саъй мешавад, то хусусиятҳои шумораи ҷамъи арабӣ ва чигунагии корбурди онҳо дар пояи «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирад.

Чи тавре маълум аст, иқтибосоти арабӣ бо шаклҳои ҷамъбандии «*дутогӣ*», "*шикаста*" ва "*ҷамъбандии мардона* ва *занонаи солим*" дар забони тоҷикӣ ворид гардидаанд ва ҳар яке дар сатҳҳои гуногун истифода мешаванд. Омӯзиши категорияи ҷамъи иқтибосоти арабӣ дар «Ёддоштҳо» нишон дод, ки дар ин асар аз ҳама бештар ҷамъи шикаста корбурд шудааст.

Ҷамъи шикаста, ки дар забоншиносии араб аз он бо ҷамъи мукассар ё ҷамъи таксир ёд карда мешавад, ҷамъест, ки бо тағйирпазирии сохтори шумораи танҳои калима сурат мегирад, бад-ин маъно, ки шакли муфради калима дар ҳам шикаста мешавад [11, с.84-85]. Дар забони арабӣ бештар аз сӣ навъи ҷамъи шикаста вуҷуд дорад [5, с.276-283], ки роиҷтарини онҳо бад-ин миқвол аст:

1. Вазни أَفْعَالٌ *"афъол": ахлоқ* - аз хулқ, *аъмол*- аз амал, *афкор*- аз фикр, *ахбор* - аз хабар, *анвоъ* - аз навъ, *абвоб* - аз боб, *авзоъ* - аз вазъ, *алвон* – лавн, *асбоб* – аз сабаб, *аъзо* – аз узв, *ашъор* – аз шеър;

2. Вазни فُعُولٌ "*фуъул*": *қулуб* -аз қалб, *қубур* - аз қабр, *ҳудуд*- аз ҳад, *ҳуқуқ* - аз ҳақ [қ], *нуҷум* – аз наҷм, *русум* – аз расм, *умур* – аз амр, *фунун* – аз фан [фан];

3. Вазни فِعَالٌ *"фиъол" ҷидол*- аз ҷадал, *изом*- аз азим, *киром*- аз карим, *ибод* – аз абд;

4. Вазни فُعَلَاءُ *"фуъало": вузаро*- аз вазир, *руасо*- аз раис, *қудамо* - аз қадим, *ҳукамо* - аз ҳаким, *уқало*- аз оқил, *уламо* – аз олим, *шурако* – аз шарик;

5.Вазни مَفَاعِلُ *"мафоъил": мадорис*- аз мадраса, *мамолик*- аз мамлакат, *маротиб* - аз мартаба, *макотиб* – аз мактаб, *маҷолис*-аз маҷлис, *маориф – аз маърифа;*

6. Вазни مَفَاعِيلُ *"мафоъил": маҷонин-аз* маҷнун, *масобиҳ*-аз мисбоҳ, *мақоис*-аз миқёс, *мафотиҳ*- аз мифтоҳ;

7. Вазни فَوَاعِلُ *фавоъил*: *савоҳил*- аз соҳил, *ҳаводис*- ҳодиса, *натоиҷ*- аз натиҷа, *ҷазоир*- аз ҷазира, *вақоеъ* – аз воқеа, *насоиҳ* – аз насиҳат.

Ҷойи тазаккур аст, ки иқтибосҳо бо ҷамъбандии шикастаи арабӣ дар асари мавриди таҳқиқ фаровон аст, ки намунаи онҳо аз ин қарор аст: *авзоъ* – вазъ *авлиё* – валӣ, *авлод* – валад, *авомил* – омил, *айём* – явм, *ақоид* – ақида, *алфоз* – лафз, *амлок* – мулк, *арвоҳ* – рӯҳ, *аслиҳа* – силоҳ, *атвор* – тавр, *атроф* – тараф, *ахлоқ* – хулқ, *аҳвол* – ҳол, *аҳзон* – ҳузн, *аҷдод* – ҷад[д], *аҷзо* – ҷузъ, *ашё* – шайъ, *малоика* – малак, *нуҷум* – наҷм, *уламо* – олим, *ҳукамо* – ҳаким, *улум* – илм, *усул* – асл, *фазоил* – фазилат, *қароин*- қарина, *масолеҳ*- маслаҳат, *аркон* - рукн ва садҳо калимаҳои дигар [1; 2].

Аз нигоҳи оморӣ пас аз иқтибосоти дар шакли ҷамъи шикаста омада маҳз иқтибосоти дар ҷамъи солим овардашуда истифода шудааст. Дар забоншиносии араб ҷамъеро, ки дар он

калимаи муфрад тағйир накунад ва фақат аломати ҷамъ ба он афзуда шавад ҷамъи солим мегӯянд [12, с.46].

Дар забони арабӣ ҷамъи солим ба ҷамъи мардонаи солим ва ҷамъи занонаи солим тақсим мешавад. Нишондиҳандаи ҷамъи мардонаи солим дар забони арабӣ пасвандҳои *“-ун”* ва *“-ин”* мебошанд. Дар забони тоҷикӣ ба сурати нодир шакли “*-ун”* ва асосан шакли “*-ин*” ба чашм мерасад: *ҳозирин* - ҳозирбудагон, *муаллимин* - муаллимон, *муслимин*-мусулмонҳо, *сомеин* - шунавандагон.

Ҷамъи занонаи солим ба воситаи илова намудани пасвандҳои *“-от”* ва *“-ёт” дар охири калима* сохта мешавад. Ин навъи ҷамъбандии арабӣ ҳам дар забони арабӣ ва ҳам тоҷикӣ маъноҳои *пеша*, *вазифа*, *соҳаи муайяни илм* ва дигар маъноҳоро ба худ касб мекунанд: Масдари навъи II: «*таълимот»*- дастуру таълимот, аз масдари навъи II *«таълим»; «таъминот»*- ба маънои таъмин кардан ва кафолат додан, аз масдари навъи II «таъмин»; «*тарғибот»*- ба маънои тарғиб кардан аз масдари навъи II «*тарғиб*»; масдари навъи IV: «*иҷроот»*- ба маънои иҷро кардан, аз масдари навъи IV «иҷро»; «иҳсосот» - ба маънои ҳис кардан аз масдари навъи IV «иҳсос», *«ихроҷот»- ба маънои* берун кардан, баровардан аз масдари навъи IV «*ихроҷ*»; масдари навъи V: «таассурот» - ба маънои таъсирпазирӣ, ҳасосият ва ғ. аз масдари навъи V «таассур»; масдари навъи VIII: «интихобот» - ба маънои интихоб, ихтиёр ва ғ. аз масдари навъи VIII «интихоб» [8].

Дар забони тоҷикӣ як даста исмҳои иқтибосии арабии дар шакли ҷамъи занонаи солим *«-ёт»* вуҷуд доранд, ки ба маънои а) номи исмҳо меоянд; б) маҷмӯи чизеро ифода мекунанд:

а) “*мантиқиёт*”- он чи ба илми мантиқ тааллуқ дорад, *“риёзиёт”*- он чи ба илми риёзиёт мансуб аст, “*ахлоқиёт*” этика, илми ахлоқ, он чи ба илми ахлоқ вобастааст;

б) *адабиёт* - илми адабиёт, ки чанд бахш дорад; “*ҳиссиёт*” – маҷмӯи он чи ба ҳис марбут аст, *назариёт* – илми назариявӣ, он чи ба ҷамъи илмҳои назариявӣ мансуб аст.

Як хусусияти хосси исмҳои иқтибосшуда дар шакли ҷамъи «*шикаста*» ва «*ҷамъи занонаи солим*» ба воситаи пасванди «*-от*» ин аст, ки бархе калимаҳои арабӣ ҳарчанд дар забони тоҷикӣ дар шакли ҷамъ дохил гардидаанд, вале дар забони тоҷикӣ аз нав бо пасванди ҷамъбандии тоҷикии “*-ҳо*” дигарбора ҷамъ баста мешаванд. Ба таври мисол, *ахбор*, ки ҷамъи исми “*хабар*” аст, дар забони тоҷикӣ дар шакли *ахборот* ва ҳатто “*ахборотҳо*” ҷамъ баста мешавад ё иқтибоси арабии “*таҳқиқ*” ки дар арабӣ дар шакли “*таҳқиқот*” ҷамъ баста мешавад, дар забони тоҷикӣ ба сурати “*таҳқиқотҳо*” мушоҳида карда мешавад ё худ калимаи арабии «*харҷ*» ки дар забони арабӣ ба сурати «*хароҷот*» ҷамъ баста мешавад, дар забони тоҷикӣ дар шакли «хароҷотҳо» ба назар мерасад.

Аз назари забоншиносӣ ин падидаро чунин шарҳ метавон дод, ки шаклҳои ҷамъи арабӣ ба забони тоҷикӣ на калимаҳо дар шакли ҷамъ, балки чун калимаҳо дар шакли танҳо дохил мегарданд ва аз ҳамон сабаб ҳам онҳо дар забони тоҷикӣ аз нав ҷамъ баста мешаванд, зеро тарзи ҷамъбандии флективӣ, ки хосси забони арабӣ аст, барои забони тоҷикӣ, ки аз берун ва канор ҷамъ баста мешавад, хос нест. Барои ҳамин дар забони тоҷикӣ бархе аз калимаҳои иқтибосиеро, ки дар ҷамъи шикаста ва ҷамъи занонаи солими арабӣ мебошанд, аз нав бо пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикӣ ҷамъ мебанданд: аъзоҳо, маросимҳо, музофотҳо ва ғайра [7, с.64].

Шаклҳои ҷамъи арабӣ дар бисёр мавридҳо лексиконида шудаанд, онҳо аз парадигмаи худ ҷудо шуда, ба калимаи мустақил табдил ёфтаанд, вале протсесси лексиконидани онҳо ҳанӯз пурра анҷом наёфтааст ва шаклҳои ҷамъи арабӣ барои ифодаи маънои грамматикии ҷамъ низ ҳанӯз истифода мешаванд. Мисол: асрор (сирҳо), ашхос (шахсҳо), атроф (тарафҳо), афкор (фикрҳо), ашъор (шеърҳо), афлок (фалакҳо) ва ғайра [7, с.64].

Дар зери таъсири ҷамъбандии забони арабӣ дар забони тоҷикӣ баъзе калимаҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки бо пасванди ҷамъбандии (-от)-и арабӣ ҷамъ баста мешаванд, монанди: деҳот, сабзавот, боғот, навиштаҷот. Ин калимаҳо ба тағйироти маъноӣ дучор шуда, дар баробари маъноҳои аслии хеш ба худ маъноҳои иловагӣ касб намудаанд. «Чунончи калимаи деҳот на танҳо ба маънои қишлоқҳо, деҳаҳо, балки ба маънои исми ҷомеъ низ истифода мешавад. Маънии ҷомеъ (на ҷамъ), инчунин, дар сабзавот ва навиштаҷот мушоҳида мешавад, ки ба ин сабаб онҳо аз шаклҳои ҷамъи сабзаҳо ва навиштаҳо фарқ мекунад: агар сабзаҳо танҳо навъи алафро фаҳмонад, сабзавот маънии васеътар дошта, на танҳо кабудӣ, балки дигар навъи обчакориро ҳам мефаҳмонад. Монанди ҳамин шакли «боғот» на фақат маънии мансуб ба боғ, балки маконро ҳам фаро гирифта, мисли боғистон намудор мешавад» [4, с.101-102]. Ин ҳолат далолат ба он мекунад, ки «аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ ғайр аз унсурҳои лексикӣ баъзе унсурҳои грамматикӣ ва лексикӣ- грамматикӣ низ гузаштаанд. Масалан, суфикси –от…» [6, с.39].

Дар забони тоҷикӣ дар истифодаи иқтибосоти арабӣ ҳолатҳое мушоҳида мегардад, ки шаклҳои ҷамъи “*шикаста*” бо шакли танҳои ҳамон калима дар як маъно меоянд: *ҳол* = аҳвол, *хулқ* = ахлоқ, узв= аъзо, *вазъ* = авзоъ, валӣ= авлиё, адаб=одоб, рӯҳ= арвоҳ ва ғайра.

Инчунин, дар забони тоҷикӣ иқтибосоти арабиеро вохӯрдан мумкин аст, ки маънои шакли ҷамъи онҳо аз маъноияшон дар шумораи танҳо фарқ мекунад ё ба ибораи дигар дар шакли ҷамъ онҳо маънои навро дар забони тоҷикӣ касб намуда, ба шумораи танҳо далолат мекунанд ва ҳамчун воҳиди алоҳидаи луғавӣ маънидод мегарданд. Дар ин ҷо калимаи «*маслаҳат*»-ро ҳамчун намуна меорем, ки дар забони тоҷикӣ маънояш – 1. ислоҳи кор, дурустӣ, беҳбудӣ; 2. кори хайр, кори салоҳ, кори нек; 3. корҳои шахсӣ, умури шахсӣ [9, с.648] мебошад. Шакли ҷамъи он *«масолеҳ» ба маънои* – 1. ҷ. маслаҳат; 2. анҷоми даркорӣ, чизҳои зарурӣ, махсусан барои бинокорӣ [9, с.650]. Монанди «ҳалвои собунии шофиркомӣ ҳам аз ҳамон масолеҳ, яъне аз орду равған ва шакар тайёр карда мешавад…» [2, с.286] ё калимаи *«сабаб»* - 1. боис, иллат, муҷиб; 2. чиз, предмет, субъект; 3. чора, тадбир [10, с.162], ҷамъи он *«асбоб»* дар забони тоҷикӣ маънои 1. ҷ. сабаб.2. лавозимот, чизҳои даркорӣ; олат, афзол ва аслиҳаро ифода мекунад [9, с.90]. Монанди «Шумо кӣ ҳастед ва ба ин кор маблағ ва асбобро аз куҷо меёбед?» [2, с.291]. Тафовут доштани маънои шумораи танҳои чунин калимаҳои иқтибосии арабӣ аз ҷамъашон далолат аз он мекунад, ки ҳар яки онҳо ҳамчун воҳиди алоҳидаи луғавӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд. Шояд аз ин сабаб бошад, ки шумораи танҳо ва ҷамъи чунин иқтибосоти арабиро дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва форсӣ ба тарзи алоҳида баён мекунанд. «Қайд кардан лозим аст, ки тағйири маънои ҷамъи арабӣ дар забони тоҷикӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Ин масъала тадқиқоти махсуси миқдорӣ металабад» [7, с.65]. Аз сабаби рабт доштани ин мавзӯъ ба бахши тағйироти маъноии иқтибосоти арабӣ дар забони муосири тоҷикӣ ниёз ба як таҳқиқи шомили семантикӣ дорад.

Хулоса, миқдори назарраси иқтибосоти арабӣ дар шаклҳои ҷамъбандии “*шикаста*” ва "*ҷамъбандии мардона*" ва "*занонаи солим*" дар забони тоҷикӣ ворид гардида, фонди луғавии онро ғанӣ гардондаанд. Аксари ин иқтибосот дар забони тоҷикӣ дубора бо пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикӣ ҷамъ баста мешаванд, ки ба назари мо ба истисноӣ баъзе калимаҳое, ки дар шакли ҷамъ маънои танҳоро ифода мекунанад, дубора ҷамъ бастани онҳо амри нодаркор буда, ба дӯши калима як бори нодаркорро мегузорад.

Бояд зикр намуд, ки масъалаи тағйироти маъноии иқтибосоти ҷамъи арабӣ дар тоҷикӣ ниёз ба як таҳқиқи алоҳида дорад.

Оид ба истифодаи иқтибосоти арабӣ сухани мунсифонаро устод Айнӣ гуфтааст, ки бисёр бамаврид мебошад: «Ман шахсан ба кор фармудани баъзе суханҳои арабӣ, ки имрӯз дар забони форсу тоҷикӣ ҳазм шудааст, муқобил нестам. Ва, инчунин, кор фармудани истилоҳҳои илмии арабиро, ки аз имрӯза форсӣ ё тоҷикӣ ба ҷойи онҳо сухани қобиле ёфт намешавад, лозим медонам. Лекин на ба он дараҷа, ки аз забони форсӣ танҳо адот боқӣ монад, ё баъзе суханҳои дар форсӣ ҳазмшудаи арабиро ба қоидаи араб ҷамъ карда, хонандагонро ба кофтукови луғат ва сарфу наҳви арабӣ маҷбур кунанд» [3, с.25].

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Куллиёт Ҷилди 6 / С.Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1962. – 414 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт Ҷилди 7 / С.Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1969. – 646 с.
3. Айнӣ, С. Мунтахаби асарҳои илмӣ / С. Айнӣ // Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш, 2008. - 254 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Ҷилди 1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.
5. Гранде Б.М. Курс арабской грамматики в сравнительно-историческом освещении. – М.: Изд-во Восточной литературы, 1963. – 594 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1973. - Қ.1. – 451с.
7. Рустамов Ш. Исм / Ш.Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. – 220 с.
8. Сулаймонӣ, С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ / С.Сулаймонӣ. – Душанбе: ЭРграф, 2010. - 1563 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Сов. Энцик., 1969 - Ҷ.1. – 951 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Сов. Энцик., 1969 - Ҷ.2. – 947 с.
11. Хисрав Фаршедвард. Арабӣ дар форсӣ / Фаршедвард, Хисрав. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. – 321 с. [бо забони форсӣ]
12. Ҳасан Амид. Фарҳанги Амид / Амид, Ҳасан. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1379. – 1254 с. [бо забони форсӣ]

ИФОДАИ ҶАМЪБАНДИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
(дар асоси «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ)

Дар мақола ифодаи ҷамъи арабӣ дар мисоли «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки аз забони арабӣ теъдоди муайяни ҷамъҳои мардона ва занонаи солим, инчунин ҷамъи шикаста ба забони тоҷикӣ ворид гардидааст. Ҷамъи мардонаи солим дар баъзе иқтибосоти арабӣ ба

назар мерасад ва бештар ҷамъи шикаста ва ҷамъи занонаи солим аз арабӣ ба тоҷикӣ иқтибос гардидааст. Аз баррасии мавзӯъ маълум мегардад, ки аксари ҷамъҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ дубора бо пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикӣ ҷамъ баста мешаванд, ки аксари онҳо дар шакли ҷамъ маънои танҳоро ифода мекунанд. Дар мақола муҳаққиқ таъкид менамояд, ки ба истиснои баъзе калимаҳо ба дубора ҷамъ бастани исмҳои ҷамъи арабӣ дар забони тоҷикӣ ниёзе нест. Мақола ишора ба он менамояд, ки дар зери таъсири забони арабӣ дар забони тоҷикӣ баъзе калимаҳои тоҷикӣ бо ҷамъбандии арабӣ ҷамъ баста мешаванд. Ин бад-он маъност, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ на танҳо унсурҳои лексикӣ, балки унсурҳои грамматикӣ низ иқтибос шудаанд. Аз баррасии мавзӯъ бармеояд, ки набояд ҷамъҳои арабӣ бидуни зарурат истифода бурда шавад. Маҳз ҷамъҳои арабие бояд мавриди истифода қарор дода шавад, ки дар забони тоҷикӣ суфтаву ҳазм гардидаанд.

Калидвожаҳо: иқтибосот, масдар, муфрад, ҷамъ, пасванд, лексика, семантика, сарф, наҳв, адот.

АРАБСКИЕ МНОЖЕСТВЕННЫЕ ЧИСЛА В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
(на материалах «Воспоминаний» С.Айни)

В статье рассмотрено заимствованное арабское множественное число в таджикском языке на примере «Воспоминаний» С.Айни. Исследование показало, что таджикским языком заимствована арабская лексика не только в единственном, но и в множественном числе. Известно, что в арабском языке множественное число имеет разные виды, в частности, целое множественное число женского и мужского рода, так и неправильные (разбитые, ломанные) множественные числа. В таджикском языке в большинстве своем заимствованы неправильные множественные числа, а также целые множественные числа женского рода. Автором выявлено, что значительное количество заимствованных арабских множественных чисел в таджикском языке обозначают единственное число, поэтому в таджикском языке для обозначения множественного числа повторно множатся с использованием суффиксов. При этом в таджикском языке в большинстве случаев заимствованная арабская лексика во множественном числе не нуждается в повторном умножении. В статье указано, что под влиянием арабского языка образование множественного числа некоторых таджикских слов осуществляется по форме правил арабского языка. Это свидетельствует о том, что таджикским языком заимствована не только лексика, но и грамматические оттенки арабского языка. Автор пришел к выводу, что в таджикском языке должны быть использованы именно те арабские множественные числа, которые усвоены нашим языком и стали его частью.

Ключевые слова: арабский язык, таджикский язык, заимствования, инфинитив, единственное число, множественное число, суффикс, лексика, семантика, морфология, синтаксис, частица.

ARABIC MULTIPLE NUMBERS IN TAJIK LANGUAGE
(based on the materials of S.Aini's Memories)

The article considers borrowed Arabic plural in Tajik language as an example of S.Aini's “Memories”. The study showed that the Tajik language has borrowed Arabic vocabulary not only in the singular, but also in the plural. It is known that in the Arabic language the plural has different types, in particular the whole plural of the feminine and masculine, and the irregular (broken) plurals. In the Tajik language, for the most part, irregular plurals are borrowed, as well as female plurals. The author revealed that a significant number of borrowed Arabic plurals in the Tajik language indicate a singular, therefore, in the Tajik language to designate the plural, they are repeatedly multiplied by using suffixes. Moreover, in the Tajik language, in most cases, borrowed Arabic vocabulary in the plural does not need to be multiplied. The article states that under the influence of the Arabic language, the formation of the plural of some Tajik words is carried out in the form of the rules of the Arabic language. This indicates that the Tajik language has borrowed not only vocabulary, but also the grammatical shades of the Arabic language. The author came to the conclusion that those Arabic plurals that have been acquired by our language and have become its part should be used in the Tajik language.

Key words: Arabic, Tajik, borrowings, infinitive, singular, plural, suffix, vocabulary, semantics, morphology, syntax, particle.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саломов Аскар*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторанти факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail **askar.salomov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-61-60-80**

Сведения об авторе: ***Саломов Аскар*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-61-60-80**

Information about the author: ***Salomov Askar*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Post-doctoral researcher of Department of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **askar.salomov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-61-60-80**

УДК: 811.111:811.21/.22-3

ОМОНИМҲОИ БАЙНИЗАБОНӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ. ДӮСТОНИ НАЗАРФИРЕБИ ТАРҶУМОН

Собирова У.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омонимҳои байнизабонӣ ё «дӯстони назарфиреби тарҷумон» дар забони хориҷӣ калимаҳоеро меноманд, ки пайдоиши умумӣ дошта, аз рӯйи талаффуз ва навишт бо калимаҳои забони модарӣ монанд буда, маъноҳои гуногун доранд.

Омонимҳои байнизабонӣ дар забони англисӣ ва тоҷикӣ хеле кам вомехӯранд, вале ҳар як шахсе, ки забонро меомӯзад, бояд аз вуҷуд доштани онҳо огаҳӣ дошта бошад, зеро надонистани онҳо ҳангоми тарҷума ба тарҷумон мушкилӣ пеш меорад.

Аз ҳамин сабаб забоншиносони фаронсавӣ М. Кёсслер ва Ж. Дероккинь соли 1928 ба онҳо номи «дӯстони назарфиреби тарҷумон»-ро доданд.

Забоншиносон Ф. Буайо, Ж.П. Колиньон ва П.В. Бертье, Р. Бош ва Л. Дюпон, В.В. Акуленко, К.Г. Готлиба, В.Л. Муравьёва низ дар асарҳои худ дар бораи «дӯстони назарфиреби тарҷумон» хело зиёд навиштанд.

Дар мақолаи мазкур мо ба қоидаи додаи В.В. Акуленко такя мекунем. Ӯ қайд мекунад, ки “дӯстони назарфиреби тарҷумон»-ин ҷуфти калимаҳое дар забонҳои гуногун мебошанд, ки як хел талаффуз ё навишта шуда, маъноҳои гуногун доранд [2].

Бояд қайд кард, ки забонҳои ба ҳамдигар наздик (хеш) нисбати забонҳои ғайрихеш миқдори зиёдтари навишти мушобеҳ доранд.

Миёни забонҳои хеш шояд миқдори зиёди омонимҳо ё паронимҳои байнизабонӣ арзи вуҷуд дошта бошанд, ки дар натиҷаи инкишофи нобаробари пайдоиши маъноҳои калимаҳо ба вуҷуд омада бошанд. Калимаҳои дар забони асл ва тарҷумашаванда шаклан ба ҳам монанд, ки мавриди таваҷҷуҳи тарҷумон қарор мегиранд, на ҳамеша ҳаммаъно мебошанд. Одатан монандии (шабоҳати) расмии воҳидҳои лексикӣ натиҷаи чунин ду калимае мебошад, ки пайдоиши умумии юнонӣ ва лотинӣ доранд. Монандии расмии онҳо, ки гумони ивазкунандаи якдигарро медиҳанд, назарфиреб буда, тарҷумонро метавонад дар тарҷума ба иштибоҳ биёрад.

Расман омонимияро аз рӯйи монанд ё мувофиқ омадани як овоз ё якчанд воҳидҳои овозӣ, ки маънои гуногун доранд, муайян мекунанд [1]. Тарҷума кардани омонимҳои байнизабонӣ мушкил аст. Ба ақидаи Акуленко омонимҳои байнизабонӣ аномалияи (хилофи) забон буда дар алоқа халал ба вуҷуд меоранд [2].

Аксар вақт ин зуҳурот барои дарк кардани хабар ё интихоби шакли дуруст мушкилӣ пеш меорад. Ҳангоми тарҷумаи матнҳои хориҷӣ надонистани «дӯстони назарфиреби тарҷумон» метавонад касро ба нофаҳмӣ дучор кунад ва ба маънои ҷумла таъсири манфӣ расонад. Мисолҳои зерине, ки дар «дӯстони назарфиреби тарҷумон» вомехӯрад, дида мебароем.

Mother asked her daughter to buy 3 meters of yellow `**fabric**.~ Модар аз духтараш хоҳиш кард, ки се метр **газвори** зард харида биёрад. («fabric»– газвор, на фабрика);

Бо вожаи «fabric» англисҳо *матоъро* дар назар доранд. *Фабрика* бошад, ба забони англисӣ – ин калимаи ба ҳама маълум «factory» мебошад.

Each month I buy new release of **magazine** «Hello Kitty». ~Ҳар моҳ ман нашри нави маҷалла (журнал)-и нави «Hello Kitty»-ро мехарам. «magazine»– журнал (маҷалла), на магазин (мағоза); This pot is made of clay. ~ Ин тубак аз гил сохта шудааст. («clay» – гил, на клей); At school he was very intelligent student. – Дар мактаб ӯ хеле талабаи хушфаҳм буд. («intelligent» – хушфаҳм, на интеллигентный).

Аз мисолҳо бармеояд, ки на ҳама вақт ба маънои аввали калимаҳо такя кардан мумкин аст. Баъзе намудҳои умумии шакли «дӯстони назарфиреби тарҷумон» - ро, ки дар амал бештар вомехӯранд, дида мебароем. Калимаҳо на дар ҳама, балки танҳо дар як маъно бо ҳам монанд мешаванд. Одатан ин дар ҳолате рух медиҳад, ки калима аз рӯйи як қисм маънои худ ба забон иқтибос шудааст. Ин гурӯҳ миқдори зиёди калимаҳоро дар бар гирифта, ҳангоми тарҷума мушкилии зиёд пеш меорад [Бархударов, 2014].

1. Масалан, калимаи «митинг», ки аз забони англисӣ ба русӣ ва тавассути забони русӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудааст, танҳо дар як маъно истифода бурда мешавад, вале калимаи мувофиқи англисии ба он **meeting** метавонад инчунин *маҷлис, вохӯрӣ, ҷаласа, (дуэл) ҷанги тан ба тан байни ду рақиб* ва ғайраро ифода кунад.

There is something I never got around to telling you during our brief **meeting**. ~ Чизе ҳаст, ки ҳангоми вохӯрии кӯтоҳамон ман фурсати ба шумо гуфтанро наёфтам.

Калимаи **record** ғайр аз маънои «рекорд» метавонад *солнома, шуҳрат, протокол, қайд*-ро ифода кунад. Калимаи **nation** дар забони англисӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад ва чун қоида, на «нация» (миллат), балки «халқ, кишвар, мамлакат, давлат» -ро ифода мекунад ва «миллат»-и тоҷикӣ ба англисӣ nationality тарҷума мешавад.

2. Дар калимаҳо маъноҳое мавҷуд ҳастанд, ки дар калимаҳои ба онҳо мувофиқ дар забони дигар, он маъноро ифода намекунанд. Ин одатан дар калимаҳое, ки дар ҳарду забон аз забони сеюми дигар иқтибос шудааст, вомехӯрад. Масалан, **auditorium** – аудитория (синфхона). Дар забони англисӣ вай танҳо барои ифодаи *манзил* истифода бурда мешавад, на ба маънои одамоне, ки ягон баромадро гӯш мекунанд, чун *аудитория* -и забони русӣ, ки ба англисӣ audience тарҷума мешавад.

3. Калимаҳое, ки шаклан монанд, аммо маънои комилан гуногун доранд. Масалан, actual – аналоги нодурусти калимаи «актуалӣ» мебошад, ки, тарҷумаи дурусташ «воқеӣ, ҳақиқӣ» мебошад; aspirant – аналоги нодуруст «аспирант», дурусташ «довталаб»; intelligence – аналоги нодуруст «интеллигенсия», дурусташ «зеҳн, хирад», gibe - аналоги нодуруст *ҷайб*, дурусташ *масхара, тамасхур, истеҳзо*; gene - аналоги нодуруст *ҷин*, дурусташ *ген, зод*; inner - аналоги нодуруст *ина*, дурусташ *дохилӣ, дарунӣ*; pool - аналоги нодуруст *пул*, дурусташ *кулмак, ҳавзи шиновариӣ*; sheen - аналоги нодуруст *шин* (шакли амрии нишастан), дурусташ *дурахш, тобиш, ҷило*.

Типологияи дигари омонимҳои байнизабониро, ки онҳо ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд, дида мебароем. Ба гурӯҳи якум калимаҳои забони асл дохил мешаванд, ки шакли талаффузи забони тарҷумашавандаро доранд, аммо пурра аз рӯйи маъно тафовут доранд: **insult** – инсулт не, балки маънои *таҳқир, дашном-ро дорад*:

Баробари дидани калимаи **insult** тарҷумон шояд дар бораи касалии «инсулт» фикр кунад, вале итминон ҳосил кардем, ки ин калима на дар вазифаи исм ва на дар вазифаи феъл ин маъноро надорад.

Don’t insult one, because it might be the last thing you do.~Ҳеҷ гоҳ онҳоро таҳқир накунед, чунки шояд ин охирин корнамоӣ дар ҳаётатон бошад.

Калимаи **кіt** – на *кит*, балки *борхалта* тарҷума мешавад.

Ба гурӯҳи дигари «дӯстони назарфиреби тарҷумон» калимаҳои сермаъно дохил мешаванд, ки як қисми маънои онҳо дар забони тарҷума аз рӯйи маъно мувофиқ меоянд, вале қисми дигарашон не. Калимаҳои ин гурӯҳ нисбати калимаҳои гурӯҳи якум бештар вомехӯранд: attack – на танҳо *атака (ҳуҷум),* балки *хуруҷ, шиддат* низ тарҷума мешавад. **cod** - на танҳо *код*, балки *равғани моҳӣ, фиреб додан*; **champion** –на танҳо *чемпион*, балки *мубориз, голиб*.

Ба гурӯҳи «дӯстони назарфиреби тарҷумон» воҳидҳои лексикии забони асл, ки дар забони тарҷума дар талаффуз ё навишт монанд ва дар яке аз маъноҳои худ ҳаммаънои калимаи забони тарҷума шуда бошанд, дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳамон калима як ё якчанд маъное дорад, ки бо аналоги овозӣ ё навишти худ дар забони асл ягон умумияте надорад.

Омӯзиш ва муқоисаи типологии омонимҳои байнизабонӣ нишон медиҳад, ки се гурӯҳи омонимҳои байнизабонӣ вуҷуд дорад: а) омонимҳое, ки аз рӯйи маъно мувофиқат мекунанд; **bad-**бад, зишт; **gas**-газ; **amir**-амир; **ghoul**-ғул; **gin-**ҷин: б) омонимҳое, ки қисман мувофиқат мекунанд; **bass**-лифи дарахт, аломоҳии баҳрӣ, **bass**-бас, овози бас, садои бас (овози ғафси мардона); 2) овозхони бас; 3) бас (асбоби мусиқӣ); **paw** панҷа, по, чангол; в) омонимҳое, ки аз рӯйи маъно мувофиқат намекунанд. Калимаи **bell** ба калимаи тоҷикии «бел», ки дар хоҷагӣ истифода бурда мешавад, ҳаммаъно нест. The bells are ringing.~ Зангӯлаҳо садо медиҳанд.

Омонимҳои байнизабонӣ дар гузаронидани тарҷумаи адекватии матн кумак карда, тарҷумаро сифатноктар ва ба асл наздик мекунанд.

Аз ҳамаи ин мисолҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳақиқат, миёни забони англисӣ ва тоҷикӣ омонимҳои миёнизабонӣ вуҷуд доранд, ки гурӯҳи якум маънои якхела (**angina** [æn`ʤainə]–*ангина*, дарди гулӯ; **democrat** [`deməkræt] –узви ҳизби *демократ*; **archaism**- [`a:keiizəm] *архаизм*, калима ё ибораи куҳнашуда; **atom** [`ætəm]–*атом*, зарра, реза; **atlas** [`ætləs]–*атлас* (маҷмӯи харитаҳои географӣ); **opera**- [`ɔpərə] *опера*, мусиқии опера; **sateen** [sæ`ti:n]–*сатин*, чит) доранд. Бар хилофи дӯстони назарфиреби тарҷумон калимаҳое вуҷуд доранд, ки дар ҳарду забон маъно ва талаффузи якхела доранд. Дуюм баъзе тафовутҳои маъноӣ (**bank** – *банк, соҳил*; **tank**-*обанбор, танк, бак*). Гурӯҳи сеюм маъноҳои гуногун доранд (**bait** – на *байт* , балки *дона*, тамъа; **bob** –на *боб*, балки *ҳалқа, гесӯ, кокул*; **chap** –на *чап*, балки

мард, ҷавонак, писар; **chill** на *чил*, балки *сармо, сардӣ, хунук*; **cord** –на *корд*, балки *ресмон, банд, сим*; **gala** [`ga:lə]–на *гала*, балки *ид, ҷашн, зиёфат*.

А Д А Б И Ё Т

1. Акуленко, В.В. Англо-русский и русско-английский словарь «ложных друзей переводчика» / В.В. Акуленко. - М.: Совет, энцикл., 1969. - 384 с.
2. Акуленко В.В. О «Ложных друзьях переводчика» / В.В. Акуленко. - М.: Дрофа, 2007. - 170 с.
3. Антрушина Г.Б. Лексикология английского языка / Г.Б. Антрушина, О.В. Афанасьева, Н.Н. Морозова // Лексикология английского языка: Учебное пособие для студентов. - М.: Дрофа, 1999.
4. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - 1973. - 426 с.
5. Гарбовский, Н.К. Теория перевода / Н.К. Гарбовский. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 2004. - 544 с.
6. Кёсслери М. Les faux amis ou Les pièges du vocabulaire anglais / М. Кёсслери, Ж. Дероккинь // Les faux amis ou Les pièges du vocabulaire anglais. – 1928 г.
7. Манакин, В.Н. Основы контрастивной лексикологии: близкородственные и родственные языки / В.Н. Манакин. - Киев; Кировоград: Гос. центр. укр. изд-во, 1994. - 260 с.
8. Реформатский, А.А. Введение в языковедение / А.А. Реформатский; под ред. В.А. Виноградова. - М.: Аспект Пресс, 2000. - 536 с.
9. Реформатский, А.А. О сопоставительном методе / А.А. Реформатский // Лингвистика и поэтика. - М.: Наука, 1987. - С.40-52.
10. Розенталь, Д.Э. Словарь-справочник лингвистических терминов / Д.Э. Розенталь, М.А. Теленкова. - М.: Просвещение, 1976. - 543 с.
11. Супрун, А.Е. Лексическая типология славянских языков / А.Е. Супрун. - Минск: Изд-во БГУ, 1983. - 47 с.

ОМОНИМҲОИ БАЙНИЗАБОНӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ. ДӮСТОНИ НАЗАРФИРЕБИ ТАРҶУМОН

Дар мақола масъалаи асосӣ ба алоқаи омонимҳои байнизабонӣ дар забони англисӣ баррасӣ мегардад. Маълум аст, ки омонимҳои байнизабонӣ – ҷуфти калимаҳои аз рӯйи навишт ё талаффуз, аксар вақт бо пайдоишии умумӣ, монанд, вале аз рӯйи маъно фарқкунанда дар ду забон мебошанд. Дӯстони назарфиреби тарҷумон метавонанд ба дарк ва тарҷумаи нодурусти матн оварда расонанд. Қисмате аз онҳо дар натиҷаи иқтибос шудан ва тағйир ёфтани мазмуни калима дар забони дигар ба вуҷуд омада бошад, қисмати дигар умуман бе вуҷуд доштани иқтибосот, вале калима аз решаи асосии ким-кадом забони қадимае, ки маънои дигар дорад ё комилан тасодуфан ҳамоҳангӣ доштан, пайдо шудаанд. Имрӯз масъалаи тарҷумаи дуруст на танҳо тарҷумонҳои ихтисосманд, омӯзгорон ё донишҷӯёнро ба ташвиш овардааст. Робитаи иҷтимоии маишӣ миёни намояндагони фарҳанги забонҳои гуногун нормаи ҳаёт гаштааст. Омонимҳои байнизабонӣ аз даврaҳои пеш диққати забоншиносонро ба худ ҷалб мекард. Ҳанӯз дар соли 1788 дар Залсбург мақолаи лексикографии А. Портритор, ки ба мувофиқати луғатҳои байнизабонии хусусияти омонимия дошта дар забонҳои фаронсавӣ ва олмонӣ бахшида шуда буд, аз чоп баромад. Дар бораи чунин категорияи калимаҳо дертар дар асри XIX олимони зерин аз қабили Ш. Биго (1845), Л. Граньже (1864), Г. Дюбре (1894) ва дигарон тадқиқот бурданд. Омонимҳои байнизабонӣ инчунин метавонанд пурра ба ҳам мувофиқат кунанд ё ягон тафовуте дошта бошанд. Сабаби пайдоиши чунин мувофиқати байнизабонӣ метавонад тараққиёти аввалини маънои умумӣ, сохти нави мувофиқ ё маъноҳои гуногуни калимаҳои иқтибосӣ бошанд.

Калидвожаҳо: омонимҳои байнизабонӣ, пайдоиши умумӣ, дӯстони назарфиреб, иқтибосот, реша, луғати байналхалқӣ, графикӣ, фонетикӣ, мушкилӣ.

МЕЖЪЯЗЫКОВЫЕ ОМОНИМЫ. ЛОЖНЫЕ ДРУЗЬЯ ПЕРЕВОДЧИКА

Данная работа полностью раскрывает вопросы, связанные с межъязыковыми омонимами в английском языке. Показывается, что межъязыковые омонимы — пара слов в двух языках, похожих по написанию и/или произношению, часто с общим происхождением, но отличающихся в значении. Ложные друзья переводчика могут приводить к неправильному пониманию и переводу текста. Часть из них образовалась из-за того, что после заимствования значение слова в одном из языков изменилось, в других случаях заимствования вообще не было, а слова происходят из общего корня в каком-то древнем языке, но имеют разные значения; иногда созвучие чисто случайно. Сегодня проблема корректного перевода волнует не только профессиональных переводчиков, преподавателей или студентов. Социально-бытовая коммуникация между носителями различных языковых культур становится нормой жизни. Межъязыковые омонимы с давних пор привлекали внимание лингвистов. Еще в 1788 году в Зальцбурге вышел лексикографический очерк А. Портитора, касающийся межъязыковых лексических соответствий омонимичного характера во французском и немецком языках. С различной степенью полноты данная категория слов исследовалась и позднее, в XIX веке, такими европейскими учеными, как Ш. Биго (1845), Л. Граньже (1864), Г. Дюбре (1894) и другими. В плане выражения межъязыковые омонимы также могут совпадать полностью или иметь некоторые различия. Причиной появления подобных межъязыковых соответствий может быть разное развитие первоначально общего значения, параллельные новообразования, либо различное осмысление заимствованных слов.

Ключевые слова: межъязыковые омонимы, общее происхождение, ложные друзья, заимствование, происхождение, интернациональная лексика, графический, фонетический, трудности.

INTERLINGUA HOMONYMS. TRANSLATOR'S FALSE FRIENDS

The article examines the correlation of connecting with interlingua homonyms in English language. Interlingua homonyms is a pair of words in two languages which have the same writing and pronunciation, often with the common origin but different in meaning. "Translator's false friends" can lead to misunderstanding and mistakes in the translation of the text.

Part of them are formed at the result of changing after borrowings in another language and secondly borrowings didn't take place and the words originate from the common root in some ancient languages but have different meanings and sometimes the sounds are on occasion. Today not only professional translators, teachers or students are worried about the problem of correct translation. Social-everyday communication among exponent of various culture of language becomes standard of life. Interlingua homonyms attracted linguists' attention from the earliest times. As long ago as 1788 in Zalburge a lexicographic article of A. Portitor dealing with the interlingua lexical correspondence of homonym character in French and German Languages was published. Later in the XIX century such European scientists as: Sh.Bigo (1845), L.Granzhe (1864), G,Dubre (1894) and others studied such category of words with different level of completeness. Interlingua homonyms can coincide fully or have some differences. The reason of appearance of such interlingua harmony can be different development of original common meaning, parallel new formation or various comprehension of borrowed words.

Key words: interlingua homonyms, common origin, false friends, borrowings, origin, lexics, graphic, phonetic, difficulties.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Собирова Угулбӣ Садулоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 985-77-38-48**

Сведения об авторе: ***Собирова Угулби Садулоевна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 985-77-38-48**

Information about the author: ***Sobirova Ugulbi Saduloevna*** – Tajik National University, senior teacher of the Department of English Language and Comparative Typology Faculty of Languages of Asia and Europe. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: **(+992) 985-77-38-48**

УДК: 891.55

АНВОЪ ВА НАВЪҲОИ ФЕЪЛ ДАР РОМАНИ «ҶОЙИ ХОЛИИ САЛУҶ»-И МАҲМУДИ ДАВЛАТОБОДӢ

Тоҳирзода С.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар навиштаҳои адабии ҳар як нависанда ба ҷуз маъниву мазмун забони сабки осораш аҳаммияти вижа дорад. Пажӯҳишгарони адабиёти қадим беҳуда маъниро ба сифати бадан ва алфозро ба манзалаи либос нашинохтаанд. Ҳамчунин дар бисёре аз маъхазҳои қадимӣ хотирнишон шуда, ки агар дар корбурди калимаҳо каҷиву хамидагие рух диҳад, он боиси дарҳамбарҳамии маънӣ мегардад ва ҳолате рух медиҳад, ки дастро ба ҷойи пой гузошта бошанд, ё пойро ба ҷойи даст. Албатта, ин ҳушдор доданҳо бесабаб нест. Яъне, агар нависанда дорои забони шевову неруманд набошад ва аз сарвату ғановати забон ба тарзи дурҳои саҳеҳ истифода карда натавонад, бо вуҷуди доштани тахайюлоти рангин аз осори ӯ касе чизе сар дар намеорад. Воқеан ҳам, он чизе, ки нависандагону шоиронро аз мардуми дигар мутафовит мекунад, ин доштани қудрати баёни онҳост дар таъбири ҳама эҳсосоту авотифи худашон, дар ҳоле ки мардуми одӣ низ ҳамон эҳсосу авотифро доранд.

«Ҳамвора барои ҳунарманд, даст ёфтан ба забони неруманд, корро ва дарҳӯри асар, ҷустуҷӯе ногузирро эҷоб карда аст; чаро ки «гуфтан» ва «чӣ гуна гуфтан»; баҳс дар ин аст. Рамзи бақову тадовуми ҷовидонаи ҳунар дар ҳамин аст ва яке аз рамузи шукуфоии он низ, дар ҳамин талош барои «чӣ гуна гуфтан» нуҳуфта аст; яъне дар он чи ки имрӯза метавон ба номи «баёни ҳунарӣ» таърифаш кард. Агар «сухан» василаи иртибот аст, «чӣ гуна сухан гуфтан», ҳунари иртибот аст» [4, с.278-279].

Маълум аст, ки абзору аслиҳаи ҳар як адибу ҳунарманд забон аст. Забоне, ки аз маҷмӯи вожагону таркиботи гуногуннавъ, зарбулмасалу иборотӣ рангоранг иборат аст. Вале ин маҷмӯа то замоне ки дур аз коргоҳи зеҳнии нависанда қарор дорад, мунҷамиду сокин, эътиёду мурда мемонад. Зиндагии он ҳангоме шурӯъ мешавад, ки адиб ё нависанда бар асоси талабу тақозои ниёзҳои дарунии худ мехоҳад гуфтаниҳои хешро баён бидорад. Пас метавон гуфт, ки зуҳури забон, рушду боландагии он зарурати зистӣ дорад.

Маҳмуди Давлатободӣ дар пайи он аст, то ҳунарманди ҳақиқӣ бошад, ҳунарманде, ки «ҳамеша дар пайи ёфтани роҳи «чӣ гуна гуфтан» ва «чӣ гуна беҳтару дақиқтар гуфтан, дилнишинтар гуфтан, муассиртар гуфтан» аст ва мекӯшад, то роҳу равишу усули баёни худро ёбад.

Забон ва аҳаммияти он дар асари ҳунарӣ. Албатта, перомуни пайдоиш ва нақши забон донишмандону муҳаққиқони риштаҳои мухталифи улум пажӯҳишҳои судманде анҷом додаанд ва ҳадафи мо ҳаргиз баррасии онҳо нест. Такяи мо бар ин аст, ки назари нависандае мисли М. Давлатободӣ дар атрофи забон ва хосси забони форсӣ чӣ гуна аст? Зеро мо камтар нависандаеро суроғ дорем, ки дар тӯли зиндагӣ ва фаъолияти эҷодӣ бо вуҷуди гирифторӣ, сарукор доштан бо вожагон, андешае хоссе дар атрофи масоили забонӣ ва шигифтиҳои ин дунёи рангину ҷаззоб – забон баён дошта бошад. Дар иртибот ба ин мавзӯъ М. Давлатободӣ мақому манзалати вижаеро касб намудааст. Андешаву орои ӯро метавон ба чанд гуна табақабандӣ намуд. Нахустин натиҷае, ки аз таҳқиқу баррасии навиштаҳои вай дар перомуни забон бар меояд. Ҳифзу нигаҳдории забон ва доштани маълумот дар баробари забон аст. Натиҷаи дувум, рушду густариши забон аст ва ниҳоят ҷалби саросарии аҳли забон дар нерумандсозии доштаҳо ва пойгоҳи забонист. Гузашта аз ин, нерумандсозии пайванди забон ва адабиёт дар инкишофу густариши фазоҳои забонӣ аст.

М. Давлатободӣ зимни арзёбии масири тайшудаи адабиёти навини форсӣ таваҷҷуҳи хосса ба таҳаввули забони форсӣ дорад.

Инак, ӯ дар ростои расидан ба чунин ҳадафе ба аҳаммияти бисёре аз шигардҳои адабӣ ва забонӣ воқиф аст. Ӯ хуб огаҳӣ дорад, ки: «сабк, ҳосили нигоҳи хосси ҳунарманд ба ҷаҳони дарун ва бурун аст, ки лузуман дар шеваи хоссе аз баён таҷаллӣ мекунад. Ба иборати дигар, ҳар диди вижае дар забони вижае рух менамояд. Бар тибқи ин таъриф, ҳар гоҳ касе ба офоқ ва анфус нигоҳи тозае дошта бошад, ба ночор барои интиқоли сувари зеҳнии худ – мо филзамири хосси худ – бояд аз забони ҷадиде истифода кунад…» [12, с.15].

Ин нуктаест, ки нависандаро ба лузуми дастёбӣ ба забоне наву сабки хосси худ раҳнамун месозад. Мавсуф оғози таҳаввулу дигаргуниҳои шигарфи забони форсиро ҳампову ҳамзамон бо зуҳури адабиёти навин медонад. Дар тағйиру раванди рушду камоли забони форсӣ аз саҳму нақши бузургмардоне мисли Қоиммақоми Фаровонӣ ва аллома Деҳхудо ёдовар мешавад. Ба навиштаи вай дар адабиёти навини Эрон ҳамзамон бо гироиши нав шудани адабиёт ва мазмуни адабӣ, забони форсӣ ҳам таҳаввули ғарибе пайдо мекунад ва ин кори бузургмарди Худо Аллома Деҳхудо аст ва мешавад гуфт, ки ӯ бо навиштани қитъа – қиссаҳои танз, ки худаш арзиши истисноӣ дар адабиёти оббӯси мо дорад, забони форсиро аз печу хамҳои тасаннуъ ва саҷъу қавофии бемазза яксара во мекунад ва наҳре равон ҷорӣ мекунад ба миёни мардуми ташна, наҳре, ки маншаи он ҷуз забони худи мардум нест» [5, с.59-60].

Нависанда барои офариниши осори ҳунарӣ барои як адиби форсизабон ошноии амиқ бо сарчашмаҳо, достонҳои омиёна аз «қабили достони «Амир Арслон», «Ҳусайни Курд», «Амир Ҳамза», «Гаршоспнома» ва ғайраро муҳим медонад. М. Давлатободӣ роҳи хешро дар омӯзишу фарогирии забони форсӣ ба шарҳи зер баён медорад: «ба «готҳо» баргаштам ва билохира ин ки мо мардум як забоне дорем ва ин забон як оҳанге дорад ва ин оҳанг як ҷонмоя ва рӯҳе дорад.

Ба «гот»-ҳо баргаштам. Баъд ба бозойи забони форсӣ ба Ҳанзалаи Бодғисӣ баргаштам. Ба «Таърихи Сиистон» баргаштам. Ба «Таърихи Бухоро» баргаштам. Зеро ман сероб нашуда будам. Аз давраи худам сероб нашуда будам. Масалан, дар мавриди забон бигӯям умдатан: забоне, ки ҳоким бар адабиёти муосири мо шуда буд (забоне, ки устод аллома Деҳхудо нашъат мегирифт, баъд дар Ҷамолзода ва баъд умдатан дар Ҳидоят ба таври ҳақиқӣ мутаҷаллӣ мешуд) баъд аз онҳо хеле дастмолӣ шуда ва нокофӣ ба назарам мерасид ва ман ҳамроҳ бо ёфтани мазоминам ба ин натиҷа расидам, ки ин забони маъмулӣ ва ҳарчанд ғанӣ бори мазмуни маро ба дӯш наметавонад бикашад» [5, с.66].

М. Давлатободӣ барои забони форсӣ қарнҳои X-XI-ро таваллуди дубораи забони форсӣ медонад. Ба андешаи вай забони форсӣ дар осоре монанди «Таърихи Сиистон» ва «Таърихи Бухоро» барҷастагӣ пайдо мекунад ва дар таълифоти «Таърихи Байҳақӣ»-и Хоҷа Абулфазли Байҳақӣ, Ҳоҷӣ Низомулмулк ва Носири Хусрав ва баъдан дар қарни ҳафтум дар осори Аттору Саъдӣ ба авҷу камоли худ мерасад.

Вай дар радифи арҷгузорӣ ба хидмату нақши ниҳодҳои марбутаи пажӯҳишӣ пешниҳодҳои судманде ироа медорад. Ба дигар сухан, барномаи мушаххасеро барои давлат ва ниҳодҳои зиндагии он пешниҳод менамояд, ки аз ҳар нигоҳ ҷалби назар мекунад. Барномаи пешниҳодии вай таҳти унвони «Бозёфти қобилиятҳои забон ва бозсозии он» фарогири бахшҳои мухталиф аст. Ба ақидаи нависанда иҷрову амалисозии ин барнома аз ҷониби донишварону коршиносон ва умуман аҳли забон бояд бо ишқу муҳаббат ба забону ба сарзамину фарҳанги Эрон оғоз гардад.

Қисмати аввали барномаи таҳқиқӣ пажӯҳишҳои мактубро дар нигоштаҳо тақозо мекунад, ки ин қисмат ба сари худ шомили ду бахш: а) вожаёбӣ ва вожасозӣ аст. Ба қавли

мазкур вожаёбӣ яке аз муҳимтарин корҳое аст, ки метавонад дар поксозиву неруманд сохтани забон ёрӣ расонад. Иҷрои ин амр таҳқиқу пажӯҳиши забонро дар тӯли таърих ва раванди таҳаввули таърихии он тақозо менамояд. Гузашта аз ин, он даврабандии таърихии забонро ниёзманд аст.

Дар ҷараёни таҳаққуқи ин бахш зарурати дигаре, ки ба зуҳур мерасад решаёбии забони форсӣ, решаёбии гӯйишҳо ва решаёбии вожагон аст. Дар ин миён кори муҳимму арҷманд, вале мушкилу печида бар асоси матнҳои форсии мавҷуда дар тамоми китобхонаҳои дунё фароҳамсозии навиштаи комил аст. Ин навишта бояд фарогири матнҳои мухталиф бошад. Яъне, аз тамоми заминаҳо аз шеър гирифта, то матнҳои гиёҳшиносӣ, тиббу нуҷум ва ғ. намунаҳо дошта бошад.

Бо назардошти ин ки забони форсӣ моломол аз калимоти бегона аст, барои фарогиру ҳамафаҳм шудан дар қисмати дувуми кор М. Давлатободӣ вожасозиро амри ниҳоят муҳим мешуморад. «Вожасозӣ дар ҷойи худ зарурате аст, ки аз ҷабрии таҳмилӣ ношӣ мешавад ва наметавон ва набояд онро нодидааш ангошт ва дар ин роҳ ба гумони ман метавон як роҳи қарордодӣ ибдоъ кард ва дар сари он ба тавофуқ расид» [6, с.66].

Ҷолиби зикр аст, ки бахши дувуми барномаи пешниҳодҳои М. Давлатободӣ ба «пажӯҳишҳои айнӣ» ба омӯзишу баррасии забони гӯя ва гӯйишу лаҳҷаҳо ихтисос дорад. Ба андешаи нависанда забони кӯча ё лаҳҷаи мардум машҳуни вожагону таркиботи пуршуморе мебошад, ки шояд қисмати умдааш дар осори китобатшуда сабт намуда бошад. Ё шояд қисмате аз вожагону иборот, ки замоне дар китобе ё навиштае истифода шуда буданд, бо мурури замон гум шуда бошад. «Бинобар ин, шефтагони хирадманди забону адабиёти форсӣ ва ба таври яқин ба ҷониби забони гӯя кашонда хоҳанд шуд. Чунонки то кунун низ афроди ба таври пароканда ва бо шавқи шахсӣ ба ҷониби он рафтаанд ва дар қитъае кори худ ба нисбати заҳмате, ки кашидаанд комёб ҳам буданд» [6, с.68].

М. Давлатободӣ дар амалисозии ин бахши барнома ширкату таваҷҷуҳи тамоми мардумро умедвор аст. Зеро забони форсӣ забони гуфтори тамоми мардуми Эрон аст ва онро танҳо бо ёрии ин мардум метавон пурбору ғаниву поксозӣ намуд. Зимни иҷрои ин кор набояд гурӯҳи мардумеро, ки саводи кофӣ надоранд, нодида бигирифт. Зеро ин мардум низ метавонанд, дар рушду такомули забон саҳим бошанд.

«Бояд дар назар дошта бошем, ки сарфи бархӯрди ноогоҳонаи мардум бо забон ба маънои бетаваҷҷуҳии онҳо ба забон нест. Ва бояд бидонем, ки наҳваи бархӯрди мардум бо забон ба маънои он нест, ки мардумро номутааҳҳид нисбат ба забон тасаввур кунем. Балки лозим аст арзиши зоиши забон дар миёни мардум ва арзиши эшон дар нақлу густаришу таъмиқи забонро дарк кунем ва чунин даркеро ба эшон интиқол бидиҳем ва баъд-ин васила ёдовар шавем, ки таваҷҷуҳ ёфтани забон сарфаи як бозӣ бо вожагон нест, балки ҳадаф аз таваҷҷуҳ ба забон таваҷҷуҳе аст, ки яке миллат ба фарҳангу миллияту қавмияти худ дорад» [6, с.68].

Дар бораи истифода аз гӯйиши модариаш (Сабзворӣ) ва дигар гӯйишҳо мегӯяд: «Ман, ки шахсан на танҳо дар вазифаи худ медонам, ки аз имконоти забон дар ҳамаи манотиқи Эрон ва гӯйишҳои мухталифи мардуми Эрон баҳра бигирам, балки инро аз орзуҳои худ ҳам мешуморам» [11, с.377] ва ин забон мазмуни аслии худро саранҷом дар романи «Ҷойи олии Салуҷ» дар заминаи балоғат, албатта, шигифтиҳои феъл нишон медиҳад.

Феъл ва аҳаммияти он дар асари ҳунарӣ. Феъл дар забони форсӣ аз рукнҳои асосии калом аст, аммо диққати махсус ба он ва таъкид кардани имкониятҳои адабиву балоғии он аз сирри ба даст овардани забони оливу бартар дар асарҳои адабӣ мебошад.

Дар бораи феъл, аҳаммият ва бартарии он дар забон, Дорюши Ошурӣ дар китоби «Бозандешагии забони форсӣ» меависад: «Он чӣ забонҳо метавонанд ба осонӣ аз якдигар вом гиранд, исмҳост, … аммо феълҳо мебояд аз они забон бошанд, зеро феъл дар ҳукми силсилапайҳои забон аст ва дастикам дар мавриди забони форсӣ решаҳои феълҳо барои сохтани исм, қайд, сифат ва анвои суратҳои таркибии калима аҳаммияти беандоза доранд…» [10, с.118].

Инчунин, яке аз дигар мунаққидони эронӣ Пурномдориён дар китоби «Сафар дар Маҳ» дар бораи коркард ва аҳаммияти феъл менигорад: «Феъл рукни аслии ҷумла аст ва аркони дигари ҷумла ба сабаби иртиботе, ки бо он доранд аз он таъсир мепазиранд…» [8, с.269].

Ҳамин тариқ, ба таври возеҳ диққати махсуси Давлатободиро ба истифодаи ҳамаҷониба ва самараноки феъл дар кори худ мушоҳида кардан мумкин аст.

Феъл, анвоъ ва сарчашмаи он дар романи «Ҷойи холии Салуҷ».

Ба назардошти матолибе, ки дар аҳаммияти дастёбӣ ба забони бартар ва баъдан дар пайи он ба коргирии феълҳо ба таври дақиқ андозагириву матраҳ шудааст, мавриди ҷустори

ҳозираи мо барои ошкор сохани чанду чуни кӯшиши Давлатободӣ дар ин замина, яъне ба гуфтори феъл дар яке аз романҳои ӯ пардохта шудааст.

Баъд аз таҷзияву таҳлили феълҳои роман, навъҳои чоргунаи зер ба даст омад:

1. Феълҳои забони форсӣ (меъёр, адабӣ, куҳан, гуфтугӯӣ ва гартабардоришуда);
2. Феълҳои гӯйиши Сабзворӣ;
3. Феълҳои муштараки миёни забони форсӣ (меъёр ва...) ва гӯйиши Сабзворӣ;
4. Феълҳои сохтаи нависанда.

Инак, мепардозем барои тавзеҳу шарҳи гунаҳои дар боло зикршуда.

Феълҳои форсӣ (меъёр, адабӣ ва қадима, гуфтугӯӣ ва гартабардорӣ шуда). Ин дастаи феълҳоро метавон боз ба чанд гурӯҳ тақсимбандӣ намуд, ки дар зер онҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳем.

а) **Феълҳои маъмулӣ дар форсии меъёр.** Мусаллам аст, ки феълҳои маъмулӣ дар форсии меъёр, феълҳои романро ба худ ихтисос додааст ва ниёз ба овардани мисол нест.

б) **Феълҳои адабӣ ва куҳан.** Ғараз аз чунин феълҳо дар он аст, ки имрӯз бештар дар матнҳои адабӣ ба кор гирифта мешаванд ва ё онҳоро бояд дар матнҳои қадима ҷуст. Ҳарчанд бояд гуфт, ҳар феъли адабӣ ҳатман феъли куҳна нест ва ҳар феъли куҳнае низ адабӣ ба шумор намеравад. Носири Эронӣ нависандаи муосир дар китоби «Ҳунари роман» зери унвони «Дар боби насри шоирона» менависад:

«…. Дар ҳунари роман, ҷойи табиии насри шоирона дар он ҷойҳое аст, ки пойи таҷрибаҳои эҳсосотии ҳод дар миён аст; пойи шӯру ҳолҳои ақлрабоии ошиқона, мувоҷид ва азвоқи орифона. Насри содаву маъқул наметавонад ин қабил таҷрибаҳои эҳсосотии ҷунуносо ва номаълумро намоиш диҳад. Ин кор аз насри шоирона бармеояду бас» [13, с.316] ва дақиқан яке аз ҷойгоҳҳои аслии зуҳури феълҳои куҳан дар ин роман дар чунин пораҳое аст.

Феълҳои куҳан ва мавриди истифодаи онҳо дар романи «Ҷойи холии Салуҷ»:

Аз ҷойи ҳазорсолаи худ барканда ва <u>божгуна мешуданд</u> [3, с.1000].
Одамӣ вақте дар таб месӯзад <u>вожгӯя мекунад</u> [3, с.1037].
Чизе гунг, мисли хоре тар, нарм ва ором ба қалбаш <u>халида буд</u> [3, с.1056].
Алӣ Гунов <u>намоз намедонист</u> [3, с.1176].
Дар сиёҳии чоҳе <u>божгун шуда буд</u> ба дам дигаргуна мешуд [3, с.1450].

Феълҳои адабӣ ва корбурди онҳо дар романи «Ҷойи холии Салуҷ»:

Вақти кор забон ба <u>шукӯҳ накшоянд</u> [3, с.1014].
Иродаашонро аз ҳам <u>мегӯсихт</u> [3, с.1015]с
Ҳоҷар ҳамончиро барметофт, ки перомунашро <u>меанбошт</u> [3, с.1040]с
Намехост ҳиқ - ҳиққаш духтаракро <u>барошӯбад</u> [3, с.1062].
Пиндор офтобе, ки аз пайи барф <u>бархоҳад тофт</u> [3, с.1089].
Офтобе, ки аз пайи барф <u>бархоҳад тофт</u> [3, с.1089].
Ибровро аз заминҳои пунбазор <u>торонда буд</u> [3, с.1183].
Заҳру киноияи калом… аз забонаш <u>метаровид</u> [3, с.1213].
Бо чашми ҳамаи модарон метавонӣ бигирӣӣ, <u>ба талотум дарой</u> [3, с.1322].
Зеҳнаш ҳам оё <u>тороҷ шуда буд</u> [3, с.1450].

Феълҳои форсии гуфтугӯӣ. Шумораи чунин феълҳо дар роман кам аст ва ин аз он нишон медиҳад, ки заминаи роман рустоиву иқлимӣ аст. Мисол:

Ҳарфҳои Карбалоии Душанберо <u>зери сибилӣ дармекард</u> [3, с.1000].
Аммо эҳсос кард рӯйи дастҳояш чизе <u>мосида</u> … [3, с.1028].
Зери тозиёнаҳои беамон <u>гир афтода буд</u> [3, с.1053].
Чизҳое рӯйи дилаш <u>таланбор шуда буд</u> [3, с.1053].
Мисли чархи шикастаи қолӣ <u>қул мехӯрд</u> [3, с.1056].
Аббос чойи аввалро <u>ҳурт бикашад</u> [3, с.1094].
Мурод ба ӯ <u>тупид</u> [3, с.1132].
Менишинӣ дов ё пулҳоро <u>месалафӣ?</u> [3, с.1133].
… яке аз купеҳои сакаро <u>бикопад</u> [3, с.1137].
Шутурҳо ҳанӯз аз озӯқаи субҳ <u>тахбандӣ доштанд</u> [3, с.1265].
Чаҳорто содалавҳро <u>рӯ чӯб карда</u>, то макина бизанад [3, с.1353].

Феълҳои гартабардоришуда (калкашуда). Имрӯз дастурнависону нигорандагон бар ин ақиданд, ки ин навъи феъл, ки рӯз то рӯз доман паҳн мекунад ва забонро метавон гуфт, латма мезанад, ба феълҳои ноқис муаррифияш мекунанд. Аммо аз он ҷо ки монанди бисёре аз вомвожаҳо, ки ногузир истифода мешаванд, ин навъи феълҳо низ бо мурури замон ҷойи худро дар сохтори сарфии феъли забони форсӣ боз мекунанд ва ба сурати худкор дар забон истифода мешаванд. Дар ин сурат ҳатто гуфтаанд, ки забон аз ин равиш ғанӣ мегардад.

«Гартабардорӣ, дарвоқеъ, тарҷумаи таҳтуллафзӣ аст. Ин навъи гартабардорӣ на танҳо айбе надорад, балки ба ғаноии забон меафзояд. Аммо навъи дигаре аз гартабардорӣ ҳаст, ки сохтҳои наҳвӣ ва тағйироти киноиро ба сурати мармуз таҷзияву тарҷума мекунанд, монанди compter sur quelqunun, ки дар забони фаронсавӣ тағйири киноӣ аст. Набояд онро лафз ба лафз тарҷума кард, аммо, мутаассифона, мутарҷимони камсавод онро таҳтуллафзӣ тарҷума кардаанд ва «рӯйи касе ҳисоб кардан» дар забони форсӣ роиҷ шудааст [1, с.290]

Дар романи «Ҷойи холии Салуҷ» теъдоди чунин афъол низ андак аст ва ба сурати истифода аз масдари «доштан» ва дигар масдарҳо намуд пайдо кардааст. Мисол:

-در سفرهایی که به مشهد داشتیم. [3, с.1004]

-هاجر هنوز پا پس می داشت. [3, с.1060]

-هردم، هر کسی می توانست چنین پرخاشی به او داشته باشد. [3, с.1066]

-علی گناو ته سگارش را دود کرد. [3, с.1158]

-مرگان رفت تا نادیده بگیرد. [3, с.1203]

Феълҳои гӯйиши Сабзворӣ. Дар ин қисмат, нахуст дар бораи гӯйиши Сабзворӣ ва бавижа баҳси феъл дар ин гӯйиш матлабе зикр мешавад, сипас мепардозем ба баррасии феълҳо.

Гӯйиши Сабзворӣ, яке аз гӯйишҳои форсӣ мансуб шуда дар бисёре аз ноҳия ва минтақаҳои Сабзвор бо он ҳарф мезананд. Аммо истилоҳи «гӯйиш» (dialect) -ро чунин таъриф кардаанд: «Гунаи забоне, ки дар се сатҳи овоӣ, наҳвӣ ва вожагонӣ, нисбат ба ҳинҷорҳои гунаи меъёри як забон, инҳироф ва воковӣ аз худ нишон диҳад, бадеҳӣ аст, дар мавқеиятҳои мутафовит, инҳироф дар ҳар як аз ин сутуҳ метавонад нисбат ба ду сатҳи дигар дорои дараҷаву барҷастагии бештаре бошад…» [7, с.128], аз ин рӯ Сабзвориро «гӯйиш» медонанд, на «лаҳҷа» (accent).

Бояд гуфт, ки ин гӯйиши асил, бо вуҷуди шабоҳатҳои бисёр бо форсии меъёр, аз назари феъл, ки мавзӯи пажӯҳиши ҳозир аст, дорои тафовутҳое бо забони форсии меъёр дорад. Ин фарқиятҳо дар суратҳои гуногуни зер ошкор мешавад:

а) феълҳое, ки бархостаанд аз иқлим ва фарҳанги бумӣ;

б) феъл аз масдарҳои куҳнаи форсӣ ва забонҳои эронии бостон, забонҳои монанд туркӣ;

в) феъл аз масдарҳое, ки асли онҳо шинохташуда нест.

Барои намуна аз сохти гунаҳои феълҳои дар боло зикршуда меорем:

[کلَف دزین: klaf dzian گاز زدن]

Дар гӯйиши Сабзворӣ ҳиҷои аввал сокин мегирад, инчунин ду ҳамсадо метавонад паиҳам ояд.

[کورچوندن : korchondan:برودن و دو نیم کردن]

[پاوال کردن: paval kerdan: خواباندن گله در فضایی آزاد و بی در و دیوار و معمولاً ثابت]

[لاپ کردن: lap kerdan: دو نیم کردن چیزی مثل هندوانه . نیز به هم زدن مراسم یا بازی]

Албатта, ин масдарҳо мумкин аст, дар дигар гӯйишҳои Хуросон ва Эрон бошад, чунон ки «کورچوندن» дар гӯйиши форсии Муллоёр ва вожаи «پاوال» дар паштунӣ мавриди корбурд қарор дорад. Аммо дар решаёбии онҳо ҷойи сухан боқист.

г) феъл дар сохторҳои сарфӣ ва наҳвии мутафовит бо форсии имрӯз ва гузашта.

Феълҳои бо сохтори сарфӣ ва наҳвии гӯйиш. Дар ин гӯйиш бандакҷонишинҳои мафъулӣ, ҳарчанд бештар пас аз бандаки феълӣ қарор мегиранд, аммо дар феълҳои замони гузаштаи ҳикоягӣ, замони гузаштаи дур, сиғаи эҳтимолӣ ин замонҳо ҳатман ба ҷузъи исм ба кор бурда шаванд. Аз ин қабил феълҳо дар роман хеле кам вомехӯранд, ки намунаашро дар зер меорем:

زغوریت هنوز چندان که باید نفرسوده اش بود. [3, с.1089]

...ناخوشي زمستان پاشانده اش بود. [3,1116]

تا خاموش نشسته بود، مي توانستي ندیده اش بگیري. [3, с.1332]

شکل هایي که پیش از این نیازموده بودشان، ندیده شان بود. [3, с.1450]

Феълҳои гӯйишии таҳтуллафзӣ. Мақсад аз овардани ин унвон, феълҳоест, ки агар дар забони форсии меъёр, куҳан ва гӯйишҳо шабоҳатҳое барои онҳо пайдо шавад, ҳатман афзуниву костагӣ дар сохтори онҳо нисбат ба гӯйиши Сабзворӣ дида мешавад. Ин феълҳо корбурди маҳдудтаре доранд, лекин ин феълҳо дар гӯйиши Сабзворӣ маъмулӣ ва пуристифодаанд.

Корбуриди ин даста феълҳо дар романи номбурда таҳтуллафзӣ аст. Ба ин маъно, ки танҳо талаффуз ба худ забони форсии меъёр гирифтааст. Аммо ҷузъҳои феъл, айнан сари

ҷойи худ боқӣ монда ва аз назари маънӣ дар ҳамон маънии аслӣ ба кор рафтаанд. Шумораи чунин феълҳо бисёр аст ва онҳо ба феълҳои сода, пешвандӣ, мураккаб омадаанд.

Гоҳо феълҳое ҳастанд, ки аз назари луғавӣ, барои ғайригӯйишварон номафҳуманд ва ниёз ба шарҳу тавзеҳ доранд. Дар сурате ки бо ҳамон маънии аслӣ дар гӯйиш ба кор рафтаанд. Барои намуна вожаи «زاله» дар гӯйиши Сабзворӣ дар мисоли зер ба маънои «مرز» «كرَت» (замини марзбандшудаи кишоварзӣ) дар замини кишоварзӣ аст, ки дар таркиби феълии зуд маънои «сохтани марз» ро медиҳад:

حتي اگر دستتان مي رسد ، دورتكة زمينتان را زاله كنيد . [3, c.1164]
(zâla kne)

Ва аммо мисолҳои дигар:

حالا سرشبده ! [3, c.988] (رها كردن)
(sariš bete)

...پشته ام را بود مي كردم . [3, c.1023] (كامل كردن)
(bud mekerdom)

... باد مي خورد .تاب مي خورد . [3, c.1032] (پس و پيش شدن) (پيچيده شدن)
(tâv mexârd) (bâd mexârd)

كنار مقبرة آقا پريژكرده و نشسته بود . [3, c.1165] (كز كردن و جمع شدن در خود در اينجا از سرما)
(priž kerda)

شتر ... دم قنه مي كند و بُلوق مي زند . [3, c.1265] (جمع و گرد كردن چيزی) (مستی كردن)
(bolloq mezna) (qonna mna)

شتر ها ... هلپاس نمی زند . [3, c.1265] (حرص و از داشتن)
(halpâs namazayen)

براي اينكه در خانه مرگان تِنقَل بيندازد . [3, c.1287] (تخته پوست انداختن)
(tenqal bendeze)

Феълҳои муштараки миёни форсӣ (меъёр ва ...) ва гӯйиши Сабзворӣ. Мақсад аз феълҳои муштарак он аст, ки феълҳо айнан ё бо каме тағйирот дар форсӣ ва гӯйиши Сабзворӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Агар хоҳем барои ин феълҳои решаӣ қоил шавем, ҳарчанд мумкин аст, он гурӯҳбандӣ ва тақсимбандие, ки дар боло дар қисмати дуюм ба вуҷуд омада буд, такрор ёбад талоши беҳудае мебошад. Мавзӯъ ин аст, ки дар ин сурат афъол ҳатто миёни дастаҳои мухталифи форсӣ низ дар навсози шадид хоҳад буд. Дар ҳақиқат, ин афъолро бояд мутааллиқ ба забони роман ва натиҷаи баҳрагирии огоҳонаи нависанда аз марзҳои муштарак миёни гунаҳои дастаи форсӣ ва гӯйиши он барои интиқоли беҳтару мафҳумтари мазмун ва талош дар ҳифзи сабку забони ҳоким дар роман донист. Дар зер чанд мисол аз романи зикршуда дар атрофи гунаи фавқ меорем:

- سالار فرياد در گلو ، تقلا مي كرد . [3, c.1009]
- دلش مي شورید و در جايش قرار نمي گرفت. [3, c.1063] (شور مي زد)
- نان شكم خود را از دست اين و آن مي ستاندند . [3, c.1068]
- آتش كردي ، برو الَوكن . [3, c.1102] (الو كردن : آتش روشن كردن)
- شير و ماست دست مي دهد . [3, c.1112]

Феълҳои сохтаи нависанда. Ин гуна феълҳо гуногунанд. Бархе феълҳои пешвандӣ ҳастанд. Дар гӯйиш, феълҳои пешвандӣ бисёр маъмуланд ва пешвандҳо тақрибан мисли пешвандҳои форсии асрҳои пешин мебошанд. Пешвандҳои феълии гӯйиши Сабзвор ба қарор зеранд:

«وا (va) (واچی چين : سوزاندن) ، ور (ver) (ورچی گين : برجه ی دن) ، و (ve) (كوتاه شده «وا») (و پی ش خزين : به جلو رفتن) ، فرو (feru) (فرودين : بلع ی دن) [2, c.83-84]

Аммо гароиши М.Давлатободӣ барои корбурди ин гуна афъол ва сохтани феълҳои монанди он, таваҷҷуҳи дигар пажӯҳишгаронро низ барангехтааст.

«Лозим ба зикр аст, ки бархе пешвандҳо ва ё бархе аз феълҳои пешвандӣ ба назар мерасад муқтабас аз гунаи бумии забон бошад ва Давлатободӣ онҳоро аз гунаи забонии Сабзвор ба вом гирифтааст. Бахусус афъоле, ки бо пешвандҳои «ве» ва «вер» сохта шудаанд. Монанди: вомаҷарақид, вобигир, вонамуд, возаде буданд, во мегирифт, вопас мекашид, вербор кард, верхиз, вогашт в…» [9, c.144].

Барои тасбияти суханони боло чанд мисол аз роман меорем:

- ميدان يخي كه ... داشت برمي شكست. [3, c.999]
- سالار واخورد. [3, c.1005]
- سرشانه ابراو در پنجه ... عباس بود . ابراو واداشته شد. [3, c.1022]

- شتاب از پاها و انتو انست بگیرد . [3, c.1184]
- تنها و اگذاشته شدند. [3, c.1201]
- ...در گرفتن لقمه و اپي بماند. [3, c.1305]

Ва пораи дигаре, ки дар сохти ҷузъи ғайри феълии «по» мебошад, ки сохти нависанда аст. Дар гӯйиш ва дар забони форсӣ ҳарчанд ҷузъи ғайри феълии «по» вуҷуд дорад, аммо аҷзои наве дар таркиби ин феълҳо ба кор рафтааст. Ин афъол бояд ҳамчун кӯшиши ғанӣ кардани забони роман ва навоварӣ дар мубодилаи навъҳои гуногуни забон ва гӯйиш баррасӣ карда шаванд.

مرگان دیگر نماند.و پا جلد کرد . [3, c.994]
او پي بهان هاي بود تا پا بکند. [3, c.1020]
هاجر کند پا کرد... . [3, c.1053]
هاجر هنوز پا پس مي داشت. [3, c.1060]
گیوه ها را به پا کشید. [3, c.1109]
عباس پا تندتر کرد. [3, c.1140]

Романи «Ҷойи холии Салуҷ» аз назари забонӣ, романест пурмуҳтавову ғанӣ. Ин чизе ҷуз натиҷаи кӯшиши муаллиф дар истифодаи намудҳои гуногуни забон аз қабили забони форсии меъёр, забони форсии гуфтугӯӣ, забони форсии адабӣ ва куҳан, гӯйиши Сабзворӣ аст, ки дар роман ба таври ошкор баён шудааст. Ин саъю талоши нависанда хусусан дар истифодаи афъоли гуногун зоҳир мешавад. Феълҳо дар роман аз он шаҳодат медиҳанд, ки романи мазкур заминаи рустоӣ дорад ва нависанда талош кардааст, ки ҳеҷ нозукии афъол ва корбурди онҳо ҳангоми такгӯйиҳои адабияш, масъалаҳои зиндагии шахсиятҳояш аз чашмаш дур наяфтад. Ба таври итминон гуфта метавонем, ки феълҳои роман дар маҷмӯъ ба чор даста тақсимбандӣ мешаванд, ки аз қарори зеранд:

1. Феълҳои забони форсӣ (меъёр, адабӣ ва куҳан, гуфтугӯӣ ва гартабардоришуда);
2. Феълҳои гӯйиши Сабзворӣ;
3. Феълҳои муштараки миёни форсӣ (меъёр ва …) ва гӯйиши Сабзворӣ;
4. Феълҳои сохтаи нависанда.

Дар мавзӯи сарчашмаи феълҳо, ғайр аз гуногунии феълҳои фаровони форсӣ, ки қисми зиёди феълҳоро ташкил медиҳад, феълҳои гӯйиши Сабзворӣ, ки барои нафарони ғайригӯйиши зикршуда номафҳум мемонанд. Чаро ки ин феълҳо фақат дар ин гӯйиш мавриди истифода қарор доранд. Дар дастаи феълҳои маъмул, аммо дар баъзе ҳолатҳо истифодаи бештару беҳтари баъзе намуди забон ё гӯйишро номбар кардан мумкин аст. Дар маҷмӯъ, теъдоди ин даста феълҳо дар забони форсӣ шиддат мегирад, то ки он бефоида ва ғайриимкон гардад. Корбурд ва истифодаи ин даста аз феълҳоро бояд нависанда огоҳона аз иштирок миёни гунаҳои забон ва гӯйиш барои интиқоли беҳтару мафҳумтари мазмун ва ҳифзи сабку забони роман донад. Ин мавзӯъ дар бораи феълҳои сохтаи нависанда бо теъдоди андаки онҳо низ дуруст аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ Ҳасан. Нақди адабӣ: Забон ва фарҳанги дурустнависӣ / Ҳасан, Анварӣ // Маҷаллаи Бухоро. – Теҳрон, 1386. Фарвардин - Урдибиҳишт. - Шум. 60. - С. 283-292.
2. Баруғанӣ Абуфазл. Баррасии забони шиносаи гӯиши Сабзворӣ / Абуфазл Баруғанӣ. – Теҳрон: Интишороти «Ибни Ямин», 1381. - Ҷ.2.
3. Давлатободӣ Маҳмуд. Корномаи Сипанҷ / Маҳмуд Давлатободӣ. – Теҳрон: Нашриёти «Бузургмеҳр», 1368. - Ҷ.1,3.
4. Давлатободӣ Маҳмуд. Қатраи муҳоландеш / Маҳмуд Давлатободӣ. – Теҳрон: Чопи «Чашма», 1383. - Ҷ.2.
5. Давлатободӣ Маҳмуд. Мо ҳам мардуме ҳастем / Маҳмуд Давлатободӣ. – Теҳрон: Чопи «Чашма», 1378.
6. Давлатободӣ Маҳмуд. Нуни навиштан / Маҳмуд Давлатободӣ. – Теҳрон: Чопи «Чашма», 1387.
7. Парҳезкор Муҳаммадризо. «Тарҷума кардан бо лаҳҷа: нигоҳе ба тарҷумаи гӯиш дар адабиёт» / Муҳаммадризо Парҳезкор // Маҷмӯаи мақоллаҳои панҷумин коференсияи забоншиносӣ. Донишнгоҳи Аллома Таботабоӣ. – Теҳрон, 1382.
8. Пурномдориён Тақӣ. Сафар дар Маҳ. Тааммуд дар шеъри Аҳмади Шомлу / Тақӣ Пурномдориён. – Теҳрон: Чопи «Нигоҳ», 1381. - Ҷ.2.
9. Олаштӣ Ҳасанпур. «Вижагиҳои забони ривоят дар се асари Маҳмуди Давлатободӣ» / Ҳасанпур Олаштӣ // Маҷаллаи «Ковишнома». - Язд. 1386. - Шум.134.
10. Ошурӣ Дорюш. Бозандешии забони форсӣ / Дорюш Ошурӣ. – Теҳрон: Чопи «Марказ», 1386. - Ҷ.4.
11. Чиҳилтан Амирҳусайн. Мо низ мардуме ҳастем: Гуфтугӯ бо Маҳуди Давлатободӣ / Амирҳусайн Чиҳилтан, Фаридуни Фарёд. – Теҳрон: Чопи «Чашма», 1380. - Фарҳанги муосир. - Ҷ. 3.
12. Шамисо Сирус. Куллиёти сабкшиносӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Интишороти «Фирдавсӣ», 1378. - Ҷ.6.
13. Эронӣ Носир. Ҳунари роман / Носир Эронӣ. – Теҳрон: Чопи «Нигоҳ», 1380. - Ҷ.1.

АНВОЪ ВА НАВЪҲОИ ФЕЪЛ ДАР РОМАНИ «ҶОЙИ ХОЛИИ САЛУҶ»-И МАҲМУДИ ДАВЛАТОБОДӢ

Маълум аст, ки абзору аслиҳаи ҳар як адибу ҳунарманд забон аст. Забоне, ки аз маҷмӯи вожагону таркиботи гуногуннавъ, зарбулмасалу иборотӣ рангоранг иборат аст. Вале ин маҷмӯа то замоне ки дур аз коргоҳи зеҳнии нависанда қарор дорад мунҷамиду сокин, эътиёду мурда мемонад. Зиндагии он ҳангоме шурӯъ мешавад, ки адиб ё нависанда бар асоси талабу тақозои ниёзҳои дарунии худ мехоҳад гуфтаниҳои хешро баён бидорад. Пас, метавон гуфт, ки зуҳури забон, рушду боландагии он зарурати зистӣ дорад. Албатта, перомуни пайдоишу нақши забон донишмандону муҳаққиқони риштаҳои мухталифи улум пажӯҳишҳои судманде анҷом додаанд ва ҳадафи мо ҳаргиз баррасии онҳо нест. Такяи мо бар ин аст, ки назари нависандае мисли М. Давлатободӣ дар атрофи забон ва хосси забони форсӣ чӣ гуна аст? Зеро мо камтар нависандаеро суроғ дорем, ки дар тӯли зиндагӣ ва фаъолияти эҷодӣ бо вуҷуди гирифторӣ, сарукор доштан бо вожагон, андешае хосае дар атрофи масоили забонӣ ва шигифтиҳои ин дунёи рангину ҷаззоб – забон баён дошта бошад. Дар иртибот ба ин мавзӯъ М. Давлатободӣ мақому манзалати вижаеро касб намудааст. Андешаву орои ӯро метавон ба чанд гуна табақабандӣ намуд. Нахустин натиҷае, ки аз таҳқиқу баррасии навиштаҳои вай дар перомуни забон бармеояд, ҳифзу нигаҳдории забон ва доштани маълумот дар баробари забон аст. Натиҷаи дувум, рушду густариши забон аст ва ниҳоят ҷалби саросарии аҳли забон дар нерумандсозии доштаҳо ва пойгоҳи забонист. Гузашта аз ин, нерумандсозии пайванди забон ва адабиёт дар инкишофу густариши фазоҳои забонӣ аст. Мақолаи мазкур ба баррасии тавсиф ва таҳлили моҳият, сифат ва анвои корбурди феълҳо дар романи «Ҷойи холии Салуҷ» пардохта шудааст. Яке аз биму ҳаросе, ки нависанда дар сабки навиштани достонҳояш дорад, ба кор гирифтани забони ғаниву солим аст. Дар ҷустуҷӯи чунин забоне ӯ сарчашмаҳои забони форсӣ (аз қабили забони форсии меъёр, гуфтугӯӣ, адабӣ ва қадима) ва гӯйишҳои (Сабзворӣ ва ғайри он) онро ба таври фаровону баҳраманд истифода бурдааст.

Калидвожаҳо: Маҳмуди Давлатободӣ, «Ҷойи холии Салуҷ», сарчашмаҳои феъл, забони форсии меъёр, забони форсии адабӣ, забони форсии бостон, гӯйиш, гӯйиши Сабзворӣ.

ПРОИСХОЖДЕНИЕ И ТИПЫ ГЛАГОЛОВ В РОМАНЕ МАХМУДА ДОВЛАТАБАДИ «ПРОПАВШИЙ СОЛУХ»

Для каждого писателя важным инструментом является язык. Язык состоит из слов, выражений, терминов, различных словосочетаний, фразеологизмов и метафор. Но пока писатель не выразит свои мысли, то вся красота скрыта в внутреннем мире писателя. Его жизнь начинается, когда писатель высказывает свои мысли. Можно сказать, он проявляет себя и начинает развиваться, обретая новую жизнь. В прошлом ученые изучали и проводили исследования о происхождении и роли языка, но это не является нашей основной целью. Нашей основной целью является изучить происхождение и типы глаголов в романе Махмуда Довлатабади «Пропавший Солух». В этой статье мы пришли к выводу, что писатель обладает уникальным литературным стилем и новаторски подходит к использованию языка. В своих книгах писатель пользуется хорасанским диалектом и показывает его самым необычным образом. Из анализа романа мы выяснили, что писатель использует четыре типа глаголов: традиционный персидский, литературный персидский, древний персидский, разговорный персидский и себзеварский диалект.

Ключевые слова: Махмуд Довлятабади, «Пропавший Солух», происхождение глаголов, традиционный персидский, литературный персидский, древний персидский, разговорный персидский, себзеварский диалект.

THE ORIGIN AND TYPES OF VERBS IN THE NOVEL MAHMOD DOWLATABADI "MISSING SOLUCH»

Language is an important tool for every writer. Language consists of words, expressions, terms, various phrases, phraseological units and metaphors. But as long as the writer does not Express his thoughts, then all the beauty is in the inner world of the writer. His life begins when the writer expresses his thoughts. You can say it manifests itself and begins to develop, finding a new life. In the past, scientists have studied and conducted research on the origin and role of language, but this is not our primary goal. Our main goal is to study the origin and types of verbs in the novel Mahmoud Dowlatabadi "Missing Soluch". In this article, we came to the conclusion that the writer has a unique literary style and innovative approach to the use of language. In his books, the writer uses the Khorasan dialect, and shows it in the most unusual way. From the novel we found out that the writer uses four types of verbs: traditional Persian, literary Persian, ancient Persian, colloquial Persian and Sabzevar dialect.

Key words: Mahmoud Dowlatabadi, "Missing Soluch", origin of verbs, traditional Persian, literary Persian, ancient Persian, colloquial Persian, Sabzevar dialect.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоҳирзода Сурайёхон Тоҳирӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **surayo2008@mail.ru**. Тел.: **(+992) 907-50-40-91**

Сведения об авторе: ***Тохирзода Сурайёхон Тохири*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **surayo2008@mail.ru**. Тел.: **(+992) 907-50-40-91**

Information about the author: ***Takherzada Sorayyakhon Takheri*** - Tajik National University, candidate of philological Sciences, senior lecturer Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **surayo2008@mail.ru.** Tel.: **(+992) 907-50-40-91**

УДК: 83.3тад.

ТАҲҚИҚИ МАЪНОИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ВА НАВЪҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Фатоев А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохти худ ба хелҳои гуногун ҷудо мешаванд, зеро онҳо таркибҳои хеле доманадор ва мураккаби синтаксисиро ташкил карда метавонанд. Ин, пеш аз ҳама, ба таснифи феълҳо ба монда ва гузаранда будани онҳо алоқаманд аст. Л.С. Бархударов [1, с.80-81] ин таснифотро ба инобат гирифта, ибораҳои феълиро аз рӯйи сохташон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудааст: 1) ибораҳое, ки ядрояшон ҳам феъли монда ва ҳам феъли гузаранда мешавад; 2) ибораҳое, ки ядрояшон танҳо феъли гузаранда, ё танҳо феъли мондаанд. Адъюнкти ибораҳои навъи аввалро ӯ васеъшавӣ (extention) ва адъюнкти ибораҳои навъи дуюмро пуррашавӣ (complement) номидааст. Г.Г. Почепсов бошад, аз рӯйи хусусиятҳои синтагматикиашон феълҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардааст: 1) феълҳое, ки амали равонанабударо ифода мекунанд [1, с.78]; 2) феълҳое, ки амали равонабударо номбар менамоянд. Феълҳои амалашон равонанабуда дар матн муайян карда мешаванд. Баъзе феълҳои табиатан амалашон равонанабуда бошанд, дар як контекст ҳамчун феълҳои амалашон норавон ва дар дигар ҷо чун амалашон равона истифода мешаванд. Феълҳои амалашон норавон ибораи феълӣ сохта наметавонанд, зеро онҳо аз рӯйи валентнокияшон калимаҳои дигарро ба худ тобеъ карда наметавонанд, зеро яквалентаанд. Мисол: Clara laughed, he hesitated, the day came. Г.Г. Почепсов феълҳои амалашон равонабударо ба се тақсим кардааст: 1. Феълҳое, ки амалашон ба объект, объекту адресат ё танҳо ба адресат равона аст: shook the hand (равона ба объект); reminded him of his friend (равон ба объекту адресат); telephoned me (равона ба адресат). 2. Феълҳое, ки амалашон ба ҳол робита дорад: went to his room. 3. Феълҳое, ки амалашон ба объекту ҳол (put his hat on the table), объекту адресату ҳол (to bring me things to the church), адресату ҳол (to tell us secretly) алоқаманд аст [2, с.98].

Аз рӯйи таснифоти Г.Г. Почепсов дидан мумкин аст, ки феълҳо ба худ вожаҳои гуногунро тобеъ кунонида метавонанд ва ин ба валентнокии феъл вобаста мебошад. Валентнокӣ мафҳуми илми химия буда, онро ба забоншиносӣ Л.Тенйер ва С.Д. Катснелсон ворид намудаанд, ки он аз рӯйи шаҳодати В.Г. Гак, "қобилияти бо дигар элементҳо алоқа зоҳир кардани калимаро мефаҳмонад" [3, с.78]. Онро метавон бо забони тоҷикӣ тавассути вожаи "гироиши вожаҳо" номгирӣ кард. Мисол, вожаи "to take" метавонад вожаҳои "a pen, a book, a rose" ва амсоли онҳоро ба худ кашида, бо онҳо ибора созад, ё худ "to give" қодир аст, ки бо «John (him)» ва «a book» алоқаманд гардад: to give John (him) a book. Баъзе феълҳо яквалентианд (танҳо як калимаро ба худ тобеъ мегардонад: to go into the room), дигаре дувалентӣ мебошад (ду калимаро ба худ тобеъ менамояд: to give him the book) ва сеюмӣ севалента аст (се калимаро ба худ мекашад: bring me my thing to the church). Элементҳое, ки ба феъл тобеъ мегарданд, комплетив ном гирифтаанд: [4, с.185]. Ҳамоиши феълу аъзоҳои тобеъ муносибати комплетивиро ташкил мекунад. Дар муносибати комплетивӣ алоқаи байни ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеъ нисбат ба алоқаи атрибутивӣ суст аст. Мисол: He soundly slept (алоқаи атрибутивӣ) He slept soundly (муносибати комплетивӣ). Бинобар он "soundly slept" чун як чизи яклухт (том) тасаввур карда мешавад, вале дар "slept soundly" муносибати байни ҷузъҳои ибора қавӣ нест. Аз ин рӯ, муносибати байни soundly ва slept-ро муайянкунандагӣ ва муносибати байни slept ва soundly-ро тавсифкунанда номидан мумкин аст. Бинобар он, муносибати аввал ба алоқаи атрибутивӣ, вале муносибати дуюм ба алоқаи комплетивӣ дохил мешавад. Аз ин рӯ, хулоса мебарояд, ки дар муносибати комплетивӣ ду навъ аъзо ба назар мерасад:

1. Аъзои объектӣ: to pick roses, to write with a pencil, to think about the journey.
2. Аъзои квалификативӣ: to look curiously, to speak frankly.

Ин ду навъ комплетивҳоро бо ибораи дигар комплетиви объектӣ ва комплетиви ҳолӣ номидан мумкин аст. Комплетиви объектиро ба ду ҷудо мекунанд:

1. Комплетиви объектии бепешоянд. Дар ин хели комплетив феъл бо объекти худ бевосита алоқа зоҳир менамояд. Мисол: to watch TV; to draw the design.
2. Комплетиви объектии пешоянддор, ки дар он феъл бо объекти худ ба воситаи пешоянд алоқаманд мегардад. Мисол: to write with a pen; to rely on him; to talk about stars.

Комплетивҳои квалификативӣ ё ҳолӣ низ ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, ки ин ба семантика ва робитаи байни ҷузъҳои ибора алоқаманд аст:

1. Комплетивҳои ифодакунандаи аломати амал ё, ба ибораи дигар, комплетивҳои ҳоли тарзи амал ва қиёсӣ (муқоисавӣ). Чунин комплетивҳо аломати амалро ё бевосита, ё ба воситаи қиёс нишон медиҳанд. Мисол: to thank heartily; to speak loudly.

2. Комплетивҳои ҳолие, ки амал ё аломатро аз лиҳози миқдору дараҷа шарҳ медиҳанд: almost faint, to know much.

3. Комплетивҳои ҳолие, ки амалро аз лиҳози шароит, макон, замон вазъият ва ғ. шарҳ медиҳанд: to watch in some humour; to wait here; to come to see; to leave knowing it.

Аз рӯйи таснифоти Г.Г. Почепсов, ки дар боло овардем, дидан мумкин аст, ки феълҳо аз рӯйи валентнокии худ метавонанд на танҳо як, балки ду ва ё зиёда комплетив дошта бошанд. Дар мисоли "to bring me my things" феъли "to bring" ду комплетив дорад, ки ҳар ду ҳам комплетивҳои объектии бепешоянд мебошанд. Комплетивҳои объектӣ метавонанд ба як феъл ҳам бе пешоянд ва ҳам бо пешоянд алоқаманд гашта, онро шарҳ диҳанд: to tell me about the races. Ба як феъл метавонад ду навъ комплетив тобеъ шавад: to hang the picture on the wall. Дар ин ибора ҳам комплетиви объектӣ (the picture) ва ҳам комплетиви ҳолӣ (on the wall) мавҷуд аст. Агар ибораи "to bring me my things to the church"-ро таҳлил кунем, аён мегардад, ки дар он ду комплетиви объектӣ ва як комплетиви ҳолӣ мавҷуд аст, ки ин ибораи мураккаби феълӣ мебошад ва дар он комплетивҳо феълро аз лиҳози гуногун шарҳ медиҳанд [5, с.111].

Дар забони англисӣ боз як навъи ибораҳо ҳастанд, ки онҳо боиси баҳсҳои доманадор гаштаанд. Дар созмонҳои навъи see him run (see him running) мавқеъи "run" ва "running" ду хел шарҳ дода мешавад: 1). Профессор А.И. Смирнитский қайд мекунад, ки дар ин ибора see ва him дар алоқаи (муносибати) комплетивӣ қарор дошта, run (running) чун илова омадааст. Run (running) на аломати бевоситаи предмет (him), балки амал-протсессеро ифода мекунад, ки ба ҳамин предмет дахл дорад. Дар ин ҳолат дар ниҳоди алоқаи комплетивӣ мафҳуми протсесс ифода ёфтааст. Ин протсесс бо предмет хеле зич алоқаманд буда, аз муносибати байни мубтадою хабар, ки дар созмонҳои навъи he runs ва he is running мавҷуд аст, куллан фарқ мекунад. Робитаи байни ҷузъҳои him run ё him running мазмунан ба муносибати байни субъекту предикат монанд аст, вале ин муносибат дар шакли алоқаи на предикативӣ, балки комплетивӣ ифода ёфтааст. Ин созмонҳоро А.И. Смирнитский аъзои объектӣ-предикативӣ номидааст. Аз ин рӯ, run (running) ба феъли see комплетиви объектӣ шуда хизмат мекунад ва бигзор худаш монад онро дар грамматика complex object меноманд. Якҷоягии феъли тасрифӣ ва таркиби зикршударо бо таври гуногун Accusative with the Infinitive (with the participle), Objective Infinitive (participle) construction, Prepositional (or prepositionless) objective infinitive (participle) complex ва ғайраҳо номгирӣ мекунанд. Аз байни онҳо истилоҳи охирин, ки ба Б.Хаймович ва Б.Роговская мансуб аст, дуруст менамояд, зеро дар забони англисӣ Accusative case мавҷуд нест, вале Objective case дар системаи ҷонишинҳои шахсӣ ба назар мерасад. 2). Аз рӯйи ақидаи дуюм, ки ба Л.С. Бархударов тааллуқ дорад, him run (him running) на чун ибораи яклухт, балки ҳар як ҷузъи он дар алоҳидагӣ бояд таҳлил карда шавад ва ин таркиб ифодагари предикативияти дуюмдараҷа ҳисобида мешавад. Ҷузъи якуми ин ибораро аъзои субъектӣ ва ҷузъи дуюмро аъзои предикативӣ меномад. Дар ин созмон на танҳо масдар ва сифати феълии I, балки калимаҳои ифодакунандаи ҳолат (found him asleep), зарф (found him there) ва ғайраҳо омада метавонанд. Агар хосияти предикативияти дуюмдараҷагӣ доштани чунин созмонҳо эътироф карда шавад, онҳо ҳамроҳи феъл-хабари ҷумлаи мураккабро бунёд мекунанд, ҳол он ки Л.С. Бархударов чунин созмони синтаксисиро (him run, the tears filling his eyes) ҷумла намеҳисобад. Дар англисшиносӣ перомуни созмонҳои навъи "him run (him running)" бештар ақидаи А.И. Смирнитский дастгирӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, мувофиқи нишондоди А.И. Смирнитский алоқаи комплетивӣ бо феъл-хабар муносибатҳои гуногунро нишон дода метавонад:

1. Муносибатҳои предмету протсессӣ, ки онҳо якчанд хел мешаванд:

а) Муносибати байни амалкунанда (агенс) ва протсесс: to be read by him.

б) Муносибати байни объекти дуюмдараҷаи амал ва протсесс: to be written with a pencil.

в) Муносибати байни объекти бевосита ва протсесс: to write a letter.

2. Муносибатҳои ҳолӣ (муносибатҳои байни вазъияти иҷрои амал ва протсесс): to write at the table.

3. Муносибатҳои эзоҳотӣ: to be glad to see.

4. Муносибатҳои протсессию предметӣ: to see him run; to see him running.

5. Муносибатҳои квалификативӣ: to consider it useful.

Муносибатҳои дигаре низ мавҷуданд, ки онҳо дар асари забоншиноси маъруфи америкоӣ Ч.Филмор ҳамаҷониба батафсил таҳлил шудаанд [39].

Ибораҳое, ки ядрояшон феъл мебошад, ибораҳои феълӣ номида мешаванд. Мисол: to remember the name, has just come, to go quickly. Ибораҳои феълӣ ба содда ва мураккаб ҷудо мешаванд. Ибораҳои соддаи феълӣ аз феъл (чун ядро) ва як ҷузъи тобеъ таркиб меёбанд. Мисол: to see the film, to jump high. Ибораҳои мураккаби феълӣ аз феъл ва ду ё зиёда ҷузъи тобеъ сохта мешаванд: to give him the book, to send them a telegram, to have never seen the city.

Бояд қайд кард, ки дар ибораҳои соддаи феълӣ ба ҷузъи тобеъ калимаҳои нав ҳамроҳ шуда метавонад, вале он на ядро балки ҷузъи тобеъро шарҳ медиҳад. Мисол: to hear a noise - to hear a loud noise-to hear too loud a noise; to spend a night-to spend a sleepless night-to spend a sleepless night of dreams.

Муносибатҳои дигаре низ мавҷуданд, ки онҳо дар асари забоншиноси маъруфи америкоӣ Ч.Филмор ҳамаҷониба батафсил таҳлил шудаанд.

Дар забони англисӣ ибораҳое, ки калимаи асосашон феъл мебошад, **ибораҳои феълӣ** номида мешаванд. **Масъалан**, to remember the name (номро дар хотир нигоҳ доштан), he just come (омадан), to go quickly (тез рафтан).

Ибораҳои феълӣ ба содда ва мураккаб ҷудо карда мешаванд. Ибораҳои соддаи феълӣ аз феъл (чун калимаи асосӣ) ва як ҷузъи тобеъ таркиб меёбанд. **Мисол**, to see the film (филмро тамошо кардан), to jump high (баланд паридан).

Ибораҳои мураккаби феълӣ аз феъл ва ду ё зиёда ҷузъи тобеъ сохта мешаванд. To give him the bookto send them a telegram to have never seen you (ягон бор шуморо надидан) [6, с.109].

Бояд қайд кард, ки ба ибораҳои соддаи феълӣ ҷузъҳои (калимаҳои) нав ҳамроҳ шуда метавонанд, вале он ҷузъи нав ба калимаи асосиашон (яъне феъл) тобеъ набуда, ҷузъи тобеъро шарҳ медиҳад. **Мисол**: to hear a noise, to hear too long a noise, to spend a night, to spend a sleepless night, to spend a sleepless night of dreams.

Ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохти худ ба хелҳои гуногун ҷудо мешаванд, зеро онҳо таркибҳои хеле васеъ ва мураккабӣ синтаксисиро ташкил карда метавонанд. Ин, пеш аз ҳама, ба таснифи феълҳо аз рӯйи характери равонагии амал вобаста аст. **Мисол**: he is eating an apple. Вай себ хӯрда истодааст. She has finished her work You should study for exam. Шумо бояд ба имтиҳон тайёрӣ бинед. She has been sleeping for two hours.

Л.С. Бархударов аз ин нуқтаи назар феълҳоро ба монда ва гузаранда тақсим карда, ибораҳои феълиро аз рӯйи сохташон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудааст.

1. Ибораҳое, ки калимаи асосиашон ҳам феълӣ монда ва ҳам феълӣ гузаранда мешавад.
2. Ибораҳое, ки калимаи асосиашон як навъи муайяни феъл мебошад, яъне ё танҳо феълӣ гузаранда, ё ин ки танҳо феълӣ монда. Гурӯҳи ибораҳои навъи аввалро васеӣ (extention) ва сифати ибораҳои навъи дуюмро пуррашавӣ (complement) номида аст. Г.Г. Почепсов бошад, аз рӯйи хусусиятҳои синтагматикиашон феълҳоро ба ду намуд тақсим намудааст.

1. Феълҳое, ки амали равонанабударо ифода мекунанд.
2. Феълҳое, ки амали равонабударо ифода мекунанд.

Феълҳои амалашон равона набуда дар матн аниқ карда мешаванд. Баъзе феълҳое табиатан амалашон равона набуда бошанд, дар як матн ҳамчун феълҳои амалашон норавон ва дар дигар ҷо чун амалашон равона истифода мешаванд. Феълҳои амалашон норавон ибораҳои феълӣ сохта наметавонанд, зеро онҳо дар муҳити худ калимаҳои тобеъ надоранд. **Forexample**: Clara laughed he hesitated, the day came. Г.Г. Почепсов феълҳои амалашон равонаро ба се гурӯҳ тақсим кардааст.

1. Феълҳои амалашон равона ба объект, объекту суроға ё танҳо ба суроға.
2. Феълҳои амалашон равона ба ҳол.
3. Феълҳои амалашон равона ба объекту ҳол.

Аз рӯйи таснифоти Г.Г. Почепсов дидан мумкин аст, ки феълҳо ба худ таркибҳои гуногунро тобеъ кунонда метавонанд ва ин ба валентнокии феъл вобаста мебошад, яъне баъзе феълҳо яквалентаанд (танҳо як калимаро ба худ тобеъ мегардонанд to go into the room) дигаре дувалента мебошанд (ду калимаро ба худ тобеъ мегардонанд, to give him the book) ва сеюмӣ севалентаанд (се калимаро ба худ тобеъ мегардонанд, bring me my thing to the church).

Аъзоҳоеро (таркибҳоеро), ки ба феъл тобеъ мегарданд, комплетив меноманд ва муносибати байни феълу аъзоҳои тобеъ муносибати комплетивиро ташкил мекунад. Дар муносибати комплетивӣ алоқаи байни ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеъ нисбат ба алоқаи атрибутивӣ суст аст. **Масалан**: He soundly slept. He slept soundly. Бинобар он soundly slept чун як чизи яклухт (том) баромад дорад, вале дар slept soundly муносибати байни ҷузъҳои ибора қавӣ нест [7, с.295].

Аз ин рӯ, муносибати байни soundly ва slept-ро муайянкунандагӣ ва муносибати байни slept ва soundly-ро тавсифкунанда номидан мумкин аст. Бинобар он, муносибати аввал ба алоқаи атрибутивӣ вале муносибати дуюм ба алоқаи комплетивӣ дохил мешавад. Аз ин рӯ, хулоса мебарояд, ки аъзои комплетивӣ ду хел мешавад.

1. Аъзои объектӣ
2. Аъзои муайянкунанда

Ин ду навъ комплетивҳоро бо ифодаи дигар комплетиви объектӣ ва комплетивӣ ҳолӣ номидан мумкин аст. Комплетивӣ объектиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд.

а) комплетивӣ объектии бе пешоянд. Дар ин хели комплетив феъл бо объекти худ бевосита алоқа зоҳир менамояд. To watch TV, to draw the design.

б) комплетивӣ объектии пешоянддор, ки дар он объекти феъл ба воситаи пешоянд алоқаманд мегардад. To write with a pen, to reply on him, to talk about stars. Комплетивӣ нишондиҳандаи аломат ё ҳолӣ низ ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, ки ин ба семантика ва вобасташавии онҳо алоқаманд аст.

1. Комплетивҳои нишондиҳандаи аломати амал ё ба ибораи дигар, комплетивҳои ҳоли тарзи амал ва қиёсӣ (муқоисавӣ). Чунин комплетивҳо аломати амалро ё бевосита ё ба воситаи қиёс нишон медиҳанд. **Forexample**: to thank heartily (аз таҳти дил ташаккур кардан), to speak loudly (баланд гап задан) [8, с.291].

2. Комплетивҳои ҳолие, ки амалро аз рӯйи миқдору дараҷа шарҳ медиҳанд. **Forexample**: almost faint to know much.

3. Комплетивҳои ҳолие, ки амалро аз лиҳози шароит ва вазъият шарҳ медиҳанд, инҳо мебошанд. For example: to watch in some humour, to wait here, to come to see, to leave knowing it.

Аз рӯйи таснифоти Г.Г. Почепсов, ки дар боло овардем, дидан мумкин аст, ки феълҳо аз рӯйи валентнокии худ метавонанд на танҳо як балки ду ва зиёда комплетив дошта бошанд.

Як феъл метавонад ду навъ комплетив тобеъ шавад. To hang the picture on the wall. Дар ин ибора ҳам комплетиви объектӣ ва ҳам комплетиви ҳолӣ мавҷуд аст. Агар ибораи to bring me my things to the church –ро таҳлил кунем аён мегардад, ки дар он ду комплективи объектӣ ва як комплетиви ҳолӣ мавҷуд аст, ки ин ибораи мураккаби феълӣ мебошад ва комплетивҳоро аз ҳар ҷиҳат шарҳ медиҳад.

Дар ин ҳолат дар ниҳоди алоқаи комплетиви мафҳуми ҷараён ифода ёфтааст. Ин ҷараён бо предмет хеле зич алоқаманд буда, аз муносибати байни мубтадою хабар, ки дар созмонҳои навъи lie runs ва he is running мавҷуд аст, куллан фарқ мекунад.

Робитаи байни ҷузъҳои him run ё` him running мазмунан ба муносибати байни субъекту предикат монанд аст вале муносибат дар шакли алоқаи на предикативӣ балки комплетивӣ ташкил ёфтааст.

Аз ин рӯ, таркибӣ him run (him running) ба феълӣ see комплетивӣ объектӣ шуда хизмат мекунад ва онро дар грамматика complex object меноманд. Якҷоягии феъли тасрифӣ ва таркибӣ зикршударо бо таври гуногун accusative with the Infinitive (with the participle), Objective Infinitive (participle) construction, Prepositional (or preposition less) objective infinitive (participle) complex ва ғайраҳо номбар мекунанд.

Аз байни онҳо истилоҳи охирин, ки ба Б. Хаймович ва Б. Роговская мансуб аст, дуруст менамояд, зеро дар забони англисӣ Accusative case мавҷуд нест вале Objective case дар системаи ҷонишинҳои шахсӣ истифода мешавад [9, с.100].

2. Аз рӯйи ақидаи дуюм him run (him running) на чун ифодаи яклухт, балки ҳар як ҷузъи он дар алоҳидагӣ чун субъекту предикат таҳлил карда мешавад ва ин таркиб ифодагари предикативияти дуюмдараҷа маҳсуб мегардад.

Онро бо ибораи дигар предикативи объектӣ (Objective Predicative) меноманд.

Дар ин вазифа на танҳо масдар ва сифати феълӣ (participle), балки калимаҳои ифодакунандаи ҳолат (found him asleep), зарф (found him there) ва ғайраҳо омада метавонанд. Агар хосияти предикативияти дуюмдараҷагӣ доштани чунин созмонҳо эътироф карда шавад, онҳо табиатан ба ҷумлаҳои мураккаб наздик мешаванд. **Forexample**: The man in the room is my father. She gave me a glass full of water. He returned in a short while [10, с.170].

Ҳамин тавр, мувофиқи нишондоди Л.И. Смирнитский алоқаи комплетивӣ аз рӯйи мазмуни худ муносибатҳои гуногунро нишон дода метавонад.

1. Муносибатҳои предметӣ (предмету ҷараёнӣ), ки онҳо якчанд навъанд.

а) муносибати байни амалкунанда агенс ва ҷараён. To be read by him.

б) муносибати байни объекти дуюмдараҷаи амал ва ҷараён. To be written with a pencil.

в) муносибати байни объекти амал ва ҷараён. To be write a letter.

2. Муносибатҳои ҳолӣ (муносибатҳои байни вазъияти иҷрои амал ва ҷараён) to be write at the table.

3. Муносибатҳои эзоҳотӣ. To be glad to see.

4. Муносибатҳои ҷараёнӣ (ҷараёнию предметӣ).

Муносибатҳои дигаре низ мавҷуданд, ки онҳо дар асари забоншиноси маъруфи амрикоӣ Ч. Филмор ҳамаҷониба таҳлил шудаанд. **Forexample**: He is laughing at a joker. She is making tea for the quests. I saw a girl with blue eyes.

А Д А Б И Ё Т

1. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. - М., 1966. – С.80-81.
2. Бархударов Л.С. Язык и перевод / Л.С. Бархударов. - М.: Высшая школа, 1975. - 350 с.
3. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штейлинг. - М: Руский язык, 1973. - 325 с.
4. Блох М.Я. Теоретическая грамм. анг. яз. 3-е изд., испр. / М.Я. Блох. – М.: Высш.школа, 2000. - 380 с.
5. Бугадов. Р.А. Введение в науку о языке / Р.А. Бугадов. – М.: Наука, 1958. - 245 с.
6. Бузургзода Л. Грамматикаи забони тоҷикӣ / Л.Бузургзода, Б.Ниёзмуҳаммадов. - Сталинобод: Наш.дав. тоҷ., 1947. - 147 с.
7. Виноградов В.В. Русский язык. Грамматическое учение о слове / В.В. Виноградов. – М.-Л., 1947. - С.677.
8. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1983. – Қ.1. – 353 с.
9. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Сталинобод: Наш.дав.тоҷ., 1956. – 231 с.
10. Доир ба сохти ибора дар забони адабии ҳозираи тоҷик: Межвузовская научная конференция по иранской филологии / тезисы докладов. - Душанбе, 1966. - С.172-186.
11. Заретский А.И. О местоимении / А.И. Заретский // Русский язык в школе. – 1940. - № 6. С.– 16-22.
12. Калонтаров И.Я. Грамматикаи забони тоҷикӣ / И.Я. Калонтаров. – Москва, 1955.
13. Каушанская В.Л. Грамматика английского языка / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер и др. - Москва: Ладком, 2007. - 225 с.
14. Кайнельсон С.Д. О грамматической категории / С.Д. Кайнельсон // Вестник ЛГУ, 1948. - №2.
15. Качалова К.Н. Практическая грамматика английского языка. В 2-х томах. - 8-е изд., перераб. и доп. / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилович. – К.: Методика, 2002. – 367 с.

ТАҲҚИҚИ МАЪНОИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ВА НАВЪҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи масоили ибораҳои феълӣ, хелҳо ва хусусиятҳои сохтории он, муқоисаи ибораҳои феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва забони англисӣ, мақсади истифодаи ибораҳои феълӣ, хелҳои онҳо аз ҷиҳати грамматикию услубӣ ва умуман сохти ибораҳо меравад. Хусусияти ибораҳои феълӣ дар ду забон гуногун буда, бисёр масъалаҳоро дар бар мегирад, ки дар як рисола ба таври кушоду васеъ ҳал кардани онҳо аз имкон берун аст. Хусусан алоҳида омӯхтани маънои ибораҳои феълӣ; аниқтар тадқиқ кардани воситаҳои муайянкунандаи маънои онҳо; ба таври муфассал таъйин кардани мавқеи ибораҳои феълӣ дар жанру услубҳои гуногуни ду забон; пурратар тадқиқ кардани ҳодисаҳои ба ибора табдил додани дигар ҳиссаҳои нутқ ва муносибати онҳо; чукуртар омӯхтани вазифаҳои услубии ибораҳои феълӣ ва монанди инҳо ҳоло ҳам мунтазири тадқиқ қарор доранд. Чи тавре ки қайд кардем, ибораҳо дар забони тоҷикӣ ибораҳои исмӣ, ибораҳои сифатӣ, ибораҳои шуморагӣ, ибораҳои ҷонишинӣ, ибораҳои феълӣ мешаванд. Ибораҳои феълӣ дар навбати худ бо дигар ҳиссаҳои номии нутқ аз он ҷумла бо худи феъл, сифат, шумора, ҷонишин, масдар, феъли ҳол, сифати феълӣ омада, ибораҳои феълӣ бо исм, ибораҳои феълӣ бо сифат, ибораҳои феълӣ бо шумора, ибораҳои феълӣ бо ҷонишинро ташкил медиҳанд. Дар хулоса ин нуқтаро бояд ишора намуд, ки дар забони англисӣ ду навъи таркибии ибораҳои феълӣ мавҷуд аст: иборае, ки таркиби он аз шакли феъл (гузаранда – монда) тафовут надорад, яъне асоси он метавонад дилхоҳ феъл бошад ва иборае, ки асоси он танҳо феъли гурӯҳи муайян буда метавонад: гузаранда ё монда.

Калидвожаҳо: комплетивҳо, ибораҳои феълӣ, ибораҳои сифатӣ, масдар, феълӣ тасрифӣ, субъект, семантика, алоқаманд, тобеъ, пуррашавӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ЗНАЧЕНИЙ ФРАЗОВЫХ ГЛАГОЛОВ И ИХ ВИДОВ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье говорится о современных проблемах грамматики, ее структурных характеристиках, сравнении слов в таджикском и английском языках, цели использования значимых слов, их грамматике и общем значении фразы. Специфика современного языка различна на двух языках и включает в себя множество вопросов, которые решаются определенным образом. В частности, для изучения значений; для дальнейшего выявления средств их выражения есть точное определение в двух языков. Существуют также исследования, где выясняются актуальные проблемы лексики и т. п. Как уже упоминалось, слова на таджикском языке - это произносимые слова, определенные фразы, литературные тексты. Точная терминология, в свою очередь, связана с другими повествовательными ссылками, включая правильные, качественные, количественные, имени собственные и т.д. В заключение следует указать, в английском языке, существуют два типа определений: значение композиции не отличается от фактической формы, основой которой может быть ясное утверждение, и утверждение, которое является единственным основанием.

Ключевые слова: комплективы, фразовые глаголы, качественные фразовые, четкое определение, частица, семантика, субъекты, семинар, взаимосвязанные, всеобъемлющие.

THE RESEARCH OF THE NOTION OF PHRASAL VERBS AND THEIR TYPES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article goes on about the current issues, its structural characteristics, the comparison of current words in the Tajik and English languages, the purpose of the use of meaningful words, their grammar, and the general meaning of the phrase. The specifics of the current language are different in two languages and include many issues that are solved in an open and comprehensive way in a thesis. Specifically, to study the meaning of the meanings; to further investigate the means identified by them; to determine the exact position of the definitions in the different genres of the two languages; to thoroughly investigate the occurrence of other senses and their attitudes; There is also waiting for the study to find out the stereotyped tasks of current words and so on. As it is mentioned, the words in the Tajik language are spoken words, qualitative phrases, quantitative phrases, translators, literary texts. The exact terminology in its turn comes with other narrative references, including the correct, qualitative, quantitative, masculine, realistic, philosophical qualities, the current words with the correct name, the qualities, the valid words, the current words they are the deputy. Also, the current words are combined with the actual quality and quantity, making the correct words with the mask. The scientific and intellectual paths do not have any specific subgroups, such as words, qualities and numbers. But one point is that the current words are the most generous use of syntax phrases and a group of them mean the same way to accompany it. In conclusion, it should be pointed out in English that there are two types of definitions: the meaning of the composition is not distinct from the actual form, which is the basis of which it can be a clear statement and the statement that is the only basis.

Key words: Compositions, phrasal verbs, adjective phrase, clear definition, particle, semantics, subjects, seminar, interrelated, comprehensive.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Фатоев Аминҷон*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълим. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч.С.Сафаров 16. Тел.: **(+992) 918-24-05-23**

Сведения об авторе: ***Фатоев Аминджон*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры иностранных языков и методики преподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. Тел.: **(+992) 918-24-05-23**

Information about the author: ***Fatoev Aminjon*** - Kulob State University named after A.Rudaki, assistant of the chair of foreign languages and teaching methodology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str.16.
Tel.: **(+992) 918-24-05-23**

УДК: 4И (Англ)

ФЕЪЛ ВА КАТЕГОРИЯИ ГРАММАТИКИИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Раҳимова Т.Р., Хошимова Н.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Предмет ҳамеша дар ҳаракат аст, зеро асоси ҳастии материя ҳаракат аст. Аз ҳамин лиҳоз, феъл дар занҷири гуфтор ҳамеша бо калимае, ки мафҳуми предметро ифода мекунад, дар робита мебошад.

Феъли забони англисӣ дорои якчанд категорияҳои грамматикӣ буда, дорои маъно, роҳу воситаҳои гуногун ва шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифӣ мебошад.

Маълум аст, ки аз нуқтаи назари психологӣ вақт се ченак дорад: гузашта, оянда ва ҳозира. Забоншиносони англисзабон оид ба муайян намудани таносуби байни ин се ченаки психологии вақт ва шаклҳои замонии феъл ақидаҳои гуногун доранд, зеро феъли забони англисӣ дар сиғаи хабарӣ аз 16 шаклҳои тасрифӣ иборат буда, дар грамматикаҳои амалӣ онҳо чун шаклҳои замонии феъл оварда шудаанд, яъне онҳоро бо истилоҳи «Tense» (замон) номгирӣ менамоянд.

Аз ин лиҳоз, ҳар яке аз он шаклҳо дорои ин ё он маънои замонӣ мебошад. Барои ифодаи ҳар яке аз он се ченаки замонӣ аз ду то шаш шакли феълӣ рост меояд, ки боиси мушкилоти таснифи онҳо мегардад.

Мавқеи 16 шаклҳои феълии забони англисӣ аз рӯйи ақидаи забоншиносон дар системаи замонҳои феълӣ гуногун мебошад. Аз нуқтаи назари олимон на ҳамаи он 16 шакл ба системаи категорияи замон дохил мешаванд, балки 4 категорияи грамматикиро ташкил менамоянд:

1) Категорияи замон
2) Категорияи қаблият
3) Категорияи пасомад
4) Категорияи ҳудуди феълӣ [4, с.39].

Дар китоби забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, феъл ҳамчун мураккабтарин ҳиссаи нутқест, ки доираи васеи маъноӣ ва муносибати грамматикӣ дорад, ки он дар шаклҳои феълӣ, тарзҳо, намудҳо, сиғаҳо ва замонҳои феъл ифода меёбад [4, с.115].

Замони феъл дар забони тоҷикӣ муносибати амалро ба ҳангоми нутқ ва ё ба лаҳзаи дигари дар нутқ зоҳиршуда нишон медиҳад. Феъли забони тоҷикӣ се замон дорад ва бо шаклҳои гуногуни замонӣ тасриф мешавад: замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.

Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ як зумра олимон доир ба масъалаҳои гуногуни феъл тадқиқот гузаронидаанд, аммо бахусус доир ба воситаҳои ифодаи замони гузаштаи феъли забони англисӣ ва муодили тоҷикии он тадқиқоти махсуси илмӣ ба қалам нарасидааст, ки аз актуалӣ будани мавзӯи пажӯҳиши мазкур шаҳодат медиҳад, зеро тадқиқоти муқоисавӣ - типологии забонҳо бахши махсуси илми забоншиносӣ гардида, мавқеи омӯзишу таҳқиқи типологиро васеъ кардааст.

Пеш аз он ки дар бораи воситаи ифодаи амалҳои гузашта дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сухан ронем, мо тасмим гирифтем оид ба феъл ва категорияи грамматикии замон маълумоти мухтасар диҳем.

Феъл ҳиссаи мустақили нутқ буда, амал ё ҳолати предмет, инчунин модалият ва муносибатҳои гуногуни грамматикиро ифода менамояд. Ба категорияҳои грамматикии феъл шахсу шумора, тарз, замон, сиға ва намуд дохил мешаванд [3, с.228].

Дар мисолҳои зерин феълҳои ин ду забон ба амал далолат мекунанд:

He woke up and found himself in hospital – Ӯ бедор шуд ва худро дар беморхона дарёфт.

Show me which picture you drew – Ба ман нишон деҳ, ки ту кадом расмро кашидӣ.

Дар ҷумлаҳои поёнӣ аз ин ду забон феълҳо ҳолатро зикр мекунанд:

They soon became angry – Онҳо бо зудӣ хашмгин шуданд.

She’s a great beauty (Ibid) – Ӯ хеле соҳибҷамол аст.

The milk turned sour in the heat – Шир аз гармӣ туруш шудааст.

The committee consists of ten members – Кумита аз даҳ аъзо иборат аст.

Дар мисолҳои поёнӣ феълҳои модалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ на ба амал ва на ба ҳолати предмет далолат менамоянд, балки барои ифода намудани маъноҳои модалии гуногуни феълҳои дар паҳлуяшон буда хизмат мекунанд:

The boys could play football but the girls had to go to the library – Писарбачагон метавонистанд футболбозӣ кунанд, вале духтарон мебоист ба китобхона раванд.

Might I make a suggestion? – Магар ман таклифе карда метавонистам?

I must go to the bank to get some money – Барои гирифтани андаке пул ман бояд ба банк равам.

Дар зер мисолҳое оварда мешаванд, ки феълҳои ёридиҳандаи ин ду забон барои зикри на амал, на ҳолат ва на модалият, балки барои ифодаи маъноҳои грамматикии замон, самт ва ҳудуди феълҳои дигар хизмат мекунанд:

She is looking at you attentively – Ӯ ба ту бодиққат нигоҳ карда истодааст.

The letter was sent yesterday – Мактуб дина фиристода шуд.

They had come home by that time – То он вақт онҳо ба хона омада буданд.

Аз мисолҳои болоӣ бармеояд, ки феълҳои ин ду забон аз лиҳози маъно ва вазифа дар як сатҳ нестанд. Бинобар он, феълҳоро аз рӯйи маъною вазифаашон бояд ба се гурӯҳ тақсим кард:

1. Феълҳои пурра ё комил
2. Феълҳои нопурра
3. Феълҳои ёридиҳанда ё ёвар [14, с.220].

I. Феълҳои пурра маънои комили луғавӣ доранд, дар ҷумла мустақилан омада, вазифаи синтаксисии хабарро ичро карда метавонанд. Ду навъи дигари феълҳо (ба истиснои феъл - бандак) бар хизмати феълҳои пурра меоянд, то ба онҳо маъноҳои иловагӣ бахшанд. Мисолҳо барои феълҳои пурра:

She took him some flowers when she went to see him in hospital – Вақте ки ӯ барои аёдати вай ба беморхона рафт, ба ӯ каме гул гирифт.

I’ve never known it (to) snow in July before – Пештар ҳаргиз намедонистам, ки моҳи июл барф меборад.

The bad weather has sent vegetable prices up – Бадшавии боду ҳаво нархи сабзавотро бардошт [10, с.55].

When you enter the building you must show the guard your pass – Вақте ки шумо ба бино ворид мешавед, шумо бояд ба посбон шиносномаатонро нишон диҳед.

II. Феълҳои нопурра маънои комили луғавӣ надоранд, дар ҷумла дар танҳоӣ омада наметавонанд, худ мустақилан ба вазифаи синтаксисии хабар намеоянд. Ҳамроҳашон бояд ягон феъли пурра ё дигар ҳиссаи мустақили нутқ ояд. Ба ин навъи семантикии феъл чунин воҳидҳои ин ду забон дохил мешаванд:

1. Феълҳои модалии “can”, “may”, “must”, “shall”, “will”, “should”, “would”, “dare”, “ought” ва якчанд муодилҳои онҳо (забони англисӣ).

2. Феъл – бандакҳои “to be”, “to become”, “to turn” (дар маънои табдил ёфтан), “to consist”, “to grow” (дар маънои «шудан»), “to go” (дар маънои «шудан» ё «гардидан») ва чанде дигарҳо (забони англисӣ).

3. Феълҳои модалии «тавонистан», «хостан», «боистан», «шоистан» (забони тоҷикӣ).

4. Феъл – бандакҳои «будан», «шудан», «гардидан», «ҳаст (аст)» ва ғайраҳо (забони тоҷикӣ).

Феълҳои модалии ҳар ду забон барои ифодаи маъноҳои модалии феъли дигар хизмат мекунанд ва аз ҳамин сабаб доимо ҳамроҳи феъли мустақилмаъное ё феъл-бандак меоянд ва дар якҷоягӣ онҳо вазифаи синтаксисии хабарро адо менамоянд.

Мисол: I can help you – Ман ба шумо ёрӣ дода метавонам.

Can you lift this stone? – Ин сангро бардошта метавонед – мӣ?

They couldn’t paint this picture – Онҳо ин расмро кашида наметавонистанд.

You must help the old man – Шумо бояд ба пирамард ёрӣ расонед.

You may come later – Шумо метавонед дертар оед.

I will always help you – Ман ҳамеша ба шумо ёрӣ додан мехоҳам.

You shall return the money immediately – Шумо бояд пулро фавран баргардонед.

You must be a doctor – Шумо бояд духтур шавед.

She should be more beautiful now – Ӯ бояд ҳоло зеботар шуда бошад.

Муодилҳои тоҷикии «can» ва «may» феъли модалии «тавонистан» ё калимаи модалии «мумкин» мебошад. Муодилҳои тоҷикии «must», «shall», «ought», «should» феъли модалии «боистан» ва калимаи модалии «лозим» мебошанд. Феъли «will» ба феъли «хостан» ҳаммаъно аст.

Феъл-бандакҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ маънои коҳидаи луғавӣ доранд. Онҳо ба мавҷудият, ҳастӣ, табдилёбӣ ва амсоли он далолат мекунанд. Аз сабаби маънои пурраи луғавӣ надоштанашон онҳо дар ҷумла дар алоҳидагӣ истифода шуда наметавонанд ва мустақилан ба вазифаи синтаксисии хабар намеоянд. Онҳо ҳатман ҳамроҳи ягон ҳиссаи номии нутқ ё зарфу таркиби пешояндӣ омада, дар якҷоягӣ хабари ҷумла мешаванд.

Мисол: He is young yet – Ӯ ҳоло ҷавон аст.

We are workers – Мо коргар мебошем.

She turned pale – Ӯ рангпарида гашт.

He went mad – Вай девона шуд.

The house consists of four room – Хона аз чор ҳуҷра иборат аст.

They were there – Онҳо дар он ҷо буданд [5, с.225].

Дар забони тоҷикӣ дар замони ҳозира феъл-бандак метавонад афтад:

I am a teacher – Ман омӯзгор.

I am hungry – Ман гурусна.

They are doctors – Онҳо духтур (анд).

The old man is blind– Ин пирамард кӯр.

Агар феълҳои пурра хабари феълиро созанд, феъл-бандакҳо хабари номӣ бунёд мекунанд. Муқоиса кунед:

He works there – Ӯ дар ин ҷо кор мекунад (хабари феълӣ).

He is a worker – Ӯ коргар мебошад (хабари номӣ).

III. Феълҳои ёридиҳанда аз маънои луғавӣ фориғанд. Аз ин рӯ, онҳо зоҳиран феълро мемонанд, вале моҳиятан феъл намебошанд. Онҳо вазифаи грамматикӣ доранд, яъне барои ифодаи маъноҳои грамматикии феъли дигар истифода мешаванд. Муқоиса кунед:

Ӯ дар паси тиреза истодааст. Ӯ суруда истодааст [12, с.220].

Дар ҷумлаи якум «истодааст» маънои луғавии худро дорад ва хабари ҷумларо ташкил менамояд. Вале дар мисоли дуюм «истодааст» маънои луғавии худро пурра гум кардааст. Худаш хабар шуда наметавонад. Дар якҷоягӣ бо феъли «суруда» хабарро ташкил менамояд. Он барои ифодаи маънои грамматикии давомнокии амали «сурудан» хизмат мекунад.

Дар мисоли зерини англисӣ низ ҳамин ҳодисаро мушоҳида мекунем:

We are at home.

We are cleaning the room.

Дар мисоли аввал вожаи «are» маънои «ҳастем» - ро зоҳир намудааст. Вале дар ҷумлаи дуюм «are» ин маъноро комилан гум кардааст. Бинобар он, «are» мустақилан «хабар» шуда наметавонад. Он дар якҷоягӣ бо «cleaning» хабари ҷумла маҳсуб мешавад. Феъли «are» дар ин

ҳолат вазифаи грамматикӣ касб кардааст, он барои ифодаи маънои давомнокии амали «clean» хизмат менамояд.

Дар забони англисӣ феълҳои «to be» (будан), «to have» (доштан), «shall» (бояд), «will» (хостан), «should» (бояд), «would» (хостан), «to do» (кардан) маъноҳои луғавии худро гум карда, ба сифати феълҳои ёридиҳанда истифода мешаванд. Дар ин ҳолат онҳоро «калима - морфема» меноманд, зеро зоҳиран онҳо калимаанд, вале аз рӯйи вазифа морфемаро мемонанд.

Дар забони тоҷикӣ бошад, феълҳои «будан», «шудан», «истодан», «хостан» низ маъноҳои луғавии худро аз даст дода, дар муҳити муайяни луғавию синтаксисӣ ба феъли ёридиҳанда табдил меёбанд. Барои тасдиқи ин фикр аз ин ду забон мисолҳо меорем:

I have a cat – Ман гурбае дорам (have – маънои луғавӣ дорад).

I have seen him – Ман ӯро дидам (have – маънои луғавӣ надорад).

He was in the garden – Ӯ дар боғ буд (was - маънои луғавӣ дорад).

The letter was sent to England – Мактуб ба Инглистон фиристода шуд (was - маънои луғавӣ надорад).

Мо дар кӯча будем (будем – маънои луғавӣ дорад).

Мо ба хона омада будем (будем – маънои луғавӣ надорад).

Ҳоло зимистон шуд (шуд – маънои луғавӣ дорад).

Мактуб навишта шуд (шуд – маънои луғавӣ надорад).

Мо бояд ба имтиҳон тайёр бошем (бошем – маънои луғавӣ дорад).

Дар зер мисолҳое оварда мешаванд, ки феълҳои ёридиҳандаи ин ду забон барои зикри на амал, на ҳолат ва на модалият, балки барои ифодаи маъноҳои грамматикии замон, самт ва ҳудуди феълҳои дигар хизмат мекунанд:

She is looking at you attentively – Ӯ ба ту бодиққат нигоҳ карда истодааст.

The letter was sent yesterday – Мактуб дина фиристода шуд.

They had come home by that time – То он вақт онҳо ба хона омада буданд.

Ҳамин тавр, бешубҳа метавон қайд кард, ки феъл дар сохти грамматикии забони англисӣ ҷойи махсусеро ишғол мекунад, зеро он дар системаи худ шохаҳои зиёде дорад ва дар сохтани ҷумла шаклҳои феълӣ мавқеи калон мебозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Арзуманов, С.Д. Русско-таджикский словарь / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М. Бегбуди и др. - М.: Русский язык, 1985. - 1280 с.
2. Барабаш, Т.А. Грамматика английского языка / Т.А. Барабаш. - М.: Высшая школа 1983. - 240 с.
3. Беляева, Е.И. Модальность в различных типах речевых актов / Е.И. Беляева. - ФН. - № 3. 1985. - С. 64 - 69.
4. Виноградов, В.В. О категории модальности и модальных словах в русском языке. Избранные труды. Исследования по русской грамматике / В.В. Виноградов. - М.: Наука, 1975. - 975 с.
5. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. Қисми 1. - Душанбе: Маориф, 1973. - 450 с.
6. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. Қисми 1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 385 с.
7. Розенфельд, А.З. Глагол. Очерки по грамматике современного таджикского языка / А.З. Розенфельд. - Сталинабад: Изд-во АН Тадж. ССР, 1954. - Вып. 3. 65 с.
8. Русско-персидский словарь. - М.: Советская энциклопедия, 1965. - 1091 с.
9. Семенов, А.А. Краткий грамматический очерк таджикского языка с хрестоматией и словарем / А.А. Семенов. - Ташкент, 1927. - 10 с.
10. Таджиев, Д.Т. Причастия в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев. - Сталинабад, 1954. - 55 с.
11. Ҷ.Икромӣ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро / Икромӣ.Ҷ. – Душанбе, 1984. – 430 с.
12. Муҳаммадиев Ф. Роман ва қисса / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Адиб, 1991. – 384 с.
13. С. Айнӣ. Ёддоштҳо / Айнӣ С. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 464 с.
14. Ф. Муҳаммадиев. Шаби саввум. Ҳикоя, қисса ва очеркҳо / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 288 с.

ФЕЪЛ ВА КАТЕГОРИЯИ ГРАММАТИКИИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур махсусияти категорияи грамматикии замон дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин воситаҳои интиқоли они - семантика, шаклҳои грамматикӣ ва махсусиятҳои истеъмоли категорияи замон дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Категорияи грамматикии замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо феълҳои асосӣ пайваст шуда, конструксияи гуногун месозанд. Дар ҳампайвастӣ қарор гирифта, онҳо ифодаи муносибатҳои субъективии имконияти содирсозии амали феъли асосиро интиқол медиҳанд. Аз рӯйи маънии луғавии худ категорияи грамматикии замон сермаъно мебошад. Ҳамин тариқ, он дорои диапазони калони маъниҳои гуногун мебошад, ки бо воситаи шаклҳои грамматикии конструксияҳои феълӣ амалӣ карда мешавад. Системаи феъл аз категорияҳои грамматикӣ бой аст. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ як зумра олимон доир ба масъалаҳои гуногуни феъл тадқиқот гузаронидаанд, аммо ба хусус доир ба воситаҳои ифодаи замони гузаштаи феъли забони англисӣ ва муодили тоҷикии он тадқиқоти махсуси илмӣ ба қалам нарасидааст, ки аз актуалӣ будани мавзӯи мазкур шаҳодат медиҳад, зеро

тадқиқоти муқоисавӣ-типологии забонҳо бахши махсуси илми забоншиносӣ гардида, мавқеи омӯзишу таҳқиқи типологиро васеъ кардааст.

Калидвожаҳо: категорияи замон, конструксияҳои грамматикӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.

ГЛАГОЛ И ГРАММАТИЧЕСКАЯ КАТЕГОРИЯ ВРЕМЕНИ В ТАДЖИКИСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается специфика глаголов и категория времени в английском и таджикском языке; исследуются способы его передачи в таджикском языке; изучаются семантика, грамматические формы и особенности употребления. Глагол и грамматическая категория времени в таджикском и английском языках, сочетаясь с главными глаголами, выстраивают глагольную конструкцию. Таким образом, они обладают большим диапазоном разных глагольных значений, реализующихся через грамматические формы глагольных конструкций. Система глагола богата грамматическими категориями. Отличительные грамматические особенности категории времени заключаются в том, что он может использоваться в препозиции и в постпозиции к основному глаголу, также он обладает глагольными конструкциями с неличными формами, безличной глагольной конструкцией и глагольные конструкции. На английском и таджикском языках ряд ученых провели исследования по различным аспектам глагола, но, в частности, о средствах выражения прошедшего времени английского глагола и его таджикского эквивалента не было написано никаких специальных научных исследований, которые свидетельствуют об актуальности магистерской диссертации. Сравнительно-типологические языки стали особой отраслью лингвистики и расширили позиции типологического изучения и исследования.

Ключевые слова: категория времени, грамматические конструкции; таджикский язык, английский язык.

THE VERB AND ITS GRAMMATICAL CATEGORY OF TIME IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article discusses the specifics of the grammatical category of time in Tajik and English languages; the ways of its transmission in Tajik are being investigated; semantics, grammatical forms and features of the use of them are studied. Being in combinations, they convey the expression of subjective relations of the possibility of performing the action of the main verb. Thus, they have a large range of different meanings that are realized through grammatical forms of verbal constructions. The verb system is rich in grammatical categories. From the point of view of functionality, the grammatical category of time expresses a relationship between the subject and the action. The distinctive grammatical features of the grammatical categories are that it can be used in the preposition and in the postposition to the main verb. In English and Tajik, a number of scholars have conducted research on various aspects of the verb, but, in particular, no special scientific research has been written about the means of expressing the past tense of the English verb and its Tajik equivalent, which indicates the relevance of the master's thesis. Comparative typological languages have become a special branch of linguistics and have expanded the positions of typological study and research.

Key words: category of time, grammatical constructions, Tajik, English.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҳимова Таҳмина Раҳматовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлянбекова 1. E-mail: **taxmina-2016@bk.ru**. Тел.: **(+992) 927-18-45-64**

Хошимова Наргис Мирҳакимовна - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. Мавлянбекова 1. Тел.: **(+992) 927-15-14-59**

Сведения об авторах: ***Рахимова Тахмина Рахматовна*** **-** Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, соискатель кафедры методики преподавания иностранного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: **taxmina-2016@bk.ru**. Тел.: **(+992) 927-18-45-64**

Хошимова Наргис Мирхакимовна - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, доцент кафедры методики преподавания иностранного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. Тел.: **(+992) 927-15-14-59**

Information about the authors: ***Rakhimova Takhmina Rakhmatovna***- Khujand State University named after academician B.Gafurov, researcher the department of methods of teaching of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlyanbekov Ave. 1. E-mail: **taxmina-2016@bk.ru.** Tel.: **(+992) 927-18-45-64**

Khoshimova Nargis Mirkhakimovna - Khujand State University named after academician B.Gafurov, Assosiate Professor of the department of methods of teaching of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlyanbekov Ave. 1**.**E-mail: **nargis_zebo@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-15-14-59**

УДК: 811.21/.22+811.441

ИМКОНОТИ КАЛИМАСОЗИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ БО БАЪЗЕ ПАСВАНДҲОИ ТОҶИКӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

(дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»)

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ маҳдуд мебошанд, вале имконоти калимасозии ин қолабҳои калимасоз маҳдуд нест, яъне имкон вуҷуд дорад, ки бо як қолаби калимасозӣ дар забони тоҷикӣ даҳҳо воҳиди нави луғавӣ офарида шавад. Аммо на ҳар кас мувофиқи қолабҳои мавҷудаи забон калимаи нав офарида метавонад. Дар офаридани калимаҳои нав ва бо ин роҳ ғанӣ гардондани таркиби луғавии забон саҳми эҷодкорон, бахусус шоирону нависандагони мумтоз ниҳоят калон мебошад. Адибони бомаҳорат на танҳо бойигарии луғавии забонро моҳирона истифода мебаранд, балки дар ҷараёни эҷоди асарҳои пураразиш дар заминаи қолабҳои маъмули калимасозии забон калимаҳои нав меофаранд, ки ин боиси ғановати лексикии забон мегардад. Бо мурури замон ин гуна калимаҳо умумиистеъмол мешаванд. Ҳамин тавр, ҷараёни офаридани воҳидҳои нави лексикӣ дар забон интиҳо надорад ва ба таври беохир давом мекунад.

Ҳарчанд доира ва имконоти калимасозии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ ниҳоят васеъ аст, ин масъала то ба ҳол ба таври ҷиддӣ мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Шояд тадқиқоти муҳаққиқ ва шарқшиноси ӯзбек У.Ш. Яъқубов, ки дар заминаи осори адабии «Таърихи Систон», «Таърихи илми орои Аббосӣ», матни рӯзномаҳои «Иттилооти Ҷумҳурии Исломӣ», «Кайҳон» ва маҷаллаи «Навҷавонон»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон анҷом дода шудааст, ягона пажӯҳиши илмӣ дар бораи имконияти калимасозии иқтибосоти арабӣ бо аффиксҳои форсӣ (тоҷикӣ) бошад [ниг.: 26, с.3], вале ин тадқиқоти илмӣ номукаммал буда, дар он имконоти пурраи калимасозии аффиксҳои тоҷикӣ (форсӣ) бо иқтибосоти арабӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки калимасозии иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ тадқиқоти муфассали илмӣ мехоҳад.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аз зумраи он адибоне мебошад, ки бо андешаҳои оливу каломи муъҷизаофаринаш на танҳо ганҷинаи адабиёти тоҷику форсро бою ғанӣ гардонида, дар офаридаҳои пураразиши адабиву илмиаш ғановати луғавии забони модариашро моҳирона истифода намуд, балки дар такя ба донишу маҳорати эҷодии хеш ва неруи халлоқонаи сухан ба бойигарии лексикии ин забон ғановати тоза зам намуд. Осори гаронбаҳои адабиву илмии ин суханвари бузург на танҳо аз хусусиятҳои наҷиби лексикиву семантикӣ, балки аз имконоти беназири морфологӣ низ бархӯрдор аст. Нависанда барои дуруст ифода намудани матлаб ва афкори адабию илмӣ ва тасаввуфию ирфонии хеш на танҳо воситаҳои луғавӣ, балки воситаҳои калимасозиро низ моҳирона истифода бурда, ба сохтори калима дар матн ва мавқеи истифодаи он эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ҳамин аст, ки асрҳо боз *«муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон дар пайи кашфи асрори ниҳонӣ ва маъниҳои пинҳонии калимаи муъҷизабаёни»* ин адиби номвар мебошанд [1, с.3].

Яке аз хусусиятҳои морфологии асарҳои Ҷомӣ калимасозии иқтибосоти арабӣ бо ёрии аффиксҳо мебошад. Чунин усули калимасозӣ дар забони тоҷикӣ ниҳоят маъмул буда, бо ин усул, асосан, исму сифат ва зарфу феъл сохта мешавад. Ҳар як вожаи наве, ки дар забон офарида мешавад, баёнгари ҳодисаву воқеа ё мафҳуми нав буда, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти соҳибзабонон муҳим мебошад. Аз ин рӯ, дар ин мақола мо тасмим гирифтем, дар бораи имконоти калимасозии иқтибосоти арабӣ бо баъзе пасвандҳои тоҷикӣ дар асарҳои насрии Мавлоно Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» изҳори ақида намоем. Бояд гуфт, ки дар асарҳои мавриди таҳқиқи мо имконоти калимасозии иқтибосоти арабӣ он қадар назаррас набошад ҳам, ҳар як пасванд баёнгари ҳодисаи таърихии замони нависанда ва дорои хусусияти услубӣ буда метавонад ва барои муайян намудани хусусиятҳои фардии услуби адиб ва лабораторияи эҷодии ӯ нақши муҳим мебозад. Ҳангоми баррасии масъала мо масмим гирифтем, ҳар як пасванди калимасозро на дар доираи ҳиссаҳои нутқ, балки дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, хусусият ва имконоти калимасозии онро дар асарҳои мавриди таҳқиқ муайян намоем ва имконоти муродифии аффиксҳоро нишон диҳем.

Пасванди -а. Ин пасванд калимасоз, сермаъною серистеъмол, муштараквазифа ва сермаҳсул, синоморфема ва омоморфема мебошад. Ба андешаи забоншинос Ш. Рустамов *«сермаъноии суффикси* ***-а*** *танҳо дар исмсозии худи он, вале омоморфемагии он на фақат дар*

дохили исм, балки дар калимасозии ҳиссаҳои гуногуни нутқ мушоҳида мешавад» [18, с.40]. Дар аввалин дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ 4 вазифа, дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ва дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» 5 вазифаи ин аффикс дар калимасозӣ, аз ҷумла дар сохтани исмҳо шарҳ дода шудааст [23, с.122-123; 11, с.178-179; 3, с.112; 5, с.135-136]. Дар калимасозии иқтибосоти арабии асарҳои насрии Ҷомӣ пасванди **-а** ҳамагӣ як маротиба дар калимаи ***ҳарба (ҳарб+а)*** ба назар мерасад:

*...донистанд, ки азимати Сагр дорам, барои ман шамшереву сипаре ва **ҳарба**е оварданд* [25, с.286].

Вожаи ***ҳарба*** аз калимаи арабии ***ҳарб***, ки исми маънӣ мебошад бо пасванди **-а** сохта шудааст. Дар ин маврид пасванди **-а** аз исми абстракт исми конкрете сохтааст, ки ба решаи калима – вожаи содаи ***ҳарб***, ки маъноияш *«ҷанг»* мебошад, нисбат дода мешавад. Вожаи ***ҳарба*** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги осори Ҷомӣ» яксон – ба маънои *«асбоби ҷанг, аслиҳа, найзаи кӯтоҳ»* [20, с.732; 15, с.412], дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои умумии *«асбоби ҷанг, силоҳ (шамшер, ханҷар, милтиқ ва г.)»* [22, с.495] омадааст. Ин калимаи сохта дар мисоли боло ба маънои *«найзаи кӯтоҳ, ханҷар»* ба кор бурда шудааст.

Дар баробари ин, пасванди **-а** дар асарҳои Ҷомӣ барои ифодаи ҷинсияти грамматикӣ (ҷинси занона) зиёд ба кор бурда мешавад. Ба монанди: ***заифа, аҷуза, ҷадда, волида*** ва ғайра. Дар ин маврид пасванди хусусияти шаклсозӣ дошта, ба ин маъною вазифаи грамматикӣ аз забони арабӣ ба тоҷикӣ гузаштааст:

*Он **заифа** шодмон шуд ва он лақаб бар вай бимонд* [25, с.99]; ***Аҷуза**и худро гуфтам: «Аввали шаб ту воқифи вай бош ва баъд аз он маро бедор кун ва ту дар хоб шав»* [25, с.315]; *Чун бедор шудам, сурати он дарвеш дар хотири ман буд ва маро **ҷадда**е буд **солеҳа**, **волида**и падари ман* [25, с.479].

Дар ин маврид қоидаи мувофиқати грамматикии забони арабӣ пурра риоя мешавад ва исмҳои ҷинси занонаи арабӣ бо муайянкунандаи сифатиашон аз ҷиҳати ҷинсият пурра мувофиқат мекунанд, яъне агар исм дар ҷинси занона бошад, муайянкунандаи сифатиаш низ дар ҷинси занона оварда мешавад. Чунонки дар мисоли боло исми ***ҷадда*** бо муайянкунандааш – сифати ***солиҳа (ҷаддае солеҳа)*** дар ҷинсият мувофиқат кардааст, дар мисоли поён низ исми ҷинси занонаи ***заифа*** бо муайянкунандаи сифатиаш – ***заифа (заифаи солеҳа)*** аз ҷиҳати ҷинсият мувофиқат кардааст:

*Он **заифаи солиҳа** ба муҷиби фармудаи Шайх Абӯисҳоқ ба дасти худ ресмон ришт...* [25, с.479].

Ҳамчунин дар забони арабӣ қоидае роиҷ аст, ки агар исм ғайришахс бошаду дар шумораи ҷамъ ояд, ҳамчун исми шумораи танҳои ҷинси занона қабул карда мешавад ва дар ин маврид муайянкунандаи сифатиаш дар шакли шумораи танҳои ҷинси занона меояд ва пасванди **-а** мегирад [ниг.: 9, с.120]. Ин қоидаи забони арабӣ низ дар асарҳои насрии нависанда риоя мешавад. Масалан, дар мисоли зерин муайянкунандаҳои сифатии исмҳои шумораи ҷамъи шикастаи ***аҳвол*** ва ***осор*** (***аҷиба*** ва ***гариба***) дар шакли ҷинси занона бо пасванди **-а** ба кор бурда шудаанд:

*...аз вай хонадоне бузург зоҳир гардад ва **аҳволи аҷиба** ва **осори гариба** мушоҳада афтад* [25, с.414].

Пасванди -ак. Дар забони адабии тоҷик ин пасванд ҳам калимасоз ва ҳам шаклсоз мебошад. Забоншинос Ш. Рустамов онро ҳамчун пасванди *«сермаъно, синоморфема ва омоморфема»* ном бурдааст [18, с.41]. Муҳаққиқон дар калимасозии исму сифат ба кор бурда шудани пасванди **-ак-**ро зикр намудаанд [8, с.68; 16, с.210-214; 12, с.19]. Дар исмсозӣ сермаҳсул [ниг.: 3, с.112; 5, с.137] ва дар сифатсозӣ каммаҳсул [ниг.: 3, с.142; 5, с.188] мебошад. Дар тадқиқоти С. Низомова, ки ба калимасозии насри бадеиву публитсистии устод Айнӣ бахшида шуда, яке аз охирин тадқиқотҳои илмӣ доир ба калимасозӣ ба ҳисоб меравад, дар забони тоҷикӣ мавҷуд будани ду пасванди **-ак** (**-ак[1]** ва **-ак[2]**) зикр карда мешавад, ки яке калимасоз буда, ба воситаи дигарӣ тобишҳои маъноии субъективӣ ифода меёбад [ниг.: 13, с.31], вале беҳтар он аст, ки ин пасванд сермаъною муштараквазифа номида шавад. Муҳаққиқ Низомова С. ҳамчунин дар сохтани зарф иштирок намудани ин пасвандро зирк намудааст [ниг.: 13, с.34-35].

Дар калимасозии иқтибосоти арабии насри Абдурраҳмони Ҷомӣ пасванди **-ак** ҳамчун унсури шаклсоз кор фармуда шуда, ҳамагӣ ду маротиба истифода гардидааст:

*Амр ибни Усмони Маккӣ, ки **ҷузвак**е тасниф карда буд дар илми сӯфиён ва тавҳид, вай онҳоро пинҳон баргирифт ва ошкоро кард ва бо халқ намуд* [25, с.209]; *Пас мо рақс мекардем ва Бӯсаиди Тирмизӣ **байтак**е мегуфт…* [25, с.514].

Бо пасванди **-ак** аз исмҳои ***ҷузв*** ва ***байт*** сохта шудани шаклҳои хурдии ***ҷузвак*** ва ***байтак*** гувоҳи ҳазм гардидани ин вожаҳо дар забон мебошанд. Нависанда ба воситаи ин пасванд ночиз будани предметро тасвир намудааст.

Пасванди -ан / -ян. Бо ин пасванд, аз исми амал (масдар)-и феъли нафъи ҳаштуми забони арабӣ – *иттифоқ* ва шумораҳои тартибии *аввал* ва *сонӣ* зарфҳои ***иттифоқан, аввалан, сониян*** сохта шудааст:

Иттифоқан *шабе борон омада буд ва чароғ мурда* [25, с.315]; ***Аввалан*** *онро ба форсӣ шарҳ кард ва* ***сониян*** *ба арабӣ…* [25, с.665].

Пасванди -вор. Дар сифатсозӣ каммаҳсул [ниг.: 3, с.143] ва дар зарфсозӣ сермаҳсул арзёбӣ гардидааст [ниг.: 3, с.279; 5, с.366]. Аммо муҳаққиқ С. Низомова дар тадқиқоти охирини худ собит намуд, ки ин пасванд исмсоз низ будааст ва дар асарҳои насрии устод Айнӣ бо ин пасванд исмҳои моддии ***либосвор, ширавор, хонавор*** (ба маънои *хонадон, хонавода, оила*) сохта шудааст [ниг.: 13, с.44-48]. Ин муҳаққиқ зимни баррасии имконоти калимасозии пасванди **-вор** саҳван вожаҳои ***умедвор*** ва ***сазовор***ро исми маънӣ меҳисобад [ниг.: 13, с.44-45]. Ин ду калима аслан сифат мебошанд ва субстантиватсия шудаанд, яъне ба исм гузаштаанд ва дар мисолҳои овардаи С. Низомова ҳамчун ҷузъи номӣ бо феълҳои ёвари ***будан*** ва ***шудан*** истифода гардидаанд [ниг.: 13, с.44-45]. Умуман, ин муҳаққиқ се вазифаи исмсозии пасванди ***-вор***ро зикр кардааст [ниг.: 13, с.44-45], ки, ба ақидаи мо, танҳо яктоаш қобили қабул аст, зеро калимаи ***бузургвор***, ки С. Низомова исми шахс зикр намудааст, аслан сифат мебошад, ки устод Айнӣ онро дар вазифаи исми шахс ба кор бурдааст. Дар фасли «Калимасозии сифат»-и асари академии «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» низ барғалат таъкид шудааст, ки пасванди **-вор** *«аз исм сифати нисбӣ месозад...»* ва *«ҳадяи* ***сазовор****, ошиқи* ***умедвор****»* ҳамчун мисол оварда шудааст [3, с.143]. Ҳол он ки ***сазовор*** ва ***умедвор*** на сифати нисбӣ, балки сифати аслӣ мебошанд, зеро ин сифатҳо дараҷа қабул мекунанд: *ҳадяи* ***сазовортар (сазовортарин)****, ошиқи* ***умедвортар (ниҳоят, бениҳоят, бағоят умедвор)***. Дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» танҳо аз сифат, дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» аз исму сифат зарфи монандӣ сохтани пасванди **-вор** зикр шудааст [ниг.: 5, с.278], аммо муҳаққиқ С. Низомова дар осори Айнӣ зарфи тарзи амал сохтани ин пасвандро собит намудааст [ниг.: 13, с.46-47]. Дар асарҳои мавриди таҳқиқи мо пасванди **-вор** бо калимаҳои арабии ***вола*** ва ***маҷҳул*** истеъмол шуда, зарфи тарзи амал сохтааст, ки ба решаи калима монанд будани амалу рафтори шахсро ифода менамояд:

...ман ***волавор*** *рӯй ба кӯҳ овардам ва ба ибодату риёзат ва муҷоҳадат машғул шудам* [25, с.454]; *Чун бомдод шуд, се бор мувофиқ ихтиёр кард ва* ***маҷҳулвор****... ба зиёрати ҳарамайни шарафайн... мутаваҷҷеҳ шуд* [25, с.421].

Вола аслан сифат аст, аммо дар вазифаи исм низ ба кор бурда мешавад. Маънои ин калима *«шефта, мафтун, ҳайрон, саргашта (аз ишқ), ошиқи шайдо»* [19, с.239] мебошад. Пас зарфи ***волавор***ро нависанда ба маънои *«ҳамчун шахси шефтаву мафтун, ба монанди ошиқи шайдо»* кор фармудааст. ***Маҷҳул*** аслан исми мафъули феъли навъи якуми забони арабӣ جَهِلَ мебошад ва бештар ҳамчун сифат ба кор бурда шуда, ба маънои *«номаълум, гайримаъруф, донистанашуда, ношинос»* [19, с.681] меояд. Зарфи ***маҷҳулвор***, ки дар мисоли боло ба назар мерасад, ба маънои *«номаълум, касеро нафаҳмонда, ҳамчун шахси номаълум»* ба кор бурда шудааст.

Пасванди -гар ҳанӯз дар забони форсии миёна дар шакли **-gar** вуҷуд доштааст [ниг.:17]. Дар калимасозии исм сермаҳсул буда, дар забони адабиёти классикӣ мавқеи устувор доштааст [ниг.: 13, с.49]. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [ниг.: 3, с.111] се ва дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» чор вазифаи калимасозии он қайд гардидааст [ниг.: 5, с.132-133] ва яке аз вазифаҳои он аз исмҳои конкрет сохтани исмҳои шахс мебошад, ки касбу ҳунарро ифода мекунанд [ниг.: 3, с.111]. Абдурраҳмони Ҷомӣ бо ин пасванд аз исми конкрети ***ҳалво*** калимаи ***ҳалвогар*** сохтааст, ки ин вожа дар забони имрӯза низ серистеъмол аст:

Чун он шахс дирамро ба ***ҳалвогар*** *дод,* ***ҳалвогар*** *қадре ҳалво дар коғазе печид ва ба вай дод* [25, с.622].

Пасванди -гарӣ дар калимасозии исм сермаҳсул буда, ба воситаи он аз исму сифат ва сифати феълӣ исми маънӣ сохта мешавад [ниг.: 3, с.116]. Дар насри Ҷомӣ аз калимаҳои иқтибосии арабӣ бо ин пасванд танҳо калимаи ***сӯфигарӣ*** ба назар мерасад:

Ғулом ал-Халил шахсе буд муроӣ, худро пеши халифа ба ***сӯфигарӣ*** *маъруф сохта буд...* [25, с.622].

Сӯфигарӣ дар забони тоҷикӣ ду марҳилаи калимасозиро аз сар гузаронидааст: аввалан аз калимаи ***сӯф*** бо пасванди **-ӣ** вожаи ***сӯфӣ*** ва баъдан аз сӯфӣ бо пасванди **-гарӣ** ***сӯфигарӣ*** сохта

шудааст. Ба ин маъно пасванди **-гарӣ** бо **-гӣ** ҳаммаъною ҳамвазифа мебошад: ***сӯфигарӣ // сӯфигӣ***.

Вожаи ***сӯфигарӣ*** ҳамчун ҷузъи маънодори феълӣ таркибии номӣ низ ба назар мерасад:

…аз Миср ба Омул омада буд, то ***сӯфигарӣ кунад*** *ва шайхро аз ҷой бибарад* [25, с.622].

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон пасванди **-гарӣ** аз забони гуфтугӯйӣ ба забони адабӣ гузаштааст [3, с.116], аммо дар насри Абдурраҳмони Ҷомӣ бо ин унсури морфологӣ ба назар расидани калимаҳои сохтаи ***оҳангарӣ*** [25, с.92]***, тавонгарӣ*** [25, с.126]***, заргарӣ*** [25, с.542]***, дарзигарӣ*** [25, с. 54] гувоҳи он аст, ки истеъмоли он садсолаҳо пеш дар забони адабии китобӣ роиҷ будааст.

Пасванди -гор. Бо ин пасванд танҳо калимаи ***хидматгор*** сохта шудааст:

Дуо мекард, ки Худои таоло фарзандону фарзандони фарзандонатро ***хидматгор****и ту гардонад* [24, с.412].

Пасванди -горӣ. Бо ин пасванд танҳо вожаи ***мададгорӣ*** ба назар ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам ба сифати ҷузъи маънодори феълӣ таркибии номӣ бо феълӣ ёвари ***намудан*** истеъмол гардидааст:

…Хоҷаро дар воқеа намуданд, ки ба ***мададгори****и вай мебояд рафт* [25, с.415]; *Ҳеҷ тавонӣ, ки бо ман биёӣ ва маро дар зиёрати Ҷидо* ***мададгорӣ*** *намоӣ...* [24, с.398].

Пасванди -гоҳ. Дар бораи ин пасванд низ ақидаҳо гуногунанд. Баъзе муҳаққиқон онро ҳамчун калимаи мустақил медонанд ва калимаҳои бо он сохташударо ба гурӯҳи вожаҳои мураккаб мансуб медонанд [10, с.145]. Дарвоқеъ, вожаи мустақили ***гоҳ*** дар «Ғиёс-ул-луғот» *«ба маънии тахти подшоҳӣ ва ба маънии вақт ва ҷой ва хайма ва ба маънии дови қисмор»* [4, с.188] омадааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ду вожаи ***гоҳ*** **(гох I** ва **гоҳ II)** ҳамчун омоним шарҳ дода шудааст: ***гоҳ I*** ба маънои *«1. ҷой, макон; 2. тахт, авранг; 3. вақт, замон»* ва ***гоҳ II*** ба маънои *«бӯтаи заргарӣ, ки дар он тилло ва нуқраро об мекунанд»* [11, с.275-276]. Дар китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» низ аслан калимаи мустақилмаъно будани ин суффикс ва дар ҷараёни инкишофу ташаккули забони тоҷикӣ ба қатори морфемаҳо дохил шудани он таъкид гардидааст [ниг.: 5, с.141]. Аз ин рӯ, хатои муҳаққиқон низ дар он аст, ки эшон танҳо маънои мустақили вожаи ***гоҳ***ро ба эътибор гирифтаанду ба он ҳамчун унсури морфологӣ эътибор надодаанд. Аммо дар тадқиқотҳои илмии забоншиносон О. Қосимов ва С. Низомова пасванди исмсоз будани **-гоҳ** собит гардидааст [ниг.: 7, с.22-23; 13, с.58-61]. Аз ҷумла дар сарчашмаҳои илмӣ бо ин пасванд сохта шудани исмҳои макон зикр гардидааст [ниг.: 5, с.141-142; 13, с.58-61]. Абдурраҳмони Ҷомӣ бо пасванди **-гоҳ** вожаи ***манзилгоҳ*** сохтааст, ки исми макон аст:

Шайх даст бар рӯ фуруд овард ва гуфт: «Алҳамдулиллоҳ, ки ***манзилгоҳ****и писари қассоб на андуҳ аст ва на шодӣ»* [25, с.389].

Калимаи арабии ***манзил*** аслан аз рӯйи сохти морфологиаш исми макон мебошад ва маънои *«макон ё ҷойи фуруд омадан»*-ро дорад [ниг.: 6, с.64-65]. Дар иртибот ба исми макон будан ин вожа маънои *«маскан, бошишгоҳ, истиқоматгоҳ, хонаи истиқоматӣ»*-ро дорад [2, с.796]. Дар забони адабиёти классикии тоҷик вожаи ***манзил*** инчунин ба маънои *«1. работе, ки дар масофаи муайяни роҳ барои дамгирии корвониён бино карда мешуд, ҷойи фаромадани корвониён, истгоҳ, ҷойи дамгирии мусофирон ва маҳалли махсуси асп иваз кардани чопарҳо (қосидҳо) – корвонсарой; 2. фосила ва масофаи байни ду истгоҳ»* [19, с.632] истифода мегардид, ки ин маъноҳои он низ ба макон иртибот дорад. Шояд маънои маконро ифода кардани вожаи арабии ***манзил*** дар забони тоҷикӣ тира гардидааст, ё шояд ба хотири таъкиди мафҳум бошад, ки аз он дубора бо пасванди **-гоҳ** исми макон сохта мешавад. Исми макони ***манзилгоҳ*** имрӯз низ дар забони тоҷикӣ истеъмол мешавад. Дар ин калима пасванди **-гоҳ** бо вожаи **ҷой** хусусияти муродифӣ зоҳир менамояд: ***манзилгоҳ // манзилҷой.*** Вале вожаи ***манзилҷой*** дар забони гуфтугӯйии имрӯза бештар ба маънои *«қабр, хокҷой»* истеъмол мегардад.

Пасванди -истон. Бо ин пасванд аз калимаи иқтибосии арабии ***нахл***, ки маънои *«дарахти хурмо»*-ро дорад [19, с.840], исми макону фаровонии ***нахлистон*** сохта шудааст:

Аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар, разияллоҳу анҳу, овардаанд, ки рӯзе азимати сафаре карда буд. Дар ***нахлистон****и қавме фуруд омад, ки гуломе сиёҳ нигоҳбони он буд* [24, с.377].

Дар ин маврид пасванди **-истон** бо пасванди **-зор** ҳаммаъно аст: ***нахлистон // нахлзор.***

Хулоса имконоти калимасозии иқтибосоти арабӣ бо пасвандҳои тоҷикӣ дар асарҳои Мавлоно Ҷомӣ он қадар назаррас набошад ҳам, ҳар як пасванд баёнгари ҳодисаи таърихии замони нависанда ва дорои хусусияти услубӣ буда метавонад ва барои муайян намудани хусусиятҳои фардии услуби адиб ва маҳорати эҷодии ӯ нақши муҳим мебозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод, А. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 384 с.
2. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ. I. – 356 с.
4. Ғиёсиддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот: таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров / Муҳаммад Ғиёсиддин. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ. 2. – 416 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик: китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ / муҳаррири махсус Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ. 1. – 462 с.
6. Исаева, Ф.А. Грамматикаи мухтасари забони арабӣ / Ф.А Исаева, Ҳ.Қ. Мӯминов. – Душанбе, 1972. – Қ. 1. – 134 с.
7. Касимов, О. Суффиксальное словообразование имен существительных в «Шахмане» А. Фирдоуси: дис... канд. филол. наук / О. Касимов. – Душанбе, 1988. - 188 с.
8. Касимов, О.Х. Лексика и словообразование в «Шохноме» Абулкасима Фирдоуси / О.Х. Касимов. – Душанбе: Дониш, 2016. – 346 с.
9. Ковалев А.А. Учебник арабского языка / А.А. Ковалев, Г.Ш. Шарбатов. – М., 1960. – 687 с.
10. Лившиц, В.А. Язык «Дониш-наме и роль Ибни Сино в развитии персидского-таджикского научной терминологии / В.А. Лившиц, Л.П. Смирнова // Письменные памятники и проблемы истории культуры народов Востока. – М., 1981. – Ч. III. С.115-151.
11. Ниёзмуҳаммадов, Б. Морфологияи забони тоҷикӣ / Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода // Дурахши ахтари сӯзон: таҳия, тавзеҳ ва тасҳеҳи Валии Самад. – Душанбе: Матбуот, 2013. – Ҷ. II. – С.151-252.
12. Ниёзӣ, Ш.Н. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш.Н. Ниёзӣ // Очеркҳо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. Ҷузъи 7 – Сталинобод, 1954. – 50 с.
13. Низомова, С.Ф. Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология / С.Ф. Низомова. – Душанбе – 2019. – 328 с.
14. Нуров, А. Фарҳанги осори Ҷомӣ / А. Нуров. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Советии тоҷик, 1983. – Ҷ. 1. – 536 с.
15. Нуров, А. Фарҳанги осори Ҷомӣ / А. Нуров. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Советии тоҷик, 1984. – Ҷ. 2. – 608 с.
16. Основа иранского языкознания. Новоиранские языки. – М., 1982. – 544 с.
17. Пейсиков, Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л.С. Пейсиков. – М.: Изд-во МГУ, 1973. – 210 с.
18. Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 79 с.
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.
20. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
21. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 946 с.
23. Фитрат. Қоидаҳои забони тоҷикӣ / Фитрат // Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ; Фитрат. Қоидаҳои забони тоҷик; Бектош. Дар атрофи забони адабии тоҷик: мураттибон ва муаллифони сарсухан Д. Хоҷаев, П. Гулмуродзода, Р. Шодиев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – С.93-160.
24. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ. 7. - 544 с.
25. Ҷомӣ, Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс / Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ; таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов. – Душанбе, 2013. – 866 с.
26. Якубов, У. Ш. Роль арабизмов в процессе словообразования персидского языка по модели «арабская основа» плюс «персидский аффикс»: авт. дисс. ... канд. фил. наук / У. Ш. Якубов. – Ташкент, 1994. – 24 с.

Следующие лексические единицы и конструкции: *wonderful, heart breakinaly wonderful, glorious, always new, to be wanted – олӣ, дили шикаста олиҷаноб, ҷалол, хамеша нав, хоҳиш карда шавад (чудесно, сердце разбито чудесно, славный, всегда новый, быть желанным)* являются элементами двоякого толкования, которые заданы атрибутом *joyous,* ограничивающий сферу ассоциаций и представлений, соединенный с понятием *опьянения*. Эффектом опьянения в данном случае является радостное настроение, которое переживает герой в конце своего выступления.

Относительно таких конструкций, как: *have somebody. Lifting him; carrying him along - касе њаст, чидани онро; инро ҳамроҳи худ мегиред (есть кто-нибудь, поднимая его; неся его с собой)* следует заметить, что в тексте нет прямого указания на употребление данных конструкций в прямом или буквальном смысле: зрителе в прямом смысле могла подхватить и нести артиста, или это метафорическое описание счастья и восторга.

К элементам двоякого толкования мы также относим выражение: *let somebody lead him away. – бигзор касе ӯро дастгир кунад. (пусть кто-нибудь уведет его).* Данный элемент в метафорическом плане можно интерпретировать как описание следствия опьянения. И, наконец, элемент, который мы относим к периферии метафорического поля – *he never grew jaded to it – вай њеҷ гоњ аз он хаста нашуд (он никогда не пресытился этим)* также в одинаковой степени относится как к плану обозначающего, так и к плану обозначаемого: как известно, удовлетворение славой или алкоголем может не наступить, чем больше у человека славы, тем больше он испытывает потребность в ней.

Далее рассмотрим полевую структуру развернутой метафоры в таджикском языке:

«Парипайкаре ногаҳон рӯ намуд,
Диламро рабуду ғамамро фузуд.
Ба ногоҳ пинҳон шуд он дилрабо,
Шудам ман ба доғи ғамаш мубтало» (12, с.245) –

(На миг она лицо мне показала
И сердце мне навеки растерзала.
Увы, недостижимо далека
Теперь она. А мой удел – тоска) (перевод В. Державина).

Ядерные метафоры, которые разворачиваются в данном тексте: ***Диламро рабуду; ғамамро фузуд.*** *– My heart is broken; added grief (Мое сердце разбито; добавил горе).* Метафорические выражения: *рабудан* и *фузудан* совпадают с обозначающим ядерной метафоры. Элементом двоякого толкования является: ***Шудам ман ба доғи ғамаш мубтало, - I was heartbroken (Я был убит горем,)*** который задан атрибутом **рӯ намуд.**

Приведем еще несколько примеров:

«Чунин дон, ки андар ҷаҳон ҷу зту кас
Набошад ба ҳар кор фаредрас
Дилу пушти гурдони Эрон туӣ,
Ба чанголу **нерӯи шерон туӣ**.”
Ситонандаи шаҳри Мозандарон,
Кушояндаи банди Ҳомоварон.
Зи гурзи ту хуршед гирен шавад,
Зи теғи ту Баҳром бирен шавад» [12, с.49].

(Ты с древних лет опорой нашей был, -
Ты – столп страны, источник вечных сил,
Ты – мощь, и сердце и хребет Ирана!
Ты – в подвигах великих неустанный,
Чудовищ истребил Мазандерана,
Оковы разрубил Хамаварана.
Ты, словно лань, берешь арканом льва,
Превыше снежных гор твоя глава) (перевод Державина).

«Чу оҳанги диж кард, касро надид,
Хурӯше чу шери жиен баркашид.
Биемад, дари диж кушоданд боз,
Надиданд дар диж касе сарфароз» (Фирдавсӣ, [12, с.49].

«Вошли в пролом; но ни души в твердыне,
Все пусто и безмолвно, как в пустыне» (перевод В. Державина).

Как видно из приведенных выше примеров на материале таджикского языка, слово может одновременно выступать в своем прямом и метафорическом значениях, так же как на основе этого слова может быть одновременно создано несколько метафор или же в одном значении сливаться несколько. Последний тезис, как отмечает А. Ричардс, представляется крайне важным, поскольку очень часто неверные теории возникают из-за убеждения в том, что, если слово функционирует каким-то одним образом, оно не может в то же самое время функционировать по-другому и иметь одновременно разные значения [5, с.69].

Следовательно, не легко определить, используется слово в прямом или метафорическом значении. «Мы можем условно решить эту проблему, анализируя в каждом отдельном случае, передает ли слово одну или две идеи; или же - объединяет слово «содержание» и «оболочку», которые взаимодействуют в общем значении» [2, с.442-449]. Если мы не можем разграничить «содержание» и «оболочку», продолжает рассуждать Р. Барт, мы будем условно считать, что слово употребляется в буквальном значении; если же возможно различить хотя бы два взаимодействующих друг с другом употребления, мы имеем дело с метафорой.

Например, в следующем отрывке из Шах-наме Фирдоуси:

«Бибахшой бар ман ту эй, додбахш,
Ки аз хуни дил гашт **рухсора рахш**» [12, с.34];

«Бинӯшу бипӯши бинозу бубахш,
Макун рӯз бо то ҷу бо **тахт рахш**» [12, с.304]

– как понимать слово *рахш* в сочетаниях: *тахти рахш, рухсори рахш* – буквально или метафорически? Лексическая единица *рахш* семантически означает “красно-белый цвет:

«Бибахшой бар ман ту, эй, додбахш.
Ки аз хуни дил гашт **рухсора рахш**» [12, с.38].

Именно по этой причине лошадь Рустама названа Рахшем: она была красно-белой масти:

«Чунин гуфт Рустам, худованди Рахш,
Ки гар ном хоҳӣ, дирамро бибахш» [12, с.238].

Но сам А. Фирдоуси специально указывает на то, что “боевой, огненный друг” Рустама назван Рахшем потому, что является *бӯрабрахш*, то есть *красно-белым*. Следует заметить, что А. Фирдоуси слово *рахш* использует как нарицательное существительное в значении: *лошадь, скакун* и как прилагательное: *яркий, блестящий* [3, с.140].

Интересно заметить, что слово *рахш* в сочетании со словом *дил* имеет значения: *противный, гадкий; враждебный, темный*:

«Ба пеши ту орам ҳама ҳарчӣ ҳаст,
Кучо гирд кардам ба нерӯи даст,
Бибар ончи хоҳиву дигар бубахш,
Макун бар **дили** мо чунин рӯз **рахш**» [12, с.1416].

Вернемся к словосочетаниям: *тахти рахш, рухсори рахш*, которые подтверждают факт существования выражений: *рахш шудан, рахш гаштан – blush, turn purple (краснеть, покраснеть, становиться багровым, подобно): хуни дил хӯрдан: – а) suffer cruelly, torment, worry a lot, б) have difficulties, difficulties, torment (а) жестоко страдать, терзаться, сильно переживать, б)испытывать трудности, затруднения, мучения)* [ТРС, 2006, 199] и отсюда *дили касеро рахш кардан – torment someone's heart, torture someone (терзать чье-либо сердце, мучить кого-либо), сравним: дили касеро хун кардан – а) make someone suffer, torment, worry; б) create difficulties, torment (а) заставить страдать кого-то, терзаться, переживать; б) создавать трудности, мучения):*

“Бикӯбам ба гурзи гарон сар-т паст,
Кунам рахш аз хун бару теғу даст” [12, с.238].

Вышеназванные словосочетания *тахти рахш, рухсори рахш* используются метафорически. Такой эксперимент демонстрирует, что большая часть свободной или непринужденной речи метафорична. В поэзии метафора на основе частичного сходства двух объектов делает ложное утверждение об их полном тождестве. Именно это преувеличение, нарушающее границы истины, и придает ей поэтическую силу. Красота метафоры начинает сиять тогда, когда кончается ее истинность. Но и наоборот, не может существовать поэтической метафоры, которая бы не открывала реальной общности. Употребление слов в буквальном смысле редко встречается за пределами точных наук. Здесь уместно, процитировать А. Ричардса: «Мы же под влиянием теории, приписывающей каждому употреблению слова одно-единственное фиксированное значение, думаем, что слова в буквальном значении употребляются чаще, чем на самом деле» [5, с.89].

Из этих несомненных фактов, следует, что необходимо разграничивать метафоры, которые строятся на основе прямого сходства между двумя объектами, и метафоры, строящиеся на основе общего отношения. Это разграничение не является окончательным и бесспорным. Если я люблю табак и логику, пишет А. Ричардс, трудно найти какой-нибудь признак, который являлся бы для них общим. Такое разграничение хотя и не слишком глубоко, однако оно в какой-то мере позволяет нам попасть в одну из самых опасных ловушек исследования — уверовать в то, что если мы не знаем, как работает метафора, то значит, она не работает [5, с.78].

Анализ фактического материала английского и таджикского языков позволяет констатировать следующее: развертывание ядерной метафоры в текстах происходит не только за счет метафорических выражений, но и за счет элементов прямого или буквального плана, которые попадая в зону действия ядерной метафоры, приобретают переносные значения. Элементы двоякого толкования, равным образом, играют важную роль в создании связанности текста, так как относятся одновременно к двум смысловым планам – прямому и метафорическому, тем самым спаивая текст.

Исследование полевой структуры развернутой метафоры в сопоставляемых языках позволяет нам сделать вывод о роли метафоры в развертывании смыслового пространства текста. Смысловая структура текста на глубинном уровне – это описание одного объекта или ситуации, которая в свернутом виде передается ядерной метафорой. На поверхностном уровне метафора является активным структурирующим фактором: каждая лексическая единица рассматривается с точки зрения ее отношения к переносному (метафорическому) или прямому (буквальному) значению и ее места в метафорическом поле, тем самым устанавливаются структурно-смысловые связи компонентов текста.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. – М.: Советская энциклопедия, 1987. – 607 с.
2. Барт, Р. Воображение знака / Р. Барт // Барт Р. Избранные работы: Семиотика. Поэтика: пер. с фр. Р. Барт; сост. Г.К. Косиков. – М., 1994. – С. 246–252.
3. Золян, С.Т. Жданов, Р.И. Геном как (гипер)текст: от метафоры к теории // Критика и семиотика / С.Т. Золян, Р.И. Жданов, 2016. - №1. – С. 12-23.
4. Касимов, О.Х. Лексика и словообразование в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси / О.Х. Касимов. – Душанбе, 2016. – 346 с.

5. Ричардс, А. Философия риторики / А. Ричардс // Теория метафоры. – М.: Прогресс, 1990. – С. 44 – 67.
6. Русско-таджикский словарь / под ред. М.С. Асимова. – М.: Русский язык, 1985. – 1279 с.
7. Скляревская, Г.Н. Метафора в системе языка / Г.Н. Скляревская. – СПб.: Наука, 1993. – 151 с.
8. Таджикско-русский словарь / под ред. Л.В. Успенской, М.В. Рахими. – М.: Просвещение, 1963. – 1215 с.
9. Телия, В.Н. Русская фразеология: семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты / В.Н. Телия. – М.: Языки русской культуры, 2006. – 286 с.
10. Ortony, A. Interpretating metaphors and idioms / A.Ortony // J. Verbal Learning and Verbal Behavier, 1978.
11. Trier J. Deutsche Bedeutungsforschung / J.Trier // Germanische Philologie, Ergebnisse und Methoden. – Behaghel – Heidelberg, 1934. – P. 173–200.
12. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1–9 / А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 1416 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – М.: Советская энциклопедия, 1969.

СОХТОРИ МАЙДОНИИ ИСТИОРА: НАМУДИ ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ

Дар мақола муаллиф қайд менамояд, ки тамоми ифодаҳои забонии истиораи ядерӣ дар матн метавонанд дар намуди майдони семантикӣ пешниҳод гарданд. Майдони семантикӣ – ин қисмати ҷафси аз дохил муттафиқи луғат мебошад, ки қисматҳои он якдигарро маҳдуд сохта, ба монанди кошинкорӣ ин соҳаи мафҳумиро рӯйпӯш менамоянд, Вазифаи муаллиф аз он иборат аст, ки тақсимот, алоқа ва бо ҳам шартнок будани маъниҳоро, ки барои забони мазкур хос аст, муайян намояд. Инчунин қайд мегардад, ки таҳқиқи истиораи муфассалро дар матн метавон бо истифодаи методи майдон гузаронд. Зери мафҳуми майдони истиорӣ метавон маҷмӯи тамоми қисматҳо ва сатҳҳои сохторро дар назар дошт. Минтақи семантикии майдони истиораро истиораи ядерӣ ташкил намуда, ба маркази он ифодаҳои хусусии истиорағ нисбат дода мешаванд. Муаллиф намунаҳои зиёде аз маводи забони тоҷикӣ ва англисӣ овардааст, ки дар онҳо калима метавонад дар як вақт бо маънои бевосита ва истиорағ баромад намояд, ба монанди он ки дар асоси ин калима метавон дар як вақт якчанд истиора сохт ва ё бо як маънӣ якчанд истиора бо ҳам мепайванданд. Масалан, чунин ибораҳо ҳамчун истиорағ истифода мегарданд. Дар назм истиора дар асоси шабоҳати ҷузъии ду объект тасдиқоти бардуруғро оиди шабоҳати пурраи онҳо мекунад. Маҳз ҳамин муболиға сарҳадҳои ҳақиқатро вайрон сохта, ба он қувваи эҷодиро медиҳад. Зеболи истиора он вақт медурахшад, агар ҳақиқат анҷом ёбад. Лекин, баръакас истиораи шеърӣ наметавонад арзи вуҷуд дошта бошад, агар умумияти воқеиро ошкор карда натавонад. Муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили маводи мавҷудаи забонҷоӣ ва имконият медиҳад чунин хулосабарорӣ намоем, ки: тачзияи истиораи ядерӣ дар матнҳо на танҳо аз ҳисоби ифодаҳои истиорағ, инчунин аз ҳисоби қисматҳои нақшаи бевосита ва ё таҳтулафзӣ бармеояд, ки ба минтақаи амалиёи истиораи ядерӣ афтида, маъниҳои маҷозӣ ба худ касб менамоянд. Кисматҳои тафсири душакла бошад бо таври баробар нақши муҳимро дар омодасозии матни алоқадор мебозанд, чунки дар як вақт ба ду нақшаи маъноӣ – бевосита ва истиорағ шомил буда, бо ин матнро сероб мегардонанд.

Калидвожаҳо: истиораи ядерӣ, ифодаҳои истиорағ, воқеият, маънии бевоситамаънии кӯчониш, тафсири душакла, майдони истиорағ, майдони семантикӣ.

ПОЛЕВАЯ СТРУКТУРА МЕТАФОРЫ: РАКУРС СОПОСТАВИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗА

В даной статье автор отмечает, что все языковые выражения ядерной метафоры в тексте могут быть представлены в виде семантического поля. Семантического поле - это компактный, внутренне спаянный отрезок словаря, элементы которого взаимно ограничивают друг друга и подобно мозаике, покрывают данную понятийную сферу. Задачу же автор ставить в том, чтобы определить специфические для данного языка распределения, связь и взаимообусловленность значений. Также автором подчёркивается, что исследование развернутой метафоры в тексте можно проводить с использованием метода поля. Под метафорическим полем можно понимать совокупность всех элементов и поверхностей структуры. Семантическую зону метафорического поля задает ядерная метафора, а к центру поля относятся и частные метафорические выражения. Автор привёл очень много примеров на материале таджикского и английского языков, где слово может одновременно выступать в своем прямом и метафорическом значениях, так же как на основе этого слова может быть одновременно создано несколько метафор или же в одном значении сливаться несколько. Например, такие словосочетания используются метафорически. В поэзии метафора на основе частичного сходства двух объектов делает ложное утверждение об их полном тождестве. Именно это преувеличение, нарушающее границы истины, и придает ей поэтическую силу. Красота метафоры начинает сиять тогда, когда кончается и истинность. Но наоборот, не может существовать поэтическая метафора, которая бы не открывала реальную общность. Автор подчеркивает, что анализ фактического материала английского и таджикского языков позволяет констатировать следующее: развертывание ядерной метафоры в текстах происходит не только за счёт метафорических выражений, но и за счёт элементов прямого или буквального плана, которые попадая в зону действия ядерной метафоры, приобретают переносные значения. Элементы двоякого толкования, равным образом, играют важную роль в создании связанности текста, так как относятся одновременно к двум смысловым планам - прямому и метафорическому, тем самым спаивая текст.

Ключевые слова: ядерная метафора, метафорическое выражения, истинность, прямое значение, переносное значения, двоякого толкования, метафорическое поле, семантическое поле.

FIELD STRUCTURE OF METAPHOR: ANGLE OF COMPARATIVE ANALYSIS

In this article, the author distinguishes that all linguistic expressions of nuclear metaphors in the text can be represented as a semantic field. The semantic field is a compact, internally welded segment of the vocabulary, the elements of which mutually limit each other and, like a mosaic, cover this conceptual sphere. The author's task is to insert in determining the distributions, connection and interdependence of meanings, specific for a given language. And also, it is emphasized that the study of a detailed metaphor in the text can be carried out using the field method. A metaphorical field can be understood as the totality of all elements and surfaces of a structure. The semantic zone of the metaphorical field is set by the nuclear metaphor, and particular metaphorical expressions also refer to the center of the field. The author gave a lot of examples on the material of the Tajik and English languages, where a word can simultaneously appear in its direct and metaphorical meanings, just as on the

basis of this word several metaphors can be created at the same time, or several can merge in one meaning. For example, phrases such as are used metaphorically. In poetry, a metaphor, based on the partial similarity of two objects, makes a false statement about their complete identity. It is this exaggeration that violates the boundaries of truth that gives it poetic power. The beauty of a metaphor begins to shine when truth ends. But on the contrary, there can be no poetic metaphor that does not reveal a real community. The author emphasizes that the analysis of the factual material of the English and Tajik languages allows us to state the following: the deployment of the nuclear metaphor in the texts occurs not only at the expense of metaphorical expressions, but also at the expense of elements of a direct or literal plan, which, falling into the zone of action of a nuclear metaphor, acquire figurative meanings. The elements of double interpretation, equally, play an important role in creating the coherence of the text, as they relate simultaneously to two semantic planes - direct and metaphorical, thereby soldering the text.

Key words: nuclear metaphor, metaphorical expression, truth, direct meaning, figurative meaning, ambiguous interpretation, metaphorical field, semantic field.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гулямов Хайдар Каландарович*** - Институти технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кулоб, унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч.Борбад.
E-mail: **gulomov.haidar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-27-69-62, 93-708-88-85**

Сведения об авторе: ***Гулямов Хайдар Каландарович*** - Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.Борбад. E-mail: **gulomov.haidar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-27-69-62, 93-708-88-85**

Information about the author: ***Gulyamov Khaidar Kalandarovich*** - Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulyab, applicant. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, ul. Borbad.
E-mail: **gulomov.haidar@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-27-69-62, 93-708-88-85**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

УДК: 891.550:82

ШАРҲИ ҲОЛИ АБДУРРАУФИ ФИТРАТ ДАР «КАҶАКҲОИ НОЧАСПОН»

Маҳмадаминов А., Саидов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти навини тоҷик, шоири комилистеъдод, нависандаи забардаст ва донишманди маъруф Абдуррауфи Фитрати Бухороӣ (1884-1938) мебошад, ки роҳи ниҳоят пурпечу тоби зиндагӣ ва фаъолияти пурзиддияту пурихтилофи эҷодиро аз сар гузаронидааст. Аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиаш то кунун дар хусуси рӯзгору осори ӯ нуқтаи назарҳои баҳоят гуногун ва афкору ақидаҳои ниҳоят зидду нақиз давом карда меоянд, ки ҳамаи ин, албатта, натиҷаи шароити таърихии замони ӯ ва таъсири мафкураву омилҳои объективӣ ва субъективии даврони аз сар гузаронидаи ин шахсияти фавқулода ҳайратангезу мураккаб мебошад, ки дар ҳар давра аз осору таълимоти вулқонмонандаш фаввора зада мебарояд ва зеҳну шуурҳоро ба таври худ такон дода меистад. Ӯ яке аз шоирони боистеъдод ва рангинхаёли нимаи аввали асри ХХ ба шумор меравад. Ба назар чунин мерасад, ки дар сурати таҳқиқи дурусту одилонаи рӯзгор ва осори ин шахсияти пуртазоди таърих ба бисёр эродгириҳои мунаққидон ва хатти бутлонкашиҳои онҳо ҷавобҳои ҷиддӣ ёфта, аз мероси адабии ин адиби тавоно судҳо меёбем. Бинобар ин, рӯзгор ва осори А. Фитрат аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ба ҳисоб рафта, рӯзгор ва осори ин шахсияти пурихтилофи таърих то ҳол таҳқиқи илмии адабиётшиносӣ нашудааст. Гарчанде рӯзгор ва осори ӯ дар таҳқиқи Шарифҷонмахдуми Садри Зиё, С. Айнӣ, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Набавӣ, А. Маҳмадаминов, П. Гулмуродзода, М. Раҷабӣ, Х. Асозода, Ҷ. Ҳамроев зикр шуда бошад ҳам, ҳанӯз паҳлуҳои гуногун ва нозуки ҳаёт ва эҷодиёташ таҳқиқталаб ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, мо мақсад гузоштем, ки рӯзгор ва осори А. Фитратро дар заминаи маводи нав пайдошуда ба риштаи таҳқиқи адабиётшиносӣ бикашем.

Бояд қайд намуд, ки бо таҳлили тарҷумаи ҳоли А. Фитрат ба бисёре аз суолҳои мубҳами рӯзгор ва осори ин шахсияти пурихтилоф, аз қабили равшанфикрӣ, хурофотситезӣ, каҷфаҳмию қаҷравиҳои адиб ҷавоб ёфта, то чи андоза пурихтилофии замона ва инъикоси онро дар шахсияти Абдуррауфи Фитрати Бухороии донишманду шоир метавон равшан мушоҳида намуд. Бинобар ин, мо низ тарҷумаи ҳоли А. Фитратро дар заминаи нигоштаи худаш ба баҳси адабиётшиносӣ гузоштем. Дар ин гузориши мухтасари худ, мекӯшем, ки беғаразона тарафҳои норавшани рӯзгор ва осори А. Фитратро дар асоси гуфтаҳои худи ӯ, ки ҳуҷҷати қотеъ ва далелу асноди муътамад ба шумор мераванд, таҳқиқ намоем.

Муайян кардани лаҳзаҳои шарҳиҳолӣ ва ба миён овардани тарҷумаи ҳоли яке аз саромадони насри нави тоҷик – А. Фитрат дар шароити ҳозира, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми фитратшиносӣ ва умуман таърихи адабиёти нави тоҷикӣ ба шумор меравад. Зеро дар мақолаву тадқиқотҳои мавҷуда оид ба рӯзгор ва осори А. Фитрат, то кунун роҷеъ ба соли таваллуди шоир, муҳити иҷтимоӣ, ба равияву ҷараёнҳои гуногуни замон ҳамовоз шудан, фирор ба Туркия, пайравӣ аз каҷравиҳои замон, ба мафкураи Ҳукумати Шӯро ва пролетарият мувофиқ будан ё набудан ва ғайра, мутаассифона, назарҳои қатъӣ ва илмӣ вуҷуд надоранд. Сабаби мавҷуд будани ихтилофи назар дар ин масъалаҳо вобаста ба шароити таърихӣ, дигаргунии авзои сиёсию иҷтимоӣ ва таъсиргузории зеҳнияту фаҳмиши афкору ҷаҳонбинӣ бо далелҳои яке аз роҳбарону идеологҳои асосии ҳаракати ҷадидия будани А. Фитрат, баъдан идома ёфтани муносибатҳои муғризонаи сиёсӣ ва идеологӣ ба ҷадидия ва пайравони он, аз ҷумла А. Фитрат ва солисан, ба аҳли таҳқиқ дастрас нашудани қайдҳои худи А. Фитрат бошад, аз тарафи дигар, ин боиси номукаммалии рӯзгор ва осори А. Фитрат дар барномаҳову китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва донишгоҳҳои олӣ гардидааст. То кунун дар ин дастурҳо маълумоти кофӣ оид ба рӯзгор ва осори А. Фитрат вуҷуд надошта, аз рӯзгор ва осори А. Фитрат ахбори маъмулӣ зикр мешаванд. Албатта, дар ин маврид хидмати Шарифҷонмахдуми Садри Зиё, устод Айнӣ, Х. Мирзозода, Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, Р. Ҳодизода, М. Раҷабӣ, С. Табаров, А. Маҳмадаминов ва дигаронро махсус бояд қайд кард. Зеро масъалаи омӯзиши ҳаматарафи адабиёти ҷадидаи демократии тоҷик, махсусан рӯзгор ва осори яке аз бунёдгузорони насри нави тоҷик А. Фитратро ҳанӯз устод Айнӣ соли 1926 дар «Таърихи инқилоби Бухоро», «Намунаи адабиёти

тоҷик», Х. Мирзозода соли 1990 дар мақолаи «Адабиёти ҷадида дар программа ва китобҳои дарсӣ» ва А. Маҳмадаминов дар муқаддимаи муфассали худ, ки ҳангоми таҳияи чопи илмӣ-интиқодии «Раҳбари наҷот» соли 2011 баён намудааст, махсус таъкид намудаанд. Номукаммалӣ ва камтаваҷҷуҳӣ ба тарҷумаи ҳоли А. Фитрат боиси он шудааст, ки баёни рӯзгор ва осори адиб ҳам дар китобҳои дарсии муассисаҳои ҳамагонӣ ва ҳам донишгоҳҳо хеле умумӣ ва баҳсталаб боқӣ бимонад. Бинобар сабабу омилҳои зикршуда, дар навбати аввал бояд тарҷумаи ҳоли А. Фитрат пурра карда шавад ва муносибати ӯ ба воқеаҳои замон рӯшан карда шавад. Зеро чунонки адабиётшинос, Х. Асозода таъкид мекунад: «Муайян кардани ҳасби ҳоли адиб, рӯзгор ва саҳифаҳои зиндагии ӯ аз вазифаҳои умдаи илми адабиётшиносӣ мебошад. Осори эҷодкорро бидуни донистани роҳи тайкардаи вай, ки одатан аз шебу фарозҳо иборат мебошад, ба таҳқиқ гирифтан амри муҳол аст» [4, с.5].

Аз ин ҷиҳат, барои масъалаи рӯзгор ва осори А. Фтрат ва равшан намудани тарҷумаи ҳоли ӯ, пеш аз ҳама, зарур аст, ки ба сарчашмаҳои муътабар ва дараҷаи аввал – нигоштаҳои худи адиб, гуфтаҳои адиб дар китобҳояш ва қайдҳои шоҳиди бевоситаи воқеаҳои он давра, ҳақиқатнигори аср, шахсияти бузурги таърихӣ – устод Айнӣ, ки дар ин бобат то ҳанӯз сарчашмаи андешаҳои холӣ аз ҳар ғаразе шудаанд, муроҷиат шавад. Вале, мо бинобар сабаби маҳдудии имконият ва ҳадафи гузориши худ, ҳоло муроҷиат ба дигар сарчашмаҳоро ба вақти дигар мавқуф гузошта, тарҷумаи ҳоли А. Фитратро, танҳо дар асоси мактуби кушодааш ба рафиқ Бойбӯлатов ки бо номи «Каҷакҳои ночаспон» [6] маъруф аст, аз назар мегузаронем.

А. Фитрат дар ин нома барои мухотаби худ ва соири хонаводагонаш бисёре аз масъалаҳои рӯзгор ва осори худро равшан менамояд, ки аз ҳар ҷиҳат ҷолибу арзишманд мебошанд. Ӯ ба андешаҳои ғаразноку субъективии Бойбӯлатов дар нисбати тарҷумаи ҳоли худ ва мутасаввуф, панисломист, пантуркист хондани худро аз тарафи вай ҷиддан эътироз мекунад, фикрҳои муҳаққиқи худро рад мекунад ва тарҷумаи ҳоли худро бо қалами худаш менигорад. Аз ҷумла, А. Фитрат менависад: «Аз асарҳое, ки дар солҳои 8-10 (яъне 18-20 сол пеш) навиштаам, шоҳидҳо меоваред. Азизам, шумо худ эътироф мекунед, ки ман бист сол инҷониб ба даст қалам гирифта асарҳо менависам. Дар аснои ин бист сол ман ӯзбекӣ, тоҷикӣ даҳ – сад ҷузъи чопӣ, (печатний лист) асар навиштам (ғайр аз мақолаҳо). Ҳамаи инро ба мафкураи Ҳукумати Шӯро ва пролетарият мувофиқ буданашро ҳеҷ вақт даъво накардам ва даъво ҳам намекунам. Барои фаҳмидани ин ҷиҳати кор тарҷумаи ҳоламро аз худам бишнав.

Ман соли 1884 дар маркази ниҳоят динии сиёҳи Осиёи Миёна ва Бухорое, ки тобеи як идораи усули сиёҳ буд, ба дунё омадам. Тарбияи аввалamро дар як мактаби динии усули куҳна гирифтам. Баъди мактаб ба як мадрасаи динӣ дохил шуда, таълим гирифтам. Намоз хондам, як мусулмони мутаассиб будам. Ҳатто дар Бухоро ба гурӯҳи ҳаракати навбаромади ҷадидҳо зиддиятӣ ҳам мекардам. Баъдан ба ҳаракати ҷадидҳо омехта шудам. Бо ташвиқи ҷадидҳо ва таъсири зеҳнияти он замон барои таҳсил ба Туркия рафтам. Дар ҳамон замонҳо хаёли панисломизм як шакли оммавиро гирифта буд. Ман низ ба он дода шудам. Дар он вақтҳо ман тарафдори ислоҳоти динӣ будам. Динро бо илм як карданӣ мешудам. Баъзе хурофотҳое, ки ба илм тазод аст, аз дин хориҷ карда динро тоза карданро хаёл мекардам ва ба ин хаёлҳо бовар мекардам» [6].

Ин баёноти А. Фитрат ҷолиб буда, ба тарҷумаи ҳоли адиб падидаи тозаеро зам менамояд. Манзур ин аст, ки то ҳол дар ҳамаи сарчашмаҳои оид ба соли таваллуди А. Фитрат мансуб буда, санаи валодати ӯ соли 1886 зикр мешавад. Аз ин маълумоти шарҳиҳолии А. Фитрат маълум мегардад, ки ӯ на соли 1886, балки соли 1884 таваллуд шудааст. Ин, албатта, ба чанд ҷиҳати рӯзгор ва фаъолияти адиб таъсир мерасонад. Баъдан зиддияти ӯро дар аввали фаъолият бо «ҳаракати навбаромади ҷадидҳо» (таъбири А. Фитрат) равшан намуда, дар ниҳояти кор бо онҳо омехта шудани ӯро тасдиқ менамояд. Ва ҳамин зеҳният аст, ки А. Фитрат сабаби ихтилофоти ҷадиду қадимро шарҳ додаву таъкид карда буд, ки: «миллати наҷибаи Бухороро пӯшида нахоҳад буд, ки муддатест ихтилофи ҷадид ва қадим, ки мабдаъаш ба ҷуз иштибоҳкорӣ ва фасодати баъзе хоинони миллат чизи дигаре нест, Ватани муқаддаси моро фаро гирифта, ҷамоъаи муттаҳидаи аҳолиро ба унвони ҷадид ва қадим - ду фирқа ва ҳар кадомро нохушнудони дигар намуд.

Бадеҳист, ки сабаби умдаи хорӣ ва харобии мусулмонон нест магар ҳамин ихтилофоти маъно! Бинобар он, ҳар ки худро ходими дини мубини Ислом медонад, мекӯшад, то ин ихтилофи хонабарандозро аз миёни мо бухориён (манзур аҳолии Бухорост – А.М., Ф.С.) бардоранд» [6]. Ва маҳз бо ташвиқи онҳо ва таъсири зеҳнияти замон барои таҳсил ба Туркия рафтани А. Фитратро тамоман равшан менамояд. Дар ин замонҳо, ки А. Фитрат ҷонибдори ислоҳоти динӣ буд, ба хаёли панисломизм, ки аз берун идора ва ба омма тарвиҷ мешуд, дода мешавад. Дар идома А. Фитрат ғояҳои панисломизмро бо таъсири замони сотсиализм ва

мафкураи ҳукмрони вақт беасос ва иштибоҳан пӯсида хонда, аз ин гуна хаёлҳо берун шуданашро таъкид менамояд.Чунонки таъкид намудем, адиб ҳатто дар Бухоро ба гурӯҳи ҳаракати ҷадидҳо омехта шуда, роғиби ҷадидҳо ва таъсири зеҳнияти он давру замон барои таҳсил ба Туркия меравад. Ҳамон вақт хаёли панисломизм дар байни мардум мақоми худро ҷой карда буд ва Абдуррауфи Фитрат низ ба он равия дода мешавад. Ин айём адиб тарафдори ислоҳоти динӣ буд ва талош бар он меварзид, ки динро бо илм як кунад. Баъзе аз ақида ва фикрҳои пучу беасос, ки ба илм бо ҳам зид гузошта шуда буд, аз дин хориҷ карда динро тоза карданро хаёл мекард ва ба ин хаёлҳои худ бовар мекард. Дарвоқеъ, оҳиста-оҳиста мақсади бароҳмондаи онҳо як хаёли пӯсида буданаш рӯз ба рӯз ошкор мешуд ва ҳангоме, ки ғояи панисломизм як хаёлоти хом буданашро Абдуррауфи Фитрат мефаҳмад ба хаёли пантуркизм дода мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки А. Фитрат дар ин айём ба мумкин будани ислоҳ кардани дин бовар мекард ва асарҳое, ки дар он вақтҳо таълиф карда буд, дар онҳо фикрҳои ислоҳотии динӣ дида мешаванд. Адиб боре ҳам ба тасаввуф мансуб нашудааст, аммо бо сифати як муаллими интиқодкунандаи таърихи адабиёт тасаввуфро хеле санҷидааст ва баъдан тасаввуфро пурра аз худ мекунад ва ногуфта намонад, ки пеш аз солҳои 1917 ва 1918 барои бо номи «Таърихи тасаввуф дар Осиёи Миёна» асарашро ба вуҷуд овардан иқдом мекунад. Ҳатто қайд мекунад, ки тасаввуфро чӣ гуна заҳрнок ва чӣ хел зарарнок ва як маслак буданашро хеле хубу саҳеҳ медонад, вале боре ҳам мутасаввуф нашудааст [6].

Абдуррауфи Фитрат аз равияи пантуркизм дере нагузашта ба миллатгароии ӯзбак ворид мешавад. Бархе ӯро чун хиёнаткори миллат ёдовар мешаванд ва ба тамоми эҷодиёти вай хатти батлон кашиданиянд ва гурӯҳи дигар нисбати адиб бар он ақидаанд, ки асарҳои тоҷикиаш дар адабиёти тоҷик мақоми баландро ишғол мекунанд.

Он чиз ҷолиби диққат ва шоистаи таъкид аст, ки А. Фитрат дар мактуби мавриди назари мо муносибати худро ба ҳизби коммунист ва Ҳукумати Шӯравӣ ба миён гузошта, гоҳе хайрхоҳӣ ва дар мавриди дигар дар мақоми худ истодани худро ва дар ниҳоят хитмат карданашро ба Ҳукумати Шӯравӣ равшан менамояд. А. Фитрат сари ин масъала шояд аз рӯйи тақозои замон ва тарс аз сиёсати шӯравӣ ба мухотаби нома муфассал баён мекунад. А. Фитрат аз он ки Бойбӯлатов ӯро ба воситаи матбуот ба фоидаи ҳизби коммунистон хизмат карданашро эзоҳ додааст, мегӯяд: «Вақте ки ман бо коммунистони Бухоро кор мекардам, бухороиҳо ба ду фирқа ҷудо шуда буданд. Фирқаи инқилобчиёни ҷавонони Бухоро ва фирқаи коммуннистони Бухоро. Дар байни ин ду фирқа низоъ ва ҷанҷоли сахт давом мекард» [6]. «Ман, - менависад А. Фитрат дар идомаи нома, - ба фирқаи коммунистон ҳамкорӣ карда, бар зидди инқилобчиёни ҷавон мубориза бурдам. Инқилобчиёни ҷавон низ маро ба ҳамкорӣ даъват карданд, лекин ман қабул накардам. Барои фаҳмидани сабаби ин таърих муносибатам бо коммунистон ва Ҳукумати Шӯроро санҷидан лозим аст» [6]. Чунонки аз ин баёнияи А. Фитрат пайхас намудан мумкин аст, ӯ дар ин мактуби худ возеҳан майл кардани худро ба ҳизби коммунистон равшан менамояд. Дар идомаи нома А. Фитрат аз таърихи муносибати худ бо Ҳукумати Шӯро ва миллатчии ӯзбак буданаш ёд оварда, муборизаҳои миёни Ҳукумати муваққата ва болшевиконро зикр менамояд. «Ман, - менависад А. Фитрат, - замоне, ки ян миллатчии ӯзбек будам, бо фирқаҳои Ҳукумати Шӯро ва коммунистон хайрхоҳ шуда меистодам. Як замон генерал Коровиченко† губернатори Туркистон таъйин шуда омад. Дар байни ҳукумати муваққатӣ ва болшевикон мубориза авҷ мегирифт. Генерал Коровиченко бо миллатчиёни заминдор сиёсати ҳамкориро пеш мебурд. Ҳамон вақтҳо аз Тошкент ба Самарқанд бо сардории Ҷӯқаев секаса як ҳайат омаданд. Мақсади ҳайат бо ташкилотҳои заминдор якдигарфаҳмӣ кардан ва онҳоро бар зидди таъсироти ҳаракати болшевикон ташфиқот бурдан буд» [6]. Дар ҳамин айём А. Фитрат ба кори рӯзнома машғулият дошт ва рӯзномаи «Ҳуррият»-ро мебароварад. Ин муносибати ҳайат самти муборизаи А. Фитратро низ равшан мекунад. Аз ҷумла, А. Фитрат менависад: «Ман дар Самарқанд газетаи «Ҳуррият»-ро мебаровардам. Ҳуди шабе, ки ҳайат ташриф овард, пагоҳаш дар газетаам як сармақола навиштам... Дар мақолаам «Бо кадом тарафи мубориза бошем?» гуфта суолро гузоштам. Ва боз худамро ба тарафи чап буданамро қайд кардам. Дар ин мубориза дар тарафи рост (яъне тарафи Ҳукумати Муваққатӣ) будан барои мо ягон хайр набуданашро даъво кардам. Ин даъво каромот набуд, балки аз натиҷаи таҷриба буд. Зеро ки

†Павел Александрович Коровиченко (1874-1917) – яке аз Генералҳои Губернаторӣ дар Турманистон, ки соли оғози фаъолияташ номаълум буда, то 1905 ва 1914-1917 хизматчӣ буд ва соли 1917 ҳамчун Генерал Губернатори Туркистон адои вазифа намудааст. – А.М., Ф.С.

Ҳукумати муваққатиро дар ин мубориза дар тарафи амири Бухоро буданашро медонистем. Дар Самарқанд газетаи «Ҳуррият» зери муҳарририи ман нашри афкори ҷадидҳои Самарқанд буд» [6].

Аз ин мактуб возеҳан маълум мегардад, ки А. Фитрат фаъолияти таҷаддудхоҳиашро дар муҳити тираи Бухоро қабл аз инқилоби русҳо оғоз карда ва дар замони инқилобҳо ин фаъолияташро идома додааст. Ба ифодаи адабиётшинос Холиқ Мирзозода, «дар давраи нави ҳаракати озодхоҳии халқи тоҷик ҳамаи дониш, истеъдод ва маҳорати нависандагии худро барои ғалабаи ҳаёти нав ва мубориза барои ҳуқуқи аввалаи одам, барои озодӣ равона кардааст [10, с.12]. Навиштаҳои Фитрат айбномаи сахте бар зидди аморат ва усули идории давлатдории Бухоро буданд. Вай дар навиштаҳояш амирону ҳокимон, қозиёну мударрисонро танқид карда, усули таълиму тарбияро дар мактабу мадрасаҳо сабабгори асосии ақибмондагии халқу кишвар медонад. Навиштаҳои Фитрат моҳияти амиқи фаъолияти пурзиддияту пурихтилофи ӯро равшан намуда, зулму ҷаҳолати ҳокимияти вақтро беамон фош мекарданд. Бинобар ин, навиштаҳояш барои аморат ва ҳам маъмурияти подшоҳи рус қобили мақбул набуд. Аз ҳамин ҷост, ки А. Фитрат ҳамаи ин фаъолиятҳои пурзиддияту пурихтилофи худро иқрор мешавад ва онҳоро лағжишҳои пешинаи худ мехонад. «Ман, - мегӯяд А. Фитрат, - мисли як касе, ки дар замони миллатчигӣ ба Ҳукумати Шӯро ва фирқаи коммунист хайрхоҳ шуда ва дар ҳалли дурусти масъалаи миллат аз ҷониби ҳукумат дидаву дониста ба роҳи кач намеравад, ҳастам. Ман ҳам аз лағжишҳои пештараам рӯй гардонда, ба Ҳукумати Шӯро ва дар роҳи сохтани маданияти пролетар аз ҷону дил хизмат кардам ва карда истодаам» [6]. Аз ин сатрҳои нома ва дигар андешаҳои дар ин нома омада, равшан метавон фаҳмид, ки А. Фитрат ба хотири зинда мондан ва раҳоӣ аз шиканҷаю зулми ҳокимияти шӯравӣ ақидаҳои коммунистон ва усули марксизмро «дурустарин усул» муаррифӣ мекунад. «Маълум, ки ман, - менависад А. Фитрат дар номаи мавриди назари мо, - ба забони русӣ заиф мебошам. Матбуоти ӯзбек бошад мисли адабиёти марксизм бой нест. Бо вуҷуди ҳамаи ин, ман бо тамоми қувватам барои омӯхтани марксизм ҳаракат кардам. Усули марксизмро дар илмиёт дурусттарин усул гуфта медонам. Барои корҳои илмии худамро мувофиқи ин усул пеш бурдан кӯшиш мекунам» [6].

Бинед, ки А. Фитрат барои он ки буҳтонҳои Бойбӯлатовро, ки ба доғдоркунии шахсияти ӯ ҳамчун «шахсияти зиддисоветӣ», «миллатчӣ» ва «душмани халқ» эълон кардан иддаоҳо дорад, рафъ намояд аз фаъолиятҳои пурихтилофу пуртазоди худ мисолҳо меорад.

Ҳамин тавр, муҳтавои ин мактуби кушода дар маҷмӯъ аз он равшан гувоҳӣ медиҳад, ки А. Фитрат натиҷаи кашравиҳои худ ва муносибати худро ба ҳассостарин воқеаҳои замон, муносибати ихтилофии худро ба дин, ба милатгарои ӯзбак табдил ёфтани худ, тӯдаҳои гуногуне, ки аз пантуркизм ғизо мегирифтанд, ҳадафҳои ташкилоти «Чиғатой гурунги» ва миллатчӣ будани баъзе аъзои он, ба фирқаҳо ҷудо шудани ҷавонони Бухоро ва ҳамкории ӯро бо коммунистони Бухоро, ки бар зидди инқилобчиёни Бухоро низоъ ва ҷанҷолҳои сахт мекарданд, сабаби аз Самарқанд ба Тошканд рафтани адибро равшан намуда, бисёре аз лаҳзаҳои тарҷумаи ҳоли А. Фитратро ба мо маълум менамояд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи мактуби фавқуззикрро ба корҳои оянда мавқуф гузошта, таъкид менамоем, санҷидан ва тадқиқи ҳаматарафаи рӯзгор ва осори А. Фитрат барои илму адаб ва фарҳанги тоҷикӣ ҳамчун донишманди замон аз нигоҳи дониш ва малака соҳибмақом дар ҳақиқат як иқдоми нек ва муайян намудани ҳақиқати таърих муҳим ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурауфи Фитрат. Танланган асарлар (суз боши ва изоҳлар муаллифи: Ҳ. Болтабоев; таҳрир ҳайъати: О. Шарафиддинов ва бошк.; масъул муҳаррир: Н. Каримов). – Тошкент: Маънавият, 2000. – 220 б.
2. Абдурауфи Фитрат. Тавофи ватан (Маҷмӯаи ашъор) (Бо пешгуфтор, таҳия, луғатнома ва тавзеҳи Муҳаммадюсуф Имомов ва Масрур Абдуллоев). – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 48 с.
3. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С.Айнӣ. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
4. Асозода, Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ / Х.Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 205 с.
5. Асрорӣ, В. Халқ ва адабиёт / В.Асрорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 174 с.
6. Абдурауфи Фитрат. Каҷакҳои ночаспон (Мактуби кушода ба рафиқ Бойбӯлатов).
7. Гулмуродзода П. Бозгашти адиби доно ва олими тавоно / П.Гулмуродзода // Абдурауфи Фитрат. Шӯриши Восеъ. Фирдавсӣ. – Душанбе: 1992. – С. 3-6.
8. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
9. Лой Т. Мулоҳизаҳои кӯтоҳе дар бораи Абдурауфи Фитрат (1886-1938) / Т.Лой // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Китоби V (Мураттиб ва масъули нашр: Муртазо Зайниддинов). – Душанбе, 2000. – С. 83-87.
10. Мирзозода, Х. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт. Маҷмӯаи мақолаҳо / Х.Мирзозода. – Душанбе, 1973. – С.92-118 с.

11. Мирзозода, Х. Абдуррауфи Фитрати Бухорої / Х.Мирзозода // Чанд мулоҳизаи адабӣ (Маҷмӯаи илмӣ. Ҷилди 92). – Душанбе, 1974. – С. 3-31.
12. Мирзозода, Х. Адабиёти ҷадида дар программа ва китобҳои дарсӣ / Х.Мирзозода // Мактаби советӣ. – 1990. – №10. – С. 24-27.
13. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р.Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
14. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорої. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / Бухорої, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 480 с.
15. Набавӣ, А. Нақши Абдуррауфи Фитрат дар огоҳии шуури миллӣ / А. Набавӣ // Рӯдакӣ. – 2009. – Соли даҳум. - Шумораи 23. – С. 203-218.
16. Табаров С. Ҷаҳони андешаҳои Абдуррауфи Фитрат / С. Табаров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 715 с.

ШАРҲИ ҲОЛИ АБДУРРАУФИ ФИТРАТ ДАР «КАҶАКҲОИ НОЧАСПОН»

Мақолаи мазкур дар заминаи маводи нав пайдошуда, рӯзгор ва осори яке аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёти нави тоҷик Абдуррауфи Фитрати Бухороиро баррасӣ намуда, ҷузъиёти баҳсангези мавзӯъ ба риштаи таҳқиқи адабиётшиносӣ кашида шудааст. Муаллифон дар мақола кӯшиш менамоянд, ки мавзӯи ба таҳқиқгирифтаи худро мунсифона таҳлил намоянд. Аз ин ҷост, ки дар мақола рӯзгор ва осори А. Фитрат ҳамчун мавзӯи таҳқиқталаб муаррифӣ гардида, дар ҳамин замина ба ҳолномаи адиб, аз ҷумла санаи валодат, муҳити иҷтимоӣ, ба ҷараёнҳои замон ҳамовоз шудан, фирор ба Туркия, пайравӣ аз ҷараёнҳои замон, ба мафкураи Ҳукумати Шӯро ва пролетарият мувофиқ будан ё набудан ва ғайра маводи ҷолиб пешниҳод менамоянд. Хоссатан, муаллифон ба санаи валодати адиб таваҷҷуҳ намуда, таъкид менамоянд, ки аз маълумоти шарҳиҳолии мактуб маълум мегардад, ки адиб на соли 1886, балки соли 1884 таваллуд шудааст. Ин, албатта, ба чанд ҷиҳати рӯзгор ва фаъолияти адиб таъсир мерасонад. Акнун вақти он расидааст, ки соли таваллуди А. Фитратро на 1886, балки соли 1884 шуморем.

Калидвожаҳо: А. Фитрат, мактуби кушода, ҳассостарин воқеаҳои замон, санаи валодат, каҷакҳои ночаспон, «Чиғатой гурунгӣ», инқилобчиёни Бухоро, зиддияти ҷадидҳо, муҳити иҷтимоӣ.

БИОГРАФИЯ АБДУРРАУФА ФИТРАТА В «НЕПРИКЛЕИВШЕЙСЯ КРИВИЗНЕ»

Эта статья рассматривает одно из известных лиц новой таджикской литературы Абдуррауфа Фитрата Бухари в свете нового материала и привлекает спорные детали предмета. В статье авторы стараются тщательно проанализировать свою исследовательскую тему. Следовательно, в статье жизнь и творчество А. Фитрат были предметом исследования, и в этом контексте авторский дан материал, включая дату рождения, социальную среду, гармонизацию с текущими процессами, бегство в Турцию, следование ошибочности Совета, соответствие идеологии Совета и пролетариата и т. д. В частности, авторы обращают внимание на дату написания и отмечают, что комментарий к письму показывает, что писатель родился не в 1886 году, а родился в 1884 году. Это, конечно, влияет на некоторые аспекты повседневной жизни писателя и его творчество.

Ключевые слова: А. Фитрат, открытое письмо, самые волнующие события дня, дата междоусобицы, незначительные повороты, «чунгатская банда», бухарские революционеры, новый антагонизм, социальная среда.

BIOGRAPHY ABDURRAUF FITRATE IN “NON-ADHESIVE CURVITY”

This article examines one of the famous people in the new Tajik literature of Abdurrauf Fitrat Bukhari in the light of the new material and draws on the controversial details of the subject. In the article, the authors try to carefully analyze their research topics. Consequently, the article talks about the life and work of A. Fitrat was the subject of research and in this context, the author's material, including date of birth, social environment, harmonization with current processes, flight to Turkey, following the Council’s fallacy, conformity with the ideology of the Council and the proletariat, etc. D. offer interesting. In particular, the authors pay attention to the date of writing of the author and note that the commentary on the letter shows that the writer was not born in 1886, but was born in 1884. This, of course, affects several aspects of the writer's everyday life and his work. Now is the time for A.D. According to our estimates, this will be 1884, not 1886.

Key words: A. Fitrat, open letter, the most exciting events of the day, the date of civil strife, minor twists and turns, “Chungat gang”, Bukhara revolutionaries, new antagonism, social environment.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҳмадаминов Абдулҳай*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17
Саидов Фирдавс – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 938-10-10-64**

Сведения об авторах: ***Махмадаминов Абдулхай*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
Саидов Фирдавс – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: **(+992) 938-10-10-64**

Information about the authors: ***Mahmadaminov Abdulhai*** – Tajik national University, doctor of Philology, Professor of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
Saidov Firdavs - Tajik National University, competitor of the department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 938-10-10-64**

УДК:981.550

МУХТАССОТИ САБКИИ АШЪОРИ ШОИРОНИ АСРҲОИ Х-ХІ ҲАВЗАИ АДАБИИ БАЛХ

Мисбоҳиддини Нарзиқул, Шайхзода Абдул Ҷаббор
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сабки шеъри форсӣ-дарӣ-тоҷикиро аз оғози қарни нуҳум то дувоздаҳуми мелодӣ сабки хуросонӣ меноманд. Аз он ҷо, ки нахустин осори назму наср ба забони порсии дарӣ баъд аз ислом дар ноҳияи Хуросони бузург пайдо шуд, ба сабки ин осор хуросонӣ гуфтаанд [5, с.144-145]. Хуросони бузург шомили қисмати шарқии Эрон, Афғонистони кунунӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарзаминҳои Мовароуннаҳру Туркистони таърихӣ ҳам будааст. Аз ин рӯ, дар баҳсҳои муҳаққиқони таърихи адабиёту сабкшиносӣ ҳудуди ним қарн пеш гоҳе ба "сабки хуросонӣ" "сабки туркистонӣ" ҳам гуфтаанд. Ин сабк, дар воқеият, ибтидо ба сабки туркистонӣ овоза дошт, аммо пас аз чанде истилоҳи "сабки хуросонӣ" ҷойгузини он шуд. Бархе пажӯҳишгарони адабӣ сабки шоирони давраи Сомониро, ки куҳантару содатар аст, сабки туркистонӣ мехонанд ва ба сабки давраи Салҷуқию авоили Ғазнавӣ, ки пухтатар аст, сабки хуросонӣ итлоқ мекунанд [5, с.22]. Нахустин шеърҳои забони порсии дарӣ ба сабки хуросонӣ суруда шудааст.

Албатта, ин сабк аз лиҳози замонӣ ба ду давраи Сомониён ва Ғазнавиён-Салҷуқиён тақсим мешавад, ки дар давраи Сомонӣ содагии баёну куҳнагии таъбироту истилоҳот мушаххас аст. Ғалабаи калимоти порсӣ бар арабӣ, таваҷҷуҳ ба тавсифоти табиӣ, сода ва маҳсус будани ташбеҳот, тағаззулоти ошиқона, андарз, ҳикмат бо шеваи шоирона ва на олимона, аз муҳимтарин вижагиҳои дигари шеъри ин давра маҳсуб мешавад. Мавзӯоти матраҳ дар шеъри аҳди Сомонӣ ағлаб муътадил ва дур аз иғроқ ҳастанд.

Вижагиҳои давраи дувуми сабки хуросонӣ, яъне давраи Ғазнавӣ-Салҷуқӣ низ мушаххасу мутамойизу мубарҳан ҳастанд. Аз ҷумла, метавон гуфт, ки ашъори ба ин сабк суруда шуда аз тасалсулҳои мантиқӣ, маонӣ ва шукӯҳи алфоз бархурдор буда, осори ин сабк бар қайдҳо ва суннатҳои лафзию суварӣ такя дорад. Ташбеҳоти ин давра ағлаб ҳиссӣ ва фоқиди печидагӣ аст. Ашъори ин сабк аз ҳайси навъи адабӣ бештар қасида ва аз лиҳози лафз сода, равон ва орӣ аз таркиботи душвор буда, басомади вожаҳои арабӣ дар он андак аст. Аз лиҳози маънӣ бештар садоқат ва сароҳати лаҳҷа, таъбироту ташбеҳоти малмус аз ихтисосоти муҳимми ин сабк аст.

Аз маъруфтарин шоирони ин мактаб метавон ба Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асадии Тӯсӣ, Амир Муиззӣ ва аз суханварони хиттаи Балх, ба монанди Робиаи Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқии Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Носири Хусрави Балхӣ ва дигарон ишора кард.

Дар ин навишта сабки шоирони ҳавзаи адабии Балх, ки дар қарнҳои Х-ХІ зистаанд, сирф аз нигоҳи тааллуқоти сабкӣ ва вижагиҳою басомади мухтассоти сабкофарин ба баррасӣ гирифта мешавад. Маводи фароҳамомада дар ин баррасӣ аз се нигоҳи забонӣ, фикрӣ ва адабӣ матраҳ хоҳад шуд.

Нигоҳи забонӣ. Забони порсии дарӣ дар ин давра забони модарии гӯяндагон аст. Яъне, суханварони ин давра бар хилофи давраҳои баъд забони порсиро аз рӯйи осори адабии пеш аз худ намеомӯхтанд, аз ин рӯ, забони эшон табиӣ ва содаву равон аст. Дар он таъқид ва ибҳом нест, аммо агар имрӯза барои мо бархе аз луғоти он душвор менамояд, ба сабаби он аст, ки Хуросони бузург минтақаи бисёр васее буда, лаҳҷаҳои мухталифе, чун суғдию хоразмӣ дар он роиҷ буд [5, с.62].

Вижагиҳои забонии шеъри шоирони сабки хуросонӣ то ҳудуде дар ашъори шоирони давраҳои баъд ҳам қобили мушоҳида аст, ки ин ҷиҳати масъала ба ягонагии табиати забони муштараки гӯяндагон иртибот дорад. Масалан, аз ҳамин нигоҳ тартиби мухтассоти забоние, ки дар шеъри Фаррухӣ аст, каму беш дар шеъри Саъдӣ ҳам мулоҳиза мешавад. Фарқи умда асосан дар фикр, наҳваи баён, корбурди саноеи адабӣ, истифода аз мафоҳим ва истилоҳоти илмӣ ташхис мешавад.

Бояд мутазаккир шуд, ки байни мухтассоти забонии сабки хуросонӣ ва сабки ироқӣ тафовути умдае нест. Фарқи онҳо асосан дар мухтассоти фикрию адабӣ машҳуд аст. Мухтассоти забонӣ аз сабки ҳиндӣ ба баъд комилан тағйир мекунад, ки ин ҷиҳат баҳсе ҷудогона мебошад. Аммо, бо он ки шеъри давраи мавриди назар дорои вижагиҳои хос аст,

бино бар тақозои масъалаи аслӣ, дар идома ба баррасии ҳамин ҷиҳати мухтассоти сабкӣ пардохта мешавад.

Алифи итлоқ. Алифи итлоқ, дар истилоҳ, алифи зоидест, ки дар охири исм, феъл ва ҳарф меовардаанд. Чунин алиф дар осори давраи Сомонӣ ба фаровонӣ дида мешавад, аммо дар давраи Ғазнавӣ кам мегардад. Баъзе шоирон, ба монанди Фаррухӣ, Унсурӣ, Асадии Тӯсӣ ва Носири Хусрави Балхӣ онро ба кор набурдаанд [6, с.189]. Дар баъзе аз қисматҳои "Шоҳнома", ки зоҳиран марбут ба давраи ҷавонии Фирдавсӣ аст, истифодаи алифи итлоқ тақрибан зиёд, аммо дар бахшҳои дигар андак аст. Мувофиқи баррасии анҷомдодаи мо, вижагии мазкур дар шеъри шоирони ҳавзаи адабии Балх корбурди васеъ дорад. Намунаҳои зерин бо зикри асомии гӯяндагони ҳавзаи адабии Балх дар ибтидо нақл мешавад.

Абулмуайяд:

Сафрои маро суд надорад налко,
Дарди сари ман куҷо шиносад алко?
Савганд хурам ба ҳар чӣ ҳастам, малико,
К-аз ишқи ту бигдохтаам чун калко [2, с.96].

Шаҳиди Балхӣ:

Донад, к-аз вай ба ман ҳаме чӣ расад,
Дигар бораҳ зи ишқ бехабаро.
Чу садди Яъҷуҷ боядӣ дили ман,
Ки бошадӣ ғамзагон-шро сипаро.
В-агар бидонистамӣ, ки дил бишавад,
Накардамӣ ба раҳи бало гузаро [3, с.45].

Абӯшакур:

Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо... [2, с.95].

Манучеҳрӣ:

Навбаҳор омаду овард гулу ёсумано,
Боғ ҳамчун Тибату роғ ба сони Адано [7, с.45].

Дақиқӣ:

Меҳргон омад ҷашни малик Афридуно,
Он куҷо гови накӯ буданаш Бармоюно.
Хулқонаш кард ҷома зангорӣ,
Ин тунду тез боди фурӯзино [3, с.75].

Ҳазфи касраи изофат. Дар сабки хуросонӣ касраи изофӣ гоҳе маҳзуф аст, аммо басомади ҳазфи касраи изофа дар сабки ироқӣ наздик ба сифр аст.

Намунаи ҳазфи касраи изофат дар шеъри зерини Манучеҳрӣ, дар мисоли басурати "миёнбоғ" омадани ибораи "миёни боғ" қобили ташхис аст:

Хаста ба миёнбоғ ба зориш бибанданд,
Бо ӯ нанишинанду нагӯянду наханданд [2, с.54].

Истеъмоли "ё"-ҳои шартӣ, тардидӣ ва истимрорию таманноӣ. Маъмулан, ҳарфи "ё" дар охири феълҳо ба суратҳои шартӣ, тардидӣ, таманноӣ ва истимрорӣ ҳам меомадааст, ки аз ҷумлаи ҳодисаҳои нодири адабӣ ба ҳисоб меояд. Чанд мисол меорем:

Абӯшакур:

Напояд ҷаҳон бар ту в-ар поядӣ,
Аз ӯ ҳар бадӣ, к-оядӣ, шоядӣ [7, с.43].

Шаҳид:

В-агар туро малики ҳиндувон бидидӣ рӯй,
Суҷуд кардию батхонаҳош баркандӣ.
Ба манҷаниқи азоб андарам чу Иброҳим,
Ба оташи ҳасаротам фиганд хоҳандӣ.
Туро саломат бод, эй гули баҳору биҳишт,
Ки сӯйи қиблаи рӯят намоз хонандӣ [1, с.36].

Дар байти дуюми шеъри дигари ҳамин шоир, ки қаблан зикр гардида буд, корбурди сараи ҳам "ё"-и таманноӣ ва ҳам "ё" истимрорӣ мушоҳида мешавад:

Чу садди Яъҷуҷ *боядӣ* дили ман,
Ки *бошадӣ* ғамзагон-шро сипаро [3, с.45].

Талаффузҳои қадимӣ. Дар қадим талаффузҳои мутафовити калимот дар канори ҳам яке аз ҳодисаҳои маъмули адабӣ маҳсуб мешуд. Дар забони шеъри қуруни нахустини адаби форсу тоҷик низ ба сурати овоии баъзе аз калимот, ба мисли "ботангон" (бодинҷон),

“нилуфал” (нилуфар), “хасфидан” (хаспидан), “фом” (вом), “зифом” (забон) дучор мешавем, ки онҳо ҳанӯз дар забони меъёр тасбит нашудаанд ва чунин суратҳои овоии мутафовит бар асоси гӯйиши шоирон корбурд шудааст. Масалан, калимаҳои “волғуна” – ба маънои “гулгуна”, “фаш” – ба маънои “ваш”, “хуруч” – ба маънои “хурӯс”, “бошгуна” – ба маънои “вожгуна” ё “сарчапа”, “замӣ” ё “замик” – ба маънии замин, “ёфа” – ба маънии “ёва” ва “ёвагӯӣ”, “фисус” – ба маънии “сахрия” ва “истеҳзо”, “ростар” – он сӯтар, “оҳу” – ба маънии “айб”, “дирафшанда” – ба маънии “дурахшанда” [8, с.198], “кома” – ба маънии “ком”, “хуро” – ба маънии “дархур”, “ситеҳазгӣ” – ба маънии “ситезандагӣ” дар ашъори шоирони зерин.

Шаҳид:

Он буногӯш, к-аз сафо гӯӣ,
Баркашидаст волғуна ба сим [1, с.42].

Ва:

Эй дареғ он ҳур ҳангоми сахо Ҳотамфаш,
Эй дареғ он, к-ӯ ҳангоми вафо Сомгароҳ [3, с.25].

Абӯшакур:

Чи динору чи санг зери замӣ,
Ҳар он гаҳ, к-аз ӯ н-оядат хуррамӣ! [1, с.74].

Ҳамчунин, монанд ба ҳодисаи мазкур табдили ҳарфи “дол” ба ҳарфи “те” дар афъоли шахси дуюми ҷамъ, монанди “омадет” ба ҷойи “омадед”, “гуфтет” ба ҷойи “гуфтед” низ дар забти ашъори шоирони қуруни нахустин ба мушоҳида мерасад.

Вижагиҳои луғавӣ. Шеъри шоирони ҳавзаи адабии Балх аз нигоҳи истеъмоли луғот дорои вижагиҳои махсусе мебошад, ки аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо ба нукоти зер метавон ишора кард:

1. **Луғоти нодир**. Шеъри давраи сабки хуросонӣ муҷтамил бар маҷмаае аз луғоти нодир, ба мисли “саътарӣ”, “арар”, “сотагин”, “чархишт” аст, ки дарки маънои онҳо мушкил буда, эҳтиёҷ ба мутолиоти қомусӣ ва омориро пеш меорад. Басомади чунин вожагон дар даврaҳои баъд кам мешавад ё яксара аз байн меравад.

2. **Тамоюли ҷондорангорӣ**. Бархе аз луғоти пуристеъмоли ин сабк аз нигоҳи фикрӣ ҳам ҷолибанд. Масалан, яке аз чунин вожаҳо “оз”, ба маънии тамаъ ва фузунхоҳӣ аст, ки дар шеъри ин давра ғолибан ҷондор, яъне дев ангошта шудааст. Далели он ин аст, ки “оз” дар асотири Хуросони қадим номи девест. Чунонки дар “Яштҳо” омадааст, оз “девест, ки ҳама чизро фурӯ балъад, агар чизе насибаш нашавад, худро бихурад, ӯ хабисест, ки агар ҳама амволи ҷаҳон ба ӯ дода шавад, ӯро пур накунад ва қонеъ насозад” [8, с.144-145].

3. **Истеъмоли луғоти паҳлавӣ**. Дар шеъри шоирони сабки хуросонӣ, аз ҷумла суханварони ҳавзаи адабии Балх истеъмоли луғоти паҳлавӣ, амсоли “абар” [abar] – (ба), “абе” [abe] – (би), “або” [abag] – (бо) “андар” [andar] – (дар), “едар” [edar] – (ин ҷо) “едун” [adon] – (чунин, ин ҷо) қобили мушоҳида ҳастанд. Бо зикри исми шоирон чанд мисоли шеърӣ оварда мешавад.

Абӯшакур:

Маро ин достон кас бигуфт аз хаёл,
Абар сесаду сию се буд сол [2, с.126].

Унсурӣ:

Абар зеру бам шеъри Аъшии Қайс
Ҳамезад зананда ба инобҳо [7, с.96].

Носири Хусрав:

Гар эдунию эдун аст ҳолат,
Шабат хуш боду рӯзат неку маймун [7, с.195].

Дар миёни луғоти мазкур алфози “эдун” ва “эдар” аз назари чигунагии корбурди онҳо дар назму насри порсӣ таърихи муайян доранд. Маликушшуаро Баҳор дар бораи алфози мазкур ва таҳқиқи қиёсии истеъмоли онҳо дар назму наср ба таври зайл мушоҳидаи аҷибе дорад:

“Дар насри Балъамӣ ва “Ҳудуд-ул-олам” ҳама ҷо “эдун” (“зол” ба ҷойи “дол” – Ш.А.) ва “эдар” овардаанд ва “чунин”-у “ин ҷо” бағоят нодир аст. Ва ҳар чӣ нусахи қадимтар ба даст меояд, камтар луғоти чунин дар ин ҷо дида мешавад ва дар нусхаҳои тоза ба тасарруфи нусох луғоти мазкур тағйир кардааст ва дар паҳлавӣ низ ҳеч вақт лафзи “чунин” ва “ин ҷо” истеъмол намешавад ва насри Балъамӣ аз ин ҳайс беандоза ба насри паҳлавӣ шабеҳ аст. Ва ман итминон дорам, ки дар асли нусхаи Балъамӣ “чунин” ва “ин ҷо” ба ҳеч ваҷҳ мавҷуд набудааст ва аҳёнан агар дар нусхаҳое аз “Таърихи Балъамӣ”, ки аз қарни дувоздаҳ ба баъд истинсох шудааст, ин ду лафз дида шавад, аз тасарруфи котибон аст. Ва ман нусхаи қадимӣ дорам, ки мутлақан лафзи “чунин” ва “ин ҷо” дар он нест ва ҳама ҷо “эдун”-у “эдар” ба ҷойи

“чунин” ва “ин ҷо” истеъмол шудааст. Вале дар шеъри “Шоҳнома” ба зарурат гоҳе “эдун”-у “эдар” ва гоҳе “чунин”-у “ин ҷо” дида мешавад. Ин ду луғат аз шеър дохили наср шудааст ва шояд дар лаҳҷаҳои шаҳристонҳо низ тафовуте будааст. Чунонки дар “Таърихи Систон” “чунин” ва “ин ҷо” мукаррар дида мешавад... Ва гоҳе онро, яъне “эдун” бо “ҳам” таркиб карда ва “ҳамэдун” овардаанд. Ва дар шеъри “Шоҳнома” гоҳе “эдун” ва “гар эдун” ва “ҳамэдун” низ ояд. Ин боб таъкиди истеъмол шудааст” [5, с.420].

Аз баррасиҳои мазбур мубарҳан мешавад, ки дар замони Сомониён ба ҳеч вачҳ калимаи “дар” дар наср нест, ҳамеша ба ҷойи он лафзи “андар” истеъмол шудааст. Дар кутуби насри қадимӣ, ки метавон ба онҳо эътимод кард, ҳар қадар ҷустуҷӯ шуд, ҳама ҷо “андар” истеъмол шудааст. Лафзи “дар”, ки мухаффафи “андар” аст, дар аҳди Ғазнавиён корбурд шудааст.

4. **Корбурди калимоти арабӣ ба ҷойи вожаҳои роиҷи порсӣ**. Бо он ки истифода аз калимоти арабӣ дар сабки хуросонӣ кам будааст, вале ба ҷойи баъзе аз калимоти форсӣ, ки маъмул будаанд, муодили арабии онҳоро ба кор мегирифтанд. Масалан, дар шеъри шоирони мавриди назар ба ҷойи калимаи “ҷанг” вожаи “ҳарб”, ба ҷойи “сахт” – “саъб”, ба ҷойи калимаи “бузург” – “азим”, ба ҷойи калимаи “душман” – “хасм”... истифода шудааст.

Мисол аз Шаҳиди Балхӣ:

Маро ба ҷони ту савганду саъб савганде,
Ки ҳаргиз аз ту нагардам, набишнавам панде [2, с.61].

5. **Истеъмоли масдарҳои арабӣ**. Дар шеъри шоирони ҳавзаи адабии Балх масдарҳои арабие, амсоли “роҳат” ба ҷойи “роҳатӣ”, “саломат” ба ивази “саломатӣ” мушоҳида мешаванд, ки ба сурати асл, бидуни изофаи “ё”-и масдарӣ дар порсӣ истеъмол мешаванд.

Мисол аз шеъри Шаҳид:

Туро саломат бод, эй гули баҳору биҳишт,
Ки сӯйи қиблаи рӯят намоз хонандӣ [3, с.23].

6. **Корурди пасванди “коф”**. Шоирони ин давра гоҳе барои тасғир ва гоҳе барои таҳбиб аз пасванди “коф” истифода бурдаанд, ки дар ҳар ду ҳолат ба басомади истифода рӯ ба рӯ ҳастем. Ду намуна меорем, ки аввалӣ аз тасғир ва дувумӣ аз таҳбиб аст:

Манучеҳрӣ:

Он ғуломакро чу дид аҳли зако,
Он дигарро кард ишорат, ки биё [7, с.67].

Робиаи Балхӣ:

Турк аз дарам даромад хандонак,
Он хубрӯи чобук меҳмонак [1, с.112].

7. **Корбурди калимот, иборот ва истилоҳоте, ки дар сабки хуросонӣ ривоҷ доштанду акнун роиҷ нестанд**. Дар шеъри шоирони ҳавзаи адабии Балх ба корбурди бархе аз калимот, иборот ва истилоҳоте шоҳид ҳастем, ки дар сабки хуросонӣ ривоҷ доштаанду акнун роиҷ нестанд. Ин истилоҳот ё куҳан буда, яъне реша дар форсии миёна (паҳлавии Сосонӣ) доштаанд, ё хосси ин давра будаанд, ки баъдҳо ривоҷ пайдо накардаанд. Намунаи чунин воҳидҳои луғавӣ “андӯхтан”, ба маънии “баён кардани ақида ва матлаб”, “овехтан”, ба маънии “ҷанг кардан”, “ба ҷой”, ба маънии “дар ҳақ”, “ба сӯйи”, ба маънии “ба чашм”, “тир”, ба маънии “поиз” (фасли хазон, тирамоҳ), “куҷо”, ба унвони ҳарфи рабти мавсулӣ мебошанд. Мисолҳои шеърӣ меорем.

Абӯшакур:

Чу чора набинӣ зи овехтан,
Нигар, то натарсӣ зи хун рехтан [3, с.75].

Манучеҳрӣ:

Неъмати оҷилу оҷил ба ту дод аз маликон,
З-он ки зоеъ нашавад он чи ба ҷойи ту кунад [7, с.68].

Носири Хусрав:

Гесуи ман ба сӯйи ман наду райҳон аст,
Гар ба сӯйи ту ҳаме тофа мор ояд [7, с.130].

Унсурӣ:

Чу тир, то ки бувад рост гарштан шабу рӯз,
Яке ба вақти баҳору дигар дар аввали тир [7, с.81].

Шаҳид:

Ҳаме насозад бо доғи ошиқӣ сабрам,
Чунон куҷо бинасозад банонаҷ боз банонаҷ [3, с.67].

Вижагиҳои наҳвӣ. Аз ҷумлаи муҳимтарин вижагиҳои наҳвӣ дар шеъри шоирони ҳавзаи адабии Балх, ки аз назари басомад қобили таваҷҷуҳанд, овардани “вов”-и атф дар оғози

калом ва зикри аломати ҷамъ дар поёни калимоте мебошад, ки дар забони арабӣ зотан ҷамъ ҳастанд.

1. **Овардани “вов”-и атф**:

Абӯшакур:

Тавонгар бар ӯ офарин солу моҳ
Ва дарвеш нафрин бар ӯ бегуноҳ [3, с.41].

2. **Аломати ҷамъ**:

Бадеии Балхӣ:

Ба бӯстони фазоилҳо муҳанно,
Ба мизони бадеҳистон мумайиз [1, с.309].

Нигоҳи фикрӣ. Шеъри шоирони ҳавзаи адабии Балх аз назари фикрӣ ҳам қобили таваҷҷуҳи махсус ҳастанд. Муҳимтарин мухтассоти фикрӣ дар онҳо чунин аст:

1. Шеъри шоирони сабки хуросонӣ аз назари куллӣ шеъре шоду пурнишот аст ва рӯҳияи тасоҳулу хушбоширо таблиғ мекунад ва аз муҳитҳои ашрофӣ, гардиш, тафреҳ, боғу базм сухан мегӯяд [15, с.62]. Далоили он яке рӯҳияи эрониёни куҳан, дувум, рифоҳи сиёсию иқтисодӣ дар замони Сомониён ва то ҳадде Ғазнавиён, севум, зиндагонии худи шоирон аст, ки силлаҳои гарон мегирифтанд, мураффаҳ мезистанд ва ба дарборҳо рафтуомад доштанд.

2. Шеър воқеъгарост, авзои дарборҳо, муҳити зиндагӣ, равобити арбоб, каниз ва ғулом, тафреҳоти моваҳеъ, лашкаркашиҳою ҷангҳоро мунъакис мекунад. Ба тавре ки аз бархе аз ашъори Унсурӣ метавон лашкаркашӣ ва ҳаводиси ҷангиро ба наҳви дақиқи таърихӣ истихроҷ кард. Дар чунин шеър умури зеҳнӣ ва хаёлӣ ғолибият дорад, то унсурҳои зотию тахайюлӣ.

3. Шоирон бо маорифи пеш аз ислом ошно ҳастанд [14, с.61] ва аз ин рӯ, талмеҳ ба исми қаҳрамонон, шоҳон, чун Нӯшервон ва занҷири ӯ, маросиме, амсоли Наврӯзу Сада, Баҳманҷина ба чашм мехӯрад. Ин талмеҳот баргирифта аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ нестанд ва бояд ради онҳоро дар манобеи мухталиф ҷуст.

4. Дар тағаззули қасида маъшуқ мақоми волое надорад ва ҳатто гоҳе мақоми ӯ паст аст. Дар чунин навъи шеър маъшуқ гоҳе мард аст ва гоҳе канизи шоир, ки дар ҳамин ду нукта фарқи маъшуқи ғазал ва тағаззул мушаххас мешавад. Аз ин рӯ, ҳамеша суҳбат аз висол аст, на фироқ. Ин вижагӣ аз мушаххасоти боризи сабки хуросонӣ аст.

5. Ҷанбаҳои ақлонӣ ва таодул бар ҷанбаҳои эҳсосӣ ва иғроқ чира ҳастанд. Аз ин рӯ, мадҳу ҳаҷв ҳам мутаодил аст. Ғулӯ ба сурати даврaҳои баъд дида намешавад.

6. Рӯҳияи ҳамосӣ бар ашъори шоирони ҳавзаи адабии Балх ҳоким аст. Ҳатто дар панду андарз, дар боби маю маъшуқ низ калом ҳамосӣ аст.

7. Шеър аксар бурунгарост. Ҳарчанд дақоқиқи умури айниро васф мекунад, бо дунёи дарун, эҳсосоту авотиф, ҳаяҷон ва масоили рӯҳӣ сарукор надорад.

8. Мавзӯоти шеърӣ, аз қабили марсия, ҳикмат, мавъиза, луғаз, чистон, хамрия, ҳамоса, тағаззул ва достонсароӣ дар таркиби ашъори бозмонд аз шоирони ҳавзаи адабии Балх ба чашм мехӯрад. Аммо дар ин миён мавзӯи аслӣ мадҳи мамдӯҳ ва сипас, васфи маю маъшуқ аст. Ҳамаи маҳорат ва иттилооти шоир дар қолаби қасида ироа мешавад.

9. Ишора ба маорифи исломӣ, ҳадис ва Қуръон дар шеър кам аст ва он чи ҳаст, амиқ нест ва ба истилоҳ, мавриди баҳс, фахс ва баст қарор намегирад ва шоир аз он мазмун намесозад ё аз он истифодаи тамсилӣ намекунад.

Ниҳоят, яке аз муҳимтарин вижагиҳои сабкӣ дар сатҳи фикрии каломи шоирони ҳавзаи адабии Балх зикри истилоҳоти донишҳои гуногун ва ё ишора ба онҳо дар шеър мебошад. Бо зикри як мисол аз Шаҳиди Балхӣ иктифо мешавад:

Бар фалак-бар ду шахс пешаваранд:
Ин яке дарзӣ, он дигар ҷулоҳ.
Ин надӯзад магар кулоҳи мулук
В-он набофад магар палоси сиёҳ [2, с.59].

Нигоҳи адабӣ. Қолаби шеърии мусалат дар шеъри шоирони ҳавзаи адабии Балх қасида аст. Қасоиди комил бо фарогирии ташбиб, гурез, мадҳ, шарита, дуъо ва талаб, ки ҳанӯз аз замони Рӯдакӣ марсум шуда буд, дар қасоиди комили бозмонда аз шеъри шоирони мавриди назар дида мешавад. Ғазал ҳамчун қолаби мустақил мавҷуд аст, вале аз назари басомад чандон зиёд нест. Истифода аз воситаҳои баён ва санъатҳои бадеъ ба сурати табиӣ ва муътадил аст. Саноеи бадеии ин давра бештар лафзӣ ҳастанд, аз қабили тарсеъ, мувозана, иштиқоқ, тасдир, анвои сачъ, анвои ҷинос. Аз саноеи маънавӣ шоирон бештар ба мавориди тазод(д), мурооотунназир ва лаффу нашр эътино доштанд. Таваҷҷуҳи ҳунарӣ ба анвои иҳом, чун иҳоми таносуб, иҳоми тазод(д), иҳоми тарҷума, истихдом ва ғайра матраҳ нест.

Дар идома ба баъзе аз саноеи бадеии аз назари басомад қобили тавақҷуҳ ишора ва бо зикри исми санъат, гӯянда ва мисоли шеърӣ иктифо мешавад. Мавориди истифода аз саноеи бадеӣ бо кашидани хатти росте дар поёни онҳо мушаххас мешавад.

1. **Муроотунназир ва тазод(д)**.

Шаҳиди Балхӣ:

Дӯшам гузар афтод ба вайронаи Тӯс,
Дидам чуғде нишаста ҷойи товус [1, с.44].

2. **Тарсеъ**.

Бадеи Балхӣ:

Зи рангӣ роғ рангӣ ҳила ҳайрон,
Зи бонгӣ *мурғ* бонгӣ рӯд оҳиз.
Ҳамеша номи ӯро офарин ҷуфт,
Ҳамеша арзи ӯро мол муҳриз [7, с.21].

Маъруфии Балхӣ:

Эй он, ки мар адӯро сабрию ҳанзалӣ
В-эй он, ки мар валиро шаҳдию шаккарӣ.
Он ҷо, ки пешбинӣ бояд, муваффақӣ
В-он ҷо, ки пешдастӣ бояд, музаффарӣ [2, с.215].

3. **Радуссадри илалачз**.

Абӯшакури Балхӣ:

На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар он кас, ки донотар аст [1, с.57].

4. **Ирсолулмасал**.

Робиаи Балхӣ:

Ҳароина, на дурӯғ аст, он чи гуфт ҳаким:
“Фаман такаббара явман фабаъда изза залл” [2, с.118].

Абӯшакури Балхӣ:

Чунин хондам аз дафтари Зардуҳишт,
Ки доно бувад, бегумон, дар биҳишт [7, с.45].

Шаҳиди Балхӣ:

Чу пухта шавад талх, ширин шавад,
Ба дониш сухан гавҳарогин шавад.
Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро [3, с.59].

Дар бисту панҷ байти баъд аз абёти мазкур меомада дар ин шеърҳои шоир ҳар як байт бо истифода аз масале роиҷ суруда шудааст.

Мисоли дигар аз ҳамин шоир:

Боадабро адаб сипоҳ бас аст,
Беадаб бо ҳазор кас танҳост [1, с.43].

5. **Ҷинос ва анвои он**.

Абӯшакури Балхӣ:

Агар баршитобад бад-ӯ оби ҷӯй,
Набояд дар ӯ обҷӯй оби ҷӯй [3, с.73].

Миёни ду “оби ҷӯй” ҷиноси мукаррар воқеъ шудааст: аввалӣ, ба маънии оби равон ва дувумаш киноя аз “он чи, ки гузаштааст, боз наояд”.

Намунаи дигари ҷиноси том аз ашъори Шаҳиди Балхӣ оварда мешавад, дар мисоли калимаи “нобино” дар ҳар ду мисроъ:

Ба тир аз чашми нобино сапедӣ нуқта бардорад,
Ки на дида биёзорад, на нобино хабар дорад [1, с.44].

6. **Ҷамъу тафриқ**.

Робиаи Балхӣ:

Хабар диҳанд, ки борид бар сари Айюб
Зи осмон малахону сар ҳама заррин.
Агар биборад заррин малах бар ӯ аз сабр,
Сазад, ки борад бар ман басе магас рӯйин [2, с.121].

Ҷамъ ва тафриқ дар ин шеър дар миёни байтҳо иттифоқ афтодааст.

7. **Тасмит**.

Шаҳиди Балхӣ:

Даҳон дорад чу як писта, лабон дорад ба май шуста,

Ҷаҳон бар ман чу як писта, бад-он пистадаҳон дорад [1, с.37].

Миёни алфози “писта”, “шуста”, “писта”, ки саҷъи мутавозиянд, онро тасмити сегона гӯянд. Ҳамчунин, байни вожаҳои “писта”-ю “шуста” ҷиноси хат ва васати калимаҳои “писта” ва “писта” дар мисраи дувум ҷиноси том аст.

8. **Ташбеҳ**. Ин санъат бо анвои гуногуни худ дар шеъри сабки хуросонӣ истеъмоли васеъ дорад ва дар ашъори ағалаб шоирони ҳавзаи адабии Балх аз ҷумлаи шохисаҳои муҳимми сабкофарин маҳсуб меёбад. Ташбеҳ ва анвои онро, аз ҷумла, дар таркиби ашъори бозмонда аз Абӯшакури Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Робиаи Балхӣ, Маъруфии Балхӣ, Абулмуайяди Балхӣ дарёфтан мумкин аст. Чанд мисол меоварем.

Абӯшакури Балхӣ:

Бадӣ ҳамчу оташ бувад дар ниҳон,
Ки пайдо кунад хештан ногаҳон [2, с.69].

Дар ин байт бо ташбеҳи равшан рӯ ба рӯ ҳастем, ки аз чунин ҷузъҳо таркиб ёфтааст: “бадӣ” – мушаббаҳ, “оташ” – мушаббаҳ биҳ, “ҳамчу” – адоти ташбеҳ, сӯзандагӣ ва зиёноварӣ – ваҷҳи муштараки миёни ташбеҳшавандаву ташбеҳкунанда. Агар мисраи дувумро ба эътибор бигирем, метавон гуфт, ташбеҳ аз навъи тафсил ҳам ҳаст.

Дар байти зерин аз ҳамин шоир ташбеҳи мутлақ қобили ташхис аст, ки аз лиҳози таркибӣ мураккаб ба мураккаб ҳаст:

Чу алмос, к-оҳан бибуррад ҳаме,
Сухан низ дилро бидаррад ҳаме [1, с.72].

Ташбеҳ дар байти зерини Абӯшакур байни мисроъҳо иттифоқ афтодааст:

Чу захре, ки орад ба тан дар гудоз,
Хирадро бад-он гуна бигдозад оз [1, с.74].

Шаҳиди Балхӣ:

Ишқи ӯ анкабутро монанд,
Битанидаст тафта гирди дилам [2, с.54].

Маъруфии Балхӣ:

Гашт баргашта сияҳ ҷаъди ту айн андар айн,
Гашт партоби сияҳ зулфи ту ҷим андар ҷим [2, с.212].

Абулмуайяди Балхӣ:

Меғ монандаи пунба-сту варо бод надоф,
Ҳаст садкис даравна, ки бад-ӯ пунба зананд [2, с.95].

Робиаи Балхӣ:

Агар девона абр омад, чаро бас
Кунад арза сабӯҳӣ ҷоми зар бод? [2, с.116].

Дар ин байт корбурди ҳунарии санъати ташбеҳи измор, ё худ пӯшида мушоҳида мешавад, ба ин сурат, ки мисраи аввал мушаббаҳ ва дар мисраи дувум “ҷоми зарбод” мушаббаҳ биҳ мешавад. Ин навъ ташбеҳро мураккаб ба муқайяд ҳам гӯянд. Дар навбати худ, “ҷоми зарбод” дар алоҳидагӣ изофаи истиораӣ мебошад.

Рӯйиҳамрафта, шеъри суханварони ҳавзаи адабии Балх дар асрҳои X-XI, ба таври куллӣ, мисли соири ашъори сабки хуросонӣ аз нигоҳи забонӣ бисёр содаву равон буда, аз салосату фасоҳати табиӣ бархӯрдор аст. Сарагароӣ дар калом ба дараҷаи аъло дида мешавад, луғоти дахили арабӣ ва туркӣ бисёр кам ва аз сӯйи дигар, калимаҳои таркибӣ низ камтар дида мешавад. Ҳамчунин, нишонаҳои куҳнагӣ ва шабоҳат ба забони пеш аз исломӣ, яъне паҳлавӣ дида мешавад. Бархе аз луғот мисли вожагони паҳлавӣ ва ё наздик ба паҳлавӣ талаффуз мешудаанд.

Сабки баёни шоирон аз нигоҳи наҳвӣ печида набуда, дорои вижагиҳоест, ки дар даврaҳои баъдӣ чунин нест. Аз назари сатҳи адабӣ ҳам шеъри суханварони мавриди назар мухтассоте дорад, ки бо сабки умумии давр ҳамхонӣ дорад. Аксари шоирони Балх дар қасида, ки қолаби мусаллати ин аср буд, даст доштаанд. Афзун бар он, дар тағаззул, рубоӣ, маснавӣ ва қитъа низ устод будаанд. Ин шоирон ба вуруди саноеи адабии зиёд он қадар алоқа надошта, бепироягӣ, яъне кам будани саноеи бадеӣ ҳамроҳ бо содагии луғот ва равонии таркибҳо муҳимтарин мушаххасаи сабкии шеъри онҳоро ташкил медиҳад. Ба тавре ки метавон ба шеъри ин суханварон шеъри сода гуфт, чунонки ба насри он айём низ насри мурсал ва ё орӣ, яъне насри осон ва бепироя мегӯянд. Ба ҳар ҳол, меъёри фасоҳат дар ин давра содагӣ ва равшанӣ аст, вале, аслан, таърифи фасоҳат ба равшанӣ ва содагӣ маъхуз аз шеъри ҳамин даврон аст. Ҳол он ки дар авдори баъд таърифи фасоҳат иваз мешавад ва ҳатто дар даврaҳое фасоҳату балоғатро ба шеъри мубҳам иснод медиҳанд. Аммо тавре ки дидем, шоирони Балх дар ин давра содагӯй буданд ва дар сатҳи фикрӣ ҳам хусусиятҳое доранд, ки аз шоирони

садаҳои баъдӣ тафовут дорад. Дар ашъорашон панду андарз, суханони ҳакимона ва ибратомӯз зиёд дида мешавад. Аммо дар сухани инҳо аз тасаввуфу ирфон хабаре нест ва аз оёту аҳодиси набавӣ ҳам кам истифода менамоянд. Аз истилоҳоти илмӣ, каломӣ ва фалсафӣ ҳам танҳо ба ишораҳое басанда мекунанд, аммо ҳикмат ҷузъи муҳимми андешаҳои шоирони машҳури Балхро ташкил медиҳад. Шоирон дар тавсифи табиат ниҳояти устодӣ доранд. Вазъияти дарборҳо, майдонҳои ҷанг, ҳолоти ошиқона ва манозири табииро ба гуногунсурат ва зебо ба тасвир мекашанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ; дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 407 с.
2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ ; таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Худоӣ Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
3. اشعار پراکندهٔ قدیمترین شعرای فارسی زبان از هنزلهٔ بادغیس تا دقیقی ؛ تصحیح و مقابلهٔ ژلبر لازار. – تهران: انستیتوت ایران-فرانسه، 1962.
4. انوشه، حسن. دانش نامهٔ ادب فارسی/ حسن، انوشه. – جلد سوم. – تهران: وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی، 1375.
5. بهار، محمد تقی. سبکشناسی / محمد تقی بهار. – جلد دوم. – تهران: امیر کبیر، 1337. – 1537 صح.
6. خانلری، پروین ناتل. تاریخ زبان فارسی / پروین ناتل خانلری. – جلد اول. – تهران: بنیاد فرهنگ ایران، 1354.
7. دبیر سیاقی، محمد. پیشگامان شعر پارسی / محمد دبیر سیاقی. – تهران: شرکت سهامی کتاب های جیبی، 1356. – 1472 صح.
8. دبیر سیاقی، محمد. گنج بازیافته / محمد دبیر سیاقی. – تهران: انتشارات اشرفی، 1343. – 1472 صح.
9. رودکی سمرقندی، ابوعبدالله. دیوان / ابوعبدالله رودکی سمرقندی ؛ بر اساس نسخهٔ برگنفسکی و سعید نفیسی. – تهران: انتشارات نگاه، 1373. – 240 صح.
10. شمیسا، سیروس. کلیات سبک شناسی / سیروس شمیسا. – تهران: فردوس،1375. – 330 صح.
11. شمیسا، سیروس. سبک شناسی شعر / سیروس شمیسا. – تهران: فردوس، 1379. – 320 صح.
12. شمیسا، سیروس. سبک شناسی نثر / سیروس شمیسا. – تهران: فردوس، 1379. – 354 صح.
13. عنصوری بلخی، ابوالقاسم حسن ابن احمد. دیوان / ابوالقاسم حسن ابن احمد عنصوری بلخی : به اهتمام یحیی قریب. – چاپ دوم. – تهران: انتشارات جامی، 1391. – 374 صح.
14. غلامرضایی، محمد. سبک شناسی شعر رودکی. از رودکی تا شاملو. – تهران: انتشارات جامی، 1391. – 254 صح.
15. محجوب، محمد جعفر. سبک خراسانی در شعر فارسی / محمد جعفر محجوب. – نهران: انتشارات سازمان تربیت معلم و تحقیقات تربیتی، 1345. – 321 صح.

МУХТАССОТИ САБКИИ АШЪОРИ ШОИРОНИ АСРҲОИ X-XI ҲАВЗАИ АДАБИИ БАЛХ

Дар ин мақола сабки шоирони ҳавзаи адабии Балх, ки дар қарнҳои X-XI зистаанд, аз нигоҳи тааллуқоти сабкӣ ва вижагиҳою басомади мухтассоти сабкофарин ба баррасӣ гирифта мешавад. Маводи фароҳамомада дар ин баррасӣ аз се нигоҳи забонӣ, фикрӣ ва адабӣ матраҳ хоҳад шуд. Сабки шеъри форсӣ-дарӣ-тоҷикиро аз оғози қарни нуҳум то дувоздаҳуми мелодӣ сабки хуросонӣ меноманд. Аз он ҷо, ки нахустин осори назму наср ба забони порсии дарӣ баъд аз ислом дар ноҳияи Хуросони бузург пайдо шуд, ба сабки ин осор хуросонӣ гуфтаанд. Аз ин рӯ, дар баҳсҳои муҳаққиқони таърихи адабиёту сабкшиносӣ ҳудуди ним қарн пеш гоҳе ба “сабки хуросонӣ” “сабки туркистонӣ” ҳам гуфтаанд. Ин сабк, дар воқеият, ибтидо ба сабки туркистонӣ овоза дошт, аммо пас аз чанде истилоҳи “сабки хуросонӣ” ҷойгузини он шуд. Бархе пажӯҳишгарони адабӣ сабки шоирони давраи Сомониро, ки куҳантару содатар аст, сабки туркистонӣ мехонанд ва ба сабки давраи Салҷуқию авоили Ғазнавӣ, ки пухтатар аст, сабки хуросонӣ итлоқ мекунанд. Нахустин шеърҳои забони порсии дарӣ ба сабки хуросонӣ суруда шудааст. Сабки мавриди назар аз лиҳози замонӣ ба ду давраи Сомониён ва Ғазнавиён - Салҷуқиён тақсим мешавад, ки дар давраи Сомонӣ содагии баёну куҳнагии таъбироту истилоҳот мушаххас аст. Ғалабаи калимоти порсӣ бар арабӣ, таваҷҷуҳ ба тавсифоти табиӣ, сода ва маҳсус будани ташбеҳот, тағаззулоти ошиқона, андарз, ҳикмат бо шеваи шоирона ва на олимона, аз муҳимтарин вижагиҳои дигари шеъри ин давра маҳсуб мешавад. Мавзӯоти матраҳ дар шеъри аҳди Сомонӣ ағлаб муътадил ва дур аз иғроқ ҳастанд. Вижагиҳои давраи дувуми сабки хуросонӣ, яъне давраи Ғазнавӣ-Салҷуқӣ низ мушаххасу мутамойизу мубарҳан ҳастанд. Аз ҷумла, метавон гуфт, ки ашъори ба ин сабк суруда шуда аз тасалсулҳои мантиқӣ, маонӣ ва шукӯҳи алфоз бархӯрдор буда, осори ин сабк бар қайдҳо ва суннатҳои лафзию суварӣ такя дорад. Ташбеҳоти ин давра ағлаб ҳиссӣ ва фоқиди печидагӣ аст. Ашъори ин сабк аз ҳайси навъи адабӣ бештар қасида ва аз лиҳози лафз сода, равон ва орӣ аз таркиботи душвор буда, басомади вожаҳои арабӣ дар он андак аст. Аз лиҳози маънӣ бештар садоқат ва сароҳати лаҳҷа, таъбироту ташбеҳоти малмус аз ихтисосоти муҳимми ин сабк аст.

Калидвожаҳо: шеър, сабк, мухтассот, басомад, тааллуқот, шоирони асрҳои X-XI, ҳавзаи адабии Балх.

СТИЛЕВЫЕ ОСОБЕННОСТИ СТИХОТВОРЕНИЙ ПОЭТОВ ЛИТЕРАТУРНОГО КРУГА БАЛХА X-XI ВЕКОВ

В статье рассматриваются стилевые особенности поэтов литературного круга Балха X-XI веков. Литературный материал в статье анализируется с точки зрения частотности слов, а также на языковом, смысловом и художественном уровнях. Стиль поэтов, живших и творивших на протяжении IX-XII веков, именуется хорасанским стилем. Причиной тому является то, что после распространения ислама поэты, творившие на языке фарси, в основном жили в Хорасане. Данный стиль в научных трудах также упоминается как «туркестанский». Некоторые исследователи считают поэзию эпохи Саманидов как туркестанский стиль, а стих периода Газневидов и Сельджукидов рассматривают как хорасанский. Стиль стихосложения рассматриваемого периода, с точки зрения хронологии, разделяется на два периода: периоды Саманидов и Газневидов. Основными особенностями стиля первого периода являются простота языка, использование архаизмов, а также симпатии поэтов к малому использованию арабских слов, естественным эпитетам, чувственным сравнениям, лирическим мотивам, сентенциям и назидательным темам. Поэзия данного периода с точки зерния содержания, – простая, естественная и легкая для восприятия. Второй период хорасанского стиля, т.е. период Газневидов и Сульджукидов, имеет свои конкретные особенности. В стихотворениях поэтов данного

периода в основном наблюдаются логические скрепы, использование придворной лексики, что усугубляет «литературность» слова этого времени. Это объясняется тем, что в данное время многие поэты были придворными и занимались сочинением касыд. В поэзии данного периода встречается много арабских слов, а также «умственные» сравнения.

Ключевые слова: стихотворения, поэты X-XI вв., литературный круг Балха, хорасанский стиль, туркестанский стиль, стилевые особенности, частотность, архаизмы, арабизмы.

STYLISTIC CHARACTERISTICS OF BALKH LITERARY CIRCLE POETRIES OF THE X-XI CENTURIES

The article discusses the stylistic characteristics of poetries of the Balkh literary circle of the X-XI centuries. The literary material in the article is analyzed in terms of the frequency of words, as well as at linguistic, semantic and artistic levels. The style of poets who lived and worked during the 9th-12th centuries is called the Khorasan style. The reason is that after the spread of Islam, poets who wrote in Farsi mainly lived in Khorasan. This style in scientific works is also referred to as "Turkestan". Some scholars consider the poetry of the Samanid era as a Turkestan style, and consider the verse of the period of Ghaznavids and Seljukids as Khorasan. The style of prosody of the considered period from the chronology point of view is divided into two periods: the periods of the Samanids and Ghaznavids. The main features of the style of the first period are the simplicity of the language, the use of archaisms, as well as the small use of Arabic words by poets, natural epithets, sensual comparisons, lyrical motifs, maxims and instructive topics. The poetry of this period from the content point of view is simple, natural, and easy to perceive. The second period of the Khorasan style, i.e. The period of the Ghaznavids and Suljukids has its own specific features. In the poets' poems of this period, mainly can be observed logical chains, the use of palace vocabulary, which exacerbate the literacy of words of that time. This is due to the fact that on that time many poets were courtiers and were engaged in composing "kasidas". In the poetry of this period there can be seen many Arabic words, as well as mental comparisons.

Key words: poems, poets of the X-XI centuries, literary circle of Balkh, Khorasan style, Turkestan style, stylistic characteristics, frequency, archaisms, Arabisms.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Мисбоҳиддини Нарзиқул*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Шайхзода Абдул Ҷаббор - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи таърихи адабиёти тоҷик, факултаи филологияи тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.**: (+992) 917-10-61-07**

Сведения об авторах: ***Мисбохиддини Нарзикул*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр Рудаки, 17

Шайхзода Абдул Джаббор - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры истории таджикской литературы факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр Рудаки, 17. Тел.**: (+992) 917-10-61-07**

Information about the authors: ***Misbohiddini Narzikul*** **-** Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

Shaikhzoda Abdul Jabbor **-** Tajik National University, Ph.D. candidate of the Department of History of Tajik Literature, Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel .: **(+992) 917-10-61-07**

УДК: 891.5

ХУСУСИЯТҲОИ САБКИВУ УСЛУБИИ РИСОЛАИ “ДАҲФАСЛ”- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Ғаффоров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

“Даҳфасл”, бо вуҷуди ҳаҷми хурди худ, аз дигар осори насрии Убайди Зоконӣ камӣ надорад ва ба мартабаи маъруфтарин рисолаҳои адиб маъруфият дорад. Соли таълифи он дар ягон сарчашмае қайд нагардидааст. Худи Убайди Зоконӣ ҳам, бо ин ки дебочае дар ҳаҷми чанд ҷумлаи маъдуд дар оғози асараш овардааст, таърихи эҷоди онро қайд накардааст [3, с.232]. Қадимтарин нусхаи осори Убайди Зоконӣ, ки рисолаи “Даҳфасл” низ дар он ҷой дорад, марбут аст ба нусхае, ки ҳудуди 35 сол баъд аз вафоти адиб нусхабардорӣ шуда ва алҳол дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳти рақами шартии №555/13- и ҳифз карда мешавад [3]. Нусхаи таҳиякардаи муҳаққиқи даврони шӯравии тоҷик Ҷ. Додалишоев ҳам зери унвони “Убайди Зоконӣ. Осор”, ки соли 1991 дар 212 саҳифа бо хатти форсӣ дар нашриёти “Дониш” ба чоп расидааст ва дар пуррагиву камоли худ қобили таваҷҷуҳ аст, чунонки худи адабиётшиноси мазкур дар қисмати муқаддимаи он зикр кардааст, аслан, аз рӯйи ҳамон нусхаи №555/13 муҳайё гаштааст [5, чаҳор-панҷ].

Миёни ҷамеи сарчашмаҳо ва кутуби тазкира танҳо дар тазкираи “Рӯзи рӯшан” дар хусуси рисолаи “Даҳфасл”- и Убайд маълумот дода шудааст. Тибқи маълумоти дар асари мазбур овардашуда, “Даҳфасл” дар даврони муаллифи тазкира бо унвони “Ал-номия” шуҳрат доштааст. Ҳусайни Сабо ин “Ал-номия”- и Убайдро мутаввал гуфта, ҳамчунон, қайд намудааст, ки носири ҳаҷвнигори дигаре бо исми Мулло Дупиёза, ки шояд ҳамзамони вай (яъне, муаллифи тазкираи “Рӯзи рӯшан”) бошад, асареро дар пайравии “Ал-номия”- и Убайд бо ҳамин ном навиштааст [10, с.534]. Аммо, бояд қайд намуд, ки на дар қадимтарин нусхаи таҳти рақами шартии №555/13- и марбут бар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, на дар дигар нусхаҳои зери шумораҳои №№ 195, 555/3, 555/13, 1063, 1660, 2556 ва 12469-475, ки дар ганҷинаи мазкур ҳифз карда мешаванд, на дар нусхаҳои таҳти арқоми №№ 184 847, 203 819, 227 188 марбут бар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва на дар нусхаи фотокопии омоданамудаи мусташриқи фаронсавӣ Мисю Фартаи, ки алҳол дар осорхонаи Британия нигоҳ дошта мешавад, исми “Ал-номия” ё асаре бо ин ном мавҷуд нест. Агарчи дар баргузидаи асарҳои Убайди Зоконӣ, ки аз ҷониби Музаффар Холов таҳия гардидааст, пас аз рисолаи “Даҳфасл” дар ҳаҷми 6 сафҳа мутоиботе низ бо унвони “Таърифоти Муллодупиёза” оварда шудааст [4, с.111-116], дар такя бар нусхаҳои дар боло зикршуда наметавон онро ба Убайд марбут донист. Бар илова, сабку услуби ин таърифот низ муғоири тарзи нигориши Убайд мебошад.

Хусусияти нахустини “Даҳфасл” дар осонбаёнии он аст, он бо саҳли мумтанеъ навишта шудааст. Ҷумла ва ифодаву иборае дар он вуҷуд надорад, ки дарк ва фаҳми он ниёз ба андешаву тааммул дошта бошад. Ҳама фаслҳои асар бо риояти осонбаёнӣ ва тарзи ифодаи ошкору ғайримутакаллиф дарҷ ёфтаанд, асари такаллуфу мармузгӯйӣ дар саропои асар ба назар намерасад.

Хусусияти аслии сабкӣ ва ба худ хосси “Даҳфасл” дар шакли луғатнигории он инъикос мегардад, чун ҳама фаслҳои он бо шеваи пардози кутуби луғат ва фарҳангномаҳо матраҳ гардидаанд. Х. Мирзозода ҳам дар нигоҳ ба ҳамин услуби нигориш онро “намуди аҷиби наср” гуфтааст [8, с.212]. Худи Убайд ҳам дар муқаддимаи мухтасари худ пас аз санои Худо суханро якбора бо нутқ иртибот дода мегӯяд: “Шукру саной ҳазрати Холиқро ҷалла зикруҳу, ки навъи инсонро неъмати нутқ дода ва салавоти томот нисори равзаи соҳибдавлате, ки забон ба калимаи ано афсаҳ баркушод. Баъда золика, бар ройи арбобулбоб мубарҳан ва равшан аст, ки аҳли истеъдодро аз қисми адабиёт ва луғот чора нест. Ҳарчанд фуҳули салаф дар ин боб кутуб пардохтаанд, ҳолиё аз баҳри иршоди фарзандон ва азизон ин мухтасар, ки мавсум аст ба “Даҳфасл”- и Убайд, ба таҳрир расонид. Умед, ки мубтадӣ аз ҳифзи ин савод ҳаззи вофир ёбад” [3, с.232].

Хусусияти дигари “Даҳфасл” иборат аз он аст, ки дар нусхаҳои қадими он фаслҳои он мавсум бар номҳои махсус нестанд, ҳамин тавр шумораи фасл дар онҳо дарҷ ёфтаасту бас. Аммо, ҳарчанд дар ягон нусхаи қадими “Даҳфасл”, ҳатто, қадимтарин нусхаи таҳти рақами шартии №555 / 13- и Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон фаслҳои он бо исми алоҳидае унвонгузорӣ нагаштаанд, адабиётшинос М. Бақоев вобаста ба мундариҷа ҳар як фаслро ба тариқи зайл унвонгузорӣ кардааст, ки қобили таваҷҷуҳ аст:

“1. Дар дунё ва мофиҳо
2. Дар туркон ва асҳоби эшон
3. Дар қозӣ ва мутааллиқоти он
4. Дар машоих ва моятааллиқ
5. Дар хоҷагон ва одоти эшон
6. Дар арбоби пеша ва асҳоби муносиб
7. Дар шароб ва мутааллиқоти он
8. Дар банг ва лавоҳиқи он
9. Дар кадхудоӣ ва мулҳақоти он
10. Дар ҳақиқати мардону занон” [1, с.88-89].

Дар мунтахабе ҳам, ки аз ҷониби Музаффар Холов таҳия карда шудааст, ҳамин унвонҳо истифода гардидаанд. Чунонки аз шеваи пардози сарлавҳаҳо дида мешавад, унвонгузории М. Бақоев аз ягон нусхаи “Даҳфасл” сурат пазируфтааст, вале он кадомин нусха аст, маълум нест. Бо эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки унвонҳои ҳар фасли “Даҳфасл” баъдтар аз ҷониби нусхабардорону котибон гузошта шудаанд ва ба Убайд марбут нестанд. Зеро, агарчи унвони ҳар фасл бо ибтидои мундариҷаи ҳар кадоме аз онҳо мувофиқат мекунад, бо аксари онҳо ба пуррагӣ тавофуқ надорад. Ҷаро ки мундариҷаи аксари фаслҳо ҷуз аз унвони онҳо ба мавзӯоти дигари ҷузъӣ низ дахл менамояд.

Чунонки зикр гардид, рисолаи “Даҳфасл” фарогири 10 фасли алоҳида буда, он ҳам аз ҷиҳати муҳтаво, яъне фарогирии мавзӯъ ва мундариҷа, ҳам аз ҳайси киноёт бар нӯкоти ахлоқиву иҷтимоӣ ва ҳам аз нигоҳи тарзи баён, эҷоди маониву мазомин ва вожаҳои нав дорои аҳаммияти вижа аст. Аҳаммияти забонӣ-терминологии рисолаи мазкурро Х. Мирзозода ҳанӯз соли 1939 дар як мақолае, ки роҷеъ ба Убайди Зоконӣ дар рӯзномаи “Газетаи муаллимон” навишта буд, қайд намудааст [7, с.4].

Хусусияти аввалдараҷа ва чашмраси сабкиву услубии “Даҳфасл”, чунонки дар фавқ зикр шуд, дар ҳамин намуди аҷиби насри он, ки ҷумлаҳову иборот ва вожаҳо дар он луғатгуна, чун амсилаи фарҳангномаҳо матраҳ гардидаанд, бозтоб меёбад. Муаллиф аввал мавсуф ё сифатшавандаро меорад, баъдан сифат ва нишони онро. Мавсуф бештар дар шакли як калима истифода мешавад. Масалан:

“Ал-карим – он ки дар ҷоҳу моли мардум тамаъ накунад.

Ал–ҷоҳил – давлатёр.

Ал-адл – он ки ҳаргиз рост нагӯяд.

Аш-шароб – мояи ошӯб” [3, с.232-233].

Вижагии дигари асар иборат аз он аст, ки гоҳе Убайд дар асараш аввал сифат ва баъдан мавсуфро меоварад:

“Ал-ҷоҳил – давлатёр.

Ал-хасис – молдор.

Ал-мафлук – фақеҳ.

Ал-фориғ – маст.

Ал-озод – сархуш.

Ал-оҷиз – махмур” [3, с.232-234].

Дар ҷузъи мавсуф бештар ашхосу риҷол оварда мешаванд, вале онҳо ба таври умумӣ, на мушаххас, матраҳ гардидаанд. Ин мавсуфот нишондиҳандаи кору касб ва ҳирфаву табақоти гуногуни иҷтимоиянд, монанди: донишманд, дарвеш, молдор, толибилм, мударрис, муаллим, олим, шоир, бозорӣ, аттор, сарроф, баззоз ва ғ. Вале, чун мақсуди Убайд аз таълифи ин асараш интиқод аз ахлоқу равиши зиндагонии ҷомеаи даврони худ аст ва дар раъси ин ҷомеа, бегумон, мутанаффизони он монанди қозӣ, ноиби қозӣ, асҳоб ва хешони қозӣ, вакил, мири адл, хатиб, воиз, шайх, атбои шайх, сӯфӣ, хоҷагон ва акобир, имом, вакилулмамолик то ба хавотин ва бегиҳои аъёну ашроф қарор доранд, намояндагони табақаи ашроф ё синфи болоии ҷамъияти даврони муаллиф дар маркази тасвири Убайд воқеъ мебошанд. Нигоҳи Убайд дар тасвири симоҳо ё риҷоли асараш агарчи дар аксари маворид яксон менамояд, аммо он ҷо ки табақоти болоро мавриди шарҳу тасвир қарор медиҳад, суханаш огандаи тамасхуру нешханд ва баёни воқеии сифати онҳо мегардад ва як навъ ҳақорати ошкорро инъикос менамояд. Р. Раҷабов аз ҳамин ҷиҳат “Даҳфасл”- ро яке аз воқеитарин осори Убайд эътироф намудааст [9, с.35]. Масалан, дар мисолҳои зер ин гуфтаҳо ба назар мерасанд:

“Ал-қозӣ – он ки ҳама кас ӯро нафрин кунанд.

Ал-адл – он ки ҳаргиз рост нагӯяд.

Ал-воиз – он ки бигӯяд ва накунад.

Аш-шайх – иблис.

Ал-имом – намозфурӯш.

Ас-сӯфӣ – муфтхор.

Ал-мафлук – фақеҳ.

Ал-муширф – дузд.

Ал-муҳтасиб – дӯзахӣ.

Ал-вакил – он ки ҳақро ботил гардонад.

Ал-хатиб - хар” [3, с.232-234].

Ин назари мутанаффирона ва таҳқиромези Убайд нисбат ба табақаи болои ҷомеааш, ҳамчунон, нисбат ба наздикон, хешу таборон ва, ҳатто, занони онҳо низ ҳавола мешавад:

“Ал-хотун – он ки маъшуқи бисёр дорад.

Ал-кадбону – он ки андак дорад.

Ал-мастура – он ки ба яке қонеъ бошад.

Ал-бегӣ – он ки аз мубошират сер нашавад” [3, с.235237].

Дар нигоҳ ба авзои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар даврони зиндагонии Убайд, ки бар асари зулму тааддӣ ва тарзи ҳаёти муғулон фазои ҷомеаро саросар фаҳшу бадахлоқӣ фаро гирифта буд ва ин ҳолат бештар дар байни табақоти аъёну ашроф шоеъ гашта буд, метавон натиҷа гирифт, ки хотун

ва кадбонуе, ки Убайд аз онон сухан мегӯяд, ба табақоти болои ҷомеаи вай нигаронида шудааст ва шояд кинояте бар оини зиндагонии занони дараҷаи аввали дарборҳои Элхонон ва Музаффариёну Ҷалоириён бошад. Чунонки дар сарчашмаҳо, аз ҷумла дар "Сафарнома"- и Ибни Батута дар хусуси Бағдодхотун ва Дилшодхотун ва дигар занону духтарони умаро омадааст, дар дарборҳои мазкур ахлоқи қисмате аз занони соҳибнуфуз боиси интишори фаҳошӣ мешудааст [6, с.249].

Хусусияти дигари мундариҷавии "Даҳфасл" иборат аз он аст, ки дар малоки арзишгузории Убайд ҳама ашё ва мафҳумҳо ва, ҳатто, он касоне, ки бо табақаи аъёну ашроф, хусусан, табақаи воломақоми рӯҳонии муфтхӯру рибохор ва тамаъкору тамаллуққори ҷомеааш иртибот доранд, баҳои манфӣ мегиранд. Ин арзишгузориро метавон дар мисоли шахси фақеҳ, ки ҳам намояндаи аъёну ашроф ва ҳам рӯҳониёни воломақом аст, муайян намуд. Убайд аз сари бадбиние, ки ба шахси фақеҳ ба ҳайси як дастандаркори ҳаромхор дорад, ҳама тааллуқоти ӯро ҳам ба зери тозиёнаи танқиду масхара мегирад:

Ал-мафлук – фақеҳ.

Зарфи ҳирмон – давоти ӯ.

Ал-максур – қалами ӯ.

Ал-марҳун – китоби ӯ.

Ал-мубтар – аҷзои ӯ.

Ал-чиркин – ҷузвдони ӯ.

Ум-ун-навм – мутолиаи ӯ [3, с.232].

Дар арзишгузории намояндаи дигари воломақоми рӯҳоният – шайх ҳам Убайд ба нақду тамасхури танҳо шахси ӯ қаноат накарда, ҳама он чи ва ҳама он киро, ки ба вай тааллуқ доранд, ба тозиёнаи танқиду таҳқир мегирад:

Аш-шайх – иблис.

Ат-талбис – калимоти ӯ, ки дар боби дунё гӯяд.

Ал-васваса – он чи дар боби охират гӯяд.

Ал-муҳмалот – калимоте, ки дар маърифат ронад.

Ал-ҳазён – хоб ва воқиаи ӯ.

Аш-шаётин – атбои ӯ [3, с.233-234].

Аммо, он ҷо ки Убайд сухан аз табақоти пойин мегӯяд, агарчи дар пардаи сахтгӯйӣ иҷро мешавад, як навъ ҳусни таваҷҷуҳ ва дилҷӯйӣ дар онҳо эҳсос мегардад ва хонанда дарк менамояд, ки сахтгӯйии муаллиф дар ин маврид аз нуқтаи назари нафрату бадбинӣ сурат напазируфта, дар худ навъе аз афсӯсу дареғро нуҳуфтааст:

"Ад-донишманд – он ки ақли маош надорад.

Ан-номурод – толибилм.

Ал-мударрис – бузурги эшон.

Ал-муаллим – аҳмақ.

Ар-риш – дастовези мутафаккирон" [3, с.232-233].

"Даҳфасл" аз ҳайси баён бисёр содаву равон буда, шабеҳи дигар осори Убайд мебошад. Яке аз вижагиҳои услубии асари мазкур дар он инъикос мегардад, ки дар он такаллуфу суханпардозӣ тамоман ба чашм намерасад, гуфтори муаллиф ҳама бепардаву ошкор аст. Аммо, чун тарзи нигориши Убайд бар таърифу шарҳи мунтақидонаи сифот, хисол ва ахлоқи риҷоли ҷомеаи давронаш нигаронида шудааст, гоҳ-гоҳ танзу киноя низ дар он эҳсос мегардад. Агарчи маълум аст, ки интиқодоти Убайд дар аксари маворид дар пардаи ришханду тамасхур ва суханони нешдор сурат мепазирад, вале, бояд қайд кард, ки миёни ҷамеи осори насрии Убайд нақши танзу киноя дар "Даҳфасл"- и вай бисёр камтар аст, чун вай дар нишон додани ахлоқи ашхос бештар бар ошкоргӯйиву бепардагӯйӣ кӯшидааст. Ба дигар маънӣ, интиқодоти Убайд дар ин асараш, аслан, ошкору бепарда матраҳ гардидаанд. Он ҷо ки Убайд дар ин бобат истифодате аз танзу киноя кардааст, он бештар тавассути дигар васоити тасвир, амсоли ташбеҳ, муболиға, ташхис ва ғ. сурат пазируфтааст. Масалан, ба воситаи ташбеҳ:

"Байтуннор – доруссафо.

Ал-каззоб – мунаҷҷим.

Ал-фориғ – маст.

Ал-озод – сархуш.

Малакулмавт – соқии бериш" [3, с.232-234].

Ба василаи ташхис:

Ар-ришва – корсози бечорагон.

Ал-барот – коғазпораи бефоида, ки мардумро ташвиш диҳад.

Агарчи танзу киноя низ гоҳе дар “Даҳфасл” истифода гардидаанд, теъдоди онҳо басо каманд. Танзу киноёти Убайд дар ин маврид басо марғубу таъсирбахшанд. Масалан:

“Ал-одамӣ – он ки некхоҳи мардум бошад.

Доруттаътил – мадраса.

Яъҷуҷу маъҷуҷ – фавҷе туркон, ки ба вилояте мутаваҷҷеҳ шаванд.

Ат-толон – санъати эшон.

Ат-талбис – калимоти ӯ (шайх), ки дар боби дунё гӯяд.

Ал-чиркин – ҷузвдони ӯ (яъне: фақеҳ).

Ал-биҳишт – он чи набинанд” [3, с.232].

Одамӣ худ бояд некхоҳи мардумон бошад. Киноят дар ин ҷумла он аст, ки Убайд ба таври муканно гуфтан мехоҳад, ки дар даврони вай одамие, ки дар фикри некӣ бошад, нодир аст. Дар ҷумлаи дувум кинояти доруттаътил он аст, ки Убайд мадрасаҳои замони худро орӣ аз мударрисон ва толибилмони содиқ медонад, яъне касеро парвои илму дониш нест ва мадорис ҳама холиянд. Яъҷуҷу маъҷуҷ киноят аз зиёдии зулм ва балои бар сари мардум омада аст. Дар ҷумлаи бо истифода аз вожаи санъат киноят бар фарҳанги тороҷгарии туркони даврони худ мекунад. Талбис киноят аз макру найранг ва мардуми гумроҳро ба доми худ гирифтор кардани шайх аст. Дар ҷумлаи охир чиркин танз аз ҳаромхории фақеҳон аст, ки ҷузвдони худро, ки ҷойгоҳи китоб аст, бо моли ҳаром олудаанд. Надидани биҳишт киноя аз маноҳиву фаҳошӣ ва гуноҳи зиёди ҷомеаи даврони Убайд аст, ки ба туфайли онҳо роҳи биҳиштро ба сӯйи худ бастаанд.

Яке аз вижагиҳои назарраси “Даҳфасл” дар истифода аз вожаҳо, дақиқтар: бакоргирии вожагони форсӣ-тоҷикӣ тавассути артикли арабии *ал* мебошад. Убайд вожагони зиёди тоҷикии амсоли бадбахт, баднафс, банг, биҳишт, бозор, газоф, гург, донишманд, душман, зӯр, мард, нашнос, номурод (вожаи сохтаи тоҷикишуда), озод, рӯбоҳ, сифаҳсолор, танбал, хешованд, хирс, хӯк, чаман, чиркин, шағолро тавассути артикли мазкур истифода намудааст. Масалан:

Ал-бадбахт – ҷавоне, ки зани пир дорад.

Ал-баднафс... – он ки дар канораи шатранҷ ҳарифонро таълим диҳад.

Ал-банг – он чи сӯфиёнро дар ваҷд орад.

Ал-биҳишт – он чи набинанд.

Ал-бозорӣ – он ки аз Худо натарсад.

Ал-газоф... – сухани эшон (яъне: хоҷагон).

Ад-донишманд – он ки ақли маош надорад.

Ад-душмани ком – омили маъзул.

Ал-мард – он ки сухан ба зиён гӯяд.

Ан-номурод – толиби илм.

Ал-озод – сархуш.

Ар-рӯбоҳ – мавлоношакле, ки мулозими умаро ва хавонин бошад.

Ас-сифаҳсолор – дузд ва хунӣ.

Ат-танбал – куштигир.

Ал-хешованд – душмани ҷон.

Ал-чиркин – ҷузвдони ӯ (яъне: фақеҳ) ... [3, с.232-237].

Бо бакоргирии вожагони тоҷикӣ бо артикли арабии –ал агар, аз як сӯ, Убайд илму адаб ва ахлоқи замони худро ба фитроки масхараву истеҳзо бикашад, аз сӯйи дигар, васлаи мазкури арабиро ба ҳайси воситаи киноят ва танз низ истифода менамояд.

Ҷуз аз хусусиятҳои фавқ “Даҳфасл”, ҳамчунин, вижагиҳои дигарро низ доро мебошад, ки ҳам ба шакл, ҳам ба мавзӯъ ва мундариҷа ва ҳам ба сабку услуби он иртибот доранд, аммо таҳқиқи онҳо берун аз зарфияти ин мақола аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бақоев М. Убайди Зоконӣ / М. Бақоев // Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми дуюм; муҳаррири масъул: Расул Ҳодизода. - Душанбе: Дониш, 1983. - 229 с.
2. Зоконӣ, Убайд. Девон / Убайди Зоконӣ. Дастхат. Дар асри XX дар дафтар ба хатти настаълиқ китобат шудааст. - № 1063. - Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 1937. - 270 с.
3. Зоконӣ, Убайд. Девон / Убайди Зоконӣ. Дастхат. Мутааллиқ ба асри XIV. - №555 / 13. - Душанбе: Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 707 ҳ. / 1308 милодӣ. - 310 с.
4. Зоконӣ, Убайд. Мунтахаби осор / Убайди Зоконӣ; мураттиб: Музаффар Холов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. - 271 с.
5. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев: зери назари Асғари Ҷонфидо ва Аълохон Афсаҳзод. - Душанбе: Дониш, 1991. - 212 с. (бо хатти форсӣ).

6. Ибни Батута, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. Сафарнома (“Раҳла”- и Ибни Батута) / Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Батута; тарҷумаи Муҳаммад Алии Муваққид. - Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1359. - Ҷ.2. - Аз саҳ. 451 то 879.
7. Мирзозода, Холиқ. Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ / Холиқ Мирзозода // Газетаи муаллимон.- Органи КХМ ва Союзи коркунони мактабҳои ибтидоӣ – миёна ва Союзи марказии коркунони мактабҳои олӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ, коркунони равшаннамоӣ – политикии РСС Тоҷикистон. - №36 (597), 12-уми августи 1939. - С. 3-4.
8. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Мирзозода. - Китоби 2 (асрҳои XIII-XV). - Душанбе: Маориф, 1977. - 394 с.
9. Раджабов Муса. Мировоззрение Убайда Зокони / Муса Раджабов. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1958. - 113 с.
10. Сабо, Мавлавӣ Муҳаммад Музаффар Ҳусайн. Рӯзи рӯшан / Муҳаммад Сабо Мавлавӣ Музаффар Ҳусайн; ба тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Ҳусайн Рукнзодаи Одамият. - Теҳрон: Интишороти “Китобхонаи Розӣ”, 1343. - 976 с.

ХУСУСИЯТҲОИ САБКИВУ УСЛУБИИ РИСОЛАИ “ДАҲФАСЛ”- И УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки рисолаи “Даҳфасл” яке аз асарҳои хурдҳаҷм, аммо маъруфи Убайди Зоконӣ ба ҳисоб меравад. Ин асар на танҳо дар эҷодиёти адиби мазкур, балки тамоми таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҷиҳати иҷоз ва сабки махсуси худ яке аз ганҷинаҳои пурқимати сухани мансури форсӣ ба ҳисоб меравад. Рисолаи “Даҳфасл” дар қиёс бо дигар асарҳои насрии Убайди Зоконӣ - “Рисолаи ахлоқ” ё “Ахлоқ-ул-ашроф”, “Рисолаи риш” ё “Ришнома”, рисолаи “Даҳфасл”, “Панднома” ё “Садпанд” ва “Рисолаи дилкушо” аз ҷиҳати ҳаҷм хурдтарин ба ҳисоб рафта, чопи форсии он 6 сафҳа ва кириллӣ-тоҷикии он 9 сафҳаро дар бар мегирад. Аммо,- зикр менамояд муаллиф,- бо вуҷуди ҳаҷми ками худ рисолаи “Даҳфасл” чи аз ҳайси нигориш, чи аз ҳайси забону лаҳни гуфтор ва чи аз ҷиҳати офариниши вожаҳову истилоҳот дар таърихи забону адаби форсӣ-тоҷикӣ камназир аст. Аз ҷиҳати тарзи ифодаи муҷаз ё кӯтоҳбаёнӣ “Даҳфасл” дар таърихи адабиёти классикӣ аввалин асарест, ки бо чунин баёни ихтисориву кӯтоҳи махсус - бо услуби луғатнигорӣ ва ё муаррифиномаи мафҳумҳову шахсиятҳо ва ашё эҷод гардидааст, зеро дар нигоҳ бар собиқаи насрпардозии то даврони ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Убайд чунин асаре бо чунин сабку услуб ба вуҷуд наёмадааст. Тибқи ақидаи муаллифи мақола, “Даҳфасл”- ро метавон муаррифиномаи ашхос ва мафҳумҳову ашёи гуногуни алоқаманди онҳо эътироф намуд. Бинобар ин хусусияташ, аксари ҷумлаҳо дар он бе истифода аз феъл матраҳ гардида, хабари он тавассути ҳиссаҳои номӣ созмон пазируфтааст. Ин равиш китобҳои луғат ё услуби фарҳангнигориро ба ёд меоварад. Як вижагии назаррасии “Даҳфасл” дар он ҷилвагар мегардад, ки вожаҳову истилоҳот ва ибораҳое, ки дар ин асар мавриди шарҳу маънидоди муаллифи он қарор гирифтаанд, ҳамагӣ иртиботи қавӣ бо авзои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии худи муаллифи асар доранд. Бо таваҷҷуҳи жарф бар мазомин ва маонии асар хонандаи закитабъ дарк менамояд, ки ҳар шарҳу тавзеҳи вожаҳо киноятe аз фазои ахлоқиву иҷтимоии даврони худи муаллиф ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, “Даҳфасл”, иҷтимоӣ, киноя, танз, масхара, танқид, ахлоқ, авзои ахлоқиву иҷтимоӣ, иҷозу кӯтоҳбаёнӣ, ошкоргӯйӣ.

СТЛИСТИЧЕСКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ “ДАХФАСЛ” (ДЕСЯТЬ ЧАСТЕЙ) УБАЙДА ЗОКОНИ

Автор отмечает, что трактат “Дахфасл” не только в творчестве Убайда Зокони, но и во всей истории персидско-таджикской классической литературы своей лаконичностью и особым стилем выражения является жемчужиной персидской прозаической словестности. “Дахфасл”, по сравнению с другими прозаическими произведениями Убайда, такими как “Рисолаи ахлок” (“Трактат нравственности”), “Рисолаи риш” (“Трактат бороды”), “Панднома” (“Книга нравоучений”) или “Садпанд” (“Сто назиданий”) и “Рисолаи дилкушо” (“Увеселительный трактат”) является самым малообъемным трактатом, его персидское издание не превышает шести страниц, а кириллическо-таджикское – девяти. Но, как отмечает автор, несмотря на малый объем, “Дахфасл”, с точки зрения изложения, языка и стиля, новых и особых слов и терминов в истории персидского языка и литературы не имеет себе равных. Своей лаконичностью “Дахфасл” является первым классическим художественным произведением, где использован особый стиль, присущий только книгам словарей. Так как все вещи и понятия в нем изложены подобно словарным книгам и при их толковании автором использован особый метод, который применяется только в словарных произведениях. Ввиду этой особенности, “Дахфасл”, можно сказать, что такого рода произведения до Убайда и его творческой деятельности не встречались в персидской литературе. По словам автора статьи, “Дахфасл” можно признать социальным представлением лиц общества Убайда и аннотацией вещей и понятий, относящихся к этим лицам. С этими особенностями большинство предложений в нем изложены без глаголов и сказуемое в нем выражено именными частями, и этот метод присущ лишь книгам словарей и напоминает только подобные книги. Значительная особенность “Дахфасл” выражается в том, что все слова и термины, подвергнутые толкованиям его автора, имеют тесную связь с социальными и нравственными положениями его эпохи. Глубоким проникновением в содержание и смысл произведения проницательный читатель выясняет, что в каждом толковании автор намекает на нравственную и социальную атмосферу, господствующую в его время.

Ключевые слова: Убайд Зокони, “Дахфасл”, социальный, намек, аллегория, насмешка, критика, нравственность, социально-нравственное положение, лаконичность и сокращение, откровенность.

STLISTIC AND METHODOLOGICAL FEATURES OF "DAHFASL" (TEN PARTS) OF UBAYDA ZONON

The author notes that the treatise "Dakhfasl" not only in the works of Ubayd Zokoni, but in the entire history of Persian-Tajik classical literature, with its laconicism and special style of expression, is the pearl of Persian prosaic literature. Dahfasl, compared to other prose works of Ubayd such as Risolai Ahlok (Treatise on Morality), Risolai Rish (Treatise of the Beard), Pandnoma (Book of Moralities) or Sadpand (“One hundred edification”) and “Risolai Dilkusho” (“Pleasure Treatise”) is the smallest treatise, its Persian edition does not exceed six pages, and the Cyrillic-Tajik edition - nine. But, as the author notes, despite the small volume, "Dahfasl", in terms of presentation, language and style, new and special words and terms in the

history of the Persian language and literature has no equal. With its laconicism, Dakhfasl is the first classic work of fiction, which uses a special style inherent only in dictionary books. Since all things and concepts in it are stated like dictionary books and when interpreting them, the author used a special method that is used only in dictionary works. In view of this peculiarity, "Dahfasl", it can be said that such works before Ubayd and his creative activity were not found in Persian literature. According to the author of the article, “Dakhfasl” can be recognized as a social representation of the people of the Ubaidah society and an annotation of things and concepts related to these people. With these features, most of the sentences in it are stated without verbs and the predicate in it is expressed in nominal parts, and this method is inherent only in dictionary books and resembles only similar books. A significant feature of "Dakhfasl" is expressed in the fact that all words and terms interpreted by its author have a close connection with the social and moral provisions of his era. With a deep penetration into the content and meaning of the work, the discerning reader finds out that in each interpretation the author alludes to the moral and social atmosphere prevailing in his time.

Key words: Ubaid Zokoni, “Dakhfasl”, social, allusion, allegory, ridicule, criticism, morality, social and moral status, brevity and contraction, frankness.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаффоров Шоҳрух*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Сведения об авторе: ***Гаффоров Шохрух*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикскому языку и литературе. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-77-55-40**

Information about the author: ***Gafforov Shohrukh*** - Tajik National University, Ph.D. in Philology, associate professor of the Tajik language department and methods of teaching the Tajik language and literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 904-77-55-40**

УДК: 82.06 (821.21)

МАСЪАЛАИ ПАЙДОИШИ ҲИКОЯИ ҶАДИД ДАР АДАБИЁТИ УРДУ

Ҷӯраева З.Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Жанри ҳикоя дар адабиёти урду таърихи беш аз садсоларо дорост. Тайи ин муддат ҳикоя якчанд давраҳоро аз сар гузаронидааст: давраи романтизм, давраи адабиёти тараққипарвар, давраи модернизм ва давраи ҳозира. Нависандагоне низ ҳастанд, ки аввал дар зери таъсири романтизм буданду баъдан ба таълифи осори реалистӣ пардохтанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки нимаи аввали садаи ХХ дар таърихи адабиёти урду давраи беҳтарини густариш ва нумуи ҳамаҷонибаи он ба шумор меравад, ки шаҳодати он мероси гаронбаҳои адабии ин давра ба ҳисоб меравад. Мероси адабии ин давр тақрибан ҳама ҷабҳаҳову тарафҳои каломи бадеъро фаро гирифтааст. Ва ҷолиби назар он низ ҳаст, ки майдони фарохи зандагӣ бо воқеияту ҳақиқати он мавриди таваҷҷуҳи нависандагону шоирон ва умуман суханварон гардид. Ба маънии дигар адибон ба қолабшиканӣ ва озодбаёнӣ пардохта дар ин ҷода имконоти зиёдеро ба даст оварданд, ки ба ҳамқаламони пешин чунин имконот вуҷуд надошт.

Маҳз дар ҳамин солҳо жанри хурди адабӣ барои ташреҳи афкори адибон ба сурати фавриву ҳадафӣ вазифаи майдони асосии набардро иҷро мекард. Адибон ба ин жанр бештар рӯ оварда, мекӯшиданд ҳар чи зудтар афкори хешро ба хонандаи сершумори хеш бирасонанд. Бо ин роҳ адибон ба он муваффақ гаштанд, ки баёни фикрро осону равшан ироа фармоянд ва ба қаҳрамонҳояшон имконоти бештари амалро фароҳам оваранд. Ҳамин имконоти зиёд ба ифодаи хаёлу афкори адибон роҳи фароху дастрасеро мекушод, ки ҳаммаслакони онҳо қаблан аз он маҳрум буданд.

Ҳикоя маҳз дар давраи Премчанд ҳамчун жанри тозаву воқеӣ ва ҷузъи ҷудонашавандаи адабиёти урду табдил ёфт. Адибон Ғулом Аббос, Раҷендра Сингҳ Бедӣ, Саодат Ҳасан Манто, Исмат Чиғатоӣ ва дигарон ҳикояро ба маҷрои мустаҳкаму доимӣ равона карданд. Насли дигари ҳикоянигорони урду Қурратулъайн Ҳайдар, Қозӣ Абдулсаттор, Ҷогендар Пал, Зоҳида Ҳино, Саид Муҳаммад Ашраф, Салом Бинни Раззоқ ва чанде дигар ба шумор мераванд.

Ин ҷо метавон адибони ҳикоянигори интиҳои асри XIX ва ХХ –ро ба тариқи зайл ном бурд: Муншӣ Премчанд, Саҷҷод Ҳайдар Ялдарам, Рашид Хайрӣ, Саодат Ҳасан Манто, Алӣ Аббос Ҳусайнӣ, Ҳаётуллоҳ Ансорӣ, Кришан Чандар, Раҷендра Сингҳ Бедӣ, Исмат Чиғатоӣ, Упендранатҳ Ашк, Мумтоз Муфтӣ, Балвант Сингҳ, Аҳмад Надим Қосимӣ, Ғулом Аббос,

Шавкат Сиддиқӣ, Қудратуллоҳ Шаҳоб, Ашфақ Аҳмад, Хоҷа Аҳмад Аббос, Ҷогендар Пал, Абдул Ҳамид, Хадича Мастур ва даҳҳо дигар нависандагони ҷавон.

Аз нуқтаи назари таърихи адабиёти урду оғози ҳикояи урду ба тулӯъи офтоби асри бистум рост меояд. Ва ин ҳам дуруст аст, ки ҳикоянигории урду бештар дар ду мактаби маъруфи адабиёти урду - мактаби Деҳлӣ ва мактаби Лакҳнав ривоҷу равнақ ёфтааст. Ва оғози ҳикояро С. Ҷовид «ба мактаби Деҳлӣ» нисбат медиҳад.

Ҳарчанд ки тақрибан дар даҳсолаи охири асри XIX, яъне каме баъдтар аз Ҳайдарбахш адибони мактабҳои адабии Деҳлӣ ва Лакҳнав Пярелал Ошӯб, Сер Саид, Муҳаммад Ҳусейн Озод, Файзулҳасан, Абдулҳалим Шарор, Шивбарат Лал Дармон ва Хоҷа Ҳасан Низомӣ ба ҳикоянависӣ пардохта буданд. Хоҷа Ҳасан Низомӣ дар мақолаи худ «Ман барои чӣ ҳикоя менависам», ки дар маҷмӯаи «Найранги хаёл» ба табъ расидааст, роҷеъ ба таълифи ҳикояҳояш чунин овардааст: «Соли 1892 бори нахуст дар ман шавқи навиштани ҳикоя бедор шуд. Новеллаҳои Мавлоно Шарор ва Мавлоно Муҳаммад Ҳасан Озодро мутолиа намуда, бе кумак ва шогирдии касе, бе ислоҳи устоде навиштанро оғоз кардам. Ҳикоянависиро ман аз хонадони шоҳӣ ва аз қиссаҳои ҳақиқии дар Қалъаи Сурх рухдода сар кардам ва ин қиссаҳои хурд-хурд таҳти унвони «Шоҳзода», «Маликаву дарбор», «Баҳодуршоҳ» ва ғайраро дар рӯзномаҳо ба нашр расиданд. Роҷеъ ба навиштаҳоям тақризҳои хуб ҳам гирифтам. То ин дам ман ҳеҷ як қонуну қоидаи ҳикоянависиро ҳатто нашунида будам. Ҳарчи мушоҳида мекардам ва нақлҳои шунидаамро ба рӯйи қоғаз меовардам ва ба рӯзномаву маҷаллаҳо мефиристодам».

Мувофиқи таҳқиқҳои навин аз ҷониби адабиётшиносони урду аввалин ҳикояи ба нашррасидаи урду ҳикояи «Носир ва Хадича» -и Мавлоно Рашид Хайрӣ дониста шудааст, ки С. Ҷовид низ ҳамин ақидаро дастгирӣ мекунад. Ин ҳикоя дар маҷаллаи моҳвораи «Махзан» моҳи декабри соли 1903 дар Лоҳур ба табъ расидааст. Нависанда Маншаъ Ёд дар яке аз мусоҳибаҳои телевизионӣ ёдрас намудааст, ки «Шумо медонед, ки баъд аз достон ба адабиёти урду ҳикоя ворид гашт, ҳарчанд ки дар адабиёти мо то ин дам ҳикояи хурд ҷой дошт. То имрӯз Премчанд аз аввалин ҳикоянигорони бузург ба ҳисоб меравад. Ҷойи шак нест, ки Премчанд ҳикоянигори бузург аст, вале ҳикоянигори бузург дар набудани замина пайдо шуда наметавонад».

Адабиётшиносон ва мунаққидони адабиёти урду Рашид Хайриро аввалин ҳикоянигори урду медонанд. Соли 1965 дар Донишгоҳи Панҷоб як мақолае ба арзи аҳли адаб расид, ки дар он ҳикояи «Носир ва Хадича» -и Рашид Хайриро нахустин ҳикояи адабиёти урду ҳисобидаанд». Ин ҳикоя ба намуди як номае аз ҷониби хоҳар ба бародараш рӯйи қоғаз оварда шудааст. Хоҳар бо сӯзу гудоз ба бародараш доир ба марги хоҳари дигарашон ва вазъи ногувору вазнини бачаҳои ӯ нақл мекунад. Дар баробари ин, аз бародараш хоҳиш менамояд, ки ин кӯдакони бепарастормондаро ба зери назорати худ гирад. Ҳикоя бо лаҳни тозае ва сабки нигориши аҷоибе таълиф гаштааст. Тамоми ҷараёни ҳодисаву воқеот дар атрофии хоҳари аз дунё рафта ва аҳволи фарзандони ӯ ва умуман, вазъи ногувори иҷтимоиёти замона сурат мегирад.

Дар ҳамин мусоҳибаи телевизионӣ муҳаққиқи дигари адабиёти урду Муҳаммад Ҳамид Шоҳид доир ба бароиш ва решаҳои пайдоиши ҳикояи урду чунин нуқтаи назарро иброз медорад: «Ҳикоянигорӣ пештар ҳам дар адабиёти мо ҷой дошт. Вале дар баробари шӯриши соли 1857 дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангиву адабии мо табаддулоти чашмбину ғайримунтазире падид омад. Пас аз барҳамхӯрии сохтори ғуломонаву феодалии сарзамини Ҳинд дар зиндагии мардум шикасту рехти зиёде ба миён омад ва ҳаракатҳои маорифпарваронаву прогрессивӣ кишварро фаро гирифт. Дар мавзӯъ ва сохтори жанри ҳикоя низ тағйирот ба вуҷуд омад. Аммо дар давраи Рашид Хайрӣ ҳикоя ба чорчӯбаи муназзам ва санъати хосса таълиф мешуд. Вай хоҳ Рашид Хайрӣ бошад, хоҳ Султон Ҳайдар Ҷӯш ва хоҳ Премчанд ба таълифи ҳикояҳои ҷаззобу дархӯрди дарду ғами мардуми одӣ пардохтанд». Ин ҳамон замонае буд, ки ҳикоя тақрибан аз талаботи ҳикояи аврупоӣ бо нигаҳдории мансубиятҳои маҳаллӣ, масъалаҳои иҷтимоии хоссаи шарқӣ рӯ ба инкишоф мениҳод.

Албатта, аз ин пештар ду ҳикояи Саҷҷод Ҳайдар Ялдарам бо номҳои «Маро аз дӯстонам раҳо кун» (Маориф, августи 1900) ва «Нахустнатиҷаи нашъа» (Маориф, октябри 1900) манзури ом гашта буданд. Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳикояи «Маро аз дӯстонам раҳо кун» тарҷума аз забони англисӣ буда, ҳикояи дувуми Саҷҷод Ялдарам тарҷумаи ҳикояи машҳури нависандаи адабиёти туркӣ Халил Рашидӣ Бей мебошад.

Дар масъалаи кадом ҳикоя аз аввалин ҳикояҳои интишоргаштаи адабиёти урду мебошад фикри дигаре низ ҳаст. Профессор Қамар Раис хилофи дигар муҳаққиқини адабиёти урду

ҳикояи «Маро аз дӯстонам раҳо кун» -и Саҷҷод Ялдарамро дар ҷойи аввал мегузорад. Доир ба ин масъала Қамар Раис таъйид менамояд: «Ин ҳикоя дар маҷаллаи «Маориф» моҳи августи соли 1900 дар саҳифаҳои 35-43 ба дасти нашр расидааст. Вале на дар саршавӣ ва на дар хотимаи ҳикоя зикри тасдиқи тарҷума ва ё иқтибос овардани ҳикояи мазкур ба чашм намерасад. Дар ҳикоя тасвири муҳити атроф ва сужаи воқеот ба назар мерасад ва тарзи баёни муаллиф низ гувоҳи табъи зотии ӯст» (ҚР, 29).

Ба назари мо ақидаи он ки ҳикояи «Маро аз дӯстонам раҳо кун» -и Саҷҷод Ялдарам тарҷума аз забони англисӣ мебошад, дуруст нест. Зеро тарафдорони ин ақида рӯшан накардаанд, ки ин ҳикоя ба қалами кӣ мутааллиқ аст ва ё дар адабиёти англисӣ ин ҳикоя бо чӣ ном ёдрас мешавад? Яъне барои исботи фикр сарчашмаи боэътимод пешкаш карда нашудааст. Профессор Қамар Раис бошад ҳикояи мазкурро бо зикри саҳифаву услуби нигориш ва забони муаллиф мавриди баррасӣ қарор додааст ва мутмаин таъйд доштааст, ки дар ҳеҷ ҷое ишора ба иқтибос ва ё ба қалами каси дигаре мансуб будани ҳикояи мазкурро дарёфт накардааст. Лиҳозо, мо низ ҷонибдори ақидаи адабиётшинос Қамар Раис буда, ҳикояи «Маро аз дӯстонам раҳо кун» -и Саҷҷод Ялдарамро аз аввалин ҳикояи интишоргаштаи адабиёти урду меҳисобем».

Аҳмад Алӣ: «Дар Ҳиндустон ҳазорон одамоне ҳастанд, ки дар онҳо ба ҷуз аз хӯрдан ва мурдан дигар ҳиссиёте вуҷуд надорад. Онҳо ба дунё меоянд, ба воя мерасанд, дар ҷусутуҷӯи қути лоямут мешаванд, мехӯранду менӯшанд ва аз дунё мераванд. Илова бар ин, онҳо бо дигар буду нобуди дунё коре надоранд. Дар бисоти онҳо бӯйи инсоният дида намешавад. Ба шаҳомату маънои зиндагӣ ҳеҷ кордор нестанд, мисли ғуломеанд, ки ба ғайр аз шабу рӯз заҳмат кашидан ва оқибат мурдан дигар чизеро намедонанд. Аз ҳақиқати зиндагӣ бехабаранд. Онҳоро барои рӯзона кор кардан ва шабона хуфтан офаридаанд. Танҳо ин аст барои онҳо ҳақиқати зиндагӣ. Ва танҳо марг онҳоро аз зиндагӣ наҷот дода метавонад».

Чун шаҳри Деҳлӣ маркази Ҳиндустон буд, дар ин ҷо ҳама сарвару раҳбар, ҳама аҳли зиё, ҳама афкори тоза, ҳама шӯру қиём ва ҳама ахбори дунёи берун аз ҳама пештар дастрас мешуд. Маҳфилҳои адабӣ низ ба нисбати дигар гӯшаҳои кишвар дар ин шаҳр бештар мукаммалтар баргузор мегардиданд. Жанри ҳикоя ҳам дар маҳфилҳои мактаби адабии Деҳлӣ такомул ёфта, ба дигар марказҳои адабии Ҳинд паҳн гаштааст. Ба аввалин ҳикоянигорони адабиёти урду таъсири бевоситаи шӯриши соли 1857 ва ҳаракати Сер Саид намоён ба чашм мерасад. Адибони ин давра побанди назарияи ҳамбастагӣ миёни мазҳаб ва муошират буданд. Тибқи фаҳмишу таҷзияи онҳо ҳар он сухане ва ё рафторе, ки онро мазҳаб рад мекард, он бояд дар муоширати рӯзмарраи инсонҳо ҷой намедошт. Ба ибораи дигар, қонуниятҳои диниву мазҳабӣ асоси мантиқии мероси адабии онҳоро ташкил медод. Ислоҳоте, ки Сер Саид дар соҳаи ақоиди мазҳабӣ ва оқибатҳои он ба мусулмонони Ҳинд пешниҳод кард, ин зумра адибону зиёиёнро аз вартаи ҳалокатовару назариёти шахшуда раҳоӣ бахшид. Дар ҷараёни шикастани занҷирҳои мазҳабии дар шуури мардум сангшуда монеаҳои дохилӣ хеле зиёд буданд. Ҳатто миёни зиёиён низ нафароне буданд, ки ин ҷараёнро ба сиёсатмадорон нисбат дода, алайҳи он истодагарӣ кардан мехостанд.

Табақаи миёнаҳоли мардум бошад бештар тарафдори муошират ва муомила бо англисҳо буданд. Дар баробари муошират ва омӯзиш онҳо тафохури миллӣ ва мероси гаронбаҳои мардуми худро нигоҳ медоштанд. Ва аз ҳамин хотир бузургону донишмандони гузаштаи хешро ёдрас мекарданд. Дар ҳар сурат ба мафкураи аҳли ҷомеа дигаргуниҳои тозае ворид шуд. Натиҷаи ҳамин гуна тағйиротро мо, аллакай, ҷо-ҷо дар ҳикояҳои нависандагони охири асри XIX дида метавонем. Ва дуруст аст, ки давраи аввал барои ҳикоянигорон давраи ковишҳо, ҷустуҷӯи мавзӯъҳо, таҷрибаандӯзӣ ва давраи ташкилии санъати ҳикоянигорӣ буд. Ба ҷойи равияҳо ва усулҳои пешинаи таълифот намудҳо ва шаклҳои дигари офариниш ва мулоҳизаи афкор ба миён омадан гирифт. Ва бинобар ин, ҳикоя ҳар дам дар иртиқои жанрӣ ба пешрафт рӯ ба рӯ мегашт.

Аз достоннигорӣ то таълифи ҳикоя дар такмили жанри ҳикояи урду номи се нафар аз адибонро гирифтан ҷоиз ва зарур аст: Носир Назир Фироқ, Мир Боқӣ Алӣ ва Мир Носир Алӣ. Навиштаҳои адибони номбурда дар нашъунамо ва такомули ҳикояи урду роли хеле калон ва муҳиммеро бозидаанд. Дар нахусттаълифоти Носир Назир Фироқ, Мир Боқир Алӣ ва Мир Носир Алӣ хусусияти баҳамоии жанри достон, ҳикоя, иншонависӣ ва мақоланигорӣ ба назар мерасад. Аз ин сабаб, навиштаҳои онҳо ба жанри ҳикоя хеле қаробат дорад. Дар тарзи таълифи ин адибон санъати нигориши ҳикоя пурра риоя нашуда бошад ҳам, қолаби умумии ҳикоя дида мешавад. Масалан, муҳаққиқи ҳикояи урду Доктор Зилҳумо роҷеъ ба мақоми ҳикояҳои Носир Назир Фироқ менависад, ки «Дар ҳикояҳои Носир Назир Фироқ масъалаҳои зиндагии омиёнаи мардуми Деҳлӣ табақаи миёна ва ё занҳои табақаи болоӣ,

расму русум ва одату тарзи рӯзгорашон ҷой гирифтааст. Вале боз ҳам фазои сеҳрангези ҳикоятҳои қадима ба чашм мерасад» (ДЗ, 85).

Чун ҳикоянигории Носир Фироқ аз аввалин таҷрибаҳои жанри ҳикоя дар адабиёти урду буд, дар он тарзи озоди баёни афкор ироа гаштааст. Дар ҳикояҳои Фироқ унсурҳои жанри достон, қисса, ҳикоя тақрибан баробар мавҷуданд. Бештар навиштаҳои адибро ҷозибаҳои инфиродӣ ва тасвири муҳити ҳамонзамонаи Деҳлӣ фаро гирифтаанд. Бинобар ин, дар ҳикояҳои ӯ инъикоси муҳити атроф ва амали қаҳрамон мавқеи асосӣ доранд. Устухонбандии ягона дида намешавад. Яъне побарҷоии сухан мувофиқи салоҳдиди муаллиф ба роҳ монда шудааст. Дар нигоришоташ адиб танҳо ковишҳо ва таассуроти инфиродии худашро ба сифати аҳдоф истифода кардааст. Қаҳрамонҳои ҳикояҳояш мустақил ва муназзам фаъол нестанд. Дар баробари ин, дар ҳикояҳои нависанда «Офтоб ба Шабнам чӣ гуфт?», «Як дурахши Қалъаи Сурх», «Доду вои занҳо» ва ғайра зебогии забон, ороиши муҳити гузашти воқеот, истифодаи масалу мақолҳои мардумӣ ва чошниҳои рӯзмарра рӯшан ҷилвагар мешавад.

Ҳамзамони Носир Фироқ ҳикоянигори дигар Мир Боқӣ Алӣ мебошад. Мир Боқӣ Алӣ аслан адиби достонгӯи урду ба шумор мерафт. Шуҳрати достонсароии Боқӣ Алӣ дар ҳама марказҳои адабии Ҳиндустон, аз ҷумла, Ҳайдаробод, Файзобод ва Лакҳнав паҳн гашта буд. Дар баробари достоннависӣ Мир Боқӣ Алӣ дар таълифи жанри ҳикоя низ қувва озмудааст. Ин ҷо метавон ҳикояҳои ӯ «Такягоҳи фақир», «Нақшаи сарой дар мавсими борон» -ро ном бурд, ки дар онҳо унсурҳои жанри ҳикоя дар омезиш бо достон мавриди истифодаи адиб қарор гирифтаанд. Дар қиёс аз Носир Фироқ забони ҳикояҳои Мир Боқӣ Алӣ хеле пешрафта ва суфта ба назар меояд, зеро ӯ аз истифодаи масалу мақолҳои зиёд худдорӣ намудааст, ки барои хонанда ҳикояро осонфаҳму рӯшан мегардонад. Ҷиҳати дигари фарқкунанда ва мусбати ҳикояҳои Боқӣ Алӣ он аст, ки нависанда аз суханбозиву суханпардозӣ даст кашида, бештар ба нигориши ҷузъиёти амали қаҳрамонҳояш таваҷҷуҳ кардааст.

Адиби дигаре, ки дар ибтидои пайдоиши ҳикояи урду саҳми бендоза дорад, Рашид Хайрӣ мебошад. Фаъолияти адабии мавсуф аз соли 1898 пас аз таълифи «Манозил-ус-соира» оғоз мегардад. Санъати ҳикоянигории Хайрӣ аз дигар ҳикоянависони ин давр ба куллӣ фарқ мекунад. Аз ин хотир, Рашид Хайрӣ ба қатори адибони мумтози адабиёти урду шомил гаштааст. Дар баробари ҳикоянигорӣ Хайрӣ рӯзоманигори рӯшанхаёле буд.

Доираи мавзӯъ ва майдони нигоришоти Рашид Хайрӣ ба мардуми табақаи поёнӣ мансубият дошта, майлони адибро ба дастгириву пешбурди табақаи мазкур баръало нишон медиҳад. Ба хотири беҳтар ва баландтар бардоштани мавқеи занон ва фаҳмонидани посдории ҳуқуқҳои онҳо дар ҷомеа нависанда кӯшидааст ба воситаи навиштаҳояш камбудиҳо ва нуқсонҳои мавҷудаи зиндагиро ба дигарон дастрас ва гӯшзад намояд. Хайрӣ, ки худ аз табақаи миёнаҳол қадам ба ҳаёт мондааст, аз ҳама норасоиҳо ва нодиданиҳо хабар дошт. Ӯ достони ғам суруда, изҳори ҳамдардиашро ба мардум расониданӣ мешавад ва зикр аз мазҳаб намуда, ба ҳамватанонаш роҳҳои рӯшан ва дархӯрди эшонро барояшон ҳидоят менамуд. Яъне метавон гуфт, ки ҳар таълифе, ки Рашид Хайрӣ ба қориин пешкаш намудааст, дар он зикри ислоҳ ва тадбири накубинона гоҳ ниҳону гоҳ возеҳ ба матраҳ расидааст.

Ҳикояи «Носир ва Хадича» тавре ки дар боло қайд кардем, аввалин ҳикояи нависанда ба ҳисоб меравад. Ҳикоя ба шакли як номае навишта шудааст. Забони ҳикоя ниҳоят равон ва ширин аст ва бештар ба забони урдуи мардуми таҳҷоии Деҳлӣ наздикӣ дорад. Албатта, ин ҳикоя низ аз истифодаи чанд зарбулмасал орӣ нест. Яке аз беҳтарин ҳикояҳои Рашид Хайрӣ «Фасонаи Танвир» мебошад, ки ба маҷмӯаи «Ҷавҳари исмат» шомил гаштааст. Қаҳрамони ҳикоя ба монанди қаҳрамонҳои қиссаҳои қадима духтари хеле соҳибҷамолу дилрабо буд.

Аз навиштаҳои адиб бармеояд, ки ӯ аз баҳсу талошҳои адолат ва кормандони ҳукуматӣ хабар дорад ва барои ифшо кардани камбудиву ноқисиҳои умури адолат аз забони ҳаҷволуди қаҳрамони ҳикояаш эътироз баён мекунад. Нанҳӣ бо лаҳни пурғазаб ва хашмолуд ба вакили адолат боҷуръатона ҷавоб мегардонад ва ҳам суол низ мепурсад. Нависанда дараҷаи дониши муоширатии вакил ва салоҳияти мансуб ба ӯро хеле моҳирона бо пурсиши «Никоҳи шуморо кӣ хонда буд?» пеши назари хонанда рӯшан менамояд. Ҷавоби фавриву бурро ва мутаҳамкунандаи Нанҳӣ ба вакил намояндаи адолатро ба кунҷи адолатхона мепартояд ва вакилро чорае ҷуз ёфтани халосӣ аз ин зан дигар чизе наемонад. Зеро Рашид Хайрӣ ба қаҳрамонаш ҷасорат ва матонату мардонагӣ ато фармудааст, ки то ҳимоятгари хеш аз аҳли риё буда тавонанд.

Хоҷа Ҳасан Низомӣ низ аз зумраи он адибонест, ки дар ривоҷу равнақи ҳикояи урду саҳмгир будааст. Х. Низомӣ зодаи шаҳри Деҳлӣ буда, дар ҳамин ҷо ба воя расида илму маърифат андӯхтааст. Ба навиштан шавқи беандоза дошт ва, аллакай, дар 15-16 солагӣ миёни

аҳли адаб ҳамчун қаламкаши наврас ва болаёқату умедбахш шинохта шуд. Таълифоташро дар шакли китобчаҳои хурд-хурд нашр мекард ва дар бозорҳо гашта онҳоро ба савдо мебурд. Дар ташкил ва интишори маҷаллаҳои «Мунодӣ» ва «Низомулмашоих» ҳисса гузоштааст. Х.Низомӣ қаламкаши моҳире буд. Ӯ, аз ҷумла дар мавзӯъҳои гуногуни адабӣ, таърихӣ, тасаввуфӣ, ахлоқӣ табъозмоӣ намуда муваффақ ҳам гаштааст. Ҳикояҳои асили нависанда кам бошанд ҳам дар онҳо кӯшиши ба низом даровардани қолабҳои ҳикоянигорӣ чашмзан аст. «Ашки занон», «Мусибати англисҳои бечора», «Рӯзномаи Баҳодуршоҳ», «Духтари Баҳодуршоҳ Зафар» аз ҷумлаи беҳтарин ҳикояҳои Хоҷа Носир Низомӣ мебошанд. Ва ҳоло назаре меафканем ба гуфтаҳои Зилҳумо дар бораи «Мусибати англисҳои бечора»: «Ин ҷо калимаи «бечора» бе маънидодкунии иловагӣ матлабу дарди дили муаллифро шарҳ медиҳад. Ин дуруст аст, ки дар Деҳлӣ ва берун аз Деҳлӣ дар ибтидои ин ҳангома англисҳо ба залиливу хории мардум рӯ ба рӯ шуданд, ки ин ҳолат дар ҳама гуна шӯриш амри воқеист. Дар ин замина он ҳодисаҳое, ки пеш оварда шудааст, он тафсилоте, ки аз тарафи Хоҷа Носир дар ҳикоя мавриди истифода қарор гирифтааст, як ҳиссаи таърихи ҳамондавраи мо ба шумор меравад».

Ҳикояҳои Низомӣ таҳти унвони «Ашки занон» интишор гаштааст, ки дар он 124 ҳикояи муаллиф ҷой дода шудааст. Ва ин китоб зуд дар саросари Ҳинд шуҳрат касб кард. 14 маротиба нашр шудани ин китоб шаҳодатгари аҳаммияти китоби номбурда миёни дӯстдорони адабиёти урду аст. Мавзӯи асосии ҳикояҳои дар ин китоб шомилгашта бо шӯриши соли 1857 алоқамандӣ доранд. Албатта, дӯстони адиб барои нашри китоби «Ашки занон» зид буданд. Зеро онҳо метарсиданд, ки ҳукуматдорон Низомиро зиндонӣ накунанд. Бо вуҷуди зиддияти дӯстон Низомӣ китобро ба дасти нашр дод.

Жанри ҳикоя дар саҳифаи эҷодии насрнависони садаи бистуми адабиёти урду ҷойи намоёнеро ишғол менамуд. Бо назардошти хусусиятҳои хосси жанрӣ насри хурд дорои ҷиҳатҳои фаврӣ ва зудбаёнист, ки ин ба нависанда имкон медиҳад, ки аз ҳаводису давру замон дер намонда, бе мушкилоти зиёд воқеаҳои актуалии ҳаррӯзаро рӯйи қоғаз оварад. Дар баробари ташаккул ва инкишофи роман жанри ҳикоя низ дар адабиёти урду таваҷҷуҳи адибонро ба худ ҷалб намуда, дар ташаккули принсипҳои ғоявӣ ва эстетикии онҳо роли калон бозидааст. Мусаллам аст, ки жанри ҳикоя дар адабиёти садаи бистуми урду аз намоёнтарин жанри адабӣ маҳсуб мешавад. Маҳз дар ҳамин давра ҳикоя бо тамоми маънояш ташаккул ва такомул ёфтааст.

Дараҷаи баланди бадеияти давраи мавриди таҳқиқ қарордодаи мо имкон медиҳад, ки мо масъалаи омӯзиши ҳикоя, ташаккул ва тарвиҷи онро ҳамчун як соҳаи пурбаҳраи ҳиндшиносии ватанӣ ҳисобем.

Масъалаи ташаккул ва инкишофи жанри ҳикоя дар насри урдуи садаи ХХ барои дарки мафкуравии ҷараёнҳои умумӣ, ки ба адабиёти урдуи ин давра роҳ ёфтаанд, аҳаммияти хоссае дорад. Фаҳмиши амиқ ва дарки умқи маъниву афкори адибони барҷастаи садаи бистуми урду (Премчанд, Кришан Чандар, Манто, Раҷендра Бедӣ, Қурратулъайн Ҳайдар ва дигарон) ва истифодаи он дар даврaҳои муайяни эҷодиёти нависандагон ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои табаддулотпазири насри хурди адабии нависандагони давраи мазкурро дар мисоли адабиёту фарҳанги Ҳинду Покистони садаи бистум нишон диҳем.

Албатта, жанри ҳикоя дар оғоз ва умуман дар нимаи асри ХХ давраи раҳпаймоӣ, такомул ва инкишофро аз сар мегузаронид. Бо вуҷуди ҳамаи ин, омӯзиши давраи номбурда дар тафоҳум ва гирифтани маълумот доир ба масъалаи пайдоиш ва такомули ҳикояи адабиёти урду кумаки беандоза мерасонад.

Жанри ҳикоя дар ин давра дар адабиёти Аврупо паҳн гашта, аз воситаи асосии баёни афкор барои адибони ин минтақа гардида буд…

Ҳикояи нави урду деҳоти хурдро тасвир менамояд. Дар он фазои деҳ дида намешавад. Мардум дар шакли нимодам умр ба сар мебарад. Дар он ҷо ному нишони ҷамъият дида намешавад. Қаҳрамонҳо бе симои зоҳириву бе ном ба чашм мерасанд. Ва тамоми фазои зиндагӣ, фазои достонӣ, ривояти устуравиро мемонад. Ба ҷойи вуҷудияти нафсонӣ нигоҳи рӯҳонӣ, ба ҷойи олами тахайюл фантазия вуруд омадааст. Санъати ҳикоянигорӣ чунин мисолҳоро пеш меорад, ки сатҳи пасти зиндагии инсонҳоро тасвир мекунад. Доираи чунин нигоришот хеле васеъ аст. Аз ин рӯ, дунёи ҳикоя низ ба мисли зиндагӣ васеъ ва рангоранг мебошад.

Таҳқиқҳо ба он далолат мекунанд, ки жанри ҳикояи урду тақрибан даврони садсоларо аз сар гузаронидааст. Аз ин хотир, дар ин муддат ба ин жанри адабӣ номҳои гуногун гузоштаанд: каҳанӣ, афсана, тараққипасанд афсана, ная афсана, ҷадид афсана, аламатӣ, тахайюлӣ афсана ва ғайра. Масалан, ҳикояи баъди соли 1985-ро «ҷадидтар каҳанӣ» (ҳикояи

навтар) меноманд. Зеро, пас аз соли 1985 дар эҷодиёти ҳикоянигорони урду як намуд табаддулоти хоссае ба назар расид, ки дар ҳикоянависии пешинаи урду дида намешуд. Мунаққидон бар онанд, ки ҳикояи нав ба мачрои ҳикояи асил майл дорад, аммо ҳикояи навтар бештар характери моҷароҷӯёнаро қабои хеш гардонидааст.

Агар ба таърихи пайдоиш ва инкишофи жанри ҳикояи урду ба таври мухтасар назар афканем, хеле возеҳ мебинем, ки ҷараёни тараққипарвар барои жанри ҳикоя ба қавли адабиётшинос Иртизо Карим «аҳди заррин ва давраи беҳтарин» номида мешавад. Чунин ақидаро, ҳатто мухолифони ҷараёни тараққипарварӣ низ эътироф кардаанд. Таълифи ҳикояи тараққипарварона аз он лиҳоз низ ҷаззоб аст, ки мусаннифон аз ҷаҳони романтикӣ ба дунёи шӯридаи воқеӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо ҷӯшу ҳушу ҳаваси хосса дақиқтарин лаҳзаҳои пур аз ошӯбу зиндагии ноорому камбағалонаи мардуми одиро ба қалам кашидаанд.

Ба маънои дигар, аз адабиёти то ин давраи урду, аз мероси гузаштагон ҷиҳатҳои хубашро баргузида бо пероҳани тозаву ҳарири ҳақиқат асари ҳамагонӣ офариданд, аз хобу хаёли романтикӣ бурун ҷаста ба водии ноҳамвору пур аз хору хаси ҳақиқат, накуӣ ва одамият по ниҳоданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирсиддиқӣ Ҷ. Адабиёти достонӣ. Қисса, достони кӯтоҳ, румон / Ҷ.Мирсиддиқӣ. - Теҳрон, 1366ҳ. - 285 с.
2. Раҷабов Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ / Ҳ.Раҷабов. - Душанбе: Пайк, 1998. – 176 с.
3. Раҷабов Ҳ. Се насли ҳикоянависони ҳиндӣ / Ҳ.Раҷабов. - Душанбе: Статус, 2001. – 272 с.
4. Солеҳов Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80 қарни ХХ (масъалаи замон ва макони бадеӣ) / Ш. Солеҳов. - Душанбе: Дониш, 2006. – 216 с.
5. Холов Ҷ. Ҳикоянигории урду / Ҷ.Холов // Махзани илм. - Панҷакент, 2009. - С.35-41.
6. Холов Ҷ. Адабиёти урду дар садаи бистум / Ҷ.Холов. - Душанбе: Истеъдод, 2010. – 154 с.
7. Холов Ҷ. Таърихи адабиёти урду / Ҷ.Холов. - Душанбе: Ирфон, 2018. – 360 с.
8. Глебов Н. Литература урду / Н.Глебов, А. Сухочев. - М., 1967. – 230 с.
9. Елизарова Р. Проза современного писателя Пакистана А.Н. Касми: автореф. дис. канд. филол. наук / Р.Елизарова. - М., 1966. – 24 с.
10. Современная индийская новела. - М: Прогресс, 1976. – 368 с.
11. Anvar Sadid. Urdu adab ki mukhtasar tarikh / Sadid Anvar. - Islamabad: Muqtadira qaumi zaban, 1991. – 287 с.
12. Aqil Said Muhammad.Jadid naval ka fan / Muhammad Aqil Said. - Mumbai, 2004. – 271 с.
13. Azimi Shahob Zafar. Urdu naval ke asalib / Zafar Azimi Shahob. - Patna, 2005. – 201 с.
14. Javed Sarfaraz. Afsano ka tajziyati mutalia: Dehli ke havale se / Sarfaraz Javed. - Dehli: Arshiya publication, 2011. – 320 с.

МАСЪАЛАИ ПАЙДОИШИ ҲИКОЯИ ҶАДИД ДАР АДАБИЁТИ УРДУ

Дар мақола дар бораи пайдоиши ҳикояи ҷадид дар адабиёти урду сухан меравад. Қайд карда мешавад, ки жанри ҳикояи урду тақрибан даврони садсоларо аз сар гузаронидааст. Аз ин хотир, дар ин муддат ба ин жанри адабӣ номҳои гуногун гузоштаанд: каҳанӣ, афсана, тараққипасанд афсана, ная афсана, ҷадид афсана, аламатӣ, тахайюлӣ афсана ва ғайра. Таъкид карда мешавад, ки жанри ҳикоя дар саҳифаи эҷодии насрнависони садаи бистуми адабиёти урду ҷойи намоёнеро ишғол менамояд. Инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти урду таваҷҷуҳи адибонро ба худ ҷалб намуда, дар ташаккули принсипҳои ғоявӣ ва эстетикии онҳо роли калонро бозидааст. Бо назардошти хусусиятҳои хосси жанрӣ насри хурд дорои ҷиҳатҳои фаврӣ ва зудбаёнӣ буда, ин ба нависанда имкон медиҳад, ки аз ҳаводису давру замон дер намонда, бе мушкилӣ воқеаҳои мубрами ҳаррӯзаро рӯйи қоғаз оварад. Маҳз дар ҳамин давра ҳикоя бо тамоми маъноюш ташаккул ва такомул ёфтааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки адабиёти урду, аз мероси гузаштагон ҷиҳатҳои хубашро баргузида бо пероҳани тозаву ҳарири ҳақиқат асари ҳамагонӣ офарида, аз хобу хаёли романтикӣ бурун ҷаста ба водии ноҳамвору пур аз тазоди муосир қадам ниҳодааст.

Калидвожаҳо: адабиёти урду, ҳикоя, жанр, нависанда, ҷараён, ҳикоянигорӣ.

ВОПРОСЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ НОВОГО РАССКАЗА В ЛИТЕРАТУРЕ УРДУ

В статье речь идет о возникновении нового рассказа в литературе урду. Отмечается, что жанр рассказа урду претерпел столетия своего развития. В связи с этим, данный жанр именовался по-разному: кахани, афсана, тараккипасанд афсана, ная афсана, джадид афсана, аламати, тахайюли афсана и др. Отмечается, что жанр рассказа занимает видное место на страницах творчества прозаиков двацатого столетия. Развитие жанра рассказа в литературе урду привлекало внимание писателей и сыграло большую роль в становлении его идейных и эстетических принципов. Учитывая жанровые особенности, малая проза обладает принципами быстроты и безотлагательности, что даёт возможность писателю описывать события своевременно и без затруднений отражать актуальные проблемы времени. Именно в этот период жанр рассказа начал развиваться с полнотой своего раскрытия. Таким образом, литература урду, вбирая в себя лучшие традиции творчества предшественников-классков, облачив ее в новое и нежное обличие действительности, создала всеобщую литературу, которая выйдя из романтических снов и фантазий вступила на тернистый и противоречивый путь современности.

Ключевые слова: литература урду, рассказ, жанр, писатель, течение, писание рассказов.

ISSUES OF A NEW STORY IN THE URDU LITERATURE

The article deals with the emergence of a new story in Urdu literature. It is noted that the Urdu story genre has undergone centuries of development. In this regard, this genre was called differently: kakhani, afsana, tarakkipasand afsana, naya afsana,

jadid afsana, alamati, takhayuli afsana, etc. It is noted that the genre of the story occupies a prominent place on the pages of the works of prose writers of the twentieth century. The development of the story genre in Urdu literature attracted the attention of writers and played an important role in the formation of its ideological and aesthetic principles. Taking into account the genre features, short prose has the principles of speed and urgency, which makes it possible for the writer to describe events in a timely manner and easily reflect the actual problems of the time. It was during this period that the genre of the story began to develop with the fullness of its disclosure. Thus, Urdu literature, absorbing the best traditions of creativity of its predecessors-class, clothed it in a new and gentle guise of reality, created a universal literature, which, having emerged from romantic dreams and fantasies, entered the thorny and contradictory path of modernity.

Key words: Urdu literature, story, genre, writer, current, writing stories.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Замира Гулямовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, саркотиби илмии шӯроҳои диссертатсионӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **farah2000@mail.ru.** Тел.:**(+992 3722) 227-20-59**

Сведения об авторе: ***Джураева Замира Гулямовна*** – Таджикский национальный университет, главный учёный секретарь диссертационных советов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **farah2000@mail.ru.** Тел.:**(+992 3722) 227-20-59**

Information about the author: ***Jurayeva Zamira Gulyamovna*** – Tajik National University, the shef academic secretary of dissertation committee. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **farah2000@mail.ru.** Tel.: **(+992 3722) 227-20-59**

УДК:891.550:82.09

АНГЕЗАҲО (ОҲАНГҲО)-И ТАНАТОЛОГӢ ДАР ПОВЕСТИ “БОЗГАШТ”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Абдулназаров А.А.
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров АМИТ

Дар мақола намунаҳои бадеии як ангезаи танатологӣ ва имконоти тасвири он дар повести «Бозгашт»-и Сотим Улугзода (1946) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Повест ба ҳаёти баъдичангии халқи тоҷик бахшида шуда, қаҳрамони асосии марказии он зани тоҷик бо номи Зайнаб мебошад, ки аз фронт як "хабари сиёҳ" дар бораи марги шавҳараш гирифта будааст. Пас аз фикру мулоҳизаҳои зиёде, Зайнаб бо Ориф Каримов оилаи нав барпо мекунад: Зайнаб баъди гиряҳои тӯлонӣ ва азодории дурудароз ба марги шавҳари маҳбуб, ки бо вай фақат панҷ моҳ зиндагонӣ карда буд, оқибат ба инженер-гидротехник Ориф Каримов расид [10, с.5] аммо, пас аз муддате, шавҳараш Ҷӯрабек сиҳату саломат баргашта меояд. Нависанда ин лаҳзаро на он қадар тӯлонӣ, балки муассир ва пур аз эҳсосот тасвир намудааст, аммо дар ҳар амали бавуқӯъомада ҳаяҷону изтироб эҳсос карда мешавад: «Зайнаб панҷ рӯзи охир дар Кӯктош буд. Ба фронт мадад гӯён бо ҳамроҳии хизматчиёни идорааш дар колхозҳои он ҷо пахта мечид. Рӯзи шашум бегоҳӣ ба шаҳр баргашт.

- Дина шуморо як одами ҳарбӣ пурсида омада буд, ба шумо хат монда рафт.

- Кӣ будааст вай?

- Нагуфт, «дар хат ҳамааш ҳаст» гуфт. Як ҷавони сиёҳакак. Ба Кӯлоб париданӣ будааст, эҳтимол парида рафтагист.

- Оё Каримов дар хона набуданд? – конверти маҳкамро аз дасти Саидова гирифта пурсид Зайнаб. Вақтҳое, ки вай дар интизории мактуб рӯзҳоро шаб мекард, хира аз хаёлаш гузашта, хотираш мушавваш гардид» [10, с.5].

Аз ҷумлаи «Ба фронт мадад гӯён бо ҳамроҳии хизматчиён идорааш дар колхозҳои он ҷо пахта мечид» маълум мегардад, ки повест бевосита баъд аз ҷанг, солҳои 1964 навишта шудааст ва дар он ҳаёти одамоне, ки баҳри Ватан ҳастии хешро фидо мекунанд, тарғиб гардидааст.

Ҳаяҷону изтироби Зайнаб “зуд ба хонааш даромада, тугунча ва палтои тирамоҳпӯшакашро болои стул партофта мактубро кушод. Дастҳояш андак меларзид» собит месохт, ки сарфи назар аз он ки ӯ дар шахсияти Ориф Каримов хушбахтии хешро дарёфт карда буд, гарчанде соҳиби оилаи нав гардида бошад ҳам, аммо то ҳанӯз фикру хаёлаш дар интизори бозгашти шавҳари «шаҳидаш» буд. Равшан мегардад, ки ҳаёти Зайнаб дар фикру хаёли шавҳари шаҳидаш сипарӣ гашта, ӯ омода буд, ки бахти навёфтаро қурбони ӯ созад. Фикру хаёлаш дар бораи шавҳари фавтидааш аз шахсе, ки ҳамсафари ҳаёти ӯ буд, шахсе, ки ҳамеша дар фикру хаёлаш буд, фораму гуворотар буд. Ин чӣ эҳсосот? Марги рӯҳонӣ? Не. Ин

табиати инсонӣ, ки аз баҳри ишқ, меҳру муҳаббат шуда, тамоми ҳастиашро қурбон месозад, ҳатто метавонад аз ҷиҳати маънавӣ инсонро ба ҳалокат расонад (рӯҳияи инсонро хароб созад). Бар замми ҳамаи ин, ӯ хаёлан эҳсос мекунад, ки бозгашти шавҳараш, гарчанде ки ӯ зинда бошад ҳам, номумкин аст, чунки ӯ, аллакай, бо шахси дигар хонадор шуда буд, ин фикру хаёл ӯро ҷисман заиф мегардонд, тасвири муаллиф: «Дастҳояш андак меларзид», вазъияти аслии қаҳрамонзан ошкор мегардад, ки ӯ хушбахт набуд, ба ин васила ҳангоме ки ӯ мактубро хонд:

«Вай ба стул фурӯ нишаста, мактубро ба синааш пахш карда гирист. Дурудароз ва бесадо гирист» [10, с.7]. Нахуст суханоне, ки мактуб бо онҳо оғоз гардида буд, ин боло гирифтани ҳиссиёти равонӣ мебошад: «Салом, ҳамсари азизи ман Зайнаб» сар мешуд. Дили зан сахт тапид, баданаш ларзид. Ба давоми мактуб чашм давонд:

«Ман шавҳари ту Ҷӯрабек, зиндаам. Намедонам, ту маро кайҳо дафн кардаӣ, ё ки мунтазирӣ. Агар зиндагониатро аз нав сохта бошӣ, ин мактуб туро хафа мекунад, аммо агар мунтазир бошӣ, вай боз ҳам ба ту хурсандӣ намебахшад, чунки ту маро, албатта, на дар ин ҳоле ки ман дорам, дидан мехостӣ…» [10, с.6-7].

Ин порчаи начандон калоне аз мактуби Ҷӯрабек мисли он буд, ки вақт барои Зайнаб бозистод. Баёни муаллиф: «Дили зан сахт тапид, баданаш ларзид».

Ҳаяҷон ва эҳсосоте, ки Зайнабро фаро гирифта буданд, чунон муассир буданд, ки «хеста ҳар ду тирезаи хонаро кушод, ҳамон дам аз рӯйи ҳавлии калони сердарахт насими серуни бегоҳӣ ба хона вазид. Зайнаб андешаманд ва маҳзун, муддате дар пеши тиреза рост истод» [10, с.7].

Ҷанге, ки ҳаёти хушбахтонаи зану шавҳарро аз байн бурда буд, хабари бардурӯғи марги шавҳараш, ки сабаби бори дувум хонадор шудани ӯ гардида буд, баъд аз гирифтани мактуби аз шавҳари зиндамондааш, аз хотираш зудуда шуд. Ӯ аз ҷангу аз ноомади қисматаш гила намекард – муҳим он буд, ки шавҳараш баргашта омад ва ӯ аз хоби гарон, хобе, ки маргро хотиррасон мекард, бедор шуд.

«Ва як фикр ҳоло ба тамоми ҳушу ёди Зайнаб ғолиб аст: Ҷӯрабек зинда! Ҷӯрабек зинда!.. Ин чӣ сарнавишт, чӣ диданӣ будааст барои Зайнаб, ки шавҳари маҳбубаш зинда, аммо вай шавҳари дигар гирифтааст»? [10, с.8].

Равшан буд, ки қаҳрамонзан бояд аз мулоқот бо шавҳари маъюбаш, ки аз кайҳо боз бо шахси дигар хонадор гаштани ӯ огоҳӣ надошт, худдорӣ мекард: «Агар Зайнаб медонист, оё шавҳар мекард?...» [10, с.8], аммо бар акси ҳол ӯ ба назди шавҳараш ба беморхона рафта, ӯро бо худ мебарад. Ин чист? Даст кашидан аз хушбахтии хеш, ё таассуфе, ки баробари марг ё таркиши сусти бомба буд, барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ? Чориев Алӣ қайд мекунанд, ки «сарфи назар аз камбудиҳои ҷудогонаи дар асар ҷойдошта, повести «Бозгашт» яке аз аввалин намунаҳои равонии насри тоҷик дар адабиёт маҳсуб мешуд» [11, с.8]. Дар мувозинат бо мавзӯи марг, дар сужаи асар мавзӯи бозгашт низ тасвир ёфтааст, ки ин як навъ нигоришест, ки барои аксари асарҳои баъдичангӣ характернок буд. Зайнаб бо хотираҳо, ормонҳо ва беҳадаф зиндагӣ мекард, ҳаёти нав барои ӯ ба мисли марг буд: «Зайнаб ба паси стол нишаст. Аз даруни он як қабза мактубҳои куҳнаи Ҷӯрабекро бароварда ба варақ задан сар кард. Дар баъзе саҳифаҳо ашкҳо дар ҷойи ғалтидаашон паҳн гардида, сиёҳиро давонда, хушк шуда мондаанд…» [10, с.8].

Он номаҳбуб, дилнохоҳ, ки дар лаҳзаҳои мушкилтарини ҳаёти ӯ дилбардораш буд, шавҳари нав-Ориф Каримов буд, ки назди ӯ қадру қимате надошт. Ӯ ҳатто пай ҳам намебурд, ки бо содиқ будан ба шавҳари марҳумаш ӯ қувваи ҳаётии шахсеро, ки ӯро дӯсташ медорад, вале дӯстдошта нест, заиф мегардонад. «Зайнаб хати Ҷӯрабекро бароварда буд, мехост ба Каримов нишон диҳад, аммо бо ким-чӣ андешаҳо худдорӣ мекард. Зайнаб рӯяшро ба вай нагардонда хатро дароз кард:

- Хонед. – Аз оҳанги гуфтори занаш ҳис кард, ки хат хати ғайриодист» [10, с.10].

Дар ин порчаи шадиди равонӣ, худпарастӣ ба хотири ишқу муҳаббат, фоҷиа, ки ин ҳам баҳри ишқу муҳаббат ва дар ҳамон як лаҳза –қабули қарори қаҳрамонзан тасвир шудааст. Сухани кӯтоҳ «Хонед» тобиши тамоми ҳиссиёту ҳаяҷонеро, ки ӯро фаро гирифта буд, ифода мекард ва баробари он зери хатар будани ҳаёти хушбахти оилавиаш бо шавҳари зиндааш Ориф мушоҳида мешавад, ки: «аз оҳанги гуфтори занаш ҳис кард, ки хат хати ғайриодист», ба хотири “ҳамсари ҳалокгардида”-аш аст.

Бахусус, лаҳзаи пур аз эҳсосот дар повест эпизоди мулоқоти Зайнаб ва Ҷӯрабек маҳсуб мешавад. Зайнаб, баъд аз фикру андешаи зиёд Ҷӯрабекро, ки аз дасту пояш дар ҷанг маҳрум гашта буд, аз табобатхона гирифта бо худ мебарад. Бо сухани «Ман Ҷӯрабекро мебарам» вай бар дӯши худ бори гаронеро гирифт, ки ин ҷавобгарӣ аз барои бахти шикастаи Ҷӯрабек буд.

Ин лаҳза дар ҳаёти Ҷӯрабек, Зайнаб ва Ориф Каримов лаҳзаи тақдирсоз буд. Нависанда мухтасар ва бештар аз тариқи муколама тамоми шавқу рағбат ва фоҷиае, ки дар ҳаёти қаҳрамонони ӯ ба вуқӯъ мепайвандад, тасвир мекунад.

Манзараи асосии повест ин ҷанг мебошад. Ҷанге, ки иҷборан ҳазорҳо одамонро аз ҳаёт маҳрум месохт, ҷанге, ки одамони советӣ бо хоҳиши худ рафтанд ва бояд аз он ҷо ё ҳамчун қаҳрамон бармегаштанд, ё ин ки шаҳид гарданд. Аз ҳама воҳиманок ин бе ному нишон гаштани онҳо буд, ки он вақт хешу пайвандонашон солҳо дар фикру хаёли онҳо ҳаёт ба сар мебурданд, ки онҳо баҳри ҳимояи марзу бум ҷонашонро нисор карданд. Мавзӯи Ватан, ҳимояи марзу буми он метавонист ангезаи асосии асар маҳсуб шавад, агар он ҷиҳати психикии бо як зебогӣ тасвирёфтаи нависанда намебуд.

Давраи пас аз ҷанг, ҳангоме ки халқ аз солҳои тӯлонии он, аллакай, хаста шуда буд, зинда ва рӯҳбаланд кардан он муҳим буд. Баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавзӯи асосие, ки нависандагон бештари асарҳои худро ба он бахшида буданд, ин тасвири ҷанг буд. Асарҳои бадеӣ барои ҷавонон лаҳзаҳоеро аз ҳаёти фронт, корнамой, далериву шуҷоати қӯшунҳои советиро баҳри ояндаи халқу миллати хеш ташвиқу тарғиб менамуданд.

Ҳангоми тасвири образҳо нависандагон вожаҳо ва методу усулҳоеро мавриди истифода қарор медоданд, ки онҳо метавонистанд, боиси бедор гаштани ифтихору ғурур дар хонанда гарданд. Бештари мавридҳо қаҳрамонҳои асарҳои бадеиро кӯдакон, заноне, ки новобаста аз ягон чиз ба қаҳрамонӣ тайёр буданд, ташкил медоданд. Мавзӯи марг одамонро дигар ба тарсу ваҳм намеандохт, аксар вақт қаҳрамони асари бадеӣ бояд баҳри ба даст овардани ғалаба ҳалок мегашт, ё ин ки саломатӣ ва хушбахтии хешро баҳри ғолибият фидо месохт.

Марг дар ин асарҳо як падидаи зебову дилкаш, марғуб ва олӣ буд. Мавзӯи асосии асарҳои дар ин давра эҷодшуда ин тарғиби Ватану ватандӯстӣ ва кинаву адоват нисбат ба душман буд. Асарҳое, ки дар онҳо тасвири муҳаббат ба ватан ҷой надошт, асарҳои зиддиахлоқӣ (беқимат, пастсифат) маҳсуб мешуданд, зеро дар чунин давраи ниҳоят мушкил ҷавонон бояд қаҳрамонҳои худро медонистанд. Адабиёти тоҷик ҳеҷ гоҳ ба монанди солҳои пас аз ҷанг ба халқ наздик набуд. Дар асл он адабиёте гашт, ки дар доираи як мавзӯъ – мавзӯи ҷанг ва Ватан сароида мешуд.

Повести Сотим Улуғзода «Бозгашт» намунаи барҷастаи тасвири ҳамаҷонибаи ҳодисаву воқеаҳои ҷангӣ мебошад. Сарфи назар аз он ки дар ин повест камбудиҳои назаррас, аз қабили «лакировка»-и рӯйдодҳои тасвиршуда, психологияи заиф, иллюстратсия (расмҳо, тасвирҳои кашидашуда), зиддияти ошкорои қаҳрамонҳои мусбат ва манфӣ, таъйини «романтиккунии (хаёлпарастии)» ҷанг мушоҳида мегарданд, ин асарҳо саҳми худро дар ташаккули насри ҳарбӣ гузоштаанд. Ба ҳар ҳол повест асарест, ки дар он муҳаббат ва садоқат ба Ватан, масъулияти шахсӣ аз ҳама гуна хушбахтии инсонӣ болотар буда, шахс ба марги рӯҳонӣ аз баҳри ин ҳиссиётҳои волои инсонӣ тайёр аст.

Албатта, дар эҷодиёт анъанаи адабиёти рус ҳис карда мешавад, вале чӣ хел мумкин бошад асари наверо эҷод кардан, бе такя ба он беҳтарин чизҳое, ки аҷдодонамон ба даст оварда буданд.

Дар повест ҷиҳати психикӣ (равонӣ) дар муносибати одамон ба дараҷаи баланд тасвир ёфтааст. Қаҳрамони асосӣ – занест, ки баҳри шавҳари маъюбаш шуда хушбахтии хешро қурбон мекунад. Дар солҳои баъдиҷангӣ чунин амали шахс ҳамчун қаҳрамонӣ, вафодорӣ фаҳмида мешуд, аммо дар асл, ин як садама, тақсире буд, ки онро ҳеҷ кас маҳкум намекард, балки аз он ифтихор мекарданд. Зиндагии шахси дигар - Ориф Каримов, ки дар канор монда буд, дар он лаҳза на раҳму на шавқатро ба бор овард. Хонандаи ин давра аз ҳаёти шикастани Ориф таассуф надошт, зеро зери шубҳа гузоштани рафтори одамоне, ки ҳаёти хешро баҳри ҳимояи Ватан қурбон мекарданд, мумкин набуд.

Мавзӯи ҷанг дар эҷодиёти нависандагони давраи баъдиҷангии тоҷик тасвири марказӣ буд, аммо аз он мавзӯъҳои бозгашт, муҳаббати бузург, ки дар ҳамаи давру замонҳо ба марг маҳкум буд ва марг ин оғози ҳаёти нав ҳисоб меёфт, пайгирӣ мекарданд.

Симои Зайнаб, амалҳои ӯ муносибати ҷомеаро ба ҳаёт ва марг нишон дода, манзараи умумии ҳаёти ҷомеаи баъдиҷангиро инъикос мекунанд. Дар асар мо муносибати тамоман дигареро ба ҷанг мушоҳида мекунем, ки дар заминаи рӯйдодҳои сиёсӣ марг яке хусусияти асосии тафаккури шуури одамон мегардад.

Халқ муносибати худро ба ҳаёт ва марг дигар карданд, ки дар адабиёт ин бештар эҳсос карда шуд. Маҳз адабиёт рӯҳияи замон ва таҳаввулоти маргро инъикос мекард. Ҷӯрабеки маҷрӯҳшуда, Зайнаби аз ғаму андуҳ ба додомада ба қаҳрамонони Ҷалол Икромӣ монанд набуданд, ки дар он занон то ҳол комилан соҳибҳуқуқ набуданд. Дар романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» бошад занон нав зинда шуданд, шуури онҳо бедор шуд, онҳо тайёр буданд

баҳри хушбахтии хеш ҷонашонро фидо кунанд. Вале оҳиста-оҳиста дарк мекарданд, ки марг ин роҳи наҷот нест ва бечуну чаро онро қабул кардан нашояд.

Рӯйдодҳои инқилоби солҳои 1917 дар таҳаввулоти маънавии оммаи халқ нақши катализаторӣ бозидаанд, он оғози давраи нав, одамони нав ва вазифаҳои нав, ки дар он фаъолият, иродаи қавӣ, фидокорӣ ва қаҳрамонӣ мавзӯи асосии адабиёти баъдина буд.

Агар Ҷалол Икромӣ мехост лаҳзаи бедориро нишон диҳад, ки он бо марги ногузир, беморӣ, унсурҳои прогрессивӣ рӯй медод, пас дар романи Сотим Улуғзода «Бозгашт» - персонаж худ соҳиби ҳаёташ буда, дар интихоб озод буд, маҳз ӯ муайян мекард, ки чӣ гуна ба хушбахтии худ муносибат кунад, ё онро баҳри садоқат ва шаъну шараф қурбонӣ кунад, ё ин ки оҳиста-оҳиста аз тарк кардани шавҳари маъюбаш бимирад.

Дар асл мавзӯъҳои асарҳои давраи пас аз ҷангро асосан мавзӯъҳои беморӣ, девонагӣ, хастагӣ ва марг ташкил медоданд. Аммо наметавонем гуфт, ки муносибат ба ҳаёт ва марг якнавохт буд. Дар повести «Бозгашт» ҳолати қаҳрамонзане пас аз бозгашти шавҳараш, ки қаблан ӯро дафн карда буд, тасвир шудааст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки (сабаб) ангезаи марг асоси сужети асарро ташкил медиҳад. Яъне, мавзӯи марг аз оғози повест шурӯъ шуда, тадриҷан дар шаклу намунаҳои гуногун аз ҷумла: дилсӯзӣ, фикру андеша, беморӣ, яъсу ноумедӣ, саъю кӯшиш ва амсоли инҳо мушоҳида мешавад.

Ҳамаи асарҳои Сотим Улуғзода бешубҳа гуногунанд, аммо умумият, монандӣ ҳам доранд - дар ҳар яки онҳо, ки дар онҳо мавзӯи марг ҷой дорад, вазифаи ба худ хоссе дорад, ки ин лаҳзаи кӯтоҳе байни ҳаёт ва марг мебошад. Рӯйдодҳои воқеии таърихӣ, ки бо вазъиятҳои мураккаби равонӣ ва эҳсосӣ, таҷрибаҳо, дилеммаҳои ахлоқӣ-эстетикӣ пур шудаанд, ба мо имкон медиҳанд, ки муносибати одамонро ба ҳаёт бифаҳмем, арзишҳои навро пайгирӣ кунем ва ҳолати инкишофи онҳоро дар қабули қарорҳо назорат барем. Дар сужаи асарҳои мазкур лаҳзаҳои тезу тунде ба қалам дода шудаанд, ки дар онҳо ҳаёти одамон, ҳиссиёту ҳаяҷон ва ташвиши онҳо муносибати онҳоро нисбат ба марг ва зиндагӣ муайян мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнон, Абдурраҳмон. Ламҳае ба роҳи рӯзгор / Абдурраҳмон Абдуманнон. - Душанбе, 2007. - 178 с.
2. Бакоева, С.А. Концепция историзма в творчестве Сотима Улугзода: дисс… канд. филолог. наук / С.А. Бакоева. – Душанбе, 2011. - 156 с.
3. Бердяев, Н.А. О назначении человека / Н.А. Бердяев. – М.: Республика, 1998. - 384 с.
4. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литератур / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1972. - 524 с.
5. Мусулмониён, Раҳим. Сабақи романи миллӣ. (Уроки национального романа) / Раҳим Мусулмониён // «Садои Шарқ». – 1991. – № 3. - С.128-137.
6. Мурувватиён Дж. Становление филологического романа в таджикской литературе XX века (на примере романа “Фирдоуси” С. Улугзода) / Дж. Мурувватиён. - Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 148 с.
7. Набиев, А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон: маҷмӯаи мақолаҳо / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 1987. - 160 с.
8. Улуг-зода, Сатым. Фирдоуси [Перевод с таджикского языка Хуршеды Даврондухт] / Сатым Улуг-зода. – М.: Советский писатель, 1992. - 240 с.
9. Улугзода, Сотим. Согдийская легенда / Сотим Улугзода. - М.: Художественная литература, 1987. - 569 с.
10. Улуғзода С. Мунтахабот / С.Улуғзода. - Душанбе: Ирфон, 1982. – 446 с.
11. Чориев Али. Драматургия Сотима Улуг-заде: автореф. дисс. на соиск. уч. ст. канд.филол.наук / Али Чориев. – Душанбе, 2000. - 25 с.
12. Шукуров М. Сотим Улугзода / М.Шукуров. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1961. - 73 с.

АНГЕЗАҲО (ОҲАНГҲО)-И ТАНАТОЛОГӢ ДАР ПОВЕСТИ “БОЗГАШТ”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Мазмуни марг дар осори нависандагони давраи пас аз ҷанг дар адабиёти тоҷик аслитарин буд, аммо ҳамроҳ бо мавзӯи бозгашт, ишқи бузург, ки дар ҳар замон маҳкум ба марг шуд, ҷойе, ки марг сароғози як зиндагии ҷадид буд. Дар ин мақола намунаҳои ҳунарии оҳанги танатологӣ ва имкони тасвирҳои онҳо дар асари “Бозгашт”-и Сотим Улуғзода баррасӣ мегардад. Ин повест ба зиндагии пас аз ҷанги мардуми тоҷик ихтисос дода шудааст. Дар асар шахсияти аслии як зани тоҷик – Зайнаб тасвир шудааст, ки “хабари сиёҳ” аз ҷабҳа дар бораи марги ҳамсараш дарёфт кардааст. Дар асл, мавзӯъҳои давраи пас аз ҷанг асосан бемориҳо, девонагӣ, хастагӣ ва марг буданд. Аммо гуфтан мумкин нест, ки муносибат ба ҳаёт як хел буд. Ҳикояи "Бозгашт" ҳолати қаҳрамонро пас аз баргаштани шавҳараш, ки қаблан ӯро дафн карда буд, тасвир мекунад. Бешубҳа, ҳама асарҳои Сотим Улуғзода гуногунанд, аммо ҳама як чизи муштарак доранд - ҳар яки онҳо, ки мавзӯи маргро дар бар мегиранд, вазифаи худро доранд, ки лаҳзаи кӯтоҳ байни ҳаёт ва марг аст. Рӯйдодҳои воқеии таърихӣ, ки аз ҳолатҳои мураккаби равонӣ ва эҳсосӣ, таҷрибаҳо, мушкилоти дилгармии маънавӣ ва эстетикӣ пур шудаанд, ба мо имкон медиҳанд, ки муносибати одамонро ба ҳаёт бифаҳмем, арзишҳои навро пайгирӣ кунем ва рушди онҳоро дар раванди қабули қарор назорат барем. Дар заминаи ин асарҳо лаҳзаҳои шадид дар ҳаёти одамон рух медиҳанд, ки дар онҳо ҳаёт, эҳсосот, таҷрибаҳо ва ташвишҳо муносибати худро ба марг ва ҳаёт муайян мекунанд.

Калидвожаҳо: Сотим Улуғзода, мафҳум ва рамзи марг, мазмунҳои танатологӣ, халқи тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, повести “Бозгашт”, зани тоҷик.

ТАНАТОЛОГИЧЕСКИЕ МОТИВЫ В ПОВЕСТИ «ВОЗВРАЩЕНИЕ» СОТИМА УЛУГЗАДЕ

Тема смерти в произведениях писателей послевоенного периода в таджикской литературе была главной, но она сопровождалась темой возвращения, великой любви, обреченной на смерть во все времена, где смерть была началом новой жизни. В данной статье рассматриваются художественные примеры танатологического мотива, анализируются возможности их изображения в рассказе Сотима Улугзоды «Возвращение» (1946). Рассказ посвящен послевоенной жизни таджикского народа, где главной героиней является таджичка Зайнаб, которая получила «черные новости» с фронта о смерти своего мужа. Фактически, темами послевоенного периода были, главным образом, болезни, безумие, усталость и смерть. Но нельзя сказать, что отношение к жизни и смерти было одинаковым. История «Возвращения» описывает ситуацию героини после возвращения ее мужа, которого ранее она похоронила. Несомненно, все работы Сотима Улугзоды разные, но у них у всех есть что-то общее - в каждой где есть тема смерти, решается задача, которая является коротким моментом между жизнью и смертью. Реальные исторические события, наполненные сложными психологическими и эмоциональными ситуациями, опытом, моральными и эстетическими дилеммами, позволяют нам понимать отношение людей к жизни, следовать новым ценностям и контролировать их развитие в процессе принятия решений. В контексте этих работ в жизни людей происходят острые моменты, в которых их жизнь, эмоции, переживания и тревоги определяют их отношение к смерти и жизни.

Ключевые слова: Сотим Улугзода, понятие и символ смерти, богословское содержание, таджикский народ, современная таджикская литература, рассказ, таджикская женщина.

TANATOLOGICAL MOTIVES IN THE STORY "RETURN" OF SOTIM ULUGZADE

The theme of death in the works of writers of the post-war period in Tajik literature was the main one, but it was accompanied by the theme of return, great love, doomed to death at all times, where death was the beginning of a new life. This article discusses artistic examples of a thanatological motive, analyzes the possibilities of their depiction in the story of Sotim Ulugzoda's "Return" (1946). The story is dedicated to the post-war life of the Tajik people, where the main character is a Tajik woman - Zainab, who received “black news” from the front about the death of her husband. In fact, the themes of the post-war period were mainly diseases, madness, fatigue, and death. But it cannot be said that the attitude towards life and death was the same. The story "Return" describes the situation of the heroine after the return of her husband, who had previously buried her. Undoubtedly, all the works of Sotim Ulugzoda are different, but they all have something in common - each of them, which contains the theme of death, has its own task, which is a short moment between life and death. Real historical events, filled with complex psychological and emotional situations, experiences, moral and aesthetic dilemmas, allow us to understand people's attitudes to life, follow new values and control their development in the decision-making process. In the context of these works, acute moments occur in people's lives in which their lives, emotions, experiences and anxieties determine their attitude to death and life.

Key words: Sotim Ulugzoda, the concept and symbol of death, theological content, the Tajik people, contemporary Tajik literature, story, Tajik woman.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулназаров Абдулназар Абдулқодирович*** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмӣ. **Суроға:** 736002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Холдорова, 2. E-mail: **abdulnazar9416@gmail.com.** Тел.: **(+992) 934-06-08-04**

Сведения об авторе: ***Абдулназаров Абдулназар Абдулкодирович*** – Институт гуманитарных наук имени академика Б.Искандарова Национальной академии наук Таджикистана, кандидат филологических наук, старший научный сотрудник. **Адрес:** 736001, Таджикистан, г. Хорог, ул. Холдорова, 2. E-mail: **abdulnazar9416@gmail.com**. Тел.: **(+992) 934-06-08-04**

Information about the author: ***Abdulnazarov Abdulnazar Abdulkodirovich*** - Institute of Humanities named after academician B. Iskandarov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, candidate of philological sciences, senior researcher. **Address:** 736001, Republic of Tajikistan, Khorog, Koldorova Str., 2. E-mail: **abdulnazar9416@gmail.com**. Tel.: **(+992) 934-06-08-04**

УДК:891.550

ПАЙВАНДИ МАЪНАВИИ ДУ ШАХСИЯТИ БАРҶАСТА

Қаландаров Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиётшиносӣ ёддошт ҳамчун як навъи жанри маъмули адабӣ дониста шуда, таърихи қадима дорад. Ба ин навъи адабӣ нигоштаҳои чи намояндагони адабиёти классики тоҷик ва чи намояндагони адабиёти давраи нав бо номҳои гуногуни бароящон мақбул ба имрӯзиёну ояндагон маълумотҳои фаровону арзишмандро арзонӣ доштааст. Шохаи дигари ин навъи адабӣ рӯзноманависӣ мебошад, ки бо баъзе нишонаҳо аз ёддошт фарқ мекунад, вале дар маҷмӯъ ҳар ду навъ ҳам барои таърихи маънавии ҳар миллате маводи пурқимат медиҳанд. Яке аз адабиётшиносони маъруфи тоҷик устод Соҳиб Табаров, ки ба ин меъёри адабӣ риоя намуда, то охири умр 118 дафтарро бо унвони «Таассуроти ақлу дил» ба қайд гирифтаанд, дар ин хусус чунин менигоранд: «Рӯзноманависӣ хусусияти субъективӣ дорад. Бинобар ин, таърих ҳиссае аз маводҳои худро ба рӯзномаҳо такя карда, ояндагонро ба гузаштаву ҳозираи ҳар мамлакат, давлат ва халқу миллат ошно менамояд. Аз ин ҷост, ки ҳар як рӯзнома гарчанде дар бораи шахсияти «ман» (субъект) мавод медиҳад, он мавод гузаштаи «ман» мебошад. Аз ҳамин сабаб осоре, ки ҳар рӯз «ман» дар рӯзномаам менависам, ҳам зиндагии ҳаррӯзаи «ман» аст ва ҳам аз они «ман» нест. Рӯзномаи ҳаррӯзаи маро чи муосиронам ва чи ояндагонам аз назари таърих аз мадди назар гузаронида, «ман»-ро ба заррае ба таърихи миллатам мубаддал дода, онро ба далел, ҳуҷҷат, бурҳон, сарчашма, маъхази таърихӣ, маданӣ ва ҳаёти давронам мубаддал месозанд... Рӯзномаам ба моли миллатам табдил меёбад…

… Навиштани рӯзнома, мактуб, шиораҳо дар саҳифаҳои асарҳо, гузоштани қоғазҳо… дар байни китобҳои хондаи улламову удабо, шахсони таърихӣ ва машҳурони дигар ба таърихи моддиву маънавии ҳар як миллат маводи бузургу пурқимат медиҳанд, чунки агар онҳо субъективии объективӣ бошанд, аксарашон сарчашмаи боэътимод ва ҳақиқии таърихи миллат шуда метавонанд. Сабаби ин дар он аст, ки бадоҳатан, дар вақти гармиашон, дар лаҳзаи аниқи вақту замон ва макону ҷой навишта ва қайд карда шудаанд…» (5).

Ҳадафи таълифоти мо оид ба андешаҳои як тан аз дастпарварони мактаби илмии академик Абдулғанӣ Мирзоев, адабиётшинос ва мунаққиди соҳибмактаби маъруфи тоҷик, устоди шодравон Соҳиб Табаров буда, маҳз дар заминаи ёддошту хотироти устод баён гашта, дар маҷмӯъ пайванди маънавии ду шахсияти барҷастаро равшан мегардонад.

Абдулғанӣ Муҳаммадович Мирзоев аз ҷумлаи ходимони бузурги давлатию ҷамъиятӣ ва илмиву фарҳангии миллати тоҷик маҳсуб ёфта, тавассути илмӣ адабиётшиносии тоҷик шуҳрати ҷаҳониро соҳиб гардидааст. Фаъолияти эҷодии академик А.М. Мирзоев вобаста ба фарогирии мавзӯву муҳтаво ва масъалагузориҳо ба марҳилаҳо ҷудо гардида, ҳар яке аз онҳо дорои хусусиятҳои ба худ хосси эътирофгардида аз ҷониби олимону донишмандони ватанию бурунмарзӣ маҳсуб меёбанд.

Пеш аз он ки бевосита ба хотироти неки устод С.Табаров нисбат ба устодаш сухан гӯем, ёдовар мешавем, ки академик А.М. Мирзоев аз охирҳои солҳои 20-уми асри ХХ, давраи ниҳоят ҳассоси масоили таърихӣ, ки дар саргаҳи ҳалли фасли минбаъдаи он устод С.Айнӣ барин шахсиятҳои фарзона меистоданд, ҳамчун мухбири рӯзномаи “Овози тоҷик” ба шаҳри Сталинобод омада, рисолати рӯзноманигории худро ба ҳайси мудири шуъбаи рӯзномаи “Тоҷикистони сурх” идома медиҳад.

Маҳз дар ҳамин давра Абдулғании ҷавон ба навиштани як қатор мақолаҳои публитсистӣ, ки ифодагари таъриху тамаддуни бой, забон, мактабу маориф, урфу одат ва анъанаҳои неки миллӣ буданд, ба талаботи давр ва олами маънавии устод С.Айнӣ созгор омада, мавсуфро аз рӯйи истеъдоду малака, худогоҳӣ, миллатдӯстиву фарҳангпарварӣ ва дидгоҳу услуби хосса миёни аҳли илму фарҳанги кишвар ошно сохт.

Ҳамин махсусиятҳои эҷодии устод боис гардид, ки ӯро Комиссариати халқи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1933 барои таҳсил ба Донишгоҳи давлатии Ленинград мефиристад. Соли 1939 донишгоҳи номбурдаро хатм намуда ба Сталинобод бармегардад ва аз моҳи июли ҳамон сол то 20-уми декабри соли 1942 дар Донишкадаи олии кишвар ба номи Т.Т.Шевченко аз фанни забоншиносии умумӣ ва таърихи забони тоҷик дарс мегӯяд.

Худи ҳамин сол, яъне соли 1939 устод Соҳиб Табаров баъди хатми Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб ба Институти педагогии шаҳри Сталинобод дохил шуда, таассурот

ва фаъолияти гуногунҷанбаашро бо шахсиятҳои номдори давр, аз ҷумла А.Мирзоев пайванд медиҳад: “… Дар соли 1939 ва минбаъд якумин тоҷикони мактабҳои олии Руссия ва махсусан МГУ, ЛГУ-ро хатм карда, дар симои Ибодулло Қосимов, Азизови самарқандӣ, Ҳошим Умарович Содиқови самарқандӣ, Абдулғанӣ Муҳаммадович Мирзоеви китобӣ, Эшонҷонов Абдулғании панҷакентӣ, Додоҷон Тоҷиеви конибодомӣ ва даҳҳо дигарон зиёд мешавад. Қисме аз онҳо минбаъд устодони ман мегарданд, ки якеаш домулло Мирзоев буд… Дар он солҳо дар Тоҷикистон аз сабаби набудани олимони тоҷик, ҳатто илмҳои гуманитарӣ, аз он ҷумла, муқаддимаи адабиётшиносӣ, мукаддимаи забоншиносӣ, психология, педагогика, таърихи педагогика, философия, политэкономика, гигиенаи мактабӣ ва ҳатто фолклор, адабиёти ҷаҳон ва амсоли онҳоро олимони русзабон лексия мехонданд. Танҳо курси грамматикаи нормативии забони тоҷикӣ, синтаксиси забони тоҷикӣ, диалектологияро Ниёзмуҳаммадов, Мирзоев, Бузургзода таълимамон медоданд…” [5].

Албатта, барои устод Соҳиб Табарови дар ин айём 15-солаи ятиму касалманд ва дар замони ниҳоят нобасомон ворид шудан ба муҳити шаҳр кори осон набуд. Ин аст, ки ӯ бо эҳсоси баланди одамӣ ва дарки амиқи масъулиятшиносӣ донишмандони муҳити фарогирашро шинохта карда, ғамхориву дастгирии махсуси бархе аз онҳоро дар мисоли устод Абдулғанӣ Мирзоев дар гӯшаи ақлу шуур ва қалби хеш ҷойгузин намуда, поси эҳтироми онҳоро то вопасин рӯзҳои умраш нигоҳ медорад.

Устод С.Табаров ва ҳамроҳонаш соли 1941 курси дувумро хатм намуда, баробари сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ бинобар сабаби касалмандӣ ва маъюб будан ба фронт нарафта, балки ба минтақаи Кӯлоб равон карда мешавад. Соли 1942 боз ба Сталинобод баргашта, ба таҳсилаш идома мебахшад. Дар ҷараёни соли таҳсили 1942-1943 якбора ду курсро ба итмом расонда бозпас ба Кӯлоб рафта ба фаъолияти омӯзгорӣ ва мухбирӣ фарогир мешавад. Вале идомаи таҳсил ва кору фаъолияти минбаъдаи илмӣ дар шаҳр ӯро ягон дақиқа ором намегузошт. Бисёр мехост, ки таҳсилкардаи аспирантураи филиали Тоҷикистонии АИ ИҶШС бошад ва дар соли 1944 бо ин мақсад ариза пешниҳод намуд. Устод барои ҷамолӣ гардидани ин нияташ ба саргардониҳои зиёду доманадор рӯ ба рӯ гаштааст. (Ниг. ба “Ёде аз гузаштарӯзҳо” (Аз дафтари «Таассуроти ақлу дил», №118,аз 20.11.2013) // Садои шарқ-2014-№5-С. 49-79). Хубии кор ин буд, ки дар айни ҳамин сарсониҳо бо тавсия ва дастгириҳои устодон Шарифҷон Ҳусейнзода ва Носирҷон Маъсумӣ таълими курси таърихи адабиёти советии тоҷик дар Институти педагогӣ ба зиммаи устод С.Табаров вогузор мешавад. Устод С.Табаров бо арзи қаноатмандӣ ёдовар мешаванд, ки: “… Аз ин таклифи онҳо ман дар ҷомаам намеғунҷидам ва бо Тилло Пӯлодӣ расмӣ дар як ҳуҷра дар ошёнаи сеюми хобгоҳ ҷой гирифтам ва қайди паспорт намудам… Дар ин лаҳза устоди меҳрубонам Абдулғанӣ Мирзоевро дар бинои Пединститут дидам, ки чанд гоҳ пеш аз сафоратхонаи советӣ (дар Эрон) баргашта будааст ва ҳоло дар Институти ЗАТ филиал кор мекардааст ва бо таклифи Бобоҷон Ғафуров ӯро ба ҷойи Ҳусейнзода ба директории ИЗАТ таъйин кардаанд. Акнун ин таклиф амалӣ гардида будааст. Ӯ гуфт, ки ягон чораашро меёбад ва ба ман кумак мерасонад. Ин моҳҳои зимистон ё оғози баҳори соли 1945 буд… дар ҳамон сол бо мадади директори нави Институти забон, адабиёт ва таърихи ФТАИ ИҶШС А.Мирзоев бо роҳбарии Бертельс ба аспирантура қабул шудам… Соли 1947 аспиранти асил шудам, чунки дар ҳамин сол устоди асилам Мирзоев диссертатсияи номзадиашро дифоъ кард. Ӯ ҳамроҳи устодаш Бертелс, ки расман роҳбари илмиаш буд, худаш дар Сталинобод доимо рафти корҳоямро санҷида меистод; ба табобатам, хусусан ба силкасалиам, ҷиддӣ машғул мешуд ва ба тавсияҳои тубдиспансер София Михайловна Сазоновнаамро сад дар сад гӯш карданамро талаб мекард ва ғайра…” [5].

Маълум мешавад, дар рӯзҳои барои С.Табарови бе пушту паноҳ муносибатҳои дилсӯзонаи устод Абдулғанӣ Мирзоев аз тарафи шогирд ҳамчун ғамхории падарона ва раҳнамоии беғаразона беҳамто арзёбӣ гардида, симои устод дар ҳар як нигоштаи шогирд ниҳоят нек қаламдод мешавад. Устод С.Табаров пеш аз ба Институти педагогӣ ворид шуданаш, аллакай, ба доираи кори эҷодӣ ворид гашта буд, вале сарманшаи қадами ҷиддӣ гузоштанашро ба доираи илм маҳз дар пайвастагӣ бо устод А.Мирзоев медонад.

Адабиётшиноси маҳбуб, шогирди домулло С.Табаров, узви вобастаи АИ ҶТ, устод А.Кӯчаров дуруст қайд менамояд, ки: “… Ба илм ошноӣ пайдо кардани олими ҷавон ҳанӯз аз синни 14-солагӣ оғоз ёфта буд. Вале ӯ солҳои таҳсили аспирантура (1945-1949) ва сабақомӯзӣ аз Е.Э. Бертелс ва А.Мирзоев барин адабиётшиносони маъруф чун мутахассиси варзида ба камол расид, ба дараҷае, ки макотиби олӣ ва муассисоти илмию матбуоти ҷумҳурӣ ба асару мақолаҳои ӯ рӯйи ниёз доштанд…” [2].

Баъд аз он, ки устод С.Табаров рисолаи номзадиашро бо унвони «Ғуломон»-и С.Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ» (1949) бо заҳмату роҳбаладиҳои устодонаш А.М. Мирзоев ва Е.Э. Бертелс ҳимоя мекунад (матни хотироти С.Табаров дар шакли пурра бо анҷоми мақола оварда мешавад), минбаъд фаъолияти самараноки ҳамҷояи устоду шогирд натиҷаҳои дилхоҳ ба бор меоваранд. Аввал ин ки, устод С.Табаров ҳанӯз дар давраи аспирантура таҳсил намуданаш китоберо оид ба таърихи адабиёти советии тоҷик бо номи “Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик” (Ёрӣ ба муаллимони адабиёт. - Сталинобод: Нашрдавточик, 1948.-200 с.) ба чоп мерасонад. Ва ин китоб ҳамчун нахустин китоби дарсӣ, “хрестоматия” ва “дастури таълим” аз фанни номбурда барои омӯзгорону толибилмони макотиби миёна ва ҳатто мактабҳои олӣ ба шумор мерафт. Дигар ин ки, давоми солҳои 1950-1953 бо ҳамроҳии устодаш А.М. Мирзоев, инчунин А.Н. Болдирев, Б.Сирус, А.Каримов дар таълифи китобҳои дарсии “Адабиёт барои синфи 1Х”, “Хрестоматияи адабиёт”, “Программаи таърихи адабиёти советии тоҷик” барои мактабҳои олӣ саҳми муносиб гузоштаанд.

Раванд, муносибат ва таъсири дониши фарохи устод Абдулғанӣ Мирзоев минбаъд диққати шогирдаш Соҳиб Табаровро ба худ ҳарчи бештар ҷалб намуда, ӯро ба доираи васеи илм ва ё марҳилаи нави эҷодкорӣ раҳнамун сохт. Ин аст, ки устод С.Табаров ҳамеша бо ифтихормандӣ аз таъсиррасонии устодонаш С.Айнӣ, Е.Э. Бертелс ва А.Мирзоев ёд намуда, бо тарзу услуби хосси онҳо пайравӣ намуданро сарчашмаи пешравиҳои кори хеш медонад ва парастиши ин се донишманди Шарқро қарзи шогирдӣ меҳисобад: «Ҳоло дар назди рӯҳи ин се устоди безаволам - Садриддин Саидмуродзода Айнӣ, Евгений Эдуардович Бертелс ва Абдулғанӣ Муҳаммадович Мирзоев саҷда мекунам. Вагарна ҳақир ҳамон кӯҳистоние мебудаму ҳамон кӯҳистоние мемондам ва аз доираи Дуоби дурдастам берун намебаромадам» [3].

Маълум аст, ки асрҳо боз шинохти шахсият ва осори гаронарзиши устод Рӯдакӣ аз ҷониби олимону донишмандони олам дар осиёби тадқиқот чарх мезанад. Ин анъана дар ибтидои асри Х1Х ба афкори як зумра шарқшиносони аврупо ва баъдан рус сироят намуда, дар қисмати охири ҳамин сада таваҷҷуҳи донишмандони Шарқро ба худ кашид. Дар қарни ХХ бошад ин раванд аз тадқиқоту хулосаҳои амиқи устод С.Айнӣ ибтидо гирифта, минбаъд авҷи тоза гирифт. Соли 1958 ҷашни 1100-солагии устод Рӯдакӣ таҷлил карда шуд. Ба ин муносибат як қатор донишмандони ватанӣ аз ҷумла устод Абдулғанӣ Мирзоев дар таълифи асару мақолаҳои бунёдӣ асос гузоштанд.

Албатта, устод С.Табаров аз омӯзишу таҳқиқи эҷодиёти устод Рӯдакӣ дар канор набуд. Ӯ низ мавқеи худро оид ба ин масъала дар марҳилаҳои фосиладор тавассути мақолаҳои хеш бо номҳои “Рӯдакӣ” (1947), “Рӯдакӣ ҳамзамони мо”(1958) ва “Тазмини Пайрав ба як қасидаи Рӯдакӣ” (1976) заргарона қаламдод намудааст. Вале дар заминаи омӯзиши ҷиддиву тӯлонии қиёсӣ боз ҳам майл ба сӯйи дақиқназарӣ, пухтакорӣ ва олами маънавии устодаш Абдулғанӣ Мирзоев намуда, бартарияти тадқиқотиро ба ӯ шоиста медонад: «Бо ҷасорати хос гуфта метавонем, ки дар қарни ХХ байни шарқшиносони мактабҳои исломӣ се рӯдакишиноси номдор доир ба омӯзиши эҷодиёти Рӯдакӣ доди суханро доданд, якеаш Шиблии Нуъмонӣ, дигаре Саид Нафисӣ ва сеюми Абдулғанӣ Мирзоев мебошанд» [4].

Эътимоди комил, ихлосмандӣ ва андешаҳои комилу мантиқии С.Табаров бозгӯи он аст, ки устод Абдулғанӣ Мирзоев, аллакай, дар ин давра ба сифати шахсияти комили фарҳангӣ ва яке аз тавонотарин олимони давр шинохта шуда, минбаъд тадқиқотҳои ӯ баҳри кашфи асрори адабиёти баъдӣ ва осори намояндагони он аз рӯйи масъулиятшиносии миллӣ сурат бастааст. Яъне, ҳар як тадқиқоте, ки устод А.Мирзоев анҷом медоданд бо асноду далелҳои раднопазир рӯйи кор омада, ба дилхоҳ мубоҳисаҳои илмӣ-адабӣ нуқтаи ниҳоиро мегузошт. Махсусан, устод А.Мирзоев дар нақди адабиёти баъди асри ХV заҳмати беандоза намуда, бо тавлид гардондани як қатор асарҳои арзишманд, аз ҷумла “Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик”(1947), “Мулҳами Бухороӣ”(1948), “Биноӣ”(1957) собит сохт, ки адабиёти асрҳои ХV1-Х1Х тоҷик дар ривоҷу равнақи адабиёти навини форисизабонон мақоми арзандаро соҳиб аст.

Устод Соҳиб Табаров 12-апрели соли 2015 олами фониро дар синни 91-солагӣ падруд гуфтанд. Ва ҳар як зиёие, ки то ин дам ба аёдати устоди зиндаёд мерафт, хуб медонад, ки домулло ҳамеша атрофи илму маърифат сухан ронда, ҳатман ёди устодонашон, аз ҷумла хизматҳои устодашон А.Мирзоевро пеши назар оварда, кӯдаквор ашки сӯзон мерехтанд. Вобаста ба ин махсусияти муносибати ибратомӯзи устод Соҳиб Табаров ҷоиз медонам, ки муҳтавои яке аз мақолаҳои адабиётшиноси варзида, устод Муртазо Зайниддиновро ҳамчун намунае мисол оварам. Мақолаи устод бахшида ба 90-солагии адабиётшинос С.Табаров бо

номи “Пажӯҳишгари нодиру камназири адабиёт”(2014) таълиф гардида, аз се зерфасл “Сукут”, “Рӯнамоии китобҳо” ва “Пайрав Сулаймонӣ” иборат мебошад. Мақолаи мазкур баъди бо ҳамроҳии устоди зиндаёд, профессор Х.Асозода ба дидорбинӣ рафтани муаллиф дар заминаи хотироти устод С.Табаров сурат баста, бо устувории ҷанбаҳои илмӣ андешаҳои С.Табаровро дар бораи қадршиносии олимони намоёну хизматнишондода, адабиёт, раванд ва тақдири минбаъдаи он маънидод менамояд: “…Профессор Худойназар Асозода (рӯҳашон шод бод) бо нармӣ ба суҳбати устод луқма партофт ва гӯё устод С.Табаров интизори барангезандае буд, ки садояш баландтар ва ҳадаф мушаххастар гардид.”…Кӣ имрӯз аз Абдулғанӣ Мирзоев ёд мекунад, Холиқ Мирзозодаву Шарифҷон Ҳусейнзода, Лутфулло Бузургзодаву Носирҷон Маъсумӣ, Муҳаммад Осимиву Муллоҷон Фозилов ва даҳҳо дигар фузалову фидоиёни тамаддуни тоҷикро, ки баҳри гул-гулшукуфии илму фарҳанг ва адабиёту санъати миллатамон бо дилу ҷон хидмат мекарданд ва аксарашон устодони фақир буданд, кӣ ёд мекунад? Албатта, ҳар кадом бо тавонии худ кор карданд, асар офариданд, ҷараёни корҳои таълимиву илмиро ташкилу такмил додаанд, баъзеашон мисли нобиғаи беҳамтои адабиётшиносии тоҷик устодам Абдулғанӣ Мирзоев яке аз мактабҳои илми тоҷикшиносиро асос гузоштанд. Ӯ дар соҳаи омӯзиши адабиёти тоҷики асрҳои XV1-X1X дар илм кашфиёт кард, мақомаш дар сатҳи тадқиқоту кашфиёти олимони ҷаҳонӣ буд ва мебошад…Қарзи худ меҳисобам бигӯям, ки А.Мирзоев дар таълими илмҳои «Мадхали забоншиносӣ» “Таърихи хатти тоҷикӣ” ва “Таърихи забони тоҷикӣ”дар мактабҳои олии Тоҷикистон ҳукми асосгузориро дорад ва баъдҳо дар якҷоягӣ бо олимони номдори таърихи адабиёти тоҷик Ш.Ҳусейнзода, Н.Маъсумӣ ва Х.Мирзозода дар таълими “Таърихи адабиёти асрҳои XV1-X1X ҳам саҳми калоне гузошт” [1].

Устод Соҳиб Табаров дар тӯли умри пурбаракат ва пуршебу фарози худ таҷрибаи хеле ғанӣ андӯхта, ҷойгоҳ ва мақоми ҳар як эҷодкори асил, олимону донишмандон ва шоирону нависандагонро вобаста ба амалашон нишонрас баҳогузорӣ намуда, дар назди устодонаш худро ҳамеша қарздор ҳисобидааст.

Саҳми олими намоёни тоҷик, мақому манзалат ва ҷонфидоии академик Абдулғанӣ Мирзоев дар муаррифии илмӣ тоҷик аз ҷониби устод Соҳиб Табаров дар як қатор асару мақолаҳояш, аз ҷумла “Саҳми олими намоёни тоҷик” (1972), “Соҳиби мактаби илмӣ” (1972), “Маъвои ҳаёти маънавиам” (2004), “Сипос ва қадрдонӣ” (2005), “Абдулғанӣ Мирзоев ва мактаби адабиётшиносии тоҷик” (2008) ва ғайра ҳамчун рамзи сипосу қадршиносӣ хеле самимӣ ва барҷаста ифода ёфтаанд.

Ёде аз гузаштарӯзҳо (Аз дафтари «Таассуроти ақлу дил», № 118 аз 26. 01. 2014).

Солҳои 1947-1948 қуллаи олитарини шабу рӯзи баландшавии шуғли илм дар ман буд… Ман бо усули илмии аврупоӣ ва русӣ ва махсусан ба тарзу равияи илмии устоду шогирд Е.Э. Бертелес ва А.М. Мирзоев такя карда, ду сол беист дар болои диссертатсияи номзадиам «Ғуломон»-и С.Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ» майна об намудам. Ман дар нимаи дувуми соли 1948 қисм ба қисм бобҳои ҷудогонаи диссертатсияамро аз назари устодам Абдулғанӣ Муҳаммадович Мирзоев пурра гузаронидам.

Дар он солҳо дар баъзе ҷумҳуриятҳои СССР навиштани диссертатсияҳо ба забони модарии ҳар миллат хеле зиёд шуда буд ва аъзои ВАК он забонҳоро кам медонистанд. Аз ин рӯ, ба онҳо баҳо дода наметавонистанд. Бинобар ҳамин масъала барои ВАК дар якчанд саҳифа навиштани мундариҷаву мазмуни диссертатсия ба забони русӣ ҳатмӣ гардид. Баъдҳо номи онро реферат гузоштанд. Дар он солҳо (1949-50) дар Тоҷикистон касе дар бораи чӣ тавр навиштани реферат ҳатто тасаввуре ҳам надошт. Ба ман дар Сталинобод А.Мирзоев ва дар Москва Е.Э. Бертелс маслиҳат доданд, ки аз ҳар боб мазмуни диссертатсияамро дар шакли мухтасар нависам. Домулло А.Мирзоев маслиҳатам дод, ки ҳаҷми реферати диссертатсия 8-10 саҳифаи мошинкагиро гираду бас. Мазмуни умумии диссертатсияамро ба русӣ тарҷима ва таҳрир кунонда, барои ба назди устодам Е.Э. Бертелс рафтан роҳи Москавро пеш гирифтам. Мувофиқи ваъда дар ду ҳафта диссертатсияамро аз сар то пой хонда, якумин реферати диссертатсияи тоҷикистонӣ – Табаровро бо диққат таҳрир карда, бо чанд эроди ҷузъие онро ба чоп тавсия кард. Аввали баҳори соли 1949 роҳи Ленинградро яккаву танҳо пеш гирифтам. Дар Ленинград дар оилаи Яблонскийҳо маъвои хуб доштам. Институти шарқшиносии АИ СССР гарчанде ба ман балад набуд, як худи шогирдашон А.М. Мирзоев ва роҳбари илмии ман будани Бертелс баҳри нишона гардиданам барои аксари олимони шарқшинос асосе гардида метавонист. Бинобар ин, бо ворид шуданам ба кабинети котиби илмии Институт доктори илмҳои таърих, эроншинос Петров ӯ моро аз ин ҷой ба он ҷо, аз ин дарвоза ба он дарвоза наронд. Петров пас аз шиносшавиаш бо ҳуҷҷатҳоям ба ман дар масъалаи интихоби ду оппонент масъала гузошт. Устодонам Е.Э. Бертелс ва А.М. Мирзоев маслиҳат карда

буданд, ки оппоненти дувумам номзади илмҳои филология А.Н. Болдирев ва оппоненти якумам доктори илмҳои таърих Белинитский ё доктори илмҳои таърих Рушевскийи эроншинос ва ё доктори илмҳои таърих М.М. Дяконов шаванд. Ман бо шарму ҳаё ин фикри ду устодамро ба Петров изҳор кардам. Петров неву нестон накарда ҳамчун муаррих мувофиқ будани ҳар чор номзадамро тасдиқ карда, аввал бо ҷӯрааш А.А. Болдирев «ту» гӯён телефон кард. Ӯ, ки пешакӣ аз ҷӯраи дигараш аз ин кор огоҳ буд, дарҳол ба оппонент шуданаш розигӣ дод.

Баъд Петров ба Белинитский занг зад. Белинитскийро борҳо дар Сталинобод дар маъракаву корҳои мавсимотӣ, ҳафриётию археологиаш медидам, вале бо ӯ шиносоӣ надоштам. Белинитский ба Петров посухи муҷмал дода аз ӯ хоҳиш кард, ки маро бо диссертатсияам ба наздаш фиристад. Ман бо ҷону дил ин хоҳиши ӯро иҷро кардам. Ӯ тақрибан баъд аз 2-3 соат ба наздаш даромаданамро хоҳиш намуд. Ман мувофиқи соати муайянкардаи Белинитский ба наздаш даромадам. Ӯ бо лаҳни меҳрубонона завқовар будани мавзӯи диссертатсияамро гуфта лаҳзае шодам карду пас гуфт:

– Афсӯс, ки ман асосан археологам. Бо таърих ва махсусан таърихи ғуломдорӣ машғул нестам. Ба Петров гӯед, ки мувофиқи проблемаи шумо мутахассисе ёбанд. Ва бо ҳамин оппонент шуданашро рад намуд.

Баъд аз оби хунук рехтани Белинитский ба сарам бо сари хам аз назди вай диссертатсияам дар дастам ба кӯчаи Рубинштейн равон шудам. Ман баъди як-ду рӯз ба худ омадан боз ба назди Петров рафтам. Ӯ андаке дилбардориам карда баъд ба назди Петрушевский фиристодам. Нисбатан хуш пешвозам гирифт. Диссертатсияамро ду-се саҳифа ба ҳуруфи кириллӣ ҳиҷокунон хонд ва луқма партофта гуфт:

– Кори бисёр хуб менамояд, аммо онро ман ба алифбои кириллӣ бо мушкилӣ хонда метавонам. Агар ба алифбои арабӣ навишта мешуд, оппонент мешудам. Бо ҳамин оппонент шуданро нахост.

Ҳамин тавр, боз диссертатсияамро таги каш карда бо андешаи зиёд ба сӯйи почтамт ва пункти гуфтугӯи телефон раҳсипор шудам. Бо устодам домулло Абдулғанӣ Мирзоев мазмуни ҳар ду мулоқотамро нақл намудам. Ӯ бо андаке ҷиддияти Мирзоевона маро дилбардорӣ карда чунин гуфт: «Ман ба Дяконов занг мезанам, ту ба назди Петров рафта гӯй, ки аз Дяконов хоҳиш кунад, ки оппоненти ту шавад».

Ман бо дилпурӣ ин супориши устодамро ба ҷо оварда, пагоҳии рӯзи дигараш аввал ба пеши Петров, сонӣ ба назди Михаил Михайлович Дяконов рафтам.

М.М. Дяконов дар он рӯзҳо гирифтори бемории зуком будааст ва дар хонааш табобат мекардааст. Бинобар ин, маро дар хонааш қабул намуд. Хонаи Дяконов дар канори дарёи зебоманзари Нева, дар бинои хеле мунаққаши Вазорати корҳои хориҷии Русияи подшоҳӣ ҷойгир буд. Дарро худаш кушода, маро ба кабинеташ роҳнамоӣ намуд. Ӯ ҳатто ишораам кард, ки маро чанд бор дар назди Абдулғанӣ Муҳаммадович дидааст.

М.М. Дяконов диссертатсияамро аз рӯйи мундариҷааш аз назар гузаронида розигии худро ба оппонентӣ дод. Акнун ҳар ду нусхаи диссертатсияам дар дасти Дяконов ва Болдирев монданд…

Ниҳоят рӯзи ҳимояи мани ятими бесоҳиб ҳам расид. Дар нимаи якуми рӯзи ҳимоям як-як бузургтарин ва машҳуртарин шарқшиносони рус ва олам пайи ҳам ба толори ҳимоя омада, дар ҷойҳои ифтихории барои ҳар кадомашон муайянгардида нишастан гирифтанд…

Дар муддати чанд моҳе, ки давутози тайёриро ба ҳимоя медидам, танҳову бе ягон мададгор будам. Дар он рӯзҳо бештар набудани устоди асосиам аллома Бертелси дар Москва буда ва устоди ғамхор Мирзоеви дар Сталинобод будаамро ҳис мекардам. Тамоми корҳои дифоамро танҳо ва танҳо худам ба ҷо меовардам. Дар рӯзу соатҳои ҳимоям ягона мухлисам аспирант Додоҷон Тоҷиеви конибодомӣ буд. Баъд аз эълони комиссияи ҳисобот ғайр аз ӯ бо мо каси дигаре набуд. Ӯ маро табрик намуд. Ҳар дуямон шодмонона ба яке аз кафеҳои таги заминии хиёбони Нева даромада ҳимояамро «тантанавор» қайд кардем.

Чӣ қадар бадбахт будани мани ятим ва ғарибро касе тасаввур ва дарк карда метавонад, ки худаш бе восита ин рӯзҳоро аз сараш гузаронида бошад…

Ба гумонам дар он рӯзҳо дар олам ягон кас маро ҳимоятгар набуд. Агар устоди бевоситаи ман Мирзоев намебуд, ман имрӯз он мақому манзалати хуб ё бадро, ки дорам, намедоштам. Устод Абдулғанӣ Мирзоев камбағалдӯст ва ятимпарвар буд ва ман барин шогирдонро ҳамчун пир ва падарвор парвариш мекард…

Пиру устоди илмиам А.М. Мирзоев намебуд, ман солҳои 1939-1983 ҳеҷ гоҳ ба касби дувуми иловагиам - илм соҳибкасб намешудам. Бо шарофати ӯ Бертелс маро ба шогирдӣ қабул кард; дар яке аз бузургтарин институтҳои шарқшиносии дунё баъд аз худаш 2-юмин

шуда ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филология дар илми адабиётшиносӣ дар Тоҷикистон сарфароз намуд; ба кор ба Институти забон, адабиёт ва таърихи ФТ АИ СССР қабул кард ва ба якумин ходими калони илмӣ (дар соли 1949 бо мадади раиси филиалҳои АИ СССР академик Скочинский) қабул кунонд; соли 1953, баъди ҳимояи диссертатсияи докториаш, бо мадади С.Айнӣ, Б.Ғафуров, А.А.Семёнову А.Ю. Якубовский ҷойи аъзо корреспондентии АИ Тоҷикистонро интихоб ва қабул кунонданаш ва дигар хидматҳои хайр ва ҳурмузонаи домулло Абдулғанӣ Мирзоев ба ман фаромӯшнашавандаанд… (6).

А Д А Б И Ё Т

1. Зайниддинов М. Пажӯҳишгари нодиру камназири адабиёт / М.Зайниддинов // Садои Шарқ. – 2013. - №4. – С.82-91.
2. Кӯчаров А. Муҳаққиқи соҳибмактаб / А.Кӯчаров. - Душанбе: Адиб, 2014. – 159 с.
3. Табаров С. Сипос ва қадрдонӣ / С. Табаров. - Душанбе, 2005 – 23 с.
4. Табаров С. Абдулғанӣ Мирзоев ва мактаби адабиётшиносии тоҷик / С. Табаров // Тоҷикистон. – 2008. - №11-12. - С.24-26.
5. Табаров С. Аз дафтари «Таассуроти ақлу дил» / С. Табаров. - №117 аз 22.01.13.
6. Табаров С. Ёде аз гузаштарӯзҳо / С. Табаров (Аз дафтари «Таассуроти ақлу дил»), №118, аз 20.11.2013.) // Садои Шарқ. – 2014. - №5. - С.61-62.
7. Табаров С. Ёде аз гузаштарӯзҳо / С. Табаров (Аз дафтари «Таассуроти ақлу дил» - №11, аз 26.01.2014).

ПАЙВАНДИ МАЪНАВИИ ДУ ШАХСИЯТИ БАРҶАСТА

Устод Абдулғанӣ Мирзоев фаъолияти худро аз охирҳои солҳои 20-уми асри XX дар шаҳри Сталинобод ҳамчун рӯзноманигор ба ҳайси мудири шуъбаи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» оғоз менамояд. Эҷодиёти самараноки ӯ, ки ифодагари таъриху тамаддуни бой, забон, мактабу маориф, урфу одат ва анъанаҳои неки миллӣ буданд, ба талаботи давр созгор омада, мавсуфро дар як муддати кӯтоҳ аз рӯйи истеъдоду малака, худогоҳӣ, миллатдӯстиву фарҳангпарварӣ ва дидгоҳу услуби хосса миёни аҳли илму фарҳанги кишвар муаррифӣ намуд. Ҳамин хусусиятҳо боис шуд, ки Комиссариати халқи маорифи Тоҷикистон соли 1933 ӯро барои таҳсил ба Донишгоҳи давлатии Ленинград мефиристад. Соли 1939 ин донишгоҳро хатм намуда ба Сталинобод бармегардад ва то моҳи декабри соли 1942 дар ДДОТ ба номи Т.Г. Шевченко аз фанни забоншиносии умумӣ ва таърихи забони тоҷикӣ дарс мегӯяд. Худи ҳамин сол, яъне соли 1939 устод Соҳиб Табаров баъди хатми Омӯзишгоҳи педагогии ш.Кӯлоб ба ДДОТ дохил шуда, фаъолияти минбаъдаашро бо устод А.Мирзоев пайванд медиҳад. Ҳамин тавр, дар ин мақола симои ходими бузурги давлатию ҷамъиятӣ ва илмию фарҳангии миллати тоҷик, академик А.М. Мирзоев дар заминаи андешаву хотираҳои як тан аз дастпарварони мактаби илмии ӯ адабиётшинос С.Табаров ҷилвагар мешавад.

Калидвожаҳо: А.Мирзоев, С.Табаров, мактаби илмӣ, ёддошт, адабиёт, бадеият, муқоиса, типология, таърих, муосир.

НРАВСТВЕННАЯ СВЯЗЬ ДВУХ ВЫДАЮЩИХСЯ ЛИЧНОСТЕЙ

В данной статье показан огромный вклад выдающегося общественного и государственного деятеля, академика А.М. Мирзоева в развитие таджикской национальной науки и культуры в воспоминаниях и размышлениях одного из последователей его научной школы члена-корреспондента АН РТ С.Ш. Табарова. Выдающийся таджикский ученый Абдулгани Мирзоев начал свою деятельность в двадцатые годы прошлого столетия в качестве корреспондента газеты, а затем – заведующего отделением газеты «Тоҷикистони сурх» (Красный Таджикистан). Его творчество в данный период было плодотворным, оно затрагивало все сферы культуры и науки, искусства и истории. Он был талантливым исследователем, писал о неизученных сторонах таджикской цивилизации и древней культуры, большое количество его творений касаются языка, состояния школ и системы образования, нравов и национальных обычаев. Вопросы национального самосознания и развития национальной культуры, традиции, верования таджикского народа, история его роста на протяжении столетий и в результате долгой борьбы интересовали его как ученого – историка таджикской литературы и культуры. В 1933 году он был отправлен Комиссариатом народного образования на учебу в Ленинградский государственный университет. Окончив университет в 1939 году, он вернулся в Сталинабад. Работал в Таджикском государственном педагогическом институте имени Т.Г. Шевченко до 1942 года и преподавал такие дисциплины, как общее языкознание и история таджикского языка. В 1939 году Сохиб Табаров после окончания педагогического училища города Куляб поступает в Таджикский государственный педагогический институт. Дальнейшая судьба С. Таброва, начиная с этого периода, связана с жизнью и деятельностью А. Мирзоева.

Ключевые слова: А.Мирзоев, С.Табаров, научная школа, воспоминание, дневник, литература, художественность, сравнение, типология, история, современность.

THE ACADEMICIAN ABDULGHANI MIRZOEV FROM THE VIEWPOINT OF SOHIB TABAROV

The present article is about a huge contribution of the outstanding public and statesman, academician - A.M. Mirzoev in the development of Tajik national science and culture through the memories and thoughts of one of the followers of his scientific school, corresponding member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan S.Sh. Tabarov. The prominent Tajik scientist Abdulghani Mirzoev began his work in the twenties of the last century as a correspondent for the newspaper and then as the head of the department of the «Tojikistoni Surkh» newspaper (Red Tajikistan). Hisresearches in this period affected all spheres of culture and science, art and history. He was a talented researcher, wrote about the unexplored aspects of Tajik civilization and ancient culture, a large number of his works are related to the language, state of schools and the educational system, mores and national customs. Issues of national self-awareness and the development of national culture, the traditions of the Tajik people, the history of there growth over the centuries and as a result of a long struggle, interested him as a scientist - historian of Tajik literature and culture. In 1933, he was sent by the Commissariat of Public Education to study at

Leningrad State University. After graduating from university in 1939, he returned to Stalinabad. He worked at the Tajik State Pedagogical Institute named after T.G. Shevchenko until 1942 and taught such disciplines as general linguistics and the history of the Tajik language. In 1939, Sohib Tabarov, after graduating from a teacher training college in the city of Kulab, entered the Tajik State Pedagogical Institute. The further fate of S. Tabrov, starting from this period, is connected with the life and work of A. Mirzoev.

Key words: A. Mirzoev, S. Tabarov, scientific school, memory, literature, artistry, compare, typology, history, modernity

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландаров Наврӯз Аҳмарович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-88-79-60**

Сведения об авторе: ***Каландаров Навруз Ахмарович*** – Таджикский национальный университет, дотсент кафедры теория и новейшей персидско – таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-88-79-60**

Information about the author: ***Qalandarov Navruz Ahmarovich*** – Tajik National University, assistant professor of the Department of Theory and modern Persian and Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-88-79-60**

УДК:

БАРРАСИИ ҚИЁСИИ СИМОИ БОНУВОНИ НЕКУСИРИШТУ ПОКНИҲОД ДАР "ШОҲНОМА"-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА "ХАМСА"-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Ашурова Н.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мавзӯи зан дар тамоми давраҳои таърихи инсоният аз ҷумлаи мабоҳиси меҳварӣ буда, вуруди он ба адабиёт ҳам таърихи дерина дорад. Аксари адибони дунё аз давраҳои қадим то замони мо дар ситоиши зан сухан гуфта, дар асарҳояшон чеҳраи идеалӣ, симои зоҳирию ботинӣ, ҷаҳони маънавӣ ва доноии махсуси занонаро офарида, камолоти маънавӣ ва ҷисмониашро дар қиёс ба мардон васф карда, баъзан масъалаи баробариашро бо мардон дар ҷамъият пеш гузоштаанд. Дар замони мо ин ҷиҳати масъала хусусияти умумӣ касб карда, дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун масъалаи махсусе таҳти унвони масъалаҳои гендерӣ шинохта мешавад.

Таҳқиқи масъалаи мазкур ба сурате, ки матраҳ шуд, доманаи васеъ дошта, метавонад аз чандин нигоҳ ва дар доираи мавзӯъҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ баррасӣ шавад. Манзури мо дар ин ҷо тарҳи як ҷиҳати масъала – симои бонувони некусиришту покниҳод мебошад, ки дар асоси маводи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ ба таҳқиқи қиёсӣ пардохта мешавад.

Ба зумраи мутафаккирони бузурги асримиёнагие, ки бар хилофи тасаввуроти умумии замони хеш андеша ва афкорашон оид ба мақоми зан дар зинаи боло меистод, сухансароёни бузург Абулқосим Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ дохил мешаванд, ки эҳсосоти зебову меҳрполои инсониятро дар силсилаи достонҳои "Шоҳнома"-и безавол ва "Хамса"-и нотакрор бо гуфторҳои беҳамто ҷой додаанд. Ин шоирони бузург дар образи як силсила занони осори худ, чун Рудоба, Синдухт, Гурдофарид, Таҳмина, Фарангис, Катоюн, Кайдофа, Гурдия, Ширин, Меҳинбону, Лайлӣ, Нӯшоба, Фитна симоҳои нотакроре офаридаанд, ки ба зебоии зоҳирию ботинӣ, бо ҷасурию диловарӣ, бо кору амал ва меҳру муҳаббату вафодории худ воқеӣ ба назар мерасанд ва аз бисёр образҳои занони адабиёти тоҷику форс тафовут доранд. Онҳо симоҳои бадеии имрӯзина ҳам ҳастанд, ба ин маънӣ, ки ҳангоми мутолиа аксар мо образи бадеии умумикардаи назми асрҳои X-XII будани онҳоро фаромӯш мекунем.

Чунин хусусият ва сабаби ҷовидонӣ мондани образҳои дар боло номбаршуда аз он ҷиҳат ҳам ҳаст, ки адибони тавоно, ба монанди Фирдавсӣ ва Низомӣ симоҳои махсуси бадеие офаридаанд, ки маҳсули тафаккур ва қудрати офаринандагии онҳо мебошанд. Чунонки муҳаққиқ Мансура Иттиҳодия дар мавриди занони офаридаи Фирдавсӣ гуфтааст: "аксари заноне, ки Фирдавсӣ ном бурдааст, афсонавианд ва воқеияти таърихӣ надоранд. Вале Фирдавсӣ шахсиятҳои китоби худро чунон бо дурустӣ ва маҳорат васф мекунад, ки дар назари мо муҷассам мешаванд ва ҷон мегиранд" [8, с.3].

Чун мо ба образҳои шоҳону паҳлавонон ва инчунин, занон низ жарфтар менигарем, аз пеши чашмонамон пардаи асотирӣ бардошта шуда, намодҳои воқеӣ боқӣ мемонанд, ки рафтору кирдорашон ба инсонҳои он замон ҳамсон мебошанд. Ба пиндори Ҷонон

Бобокалонова: "он чиз боқӣ мемонад, ки дар замонҳои дур – ҳанӯз дар давраи ҳукмрон будани модаршоҳӣ занон дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёту зиндагӣ озод буданд ва сарнавишти худро худ ҳал менамуданд" [5, с.7].

Адибони классики тоҷик ба мавзӯи некӣ ва накусифатӣ осори пандуахлоқии зиёдеро ба мерос гузоштаанд, инчунин, дар баъзе асарҳои назаригуна, ки мавзӯи онҳо футувват, оин ва расму русуми ҷавонмардӣ мебошад, масъалаҳои назарии некӣ ва сифатҳои некукорӣ ба низоми муайяни ахлоқӣ матраҳ шудаанд. Аз ҷумлаи чунин асарҳо яке "Футувватномаи Султонӣ"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ аст, ки дар он роҷеъ ба 72 паҳлуҳои хислату хусусияти ахлоқии одамон сухан рафтааст [22, с.117]. Дар он офаридаҳои ҳикматбор ба чунин паҳлуҳои ахлоқи ҳамидаи инсонҳо, ба сони ростиву растагорӣ, садоқату вафодорӣ, дар дил парваридани ишқу муҳаббати пок, дурандешӣ, соҳибтадбирӣ, нармгуфторӣ, шарму ҳаё, иффату покдоманӣ ва ғайра сухангустарӣ шудааст. Ин мавзӯъҳое мебошанд, ки дар таърихи фарҳангу адаб собиқаи дерина дошта, на танҳо дар эҷодиёти шоирони бузург, ба монанди Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ, инчунин, дар эҷодиёти тамоми адибони машҳури адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик ба тасвир расидааст.

Чунонки дар боло зикр шуд, ҳадафи мо аз ин нигориш таҳлилу баррасии намоди занони некусифату покдоман, хирадпешаю фарҳангпарвар мебошад, ки дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ инъикос гардидаанд. Аксари занони дар асарҳои офаридаи ин адибони бузург бозтоб гардида, аз арзишҳои волои инсонӣ, чун хирадмандӣ, накукориву накусифатӣ, иффату покдоманӣ бархӯрдоранд. Ҳарчанд ки дар адабиёти давраи исломии Шарқ образи занон бештар бо сифатҳои манфӣ рангомезӣ шудаанд, вале Ҳакими Тӯс бо такя ба хислатҳои занони давраи пешазисломӣ ва дар гуфторҳои фолклорӣ омада, силсилаобразҳои мусбатеро офаридааст, ки саҳми занони хирадманду паҳлавонзанонро дар давлатдорию лашкардорӣ бознамоён сохтааст.

Аввалин образҳои офаридаи Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷинси зан хоҳарони Ҷамшед – шоҳи Эрон бо номҳои Арнавоз ва Шаҳрноз мебошанд. Қадамалии Сарромӣ дар асари "Аз ранги гул то ранҷи хор" онҳоро духтарони Ҷамшед ном мебарад [14, с.840]. Симои Шаҳрнозу Арнавоз дар "Авасто" бо номҳои Санҷавак ва Арнавак ёдовар шудаанд. Ҷонон Бобокалонова дар асари худ бо унвони "Нақши занон дар номаи шоҳон" ин ду симоро асотирӣ номида, ишора кардааст, ки онҳо аз сарчашмаҳои қадим ба "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ роҳ ёфтаанд. Ин муҳаққиқ бо хулқу атвори хеш онҳоро ба ҳам зид шуморидааст.

Дар "Шоҳнома"чунин тасвир шудааст, ки Заҳҳоки мордӯш Арнавоз ва Шаҳрнозро бо худ бурда, бадкирдориҳо меомӯзонад:

Бипарвардашон аз раҳи бадхуӣ.
Биёмухташон тунбалу ҷодуӣ [16, с.78].

Фирдавсӣ Фаридунро наҷотдиҳанда ва раҳобахши духтарони шоҳ Ҷамшед аз зулми Заҳҳоки нопок намоёндааст. Ба пиндори пажӯҳишгари номбурда, инсонҳои бад аз Шаҳрноз ва одамони нек аз Арнавоз ба дунё омадаанд. Фарзандони Шаҳрноз – Салм ва Тур писари Арнавоз – Эраҷи ҳалиму накукорро куштанд, то некӣ ва накукорӣ дар олам аз байн биравад. Пас, маълум мегардад, ки аҷдодони қадимии мо на танҳо оламро ба торикиву рӯшанӣ, ба рӯзу шаб, балки инсонҳоро низ ба баду нек тақсим мекардаанд. Аз ҳамин ҷост, ки Арнавозу Шаҳрнозро чун манбаъҳои некиву бадӣ маънидод менамудаанд [5, с.7].

Образҳои барҷастаи мусбат дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ дар симоҳои Рудоба, Синдухт, Гурдофарид, Таҳмина, Манижа, Фарангис, Гурдия, Ҳумой, Ширин ва монанди онҳо бозтоб гардидаанд. Дар ин байн образи зани ба некию накукорӣ, вафодорию покдоманӣ машҳур симои Рудоба – ҳамсари Золи Зар, модари Рустами Дастон мебошад. Дар шахсияти Рудоба шоир зани бедордил, ошиқи босуботу соҳибиродаро тасвир кардааст. Ишқи Рудоба пок, самимӣ ва бидуни ҳавову ҳавас аст. Ӯ дил ба сифатҳои мардонагии Зол бастааст. Дар бораи ишқи пок, шефтагии пуршӯри Рудоба ва тафовути назари ӯ аз биниши атрофиёнаш Муҳаммади Мухторӣ чунин гуфтааст: "Рудоба аз чунин душманиҳо ва бадандешиҳо бебаҳра аст. Ҷони поку беолоиши ӯро чунин довариҳо намеолояд. Пойбанди арзишҳо ва суннатҳои ин гурӯҳ одамиён нест. Оинаи дилаш чун инон зангор нагирифтааст ва ба ҷон ҳастии Золро дармеёбад. Пас, ишқ омадааст, то бар даруни ҳама битобад ва биниши гурӯҳҳои мухталифи ҷомеаро дигаргун созад" [12, с.123]. Ба қавли Шиблии Нуъмонӣ, ҳақиқатписандии Рудоба аз меъёри рутбаи занонро баланд намудани Фирдавсӣ далолат мекунад [13, с.386].

Дар симои Рудоба маъшуқаи содиқ ба ишқ ва вафодору поку беолоиш ба тасвир омадааст. Ӯ бо дилдодааш – Золи Зар ҳар амали хешро андешида ба ҷой меорад ва ҳамеша дар фикри оқибати кори хеш мебошад. Ин хусусияти онҳо ҳатто дар ҳассостарин лаҳзаҳо ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар саволу ҷавобе, ки Золу Рудоба аз фарозу поёни диж доштанд, хислатҳои неки ботамкинӣ ва оқилонаи ошиқон намудор мегардад. Онҳо, бо вуҷуди интизории тӯлонию беқарорӣ, дасту по гум накарда, бо якдигар оромона ва мулоҳизакорона гуфтугӯ мекунанд. Агарчи дидорбинии Золу Рудоба барояшон муяссар мегардад, ишқи дилдодаҳо ҳанӯз ошкор нашудааст, зеро неруи ихтилофу тазодҳо пурзӯртар аз ишқ буда, аз байн бурдани онҳо ба якборагӣ ғайри имкон аст. Ошиқу маъшуқ пас аз баҳрамандӣ аз дидори ҳамдигар ва розу ниёзи шабона ба асли матлаб мерасанд, ба якдигар аҳди вафодорӣ медиҳанд, вале хотири Золро ихтилофҳои хонаводагӣ мушавваш месозад. Ӯ аз он ки Сому Манучеҳр ба ин ишқ муқобилияти сахт нишон хоҳанд дод, дар ташвиш аст:

Манучеҳр чун бишнавад достон,
Набошад бар ин низ ҳамдостон.
Ҳамон Соми Найрам барорад хурӯш,
Каф андозаду бар ман ояд ба ҷӯш [16, с.281].

Бо вуҷуди ин, дилдодагон ба вафодории хеш савганд мехӯранд ва аз Худованд имдод мехоҳанд, ки дили Сом ба даст омада, кинхоҳии қавмиву сиёсӣ аз байн равад.

Дар мавриди дар роҳи ишқ садоқату ҷасорат ва мардонагӣ пеша кардани занони "Шоҳнома" нигоранда бар он аст, ки "занон дар "Шоҳнома" на танҳо дар ишқу муҳаббат содиқ ва ҷоннисоранд, балки ишқу ошиқиро бо ҷасорату мардонагӣ ба ҳам пайвастаанд. Аз ин нуктаи назар нақшҳои офаридаи Фирдавсӣ ишқу муҳаббате, ки якҷоя бо шуҷоат ва корнамоӣ ба даст намеояд, ишқу муҳаббати ҳақиқӣ намебошанд. Чунин назар дар симои занон ҳамон ақидаи баланди тафаккури шоир, яъне зебоии маънавӣ ва ҷисмонии инсонро пеши назар ҷилвагар месозад. Фаронак, Рудоба, Таҳмина, Гурдофарид, Фарангис, Ҷарира, Манижа ва ғайра намунаи барҷастаи чунин образҳои маънан ва ҷисман қавӣ дар "Шоҳнома" мебошанд [3, с.110].

Симои Рудоба дар "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ бо ҳама рафтору кирдори худ дар нисбат бо намодҳои дигари шоҳкори бузург бартариҳои намоён дорад. Ӯ ошиқи вафодор, ёри содиқ, зиндагибахш ва тарбиятгари намоди марказии "Шоҳнома" – тоҷбахши шоҳон, ҷаҳонпаҳлавон Рустами Дастон мебошад. Ҷаҳони ботинии Рудоба, сарватҳои маънавӣ ва хиради беҳамтои ӯ дар ситоиши Ҳакими Тӯс ҷойгоҳи хосса дорад. Рудоба, ҳамон гуна ки дар зебоии зоҳирӣ ҳамто надорад, дар зебоии маънавӣ низ беҳамтост. Зебоии Рудоба танҳо бар пояҳои ахлоқ устувор аст ва набояд ин нуктаро аз ёд бурд, ки Рудоба нахустин занест дар ҷаҳон, ки бо шеваи ғайриоддӣ фарзанд ба дунё овардааст. Ва ин шеваи таваллуд дар забони тоҷикӣ бо таркиби "таваллуди рустамиёна" (дар забони русӣ ва забонҳои аврупоӣ дар шакли "Кесеровое сечение") баён шудааст [11, с.11].

Ҳакими Тӯс дар тавсифи муносибати байни дилдодагон ҳамеша ба иффату покдоманӣ онҳоро бартарӣ бахшида, ба ин васила мардумро ба нигаҳдошти арзишҳои беолоиш даъват менамояд. Сабаби чунин муносибат дар он аст, ки яке аз масъалаҳои марбут ба тарғиби андешаи ғоявӣ дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ дар риояи одобу ахлоқи инсонӣ, бахусус дар муносибати байни дилдодагон, инъикос шудааст. Ин як ҷиҳати муносибат ба чунин шеваи баён аст. Ҷиҳати дигар дар он зоҳир мешавад, ки яке аз вижагиҳои забони "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ риояи иффати сухан аст. Ҳаким Фирдавсӣ аз ин ки покӣ манишу сиришти фитриаш буд, ба сатрҳои заррини шоҳкори беҳамтояш фурӯмоягии забону баёни лаҳни кӯчагиро роҳ намедод. Паямбари сухани порсӣ ноёбтарин гавҳари ганҷинаи сухани порсиро гирд оварда, дар зимн истифодаи вожаҳои дур аз шарму озармро раво надидааст. Маълум аст, ки "Шоҳнома" ҳовии достонҳои зиёди ишқӣ аст ва ба худии худ пайдост, дар чунин достонҳо лаҳзаҳои меҳрварзии дилдодагон фаровон бозтоб мешаванд. Аммо Ҳакими хирадманд, ҳангоми бозгӯ кардани пайвастагиҳои ошиқонаи дилдодагон дар ҳарамсаро, кӯшидааст, то ҷое ки имкон дорад, суханро бо чодари иффат бипӯшонад [10, с.111-112].

Агар саҳнаҳои шаҳватронии ҷуфтҳоро ба тасвир расонад ҳам, дар ҳар сурат хислати ҳакимонаи худро нигоҳ дошта, намегузорад, то рӯҳи ахлоқӣ ва баёни бошукӯҳи номаи бостон ба садама гирифтор гардад. Бар ин ҳадаф комҷӯии шаҳватпарастеро, чун Искандари Мақдунӣ бо таркиби "хуфту хез" баён кардааст:

Чунон буд, ки ӯ шаб нахуфтӣ басе,
Биёмехтӣ шод бо ҳар касе [19, с.157].

Ё ҷойи дигар дар бораи Баҳроми Гӯр чунин овардааст:

Наёбад ҳаме серӣ аз хуфту хез,
Шаби тира з-ӯ ҷуфт гирад гурез...
Табаҳ гардад аз хуфтухези занон,
Ба зудӣ шавад суст чун бадтанон.
Кунад дида торику рухсора зард,
Ба тан суст гардад, ба рух ложвард.
Зи бӯи занон мӯй гардад сапед,
Сапедӣ кунад з-ин ҷаҳон ноумед [20, с.146].

Ба масъалаи мазкур шоҳномашиносон таваҷҷуҳи хосса кардаанд. Аз ҷумла, шоҳномашиноси шинохта доктор Ҳусайналии Юсуфӣ хеле мӯшикофона дарёфтааст, ки "яке аз вижагиҳои забони Фирдавсӣ дар тамоми "Шоҳнома" риояти иффати калом аст" [24, с.5]. Ибораи "риояти иффати калом"-ро дар ин иқтибос бояд ба маънии васеъ фаҳмид. Манзури муҳаққиқ таъкиди ин нукта аст, ки Фирдавсӣ дар сухан низ ҳадди камоли покиро риоят мекардааст. Ба монанди достони "Зол ва Рудоба", достонҳои "Бежан ва Манижа", "Сиёвуш ва Фарангис" ва дигар ошиқонаҳои "Шоҳнома", ки бо ахлоқи баланд ва бидуни суханҳои дурушт ба назм кашида шудаанд. Ба таври умда, покӣ ва иффат яке аз вижагиҳои муҳимми ахлоқие мебошад, ки Фирдавсӣ дар офариниши "Шоҳнома"-и худ ба он таваҷҷуҳ кардааст. Дар ягон достони ишқии "Шоҳнома" ошиқони ориёиасл аз чаҳорчӯбаи иффат берун намераванд ва ҳамаи қаҳрамонон ғолибан ба якдигар вафодорӣ мекунанд.

Образи дигаре, ки аз назари гузориши масъала ба симои Рудоба наздикӣ дорад, нақши Таҳмина мебошад. Аммо симои Таҳмина аз чанд ҷиҳат мутафовит ва махсус аст. Фарқи муҳим, пеш аз ҳама, он аст, ки ишқварзиҳои Таҳмина бо Рустам махсуси фарҳанги қадима аст. Нодида гирифтани ҳамин ҷиҳат ба яксӯнигарии иддае аз нотавонбинони фарҳанги баланди ниёконамон ишора дорад. Ба ин маънӣ, ки гоҳе шахсони бенасиб аз жарфандешӣ, ноогоҳ аз ойину рафтори замони зиндагии қаҳрамонони шоҳкори Ҳаким Фирдавсӣ корномаи онҳоро бо рӯзгори пасазисломии тоҷикону эронитаборон омехта мекунанд. Онҳо ҳатто дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба поктинатии қаҳрамонони "Шоҳнома"-и бемарг шубҳа оварда, таън мефиристанд, ки таваллуди Суҳроб натиҷаи муносибати ғайриахлоқии Рустаму Таҳмина мебошад. Барои чунинҳо шигифтангез аст, ки зан ба шабистони мард рафта, ба ӯ изҳори меҳр мекунад. Ин ҷуръати Таҳмина дар он замон берун аз ахлоқ набуд, зеро гузаштагони дури мо, ба вижа гурдону хирадмандон ва аксари ориёитаборон зери тарбияи се асли ахлоқи ориёӣ – пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек тавоноии гирифтани пеши роҳи нафси худро дошта, метавонистанд аз бадкирдориҳо худро боздоранд. Ҳамин аст, ки Рустам бо хушнудӣ аз изҳори ишқи Таҳмина ба дӯшизаи дилбохта мегӯяд, ки назди шоҳи Самангон рафта, дар ҳузури мубадон хостгори ҷуфтҷӯӣ бо духтараш хоҳад шуд. Паёмади он вохӯрии шабона бо тасвири вафодории Рустам ва қаноатмандии шоҳи Самангон ба поён мерасад:

Бифармуд, то мӯбади пурҳунар
Биёяд, бихоҳад варо аз падар.
Чу бишнид шоҳ ин сухан шод шуд,
Ба сони яке сарви озод шуд.
Бад-он паҳлавон дод он духти хеш,
Бар он сон, ки будаст оину кеш [17, с.218].

Қаҳрамонони достони "Зол ва Рудоба" низ барои нигаҳдошти иффату покии худ дар муносибаташон бо лаззатҳои нахустини ишқварзӣ қаноат намуда, ба ифрот роҳ намедиҳанд. Ҳаким Фирдавсӣ гаҳе қалам ба тасвири ҷузъиёти ишқварзӣ ҳам барад, ҳадди иффатро нигоҳ медорад. Золу Рудоба, агарчи бо ҳам ба майгусорӣ менишинанд ва фармони ғаризаро то бӯсу канор гардан мениҳанд, сабр ва инони ихтиёрро аз даст намедиҳанд:

Ҳамон Зол бо фарри шоҳаншаҳӣ
Нишаста бари моҳ бо фарраҳӣ...
Ҳаме буд бӯсу канору набид,
Магар шер, к-ӯ гӯрро нашкарид [16, с.280-281].

Ин ҳолатро аллома Шиблии Нуъмонӣ ба мушоҳида гирифта, чунин тавзеҳ додааст: "Фирдавсӣ хушқисмат аст, ки дар ҳеҷ мақоме иттифоқи хиҷолату шармандагӣ бар вай воқеъ нашудааст. Чун Рудоба бар Зол ошиқ шуд ва мавқеи хилват бар эшон муяссар гашт, бо ин ки суханашон ба шаробу кабобу бӯсу канор расида, лекин ҳудуди исматро нигоҳ доштаанд" [13, с.390].

Муҳаққиқи шинохтаи "Шоҳнома" Муҳаммадисломии Нудушан дар мавриди омезиши ишқ бо покдоманӣ ва нигаҳдошти иффат андешаи ҷолибе дорад: "Ишққҳои "Шоҳнома" дар айни бараҳнагӣ бисёр поку наҷибона аст (ба ғайр аз мавриди Судоба)... Рудоба ва Таҳмина – духтари подшоҳи Самангон, ҳамсари Рустам ба тарзи аҷибе ҷасорати ошиқонаро бо покдоманӣ меомезанд" [14, с.124].

Дар достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ низ айнан ҳамин ҳолат дар рафтори Ширин дида мешавад. Дар фасли "Андарз ва савганд додани Меҳинбону Ширинро"-и достони мазкур оварда шудааст, ки Меҳинбону–аммаи Ширин аз ишқи додарзодаи худ нисбат ба шоҳзода Хусрав огоҳ шуда, дар роҳи ишқи худ устувор будани Ширинро эҳсос менамояд ва пеш аз он ки дилдодагон бо ҳам вохӯранд, духтарро аз парваридани ишқи побанди ҳавою ҳавас дар дил нисбат ба Хусрав бо роҳи панд додан огоҳ мекунад ва дар муносибатҳои Хусраву Ширин на ба ишқбозӣ, балки ба занӣ розӣ шуданро маслиҳат медиҳад:

Ту худ донӣ, ки вақти сарфарозӣ
Заношӯӣ беҳ аст аз ишқбозӣ [6, с.221].

Ширин ба ин шарт розӣ шуда, савганд мехӯрад:

Чу Ширин гӯш кард ин панди чун нӯш,
Ниҳод он пандро чун ҳалқа дар гӯш.
Дилаш бо он сухан ҳамдостон буд,
Ки ӯро низ дар хотир ҳамон буд.
Ба ҳафт авранги равшан хӯрд савганд,
Ба равшанномаи гетихудованд,
Ки гар хун гирям аз ишқи ҷамолаш,
Нахоҳам шуд магар ҷуфти ҳалолаш! [6, с.221].

Ин рафтор монеаро барҳам дода, риштаи ишқу ошиқонро мустаҳкам менамояд ва ӯро ҳамчун духтари боадаби гӯшкардаи панди бузургон, дар роҳи ишқ на аз рӯйи булҳавасӣ, балки дар ҳаёти оилавӣ назаркунанда қаламдод кардааст.

Вижагии хислати Ширин дар покдомании ӯст. Низомӣ Ширинро нахуст чун ошиқи таннозе тавсиф мекунад, ки ба хотири санҷиши рӯҳияи дилдода бо ишваву ноз ба Хусрав гуфтугӯ мекунад ва чун ба асрори Хусрав бештар пай бурд, шиддати комҷӯияшро афзун мекунад. Низомӣ, ки бозтоби ин фурсатро муҳим донистааст, бист байтро аз забони Ширин бо гуфтори комилан ахлоқӣ сурудааст, ки гоҳе дархӯри ранги ҳакимона низ мебошад:

Маҷӯй обе, ки обамро бирезад,
Махоҳ он ком, к-аз ман барнахезад.
К-аз ин мақсуд бемақсуд гардам,
Ту оташ гаштай, ман уд гардам...
Ҷаҳон ниме зи баҳри шодкомист,
Дигар нима зи баҳри некномист.
Ҳамон беҳтар, ки аз худ шарм дорем,
Бад-ин шарм аз Худо озарм дорем.
Зан афкандан набошад мардрой,
Худафкан бош, агар мардӣ намой [6, с.239-240].

Ширин Хусравро аз ҷону дил дӯст дорад ҳам, ба амалӣ гардидани хоҳишҳо ва ҳавасбозию комҷӯиҳои Хусрав, ки ба ӯ дар ибтидо ҳамчун маъшуқа менигарист, роҳ намедиҳад. Ширин мисли Рудоба, бо вуҷуди дил бохтанаш ба Хусрав, рафтори булҳавасонаро дар роҳи ишқ намеписандад, ба комгорию комбардорӣ саросема намешавад ва аз ин роҳ ҳайсият ва иффати худро нигаҳ медорад. Дар ин маврид донишманди тоҷик Холиқ Мирзозода чунин овардааст: "Ширин... рафтори булҳавасона надошт, ба комгирӣ ва комдиҳии шаҳвонӣ таъҷил ва худро фаромӯш намекард, вай ин гуна рафторро, ки аз ҷониби Хусрав булҳавасона зоҳир мешуд, пастии ахлоқ мешуморид ва аз рӯйи қасаме, ки ба аммааш ёд карда буд, танҳо баъд аз ақди заношӯӣ имконпазир медонист" [9, с.302].

Ширин ба итоби Хусрав, ки ба ӯ бо нияти комгирӣ менигарист, бо вуҷуди тақозои коми дил доштан, ҷавобҳои боақлонаву зиракона ва аз рӯйи одоб медиҳад:

Наям чандон шигарф андар саворӣ,
Ки орам пой дар шери шикорӣ.
Агар нозе кунам, мақсудам он аст,
Ки дар гармӣ шакар хӯрдан зиён аст...
Сараш гар саркаширо раҳнамун буд,
Тақозои дилаш, ё Раб, ки чун буд?!
Ба сад ҷон арзад он рағбат, ки ҷонон
Нахоҳам гӯяду хоҳад ба сад ҷон...
Гар аз бозори ишқ андоза гирам,
Ба ту ҳар дам нишоти тоза гирам [6, с.236-240].

Ширин ба Хусрав маслиҳат медиҳад, ки бо лаззатҳои аввали ишқварзӣ қаноат кунад:

Ман он шириндарахти обдорам,
Ки ҳам ҳалвову ҳам ҷуллоб дорам.
Нахуст аз ман қаноат кун ба ҷуллоб,
Ки ҳалво ҳам ту хоҳӣ хӯрд, маштоб...
Ба сабре метавон коме харидан,
Ба ороме дилороме харидан [6, с.240-242].

Дар саволу ҷавобе, ки Хусраву Ширин аз поёну болои қаср мекарданд, хислатҳои неки ботамкинӣ ва оқилии Ширин намудор шудааст, ки дар ишқ ҳам боматонат ва фидокор будани ӯ ҳувайдост:

Ниёз орад касе, к-ӯ ишқбоз аст,
Ки ишқ аз бениёзон бениёз аст.
Насозад ошиқӣ бо сарфарозӣ,
Ки бозӣ барнатобад ишқбозӣ [6, с.347].

Оқибат пас аз хоҳишу инкори мутақобил, Ширин шарти висоли худро ба даст овардани мулки подшоҳии Хусрав медонад, ки ин ҷо метавон гуфт, ба навъе, санҷиши мардонагӣ ба миён гузошта шудааст:

Ту мулки подшоҳиро ба даст ор,
Ки ман бошам, агар давлат бувад ёр [6, с.243].

Ба гуфтан меарзад, ки вохӯрии Зол бо Рудоба ва Хусрав бо Ширин ҳамсон аст. Танҳо муносибат дар достони аввал хеле ҷиддитар мебошад. Ҷиддияти том дар достони дуввум танҳо аз ҷониби як дилдода–Ширин ба мушоҳида мерасад. Ба бар гирифтани ҷавон, аммо ба ишқварзии номаҳрамона машғул нашудан хосси ҳарду достон мебошад.

Хислати вижаи дигари Ширин дар вафодории ӯст. Дар дили Ширин танҳо як ишқ ҷой дорад, ишқи дигареро пазируфта наметавонад. Аз ин ҷост, ки бо вуҷуди огоҳ шудан аз бевафоиҳои Хусрав ва фаҳмидани он ки ба каси ба худ ношоиста дил бохтааст, аз ӯ ҷудо шуда наметавонад. Ҳатто дар сурате ки барои роҳ ёфтан ба дили ӯ паҳлавононе чун Фарҳод омодаанд, то умри ҷавони хешро бибахшоянд, ӯ аз ишқи худ рӯ наметобад.

Дар бораи ишқи беолоишу самимии Ширин дар "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ ақидаи нигоранда чунин аст: "Ширин шоҳ Хусравро самимона дӯст медорад ва меҳраш бепоён аст, ки ҳама норасоиҳои ӯро дидаву дониста, лаҳзае ӯро аз пеши дида дур намедорад. Меҳри оташину бепоён вайро вомедорад, ки ба ҳама ранҷу азобҳо таҳаммул намояд. Зебоии ӯ ҳамрадифи ҷасорату иродатмандиву мардонагиаш мебошад. Вай тавоноии онро дорад, ки худхоҳӣ ва худпарастии Хусравро бартараф намуда, шарафи худро нигаҳбонӣ намояд" [4, с.260].

Вафодорӣ ва покдомании худро Ширин дар лаҳзаи хостгориҳои писари Хусраву Марям–Шерӯя низ намоён месозад. Дар ҳарду достон –ҳам дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳам дар достони "Хусрав ва Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ – Ширин хоҳишҳои ғайриахлоқии нописари худро дар мавриди маъшуқаи дарборӣ шудани ӯ пас аз марги ҳамсараш –Хусрав рад мекунад ва ба дахма рафта, ҷони худро фидои маъшуқ мекунад.

Дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ бо таваҷҷуҳ ба сифатҳои иффату поктинатии занон аз вожаҳои "поктан", "покдин", "покдил", "пӯшидарӯй", "покнажод", "покиза", "покрой", "покизачеҳр", "покзод", "покзан", "покпайванд", "покизатухм" ва ғайра кор гирифта шудааст. Масалан, Фирдавсӣ аз забони Доро–шоҳи Эрон, ки аз ҷониби Искандар

шикаст хӯрд, духтараш– Равшанакро "поктан" ва "парвардаи шаҳриёрон" номида, пеш аз марг ба Искандар насиҳат мекунад, ки ӯро ба ҳамсарӣ қабул кунад ва подшоҳии Эронро низ:

Нахустин чунин гуфт, к-эй номдор,
Битарс аз Ҷаҳондовари кирдгор.
Нигаҳ кун ба фарзанду пайванди ман,
Ба пӯшидарӯёни дилбанди ман.
Зи ман поктан духтари ман бихоҳ,
Бароараш ба ором дар пешгоҳ.
Куҷо модараш Равшанак ном кард,
Ҷаҳонро бад-ӯ шоду пидром кард.
Наёбӣ зи фарзанди ман сарзаниш,
На беғора аз мардуми бадкуниш.
Чу парвардаи шаҳрёрон бувад,
Ба рой афсари номдорон бувад....
Меҳонро ба меҳ дораду кеҳ ба кеҳ,
Бувад динфурӯзандаву рӯзбеҳ [19, с.110-111].

Ҳаким Фирдавсӣ Равшанакро аз забони Искандар ҳамчун дӯшизаи дорои гавҳари шоҳӣ "бонозу шарм" васф намудааст:

Дигар гуфт, к-аз гавҳари подшо
Назояд магар мардуми порсо.
Дилорову борою бонозу шарм,
Сухан гуфтанаш хубу овой нарм [19, с.123].

Ё ҷойи дигар:

Нишаста ба як ҳафта бо ӯ ба ҳам,
Ҳаме рой зад шоҳ бар бешу кам.
Аз ӯ ҷӯ бузургиву оҳистагӣ,
Хирадмандиву шарму шоистагӣ.
Нигаҳ кард бедору чизе надид,
Дилаш меҳру пайванди ӯ баргузид [19, с.129].

Чуноне ки адабиётшиноси машҳур Аълохон Афсаҳзод нигоштааст, Искандар духтари Дороро ба занӣ мегирад, ки дар ҳар ду достон, яъне "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ ва "Искандарнома"-и Ҳаким Низомӣ номаш Равшанак аст. Лекин дар асл Равшанак дигар буда, номи духтари Дороро, ки маъшуқаи Искандар буд, Астотиро мегуфтанд [2, с.123].

Дар ҳар аҳде ва дар ҳар қавме порсоиву тамкинӣ аз бузургтарин сифатҳои зан дониста шудааст. Дар фарҳанги гузаштагони мо нигоҳ доштани иффату покдомании зан, ба вижа то ба шавҳар расидан дӯшиза мондан, гувоҳи покиву одоби ӯ мебошад. Ҳаким Фирдавсӣ дар ин маврид пайваста ишора менамояд:

Бар ӯ пирмард офарин карду гуфт,
Ки ин духтарони маро нест ҷуфт.
Расида бад-ин сол, дӯшизаанд,
Ба дӯшизагӣ низ покизаанд [20, с.108].

Дар "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ дар фасли "Фиристодани Қайсар лашкар ва духтар назди Хусрави Парвиз" ин нукта оварда шудааст, ки Қайсари Рум, ки духтарашро ба Хусрави Парвиз ба занӣ медиҳад, ба ӯ супориш медиҳад, ки мабодо шоҳ дар роҳ бар ӯ даст ёбад:

Бад-ӯ гуфт: То марзи эрониён
Нигаҳ дору макшой банд аз миён.
Бараҳна набояд, ки Хусрав туро
Бубинад, ки коре расад нав туро [21, с.57].

Дар фарҳанги мардумони ориётабор нигаҳдории иффати занони хонавода на танҳо ба уҳдаи худи занон, инчунин, ба зиммаи мардони хонадон–падар ва бародарон гузошта мешуд. Духтаре, ки монанди Манижа гунаҳкор ба беиффатӣ мегашт, ба сахттарин ҷазо гирифтор мешуд.

Дар достони "Бежан ва Манижа" чунин тасвир шудааст, ки Манижа –духтари подшоҳи Тӯрон–Афросиёб рӯзгори худро бо базму айшронӣ мегузаронад. Дар саҳро ҷашнгоҳи махсус дошта, бо як дидани Бежан ошиқаш мешавад. Аммо дар марҳилаи аввал аз рӯйи ҳавас, худхоҳӣ ва майли хурсандию шодкомӣ ба ишрат машғул шудани ӯ ва ба фиреб, дар ҳолати

мадҳушӣ ба дарбор овардани Бежан далели кӯтоҳандешии Манижа мебошад. Пас аз чанд рӯзро бо шодию нишот паси сар кардани дилдодагон аз ин ҳол Афросиёб огоҳ шуда, ҳар дуро ҷазо медиҳад. Ӯ аввал дастури куштан ва сипас бо таъсири сухан ва хоҳиши Пирони ботадбир ба чоҳ андохтани Бежанро амр мекунад ва сипас мегӯяд, ки Манижаро

Бараҳна кашонаш, бубар то ба чоҳ,
Ки дар чоҳ бин, он ки дидӣ ба гоҳ.
Баҳораш туӣ, ғамгусораш ту бош,
Дар ин тангзиндон завораш ту бош.
Бубар зуду ӯро ба Бежан супор,
Бимон, то бимиранд ҳар ду ба зор [18, с.384].

Афросиёб аз беобрӯ шудани худ ба Пирон шиква мекунад:

Ки Бежан надонӣ, ки бо мо чӣ кард,
Ба Эрону Тӯрон шудам рӯйзард.
Набинӣ, к-аз ин беҳунар духтарам,
Чӣ расвой омад ба пиронсарам?
Ҳама номи пӯшидарӯёни ман
Зи парда бигустард бар анҷуман,
К-аз ин нанг то ҷовидон бар дарам
Бихандад ҳама кишвару лашкарам [18, с.381-382].

Падар хатои духтарро барои худ бенангӣ ва бешарафӣ мешуморад:

Маро чашм агар тира гаштӣ ба ҷанг,
Беҳ астӣ зи дидори ин рӯзи нанг [18, с.384].

Ба духтар ва дилдодааш муҷозоти шадид: якеро аз мақоми шоҳдухтарӣ маҳрум, бо тани бараҳна ва дасти тиҳӣ ба берун ва дигареро ба чоҳ меандозад ва духтар доштанро, агар шоҳ бошад ҳам, бадбахтӣ мешуморад:

Киро аз паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад [18, с.366].

Дар давраи аввал муносибати Бежану Манижа ноандешида ва аз ҳавои ҷавонӣ сар задааст. Агар чунин намебуд, ӯ як ҷавони бегонаро пинҳонӣ ба дарбори падараш намеовард. Аммо рафтори Манижа пас аз ба чоҳ афкандани Бежан ва ғорати дороии шоҳдухтар шоёни ибрат мебошад. Инсон дар ҳолати душворию сахт аз роҳи садоқату некӣ озмуда мешавад. Дар мавриди садоқату вафодорӣ ва бурдбории Манижа дар роҳи ишқ адабпажӯҳи тоҷик Абдолов Н. андешаҳои ҷолиб овардааст: "Манижа озмоиши бузургеро бардошт менамояд. Ёри ояндаи ӯ ба чоҳи дар банди занҷир афтода ва санги азиме бар сари он чоҳ ниҳода шудааст. Дар чунин ҳоли навмедӣ каси ноустувор метавонад, аз баҳри ёрӣ ва вафодорӣ бигзарад. Шоҳдухтари ба чунин пастӣ афтода навмед намешавад, ба ёраш кумак мекунад, роҳи халосиро барояш меҷӯяд" [1, с.77].

Низомии Ганҷавӣ низ дар офариниши намоди зани содиқу вафодор ва хирадманду накӯкор маҳорати бузурги суханварии худро намоёндааст. Симои барҷастаи офаридаи ӯ – Лайлӣ дар достони овозаманди "Лайлӣ ва Маҷнун", ки дар адабиёти форсу тоҷик ва умуман, дар ошиқонасароиҳои адабиёти Шарқ пайравони бешуморе пайдо кардааст, намунаи меҳрварзӣ, вафодорӣ, поктинатӣ ва дигар хислатҳои наҷиби зан мебошад.

Образи марказии достони "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Низомии Ганҷавӣ– Лайлӣ низ мисли Манижа ва Фарангис ҳамчун зани содиқу вафодор ва зебою хирадманд бозтоб шудааст. Вай тимсоли барҷастаи духтари зоҳиран зебо ва ботинан покест, ки танҳо як ишқро медонад ва дар сидқу вафо устувор аст. Ба қавли Аълохон Афсаҳзод, "ишқи Лайлию Маҷнун ишқи омехтаи покию иффат ва мубарро аз шаҳвату ҳавас ва ҳавою нафс аст, ки ғаммозию дасиса, урфу одат ва таънаю бадгӯиро намеписандад, ба ошиқу маъшуқа илҳом мебахшад. Аз барҳӯрдорӣ ба ин навъ ишқ ошиқу маъшуқа шеър мегӯянд, аз ҷиҳати маънавӣ такомул меёбанд, дар ҳамин роҳ хислаташон ташаккул мепазирад" [2, с.91].

Яке аз вижагиҳои симои Лайлӣ, ки дар хислати дигар образҳои занони "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ дида намешавад, дар чирамандии ӯ ба ҳунари шоирӣ мебошад.

Маҷнун аслан шоири соҳибдевон буд. Инро Низомӣ аз сифатҳои ҳамидаи ӯ мешуморад. Аммо дар сарчашмаҳои арабӣ аз шоира будани Лайлӣ дараке нест. Лайлӣ чун чеҳраи адабӣ дар достони "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Низомӣ ба сифати шоире муҷассам шудааст, ки фасеҳгуфтору малеҳбаён буда, атрофиёнаш шеърҳои ӯро зуд аз бар мекардаанд:

Ҳар ҷо, ки зи кунҷи хона медид,
Бар худ ғазале равона медид.
Ҳар тифл, ки омадӣ зи бозор,
Байте гуфтӣ нишонда бар кор.
Ҳар кас, ки гузашт зери бомаш,
Медод ба байтаке паёмаш.
Лайлӣ, ки чунон малоҳате дошт,
Дар назми сухан фасоҳате дошт.
Носуфта дурею дур ҳамесуфт,
Чун худ ҳама байти бикр мегуфт [7, с.77].

Низомӣ ҳолати рӯҳии Лайлӣ ва муносибати ӯро бо муҳит басе устодона ба қалам овардааст. Ишқи Лайлӣ оҳиста-оҳиста бо дучор шудан ба мамониатҳо поктару дилангезтар мегардад, ҳамеша дидори ӯро бо дилдодааш равона месозад. Лайлӣ занест донишманду шоир, росткору омӯзгор. Садоқату вафодорӣ ва устуворӣ дар сари аҳд аз сифатҳои олитарини ӯст. Дар аҳду вафо ҳамсони Маҷнун аст ва дар бисёре аз мавридҳо аз Маҷнун бартарӣ дорад: вай аз ошиқ бештар ба ҷафои атрофиён бурдборӣ мекунад, зиёдтар тадбир меҷӯяд. Дар ин ҷо мебояд ёдовар шуд, ки дар мавриди ҷафокашӣ, бурдборӣ аз нокомиҳо, тадбирҷӯиҳо ба Манижа хеле монанд аст. Лайлӣ низ аз ишқи беолоиш, чи аз наздикону чи аз атрофиён, ҷабру ҷафо мебинад ва рӯ нагардондан аз роҳи ишқ ва дар пеши мушкилиҳо сар фуруд наовардан, тадбирҷӯиҳо дар роҳи ба мақсад расидан, умуман, босуботиву иродатмандӣ симои ӯро бо намоди Манижаи "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ хеле монанд кардааст.

Дар бораи хислатҳои беозорӣ ва фурӯтании Лайлӣ донишманди тоҷик Худоӣ Шарифзода чунин хулосаҳо дорад: "Ӯ (Лайлӣ – А.Н.) дар навбати аввал беозор мебошад. Ба касе бадӣ намекунад ва бадхоҳе ҳам надорад. Лайлӣ аз гуфтаи падари худ берун намеравад. Вақте падар ӯро ба Маҷнун намедиҳад, чизе намегӯяд. Вақте ҳам, ки ӯро ба Ибни Салом медиҳанд, муқобил намебарояд. Лекин ҳамсари расмии Ибни Салом шуда бошад ҳам, ба ишқи худ содиқ мемонад. Ҳаваси арӯсии ҳақиқиро ӯ ба гӯр мебарад ва барои ҳамин аз модар хоҳиш мекунад, ки пеш аз марг ӯро дар либоси арӯсӣ ороянд. Лайлӣ намунаи духтари мусулмони Шарқ аст, ки аз фармудаи падар пой берун намениҳад. Ӯ каси камдаъво ва фурӯтан аст" [23, с.385].

Лайлӣ ҳарчанд ки дар никоҳи маҷбурӣ ба иродаи падар мухолифати қатъӣ надошт, аммо ба ҳангоми завҷаи Ибни Салом шуморидан, хешро фаъол нишон дод, ки ин рафтори ӯ ба тағйир наёфтани хатти сюжету нигоҳ доштани вафодорӣ бо Маҷнун нақши калон бозидааст:

Лайлиш тапончае чунон зад,
К-афтод ба сони мурда бех[в]ад.
Гуфт: Ар дигар ин амал намой,
Аз хештану зи ман барой,
К-аз ман ғарази ту барнахезад
В-аз теғи ту хуни ман бирезад![7, с.144].

Бо садоқатмандию вафодорӣ дар роҳи ишқ Лайлӣ ба Рудобаю Таҳмина, Манижаю Фарангис, Ширин ва дигар занони "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ ҳамсон мебошад. Лайлӣ то вопасин нафасҳои зиндагӣ дар ишқи худ устувору ҷоннисор аст. Дар симои Лайлӣ ошиқ шудан ва поси онро нигоҳ дошта тавонистани як зани мутеъу фармонбардори даврони торики феодалӣ ҷасорати бузург дониста мешавад [6, с.14].

Низомӣ аз забони симои офаридааш мегӯяд:

Лайлӣ будам, валекин акнун
Маҷнунтарам аз ҳазор Маҷнун [7, с.146].

Ин хислати наҷиби ӯ, хусусан, дар лаҳзаи ба Маҷнун нома фиристодан ва дар он нома ишора ба аҳду вафо ва покии худ карданаш намоён гаштааст:

Эй ёри қадимаҳд, чунӣ?
В-эй Маҳдии ҳафт маҳд, чунӣ?...
Ман дил ба вафои ту супурда,
Ту дил зи вафои ман набурда.
Чун бахти ту дар фироқам аз ту,
Ҷуфти туам, арчи тоқам аз ту...

Ганҷи гуҳарам, ки дарбамуҳр аст,
Чун ғунчаи боғ сарбамуҳр аст [7, с.149-150].

Симои Лайлӣ ҳангоми Маҷнунро ба мулоқот даъват намудан боз ҳам дилработар ҷилвагар мешавад. Ҳадафи Низомии Ганҷавӣ дар бозтоби намоди Лайлии хору зор ва розӣ шудани ночори ӯ ба никоҳ бо Ибни Салом нишон додани ҷаҳолати мардуми қабиласолор мебошад, ки таассуби бехирадонаи падару модарон боиси нокомӣ ва марги ҷавонони ошиқ мегардад. Низомӣ аз забони шахсе, ки ҳоли табоҳи Лайлиро пас аз ба шавҳар баромадан дида, ба Маҷнун расондааст, чунин ҳикоят мекунад:

Он парданишини рӯйбаста
Ҳаст аз қибали ту дилшикаста.
Шӯяш, ки варо ҳарифу ҷуфт аст,
Сар бар сари ӯ шабе нахуфтаст.
Гарчи дигаре никоҳ басташ,
Аз аҳди ту дур нест дасташ.
Ҷуз номи ту бар забон наёрад,
Ғайри ту кас аз ҷаҳон надорад.
Як дам набувад, ки он паризод
Сад бор наёварад туро ёд.
Солест, ки шуд арӯсу беш аст,
Бо меҳри туву ба муҳри хеш аст.
Гар бе ту ҳазор сол бошад,
Бар хӯрдан аз ӯ муҳол бошад [7, с.117].

Дар достони "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Низомии Ганҷавӣ чунин сатрҳои баёнгари садоқату вафодории Лайлӣ дар роҳи ишқи пок зиёданд.

Низомии Ганҷавӣ зебоии Лайлиро дар чеҳраи дилрабо, ахлоқи ҳамида, рафтору кирдори писандида тасвир намудааст. Шоир дар муносибатҳои ошиқона низ Лайлиро бо одоби баланд бозтоб мекунад. Дар ин маврид донишманди тоҷик Холиқ Мирзозода андешаҳои ҷолиб овардааст: "Лайлӣ Маҷнунро девонавор дӯст дорад ҳам, худро гум накардааст. Вай одоби муносибатҳои ошиқона, расмияти шавҳардорӣ, ба кори ҳаром даст назадан баъд аз занушавҳарӣ, барои иқдоми нолоиқ гап нашуниданро афзал шуморида, барои ишқи пок ҳалол буданро хислати поки ошиқони ҳақиқӣ шуморидааст [9, с.341].

Аз ин ҷост, ки вай аз Маҷнун даҳ қадам дур истода, суҳбат ва шеърхонии ӯро гӯш мекард ва аз рӯйи ҳиссу виҷдони пок ақидае дорад, ки кори бадро аз назари мардум пӯшидан мумкин бошад ҳам, аз Худо пинҳон кардан душвор аст:

З-онсӯтари ёри худ ба даҳ гом
Ором гирифту рафт аз ором,
Гар з-он, ки ба шӯй дил надодам,
Охир, на чунон ҳаромзодам [7, с.170].

Шоир дар поёни ин достони ҳузнангези худ, дар тасвири лаҳзаҳои гусаста шудани ришатаи умри Лайлӣ низ аз ишқи беолоиш, бахшидани ҳастии худ дар роҳи вафодорӣ ва нокому ноумед дар фироқи ёр тарки дунё кардану ба дилдода паёми вопасин фиристодан, аз садоқату дили саршори меҳру вафояш суханҳои пургудоз месарояд:

Овораи ман чу гардад огоҳ,
К-овора шудам ман аз ватангоҳ.
Донам, ки зи роҳи сӯгворӣ
Ояд ба саломи ин аморӣ....
Ман доштаам азизвораш,
Ту низ чу ман азиз дораш!
Гӯ, Лайлӣ аз ин сарои дилгир
Он лаҳза, ки мебурид занҷир,
Дар меҳри ту тан ба хок медод,
Бар ёди ту ҷони пок медод.
Дар ошиқии ту содиқӣ кард,
Ҷон дар сари кори ошиқӣ кард.
Аҳвол чӣ пурсиям, ки чун рафт,
Бо ишқи ту аз ҷаҳон бурун рафт [7, с.188].

Ҳамин тавр, дар шоҳкорҳои ҷовидонии Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ бузургии симои занон ба тасвир расида, дар офариниши симои духтарони табақаи ашрофзодагони Эрону Тӯрон ҳар ду шоир, пеш аз ҳама, ақлу хираду инсонӣ доштани эшон, симои зоҳирию олами ботинии онҳоро ёдовар мешаванд. Фирдавсӣ ва Низомӣ симои ботинӣ, хирадмандӣ ва шармгинии занонро дар мадди аввал гузошта, сипас зебоии зоҳирии ононро ба риштаи тасвир мекашанд. Аз натиҷаи таҳқиқ метавон чунин хулоса намуд, ки ба вуҷуди зан дар "Шоҳнома"-и Ҳакими Тӯс ва ҳам "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ аз зовияи некиву иффат назар андӯхта шудааст ва то ҷое бо гуҳари поктинатии занон ояндасозӣ низ мешуда, ки дар қиёси ин ду ганҷинаи ҳикмат оинҳои покиву ростӣ дар мисоли занон баршумурда шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдолов, Н. Достонҳои ишқӣ дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ / Н. Абдолов.– Душанбе: Сино, 2007. – 180 с.
2. Афсаҳзод, А. Низомии Ганҷавӣ / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1995.– 208 с.
3. Ашурова, Н. Муқаддимаи зуҳури Рустам (Ҷустор дар сохтор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии достони "Зол ва Рудоба"-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ. Рисолаи илмию тадқиқотӣ) / Н. Ашурова. – Душанбе: Сино, 2014. – 140 с.
4. Ашурова, Н. Таҳлили қиёсии образи Ширин дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва "Хусрав ва Ширин"-и Низомӣ / Н. Ашӯрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №7. – С.260-263.
5. Бобокалонова, Ҷ. Нақши занон дар номаи шоҳон / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 1998. – 163 с.
6. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Махзан-ул-асрор, Хусраву Ширин / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
7. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Лайлию Маҷнун, Ҳафт пайкар / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
8. Иттиҳодия, Мансура. Зан аз назари Фирдавсӣ / Мансура Иттиҳодия // Адабиёт ва санъат. – №10 (1617). – 3-юми марти соли 2012. – С. 3.
9. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (2) / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.
10. Мирзоён, З. Худовандагори забони форсӣ / З. Мирзоён. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2015. – 360 с.
11. Мирзоён, З. "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ афсона нест / З. Мирзоиён // Миллат. – №19 (88). – 09. 05. 2007
12. Мухторӣ, Муҳаммад. Устураи Зол: Таблури тазод ва ваҳдат дар ҳамосаи миллӣ / Муҳаммад Мухторӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1379. – 280 с.
13. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон / Шиблии Нуъмонӣ: тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахри Доъии Гелонӣ; ҷилдҳои аввал ва дувум. – Теҳрон, 1368. – С. 264-333.
14. Нудушан, Муҳаммад Исломӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар "Шоҳнома" / Муҳаммад Исломии Нудушан. – Теҳрон: Ибни Сино, 1349. – 435 с.
15. Сарромӣ, Қадамалӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии достонҳои "Шоҳнома" / Қадамалии Сарромӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1388. – 1087 с.
16. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. –Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷилди 1. – 480 с.
17. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷилди 2. – 480 с.
18. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷилди 4. – 480 с.
19. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ.–Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 7. – 480 с.
20. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 8. – 480 с.
21. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – Ҷилди 10. – 416 с.
22. Хокироев, Р.Г. Сайри таҳаввули симои Сиёвуш дар адабиёти форсу тоҷик / Р.Г. Хокироев. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 144 с.
23. Шарифзода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ / Х. Шарифзода, М. Нарзикул. – Душанбе: ҶДММ ТоРус, 2017. – 416 с.
24. Юсуфӣ, Ҳусайналӣ. Пайванди ишқ ва ҳамоса дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ / Ҳусайналии Юсуфӣ // Кайҳони фарҳангӣ. – Теҳрон, 1357. – № 5.

БАРРАСИИ ҚИЁСИИ СИМОИ БОНУВОНИ НЕКУСИРИШТУ ПОКНИҲОД ДАР "ШОҲНОМА"-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА "ХАМСА"-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккули образҳои бадеии назму насри форс-тоҷик тасвири оинҳои некӣ бар бадӣ ба шумор рафта, дар тафаккуру ҷаҳони маънавии инсон нақши раҳнамоиву иршодро бар дӯш дорад. Дар тазодди ин ду қувваи "аҳурамаздоӣ" ва "аҳриманӣ", ки тамоми фаъолияти инсониро дар рафтору кирдор ва пиндор ба мизони хирад бармекашад, нуктаҳои ҳадафмандонае бозгӯ мешаванд, ки ғояҳои бадеии адабиёт дар тӯли қарнҳо пойбанди он мебошад. Дар ин мақола бо бозкушудани образҳои занони накусириштии "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ ва "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ кӯшише дар қиёси оинҳои арзишманде, чун накусириштиву покдомании бонувони ин ду асари бузург гардидааст. Ҳар ду шоир дар осори пурбаҳои худ ҷойгоҳи занро на танҳо дар меҳрпарварӣ, бунёди хонавода, тарбияи фарзандон ва муҳайё сохтани шароити мусоид ба шавҳарону фарзандон бозтоб намудаанд, инчунин рафтору кирдори шоиста ва гуфтори нағзу муносибати хуби занонро ба намоиш гузоштаанд, ки то замони мо арзишҳои адабӣ, тарбиявӣ ва зебоишинохтии худро гум накардаанд. Таҳлилу қиёси образҳои намодини "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ

ва "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ, ки дар ташаккулу таҳаввули минбаъдаи образи бонувони накухисол дар адабиёт беназир ҳастанд, бори дигар симои бонуи тоҷикро дар дарозои таърих, бо доштани ҷасорату матонат, ҳунару дониш ва тинати поку ростин собит месозад.

Калидвожаҳо: Фирдавсӣ, Низомӣ, Шоҳнома, Хамса, бонувон, поктинатӣ, гавҳарнажод, накусиришт̄ӣ, рафтор, кирдор, пиндор, ҳунару дониш.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ОБРАЗОВ БЛАГОНРАВНЫХ И БЛАГООБРАЗНЫХ ЖЕНЩИН В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ И «ХАМСА» НИЗАМИ

Одним из источников формирования художественных образов в персидско-таджикской поэзии и прозе является изображение доброго и злого нравов, играющих в духовном мире человека роль путеводителя и наставления. В противопоставлении этих двух сил – Ахурамазды и Ахримана, взвешивающего все действия человека на весах разума, выражаются все действия человека в поведении, делах и мыслях, излагаются целенаправленные заключения, с которыми в течение многих веков связаны художественные идеи литературы. В предлагаемой статье раскрытие образов благонравных женщин "Шахнаме» Фирдоуси и "Хамса" Низами проведено в сравнении таких добродетелей, как благообразие и целомудрие женщин этих двух выдающихся произведений. Оба поэта в своих драгоценных произведениях показали женщину не только как любящую хранительницу очага, создателя семьи, воспитывающую и обеспечивающую детей и мужа, также их превосходство в красоте, литературе и воспитании, что бесспорно не утрачено до нынешнего времени. Анализ и сравнение показательных образов "Шахнаме" Фирдоуси и "Хамса" Низами, которые не имеют аналога в формировании и дальнейшей эволюции образа добродетельных женщин, еще раз на протяженности истории подчеркивает образ таджикской женщины, наделенной смелостью, стойкостью, умелостью, знаниями, благим и чистым нравом.

Ключевые слова: Фирдоуси, Низами, «Шахнаме», «Хамса», женщины, благонравие, благородность, благонравие, поведение, действие, представление, умелость и знание.

COMPARATIVE ANALYSIS OF IMAGES OF FAVORABLE AND GOOD WOMEN IN THE “CHESS” OF FIRDOUSI AND “HAMSA” IN LOW

One of the sources of the formation of artistic images in Persian-Tajik poetry and prose is the image of good and evil morals, playing the role of guide and instruction in the spiritual world of man. In contrasting these two forces - Ahuramazda and Ahriman, weighing all the actions of a person on the scales of the mind, all human actions are expressed in behavior, deeds and thoughts, purposeful conclusions are set out, with which the artistic ideas of literature have been associated for many centuries. In the proposed article, the revealed images of the benevolent women “Shahnameh” Firdousi and “Hamsa” Nizami compare such virtues as the goodness and chastity of women of these two outstanding works. Both poets in their precious works showed the woman not only as a loving guardian of the hearth, the creator of the family, raising and providing children and husband, but also their superiority in beauty, literature and upbringing, which has undoubtedly not been lost until now. The analysis and comparison of the indicative images of Shahnameh Firdousi and Hamsa Nizami, who have no analogue in the formation and further evolution of the image of virtuous women, once again emphasizes the image of a Tajik woman endowed with courage, stamina, skill, knowledge, a good and pure disposition.

Key words: Firdousi, Nizami, “Shahnameh”, “Hamsa”, women, good manners, nobleness, good manners, behavior, action, performance, skill and knowledge.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашурова Нодира Ҷумаевна*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика факултаи филология. **Суроға:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Ашурова Нодира Джумаевна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы и журналистики филологического факультета. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Information about the author: ***Ashurova Nodira Jumaevna*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Philological Faculty. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, Str.S. Safarov 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

УДК: 891.550-1

САДОҚАТИ БАЁН ВА ВИЖАГИҲОИ МУҲИММИ ЁДДОШТНАВИСӢ

Давлатов У.М.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Умри ёддошт ба умри инсон мерасад. Яъне аз ҳамон замоне, ки инсон по рӯйи ин кураи хокӣ гузоштааст, шикори ҳайвонот, зиндагӣ дар ғор, издивоҷ, марг, сохтани васоили зиндагӣ ва ғайра барои ӯ ёддоште шуданд, ки интиқоли ин ёддошт аз ҳамон замонҳои қадим ба унвони василаи тарбият, интиқоли таҷрибиёт, одобу русум ба наслҳои баъд ба кор гирифта мешуд. Афсонаҳо ва устураҳои баҷомонда аз гузашта дар воқеъ ёддошти инсонҳо буда, ки дар тӯли замон тағйироти давр дар он ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, метавон ба таърифу

тафсир ва тағйиру таҳаввули жанрҳои ёддоштӣ аз ибтидои пайдоиши он дар адабиёти қадим то даврои кунунӣ пардохт.

Хотиранависӣ яке аз муродифҳои ёддоштнависӣ мебошад ва решаи он аз феъли «хатара юхатиру», ки дар маънои «ба фикри касе расидан, роҳ ёфтан» ба кор меравад. Масдари ин калима хутур аст, ки вожаи хотира дар луғатномаи «Деҳхудо» ин гуна маънидод шудааст: «*Умуре, ки бар шахс гузашта ва осоре аз он дар зеҳни шахс монда бошад, гузаштаи одамӣ, воқеаи гузашта, ки шахс онро дида ё шунида аст, дидаҳо ва шунидаҳои гузашта* [4, зайли вожа]. Ҷамъи вожаи хотир, хотирот, хавотир ва ёдҳо муҳимтарини калимоти муродифи он хотира, ёдбуд, ёдгор, ёднома ва калимаи мубодили он дар забони арабӣ «музкара» ва «зикр» аст. *Ёддошт* жанри эпикӣ – ҳамосавиест, ки дар он адиб аз чизҳои дидааш, ҳодисаҳои мушоҳидакардааш ва ё аз сар гузаронидааш, воҳӯриву мулоқотҳояш, ки барои худи ӯ арзишманд ва ҷолиби диққатанд, қисса менамояд. Ҳамчунон дар ҳамин боб Андра Малро, адиби асри ХХ –и Фаронса чунин иброз медорад: *«Пас аз китобҳои осмонӣ, муқаддастарин ва судмандтарин зиндагиномаҳо аст. Вазифаи зиндагиноманавис бисёр душвор аст, зеро агар ҳақиқатро бинависад, инсонро меранҷонад ва агар дурӯғ бинависад, Худоро* [10, с.416].

Пажӯҳиш дар бораи ёддошт ва ёддоштнависӣ мавзӯи наве аст ва осори мавҷуд дар ин замина андак мебошад. Бо ин ҳол дар бораи ёддошт таърифҳои бисёре аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи адабиёт ва рӯзноманигорон ироа шудааст, ки муаллиф ин таърифҳоро дастабандӣ намуда ва хулосаи худро перомуни мавзӯъ баён менамояд: Ба қавли Фарогнар ёддошт «шарҳи ҳол ё шарҳи қисмат аз зиндагии фард» мебошад [2, с.27]. Ҳамчунон Ҳ. Нажжод дар мавриди мавзӯи мазкур чунин ибрози ақида намудааст, ки «тасвири мондани дар зеҳн, ки оинаи воқеият аст, вале тамомнома нест ва рангу хаёли отифа пазируфтааст». [7, с.18]. Муҳаққиқи барҷастаи эронӣ Алиризои Қамарӣ бештар ба мафҳуму муҳтавои ёддошт ва ёддоштнависӣ таваҷҷуҳ намудааст. Иқтибоси зерин далели муътамаде барои тайиди назари муаллиф мебошад: «*Асар ё навиштае, ки нависанда дар натиҷаи ёдоварӣ, шарҳи ҳол ва ҳаводису рӯйдодҳои сипаришуда дар замон ва макони маълум, ки ба далели ҳузур ё мушоҳида ва истимоъ аз онҳо иттилоъ ёфтааст, падид меояд ва дар он чигунагии вуқӯи ҳаводис ва рӯйдодҳо инъикос ёфтааст*. [1, с.57]. Чунонки Ғулом Муҳсини Юсуфӣ шарҳи ҳолро навъе аз ёддошт медонад: «*Ёддошт иборат аст аз ҳар чизе, ки аз рӯйи қасду огоҳӣ навишта шуда ва мақсад аз он муаррифӣ амал ва андешаи соҳиби асар будааст»* [3, с.391].

Таърифҳои баёншуда, тамоми вижагиҳои як ёддоштро дар бар намегиранд, бинобар ин, метавон ёддоштро асари навишта ва ё падидае гуфт, ки падидоварандаи он бо огоҳӣ, ирода, шарҳи ҳол, ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои гузашта, ки ба иллате дар зеҳн мондани ва барҷаста шудаанд, мепардозад. Муаллиф дар он ҳузури бевосита дорад. Ҷузъиёти замону макон ва чигунагии воқеаҳои ҳаводис низ дар он дарҷ гардидааст. Ёддошт дар бештари маврид таъсири эҳсосӣ – отифӣ бар шахс мегузорад. Аз ин рӯ, ёддоштро метавон умре бар шахс гузашта ва асаре аз он дар зеҳни вай монда, дидаҳо ё шунидаҳои гузашта, инъикоси як рӯйдод ё падидаи талху ширин ва ҷолиби таваҷҷуҳ дар зеҳн, ҳаводису лаҳзаҳои чашмгир ва ба ёдмондании зиндагӣ гуфт.

Ёддоштнависӣ яке аз гунаҳо ва зермаҷмӯаҳои зиндагинома ба шумор меравад. Албатта, аз он ҷое, ки дар зиндагиномаҳо бештар ҳаводис ва рӯйдодҳои барҷастатар унвон мешавад, ёддошнигорӣ ё зиндагинома мафҳуми муштараке меёбанд. Бисёре аз осори таърихӣ бо таваҷҷуҳ ба таърифи ёдшуда, ба таври мисол катибаҳои «Бесутун» баъзе аз ашёҳои таърихӣ ҳам аз зумраи адабиёти ёддоштнависӣ ба шумор меоянд, зеро ин осор бо огоҳӣ пайдо шудаанд ва ба шарҳи ҳодисаҳову рӯйдодҳои муҳим мепардозанд, замон ва макони мушаххас доранд. Падидоварандагони онҳо ба қасди мондагор кардани ёд, ё ибрати дигарон ин осорро ба вуҷуд овардаанд.

Барои дастёбии дақиқ ба таърихчаи ёддошт бояд ба пажӯҳишҳо, манобеи таърихии мавриди қабули муҳаққиқони барҷаста, ба хусус осоре, ки ба василаи бостоншиносон ба даст омадааст, истинод кард. Метавон онро ба ду даврои куллӣ даврои пеш аз ислом ва баъд аз ислом ҷудо намуд. Дар мавзӯи мавриди назари мо, дар мақолае таҳти унвони «Равнақи хотиранависӣ дар бозори касоди китоб» чунин нигошта шудааст: «*Қадимитарин санади ёддоштнависӣ аз як вазири сумерӣ Алвоҳ Глин ба ҷо монда аст, ки дар он даврон бо хати мехӣ мактуб шудааст ва дигаре шикояти шогирди дабиристон аст, ки аз сахтгирии муаллиму машқи шаб нолида аст*» [6, с.7]. Тибқи гуфтаи донишмандон дар Эрони бостон аввалин маконҳои зиндагии иҷтимоӣ шинохта шуда, теппаҳои бостонӣ Силаки Кошон (5000 сол пеш аз мелод) дара ва теппаҳои Алӣ Каш наздики Дезфул аст, ки осоре аз онҳо ба ҷо монда ва ба даст омадааст. Бо тафсиру баррасии ин осор метавон ба нақши ёддошт дар интиқоли адабу русум, пешаҳо ва зиндагии иҷтимоии инсонҳо пай бурд. Пас аз муҳоҷирати ориёиҳо ба Эрон,

«Авасто» яке аз муҳимтарин устод дар заминаи таърихи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад. «Авасто» китоби муқаддаси зардуштиён – куҳнатарин осоре аст, ки ибтидо ба сурати шифоҳӣ ва баъдҳо ба шакли мактуб аз аҳди Эрони бостон ба ҷо мондааст. Катибаҳои кашфшуда аз даврони Ҳахоманишӣ аз назари таърихӣ аҳаммияти бисёре дорад ва дар ҳақиқат, шарҳи ҳол, аъмол ёдбуду ёддошти (ёддошнигоштае) подшоҳон ва бузургони аср будааст.

Маълумоти сарчашмаҳои илмӣ аз замони Ҳахоманишиён аввалин катибаи шинохташуда ба хати мехӣ лавҳаи «Ориёно» (Эъломияи Дорюш) ва охирин катибаи шинохташуда катибаи Ардашери севум мебошад. Яке аз муҳимтарин катибаҳои ин давра «Катибаҳои Бесутун» буда, тамоми вижагиҳое, ки куҳнигориҳо, сангнавиштаҳо дорад, дар ин асар ҷамъ оварда шудааст. Аз ин рӯ, арзандатарин санади таърихии Эрони бостон маҳсуб мешавад. Мавзӯи ин катиба, муаррифии шоҳ Дорюш, ниёгонаш, шарҳи аъмол ва бархӯрдҳои ӯ бо рақибон ва дӯстонашро дар бар мегирад. Тамоми вижагиҳои як ёддошнавишта монанди замону макони ҳаводис, номи нақшпардозон, натиҷа ва паёмади рӯйдодҳо ва ғайра дар ин катиба мавҷуд мебошанд. Аз давраи Ашконӣ асари мактуби қобили мулоҳизае ба даст наёмадааст, аммо дар давраи Сосониён монанди давраи Ҳахоманишиён катибаҳо ва нақшҳои барҷастае мавҷуданд, ки аз назари арзиши адабӣ ва таърихӣ ҳамонандии «Катибаҳои Бесутун» ва соири катибаҳои Ҳахоманишӣ ба назар мерасанд. Сосониён ба русуми Ҳахоманишиён рӯзнома ва солномаҳое доштанд, ки вақоеи рӯзонаро сабт мекарданд ва дар онҳо вижагиҳои ёддоштӣ ба назар мерасиданд. Баъзе аз осори мутаносиби ёддоштнависии ин аҳд иборат аз: «Андарзи Хусрави Анӯшервон», «Ёдгори Бузургмеҳр», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Андарзномаи Хусрави Қубодон», «Андарзи Бузургмеҳр», «Корномаи Анӯшервон», «Андарзи Беҳзоди Фаррухрӯз», «Ёдгори Зарирон», рисолаи Хусрави Қубодон –Худоиномаҳо, ҷанбаҳои ёддоштӣ дар осори мактуби ёдшуда ба равшанӣ пайдост. Ҳамчунон, ёддоштнависӣ пас аз ислом, то қарни xv111 ва адабиёти ҷадидияи тоҷик рушду инкишоф ёфт, ки мо дар ин фасл бо зикри далел ҳар якеро мавриди пажӯҳиш қарор хоҳем дод. Баъд аз зуҳури ислом ва аз ҳангоме ки шоирону адибон шурӯъ ба навиштани китоб ба забони порсии дарӣ намуданд насри форсии тоҷикӣ дар ин замон густариши чашмгире дошт. Нахустин ёддоштро дар китобҳои тозанигошташудаи он замон метавон ҷуст, монанди худоиномаҳо, шоҳномаҳои мансур ва ба хусус китобҳои таърихие монанди «Таърихи Балъамӣ» ва «Таърихи Систон». Дар ин давра китобҳои муштамил бар ёддошт ба чанд даста тақсим мешаванд:

Аввалин тазкираи мукаммали шуарои форсу тоҷики то замони мо маҳфузбуда «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ мебошад, ки соли 1221-1222 мелодӣ таълиф гардидааст. «Лубоб-ул-албоб» аз ду қисм иборат буда, ба дувоздаҳ боб тақсим мешавад. Се боби охири қисми якум тарҷумаи аҳволи подшоҳон, амирон, вазирон, фозилон ва амсоли инҳоро дар бар мегирад, ки ба мавзӯи мавриди пажӯҳиши мо робитаи ногусастанӣ дорад.

Сафарнома, дар ҳақиқат, навъе гузориши сафар аст. Бештар аз тавзеҳоте дар бораи асли сафар ва мутолиоти мусофир ба вуҷуд омада, ки иборат аз ёддошти нависанда низ мебошад. Монанди «Сафарнома»-и Носири Хусрав «Сафарнома»-и Шорден, «Сафарнома»- и Марк Поло, Ибни Батута ва ғайра. Дар сафарномаҳо бо ду шева рӯ ба рӯ ҳастем; як навъи сафарнома ин аст, ки ҳар кас ҳар чиро дар рӯз бо он бархӯрд кардааст, монанди як гузориш мунъакис мекунад, ки, дар ҳақиқат, ин навъи сафарнома як гузориши саёҳатӣ аст. Бештар сафарномаҳое, ки натиҷаи сафарҳо ва боздидҳои илмӣ аз кишварҳо, донишгоҳҳо, мадорис, муассисоти санъатӣ, маркази ҳунарӣ аст, чунин вижагиҳое доранд.

Дар адабиёти форсу тоҷик аввалин сафарномаи машҳур мутааллиқ ба Носири Хусрав мебошад, ки дар қарни панҷум нигошта шудааст [6]. Асари ӯ гузорише аст, аз сафари ҳафтсола аз зодгоҳаш Хуросон то Миср ва бозгашти ӯ ба ватан. «Сафарнома», дарвоқеъ, дастоварди ин сафар аст ва ҳовии иттилооти дақиқу гаронбаҳои ҷуғрофиву таърихӣ ва баёни одот ва адаби мардуми сарзаминҳои гуногун аст. Носири Хусрав дар танзиму нигориши «Сафарнома» саъй кардааст, ки гузоришгари бетараф бошад. Хуб дидану бо ҷузъиёт тавсиф кардан, муҳимтарин вижагии «Сафарнома»- и Носири Хусрав аст. Ӯ ба манзури кашфи ҳақиқат, шинохти худ, зиндагӣ ва ҳастии ин сафарро оғоз мекунад ва бо ангеза ва иштиёқ бисёр дар ин сафар кунҷковона ба мушоҳида ва пажӯҳиш мепардозад. Ҳам аз сурати берунии шаҳрҳо ва деҳаҳо, роҳҳо, биноҳо, боғҳову даштҳо, гулҳову хорҳо, ҳунарҳову шигифтиҳо мегӯяд ва ҳам аз мардум ва халқияту рӯҳиёташон, муносибати фардӣ, иҷтимоӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсиашон. Аз сарзаминҳои ободу вайрон, аз ҳукмронон, золиму нодон ва аз давлатҳои ҳомии дармондагон ва саранҷом аз инсон бо ҳамаи гуногуниашон. Ин ҳамаро бо баёни содаю содиқона, зиндаю самимона ва ҳунармандона ба тасвир мекашад.

«Сафарнома»- и Ибни Батута, ки сафарашро дар соли 725 аз Марокаш оғоз кард ҷанбаи баланди илмӣ дорад [8]. Вай дар тайи ин сафари бисту ду сола тамоми нуқоти кишварҳои исломиро дар камоли бекасӣ ва гумномӣ паймуд. Вазъияти доманаи иттилоот ва садоқати Ибни Батута дар сабту забт дидаҳо қобили таваҷҷуҳ аст. Ҳофизаи неруманд, чашми тезбин ва васфҳои сода ва дилкаши ӯ ҷолибу ҳайратангез мебошанд. Ӯ матолибро дар қолаби достонҳои зебо ва дилкаш баён мекунад.

Ҳарчанд ки сафарнома яке аз жанрҳои ёддошт аст, аммо тафовутҳое дар он дида мешавад. Сафарномаҳо иборат аз матолибе дар бораи асли сафар, мутолиоти мусофир ва иттилоотӣ дар бораи зиндагии шахси сафаркунанда аст, ки ёддошти сафар аз ҷумлаи онҳо мебошад. Ба иборати дигар, сафарномаҳо матолиби дигареро ҳам – ғайр аз ёддошти сафар – шомил мешаванд. Ба таври мисол дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав матолиби бисёре дар бораи тавсифи маконҳо, шаҳрҳо ва ғайра вуҷуд дорад, ки афзун бар ёддошти Носири Хусрав аст. Бар хилофи ёддошт, нависанда дар сафарнома камтар аз худаш мегӯяд ва ба дигарон ва шарҳи моҷароҳову маконҳое, ки дидааст, мепардозад. Хонандагон низ бештар чунин интизорӣ аз нависандаи сафарнома доранд. Дар сафарнома, нависанда ба қасди ёддоштнависӣ, наменависад, ҳарчанд ёддошти фаровоне ҳам дар он ба чашм мехӯрад, балки бештар ба манзури интиқоли ёфта ва дидаҳои худ аз сафараш ба навиштан мепардозад.

Ёддоштнависӣ яке аз гунаҳо ва зермаҷмӯаҳои зиндагинома аст, зеро марбут ба рӯйдодҳои хос аз зиндагии гузаштаи фард аст, ки ба далели дар зеҳн соҳиби он барҷаставу монданӣ шудааст. Бинобар ин, робитаи зиндагинома ва ёддоштнигошта робитаи умум ва хусус аст. Дар адабиёти тоҷик, агар нависандаи ёддошт ва зиндагиномаҳо аз завқи адабӣ бархӯрдор бошад, асари ӯ ба сурати як навъи адабии мустақил дармеояд, ки шоистаи таваҷҷуҳ аст [3, с.362]. Тафовути зиндагинома аз ёддошт дар он аст, ки ёддошт падидае мебошад, марбут ва мансуб ба ёд ва зеҳнӣ фард аст, яъне ба иллати вижагиҳои эҳсосӣ ва отифӣ ё далели дигар дар зеҳни фард барҷаста шудааст. Дар ҳоле ки зиндагинома танҳо марбут ба рӯйдодҳои барҷаста дар зеҳни фард нест, балки тамоми ҳаводису рӯйдодҳое, ки дар зиндагӣ барои фард рух додаастро дар бар мегирад. Фарқи дигари ёддошт аз зиндагинома ин аст, ки ёддошт марбут ба замони хос аз зиндагии фард аст, дар ҳоле ки зиндагинома ҳамон гунае ки аз номи он пайдост, марбут ба ҳамаи зиндагии фард мебошад. Тафовути севум ин аст, ки вижагии равонӣ будан дар ёддошт ошкортар аз зиндагинома аст.

Дар адабиёти форсу тоҷик «Гулистон»-и Саъдӣ асаре аст, гарчи номи ёддоштӣ бар худ надорад, инъикоси дидаҳо, шунидаҳо ва таҷрибаи ҳунармандӣ ҳасосу тезбин аст, ки сӣ сол аз зиндагии худро ба манзури дарки зиндагӣ дар сафар мегузаронад ва воқеиятҳои зиндагии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии манотиқи мавриди мушоҳидаи хешро баён мекунад. Як таҷрибаи воқеӣ дар бархӯрд бо фарҳанги мутафовит, ки моро нисбат ба тамаддун ва фарҳанги худ ба навъи огоҳии амиқ мерасонд. Ин дарёфтҳо дар қолаби ҳикоятҳои кӯтоҳу муъҷаз ва бо фалсафаи хос ривоят мешаванд. «Гулистон»-и Саъдиро метавон расман сароғози достонҳои ёддоштӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба шумор овард. Лаҳни самимонаи нависанда, танаввӯи мавзӯъ ва насри равони зиндаи Саъдӣ дар китоби мазкур бозтоб меёбад.

Саъдӣ дар «Гулистон» он чӣ дида, шунида ва ё гуфта ба таҷрибаву тааммул дарёфта, мукаррар сухан рондааст. Дар ин ривоёт ҳамчунон ҳосили мушоҳидаҳо ва андешаҳои ибратомӯзи худро ба миён менихад.

Ёддошти зерин гуфтаҳои болоро тақвият медиҳад: «*Ёд дорам, ки дар айёми пешин ман ва дӯсте чун ду бодому мағз дар пӯсте, суҳбат доштем. Иттифоқи ғайбат афтод. Боз омаду итоб оғоз кар, ки қосиде нафиристодӣ. Гуфтам: дареғ омадам, ки дидаи қосид ба ҷамоли ту равшан ва ман маҳрум:*

Ёри дерина, маро гуфт: ба забон тавба мадеҳ.

Ки маро тавба ба шамшер нахоҳад будан.

Рашкам ояд, ки касе сер нигаҳ дар ту кунад,

Боз гӯям, ки касе сер нахоҳад, будан» [9, с.137].

Ёддошт вижагиҳое дорад, ки онро аз дигар жанрҳои адабӣ ҷудо мекунад. Муҳаққиқон ин хусусиётро ба ду даста тақсим кардаанд: умумӣ ва хусусӣ.

1. Вижагиҳои умумӣ вижагиҳое ҳастанд, ки дар тамоми жанрҳои ёддоштӣ, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, муштараканд. Баъзе аз муҳимтарини онҳо иборатанд аз: ёде аз гузаштаро дар бар доранд, ки эҳсос ва отифа дар онҳо намуди чашмгире ба худ касб кардааст. Рози мондагори зеҳнӣ ва равонии онҳо низ ҳамин нуктаро дар бар мегирад, ки дар як замону макони мушаххас қарор доранд ва муаассир бар зеҳн, маҳфуз дар ҳофиза мебошад. Ҳар ёддоште оғоз ва поён дорад, ҳар ёд баёни рӯйдод ва воқеияте аст, ки иттифоқ афтода ва

поён пазируфтааст, ки маъмулан ёддоштнавис он рӯйдодро аз ибтидо то интиҳо бо зикри ҷузъиёт шарҳ медиҳад.

2.Вижагиҳои ихтисосии ёддошт, ин вижагиҳо марбут ба ёддоштнвисиҳои комил ва бахусус ёддоштӣ аст, ки аз назари адабӣ боарзиштару қобили таваҷҷуҳ ҳастанд ва бештари ин осор ба дасти нависандагони ботаҷриба навишта шудаанд. Дар зер ба баъзе аз вижагиҳои хос ишора мешавад.

Яке аз муҳимтарин вижагиҳои ёддоштнависӣ ривоятигуна будани онҳост, ки боис мешавад, асар сохти мушаххасе пайдо кунад. Арзиши ҷомеашинохти адабӣ осори робитаи бевосита ривоӣ будани онҳоро дорад.

1. Ёддошт бар эҳсосу отифаи фард асар мегузорад ва яке аз далели барҷаста шудаанд ва мондагории онҳо низ ҳамин нукта аст.

2. Самимияту эътирофпазирӣ мавҷуд дар ёд вижагии дигари он аст, ки бар ҷаззобияти ёддошт меафзояд ва муҷиб мешавад, ки хонанда худро дар ҳаводиси он, ки воқеӣ аст, шарик бидонад ва эҳсоси наздикӣ бо соҳиби ёддошт барқарор намояд.

3. Садоқати баён аз вижагиҳои муҳимми ёддоштнависӣ аст. Садоқат дар баёни ҳаводису рӯйдодҳои ёддоштӣ муҳимтарин вижагии он аст, ки бидуни он ёдддошт арзиши воқеии худро аз даст медиҳаду хонанда низ аз ҳамроҳӣ бо нависанда маъюс мегардад.

4. Насри содаи самимӣ ва наздик ба забони муҳовараи ёдоштнависӣ аз далели ҷаззоб будани ин навиштаҳост.

5. Дар ёддоштнависиҳо замон ва макони рӯйдодҳо ба равшанӣ пайдост. Ёддошт дар як замон ва макони мушаххас рӯй додааст. Яке аз аркон ва чорчӯби ҳар ёддоштнависӣ доштани замон ва макони мушаххас мебошад.

Ҳамин тариқ, ёддоштнавис бо огоҳӣ ва ирода ба шарҳи аҳвол, ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои гузашта, ки дар зеҳн монда ва барҷаста шудаанд, мепардозад. Ровӣ дар он бевосита ҳузур дорад. Ҷузъиёти замон ва макону чигунагии вуқӯи ҳаводис низ дар он мундариҷ аст. Ёддошт ғолибан таъсири эҳсосӣ –отифӣ бар фард мегузорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиризо Қамарӣ. Бо ёди хотира / Қамарӣ Алиризо. - Теҳрон: Меҳр, 1373.
2. Берт Фарогнар. Хотиронависии эрониён дар асри Қоҷор (тарҷумаи Ҷалилванд Ризоӣ) / Фарогнар, Берт. - Теҳрон: Илмӣ-фарҳангӣ, 1377.
3. Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Дидор бо аҳли қалам. Ҷ 2. / Юсуфӣ, Ғуломҳусайн. - Теҳрон: Илмӣ, 1380.
4. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. (Захоири электронии адабиёти форсӣ) / Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон, 1361.
5. Меҳрии Ҳоқонӣ // Равнақи хотиранависӣ дар бозори касоди китоб. 26.05.1383.
6. Носири Хусрав. Сафарнома; ба кӯшиши Нодир Вазирпур. - Теҳрон: Амири кабир, 1362.
7. Саидҳусайн Ҳусайннажод. Омӯзиши хотиранависӣ Ҳусайннажод, Саидҳусайн. - Теҳрон: Лавҳи зарин, 1382.
8. Ибни Батута. Сафарнома (тарҷумаи Муҳаммадалӣ Муваҳҳид) / Ибни Батута. - Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337.
9. Шерозӣ, Саъдӣ. Гулистон (шарҳи Ғуломҳусейн Юсуфӣ) / Саъдии Шерозӣ. - Теҳрон: Ҷовидон, 1363.
10. Худойназар Асозода. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Асозода, Худойназар. - Душанбе, 2013.

САДОҚАТИ БАЁН ВА ВИЖАГИҲОИ МУҲИММИ ЁДДОШТНАВИСӢ

Дар ин мақола роҷеъ ба жанри ёддоштӣ аз давраи пайдоиши он дар адабиёти қадим то давраи кунунӣ маълумоти муфассал дарҷ гардидааст. Маъниву муҳтавои ёддоштнависӣ аз луғатномаи «Деҳхудо» маънидод гардида ва инчунин калимоти муродифоти он муайян карда шудааст. Дар мақолаи мазкур ибрози ақидаи муҳаққиқи Фаронса Андра Малро, донишманди барҷастаи эронӣ Алимирзои Қамарӣ, Ғулом Муҳсин Юсуфӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ёддоштнависиро дар Эрони бостон дар заминаи сурудаҳои Зардушт низ ёдрас гардидааст. Аз замони ҳукмронии Ҳахоманишиён дар аввали катибаҳо бо хати мехӣ тамоми вижагиҳои як ёддоштнавишта монанди замону макони ҳаводис ва рӯйдодҳо дар ин мақола мавриди пажӯҳиш қарор дорад. Дар адабиёти форсу тоҷик аввалин сафарномаи машҳур мутааллиқ ба Носири Хусрав, ки дар қарни панҷум нигошта шуда, дар танзиму нигориши «Сафарнома» саъй кардааст, гузориш сабт гардидааст. «Сафарнома»-и Ибни Батута, ки аз Марокаш оғоз намуда 22 сол нуқоти кишварҳои исломиро тай кардааст, мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудааст. «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ сарогози асарҳои ёддоштӣ дар адабиёти форсу тоҷик муаррифӣ гардидааст, ки сӣ соли зиндагии худро манзури дарки зиндагӣ дар сафар кардааст. Дар ин мақола роҷеъ ба рисолаи «Қишрия»-и мутафаккири маъруфи форсу тоҷик Абулқосими Абдулкарим бини Ҳавозони Қишрӣ дар мавзӯи сайру сулуки ирфонӣ маълумоти саҳеҳ оварда шудааст. Инчунин, оид ба умумияти ду қисмати вижагиҳои ёддоштӣ (умумӣ ва хусусӣ) ёдрас шуда, ҳар яки ин қисмат аз ибтидо то интиҳо бо зикри ҷузъиёт шарҳ дода шудааст.

Калидвожаҳо: ёддошт, зиндагинома, сафарнома, ирфонӣ, фавқ, вижагиҳо, садоқат, хотира, тазкира, адабиёти форсу тоҷик.

ВЕРНОСТЬ ТРАДИЦИЯМ ИЗЛОЖЕНИЯ ВОСПОМИНАНИЙ (МЕМУАРОВ) И ОСНОВНЫЕ СПОСОБЫ ИХ ВЫРАЖЕНИЯ

В данной статье затронуты вопросы и традиции изложения воспоминаний (мемуаров), с древних времён дошедших до наших дней. Формы и содержание мемуаров (воспоминаний) берут свое начало и зафиксированы еще в древнем словаре « Деххудо», где даются интерпретация и доскональное объяснение синонимического выражения и словосочетания. В статье также приведены мнения французского исследователя Андре Малро, иранского лингвиста критика Алимирзо Ќамари, Гуляма Мухсина Юсуфи и многих других литературов, критиков и ученых - языковедов. Воспоминания (мемуары) как вид литературного жанра возникли ещё в древнем Иране как разновидность словесного выражения мыслей, наблюдений и других душевных составляющих и берут своё начало современ приданий периода Зардушты. В начале правления династии Хохоманишина впервые было положено начало этому виду устного народного творчества. Наскальные надписи в виде воспоминаий были найдены в этом периоде. В таджикиско-персидской литературе впервые прибегал к этому жанру Носир Хисрав. В свой книге «Сафарноме» (Путеводитель) он зафиксировал все свои наблюдения за время своего путешествия, в которых провёл почти 22 года своей жизни. После великий поэт Саади Шерози, кто по праву считается основоположником этого вида искусства в своей незаменимой книге «Гулистон» («Цветник») даёт исчерпывающую информацию об этом жанре литературы. Он красочию, в великолепных тонах описывает те моменты своей жизни, которые посветил путешествиям. Почти 30 лет своей жизни он посвещает многогранности человеческих отношений. Этому жанру также посвещено много научных трудов в книге «Кишрия» выдающегося деятеля таджикско - персидской литературы Абулкосима Абдулкарима ибн Хавозони Кишри.

Ключевые слова: воспоминание, жизнеописание, путевые заметки, мистическое (познание), первенство (фавќиёт), особенность, переданность, превосходство, верность, летопись, таджикско-персидская литература.

FIDELITY TO THE ACCOUNT OF THE RECITAL OF MEMORIES (MEMOIRS) AND THE MAIN WAYS OF THEIR EXPRESSION

This article touches upon the issues and traditions of the presentation of memoirs (memoirs) from ancient times and extant. The form and content of the memoirs (memoirs) originates and is recorded in the ancient dictionary "Dehudo", which provides an interpretation and a thorough explanation of the synonymic expression and phrase. The article also contains the opinion of the French researcher Andre Malraux, the Iranian linguist critic Alimirzo Kamari, Gulyam Muhsin Yusufi and many other literatures, critics and scholars of linguists. Memories (memoirs) as a type of literary genre originated in ancient Iran as the heterogeneous verbal degeneration of thoughts, observations and other spiritual components, and originates from the time of the infancy of the Zardushta period. At the beginning of the Hohomanish dynasty, the first was the beginning of this kind of oral folk art. Rock inscriptions in the form of memories were found in this period. In the Tajik-Persian literature in the first resort to this genre Nosir Hisrav, which can be attributed to the fifth century. In his book "Safarnom" (the Guide) he recorded all his observations during his journey, where he spent almost 22 years of his life. After the great poet Saadi Sherozi, who is rightfully considered the founder of this type of art in his inexhaustible book “Guliston” (“Flower Garden”) gives exhaustive information about this genre of literature. He paints in gorgeous colors describes those moments of his life that shone a journey. For nearly 30 years of his life, he has dedicated the diversity of human relationships. A lot of scientific works are also devoted to this genre in the book “Kishriya” by Abulkosim Abdulkarim ibn Khavozoni Kishri, a prominent figure of Tajik-Persian literature.

Key word: memory, biography, Travel notes, mystical (knowledge), primacy (favicot), peculiarity, transcendence, superiorityfidelity, chronicle, tajper, literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. Тел.: **(+992) 907-85-01-06**

Сведения об авторе: ***Давлатов Умарали Мирзоалиевич*** – Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, г.Дангара, улица. Маркази, 25. Телефон: **(+992) 907-85-01-06**

Information about the author: ***Davlatov Umarali Mirzoalievich*** - Dangara State University, Senior Lecturer of the Department of Tajik Language and Literature. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, street. Markazi, 25. Phone: **(+992) 907-85-01-06**

УДК: 821.21/.22

ТАСВИРИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР РОМАНИ “КАМОМАД” - И ПРЕМЧАНД

Ёрова С.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи адабиёти ҳиндӣ дар асри ХХ Премчанд (1880–1936) ҳамчун маҳбубтарин адиб ва бузургтарин ҳикоянавис ва романнавис шуҳрат пайдо кардааст. Албатта, оид ба масъалаҳои мухталифи дар ҳикояҳо ва романҳои адиб акси худро ёфта, муҳаққиқони ҳиндустониву хориҷӣ, аз ҷумла Қамар Раис, Ҳансраҷ Раҳбар, Гопал Рай, Вишванатҳ Прасад Тиварӣ, Виктор Иосифович Балин, Евгений Петрович Челишев, Нина Дмитриевна Гаврюшина, Ҳабибулло Раҷабов, Ҷовид Холов ва дигарон борҳо назари андеша кардаанд. Вале миёни ин қадар шумораи зиёди корҳои тадқиқотӣ ягон мақолаи ҷудогонае, ки дар он масъалаҳои иҷтимоӣ дар романи “Камомад” (“Ғабан”) матраҳ шуда бошад, дида нашуд. Танҳо як мақолаи адабиётшиноси Ҳинд Кришначандр Лал бо номи “Ғабан” ба назар расид. Ин мақола дар китоби “Премчанд”, ки ба муносибати 100 - солагии адиб соли 1980 ба табъ расидааст, шомил аст. Дар мақолаи номбурда, пеш аз ҳама, ин нуқтаи назар махсус қайд карда шудааст, ки романи “Ғабан” романи реалистӣ буда, аз дигар романҳои адиб, аз ҷумла романҳои “Севасадан” (“Паноҳгоҳ”) ва “Премашрам” (“Манзилгоҳи муҳаббат”) фарқи калон дорад. Ҳиндшиноси тоҷик Раҷабов Ҳ., дар китоби худ “Премчанд” роҷеъ ба баъзе романҳои Премчанд сухан ронда, аз ҷумла, дар бораи романи “Камомад” чунин изҳори ақида кардааст: “Дар романи “Камомад” Премчанд комилан беҳуқуқ будани инсони заҳматкаши ҷомеаи худ, сангдилӣ ва бераҳмию золимии политсия – ҳимоятгари доимии манфиати табақаҳои доро, эътирофи кӯркӯронаи анъанаҳои зарароварии куҳан ва мисли инҳоро реалистона ба қалам додааст. Лекин баробари ҳамаи ин, дар маркази диққати муаллиф, пеш аз ҳама, зиндагии намояндаи буржуазияи майдаи Ҳиндустони мустамликавӣ меистад” [9, с.43]. Нисбат ба ин роман инчунин чанд сухане ҳиндшиноси рус В.И. Балин дар пешлафзи ба тарҷумаи русии ин роман навиштааш баён кардааст. Муҳаққиқ зикр кардааст, ки: “Масъалаи асосии романи “Камомад”- ин масъалаи тақдири буржуазияи майда ва зиёиён мебошад ва таваҷҷуҳи Премчанд ба ин гурӯҳи мардуми Ҳиндустон тасодуфӣ набуд, чунки одамони ба ин гурӯҳ тааллуқдошта рӯз то рӯз нақши назаррасе ба зиндагии ҷамъиятии ин мамлакат мегузоштанд” [3, с.8].

Ҳиндшиноси маъруфи рус академик Е.П. Челишев таъсири ғояҳои пешвои мардуми Ҳинд Маҳатма Гандиро ба Премчанд ёдовар шуда, зикр кардааст, ки: «Манзараи зиндагии табақаҳои миёнаи ҷамъияти Ҳиндустон дар романи «Камомад» акси худро ёфтааст» [12, с.145]. Муаллифи номбурда дар бисёр мақолаҳои ба адабиётҳои Ҳиндустон бахшидаи худ барои тасдиқи ин ё он андешааш аз Премчанд ёдовар мешавад ва таъкид мекунад, ки маҳз Премчанд ба масоили иҷтимоӣ эътибор дода, асарҳое офаридааст, ки барои пайравонаш дар тасвири зиндагии мардумони Ҳиндустони мустамликавӣ сабақи пуразриш мебошад.

Яке аз адабиётшиносони Ҳинд Виҷаендра Снатак дар китоби худ “Таърихи адабиёти ҳиндӣ” (“Hindi saahitya ka itihaas”) вақте ки шаш беҳтарин романи Премчандро номбар мекунад, мо мебинем, ки дар ҷойи аввал романи «Камомад» оварда шудааст [4, с.290].

Солҳое, ки ин роман иншо шудааст (1931), солҳои дар Ҳиндустон авҷгирии ҳаракатҳои миллӣ - озодихоҳӣ буд ва мавзӯи асарҳои аксарияти адибони пешқадами Ҳиндустон тасвири ҳамин ҳаракатҳои тақдирсоз буд. Премчанд дар асарҳояш баробари тасвири ин ҳаракатҳо, яъне масъалаҳои мубрами сиёсӣ боз бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ низ эътибор додааст. Қаҳрамонҳои марказии роман Раманатҳ ва ҳамсари ӯ Ҷалпа мебошанд ва ҳамаи масъалаҳои дар роман тасвиршуда, аслан дар атрофи кирдор, амал ва суханронӣ, яъне баҳси ҳамин ду қаҳрамон сурат мегирад. Раманатҳро орзуҳояш бештар аст нисбат ба он ки барои амалӣ шудани ин орзуҳо чунин талоше кунад, ки самарае дошта бошад. Раманатҳ наметавонад на дар таҳсил ва на дар иҷрои ягон кори дигар худро фаъол нишон диҳад. Пас аз хатми мактаб ӯ ҳамагӣ ду моҳ дар коллеҷ таҳсил кардааст. Идомаи таҳсил бо хоҳиши ӯ вобастагӣ надошт. Мушкилӣ дар он буд, ки вай барои идома додани таҳсил дигар маблағи зарурӣ надошт. Падари Раманатҳ Даянатҳ дар идораи суд кор мекард ва дар як моҳ ҳамагӣ 50 рупия маош мегирифт, ки барои хараҷоти оилавӣ кифоя набуд. Вай метавонист мисли дигар кормандони чунин корхона ба ришвахӯрӣ даст зада, соҳиби пайсаи зиёд шавад, чунки хусусияти фаъолияти кориаш инро имконпазиру мусоидат месохт, вале вай ҳамчун инсони бовиҷдон ва дур аз ришвахӯрӣ аз тариқи чунин корҳои паст рӯзӣ ёфтанро, муносиб намедид. Чун сухан аз пардохти маблағи таҳсили Раманатҳ меравад, падар, ки аз сатҳи бизоатнокии оила, ки дақиқтараш бебизоатӣ, хуб огоҳӣ дошт, чунин мегӯяд:

“Барои он ки ту соҳиби диплом шавӣ, ман наметавонам тамоми аҳли хонаводаро дар гуруснагиву урёнӣ нигоҳ дорам. Агар таҳсил кардан хоҳӣ, худат чораашро бин. Бисёр касон ҳамин тавр мекунанд. Ту ҳам ин кӯшишро кун”. Вале Раманатҳ ин гуна майл надошт [6, с.8].

Раманатҳ бар хилофи падараш он қадар зиёд на дар бораи виҷдон фикр мекарду на дар бораи мардуми бенаво, ки қисмати зиёди ҷомеаи Ҳиндустонро ташкил медоданд. Талошҳои вай барои худро ҳозиразамон нишон додан дар доираи ба таври аврупоӣ либос пӯшидан, мисли онҳо худро нишон додан ва баъзе тақлидҳои дигар, ки сунъӣ менамуданд, маҳдуд мешавад. Талошҳои ӯ дар самти дигар, яъне ба хотири хушҳол намудану хушҳол дидани ҳамсараш, ба назар мерасад. Аммо воситае, ки ӯ онро ҷустуҷӯ мекунад, то ин ки ҳамсарашро хушҳол бубинад, як навъ амалҳое мебошанд, ки гоҳе бевиҷдониву беномусиро ифода мекунанд ва гоҳе соф амалҳои ҷиноятӣ ҳастанд. Вақте ки ба фаъолияти Раманатҳ менигарем, маълум мешавад, ки нависанда қаҳрамони худро аз байни мардуми миёнаҳол ё ба таври дигар буржуазияи майдаи ҷомеаи ҳиндӣ интихоб намудааст. Раманатҳ шахси нодон нест. Вай дар давоми ду соле, ки бекор мемонад, бисёр чизҳоро меомӯзад, ба мисли чӣ тавр дар иҳотаи ашхоси сарватманду мансабдор худро нигоҳ доштан ва чӣ тарз мисли аврупоиҳо либос пӯшидан, лекин на он чизҳоеро меомӯзад, ки барои инсони заҳматкашу бовиҷдон бисёр муҳим аст. Аз тариқи навиштаҳои Премчанд, ба хулосае меоем, ки ашхоси миёнаҳоли тасвирнамудаи муаллиф бештар ба мардуми камбизоат наздиктар аст, на ба мардуми доро, ки ашрофзодаҳо мегӯянд. Маҳз ҳамин камбизоатӣ ва ҳаракати аз ҷониби камбизоатҳо сарвати бештаре ба даст даровардан, боис шудааст, ки нависанда ба бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ, ки фарогири ҳаррӯзи мардум аст, дахолат намояд. Маълум мешавад, ки хушбахтии инсон дар он набудааст, ки моли бештар дошта бошад. Ҳар як амали бечо танҳо як муддати кӯтоҳе шояд хушҳолие орад, лекин баъдан метавонад боз якчанд дафъа, аз хушҳолиҳо дида, бештар зарарҳо биёрад. Адиби аз пасту баландиҳои зиндагии воқеии мардуми Ҳиндустони мустамликавии худ бохабар, барои хислатҳои воқеии қаҳрамонҳои худро нишон додан, онҳоро вориди зиндагии ҳам сарватмандон ва ҳам бенавоён мекунад. Мардуми бенаво бо меҳнати зиёд, бо ҳамон нодории худ, аз онҳое, ки шабу рӯз дар андешаи бештар пайса доштан ва олӣ зистан мебошанд, зиндагие доранд, ки Раманатҳ барин гумроҳшудагон ба он ҳасад мебаранд. Падари Раманатҳ писарашро насиҳат мекунад, ки аз корафтодагон ришва наситонад. Аммо насиҳати падар ба вай хуш намеояд ва пас аз суҳбат бо падар чунин фикр мекунад: “Рама чунин андешид, ки ин қадар бовиҷдонона кор карда, падараш соҳиби чӣ шуд? Боз маро насиҳат мекунад. Кораш хамеша ҳар як пайсаро ҳисоб кардан аст. Ҳатто ба фарзандонаш маълумоти хуб дода наметавонад. Сару либоси хуб ҳам гирифта наметавонад. Таъриф кардан чӣ лозим? Агар виҷдони поку нияти соф доштан хонаро аз ҳар чиз пур мекард, пас зиндагӣ ҳам хуш мегузашт” [6, с.45].

Романи “Камомад” танҳо бо тасвири ташвишу мушкилиҳо ва роҳ гум кардани қаҳрамони марказӣ - Раманатҳ маҳдуд нашудааст. Ин ҷо инчунин образи ҳамсари Раманатҳ, ки аз лиҳози хислат, амал ва андеша аз шавҳари худ фарқи зиёд дорад, равшан ифода ёфтааст. Сарнавишти ҳар як зан худ як мавзӯи алоҳида, як қиссаи зиндагӣ мебошад. Баъзан аз ҷониби ашхоси инсондӯст ва дилсӯз чунин суханҳо садо медиҳанд, ки дар бораи занҳои Ҳиндустон танҳо ҳикоят кардан кам аст, балки онҳоро бо муҳаббат васфи бештаре карда, бахшида ба ин олиҳаҳо достонҳо навишта, сурудҳо хондан лозим аст. Зеро фақат мусиқӣ ва танҳо мусиқӣ, назокат, меҳрубонӣ, ширинсуханӣ, матонат, вафодорӣ ва ҳатто зебоии мафтункунандаи онҳоро ифода карда метавонад. Ба ин гуна суханҳо, ки бебаҳс арзишмандии занҳоро ифода мекунад, албатта, касе шубҳа надорад. Лекин бо вуҷуди ин дар Ҳиндустон барин як мамлакати сернуфуз ва гуногунмазҳаб дар муддати чандин садсолаҳо зан дар муқоиса бо мардҳо беҳуқуқ ва дар бисёр мавридҳо аз оддитарин лаззату ширинҳои ҳаёт маҳрум ба назар мерасид. Дар тӯли асрҳо зани ҳинду дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҳуқуқи озод иштирок намудан ва дахолат кардан надошт. Тамоми зиндагии ӯ танҳо бо оиладорӣ, нигоҳубини хона, таваллуд ва ба воя расондани фарзандон маҳдуд мешуд. Ҳамсари Раманатҳ – Ҷалпа, ки дар тасвири Премчанд зебо ва оқил аст, ҳарчанд, ки дар оғози роман бо бисёр масъалаҳо то андозае бо шавҳараш ҳамфикр бошад ҳам, оҳиста - оҳиста дар гуфтор ва амалаш дигар мавқеъро интихоб менамояд, ки бар хилофи мавқеъ ва андешаронии шавҳараш мебошад. Зеро ӯ дарк мекунад ва мебинад, ки шавҳараш ҳамчун шахси худбин ва манфиатҷӯ амал карда, ба дигарон зиён мерасонад. Ҷалпа дар оғози зиндагӣ мисли ҳамаи дигар занҳо орзу мекард, ки зару зевари зебову қиматбаҳо дошта бошад. Баробари ба шавҳар баромадан содалавҳона фикр мекард, ки акнун шавҳараш барои ӯ ҳатман туҳфа кардани зеварҳои зебову қиматбаҳоро зарур медонад.

Оҳиста-оҳиста, чун ба воқеияти зиндагӣ ошно мешавад, чӣ гуна рӯзгор, чӣ гуна эҳсоси рӯҳӣ ва чӣ гуна вазъияти ногувор доштаашро дар мактубҳое, ки ба дугонаҳояш фиристониданӣ буд, менависад. Ва акнун такрор ба такрор чунин меандешад, ки то андозае сабаби гирифтори

мушкилиҳо шудани шавҳараш, худи ӯ - Ҷалпа шудааст. Ҳамаи ҳамин мушкилиҳо Ҷалпаро мушавваш ва то андозае рӯҳафтодаву гирифтори ноумедиҳо кардааст. Раманатҳ барои ба ҳамсараш харидани зару зевар, хиёнате кардааст, ки боиси камомад ва ҳатто ба дасти политсия афтоданаш шудааст. Пас, Ҷалпа, ки дар ин муддати ками шавҳардорӣ, аллакай, бисёр чизҳоро фаҳмида ва хулоса бароварда буд, акнун аз худбинӣ дур рафта, аз ниятҳои худпарастӣ даст мекашад. Он орзуҳоро орзуҳои кӯдакона ва имрӯз амали бечо меҳисобад ва тамоми зеваротӣ ороишии худро ба дарё мепартояд. Ин гуна сурат гирифтани воқеа, аз ҷониби дигар, хусусияти рамзӣ дорад. Яъне, модоме ки маҳз ҳамин зеварҳо овардани бадбахтиҳоро боис шуда бошанд, пас надоштани онҳо ва дар бораи онҳо умуман фикр накардан - беҳтарин роҳи баромадан аз вазъияте, ки боиси дарди виҷдони ӯ шудааст, мебошад. Акнун вай сахт афсӯс мехӯрад, ки чаро фақат ба зару зевар чашм дӯхта, дигар ҳеҷ чизро дида натавонистааст ва дар амалҳои ҷиноятии шавҳараш то андозае худро айбдор меҳисобад. Олами орзуву ҳавасҳои Ҷалпа он оламе нест, ки фақат дар ҳаваси зевару сарват бошад. Ин қаҳрамонро фаҳмишу андешаронӣ дигар аст. Лаҳзаҳое мешаванд, ки вай рӯҳафтода аст ва ин рӯҳафтодагӣ, маъмулан, зуд мегузараду пушаймонӣ меорад. Дар як лаҳзаи зиндагии Ҷалпа нависанда ҳаёти воқеии ин занро, ки онро ба ягон навъе хушбахтӣ гуфта наметавонем, ин тавр ба қалам додааст: “Зиндагӣ мисли кӯҳ шах шуда мондааст. На рӯз, на шаб ҳеҷ гуна оромие нест. Хобам намеояд. Гоҳ - гоҳе худро маҷбур месозам, ки табассум кунам, лекин қалбам ҳамеша мегиряд. На ба хонаи касе меравам ва на касеро дидан мехоҳам. Ҳамин тавр маълум мешавад, ки ин бадбахтиву рӯҳафтодагӣ рӯзе ҷони маро мегирад. Шавҳарам танҳо ваъда медиҳад, ки пайса ҷамъ карда, бо заргар гуфтугӯ мекунад. Лекин ҳамаи ин гуфтаниҳои беасос ҳасту дигар ҳеҷ чиз нест” [6, с.30].

Ба ин ҳолате, ки қаҳрамони асар Раманатҳ гирифтор шудааст, адиб ҳеҷ касро аз атрофиёни ӯ айбдор карданӣ нест. Ҳам Раманатҳ ва ҳам ҳамсари ӯ Ҷалпа ҳарду шаҳрванди чунин як ҷомеае ба мисли Ҳиндустони мустамликавӣ мебошанд. Мустамликае, ки қоида ва қонунҳои махсуси худро дорад. Ҳам ҳиндувон ва ҳам мусулмонҳо ва дигар ашхоси дар ин ҷомеа рӯз ба сар мебурдагӣ, дар як вақт зери таъсири ҳам анъанаҳои мардумии Ҳиндустон ва ҳам он анъанаҳое, ки мустамликадорон бо худ овардаанд, мебошанд. Алалхусус, онҳое, ки дар шаҳрҳои калон зиндагӣ мекунанд. Маҳз дар ҳамин гуна вазъият зиндагии қаҳрамонҳои Премчанд мегузарад ва табиист, ки мушкилоти зиёди иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ ба онҳо бетаъсир наметонад. Он чизеро, ки мо дар романи пуразриш ва замонавии “Камомад”- и Премчанд мушоҳида мекунем.

Дар мисоли фаъолияти бо ҳам ихтилофдоштаи ҳамин ду қаҳрамони марказии роман, Премчанд зиндагии пурмашаққати мардуми оддии Ҳиндустони мустамликавиро, ки гирифтори мусибатҳои зиёди тангдастӣ, нодорӣ, қашшоқӣ ва мисли инҳо буданд, ҳамчун адиби инсондӯст ба қалам додааст. Ва баробари ин, муаллифи роман тавонистааст, дар мисоли тасвири мушкилиҳои иҷтимоии ҷамъияти Ҳиндустон, ба танқиди ҳамин гуна зиндагиву ҳамин гуна сохтор изҳори ақида намояд. Премчанд дар ин роман аслан ба зиндагии табақаҳои миёнаи ҷамъият рӯ овардааст. Аз лиҳози дорой ин табақа то андозае аз бисёр мушкилиҳои зиндагӣ озод аст. Вале ин озодӣ то ҳамон вақте ҳаст, ки ин гуна одамон ба қадри он намерасанд ва аз ин озодӣ он қадар қаноатманд нестанд. Ин дуруст аст, ки Премчанд дар симои ҳамин қаҳрамонҳо амал ва андешаронии тарзи дигарро дидан мехоҳад, ки он аз оқилона фикр кардан то оқилона амал карданро дар бар мегирад. Раманатҳ на бо роҳи ростгӯиву бештар бенуқсон заҳмат кашидан, балки бо роҳе рафтааст, ки дар худ дурӯягӣ, дурӯғгӯӣ, фиреб ва ба мисли ин хислатҳоро шомил кардааст. Премчанд дар ҳикояҳои худ зиёдтар аз зиндагии талх ва бадқисматиҳои ҳамон ҳамватанонаш қисса мекунад, ки зиндагии пурмашаққат на танҳо миёни онҳоро, балки орзую умедҳояшонро низ шикастааст. Дар романи “Камомад” бошад, ин масъала ба таври дигар сурат гирифтааст. Яъне, қаҳрамонҳо аз ҷумлаи табақаи поёнӣ нестанд, вале ин табақаро низ ҳамон масъалаҳои иҷтимоӣ ба ташвиш овардааст, ки ба ҷойгиршавии ин гуна одамон дар зинаҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошанд. Дар бархӯрди образҳо, яъне орзу ва андешаронии Раманатҳ ва Ҷалпа, нависанда ба ду масъала махсус эътибор додааст: Якум, ҳарду образи марказӣ дар оғоз новобаста аз он ки бо якдигар ҳамфикрӣ накардаанд, ҳаст боз чизе, ки ҳарду онро мехоҳанд, яъне бештар доштани пайса ва зевар. Яке чун зан, мехоҳад зару зевари қиматбаҳо дошта бошад, вале дур аз андешаи он ки оё шавҳараш метавонад ба осонӣ ин орзуи ҳамсарашро амалӣ кунад ё не ва шавҳар бошад ба имкониятҳои дороии худ аҳаммият надода, барои ҳамсараш кореро ба анҷом расонданӣ ҳаст, ки ақли солим чандон қабул карда наметавонад. Воқеият нишон медиҳад, ки кӯшиши ҳарду бефоида будааст. Аз ҳамин ҷо шурӯъ мешавад масъалаи дуюм. Яъне, пас аз имтиҳони сахти зиндагӣ дигаршавии на танҳо орзуву умеди қаҳрамонҳо, балки хислат ва андешаронии онҳо баръало мушоҳида мешавад. Ин аз ҳамон вақте оғоз меёбад, ки пас аз шаш моҳи аз хона фирор кардани Раманатҳ зану шавҳар бо ҳам вомехӯранд. Дар ҳамин суҳбате, ки ин ду дилдода пас аз ҷудой доштанд, мо дар гуфтугӯи онҳо

дигар хел оҳангро эҳсос мекунем ва дар ҳамин суҳбати онҳо чӣ хостану чӣ боиси ин мушкилиҳо шудааст, рӯшан мегардад. Вақте Ҷалпа гила мекунад, ки чаро дар давоми шаш моҳи ғайб задан, Раманатҳ ба ӯ боре ҳам ягон мактуб нанавиштааст, Рама худро сафед карданӣ шуда, мегӯяд: “Рама бо ҳасрат гуфт: “Не, Ҷалпа дили ман ҳамеша бо ёди ту буд, лекин ман чӣ навишта метавонистам? Вақте ки ман, пинҳонӣ аз хона фирор кардам ва бо ҳамин ба сари худ чӣ қадар мушкилиҳо овардам. Аз тақдири худ чӣ гуна шикоят карда метавонам? Ман ба хулосае омадам, ки то он даме, ки пули зиёд ба даст наорам, як калима ҳам наменависам.

Ҷалпа бо чашмони пур аз ашк гуфт: Маълум мешавад, ки ҳамааш дуруст будааст. Муҳаббат бештар ба пул будааст, на ба инсон. Яъне, маҳбубаи мо пул будааст ва ба хотири дарёфти он даст ба дуздӣ, роҳзанӣ, одамкушӣ ва ҳатто пулҳои қалбакӣ сохтан, бизан!. Шоҳиди қалбакӣ шав, бо ҳар роҳе, ки набошад пул пайдо кун, шуд!” [6, с.200].

Премчандро ақида ин аст, ки маҳз ҳирси ба даст овардани маблағ, инсонро, агар вай худ дурандеш набошад, водор месозад, ки ба ҳар кори ношоям даст занад. Масъалаи зару зевар доштани зан дар ҷомеаи ҳиндӣ, масъалаи ниҳоят муҳим аст, зеро зан дар оила ғайр аз ҷавоҳироти ороишии худ ба ҳеҷ чиз ҳуқуқи соҳибӣ кардан надорад. Аз ин ҷо табиист, ки зару зевар доштанро ҳар як зани ҳинду орзу мекунад. Дар роман маҳз ҳамин талош боиси ба вуҷуд омадани чандин масъалаҳои иҷтимоӣ, дар як оилаи аз нигоҳи аввал солиму таъминбуда шудааст. Чунин савол низ ба миён омадааст, ки чаро Премчанди ватанхоҳу озодихоҳ дар солҳои аз пеш дида бештар авҷ гирифтани ҳаракатҳои миллӣ – озодихоҳӣ ба масъалаҳое даст задааст, ки аз ҷунбишҳои мардумӣ дур, яъне дар муқоиса бо масъалаҳои озодихоҳӣ на чандон мубрам. Маълум аст, ки ҳар гуна масъалаҳои вобаста ба сиёсат ва агар замони Премчандро гирем, ба ҳаракатҳои миллӣ – озодихоҳӣ дар Ҳиндустон, ҳеҷ гоҳ наметавонад дар ҷудоӣ аз масъалаҳои иҷтимоӣ мавҷуд бошад. Барои Премчанд барин адибе, ки аз ҳамаи паҳлуҳои зиндагии инсони маъмулӣ огоҳ аст, ба масъалаҳои мухталиф муроҷиат кардан, табиӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, Премчанд дар солҳои сиюм баробари масъалаҳои сиёсӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ низ эътибор додааст, ки он ҷо рӯзгори оҳанги ғамангездоштаи табақаи миёнаи мардуми ҳинд тасвири худро ёфтааст. Адиб бегонапарастии Раманатҳ барин ҳамватанони худро зери танқид гирифта, ба ин васила ватандӯстиро таблиғ кардааст. Қимати хислати инсонро, дар мисоли рафтори дигар қаҳрамони асар - Ҷалпа на дар зару зевар доштан, балки дар дигар хислатҳо, яъне қаноатмандӣ ва хоксорона, бе худнамоӣ зистан, дидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Амритрай. Премчанд – сипоҳии қалам. (Premchand – qalam ka sipaahi). – Оллоҳобод, 2005. - 646 с.
2. Балин В.И. Роман Премчанда “Растрата” (Предусловие) / В.И. Балин. - М., 1961. - 304 с.
3. Балин В.И. Премчанд – новеллист / В.И. Балин. - М., 1973. - 163 с.
4. Вичаендра Снатак. Таърихи адабиёти ҳиндӣ / Снатак, Вичаендра. - Деҳлӣ, 1996. - 464 с.
5. Гаврюшина Н.Д. Премчанд и роман хинди XX века / Н.Д. Гаврюшина. - М., 2006. - 228 с.
6. Премчанд. Gaban. - Nayi Dilli, 1997. - 260 с. (ба забони ҳиндӣ).
7. Премчанд. Нашри комили романҳо. Ҷилди 1. - Ғозиобод, 1989. - 995 с.
8. Пракашчандр Гупта. Премчанд / Гупта, Пракашчандр. - Nayi Dilli, 1984. - 65 с. (ба забони ҳиндӣ).
9. Раҷабов Ҳ. Премчанд / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе, 2015. - 216 с.
10. Раҷабов Ҳ. Дах чеҳраи адабиёти ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе, 2014. - 250 с.
11. Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: ЭР – граф, 2017. - 496 с.
12. Челышев Е.П. Индийская литература вчера и сегодня / Е.П. Челышев. - М., 1989. - 384 с.
13. Чауҳан Шивадансинҳ. Очерк истории литературы / Шивадансинҳ, Чауҳан. - М., 1960. - 215 с.
14. Шама. Премчанд романнавис ва андешаҳои иҷтимоии вай // Маҷаллаи Nagaripracharini patrika. – 2005. - № 2. - 122 с.

ТАСВИРИ МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР РОМАНИ “КАМОМАД” - И ПРЕМЧАНД

Дар таърихи адабиёти ҳиндӣ дар асри XX Премчанд (1880–1936) ҳамчун маҳбубтарин адиб ва бузургтарин ҳикоянавис ва романнавис шуҳрат пайдо кардааст. Албатта, оид ба масъалаҳои мухталифи дар ҳикояҳо ва романҳои адиб акси худро ёфта, муҳаққиқони ҳиндустониву хориҷӣ, аз ҷумла Қамар Раис, Ҳансраҷ Раҳбар, Гопал Рай, Вишванатҳ Прасад Тиварӣ, Виктор Иосифович Балин, Евгений Петрович Челишев, Нина Дмитриевна Гаврюшина, Ҳабибулло Раҷабов, Ҷовид Холов ва дигарон борҳо назари андеша кардаанд. Вале миёни ин қадар шумораи зиёди корҳои тадқиқотӣ ягон мақолаи ҷудогонае, ки дар он масъалаҳои иҷтимоӣ дар романи “Камомад” (“Ғабан”) матраҳ шуда бошад, дида нашуд. Премчанд дар асарҳояш баробари тасвири ҳаракатҳои мардумии ҳамонвақта, яъне масъалаҳои мубрами сиёсӣ, боз бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ низ эътибор додааст. Қаҳрамонҳои марказии роман Раманатҳ ва ҳамсари ӯ Ҷалпа мебошанд ва ҳамаи масъалаҳои дар роман тасвиршуда, аслан дар атрофи кирдор, амал ва суханронӣ, яъне баҳси ҳамин ду қаҳрамон сурат мегирад. Раманатҳро орзуҳояш бештар аст нисбат ба он ки барои амалӣ шудани ин орзуҳо чунин талоше кунад, ки самарае дошта бошад. Раманатҳ наметавонад на дар таҳсил ва на дар ичрои ягон кори дигар худро фаъол нишон диҳад. Ҷалпа-ҳамсари Раманатҳ, ки дар ин муддати ками шавҳардорӣ, аллакай, бисёр чизҳоро фаҳмида ва хулоса бароварда буд, акнун аз худбинӣ дур рафта, аз ниятҳои худпарастӣ даст мекашад. Он орзуҳоро орзуҳои кӯдакона ва имрӯз амали бечо меҳисобад ва тамоми зеваротӣ ороишии худро ба дарё мепартояд. Ин гуна сурат гирифтани воқеа, аз ҷониби дигар, хусусияти

рамзӣ дорад. Яъне, модоме ки маҳз ҳамин зеварҳо овардани бадбахтиҳоро боис шуда бошанд, пас надоштани онҳо ва дар бораи онҳо умуман фикр накардан - беҳтарин роҳи баромадан аз вазъияте, ки боиси дарди вичдони ӯ шудааст, мебошад. Акнун вай сахт афсӯс мехӯрад, ки чаро фақат ба зару зевар чашм дӯхта, дигар ҳеҷ чизро дида натавонистааст ва дар амалҳои қиноятии шавҳараш то андозае худро айбдор меҳисобад. Олами орзуҳои Ҷалпа, махсусан, дар бобҳои охири роман, он оламе нест, ки фақат олами сарвату зару зевар бошад. Акнун вай ба олами ӯро иҳотакарда дигар хел нигоҳ мекунад. Гоҳе сахт ноумед мешавад, веле ин зуд мегузарад ва ӯ афсӯс мехӯрад, ки чунин сустиродагӣ кардааст. Ҳамин тариқ, Премчанд дар солҳои сиюм баробари тасвири масъаҳои сиёсӣ, боз ба масъалаҳои иҷтимоӣ низ эътибор додааст. Тақлидкории Раманатхро танқид намуда, баробари ин ватандӯстиро таблиғ намудааст. Дар мисоли зиндагии Ҷалпа нишон додааст, ки қимати табиати инсонӣ на дар кӯшиши бештар зару зевар доштан, балки дар қаноатмандӣ ва бенамоишкорӣ зистан аст. Ҳадафи мо дар мисоли қаҳрамонҳои марказии романи Премчанд “Камомад” чанд сухане оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ дар ҳамин роман гуфтан аст.

Калидвожаҳо: адабиёт, нависанда, Премчанд, асри ХХ, ҳиндӣ, камомад, роман, Раманатҳ, Ҷалпа, қаҳрамон, масоили иҷтимоӣ, зару зевар, оила.

ОТРАЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ В РОМАНЕ ПРЕМЧАНДА “РАСТРАТА”

В истории литературы хинди в XX веке Премчанд (1880-1936) известен как выдающийся новеллист и романист. Различные проблемы, освещенные в рассказах и романах Премчанда нашли свое отражение в научных трудах индийских и зарубежных исследователей, таких как: Камар Раис, Хансрадж Рахбар, Гопал Рай, Вишванатх Тивари, Виктор Иосифович Балин, Евгений Петрович Челышев, Нина Дмитриевна Говрюшина, Хабибулло Раджабов, Джовид Холов и другие. Однако среди столь многочисленных работ мы не находили отдельных статей о социальных проблемах романа “Растрата”. Премчанд в своих произведениях наряду с показом народных движений того времени, то есть актуальных политических проблем, ещё обращал внимание на социальные проблемы. Центральными героями романа “Растрата” являются Раманатх и его жена - Джалпа и все проблемы, освещённые в романе, рассматриваются в связи с поступками и спорами этих двух героев, каждый из которых старается, чтобы осуществились именно его мечты. Однако Раманатх не может показать себя с активной стороны ни на работе ни в на учёбе. Его жена - Джалпа в очень короткое время замужества, стала понимать больше и трезво рассуждает.Она постепенно отказывается от личных эгоистичных планов. Выполнение детской мечты теперь считает неуместным и все свои драгоценности, которые стали причинами многих семейных невзгод бросает в воду. Этот её поступок является символическим. Она понимает, что именно драгоценности стали причинами невзгод в семье, поэтому не думать о них - это самый лучший способ выйти из сложившегося положения. Теперь она сожалеет, что, думая о драгоценностях, обо всем забыла и в преступлении мужа, в частности, она также виновата. Мир мечты Джалпы, особенно в последних главах романа не тот мир, где все внимание приковано к богатству и драгоценностям. Она уже по - другому воспринимает окружающий мир. Иногда она падает духом, но это быстро проходит, и она сожалеет об этом. Таким образом, Премчанд в тридцатые годы, наряду с отражением политических проблем, много внимания уделяет социальным проблемам. Критикуя подражательный образ жизни Раманатха, он ратует за патриотизм. На примере жизни Джалпы показывает, что ценность человеческой натуры не в стремлении иметь больше драгоценностей, а в том, чтобы жить скромно, без показухи. Наша цель на примере постуков центральных героев романа ”Растрата” рассказать несколько слов о социальных проблемах, освященных Премчандом в данном романе.

Ключевые слова: литература, писатель, Премчанд, XX - ый век, хинди, растрата, роман, Раманатх, Джалпа, герой, социальные проблемы, драгоценность, семья.

REFLECTION OF SOCIAL PROBLEMS IN PREMCHAND'S NOVEL “EMBEZZLEMENT”

In the history of Hindi literature in the 20th century, Premchand (1880-1936) is known as an outstanding novelist and novelist. Different issues lit in the stories and novels of Premchand found their reflection in scientific works of Indian and foreign researchers such as: Qamar Rais, Hansraj Rahbar, Gopal Rai, Vishwanath Tiwari, Victor I. Balin, Evgeny Chelyshev, Nina D. Gavryushina , Khabibullo Rajabov, Jovid of Kholov and others. However, among so many works, we did not find separate articles about the social problems of the novel “Embezzlement”. Premchand in his works along with the display of popular movements of the time, ie actual political problems, still drew attention to social problems. The Central characters of the novel “Embezzlement” are Ramanath, post and his wife Jalpa and all the problems covered in the novel considerув in connection with the actions and disputes of these two characters, each of which tries to exist according to his dream. However, the Ramanath may not show their active side at work nei studies. His wife - Jalpa in a very short time of marriage, began to understand more and soberly condemns.She, gradually, abandons personal selfish plans. The fulfillment of childhood dreams now considers inappropriate, and all her jewels, which were the cause of many family adversity throws into the water. To her, this act is symbolic. She understands that dragomiresti caused hardship in the family, therefore not think about nor, this is the best way to get out of this provisions. Now she will regret that thinking about jewelry, forgot about everything and in the crime of her husband, in particular she is also guilty. The world of Jalpa's dream, especially in the last chapters of the novel, is not a world where all attention is focused on wealth and jewelry It already differently perceives the world around. Sometimes she falls spirit, but it flows fast and it regret about it. Thus, in the thirties, along with the reflection of political problems, Premchand pays much attention to social problems. Criticizing imitative lifestyle, Lanka, post, he called for patriotism. The example of life Jalpa shows that the value of human life is not a desire to have more jewelry and to live modestly, without ostentation. Our goal is to tell a few words about social problems, sanctified by Premchand in this novel, on the example of the Central characters of the novel ”Embezzlement”.

Key words: literature, writer, Premchand, XX century, Hindi, embezzlement, novel, Ramanath, Jalpa, hero, social problems, jewelry, family.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ёрова Сабоҳат Нуровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи филологияи Ҳинд. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 901-07-14-22**

Сведения об авторе: ***Ёрова Сабохат Нуровна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры индийской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 901-07-14-22**

Information about the author: Yorova Sabohat Nurovna - Tajik National University, assistant of the Department of Indian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.Phone: **(+992) 901-07-14-22**

УДК:891.550-1

ЗИНДАГИНОМАИ ҲОМИДИИ ИСФАҲОНӢ

Исматзода Некрӯз
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Гузориши масъала. Адабиёти оламшумули форсу тоҷик ба ҳар сарзамине, ки интишор шудааст, ба забону адабиёти он кишвар таъсири амиқе гузошта, дар шаклгирии фарҳангу адаб дар он марзу бум ҳам ба забони мардуми бумӣ ва ҳам ба забони форсии тоҷикӣ нақши муҳимме бозидааст. Аз ҷумлаи чунин сарзаминҳо Осиёи Сағир маҳсуб мешавад, ки забон ва адабиёти порсӣ дар тӯли чандин қарн дар он ҷо сарварию сарафрозӣ дошт ва ҳамин забони нобу ширин асрҳо забони расмӣ, забони мукотиба ва таълифу шеъри он диёр буд [5, с.94]. Густариши забон ва адабиёти порсӣ дар Осиёи Сағир, мувофиқи маълумоти Фотима Мударрисӣ, дар се давра сурат гирифтааст: 1) аз оғози ҳукумати Салҷуқиён то ҳуҷуми муғул; 2) аз замони ҳамлаи муғул то фатҳи Истанбул ва ташкили Империяи Усмонӣ; 3) давраи салтанати Усмониён [9, с.71].

Маҳз дар давраи салтанати шоҳони адабпарвари Оли Усмон, алалхусус Султон Муҳаммади Фотеҳ, шоирону нависандагон ва ҳунармандони форсигӯ ба он қаламрав ҳиҷрат карданд ва ин боис ба он гашт, ки забону адаби порсӣ дар он марзу бум ривоҷу равнақ ёбад. Яке аз чунин шоирони пуркору ҳунарманд ва хушкалом Мавлоно Ҳомидии Исфаҳонӣ мебошад, ки дар давраи дувуми подшоҳии Султон Муҳаммади Фотеҳ, яъне дар миёнаҳои асри XV, аз Исфаҳон ба Истанбул омада, дар дарбори подшоҳи мазкур зиндагӣ карда, осори арзишманде падид овардааст [2, с.458], ки ҷузъи муҳимму таркибии адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб меояд.

Пешинаи таҳқиқ. Оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҳомидии Исфаҳонӣ дар адабиётшиносии тоҷик ҳеҷ коре анҷом нашудааст, бинобар ин, дар миёни тоҷикон шоири ношинохта маҳсуб мешавад. Аммо ба сурати куллӣ оид ба осор ва аҳволи шоир баъзе донишмандони турк ва донишмандоне, ки оид ба адабиёти форсу тоҷик дар қаламрави таърихии Осиёи Сағир пажӯҳишот анҷом додаанд, ишораҳое кардаанд, ки ба сурати пароканда мавҷуд мебошанд.

Аз донишмандони турк Четин Каска зери унвони “Тасҳеҳи «Девон»-и Ҳомидии Исфаҳонӣ” рисолаи докторӣ (PhD) дифоъ кардааст [8]. Дар ин рисола аз рӯйи ахбори мастур дар манбаъҳо оид ба шарҳи ҳол ва осори Ҳомидӣ маълумоти мухтасар оварда шудааст, ки комил намебошад. Инчунин, аз хилоли китобҳои “Таърихи адабиёт дар Эрон”-и Забеҳуллоҳи Сафо, “Забон ва адаби форсӣ дар Осиёи Сағир”-и Муҳаммадамини Риёҳӣ, “Таърихи адабиёти турк”-и Атилла Узкиримлӣ, “Таърихи Усмонӣ”-и Исмоил Ҳаққӣ Узунчаршилӣ, “Донишномаи адаби форсӣ”, “Донишномаи ҷаҳони ислом”, “Асророфаринон”-и Муҳаммадризо Насирӣ ва мақолаҳои дигар пажӯҳишгарони бурунмарзӣ оид ба масъалаҳои мавриди назар суд ҷустан мумкин аст. Дар ҳолатҳои зарурӣ аз андешаҳои мастур дар китобҳои мазкур истифода хоҳем кард.

Бинобар он ки масъалаҳои норавшан ҳам дар зиндагинома ва ҳам дар муайян кардани фаъолиятҳои адабии Ҳомидии Исфаҳонӣ зиёданд, инчунин, ба манзури он ки Ҳомидӣ шоири дар миёни тоҷикон ношинохта мебошад, дар ин мақола танҳо дар бораи зиндагиномаи шоир таҳқиқ анҷом дода мешавад. Масъалаи фаъолиятҳои адабӣ ва мероси боқимонда аз Ҳомидии Исфаҳонӣ мавзӯи баҳси алоҳидаи мо хоҳад буд.

Таҳқиқ перомуни ҳаёти Ҳомидии Исфаҳонӣ. Муҳимтарин ва нисбатан ҷомеътарин фасли мавҷуд дар эҷодиёти шоир, ки дар он оид ба ҳасби ҳоли Ҳомидии Исфаҳонӣ сухан рафтааст, маснавие мебошад, ки дар аввали бахши “Маснавиёт”-и куллиёти шоир ҷой дода шудааст. Ин маснавӣ унвони аслӣ надорад, вале аз муҳтавои он ва ишораи шоир дар мавриде маълум мешавад, ки он дар ҳасби ҳол гуфта шудааст [8, с.328].

Аз рӯйи муҳтаво маснавии мазкурро “Ҳасбиҳолнома” ҳам номидан мумкин аст. Аммо дар ин маснавӣ зиндагиномаи шоир мураттаб баён нашудааст, балки сухан бештар оид ба ҷузъиёти зиндагии шоир аст, ки дар меҳвари муносибати миёни Ҳомидии Исфаҳонӣ бо Султон Муҳаммади Фотеҳ, дур шудани шоир аз дарбор, сабабҳои он ва дигар масъалаҳои алоқаманд ба шахсияти шоир ба ҳам меояд.

Оид ба сохту таркиб, сабаби назми ин маснавӣ, ки ҳамчун китоб муаррифӣ шудааст ва дигар масъалаҳои марбут ба он ҳангоми муаррифии мероси адабии шоир таваққуф хоҳад шуд, ки мавзӯи баҳси алоҳида мебошад. Мақсади мо дар ин ҷо то ҳадди имкон барқарор кардани зиндагиномаи шоир мебошад, бинобар ин, ҷараёни зиндагиномаи Ҳомидиро аз оғоз то анҷоми рӯзгораш ба назар гирифта, ҳар ҷо, ки зарур шуд, ахбори мавҷуд дар маснавии мазкурро ба доираи баҳсамон ворид мекунем.

Ҳомидии Исфаҳонӣ 10-уми зилҳиҷҷаи соли 834 ҳиҷрии қамарӣ, мувофиқ ба 19-уми августи соли 1431 мелодӣ дар шаҳри Исфаҳон таваллуд шудааст. Дар ин бора дар таркиби “Куллиёт”-и шоир қитъае сабт аст, ки модаи таърих ҳам дорад. Ин модаи таърих аз қавли падари шоир — Мӯнисӣ оварда шудааст [8, с.368].

Аз он ҷо маълум мешавад, ки исми аслии шоир Низомиддини Аҳмад будааст. Дар ҳеҷ ҷойи дигар дар хусуси ному насаби аслии Ҳомидӣ маълумот ба даст оварда натавонистем. Номи шоир дар тазкираҳои туркӣ ва донишномаҳои форсӣ ба таври Ҳомидии Исфаҳонӣ, Ҳомидии Аҷам, Ҳомидии Аҷамӣ, Ҳомидии Эронӣ, Мавлоно Ҳомидӣ, Ҳомидии Сӯфӣ ва Мулло Ҳомидӣ ёд шудааст [2, с.475]. Худи шоир дар ашъораш худро бештар ҳамчун Ҳомидии шоир муаррифӣ кардааст.

Ҳомидӣ дар бораи аслу насаби худ чизе намегӯяд, зоҳиран, дар ин хусус ҳарф заданро зарур надонистааст. Аммо чанд донишманди турк, ки оид ба Ҳомидӣ сухан кардаанд, асли вайро турк дониста, вайро ҳамчун шоири турк муаррифӣ кардаанд. Аз ҷумла, муаллифи муқаддимаи “Куллиёт”-и шоир Четин Каска дар ин хусус чунин овардааст: “Ӯ (Манзур Ҳомидии Исфаҳонӣ – И.Н.) асолатан аз аҳолии атроки тавобеи Исфаҳон мебошад, аммо дар Исфаҳон дида ба ҷаҳон гушудааст” [8, с.6].

Дар муқаддимаи чопи аксии “Куллиёти девони Ҳомидии Исфаҳонӣ” низ, ки онро Исмоил Ҳикмат Эртайлан ном профессори турк дар соли 1949 нашр кардааст, Ҳомидиро яке аз шоирони турктабори бурунмарзӣ унвон додааст. Ӯ дар ин маврид такя ба тазкираҳо ва манобее, ба монанди “Машоир-уш-шуаро”-и Ошиқ Чалабӣ, “Тазкира”-и Латифӣ ва “Девон”-и худи шоир иброз кардааст, ки муаллифи сарчашмаҳои мазкур ҳам худ асолатан турк ҳастанд [10, с.1].

Ҳомидӣ таълиму тадриси ибтидоиро бо саъю кӯшишу мусоидати падараш дар Исфаҳон ба итмом мерасонад. Аз қитъаи шеърии модаи таърихи таваллуди шоир маълум мешавад, ки падари шоир аз аҳли фазли замон буда, табъи шоирӣ ҳам доштааст. Ӯ чун ба шеъру калом таваҷҷуҳи хосса доштааст, дар муддати кӯтоҳ устоди сухан мешавад ва ба шоирӣ майл мекунад. Дар мавриди он ки чанд сол ва кадом илмҳоро аз бар кардааст, маълумоте мавҷуд нест. Чунонки гуфтааст:

Падар мехост то бошам муаддаб,
Маро биншонд якчанде ба мактаб.
Миёни моҳрӯёни суманбӯй
Шудам ногаҳ сухандону сухангӯй.
Дар он ҷо саъй кардам, то зи ҳар боб
Гирифтам ёд илму фазлу одоб...
Чу табъи ман суханро муштарӣ шуд,
Насиби банда фанни шоирӣ шуд [8, с.345].

Аз давоми суханони шоир баъд аз порчаи мазкур маълум мешавад, ки вақте Ҳомидӣ ҳамчун шоир шинохта мешавад, дар Исфаҳони он рӯзгор ба шеъру шоирӣ ба таври бояду шояд аҳаммият дода намешудааст. Бинобар ин вазъ, шоири ҷавон мамдӯҳи сухандону харидори муносиб пайдо карда наметавонад ва ба сафар мебарояд. Сабаби сайру саёҳат ва тарки ёру диёр кардани шоир пайдо кардани мамдӯҳи суханшиносу харидори мувофиқ будааст.

Сафари Ҳомидиро пас аз тарки зодгоҳаш ба ду марҳала тақсим кардан мумкин аст: 1. Сафар кардан дар ақтор, яъне сайругашт дар сарзаминҳои гуногун ва иқомати кӯтоҳ дар баъзе гӯшаҳо; 2. Азимати даргоҳи Хункор, яъне қасди сафар ба сарзамини подшоҳони Усмонӣ кардан ва тақарруб ҷустан ба дарбори Султон Муҳаммади Фотеҳ.

Зимнан, лафзи “хункор”, ки Ҳомидӣ онро зиёд истифода мекунад, мухаффафи “худовандгор” аст. Лақаби подшоҳони Усмонӣ дар давраи Сафавӣ “Хункор” (“Хундгор”) будааст [4, с.1402].

Ҳомидӣ дар марҳалаи аввал сафари дуру дарозе дошта, аз тариқи кӯҳу саҳро ва баҳр роҳ паймуда, ҷангу сулҳро дида, дар базму разм иштирок карда ва дар ҳар гӯшае, ки беш аз як сол мондааст, ба ҳокимон наздик ва вориди кори сиёсату иқтисод низ гардидааст. Манзараи умумии сафари шоирро дар марҳалаи аввал аз рӯйи гуфтаи худи Ҳомидӣ бознависӣ кардан

мумкин аст: сафар дар қаъри дарё ба мисли дур(р), рух ниҳодан чу Хур дар кӯҳу саҳро, шитобон гоҳе дар баҳру гоҳе дар биёбон рафтан, ҳар як сол ба ҷое рафтан, ки сафои умрро дар пай доштааст, гаҳе дар кӯҳ ба мисли палангон ва гаҳе дар баҳр ба мисли наҳангон будан, ки ин ҳама ба муддатҳои гуногун ва кӯтоҳ будааст.

Иқомати тӯлонӣ дар ин марҳала беш аз як сол будааст, ки дар он муддат зиндагии нисбатан ҷомеътаре насиби шоир гардида будааст:

Ба ҳар шаҳре, ки будам қурби соле,
Будам дар хидмати соҳибкамоле.
Ба ҳар мулке, ки кардам азми худ ҷазм,
Гаҳе дар базм будам, гоҳ дар разм.
Бигаштам муддате дар кӯҳу ҳомун,
Бидидам аксаре аз рубъи маскун [8, с.345-346].

Аз мисраи охирин бармеояд, ки шоир дар марҳалаи аввали сафари худ аксари рубъи маскунро дидааст. Вале ба ғайр аз расидан ба мулки Рум, ки ба марҳалаи дуюми сафари шоир тааллуқ мегирад, Ҳомидӣ аз дигар шаҳрҳои сафар кардаву дидааш дар “Ҳасбиҳолнома”-аш ҳарфе намегӯяд. Дар ин бора аз ишораҳои баъзе муҳаққиқон огоҳиҳое ба даст овардан мумкин аст.

Оид ба шаҳрҳои рафтаи Ҳомидии Исфаҳонӣ пас аз тарки Исфаҳон Каска Четин чунин мегӯяд: “Ҳомидӣ, ки натавониста буд дар Исфаҳон барои ҳунараш таҳсинкунандае биёбад, дар соли 862 ҳиҷрии қамарӣ ба шаҳри Шамохӣ, ки дар маркази Шервон буд, омад. Вақте Ҳомидӣ раийяти Шарвоншоҳ Мирзо мешавад, шоҳ ба шаҳр меояду мақдамашро мубораку гиромӣ медорад. Ӯ қариб ду сол дар дарбори Шарвоншоҳ хидмат менамояд ва Шарвоншоҳ Мирзоро мадҳ мекунад” [8, с.8].

Вуруди Ҳомидӣ ба шаҳри Шамохӣ дар соли 862 ҳ.қ. / 1458 бошад, пас шоир дар синни 27-28 солагӣ аз Исфаҳон баромадааст.

Шаҳри Шамохӣ, зоҳиран, Бокуи имрӯза будааст. Чунонки дар “Донишномаи ҷаҳони ислом”, дар боби “Ҳомидии Исфаҳонӣ” омадааст: “Ӯ (манзур Ҳомидӣ – И.Н.) пас аз итмоми таҳсил чун мамдӯҳи шоистае дар Исфаҳон пайдо накард, роҳи сафар дар пеш гирифт ва ба Боку рафт ва дар дарбори Шарвоншоҳ (ҳук. 874-945 ҳ.) роҳ ёфт, аммо чун шоирон, чунонки бояду шояд дар он ҷо қадр намедиданд, Бокуро тарк гуфт” [2, с.457].

Ҳомидӣ дар ҷое аз шаҳри Боку ба некӣ ёдрас мешавад, ки далели ҳузури вай дар ин шаҳр аст:

Ҳамеёбад дили ғамдида аз обу ҳавои ӯ,
Сафои зиндарӯдеву ҳавои боғкоронаш.
Чунон шуд меҳри ин обу ҳаво дар саҳни дил сокин,
Ки худ бо ёд мен-ояд даме шаҳри Сифоҳонаш [3, с.120].

Ҳомидӣ дар Шамохӣ ҳам ба муроди худ намерасад, аз он ҷо дар соли 864 ҳ.қ. / 1460 м. ба Анатолӣ сафар мекунад ва як сол дар он ҷо мемонад. Дар он ҷо ҳокими Қастамуния ва Синоб – Исмоилбекро мадҳ мекунад. Дар таркиби қасоиди шоир се қасида дар мадҳи ҳокими мазкур мавҷуд аст, ки таърихи суруда шудани яке аз он қасоид, таҳти унвони “Сифати шито ва васфи дорулфараҳи Қастамуния ва мадҳи хусрави аъзам Исмоилбек, барада-л-Лоҳ мазҷаъаҳу” соли 865 ҳ.қ. / 1461 м. аст.

Дар ҳамин соли 1461 қаламрави таҳти ҳукумати Исмоилбек аз ҷониби Султон Муҳаммади Фотеҳ фатҳ ва Исмоилбек ба табъид гирифтор мешавад. Аз ин таърих ба баъд ҳаёти Ҳомидӣ ба сарзамини подшоҳони Усмонӣ иртибот пайдо мекунад ва бо ҳамин марҳалаи дувуми сафари шоир шурӯъ мешавад.

Ҳамин тавр, баъд аз сӣ соли сафари тӯлонӣ Ҳомидии Исфаҳонӣ, тақрибан дар синни панҷоҳсолагӣ ба сарзамини Рум меафтад ва он маконро аз ҳар ҷиҳат ободу зебо дармеёбад [8, с.331].

Марҳалаи дуюми сафари Ҳомидӣ, чунонки дар боло зикр шуд, ба сарзамини подшоҳони Усмонӣ иртибот дорад. Аввалин шаҳри қаламрави Усмонӣ, ки шоир ба он ҷо қадам гузоштааст, Анатолӣ мебошад. Ҳомидии Исфаҳонӣ мамдӯҳи дар ҷустуҷӯяш бударо дар сарзамини Рум пайдо мекунад, ки вай Султон Муҳаммади Фотеҳ буд. Шоир ба воситаи садри аъзами кишвари Рум – Маҳуд-пошо ба ҳузури подшоҳи мазкур роҳ ёфта, пас аз мулоқоти нахустин бо ӯ подшоҳи мазкур шоирро аз ҷумлаи наздикону надимони худ қарор медиҳад.

Зиндагии Ҳомидӣ дар дарбори подшоҳони Усмонӣ асосан дар Истанбул, дар дарбори Султон Муҳаммади Фотеҳ пуршукӯҳ гузаштааст. Дар маснавии “Ҳасбиҳолнома” баъд аз бахше, ки дар мадҳи Султон Муҳаммад ибни Султон Муродхон махсус аст, бо номи “Тамомии сухан ва зикри ҳоли қоил” фасле оғоз мешавад, ки дар он оид ба ҳаёти Ҳомидӣ дар

дарбори подшоҳони Усмонӣ, махсусан Султон Муҳаммади Фотеҳ, маълумот дарҷ шудааст [8, с.331]. Муҳаббату иноятиш шоҳ нисбат ба Ҳомидӣ ба дараҷае будааст, ки, ба қавли шоир:

Ҳар он шеъре, ки мегуфтам ман аз худ,
Тараҳҳум менамуд, ар неку ар бад.
Ба ман пайваста он шоҳи малакфар
Ҳамебахшид бадра-бадраи зар [8, с.347].

Инъомҳои дигари ба шоир мерасида аз панҷ ғулом дар ҳар сол, муҳайё кардани асбоби ишрат, бахшидани асбобҳои бодрафтор, хилъатҳои заркор иборат буданд.

Дар натиҷаи чунин бахшандагии бисёр будааст, ки баъзе шоирон, аз ҷумла Ҳомидӣ, мағрур гардидаанд:

Чунон моро зи лутфаш сохт масрур,
Ки аз алтофи шаҳр гаштем мағрур.
Дили ман ҳар чӣ аз султон талаб кард,
Ба ман бахшиду чин дар рух наёвард.
Бад-ин сон доиман тимор кардӣ,
Ғами ҳоли мани дарвеш хӯрдӣ [8, с.347].

Иттифоқан, чунин пешомаде ба сари шоир меояд, ки вай дар як лаҳзаи муайяну ҳассос дарк мекунад, ки аз ёди шоҳ фаромӯш гардидааст. Воқеа чунин сурат мегирад, ки дар соли 881 ҳ. / 1476-1477 м. султон Куфа ва Даштро фатҳ мекунаду ба ин муносибат:

Малик бахшид хилъатҳои фохир
Ба доъию ба ҳар к-ӯ буд шоир.
Ҳамебахшид он шоҳи каримон
Ғуломон бо надимону ҳакимон [8, с.347].

Дар ин миён як-ду рӯз таваҷҷуҳи шоҳ ба шоир эҳсос намешавад, гӯё ӯро фаромӯш мекунад. Яке барои шоир “аз фарти хомӣ” аз шоҳ ғуломе талаб мекунад. Шоҳ ду ғуломи зирак мебахшад. Бо ин ҳам шоир қаноат накарда, аз султон ҷуфти гове ва замине талабгор мешавад, то ба ин васила як навъ гӯшанишиниро ихтиёр кунад. Ин гӯшанишинӣ ба маънии дурӣ ҷустан аз дарбор маънидод мешавад. Бо ин ҳама султон талаби ӯро қонеъ мекунад, аммо ин навбат зиёдаталабӣ сабаби аз дарбор дур кардани шоир мешавад:

Дили султон, ки чун баҳрест Уммон,
Нашуд аз ман бад-он маънӣ парешон.
Валекин он сухан дилкаш наёмад,
Шаҳаншоҳи ҷаҳонро хуш наёмад.
Раҳиро хост, то маҷҳур созад
В-аз он даргоҳ (?) дур созад [8, с.348].

Ҳамин тавр, Ҳомидӣ қаноатро аз даст дода, ба куфрони неъмат ва зиёдаталабӣ гирифтор мешавад. Султон Ҳомидиро аз тариқи шайх кардан дар мазори Саййиди Ғозӣ Хункор, ки зоҳиран Муроди аввал мебошад, аз дарбор дур мекунад. Ин мазор дар шаҳри Бурса воқеъ будааст.

Дар вақти иқомат дар Бурса шоир аз пушаймонӣ сухан мекунад ва ба унвони подшоҳ қасидае дар маънии шафоатнома ҳам менависад. Чунонки мегӯяд:

Ба тавба майл кардам бо дили реш,
Пушаймон гаштам аз густохии хеш.
Дар он оби инобат ғусл кардам,
Ки истиғфори бад дармон кардам.
Дар он ҳол аз дилу ҷони раҳида
Шафоатнома гуфтам ин қасида [8, с.349].

Ҳомидӣ ҳамеша дар орзуи мулоқот бо шоҳ будааст. Иттифоқан, дар як рӯзи зимистонӣ имкони зиёрати подшоҳро пайдо мекунад, вале подшоҳ боз дубора амр мекунад, ки ба иҷрои масъулияташ бозгардад. Ҳамин тавр, шоир маҷбуран ба фармон итоат мекунад.

Ниҳоят, боз дубора бахт ба рӯйи Ҳомидӣ механдад, вай пас аз сипарӣ шудани як соли зиндагии фақирона мавриди афви подшоҳ қарор гирифта, ба симати мутаваллии оромгоҳи амир Дамиртош, ки яке аз нахустин вазирони давлати Усмонӣ буд, мансуб мешавад [8, с.356]. Оромгоҳи амир Дамиртош ҳам дар шаҳри Бурса қарор доштааст. Чанд сол дар ин симат қарор доштани Ҳомидӣ маълум нест.

Дар бораи замону макон ва чигунагии марги Мавлоно Ҳомидӣ ахбори дақиқ дар даст надорем. Вале Ҳикмат Эртайлан дар муқаддимаи Куллиёти “Девон”-и Мавлоно Ҳомидӣ чунин ҳадс мезанад: “Дар «Ҳасбиҳолнома» мегӯяд, ки баъд аз сӣ соли сафар ба Туркия омадааст ва дар оғози сафар як ҷавони бистсола буд. Бо назардошти он, ки ӯ дар бистсолагӣ

сафарро шурӯъ кард, ҳангоми ба Рум омаданаш тақрибан панҷоҳсола буд. Дар канори подшоҳ бист сол сипарӣ карда бошад, пас тахминан ҳафтод сол зиндагӣ кардааст” [10, с.6-7].

Ин ҳадс дар бораи тӯли умри Мавлоно Ҳомидӣ бар асоси ашъори ӯст, ки, воқеан, дуруст менамояд, зеро дар ду нусхаи “Девон”-и Ҳомидӣ шеърҳое мавҷуданд, ки бо таърихҳои 893 ва 894 қайд шудаанд. Вале аз ҷараёни зиндагии Ҳомидӣ маълум мешавад, ки вай баъд аз ронда шудан дар дарбор ҳам чанде зиндагӣ кардааст. Пас маълум мешавад, ки шоир беш аз ҳафтод сол дар қайди ҳаёт будааст.

Масъалаи дигар дар зинагиномаи шоир касби камол ва ҳувияти шахсию адабии Ҳомидии Исфаҳонӣ мебошад. Дар ин хусус дар миёни сурудаҳои шоир ишораҳое зиёде мавҷуданд. Махсусан, андешаҳое, ки шоир дар қолаби фахрия сурудааст, фарогири мазмунҳои мазкур буда, қобили баррасии ҷудогона ҳастанд.

Дар бораи шахсияти Ҳомидӣ аз ҷониби муҳаққиқони муосир ҳам андешаҳои қобили тавақҷуҳ баён шудаанд. Дар “Осорофаринон” дар ин бора ба таври зерин ахборе мавҷуд аст: “Аз мутасаввифини пиру тариқати Мавлоно буд, ки пас аз ҷаҳонгардии бисёр ба хоки Усмонӣ ва ба даргоҳи Султон Муҳаммади Фотеҳ роҳ ёфт ва симати шайхии мазори Мавлоно Ҷалолиддин дар Қунияро уҳдадор шуд” [1, с.243].

Ба ҷуз китоби мазкур дар ҳеҷ як манбаъ доир ба сӯфӣ ва уҳдадории ӯ дар мазори Ҷалолиддини Румӣ ишорае надидем.

Муҳаммадамини Риёҳӣ Мавлоно Ҳомидиро ҳамчун шоири маддоҳ ва надими подшоҳи Усмонӣ муаррифӣ кардааст: “Ҳомидӣ аз шоиронест, ки ба муддати бист сол маддоҳу надими Султон Муҳаммад Фотеҳ буд. Ӯ ба тавре ки дар зиндагиномаи манзуми худ мегӯяд, дар Исфаҳон ба дунё омада, дар ҷавонӣ шаҳри худро тарк карда, пас аз сӣ сол гаштугузор дар шаҳрҳои мухталиф, дар соли 865 ҳ.қ. дар Бурса ба ҳузури Маҳмуди дувум расидааст” [6, с.159].

Забеҳуллоҳи Сафо зимни шарҳи аҳволи Қабулӣ Ҳомидии Исфаҳониро ба сифати шоири маъруфи пуркор ва хушнависи муосири Қабулӣ муаррифӣ кардааст: “Шоирии вай (манзур Қабулӣ – И.Н.) мусодиф буд бо даврони шуҳрати Ҳомидии Исфаҳонӣ, ки худ аз шоирони маъруфу пуркор ва аз ҷумлаи хушнависони он замон аст” [7, с.342].

Аз гуфтаҳои мазбур бармеояд, ки Ҳомидии Исфаҳонӣ ҳамчун шоири машҳуру соҳиби ҳувият дар рӯзгори худ шахсияти шинохта мебошад.

Натиҷагирӣ. Ҳомидии Исфаҳонӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз ҷумлаи чеҳраҳои адабии маъруф буда, ҳувияти шоирияш дар қиёс ба шоирони форсигӯи Осиёи Сағир, махсусан, манзараи умумии густариши шеъру шоирӣ дар дарбори подшоҳони Усмонӣ мушаххас мегардад. Вай дар таърихи адабиёт ҳамчун шоир ва хушнавис шинохта мешавад, ки дар ҳар ду замина фаъолияти назаррас анҷом додааст. Ҳаёти Ҳомидӣ асосан дар дарбори Султон Муҳаммади Фотеҳ сипарӣ шудааст. Баъд аз ронда шудан аз дарбор Ҳомидӣ асосан дар шаҳри Бурса зиндагӣ карда ва дар ҳамон ҷо фавтидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. اثرآفرینان: زندگی نامه نام آوران فرهنگی ایران (از آغاز تا 1300 شمسی) : زیر نظر محمد رضا نصیری ؛ تهیه و تدوین حسین محدث زاده، حبیب الله عباسی ؛ بازبینی و ویرایش مرتضا احمدیان. – جلد دوم. –تهران: مؤسسهٔ چاپ و انتشارات دانشگاه تهران، 1384. – 353 صح.
2. حامدی اصفهانی // دانش نامهٔ جهان اسلام : زیر نظر غلام علی حداد عادل. – نهران: بنیاد دایرت المعارف اسلامی، 1375. – ص. 243.
3. حامدی، مولانا. کلیات دیوان مولانا حامدی / مولانا حامدی : به کوشش اسماعیل حکمت ارتاولا. – استنبول، 1349. – چاپ عکسی. – 530+91 صح.
4. دهخدا، علی اکبر. لغت نامه / علی اکبر دهخدا. – جلد 21. – تهران: دانشگاه تهران، 1347. – 1013 صح
5. رنجبری، احسان. حامدی اصفهانی، از شاعران پیشگام مکتب وقوع در سدهٔ نهم / احسان رنجبری، علی محمد محمودی // پژوهش زبان و ادبیات فارسی. – شمارهٔ 45. – تهران، 1396. – ص. 91-115.
6. ریاحی، محمد امین. زبان و ادب فارسی در قلمرو عثمانی / محمد امین ریاحی. – تهران: چاپ مروی، 1369. – 309 صح.
7. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران / ذبیح الله صفا ؛ جلد چهارم. – نهران: رامن، 1371. – 607 صح.
8. کاسکا، چنگیز. تصحیح دیوان حامدی اصفحانی / پایان نامهٔ دکتری / چنگیز کاسکا. – تهران: دانشگاه تهران، دی ماه 1394. – 584 صح.
9. مدرسی، فاطمه. زبان و ادب پارسی در آسیای صغیر / فاطمه مدرسی // نامهٔ فرهنگستان. – تهران، 1384. – ص. 70-83.
10. Külliyat-ı Divan-ı Mevlana Hamidi.Prof. İ. H. Ertaylan. İstanbul 1949 – Milli Eğitim Basımevi.
11. Encyclopedia Iranica [Сарчашмаи электронӣ] / Тариқи дастрасӣ: http://www.iranicaonline.org/ (санаи мурочиат: 15.04.2019).

ЗИНДАГИНОМАИ ҲОМИДИИ ИСФАҲОНӢ

Яке аз сарзаминҳои таърихие, ки забон ва адабиёти тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар он ҷо дар марҳалаи муайяни таърихӣ нашъунамо карда, адибони зиёдеро ба камол расонидааст, қаламрави подшоҳони Усмонӣ маҳсуб мешавад. Маҳз дар даврааи салтанати шоҳони адабпарвари Оли Усмон, алалхусус Султон Муҳаммади Фотеҳ, шоирону нависандагон ва ҳунармандони форсигӯ ба он қаламрав ҳиҷрат карданд ва ин боис ба он гашт, ки забону адаби порсӣ дар он марзу бум ривоҷу равнақ ёбад. Яке аз чунин шоирони пуркору ҳунарманд ва хушкалом Мавлоно Ҳомидии Исфаҳонӣ мебошад, ки дар даврааи дувуми подшоҳии Султон Муҳаммади Фотеҳ, яъне дар миёнаҳои асри XV, аз Исфаҳон ба Истанбул омада, дар дарбори подшоҳи мазкур зиндагӣ карда, осори

арзишманде падид овардааст, ки ҷузъи муҳимму таркибии адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб меояд. Дар ин мақола перомуни зиндагиномаи ҳамин шоир, ки дар таърихи адабиёти тоҷик шахсияти адабии ношинохта мебошад, баррасию таҳқиқ анҷом шудааст. Сарчашмаҳо ва манобеи оид ба ҳаёти Ҳомидии Исфаҳонӣ ахбору маълумот дарҷ кардаро ба ду даста ҷудо кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал асарҳои худи адиб ва ба дастаи дувум мақолаҳои ҷудогона дар доиратулмаорифҳо ва асарҳои илмӣ-таҳқиқотие дохил мешаванд, ки дар онҳо ишораҳое доир ба ҳаёти адиб дарҷ шудаанд. Муҳимтарин сарчашмаи муътамад аз гурӯҳи аввал осори худи шоир аст. Мо дар миёни ашъори мундариҷ дар “Куллиёт”-и худи шоир ба фаслҳое дучор мешавем, ки дар онҳо Ҳомидӣ дар бораи худ маълумот додааст. Инчунин, ба таври ҷудогона дар таркиби “Куллиёт”-и Ҳомидии Исфаҳонӣ маснавие мавҷуд аст, ки дар боби аҳволи шоир ишораҳои қобили таваҷҷуҳ дар он дарҷ шудаанд. Ин маснавиро, ки шартан “Ҳасбиҳолнома”-и Ҳомидии Исфаҳонӣ номидан мумкин аст ва шоир бо тавсияи яке аз наздиконаш сурудааст. Бинобар он ки масъалаҳои норавшан ҳам дар зиндагинома ва ҳам дар муайян кардани фаъолиятҳои адабии Ҳомидии Исфаҳонӣ зиёданд, инчунин, ба манзури он ки Ҳомидӣ шоири дар миёни тоҷикон ношинохта мебошад, дар ин мақола танҳо дар бораи зиндагиномаи шоир таҳқиқ анҷом дода шуд. Масъалаи фаъолиятҳои адабӣ ва мероси боқимонда аз Ҳомидии Исфаҳонӣ мавзӯи баҳси алоҳидаи мо хоҳад буд.

Калидвожаҳо: адабиёти тоҷик (форсӣ, дарӣ), сарзамини подшоҳони Усмонӣ, Султон Муҳаммади Фотеҳ, Ҳомидии Исфаҳонӣ, “Куллиёт”-и Ҳомидии Исфаҳонӣ, “Ҳасбиҳолнома”, зиндагинома.

ЖИЗНЕОПИСАНИЕ ХАМИДА ИСФАХОНИ

Одним из исторических мест, где на определенном историческом этапе расцвели таджикский язык и литература (фарси, дари), породивших многочисленных литераторов, считается территория Османской империи. Именно в период правления покровителей литературы – султанов Османской империи, в частности Султана Мухаммад Фотеха (Мехмед II), персоязычные поэты, писатели и деятели искусства переселились на эту территорию, что стало причиной расцвета персидского языка и литературы на данной территории. Одним из таких деятельных, искусных и красноречивых поэтов является Мавлоно Хамиди Исфахони, который во второй период правления Султана Мухаммад Фотеха, т.е. в середине XV века, прибыв из Исфахана в Стамбул, проживал в дворце султана и создал ценные произведения, которые считаются важной составляющей классической персидско-таджикской литературы. В данной статье рассматривается и исследуется биография данного поэта, который является неизвестной литературной личностью в истории таджикской литературы. Источники, содержащий информацию и сведения о жизни Хамиди Исфахони, можно разделить на две группы. В первую группу входят произведения самого литератора, во вторую – отдельные статьи в энциклопедиях и научно-исследовательских произведениях, в которых содержатся ссылки на биографию литератора. Основным достоверным источником из первой группы являются сочинения самого поэта. Среди стихов, включенных в полное собрание сочинений (“Куллиёт”) самого поэта, мы находим разделы, в которых Хамиди приводит информацию о самом себе. Также, в составе полного собрания сочинений Хамиди Исфахони имеются разрозненные месневи, которые содержат достойные внимания ссылки относительно жизни поэта. Данные месневи, которые можно условно назвать “Биография” (“Хасбихолнома”) Хамида Исфахони, поэт сочинил по рекомендации одного из своих близких. В связи с тем, что имеется много неясностей как в биографии, так и в литературной деятельности Хамида Исфахони, а также в виду того, что Хамиди остается неизвестным поэтом для таджиков, в данной статье исследуется только биография поэта. Вопросы литературной деятельности Хамида Исфахони и оставшегося после него наследия будет предметом отдельного нашего обсуждения.

Ключевые слова: таджикская литература (персидская, дари), территория Османской империи, Султан Мухаммади Фотех, Хамид Исфахони, полное собрание сочинений Хамида Исфахони, Биография, Стамбул, жизнеописание.

BIOGRAPHY OF HAMIDI ISFAHANI

One of the historical places at a certain point in history flourished Tajik language and literature (Farsi, Dari), gave rise to numerous writers, considered the territory of the Ottoman Empire. It was during the reign of the patrons of literature – the sultans of the Ottoman Empire, in particular Sultan Mehmed II (Mehmed the Conqueror), Persian-speaking poets, writers and artists moved to this territory, which caused the heyday of the Persian language and literature in this territory.One of such active, skillful and eloquent poets is Mavlono Hamidi Isfahani, who in the second period of the reign of Sultan Mehmed II, i.e. In the middle of the 15th century, arriving from Isfahan in Istanbul, he lived in the Sultan's palace and created valuable works that are considered to be an important component of the classical Tajik- Persianliterature. This article examines and explores the biography of this poet, who is an unknown literary figure in the history of Tajik literature. Sources containing information about the life of Hamidi Isfahani, can be divided into two groups. The first group includes works of the writer himself, the second – separate articles in encyclopedias and research works, which contain references to the writer's biography. The main reliable source from the first group are the writings of the poet himself. Among the verses included in the complete works of the poet himself, we find sections in which Hamidi provides information about himself. Also, as part of the complete works of Hamidi Isfahani, there are scattered mesnevi, which contain noteworthy references regarding the poet’s life. These mesnevi, which can be called the “Biography” of Hamidi Isfahani, the poet composed on the recommendation of one of his loved ones. Due to the fact that there are many ambiguities both in the biography and in the literary activity of Hamidi Isfahani, and also in view of the fact that Hamidi remains an unknown poet for the Tajiks, this article examines only the biography of the poet. The questions of the literary activity of Hamidi Isfahani and the legacy left after him will be the subject of our other discussion.

Key words: Tajik literature (Persian, Dari), the territory of the Ottoman Empire, Sultan Mehmed II (Mehmed the Conqueror), the complete works of Hamidi Isfahani, Biography, mesnevi, Istanbul.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматзода Некрӯз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **nekaruz@gmail.com.** Тел.: **(+992) 918-71-12-34**

Сведения об авторе: ***Исматзода Некруз*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **nekaruz@gmail.com.** Тел.: **(+992) 918-71-12-34**

Information about the author: ***Ismatzoda Nekruz*** – Tajik National University, postgraduate student of the department of the history of Tajik literature. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **nekaruz@gmail.com.** Tel.: **(+992) 918-71-12-34**

УДК: 891.550.09-31+891.550.092

ТАСВИРИ СУННАТҲОИ ХОНАВОДАГИИ ТОҶИКОН ДАР РОМАНИ “НАВОБОД”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Қосимӣ Насима Исмон
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ

Устод Сотим Улуғзода дар шумори нависандагони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик қарор доранд, ки дар баробари таҳаввули анвоъи мухталифи наср ба ривоҷи роман, хосса романҳои таърихӣ ва ёддоштӣ нақши муҳим ва муассир гузоштаанд. Аввалин романи ин нависандаи барҷастаи тоҷик “Навобод” мебошад, ки соли 1953 ба қалам омадааст. Дар он тасвири масъалаҳои муттаҳидкунии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ободонии деҳоти Тоҷикистон дар даврони пас аз ҷангии шӯравӣ мақоми асосӣ касб намудаанд. Дақиқ намудани сабабу заминаҳои таърихи навишта шудани романи “Навобод” низ барои фаҳмидани кӯшишҳое, ки нависандагон дар роҳи халос шудан аз таъсири назарияи бенизоъӣ дар замони Шӯравӣ бар пояи сиёсати ҷории давр анҷом додаанд, қобили таваҷҷуҳ аст. Қисми якуми ин роман бо номи “Диёри навобод” дар соли 1949 (яъне андак дертар аз “Шодӣ”) чоп шуда буд. Чунонки худи Сотим Улуғзода дар як мақолааш нақл кардааст, соли 1950 пеш аз навиштани қисми дувуми роман ҳис мекунад, ки дар қисми якуми роман костагие ҳаст. Вай таъкид мекунад, ки “дар китоб ҳама чиз бисёр дуруст аст, қаҳрамонҳо он кореро, ки муаллиф пешакӣ барои ҳар кадомашон муайян карда буд, аз рӯйи вичдон ичро карда истодаанд. Вале дар ҳамаи инҳо як костагие ва ё сохтакорие ҳис мешавад, гуфтору кирдори раиси колхози “Навобод” Юнусбой, парторги ҷавон Нуралӣ, Ҳошим-корвони паҳлавон ва баъзе персонажҳои дигар ғайритабиӣ ва номуътамад ба назар мерасанд. Хусусан, Нуралӣ, ки қаҳрамони асосии ман аст, як қаҳрамони намунакори намоишбоб шудааст, ки дорои ҳамаи хубиҳост” [9, с.116].

Нависанда пас аз чанд сол, дар вақти навиштани ин мақола (1962) ба чунин ақида мерасад, ки сабаби рӯй додани ин ҳол ҳамоно схемавӣ будани асар, аз рӯйи нақшаи пешакӣ навишта шудани он ба шумор меравад. Вай бовар ҳосил намудааст, ки “ин гуна план хеле хуб бошад ҳам, ба ҳар ҳол схема аст ва ҳол он ки ҳаёт ба схемае намеғунҷад, ҳаёт мисли дарёи азимест, ки роҳи худро худ мекушояд ва намуду шакли он роҳро худ муайян мекунад” [9, с.117].

Нависанда пас аз дарки ин қазия маҷбур мешавад, ки пас аз тағйироти ақидавӣ дар вуҷуди вай романашро тамоман аз сари нав бинависад. Ҳамин тавр, таҳрири дувуми асар соли 1950 чоп шуд. Дар вақти таълифи дувумбора ӯ феълу атвори прототипҳоро аз нав дарк карда, кӯшиш намудааст, ки “аз пайи ҳаракати характер, аз пайи инкишофи он” равад, зеро “аз мураккаб шудани вазъият ва шиддат ёфтани он набояд тарсид, баръакс ба пешвози он бояд рафт”. Вай қарор додааст, ки “қаҳрамонашро фақат ба амалиёт дохил кунад, аммо баъд худи онҳо бояд ба таври худ раванд, мувофиқи хислатҳо, табиату мизоҷ, эҳтиросоти худ амал кунанд” [9, с.116-117].

Таҳрири дувуми роман, ки низ ба номи “Диёри навобод” ба табъ расида буд, дар матбуоти ҷумҳурӣ баҳои мусбат гирифт. Дар айни замон баъзе камбудиҳои он, масалан дар маърӯзаи Мирзо Турсунзода дар пленуми Иттифоқи нависандагон [6, с.19-22] низ нишон дода шуд. Ин мулоҳизаҳои мунаққидон ва адибон боис гардид, ки муаллиф дар болои роман корашро идома диҳад. Дар ин миён назарияи беконфликтӣ фош ва интиқод гардид ва ин барои аз нав такмилу таҳрири роман ба Сотим Улуғзода ёрӣ расонид. Ниҳоят, дар соли 1953 таҳрири савуми ин асар таҳти унвони “Навобод” аз чоп баромад.

Албатта, яке аз сабабҳои ин қадар гаштаву баргашта таҳрир шудани роман он будааст, ки Сотим Улуғзода дар романнависӣ ҳанӯз таҷриба надошт. Дар айни замон кӯшиши ӯ дар шикастани қолабҳое, ки дар тасвири ҳаёти колхозӣ расм шудааст, ҷидду ҷаҳди ӯ барои берун ҷастан аз банду қайди тасвирҳои сунъӣ, суботкорияш дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли мавзӯъ

як сабаби кашол ёфтани таълифи ин асар ба шумор мерафт. Ҳарчанд дар вақти анҷом ёфтани таҳрири савум нависанда аз назарияи беконфликтӣ ба куллӣ халос нашуда буд, вале гуфтан мумкин аст, ки "Навобод" аз ҳайси мавзӯъ ва таҷрибаи муаллифат дар насри тоҷик ҳодисаи навест, ки дар ҳалли мавзӯи зиндагии деҳот дастурҳои эҷодии тозае ба миён овард.

Дар маркази диққати нависанда образи роҳбарони сохтмони колхозӣ, образи онҳое, ки ҳаёти коллективи калонеро идора мекунанд, қарор гирифтааст. Муносибати ин инсонҳо ба чунин вазифаи масъулиятнок, назари онҳо ба кори ҷамъиятӣ меъёри асосӣ дар муайян кардани чигунагии симои онҳост. Сотим Улуғзода тасвири ҷамъиятии мақоми инсонро дар мавзӯи ҳозиразамон дар насри тоҷикии пас аз ҷанг боло бурд. Вай инсон ва хусусан роҳбаронро аз унсурҳои тантанаву дабдабаи бечо, ки чашмро хира карда, ҳақиқатро аз назар мепӯшад, озод кард ва ҳаёти муқаррарии ҳаррӯзаро санги маҳак қарор дод. Зиндагии Нуралӣ, Юнусбой ва Ҳоҷӣ Умар зиндагии муқаррариест, ки талхию ширинӣ ва азобу роҳат дорад. Нависанда кӯшиш намудааст, ки комёбии қаҳрамонро ба он тарзе ки дар ҳаёт воқеъ мешавад, бе пардоз ва ороиши барзиёд, ба қалам гирад. Дар тасвири нокомӣ ва дилтангию озурдахотирии персонажҳо низ нависанда ба ҳамин дастур амал кардааст, ки, албатта, ин аз муносибати ҷиддӣ ва ҳақиқатнигории нависанд шаҳодат медиҳад.

Бисёр нависандагони мо дар он солҳо ҳаёти колхозро бештар аз чунин нуқтаи назар, ки ин ҳаёт, масъала ва конфликтҳои он бояд чӣ гуна бошад, нишон додан мехостанд. Аммо Сотим Улуғзода кӯшиш кард нишон диҳад, ки зиндагӣ дар ҳақиқат чӣ мушкил ва низоъҳо дорад, талош бар он дошт, ки дар ҳалли мавзӯи колхози онрӯза образҳои реалӣ, конфликт ва муборизаҳои ҳақиқиро ба адабиёт дохил кунад. То чӣ андоза ҳаётан муҳим будани он масъалаҳое, ки нависанда гузаштаву ба тасвир гирифтааст, аз ҳамин ҳам маълум мешавад, ки масъалаи як кардани колхозҳо ва ба вуҷуд овардани хоҷагиҳои калони пурқуввату гуногунсоҳа тадриҷан ба як ҷузъи муҳимми сохтмони колхозӣ табдил ёфт ва пеш аз он ки бо қарори ҳизб ва ҳукумат ранги расмӣ гирад, онро Сотим Улуғзода дар романаш ба миён гузошта буд.

Масъалаи як кардани колхозҳо дар роман ба таври табиӣ аз рафти ҳаёт ба миён омадааст. Дар ин хусус ҳанӯз аз боло фармоне содир нашудааст, ки иҷрои он ба ҳар роҳбар ҳатмӣ бошад. Нависанда барои ошкор кардани фаъолияти шуури ҷамъиятии персонажҳо ташаббускориро аз поён санги маҳак қарор додааст.

Бояд қайд намуд, ки дар канори ин ҷӯяндагиҳои иҷтимоӣ дар роман, Сотим Улуғзода, ба муҳити хонаводагӣ ва тадриҷан тағйир ёфтани он дар таъсири бештар корӣ гардидани иттиҳоди одамон, зиндагии дастаҷамъона ва байнимиллӣ диққати махсус додааст. Метавон гуфт, ки ҷанбаи инсонии романро мавзӯи мазкур бештар тақвият бахшидааст. Мавзӯи мазкур тавассути муҳаббати Нураливу Шодигул ва мушкилоте дар ин ҷараён ба миён омадааст, хубтар ифода мешавад.

Аз ин ҷиҳат, дар меҳвари романи "Навобод" симои Шодигул ҳамчун образи барҷастае қарор гирифтааст, ки дар он маҷмӯи ормонҳои нависанда ба хотири таҷассуми фарҳанг ва суннатҳои хонаводагии мардуми тоҷик ҷой дода шудаанд.

Нависанда образи Шодигулро дар романа на якбора, балки тадриҷан ба тасвир гирифтааст. Ӯ вобаста ба иштироки дигар қаҳрамонони асосӣ, бахусус Нуралӣ ба муаррифии Шодигул мепардозад. Барои ҳамин аввал симои Нуралиро дар он маҷлисе, ки он ҷо Шодигул низ қарор дорад, тасвир мекунад:

"Дар зали дароз ва камбари истгоҳ даҳ-дувоздаҳ нафар мардон ва занон ба автомашинаҳои районгард интизорӣ мекашиданд. Баъзеҳо рост истода, баъзеҳо дар нимкатҳои чӯбин нишаста буданд. Дар байни нишастагон як пирамарди деҳқоннамо ҳам буд, ки ба тани камгӯшташ ду қабат ҷомаи пахтадори сиёҳранг пӯшида буд, риши хурдакаки сафед дошт, ранги рӯяш солим ва худаш бардам менамуд; дар пеши ӯ як духтари ба назар ҳаждаҳ-нуздаҳсола рост меистод, ки қади мавзуни аз миёна болотар, рӯйи сафед, чашмони гирди сип-сиёҳ ва хеле зирак, абрӯвони борики дароз дошт ва палтои сиёҳ пӯшида, ба сараш аз болои тоқии гулдӯзӣ рӯймоли шоҳии зард баста буд" [7, с.11].

Маълум мешавад симои ин духтар, ки пас аз тасвири симои Нуралӣ омадааст, Шодигул аст. Аз тасвири нависанда, ки он аз тоҷикии гулдузӣ, рӯймои шоҳии зарди вай ёдовар мешавад, равшан мегардад, ки аз ҳамин нахустин шиносоии қаҳрамон ба хонанда дар симои вай беҳтарин суннатҳои фарҳанги хонаводагии тоҷиконро нишон додан мехоҳад. Баъдан ба тасвири амалиёт ва мушаххасоти рӯҳии ӯ мепардозад.

"Онҳо аз ин тарафу он тараф гапзанон карда нишастаанд. Нуралӣ ба Шодигул дуздида нигоҳ мекард, духтар инро ҳис карда, андак бесарамҷон шуда гоҳ рӯймоли сарашро пештар

мекашид, ба замин нигоҳ мекард ва дар ҷойи нишастагиаш (дар нимкат як ҷой холӣ шуда, Шодигул ба он нишаста буд) номаълум-номаълум ҷунбида мемонд [7, с.11].

Дар роман симои зоҳирии Шодигул хеле табиӣ баромадааст. Тавассути ташбеҳоту тавсифҳо, беихтиёр дар назар духтараки деҳотии зираки бо шарму ҳаё, ки хосси занҳои кӯҳистонӣ ва зебову дилкаш аст, манзур мешавад. Дар баробари ин, ҳамзамон суннатҳои ахлоқии занони тоҷикро тавассути амалу рафтори Шодигул мехоҳад ба намоиш гузорад.

Дар идома муаллиф оҳиста-оҳиста симои ботинии Шодигулро барои хонанда мекушояд, ки дар ин ҷараён ҳадафи асосии нависанда - тасвири ботинии қаҳрамон аз нигоҳи фарогирии суннатҳои ахлоқӣ, фарҳанг ва одоби хонаводагии тоҷикон амалӣ мешавад. Яке аз хислатҳои хосси Шодигул боҷасорат будани вай мебошад. Нависанда ӯро зани чи дар ҳусну ҷамоли зоҳирӣ ва чи дар рафтору кирдори ботинӣ зебо тасвир намудааст. Агар нек назар андозем аз як асар то як асари дигар қобилияти эҷоди бадеии нависанда дар офаридани образи персонажҳо, алалхусус дар нишон додани симои воқеӣ, яъне реалии зан, хеле боло рафтааст. Қобилияти баланду камназири Сотим Улуғзодаро мо метавонем дар асарҳои ӯ қиссаи "Ривояти Суғдӣ" (образи Наниманча, Виркан), романҳои "Навобод", "Восеъ" ва "Фирдавсӣ" мушоҳида кунем, ки дар ҳар яке аз онҳо чеҳраҳои офаридаи занон аз ҳамдигар фарқ карда, бо шеваҳои мухталиф дар симои онҳо муҳимтарин фазилатҳои зоҳириву ботинии занон тасвир ёфтаанд.

Дар аввали романи "Навобод", ки бо Нуралӣ шинос шудем, нависанда фикру андешаҳои ӯро тасвир карда истода, аз забони ӯ гирифтааст: "Не, Нуралӣ ҳеҷ вақт ҷӯяндаи зиндагонии беташвиш набудааст" [8, с.1]. Ин ҷузъи муҳимми характеристикаи ӯст, ки бо воқеаҳои баъдина ба хубӣ тасдиқ ёфтааст. Вай, дар ҳақиқат, ҷавони ташаббускорест, ки аз мушкилиҳо наметарсад, дар дидани ҳар тадбир ва амали пешқадаму фардосоз назари тезбин ва нек дошта, мардумро барои роҳ кушодан ба тозакориҳо сафарбар карда метавонад. Ӯ бештар дар ҷустуҷӯи илоҷи кор, ҳаллу фасли масъалаҳо ва мушкилоти зиндагист. Нуралӣ қаҳрамони фаъол аст ва ин фаъолияти ӯ ба кордонӣ, ташаббускорӣ ва ақли даррок такя мекунад. Вай мақсади муайян ва идеали олӣ дорад, ки дар роҳи он мубориза мебарад ва ҳаёташро ба он бахшидааст. Тасвири маҷмӯаи ин фазилатҳои дарунӣ ва иҷтимоии Нуралӣ хатти пайванде бо хислатҳои Шодигул дошта, миёни онҳо як робитаеро эҷод кардаанд. Ба таъбири дигар, қаҳрамони марказӣ Нуралӣ ва мақоми он дар асар барои такмили симои Шодигул таъсири чашмрасе дорад.

Нуктаи дигари қобили таъкид он аст, ки дар солҳои чил барои ин ки қаҳрамони мусбат аз ҳад зиёд тасвиф нашавад ва дар тасаввури хонанда бодабдаба натобад, гоҳо ба ӯ баъзе камбудиҳои ҷузъиро нисбат медоданд. Дар романи Г. Николаев "Дарав" Василий Бортников аз майдони ҷанг баргашта ӯро раиси колхоз таъйин намудаанд. Вале ӯ корро дар колхоз аз фармонфармоӣ сар кард. Он гоҳ котиби райком Стрельцов ба ӯ гуфт: "Ба мардум фаҳмондан лозим, дили онҳоро ба ҷӯш овардан даркор, коре кардан даркор, ки худи онҳо ба ту рӯй оранд ва аз паси ту раванд! Пеш-пеши халқ, вале, албатта, бо халқ бояд рафт. Аммо ту бо зӯр гирифтанӣ шудаӣ... Корро бо ин хел гапҳо сар накун, Василий Кузьмич!"

Чунин тасвирҳо дар асарҳои дигар ҳам дида мешаванд. Ин гуна норасоии қаҳрамони мусбат ва ислоҳи он низ ба схемаи адабӣ табдил ёфта буд, ки аз асаре ба асаре мегузашт. Ҳамин нақшаро дар "Навобод" ҳам дучор меоем. Масалан, чунин аҳвол ба Нуралӣ ҳам рӯй медиҳад. Котиби райком Боровиков ба ӯ гуфт: "Ту дар он ҷо бисёр бемаънӣ рафтор кардаӣ! Мо туро барои фармондиҳӣ ё ғӯзапояғундорӣ нафиристода будем. Мо туро барои он фиристода будем, ки бо инсонҳои "Навобод" шинос шавӣ, дили онҳоро ёбӣ, ба онҳо рафиқона ёрӣ расонӣ. Ту бошӣ пасу пешро надида якбора ба онҳо ҳамла кардаӣ" [8, с.33]. Дар романи Улуғзода ин хатоҳои Нуралӣ, рафтори ӯ ҳангоми аввалин бор ба колхоз омаданаш тасвир шудааст. Сабаби ин, албатта, то андозае аз рӯйи муқаррарот ва махсусиятҳои таълифи осори бадеӣ дар замони Шӯравӣ, ки онро мафҳуми схема ифода мекунад, рафтани нависанда аст. Аммо пас аз сар шудани зиддиятҳои асосии асар рафтори Нуралӣ, муносибату муомила ва тадбирҳои ӯ аксаран табиӣ ва мувофиқи шароитанд. Ҳамин усулҳои тасвирофаринӣ ва чеҳранигорӣ ё шояд ба такя ба ҳамин меъёрҳо бошад, ки роҷеъ ба романи "Навобод" пас аз нашри он тақризу мақолаҳои зиёде ба нашр расида, мавриди баҳс қарор гирифта буданд. Ҳатто баъзеи муаллифон чунин ақидае изҳор карда буданд, ки дар сурати Нуралӣ ва Боровиков низ образи роҳбарони партиявӣ нодуруст нишон дода шудааст ва "Улуғзода ҳаёти ташкилоти партиявӣ, рол ва мавқеи онҳоро дар ҳаёти колхозҳо намедонад ва наомӯхтааст, бинобар ин, аз воқеият хеле дур рафтааст" [4]. Ба назари мо, ба ин ақида розӣ шудан мумкин нест. Дар образи Нуралӣ ва Боровиков кори роҳбарони партиявӣ, нақши онҳо дар пеш бурдани ҳаёти деҳот, дар сафарбар кардани фаъолони колхоз ба иҷрои

муҳимтарин вазифаҳои истеҳсолӣ, дар муборизаи зидди урфу одатҳои куҳна ва ғайра ба хубӣ нишон дода шудааст. Хусусан, ҳаёти Нуралӣ нисбатан ҳамаҷониба тасвир ёфтааст. Фаъолияти ӯ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва одамони гуногуне дахл кардааст ва таъсири мусбат доштааст.

Тавре таъкид гардид, ҳаёти шахсии Нуралӣ ва хислату фазилатҳои вай барои шинохти образи Шодигул бисёр муҳим ҳастанд, зеро чунонки гуфта омад, онҳо ду симои марказии асар буда, ба ҳамдигар пайванди маҳкам доранд. Махсусан, зиддияте, ки аз ишқи Нуралӣ ва Шодигул сар зад, аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ мнбошад. Ин зиддият на фақат бо тазодҳои истеҳсолӣ алоқа пайдо кардааст, балки комилан моҳияти иҷтимоӣ дошта, баъзе хусусиятҳои муҳимми ҳаёти хонаводагии онрӯзаи халқи моро ошкор кардааст. Тавассути тасвири ин зиддият ба таври барҷаста равшан мешавад, ки баъзе урфу одатҳои куҳна, дар ҳақиқат, хеле ҷонсахт буда, муборизаи зидди онҳо душвор аст. Вале маълум мешавад, ки ба он урфу одатҳо рахна ворид мешавад, акнун худи духтар ба расми “гаҳворабахш” сар фуровардан намехоҳад, иродаи худро рӯйрост ба падар изҳор менамояд ва бо ҳамроҳии дигарон (Вера, Нуралӣ) ҷасурона бар зидди раъйи падару модар мебарояд. Вай дар айни замон медонад, чунон ки Вера гуфта буд, “ба муқобили онҳо (падару модар. – Қ. Н.) не, балки барои онҳо” мубориза хоҳад кард [8, с.182]. Ин амалкарди ӯ яке аз зуҳуроти он муносибатҳои нави пешқадам аст, ки дар ахлоқи ҷамъият рӯз то рӯз бештар роҳ меёфт ва ҳомию тарафдор пайдо мекард. Чунин муносибатҳои нави инсонӣ ва хонаводагӣ дар замони нав пайдо шуда, хеле муҳим ҳам мебошанд.

Дар симои Шодигул зане тасвир ёфтааст, ки ба пешвози анъанаҳои нав меравад ва барои ба ҳаёт реша давондани онҳо нақши асосӣ мебозад. Нависанда ҷасурии духтар ва муҳимтар аз ҳама дунёи ботинии персонажи худро тавонистааст, ки ба воситаи тасвири хислатҳои наҷиби вай нишон диҳад. Духтар бо як шуҷоате хилофи иродаи падару модар мебарояд, чунки онҳо ӯро маҷбуран ба касе, ки духтар ӯро дӯст намедорад, бо суннатҳои куҳнаи хешу акрабоӣ хонадор карданианд.

Маълум аст, ки Шодигул Нуралиро дӯст медорад. Агар нек назар андозем фиғону арбадаи Шодигул нисбати рафтори волидон хилофи ахлоқ набуд. Чунки дар дини мубини ислом, ба вижа дар “Хутбаи никоҳ” ҳам гуфта мешавад, ки дар ислом никоҳи маҷбурӣ роиҷ нест. Агар ба тасодуф домодшаванда ахлоқи зишт дошта бошаду духтар аз он огоҳ набошад, пас бо раъю хоҳиши падару модар метавонад, ки ба дигар кас хонадор шавад. Чунки агар духтар дар ин мавқеъ аз амри падару модар саркашӣ кунад гунаҳкор ҳисобида мешуд. Маълум аст, ки волидон ҳам ҳаргиз бадии духтарро намехостанд, вале тасвири ин ҳолат зуҳури падидаҳои навро дар фарҳанги хонаводагии тоҷикон ва аз рӯйи ишқу муҳаббат ва ирода бунёд намудани оила нишон медиҳад, ки нависанда тавассути образи Шодигул хеле муассир тавсир намудааст. Баробари ин, навъе решакан намудани хурофотро низ мехоҳад ба хонанда бозгӯӣ кунад, чун дар гузашта маҳфуми “гаҳворабахш” ҷой дошт, ки як анъанаи куҳнашуда ба шумор мерафт. Мутобиқи он баробари таваллуд фарзандонро ба ҳамдигар гӯё номзад менамуданд, ки ин аслан ба фарҳанги бунёди хонавода мутобиқат надорад.

Дар баробари ин, ҳамин манзараи асар ва тасвири зиддияте, ки аз ишқи Нуралию Шодигул ҳосил шуда буд, барои равшан шудани образи падари Шодигул – Ҳоҷӣ Умар низ ба аҳаммияти калон молик аст. Ҳоҷӣ Умар раиси колхози “Ситораи Сурх” ба шумор мерафт. Қариб ҳамаи зиддиятҳое, ки дар роман ҳастанд, то андозае ба тасвири образи Ҳоҷӣ Умар дахл кардаанд. Образи Ҳоҷӣ Умар зиддиятҳои аҷибе дорад. Ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, дар масъалаҳои истеҳсолӣ, дар кору меҳнат тамоман шахси пешқадам, навхоҳу навҷӯй ва ҳомию муттакои Нуралӣ бошад ҳам, дар ҳаёти оилавӣ чунон рафтор мекунад, ки хилофи ин хислатҳояш ба ҷилва меоянд. Ҳоҷӣ Умар ба эътирози Шодигул аҳаммияте надода, на танҳо ӯро зӯран ба гавҳорабахшаш, ба Туроби бадкирдори муфтхӯру танбал доданӣ шуд, балки ба Нуралӣ дил бастани духтарашро ба шаъни хонадони худ ор донист. Дар тасвири образи Ҳоҷӣ Умар одатҳои нову куҳна ба ҷанг омаданд, аммо маълум аст, ки ҳанӯз вай аз таъсири урфу одоти куҳан раҳо нашудааст. Ба ибораи дигар, касоне ҳам, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ шуури худро тамоман тағйир додаанд ва дар меҳнат фикру эҳсосоти нав зоҳир менамоянд, имкон дорад, ки дар ҳаёти шахсӣ ва маишат ҳанӯз аз таъсироти урфу одатҳои маҳдуд халос нашуда бошанд. Ин ҳақиқат дар характери Ҳоҷӣ Умар ба шакле, ки хосси шароити маҳаллии бархе манотиқи Тоҷикистон аст, зоҳир гардидаст ва то солҳои наздик давом доштааст.

Дар маҷмӯъ, офариниши образи Шодигул ва тасвири симои барҷастаи зани зебову боақл ва ҷасур ба Сотим Улуғзода имконият додааст, ки дар баробари ба қалам овардани беҳтарин суннатҳои ахлоқӣ, фарҳанг ва одоби хонаводагии тоҷикон зиддиятҳои муҳиммеро барои аз байн бардоштани хурофот ва одатҳои ба замон номувофиқ ба қалам оварад, ки яке аз онҳо

ҳамин оини “гаҳворабахш” мебошад. Нависанда тавассути тасвири муборизаҳои духтар ва ҳатто хилофи раъйи падару модар баромадани он, андешаеро дар бораи аз байн бурдани хурофотпарастӣ ва оинҳои нолозим дар муҳити хонавода, таъмини озодии занон ва баробарии онҳо бо мардонро хеле хубу муассир ба миён гузошта, таҳлилу тафсири бадеӣ намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 206 с.
2. Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳои насру назми тоҷик / Ю.Бобоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 608 с.
3. Горький А.М. О литературе / А.М. Горький. – Москва, 1956. – 827 с.
4. Крупные пороки одного романа // Газета “Комунист Таджикистана”, 1955. - 24 ноября. – 3 с.
5. Нозимов Б. Воситаҳои офариниши образҳои типӣ дар повесту романҳои С.Айнӣ / Б.Нозимов. – Душанбе, 1982. – 94 с.
6. Турсунзода М. Барои маҳорати баланди нависандагӣ / М.Турсунзода // Шарқи сурх, 1951. - №5. - 125 с.
7. Улуғзода, С. Романи Диёри Навобод. Қисми 1 / С.Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавлтоҷик., 1949. – 168 с.
8. Улуғзода С. Навобод / С.Улуғзода. - Сталинобод, 1953. – 397 с.
9. Улуғзода С. Мысли о писательском ремесле / С.Улуғзода // Единение. - Душанбе, 1963. – 199 с.
10. Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик (насри солҳои 1945-1974). Ҷилди 4 / М.Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. - 384 с.

ТАСВИРИ СУННАТҲОИ ХОНАВОДАГИИ ТОҶИКОН ДАР РОМАНИ “НАВОБОД”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Мақолаи мазкур ба таҳлили яке аз мавзӯи асосии романи “Навобод”-и Сотим Улуғзода, тасвири масъалаҳои хонаводагӣ, муноқишаву низоъҳои атрофи он бахшида шудааст. Муаллиф бо мисолҳои мушаххас ин мавзӯъро баррасӣ карда, навигониҳои маънавию ахлоқиро дар ин масъала дар намунаи ишқи Шодигул ва Нуралӣ нишон медиҳад. Офариниши образи Шодигул ва тасвири симои барҷастаи зани зебову боакл ва ҷасур ба Сотим Улуғзода имконият додааст, ки дар баробари ба қалам овардани беҳтарин суннатҳои ахлоқӣ, фарҳанг ва одоби хонаводагии тоҷикон зиддиятҳои муҳиммеро барои аз байн бардоштани хурофот ва одатҳои ба замон номувофиқ ба қалам оварад, ки яке аз онҳо ҳамин оини “гаҳворабахш” мебошад. Нависанда тавассути тасвири муборизаҳои духтар ва ҳатто хилофи раъйи падару модар баромадани он, андешаеро дар бораи аз байн бурдани хурофотпарастӣ ва оинҳои нолозим дар муҳити хонавода, таъмини озодии занон ва баробарии онҳо бо мардонро хеле хубу муассир ба миён гузошта, таҳлилу тафсири бадеӣ намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар канори ин ҷустуҷӯҳои иҷтимоӣ дар роман, Сотим Улуғзода, ба муҳити хонаводагӣ ва тадриҷан тағйир ёфтани он дар таъсири бештар қавӣ гардидани иттиҳоди одамон, зиндагии дастаҷамъона ва байнимиллӣ диққати махсус додааст. Метавон гуфт, ки ҷанбаи инсонии романро мавзӯи мазкур бештар тақвият бахшидааст. Мавзӯи мазкур тавассути муҳаббати Нураливу Шодигул ва мушкилоте, ки дар ин ҷараён ба миён омадааст, хубтар ифода мешавад.

Калидвожаҳо: образ, низоъ, тасвири бадеии инсон, шахсият, характер, мавзӯъ.

ОБРАЗ СЕМЕЙНЫХ ТРАДИЦИЙ ТАДЖИКОВ В РОМАНЕ СОТИМА УЛУГЗОДА «НАВОБОД»

Статья посвящается анализу одной из основной темы романа Сотима Улугзаде “Навобод”, описываются семейные проблемы, конфликты и разборы вокруг неё. Автор исследует эту тему конкретными примерами, рассматривает этот вопрос на примере духовных и нравственных пристрастий Шодигуль и Нурали. Создание образа Шодигуль, как образа красивой, умной и смелой женщины позволило Сотиму Улугзаде идентично при изображении нравственной традиции, культуры и этики таджикского семейства устранить основные противоречия между суевериям и традициям несоответсвующими времени, одним из которых является традиция проведение “гахворабахш” (колыбельный сговор). Писатель художественно изобразил противоборство девушки против желания родителей, размышления относительно устранение суеверий и ненужных традиций в семейный среде, тем самым обеспечив свободу выбора женщинам и равноправия с мужчинами. Надо отметить, что наряду с социальными поисками в романе Сотим Улугзода уделяет особое внимание семейной среде и ее постепенному изменению под влиянием усиления единства людей, коллективной и интернациональной жизни. Можно сказать, что данная тема еще больше усиливает человеческий аспект романа и лучше всего выражена через любовь Нурали и Шодигуль и трудностей, возникших в этом процессе.

Ключевые слова: образ, конфликт, художественный образ человека, личность, характер, тема.

THE DESCRIPTION OF TAJIK FAMILY TRADITIONS IN THE NOVEL "NAVOBOD" BY SOTIM ULUGZODA

The article is devoted to the analysis of one of the main themes of the novel by Sotim Ulugzade “Navobod”, family problems, conflicts and discussions around her are described. The author explores this topic with concrete examples, examines this issue on the example of the spiritual and moral addictions of Shodigul and Nurali. Creating the image of Shodigul as an image of a beautiful smart and courageous woman allowed Sotim Ulugzoda to identify the moral traditions, culture and ethics of the Tajik family identically eliminating the main contradictions between superstition and tradition inappropriate pores, one of these traditions is “gahvorabakhsh” (lullaby vocabulary). The writer, when confronting a girl and even against the wishes of her parents, thinking about eliminating superstition and unnecessary traditions among the family, ensuring freedom for women and equal rights with men, depicted artistically. It should be noted that around social research in the novel, Sotim Ulugzoda pays special attention to the family environment and its gradual change under the influence of more strengthening of the unity of people, collective and international life. It can be said that this theme further enhances the human aspect of the novel. This theme is expressed better through the love of Nurali and Shodigul and the difficulties that arose in this process.

Key words: image, conflict, artistic image of a person, personality, character, theme.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қосимӣ Насима Исмон*** – Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосир. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E mail: **kosimova_10@mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-19-19-38**

Сведения об авторе: ***Косими Насима Исмон*** - Институт языка и литературы им. Рудаки Национальной академии наук Таджикистанан, научный сотрудник отдела современной литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E mail: **kosimova_10@mail.ru.** Тел.: **(+992) 933-19-19-38**

Information about the author: ***Qosimi Nasima Ismon*** – Institute of Language and Literature. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Researcher, Department of Contemporary Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E mail: **kosimova_10@mail.ru** Tel.: **(+992) 933-19-19-38**

УДК: 891.550-1:82

ШЕЪРИ НАВ ВА САФЕД ДАР ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Миралиева С.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Классикони адабиёти форсу тоҷик ҳазорсолаҳост, ки бо шеърҳои оламшумули худ шуҳраи офоқ гаштаанд. Аз Одамушшуаро, қофиласаро, устоди шоирон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда то ба имрӯз шоирони мо дар мавзӯъҳои гуногуни ахлоқию иҷтимоӣ, фалсафию ирфонӣ ва дигар мавзӯъҳои ҳаётан муҳимми инсонӣ шеърҳои мондагоре офаридаанд, ки пешгоми шоирони ҷаҳонанд. Қолаби асосии шеърҳои шоирон дар гузашта жанрҳои адабие ҳастанд, ки имрӯзҳо дар муқоиса бо қолабҳои нави шеърии садсолаи охир, бо истилоҳи навъҳои адабии суннатӣ ёд мешаванд. Шеърҳои суннатӣ бо вазни ҳиҷову арӯз эҷод шуданд, ки ҳар кадом дорои махсусиятҳои сохторӣ ва вижагиҳои хосси мавзӯӣ ҳастанд. Гузашта аз ин, аз ибтидои асри бистум сар карда, дар эҷодиёти шоирони форсу тоҷик сохторшиканию қолабшиканӣ дар низоми суннатии вазни арӯз ба вуқӯъ пайваст [5, с.155]. Ҳадафи мо дар ин ҷо баррасии мавқеи шеъри нав ва шеъри сафед дар эҷодиёти шоир Рустам Ваҳҳобзода мебошад.

Рустам Ваҳҳобзода дар адабиёти имрӯзи тоҷик аз ҷумлаи шоирони муваффақ ба ҳисоб меояд, ки дар қолабҳои шеъри нав ва шеъри сафед асарҳо эҷод намуда, ҳамчун шоири навпардоз мақоми махсуси худро пайдо намудааст. Чуноне ки Камол Насрулло дар мақолаи худ «Ҳарфе ба лаб, як пора ҷон…» мегӯяд, “шеъри нав (арӯзи нав, сапед) дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода хусусиятҳои хосси худро дорад. Дар шеъри нави «Қонуни забон» шоир даҳ моддаи манзуми худро ба истиқболи тарҳи нави «Қонуни забони тоҷикӣ» пешниҳод мекунад ва дар ин шеъри баёни ошкоро низ ҷо-ҷо шоир тасвирҳои шиоромезу дар айни замон шоиронаро ба кор мебарад:

Ин забони осмонист,
Нардбони осмон аст.
Паллаҳои ояталкурсист,
Мояи рушди таъолист,
Шаҳпари андешаи олист,
Хуни озодӣ биҷӯшад дар раги ҳар вожаи нобаш,
Ҷовидон аз оби озодӣ бибояд дошт шодобаш” [6, с.10].

Аммо Камол Насрулло бозёфти шоиронаи шоирро дар ин шеър дар байти зерин таъкид намудааст:

Вожаҳои тоҷикӣ дар ҳар забони дигари дунё
Шаҳрванди Тоҷикистонанд [2, с.55-56].

Соли 2019 бахшида ба 10-солагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” озмуни “Забон – пояи миллат” эълон карда шуда буд, шеъри “Қонуни забони тоҷикӣ”-и Рустам Ваҳҳобзода аз рӯйи номинатсияи “Шеъри беҳтарин” сазовори ҷойи аввал дониста шуд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин шеър ҳамчун асари мондагор эътироф шудааст.

Камол Насрулло ба шеърҳои «Ойина», «Меҳани наврӯз», «Охирин барф» ва «Ойинаи гургон» таъкид намуда, ин шеърҳоро ҳамчун ашъори рамзии хуб муаррифӣ карда, “шоистагиҳои маъноӣ ва тозагиҳо дар баёни мавзӯю тасвир” дар онҳоро ёдовар шудааст. Барои намуна, пораҳоеро аз шеърҳои мазкур иқтибос мекунем:

Пардаи шабро ба тан печида гургон
Боз метозанд бар дашти кушод…
Вой бар ҳоли ҳамон гурге, ки хуншор аст:
Луқмаи қонунии ёрони хунхор аст.

Ва:

Ман, ки будам борҳо дар гургтози деҳ,
Ин замон дар турктози даҳр
Нестам аз ҳикматаш бебаҳр.
Мениҳам лабро ба рӯйи захмхои хеш,
Хуни худро мекашам дам,
То ки хунолуд набинандам [2, с. 79-80].

Вижагии ин шеър, бино ба мушоҳидаи Камол Насрулло, дар он аст, ки дар он тасвири табиат баёну тасвири манзараҳои зиндагист. Яъне, шоир бо ба ҳам омезиш додани манзараи табиат ва ҷузъиёти зиндагӣ шеъре офаридааст, ки барои шинохти дурусти он, пеш аз ҳама, ба тасвирҳои рамзогин бояд диққат дода шавад.

Зиндагиро шеър кардан ва ба ин восита шоири ҳамдарду ҳамсони ҷомеа будан аз ҷумлаи боризтарин махсусиятҳои шеъри нави Рустам Ваҳҳобзода аст. Масалан, аз мавзӯи доғи рӯз пайгирӣ намудан ва мушкилоти мавҷудро мавриди таҳлилу тасвири бадеӣ қарор додан дар шеъри «Шоирон чӣ кор мекунанд?» (Посухи манзум ба як пурсиши мавҳум) равшан намудор мегардад. Мувофиқи тасвири шоир, он рафиқ шиква аз каму костии замона дорад, аз набудани барқу газ, оби гарм, нархҳои баланду роҳҳои хароб, фирори мағзҳо, уфтодани қурби рубл, баланду пастшавии дулор, содироти заифу воридоти беҳисоб, торумори иқтисод, набудани ҷойи кор ва маоши нокифоя, ор кардан аз корҳои кишоварзӣ, аз баландшавии нарху наво, нархи моддаҳои кимиёвӣ ва нархи нафту ҳосили зироат, ҳарчанд ки фаровон гаштааст, лек ба мардум бо нархи дастрас нестанд. Ҳар гоҳ ки дилаш аз ин бесарусомониҳо ба танг меояд, ӯ домангир аз шоирон мешавад. Он аз депутату вазирон не, балки аз шоирон ин ҳама суол мепурсад, ки чаро шумо ҳеҷ коре намекунеду пайи ислоҳи он тадбиру чорае намеандешед. Дар ҷавоб шоир ба он дӯсташ мефаҳмонад, ки шоирон соҳирони давру замон нестанд ва аз касби макру ҳилла даст сӯйи осмон набурдаанд. Онҳо ҳам мисли мову ту асилзодагони ҳамин хоку об ва боду офтоб ҳастанд.

Шоир аз мардуми оддиву ранҷбар, ки ҳар яке ба касбу кори гуногун –мутарҷиму муҳаррир, муаллиму коргар, барзгару хабарнигор ва дастёрии ину он будани шоирон ҳадс зада ва ҷавоби машаххас ба саволи бедардонаи пурсанда додааст:

... Бо вуҷуди ин ҳама
Шоирон
Поси субҳи равшани ватан
Шуълаҳои ҷони хешро нисор мекунанд,
Зикри хайри рӯзгор мекунанд.
Рӯ ба рӯйи фитнаҳои охируззамон
Аз сухан ҳисор мекунанд.
Шоирон
Ба рағми қосидони ноумеди башар
Вопасин паёми эътимодро
Шиор мекунанд, –
Кор мекунанд! [2, с.59-61].

Ҷаззобияти ин шеър сар то сари ҷавоби саволкунандаро, ки бино ба тасаввури ботили ӯ, гӯё шоирон ҳеҷ коре намекунанд, фаро гирифтааст ва шоир бо дарки шоирона мефаҳмонад, ки шоирон то як поси шаб ё то дами субҳ сари як нукта чӣ заҳматҳое намекашанд, то ин ки як сухани сара ва бикре бинависанд, ки ҳамшарику дардошнои дардҳои мардум бошад. Дуруст дар ҳамин маънӣ моҳияти шеъри нав ифода шудааст, ки нуктаи марказии он андешаи бо мушкилоти ҷомеа, бо рӯҳу равони мардум ошноӣ доштани шоири муосир мебошад.

Дар шеъри «Меҳани наврӯз» шоир шукӯҳу азамати ҷашни Наврӯзро дар риштаи назм кашида, аз таърихи он, аз сарсабзу хуррам гаштани табиат, аз нурпошии офтоб, аз ҳафт сину ҳафт шини хони наврӯзӣ ёдовар шуда, “садои булбулони ёсинхон”-у “ҳилоли моҳ” барин таъбирҳоро офаридааст, ки зеҳни хонандаро ба як диёри афсонавии биҳиштосо мебарад, ки, дар ҳақиқат, инъикосгари Наврӯзи Ватан аст. Махсусан, мисраъҳои зерини ин шеър аз ҳамин дидгоҳ пуршукӯҳанд:

Ҳилоли моҳ дар ҳар чашмае чун моҳии тиллост,
Шакарнам метаровад аз насими шукр дар шабгир,

Саҳар хоби ту бо бишкуфтани гул мешавад таъбир,
Дар ин ҷо сурмаи шаб равшании дидаи рӯз аст,
Ба ҳар ойин, ки хоҳӣ,
Тоҷикистон,
Меҳани ҷовиди Наврӯз аст [3, с.52-54].

Ҳафиз Раҳмон дар муқаддимаи китоби “Сарводаи Ватан” (Мунтахаби ашъори ватанияи Рустам Ваҳҳобзода) дар хусуси ашъори ватанияи шоир чунин ёдовар мешавад: “Аз гӯшаи имон будани ҳубби ватан баргирифта аз ҳадиси маъруф аст ва ҳамин маънӣ таҷаллӣ бо шарҳе шоирона дар порае аз шеъри “Ихлос”:

Дур аз ватан порае ноне тавон ёфт,
Бе ғами ту роҳати ҷоне тавон ёфт,
Бе ками ту чанду чандоне тавон ёфт.
Лек бе ту кист мегӯяд, ки имоне тавон ёфт? [9, с.17].

Шоир дар ин шеър ба ҳамватанони хеш, ки дур аз ватан, дар ғарибию мусофират умр бар сар мебаранд, гуфтанӣ аст, ки беватан ҳам дар дигар гӯшаи дунё метавон як пора ноне дарёфт ва шояд осоишу истироҳат ҳам пайдо намуд ё чанд вақте кам, ё беш ҳам бошад, аз зиндагии хуш баҳравар хоҳад шуд, аммо ғайр аз ватан бо дигар касе ё чизе наметавон эътиқоду эътимоде кард.

Чун дар бораи мавзӯи истиқлол, умуман, мавзӯи миллию меҳанию андешаи истиқлолу озодихоҳию ин мавзӯъҳо суҳбат мешавад, устод Рустам Ваҳҳобзода борҳо дар суҳбатҳои алоҳидаю баромадҳояш аз шеъри “Истиқлол" ёдовар мешавад, ки ин шеър дар замони худаш, яъне таърихи чопаш, ки соли 1990 аст, дар нахустин маҷмӯаи шеърӣ, ки муштарак бо чанд нафари дигар бо номи “Калимаҳо” чоп шудааст, бо номи “Қиём” омадааст. Чунки он замон хусусан ба таври алоҳида бо номи “Истиқлол” чоп кардани ин шеър ҳанӯз мусоид набуд. Вале шоир бо як ҷуръати беандозае баҳри озодию истиқлоли рӯҳию маънавии хешу меҳан гомҳои нахустини худро ниҳодааст. Баъдан ин номи воқеии шеър дар чопҳои баъдӣ гузошта шудааст ва “Истиқлол” воқеан, ин як навъ хоҳиш ва талаби истиқлоли воқеии миллӣ аст, ки агар ба муҳтавои ин шеър таваҷҷуҳ кунед, ин маънии ошкор аст, ки дар он омадааст:

Агарчи зодаи даврони озодам,
Агарчанде ба озодӣ ҷаҳонро пайки иршодам,
Вале дар пои дил,
дар пои рӯҳ
завлонаҳо дорам.
Аз ин завлонаҳои ҳарза безорам.
Ман истиқлол мехоҳам.
Ман истиқлол мехоҳам зи пиндори дурӯғи худ,
Зи банди эътиқоди бефурӯғи худ...
Аз ин занҷири заррини тааммулҳои нодаркор,
Ки рӯҳам аз фишораш мешавад афгор
Дилам дар ҷангалаш хуншор ...
Зи навмедӣ
Зи аҷзу коҳилӣ,
Аз бим
истиқлол мехоҳам...
Ҳам аз хӯи ғуломӣ, аз тавозуъҳои аз ҳад беш,
Ки бо номи “ адаб” дар ҷисму ҷони мо нумӯ карда,
Миёни “одамият” то “ҳақиқат” мекашад парда...
На ман танҳо дар ин исён,
На ман танҳо дар ин бандам...
Агар дар банд бошам,
порае ҳам аз Ватан
ночор дар банд аст.
Барои ин Ватан,
то зиндаам,
дар хеш истиқлол мехоҳам.
Ва танҳо баъди фирӯзӣ чу фарзанди барӯмандаш
Саре бар мекунам аз қуллаи иқбол чун Хуршеду
Истиқбол мехоҳам [2, с.89-90].

Чунонки аз муҳтаво ва зеру бами сухан дар порчаи мазкур бармеояд, дар ин шеър истиқлол, пеш аз ҳама, дар вуҷуди худ талаб мешавад, ки танҳо дар натиҷаи раҳоӣ ёфтан аз камбудиҳои маънавӣ, фикрӣ, эътиқодӣ ва равоншинохтӣ инсон метавонад, ки ба истиқлоли воқеӣ бирасад, дар акси ҳол ӯ метавонад, дар як фазои истиқлол ҳам истиқлолият надошта бошад. Вале ба ҳар ҳол ин мафҳуми истиқлол дар ин ҷо ом аст, ҳам истиқлоли миллиро фаро мегирад, ҳам истиқлоли маънавиро, ҳам сиёсиро, ҳама навъи истиқлолро. Гузашта аз ин тасвирҳо ва андешаҳои ҷолиб, барои мо муҳим ин нукта аст, ки шоир чунин андешаҳои мондагорро маҳз дар қолаби шеъри нав ғунҷонида тавонистааст, ки ин масъала аз имконияти фарохи қолаби шеъри нав башорат медиҳад.

Аз назари сирф ҳунарӣ бигирем, шоир дар гуфтани шеър, аз ҷумла дар баёни андеша, дар қолаби шеъри нав, ба ҷаҳони табиати зинда таваҷҷуҳ карда, барои гуфтани мазмунҳои шоирона дар навиштаҳояш зиёд майл дорад.

Шеъри дигар, ки “Биҷилгун” ном дорад, ба хурдтарин парандаи кӯҳистонии табиати диёри хеш, ки аз гунҷишк ҳам хурдтар асту бо номи биҷилгун шинохта мешавад, бахшида шудааст. Хосияту устодии ин паранда дар он аст, ки аз тору пашмҳо ва ҳар навъ чизи ба пашму пахта монанд, ки дар табиат пайдо мешавад, гирифта, як лонае месозад, ки ба чӯробҳои рангину қашанги зебои бадахшонӣ монанд аст. Лонаи аз пашм ва ба таври махсус сохтаи биҷилгун дар шохчаҳои баланди дарахти лаби ҷар овезон мешавад ва ҳеҷ чиз ба ӯ наздик рафта, ӯро гирифтаю нобуд карда наметавонад. Албатта, ин як тасвире буда аз воқеият, ки қаҳрамони лирикии шеър дар кӯҳ сайр мекард ва яке аз ҳамин гуна парандаҳо ба гумони он ки ба сӯйи лонаи ӯ ҳаракат дораду ба чӯҷаҳои ӯ зарар хоҳад расонид, ҳуҷум мекунад ва болои сари ӯ сару садо баланд карда, таҳдид мекунад, ки аз ин ҷо дур шав:

Фасли тобистон
сайр дорам дар кӯҳистон
Як биҷилгун мепарад ин суву он сӯ,
Мекунад бо ман ҳаёҳу.
Дар сари ангушти ҷурзе
Лона дорад –
Нусхаи чӯроби пашмини Бадахшон,
Сарнагун бар даррае жарф
Ҷони мурғак бар сари ин лона ларзон.
Эй биҷилгун,
Ҷӯраи ҷун,
Ман ҳамонам дода аз даст
Он ду шаҳри нозанинро –
Қуббатулисломрову
Сайқали рӯи заминро,
Ҳол ин сон бетафовут
Сайр дорам дар кӯҳистон,
Фасли тобистон.
Лонаат обод бодо,
Баччагонат шод бодо,
Қасди озорат надорам,
То абад корат надорам.
Меравам, то аз уфуқ паҳнои Меҳанро бубинам...
Меравам, бар қуллаи ин кӯҳ, шояд аз фароз,
Тири Орашро бубинам боз дар парвоз [2, с.92].

Ин парандаи хурдакак як баҳонае мешавад ва ҷоннисории ӯ як ангезандае мешавад барои тавлиди ин шеър. Шояд ин паранда як баҳонае буда барои чунин гуфтугӯи зебо. Ба ин мурғак мегӯяд, ки ту гумон мекунӣ, ки ба ишғоли лонаи монанди чӯроби ту меравам, дар ҳоле ки ман ду шаҳри бузурги худ, ба мисли Самарқанду Бухороро аз даст додааму ҳоло парвое надорам ва дар кӯҳ сайр карда гаштаам, омада ҳамин лонаи туро мегирам. Чун қуллаи кӯҳ меравам, то паҳнои кишварамро бубинам, меравам бар фарози ин кӯҳ, ки шояд аз он ҷо Ораш ё тири Орашро бубинам, ҳамон тире, ки аз қуллаи кӯҳ барои васеъ кардани марзҳои кишвари мо андохта шуда буд, яъне аз ин бузургтар шавад. Аз ҷиҳати дигар бингарем, ба ин парандаи хурдакак, яъне як чизи дар назари аввал назарногир таваҷҷуҳ намудани шоир аз борикбинию нозукандешӣ ва тахайюлоти рангини ӯ дарак медиҳад.

Нуктаи дигаре, ки дар ҳамин замина гуфтанист, он аст, ки гӯяндаи шеъри мавриди назар аз имконоти шеъри нав ба хубӣ огоҳ буда, аз сохтори ҳунарии он огоҳона истифода мекунад.

Чуноне ки устод Рустам Ваҳҳобзода худ дар рисолаи илмӣ-омӯзишии худ “Шеър ва дониш” мегӯяд: “Шеъри нав, “арӯзи нав” на танҳо арӯзро моҳиятан инкор накард, балки бисёр имконоти то ҳол нуҳуфта ва бакорнарафтаи арӯзро ошкор намуд ва ба кор андохт. Арӯзи нав ба таври барҷаста ва қатъиву ҳамапазир собит намуд, ки вазни арӯз дар ҳеҷ шароит ва ҳеҷ замоне маҳдуд, куҳна ва ғайри қобили истифода намегардад” [4, с.80].

Дар ин мавриди баёни самимии ҳиссиёти шоир ҳам масъалаи асосӣ мебошад. Чуноне ки Худоӣ Шарифзода дар китоби “Шеър ва шоир” қайд намудааст, “баёни ҳиссиёт ҳама вақт бояд самимӣ бошад. Шоир дар чунин шеърҳо асосан сухан аз роҳи рози дилу қалб мегӯяд...” [10, с.123].

Рустам Ваҳҳобзода суханронии адабиётшинос ва шоири Афғонистон Моили Ҳиравиро дар «Симпозиуми ҷаҳонии шеъри форсӣ» ёдовар мешавад, ки гуфта буд: «Дар шеъри муосир вазнҳои гуногуне, ки боз ҳам метавон чеҳраи шустани онҳоро дар оинаи қаднамои арӯз дид, дар қитаоти ашъори дилчӯ таҷаллӣ мекунад, ки шеърро мусиқӣ ва оҳанги дилписанд мебахшад ва пардаи ҷонро навозиш медиҳад» [4, с.107].

Шеъри нав эҷод кардан, аз рӯйи гуфтаи донишмандон ва адибону шуаро, даст кашидан аз арӯз набуда, балки роҳҳои нави кашфи арӯз дониста шудааст. Нодири Нодирпур дар ин бобат нуқтаи назари худро баён намудааст: “Шеъри нав эҳтиёҷест, ки дар тайи қарнҳо рушд кард ва инак ошкор шудааст... Шеъри нав силоҳи насли ҷавон аст. Танҳо шеъри нав аст, ки метавонад эҳтиёҷи маънавии замони моро бароварад ва ин шеъри нав силоҳи мардуми ранҷидаест, ки аз ҳама чиз ба танг омадаанд. Ин силоҳро барои ҳамин мардум нигоҳ бояд дошт” [8, с.138].

Ин суханҳо ба ҳунари шоирӣ ва шеърҳои дар ҳамин навъи шеъри нав эҷоднамудаи Рустам Ваҳҳобзода низ бевосита тааллуқ доранд. Ӯ дар китоби «Салом»-и худ 26 шеъри навъи «шеъри нав»-ро гирд овардааст, ки «Қонуни забон», «Табарро», “Пайкартарош», «То интизор ҳаст», «Ойина», «Ошёни меҳр», «Меҳани Наврӯз», «Боғи Эшон», «Сомонгирд», «Ихлос», «Ойини гургон», «Соли нав», «Пайём», «Шоиро гиря макун» ва ғайраҳо номгузорӣ шудаанд.

Шеърҳои дар қолаби шеъри нав сурудаи Рустам Ваҳҳобзода аз назари таркиби сохторӣ ҳамгун нестанд, дар сохтори гуногун гуфта шудаанд. Шеъри «Қоидаи забон» аз 10 банд ва 82 мисраъ, «Табарро» аз 12 банд ва 54 мисраъ, «Шоирон чӣ кор мекунанд?» аз 7 банд ва 73 мисраъ, «Пайкартарош» аз 4 банд ва 14 мисраъ, «То интизор ҳаст» аз 4 банд ва 18 мисраъ, «Ангорае бар девори ҳисори ной» аз 6 банд ва 47 мисраъ, «Ойина» аз 1 банд ва 14 мисраъ, «Ошёни меҳр» аз 6 банд ва 31 мисраъ, «Барф» аз 4 банд ва 28 мисраъ, «Меҳани Наврӯз» аз 12 банд ва 63 мисраъ, «Боғи Эшон» аз 13 банд ва 90 мисраъ, «Сомонгирд» аз 7 банд ва 43 мисраъ, «Охирин барф» аз 5 банд ва 44 мисраъ, «Дарди воло» аз 5 банд ва 23 мисраъ, «Ойини гургон» аз 9 банд ва 32 мисраъ, «Ихлос» аз 6 банд ва 23 мисраъ, «Соли нав» аз 5 банд ва 32 мисраъ, «Наҷвои як китоб» аз 7 банд ва 39 мисраъ, «Себи охирин» аз 5 банд ва 36 мисраъ, «Шоиро гиря макун» аз 1 банд ва 25 мисраъ, «Истиора» аз 1 банд ва 14 мисраъ, «Истиқлол» аз 5 банд ва 38 мисраъ, «Зимистон» аз 1 банд ва 15 мисраъ, «Дар сӯги тифли сурӣ» аз 1 банд ва 23 мисраъ, «Биҷилгун» аз 3 банд ва 23 мисраъ иборат мебошанд.

Ин маҷмӯа, дар умум, 924 мисраъ навъи «шеъри нав»-ро фарогир мебошад.

Дар маҷмӯаи «Шаҳри Хуршед» 5 номгӯй “шеъри нав” гирд оварда шудааст, аз ҷумла «Сомонгирд» – 43 мисраъ, «Меҳани Наврӯз» – 67 мисраъ, «Қиём» – 37 мисраъ, «Боғи Эшон» – 89 мисраъ, «Ангорае бар девори ҳисори ной» – 47 мисраъро фаро гирифтааст, ки, дар умум, 283 мисраъ мебошанд.

Хулоса, шоири нуктасанҷ Рустам Ваҳҳобзода дар навъи шеъри нав ҳам муваффақ шудааст, ки бо услуби баён ва завқу салиқаи ба худ хос, тозаандешӣ, навҷӯию тозагӯйиҳо беҳтарин тасвиру ташбеҳҳои равону барҷаста, баёни шево ва возеҳу ошкоро аз гулзори маърифати эҷоди худ хонандаро баҳравар намояд.

Навъи дигари шеъри нав қолаби шеъри сафед мебошад, ки он ҳам вижагиҳои ба худ хоссеро доро мебошад. Шеъри сафед, мувофиқи таҳқиқи донишмандон (Алиризо Қазва, Муъмин Қаноат, Гулназар Келдӣ, Камол Насрулло, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Ҷ. Абдулҳай, М. Шарифзода), аз эҷодиёти Аҳмади Шомлу оғоз гардида, дар ашъори дигар шоирони маъруф низ дида мешавад. Шоирони тоҷик ҳам дар қолаби шеъри сафед табъозмоӣ кардаанд. Дар шеъри муосири тоҷик, аз рӯйи таъйиди донишмандону адибон, шоири муваффақ дар сурудани шеъри сафед Доро Наҷот мебошад. Қисми зиёди эҷодиёти пурмаҳсули ин шоирро дар солҳои охир шеъри сафед ташкил медиҳад.

Дар эҷодиёти устод Рустам Ваҳҳобзода низ мо ба шеърҳое вомехӯрем, ки ба навъи “шеъри сафед” эҷод шудаанд. Нахустин шеъри сафеди Рустам Ваҳҳобзода дар дафтари

“Калимаҳо” дучор мешавад, ки дар маҷмӯаи дастҷамъонаи “Навқадам”, ки соли 1990 дар нашриёти “Адиб” рӯйи чоп омадааст, ҷой дода шудааст. Ин шеър чунин оғоз меёбад:

Гоҳе ки мижа боз мекунӣ,
гӯё ки аз даруни бешаи мармузи Афсона
Хуршед медамад.

Гоҳе ки мижа боз мекунӣ,
гӯё ки дар миёни найистони розҳо
шому саҳар дар оғӯши ҳам маҳв мешаванд.

Гоҳе ки мекушоӣ ту мижгонро,
гӯё ки осмон
аз нури нури нур расулон гумошта.

Гоҳе ки мекушоӣ ту мижгонро
бар рӯям аз биҳишт ду дар боз мешавад [1, с.127].

Дар маҷмӯаи “Салом” бо навъи шеъри сафед низ вомехӯрем, ба монанди шеъри “Ҳубобфурӯш” [2, с.84], “Паём” [2, с.85], “Шеъри сапед” [2, с.90], “Асолат” [2, с.173], “Паранда” [2, с.183], “Насиҳат” [2, с.189], ки мазмуни баланди ахлоқӣ, тарбиявӣ, эстетикӣ ва фолклорӣ доранд. Дар ҳақиқат, ин шеърҳо бо назарияи зерин, ки гӯянда худ ироа кардааст, мувофиқати том доранд:

“Аммо ҳақиқат ин аст, ки ин шоирони тавоно шеъри сапедро ба такаллуф ва тақаллуб нагуфтаанд, балки хостаанд бо матлаб, ҳадаф, ғоя бо камоли садоқат ва бетакаллуфӣ рафтор намоянд” [4, с.5].

Шеъри сафед ҳам имконияти зиёди баёни андеша ва майдони ҷилваи ҳунари шоирона дорад. Шоир Доро Наҷот, ки худ аз саромадони шеъри сафед дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад, оид ба “шеъри сафед” чунин ибрози ақида намудааст: “Воқеан, шеъри сафед як намояндаи бисёр озоди баён аст. Яъне шумо аз тамоми Қоидаҳои назми арӯз озод ҳастед, метавонед фикрҳои зебои худро озодона баён кунед. Шеъри сафед бо вуҷуди озодиаш боз қоидаву қонунҳои қатъии худ, вижагиҳои худро дорад, ки бидуни риояи онҳо на шеъри сафед, балки сухане бо насри шоирона арзи вуҷуд хоҳад кард. Вижагиҳои шеъри сафедро на аз тариқи назария, балки аз тариқи қабули хотир ва зеҳн метавон пазируфт. Худо медонад, шояд ин ҳам як сирри Илоҳӣ аст.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулосае бармеоем, ки шеъри озод дар пеши шоир як масъулияти вазнину қатъиеро мегузорад, ки шоир ба образнокии маънавӣ, ташбеҳу тасвири пуробуранг ва маънии амиқи мазмуни баланди он шеърро таъмин намояд, то ин ки вазну қофия ва дигар аломатҳои зоҳирии шеърро пур карда, хонандаро қонеъ карда тавонад.

Ҳамин тавр, аз баррасии мавзӯи мавриди назар бармеояд, ки Рустам Ваҳҳобзода ба навъҳои шеърии нав таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар қолабҳои арӯзи озод (шеъри нимоӣ) ва шеъри сафед (шеъри шомлуӣ) низ шеърҳои хуби мондагор эҷод кардааст. Вай дар гуфтани шеъри нав аз таҷрибаи шоирони муосири тоҷик дар аввалаи садаи бистум, аз устод Садриддин Айнӣ сар карда то Абулқосим Лоҳутию Ҳабиб Юсуфӣ ва Пайрав Сулаймонӣ, баъдан аз эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор, аз як тараф, таҷрибаи шоирони навпардози хориҷӣ, аз ҷумла шоирони Эрону Афғонистон, аз ҷониби дигар, истифода карда ва муваффақ шудааст. Сирри муваффақияти Рустам Ваҳҳобзодаро дар гуфтани шеъри нав бояд аз он ҳам ҷустуҷӯ кард, ки вай ҳамчун адабиётшинос аз назарияи шеъри нав ва масъалаҳои мубоҳисавии он огоҳии фарох дошта, дар навбати худ, перомуни масъалаҳои шеъри нав асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ваҳҳобзода, Р. Калимаҳо / Р. Ваҳҳобзода // Навқадам (Маҷмӯаи ашъор). – Душанбе: Адиб, 1990. – 416 с.
2. Ваҳҳобзода, Р. Салом / Р. Ваҳҳобзода. - Душанбе: Адиб, 2015. - 255 с.
3. Ваҳҳобзода, Р. Шаҳри Хуршед / Р. Ваҳҳобзода. - Душанбе: Фарҳангистони байналмилалии шеъри ҷаҳон, 2008. – 168 с.
4. Ваҳҳобзода, Р. Шеър ва дониш / Р. Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2017. – 187 с.
5. Миралиева, С. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба шеъри нав ва шеъри сафед дар адабиёти муосири тоҷик / С. Миралиева // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - № 2.
6. Насрулло, К. Ҳарфе ба лаб, як пора ҷон... (Воалайка бар «Салом»-и Рустам Ваҳҳобзода) / К. Насрулло // Адабиёт ва санъат. - Душанбе, 2017. - № 28(1895). - С.10.
7. Наҷот, Д. Шеър дар гӯшае гирён аст (Суҳбати Валиҷон Баёнӣ бо Доро Наҷот, шоир ва барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода) / Д.Наҷот // Ҷавонони Тоҷикистон. - Душанбе, 2007. - №37(8996). - С. 9.

8. Нодирпур, Н. Ку ҳна ва нав / Н. Нодир // Садои Шарқ.- Душанбе, 1968. - № 2. - С.138-144.
9. Сарводаи ватан // Мунтахаби ашъори ватанияи Рустам Ваҳҳобзода бо таҳқиқот, тавзеҳот ва интихоби Ҳафиз Раҳмон. - Душанбе: Пайёми ошно, 2019. - 88 с.
10. Шарифов, Х. Шоир ва шеър. Маҷмӯаи мақолаҳо / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с.

ШЕЪРИ НАВ ВА САФЕД ДАР ЭҶОДИЁТИ РУСТАМ ВАҲҲОБЗОДА

Дар ин мақола мақоми шеъри нав ва шеъри сафед дар эҷодиёти яке аз шоирони маъруфи муосири тоҷик Рустам Ваҳҳобзода таҳқиқ шудааст. Муаллиф дар оғоз андешаҳои худро перомуни эҷодиёти адибони форсу тоҷик, ки дар тӯли таърих бо асарҳои пуразиши худ ҷойгоҳи махсус доштанд, қайд намуда, дар меҳвари баҳси худ ба масъалаи навҷӯию навпардозии шоири муосири тоҷик Рустам Ваҳҳобзода пардохта, оид ба навъҳои шеъри нав, арӯзи нав ва шеъри сафед таҳқиқот анҷом додааст. Шоирони тоҷик маъмулан асарҳои худро дар гузашта бо вазнҳои ҳиҷову арӯз менавиштанд, ки дар адабиёти муосир ин равиши эҷодӣ бо унвони шеърҳои суннатӣ ёд мешавад. Шурӯъ аз оғози асри бистум ва ба таври фарогир дар нимаи дуюми асри гузашта ба баъд дар сохтори шеъри суннатӣ қолабшиканиҳо ба вуқӯъ омад, ки дар ду равиши эҷодӣ хулоса мешавад: шеъри нав ва шеъри сафед. Аз ҷумлаи шоирони навпардоз дар ҳар ду равиши мазкур Рустам Ваҳҳобзода мебошад, ки дар сохтмони шеъри нав такя ба таҷрибаи шоирони ғарбию эронӣ намуда, аз назари муҳтаво ва тарзи баён шеъри тоҷикиро ғано бахшидааст. Шеъри нав дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода ҷойгоҳи махсуси худро дошта, шоир дар ин навъи шеърӣ асарҳои пуразишу хотирмоне эҷод намудааст. Аз таҳқиқ ва натиҷагириҳои муаллифи мақола маълум мешавад, ки дар маҷмӯаи “Салом”-и Рустам Ваҳҳобзода 26 шеъри навъи “шеъри нав” ва дар маҷмӯаи “Шаҳри Хуршед” 5 “шеъри нав” гирдоварӣ шудааст. Нахустин шеъри сафеди шоир дар дафтари “Калимаҳо” дучор мешавад, ки он дар маҷмӯаи муштараки “Навқадам” соли 1990 ба табъ расида буд. Дар маҷмӯаи “Салом” 6 шеъри навъи “шеъри сафед” рӯйи чоп омадааст.

Калидвожаҳо: шеър, шеъри нав, арӯзи озод, шеъри сафед, Рустам Ваҳҳобзода, “Калимаҳо”, “Салом”, “Шаҳри Хуршед”.

НОВЫЙ И БЕЛЫЙ СТИХ В ТВОРЧЕСТВЕ РУСТАМА ВАХХОБЗОДА

В данной статье автором подвергнут рассмотрению такой стиль стиохосложения как новый и белый стих в творчестве одного из известных современных таджикских поэтов Рустама Вахходзода. Автор в начале статьи выказал свои соображения относительно творчества персидско-таджикских поэтов, которые занимали особое место в поэтическом олимпе своими бесценными произведениями в разные исторические периоды, также подверг изучению и рассмотрению тему новаторства в творчества современного таджикского поэта Рустама Вахходзода и высказал свои соображения относительно видов нового стиха, нового аруза и белого стиха. Таджикские поэты в прошлом в основном свои произведения сочиняли с ипользованием системы аруза (метрической системой таджикско-персидского стихосложения), и этот поэтический приём в современной литературе упоминается под названием традиционные стихи. Начиная с двадцатого века и со второй половины прошлого века в структуре традиционного стиха произошло расформирование, которое состоит из двух творческих стилей: новый стих и белый стих. Одним из новаторов использующих эти два поэтических стиля является Рустам Вахходзода, который при сочинении нового стиха делает упор на практику западных и иранских поэтов и сточки зрения содержания и способа изложения обогатил таджикскую поэзию. Новый стих в творчестве Рустама Вахходзода занимает особое место и поэт в этом поэтическом стиле написал очень много ценных произведений. Из исследования и обобщения автора статьи становится очевидным, что в сборниках “Салом” («Здравствуй») Рустама Вахходзода собраны 26 стихов в стиле “новый стих” и в сборнике “Шахри Хуршед” («Город Солнца») 5 “новых стихов”. Первый новый стих поэта можно встретить в книге “Калимахо” («Слова»), который был опубликован в совместном сборнике “Навкадам” («Начинающий ») в году. В сборнике “Салом” («Здравствуй») опубликовано 6 стихов стиля “белый стих”.

Ключевые слова: стих, новый стих, свободный аруз, белый стих, Рустам Вахходзода, “Слова”, “Здравствуй”, “ГородСолнца”.

NEW AND WHITE VERSE IN THE WORKS OF RUSTAM VAKHHOBZOD

In this article, the author examines such a style of stioconstitution as a new and white verse in the work of one of the famous modern Tajik poets, Rustam Vakhkhobzod. At the beginning of the article, the author expressed his views on the work of the Persian-Tajik poets, who occupied a special place in the poetic Olympus with their invaluable works in different historical periods, also examined and considered the topic of innovation in the work of the modern Tajik poet Rustam Vakhkhobzod and expressed his views on the types of new verse, new aruz and white verse. Tajik poets in the past mainly composed their works using the aruza system (the metric system of Tajik-Persian versification), and this poetic technique is referred to in modern literature as traditional poetry. Starting from the twentieth century and from the second half of the last century, a disbandment took place in the structure of traditional verse, which consists of two creative styles: new verse and blank verse. One of the innovators using these two poetic styles is Rustam Vakhkhobzoda, who, when writing a new verse, focuses on the practice of Western and Iranian poets and, from the point of view of content and method of presentation, enriched Tajik poetry. A new verse in the work of Rustam Vakhhobzod occupies a special place and the poet wrote a lot of valuable works in this poetic style. From the research and generalization of the author of the article, it becomes obvious that the collections “Salom” (“Hello”) by Rustam Vakhhobzod contain 26 poems in the style of “new verse” and in the collection “Shahri Khurshed” (“City of the Sun”) 5 “new poems”. The first new verse of the poet can be found in the book "Kalimakho" ("Words"), which was published in the joint collection "Navkadam" ("Beginner") in the year. The collection “Salom” (“Hello”) contains 6 poems of the “white verse” style.

Key words: verse, new verse, free aruz, white verse, Rustam Vakhkhobzoda, “Words”, “Hello”, “City of the Sun”.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Миралиева Сарварӣ Толибовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 917-67-71-11**

Сведения об авторе: ***Миралиева Сарварби Толибовна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 917-67-71-11**

Information about the author: ***Miralieva Sarvarbi Tolibovna*** - Tajik National University, applicant Applicant for the Department of Theory and Contemporary Persian Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 917-67-71-11**

УДК: 891.550

ЗАБОН ВА ТАРЗИ БАЁН ДАР АШЪОРИ КАМОЛ НАСРУЛЛО

Мустаҷобова Р.М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Шеъри шоир ҳамон вақт арзиши воқеии адабию ҳунарӣ пайдо мекунад, ки сифатҳои хосси ҳунарии худро дошта бошад. Дар ин мақола мо масъалаи забон ва тарзи баёнро дар асоси шеърҳои шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло ба миён мегузорем. Агар масъалаи номбурдаро дар саросари эҷодиёти шоир ба таҳқиқ бигирем, доманаи баҳс тӯлонӣ мегардад. Вале барои дар баъзе ҳолатҳо ба сурати умумӣ ба андеша гирифтани масъала ногузирем, чунки коргоҳи эҷодии шоир ба сурати куллӣ хусусияти умумии эҷод ва тарзи баёни шоиронаро ба намоиш мегузорад. Аз ҳамин сабаб дар баёни масъала аз кулл ба ҷузъ мепардозем.

Ба сурати куллӣ шеъри Камол Насрулло, ба таъбири маъмул, шеъри равшан аст. Равшанбаёнӣ яке аз сифатҳои вижаи шоирони муваффақ мебошад. Масалан, шоирони хуби имрӯзаи мо, ки дар байни мардум маҳбубияти зиёд доранд, ба монанди устод Мирзо Турсунзода, Лоиқ, Бозор Собир ва дигарон шоирони равшанбаёнанд, чунонки дар адабиёти классикии мо равшанбаёнӣ хосси сабки устод Рӯдакӣ буд. Шеъри равшан, агарчи хонданаш осон аст, гуфтанаш осон нест, зеро шеъри асил бояд оганда аз маъниҳои бикр ва санъатҳои баланди бадеӣ бошад ва дар мавриди истифода ва корбурди онҳо содаву равшан баён кардани андеша маҳорати баландро тақозо дорад. Аммо равшанбаёнӣ ҳаргиз маънои онро надорад, ки сухан рӯякиву осонфаҳм бошад. Ин сухани равшан метавонад дар умқи худ маъниҳои амиқеро ниҳон дорад ва шеърҳои шоирони бузурги гузаштаи мо аксар ҳамин сифатро доранд. Барои далел банде аз тозатарин шеъри шоирро мисол меорем:

Гиря хандон,
Дард рақсон,
Ғусса дар пушти ҳарири ашк пинҳон аст ин ҷо [5, с.4].

Бубинед, баён хеле фаҳмову равшан аст. “Хандидани гиря” ва “рақсидани дард” дар ин шеър дар паси тасвир зиндагӣ ва рӯзгори таърихии як халқро баён мекунанд, ки барои дарки он хонанда бояд дарки андеша дошта бошад. Яъне, ин халқ он қадар дар пайкари таърихии худ захмҳои беадолатонаро дидааст ва дардҳои рӯзгоронро ниҳон доштааст, ки чун механдад, хандаҳояш гиряҳо дорад ва вақте ки мерақсад, дардҳои ниҳони ӯ ҳам ба рақс медароянд.

“Дар паси ҳарири ашк пинҳон будани ғусса” ҳам як тасвири оддӣ нест, балки тасвирест, ки маъниҳои амиқе дорад. Чунин мисолҳоро, ки далели баёни равшани шоир бошанд, қариб аз ҳар шеъри ӯ метавон мисол овард. Далели дигар:

Зиндагонӣ чист?! Шодон зистан!
Дар дили зулмат дурахшон зистан!
Бори сад номард бар дӯшат, вале
Дар қатори родмардон зистан! [6, с.78].

Баён равшан ва содафаҳм аст. Яъне, “дар дили зулмат дурахшон зистан”-ро метавон чанд саҳифа шарҳ дод ё “бори сад номард бар дӯш дар қатори родмардон зистан” ҳам маъноҳои рамзии худро дорад.

Ба махсусиятҳои забонӣ ва ҳунарии шеъри Камол Насрулло муҳаққиқон ҳам таваҷҷуҳ карда, андешаҳои муҳиммеро иброз кардаанд. Масалан, шоир ва муҳаққиқи афғонистонӣ Муҳаммад Содиқи Исён чунин мушоҳидаи ҷолиб дорад: “Шеърҳои устод Камол Насрулло ҳам аз назари тулӯъи мавзӯӣ ва мазмунӣ қобили диранганд ва ҳам аз назари табъозмоӣ ва истифода аз авзон ва қолибҳои гуногуни куҳан ва нави шеъри форсӣ-тоҷикӣ ва ба ҳамин

гуна, аз ҷиҳати кашфҳо ва кӯшишҳои шоирона, сохтҳо ва пардохтҳои ҳунармандона ва ҳинҷоршиканиҳо ва ҳинҷоргурезиҳои ҷасурона.

Ҳамон гуна, ки аз осори Камол Насрулло бармеояд, ин шоири кӯшо умри азизи шоиронаи худро ҳамроҳ дар ҷиҳати халқи осори бикру бадеъ сипарӣ кардааст. Ӯ бо табъи фаваронеи, ки дорад, бо тамоми ҷону ҳаяҷон ба сурудани шеър пардохта ва бо ҷуръат ва ҷиҳати камназир даст ба таҷрибаҳои арзишманд задааст. Ҳам сиришт ва табиати шеъри куҳани порсӣ чун хун дар шарёнҳои шеъраш ҷорист ва ҳам атри фазои шеъри имрӯз дар нафасҳои гарму гуворои офаридаҳояш сорист” [10, с.5].

Ба мушоҳидаи соҳиби қавли боло, шеърҳои устод Камол Насрулло аз назари “бофтҳо ва бозиҳои шоирона ва техникҳои ҳунармандона”, “гузиниши вожагон”, ки “бо диққат ва васвос анҷом мегиранд” ҷолибанд. Инчунин, “калимаҳо дар меҳварҳои ҳамнишинӣ ва ҷойнишинӣ бо таваҷҷуҳ ва сарогоҳӣ чида мешаванд, дар бофтҳои наҳвӣ тасарруфҳои қобили таъаммуқ ва тааммул сурат мегирад ва ба ҳамин гуна, дар шеърҳои инчунинӣ фирор аз таварруми оддӣ ва сохторшиканиҳои ҷасуронаро метавон эҳсос кард, аносири муҳимми шеърӣ, монанди хаёлу андеша ва забон дар як ҳамоҳангии неруманд дар фазосозӣ ва якпорчагии шеърҳо нақши воҳидеро ифо мекунад. Талмеҳот ва ишораҳо муъҷазанд, тавозин ва таносуб миёни лафз ва маъно ба ваҷҳи аҳсан риоят мегардад ва интихоби танпӯшаҳо ва қолибҳои шеърӣ бо дарназардошти дарунмояи шеърҳо анҷом мегиранд...” [10, с.5].

Шоир ва муҳаққиқи дигар Алиризои Қазва дар хусуси мухтассоти умумии офаридаҳои Камол Насрулло сухан ба миён оварда, дар радифи чандин омилҳо ба баёни нав дар шеър ва нигоҳи нави гӯянда арзиш қоил шудааст: “Гуфтаанд шеър гиреҳгоҳи андеша ва тахайюл аст. Нигариш бар шеъри Камол Насрулло нишон медиҳад, ки шеъри ӯ мавҷи хаёл ва қавоми андеша аст. Шеъри Камол эҳсоси баланд, дарди иҷтимоӣ ва миллӣ ва бовари жарфиро бозтоб медиҳад. Асли дигар баёни нав ва нигоҳи нав аст, ки дар шеъри Камол ҷойи хешро боз кардааст” [1, с.12].

Омилҳои дигаре, ки дар давоми иқтибоси боло донишманди мазкур номбар кардаст, жарфҳои хубӣ доштани андеша ва тафаккур дар шеъри Камол, жарфҳои фалсафӣ ёфтани андешаҳо дар фаровон офаридаҳояш мебошанд. Ҳар ду хусусияти мазкур, ки ба чигунагии тарзи баёни дарунмояи шеър мутааллиқанд, бар мабнои "Манзумаи инсон" ироа шудаанд.

“Камол Насрулло, – менависад донишманди мазкур, – “дар "Манзумаи ин иҷтимоӣ ва инсониро оинадорӣ мекунад ва нишон медиҳад, ки ҷомеаи инсонӣ ба кадом самту сӯ дар ҳаракат аст, одамият чӣ қадар помол аст ва инсонҳо то кадом паймона воруна гардидаанд. Нигариши Камол ба инсон дар "Манзумаи инсон" аз даричаи хирадии фалсафӣ аст. Ин, ки инсонҳо масх шуда ва дар партави таҳаввулоти иҷтимоӣ ва судҷӯиҳо, арзишҳои инсонӣ ранг бохта ва инсон бо хасоисе муҷаҳҳаз гардида, ки ӯро ба ҳайвоноти мухталиф ҳаммонанд сохта аст.

"Манзумаи инсон" бо он ки ин мафҳум дар адаби мо пешина дорад, дар баёну маъниёбии худ беназир аст. Ин манзума дар саросари қаламрави забони форсӣ-дарӣ метавонад хонданитарин суруда бошад**.** Таҳлили хирадмандона бо баёни зебо ва бори фалсафӣ ин манзумаро дар авҷ нигаҳ медорад. Камол дар васфи хасоиси ҳайвонӣ барои инсон тавоноии зиёде нишон додааст. Ӯ тоблу ва ё оинаеро дар баробарат қарор медиҳад, ки ҳар кас "будан" ва ё "шудан"-и хешро дар он меёбад» [1, с.12].

Яке аз вижагиҳои забон ва тарзи баён дар ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло дар халқи таъбирҳои ҷадид мушаххас мешавад, ки аксари онҳоро метавон таъбирҳои имрӯзин номид. Албатта, чунин хусусият, пеш аз ҳама, аз талаботи шеъри ба истилоҳ «мудерн» бармеояд, зеро ки сухани нахусти ҷомеаи мудерн ва мудернита дар арсаи ҳунар навоварӣ ва баёни муосир аст ва дар ин росто шоири муосир ногузир аз навгароист. Имрӯз вожаҳои порина ва таъобири куҳан ё матрукшуда дар шеъри имрӯз корбурди фаровон надорад ва зебоии хешро аз даст додааст. Инсони нав таъбирҳо ва ёфтҳои наверо тақозо дорад. Таъбире, ки имрӯзин аст ва завқи инсони асри фанованиву иттилоотро арза кунад. Камол Насрулло аз ин гуна таъбирҳо дар шеъраш фаровон дорад, ба мисли таркибҳои зерин дар байтҳои ҷудогона:

Накҳати хандаи гул:
Нусрати оби равонро бар равонам ҳадя кун,
Накҳати як хандаи гулро ба ҷонам ҳадя кун [5, с.75].

Як кабудӣ покӣ:
Болҳои нусратамро завқи маънӣ муттакост,
Як кабудӣ покии ин осмонам ҳадя кун [5, с.75].

Рехтани дил аз дида:

Ашки ман хандида мерезад,
Ин дил аст аз дида мерезад [5, с.181].

Рехтани қатраҳои ҷон:

Қатр-қатра ҷони бетобам,
Сӯятон тобида мерезад [5, с.181].

Масъалаи дигар нигоҳи нав аст, ки дар шоирӣ аз ҷумлаи муҳассаноти шоирӣ маҳсуб мешавад. Нигоҳи нави шоир ба ашё ва соири падидаҳо шеъри навро ба вуҷуд меорад. Ин ҷо аз шеъри нав манзур қолиби нави шеърӣ нест, балки шеърест, ки ҳам дар коргоҳи эҷодии шоир ва ҳам дар адабиёти муосир нав бошад ва навии он аз бисёр ҷиҳат бояд боризу ошкор бошад.

Бино ба таъкиди шеършиносон, шеъри нав, яъне нигоҳи нав, ёфти нав ва баёни нав аст. Агар нигоҳ ва дид нав набошад, шеър дар ҳар қолибе, ки суруда шавад, нав ва имрӯзӣ нест. Нигоҳе ба шеъри Камол нишон медиҳад, ки шоир хостааст ёфт ва эҳсоси худро баён кунад, аз ин ҷост, ки сурудаҳояш самимӣ, дилнишин ва имрӯзӣ гардидааст:

Мо оташему ҳезуми мо дар бисоти мост,
Мо хандаему ҳастии мо дар нишоти мост [5, с.75].

Ё ин ғазал, ки комилан бо нигоҳу ҳавои нав ба офариниш омадааст:

Аз киштаҳои умр фақат барги коҳ монд,
Аз баргу бори зиндагиям барги оҳ монд.
Аз роҳҳои ҳастии серӯзаам, дареғ,
Як роҳи охирин, ки надорад пагоҳ, монд.
Дирӯз аҳди худ ба пагаҳ бастаму нашуд,
Имрӯз бар пагоҳу пагаҳ бар пагоҳ монд.
Дар ҳайрату шигифтам аз ин доварии умр,
Садҳо савоб ҳеҷ шуду як гуноҳ монд.
Пурсанд агар, чӣ монд аз ӯ баъди зиндагӣ,
Мегӯ: як оҳ монд, суоли нигоҳ монд [5, с.82].

Масъалаи дигар қолибҳои нав аст, ки ин ҷо манзур ҳамон қолибҳои ҷадиди шеърӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, Камол Насрулло дар навсарои низ офаридаҳои нобе дорад, ки намунаҳои беҳтару бартари ин навъи сурудаҳоро дар шеърҳои ватандӯстонаи шоир ҳам мушоҳида кардан мумкин аст, ба мисли намунаи зерин ва чанд намунаҳои дигар, ки дар мавриди баррасии масъалаҳои ҷудогона дар мабоҳиси пешин аз шеърҳои ватания ҳамчун мисол оварда будем:

Тоҷикистон, Ватани озинам!
Қисмати сангинам,
Қомати тамкинам,
Вожаи ширинам!
Баъди бедоду ҷафои таърих,
Баъди он қадр хатои тақдир,
Омадӣ бо фари эҳё зи варои таърих!
Дигар, эй хоки муқаддас, Ватани маҳбубам!
Ба шукӯҳи шабу файзи саҳарат маҷзубам!...
Ман ба хуни дили худ санги туро ранг диҳам,
Зиннати ишқу фари меҳр ба ҳар санг диҳам [6, с.10-11].

Ин ҷо бахши аввал ва байти охири шеър оварда шуд. Чунонки аз мутолиаи саросарии шеър бармеояд, вобаста ба муҳтаво ва таъкиди маъноӣ сухани шоир дар қолиби мисраҳои шикастаи гуногун ва мустазодгуна рехта мешавад, вақте баёни эҳсос муътадил мешавад, сухан ба қолиби муқаррарӣ медарояд. Ин ҷо ва дар шеърҳои дигаре, ки дар ҳамин қолиб суруда шудаанд, шоир аз имконоти хуби навъи ҷадиди шеърӣ истифода кардааст. Ё худ, ба ҷиҳати дигар, ба гузоштани аломати хитоб таваҷҷуҳ кунем, оё аз ин нишона, ки шоир зиёд истифода кардааст, бо мақсади таъйини мухотаб истифода шудааст? На! Дар ин ҷо динамикаи фикр ва таъкиди ғараз нақши асосӣ дорад.

Як хусусияти муҳимми қолибҳои ҷадиди шеърӣ дар он аст, ки ба шоир имкон медиҳад, то сухани худ, дар дил ва андешаҳои худро дар алоқамандӣ ба меҳани худ ва сарнавишти он иброз кунад. Камол Насрулло аз ҳамин гуна имконияти шеъри нав дар ҳолати зарурӣ огоҳона истифода кардааст. Масалан, аз ҳамин нигоҳ ба шеъри “Шеъри сафеди рӯзҳои сиёҳ” таваҷҷуҳ мешавад, ки дар бораи арзиши он дар миёни ашъори ватанияи шоир қаблан сухан рафта буд.

Забон дар шеъри мавриди назар ҳамон забонест, ки дар дигар шеърҳо шоҳидем, аммо тарзи баён комилан мутафовит аст. Барои ошноӣ бо матн оғози шеър, қолиби мисроъ ва бандҳоро иқтибос карда, сонӣ мулоҳизаҳоямонро идома медиҳем.

Оғози шеър:

Ватан, эй Ватан!
Эй сарнавишти ман, сиришти ман, биҳишти ман!
Чаро гилолуданд рӯдҳои зулолат?
Чаро ҳукмронанд дар осмони кабуд абрҳои сиёҳ?
Садои калоғҳои шум меояд аз боғҳои сабзат... Чаро? [9, с.15].

Мисраи тӯлонӣ:

Миллати ман, эй чанори пас аз ҳазорон сол аз дарун оташ
гирифта! [9, с. 15]

Мисраи тӯлонитар:

Эй оинаи ҳазорсола муҷаллову ҷаҳоннамо, ки имрӯз зарҳалат фурӯ рехтаву чун шишаи тиҳӣ, он сӯи мамнӯи худро намудор кардаӣ» [9, с.15].

Мисраи кӯтоҳ:

Эй мани норасида ба ман... [9, с.15].

Банди шеърӣ:

Боварам нест, боварам нест, боварам нест!!! Он халқ дар хоб аст, дар хоби гарон аст, ҳанӯз субҳ надамидааст. Аз ҳама ин даҳшатҳое, ки шаб гузашт, ӯ бехабар аст. Ҳоло субҳ наздик аст. Субҳ меояд, илоҷи дигар надорад, қонуни зиндагӣ ҳамин аст. Субҳ меояд ва ӯ бедор мешавад, ба худ меояд, оташе, ки ба хонаи сӯхтааш андохтаанд, хомӯш мекунад, ба захмҳои танаш марҳам мемолад, вайрониҳоро обод месозад, номи неки худро соҳиб мешавад. Эй кош!!! [9, с.20].

Чунонки ба назар меояд, ин шеър аз назари қолиб ғайримуқаррарӣ, аммо аз нигоҳи муҳтаво идомаи шеърҳои ватандӯстонаи шоир аст. Сабаби чунин қолибро ихтиёр кардани шоир ифшои комили дарди дил мебошад. Шоир барои ифодаи ҳар як андеша қолиби мувофиқ ба онро ихтиёр карда, дар оғоз ба навъе масъалагузорӣ мекунад, фазои мутағаййири кишварро ба андеша мегирад, баъд аз он ба баёни масъала мегузарад, ҳар ҷо, ки нуктаи гуфтаниеро зарур шуморад, онро то ба охир мерасонад. Боз ин шеърро аз назари муҳтаво таҳлил кунем, шоҳиди андеша ва муҳокимаҳои муҳимме хоҳем шуд. Аз ин ҷиҳатҳост, ки шеъри мазкур ба мақолаи пурдарди публитсистӣ шабоҳат пайдо кардааст, вале баёни шоирона ва эҳсосоти шеърогин шеъриятро побарҷо медорад.

Зимнан, барои маърифати дурусти ин шеър фазои кишварро дар соли 1992 бояд пеши назар овард, ки шеър дар ҳамон фазо ва вақти мушаххас гуфта шудааст. Мутаассифона, насли ҷавони имрӯз, ки он рӯйдодҳои нангинро ба чашми сар надидааст, ба моҳияти масъала сарфаҳм рафтанаш хеле душвор аст. Барои ин бояд таърихи миллатро донем, ки вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди бонангу ори Ватани азиз аст.

Чунин намунаҳо, гузашта аз шеърҳои ватандӯстона, дар дигар шеърҳои шоир, ки ба мавзӯъҳои гуногун оиданд, зиёд дучор мешавад. Аз ин ҷост, ки дар мисоли шеърҳои нимоии шоир Абдурраҳмони Абдуманнон мушоҳидаи ҷолиб кардааст, айни онро ба шеърҳои сапеди шоир ҳам метавон нисбат дод: “Шеърҳои нимоии Камол Насрулло комилан шеъри нави тоҷикианд, аз тақлидҳову истифодаи вожаву таъбирҳои дур аз зеҳни хонандаи тоҷик, мисли “бирка”, “шақоиқ”, “ҳаҷми сабз”, “чиғи бунафш” ва ғайра ориянд, тасвириянд” [2, с.133].

Шеърҳои тасвирӣ дар эҷодиёти шоир зиёданд, вале манзури мо дар ин ҷо таъкиди риояи шеваи тасвирии баён дар коргоҳи эҷодӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат тасвирҳои тозаро ҳам дар шеърҳое, ки дар жанрҳои суннатӣ ва ҳам қолибҳои ҷадиди шеърӣ гуфтанд, дарёфтан мумкин аст, ки аз диди шоирона, дарки махсус ва шеваи баёни махсуси гӯянда далолат мекунанд.

Як масъалаи дигар, чигунагии пайванди шеъри шоир бо гузашта ва имрӯзи шеъри тоҷик аз назари моҳият, забон ва равшании баён мебошад. Аз мусоҳибаи шоир бо Азизи Азиз бармеояд, ки Камол Насрулло дар гуфтани шеър ҳам ба шеъри классикии форсу тоҷик ва ҳам ба шеъри муосир таваҷҷуҳ дорад. Вай дар хусуси “маҳсули садҳо андешаҳо, асарҳову навиштаҳо, китобҳои пешинагон” будани “ҳар шеъри шоир” чунин андеша дорад: “Хоҳед, нахоҳед шумо аз сухан, аз услуб, аз тасвир, аз ҳунари муаллифҳои зиёде хӯшачинӣ кардаед ва шахсияти эҷодии Шумо аз маънавиёти онҳо шакл гирифтааст. Ҳатто бузургтарин шоири дунё Ҳофизи лисонулғайб “содагии забони Рӯдакӣ ва Саноӣ, рӯшании забони Масъуди Саъд, шеваи шӯхи Фаррухӣ, равонии сурудаҳои Анварӣ, зебоии бадавигунаи Манучеҳрӣ ва покизагии забони Саъдиро бо мафоҳими ирфонии Мавлавӣ ва ташбеҳоту киноёти

тааммулангези Хоқонӣ дарҳам омехта ва сабки бадеъро дар арсаи адабиёти тавонгари мо офаридааст” [5, с.7].

Дар ин иқтибос пайванди шеъри шоир бо шеъри классикӣ дар назар аст, инчунин, шеъри шоир бо шеъри муосир ва ашъори шоирони ҷаҳон ҳам иртибот дорад. Дар масъалаи иртиботи шеъри Камол Насрулло бо шеъри суханварони муосир чунин мушоҳидаи Абдурраҳмони Абдуманнон ҷолиб аст: “...чунин паҳлуву тобиши маънӣ (манзур: талқини меҳру муҳаббат ба Ватан дар шеър – М.Р.) қаблан аз шеъри шоири дигар ё худи Камол ба мо ошно намояд ҳам, боз мебинем, ки ҳарфи ногуфтае, намои нодидае ва маънии нуҳуфтаеро ӯ ёфтааст, дидааст, ошкор намудааст ва ҳазм кардаасту гуфтааст” [2, с.126]. Яъне, сухани Камол Насрулло бо ҳама тобишҳои маъноӣ ва забону тарзи баён хосси худи вай мебошад.

Камол Насрулло чун мутахассис аз шеваҳои баёни шоирони мосири тоҷик ва муҳтавои назми классикиву муосири рус огаҳии комил дорад, бинобар ин, шоир дар баробари назми хаттиву даҳонии тоҷик аз назми пурмуҳтавои рус низ истифода карда, аз олами рангину мухайял хӯшачиниҳо кардааст.

Хулоса. Аз баррасии масъалаи чигунагии забон ва тарзи баён дар шеърҳои Камол Насрулло бармеояд, ки забони шоир дар шеърҳои дар ҳамаи қолибҳои адабӣ сурудааш ҳамгун аст. Шоир аз истифодаи калимаҳои душвор парҳез мекунад, ифодаҳояш возеҳу равшананд, аз назари истифодаи калима ва таркибҳо аксари онҳо ба талаботи фасоҳати калом ҷавобгӯ мебошанд. Аммо аз назари тарзи баён миёни шеърҳо тафовутҳои назаррас мавҷуданд, ки, пеш аз ҳама, аз талаботи жанрии шеърҳо ва хосияти мотивҳои шеърӣ бармеоянд. Камол Насрулло дар саросари эҷодиёташ ба тарзи тасвир ва шеваи ироаи паём низ аҳаммияти зиёд медиҳад. Шеваи тасвирии паём дар шеърҳо яке аз боризтарин махсусиятҳои тарзи баёни шоир аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиризо, Қазва. Камол Насрулло – шоири андарзу панд / Қазва, Алиризо // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2016. – № 16. – С. 12-14.
2. Абдурраҳмони А. Дар шинохти шеъри нағз / А. Абдурраҳмон // Садои Шарқ. – Душанбе, 2014. – № 9. – С. 126-136.
3. Аъзам Аминов. Дар роҳи Камол / Аминов Аъзам // Садои Шарқ. - Душанбе, 1982. - № 1. – С. 7-10.
4. Кошифи Кароматулло. Рӯзгори ибратбахш / Кароматулло Кошифӣ // Чархи гардун. - Душанбе, 2002. - С.2-4.
5. К. Насрулло. Дар фурудгоҳи як таманно / Насрулло, К. – Душанбе: Адиб, 2013. – 272 с.
6. К. Насрулло. Дар оғӯши хазонрез / Насрулло, К – Душанбе: Адиб, 2018. – 255 с.
7. К. Насрулло. Тоҷикистонро дигар қисмат макун / Насрулло, К. – Душанбе: Адиб, 1996. – 192 с.
8. Насрулло, К. Нусрати дасти фишурда / К.Насрулло // Пайванд. – Душанбе, 2015. – № 4. – С. 58-59.
9. Насрулло, К. Гулхани гул / К. Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2013. – 50 с.
10. Муҳаммад Содиқи Исён. Акси як ишқи гумшуда / Исён, Муҳаммад Содиқ // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2014. – № 41. – С. 6-8.
11. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик / Мирзозода Холиқ. Китоби I-II. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.

ЗАБОН ВА ТАРЗИ БАЁН ДАР АШЪОРИ КАМОЛ НАСРУЛЛО

Дар мақола муаллиф вижагии ашъори шоири халқии Тоҷикистон, Камол Насруллоро, ки дар он масъалаи забон ва тарзи баён дарҷ гардидааст, мавриди баррасии густурдаи хеш қарор додааст. Дар натиҷаи таҳлил муаллиф ба чунини хулоса меояд , ки шоир дар эҷодиёташ равшанбаёниро, ки сифати вижаи осори шоирони муваффақ мебошад, рисолати аввали худ чун шоир ҳисоб намудааст. Ба ин тарз осори арзишманде таҳияву таълиф намудааст, ки шоистаи таҳсину таҳқиқ аст. Ба фикри муаллиф равшанбаёнӣ хосси сабки устод Мирзо Турсунзода, Лоиқ, Бозор ва дигар шоирони номдор мебошад, ки дар байни мардум маҳбубият пайдо намудаанд. Муаллифи мақола, масъалаи забон ва тарзи баён дар ашъори Камол Насруллоро мавриди таҳлил қарор дода, ба чунин хулоса омадааст, ки шоир барои пурқувват шудани таҳқиқоти бадеии хеш ба осори бузургони адабиёт рӯйи ниёз овардааст. Дар осори худ мекӯшад, ки бо такя бар маънавияту хиради ниёгон ашъори худро ғанӣ намояд ва бо диди нав, андешаи нав ва забони содаву оммафаҳм ба хонанда пешниҳод намояд. Мусаллам аст, ки шеъри равшанбаён агарчи хонданаш осон аст, гуфтанаш осон нест. Зеро шеъри асил бояд оганда аз маъниҳои тоза ва санъатҳои баланди бадеӣ бошад ва дар мавриди истифода ва корбурди онҳо содаву равшан баён кардани андеша, аз шоир маҳорати баландро талаб мекунад. Муаллиф дар баррасии масъалаи чигунагии забон ва тарзи баён дар шеърҳои Камол Насрулло ба натиҷае мерасад, ки шоир аз истифодаи калимаҳои душвор парҳез мекунад, ифодаҳояш возеҳу равшананд, аз назари истифодаи калима ва таркибҳо аксари онҳо ба талаботи фасоҳати калом ҷавобгӯ мебошанд. Дар мақола ба масъалаи забон ва тарзи баён дар ашъори Камол Насрулло пажӯҳиш анҷом дода шуда, кӯшиши равшанӣ андохтан ба масъалаи боло зикр ба харҷ дода шудааст.

Калидвожаҳо: Камол Насрулло, шоир, забон, ашъор, шеър, муаллиф, адабиёт.

ЯЗЫК И СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ В ПОЭЗИИ КАМОЛА НАСРУЛЛО

В статье автор подробно исследовал особенность поэзии народного поэта Таджикистана Камола Насрулло, в которой отражены вопросы языка и способы выражения. В ходе исследования, автор приходит к выводу, что поэт в

своем творчестве главной своей задачей считает простоту выражения, что является отличительным качеством творчества успешных поэтов. По мнению автора, простота выражения свойственна стихам таких известных поэтов, как Мирзо Турсунзода, Лоик, Бозор и других выдающихся поэтов, которые широко прославлены среди народа. Автор статьи, исследовав вопросы языка и способы выражения в поэзии Камола Насрулло, пришел к выводу, что хоть и легко читать стихи, сочиненные в простой форме, но их создание довольно непростое дело. Ведь настоящие стихи должны состоять из высоких поэтических средств, и в ходе их применения требуется высокое мастерство для передачи мысли в простой и доступной форме. В статье огромное внимание уделяется вопросам языка и способам выражения в творчестве Камола Насрулло, автор также стремился внести ясность в вышеназванные вопросы данной статьи.
Ключевые слова: Камол Насрулло, поэт, язык, творчество, поэт, автор, литература.

LANGUAGE AND STYLE OF KAMOL NASRULLO'S POETRY

In the article, the author investigated in detail the feature of the poetry of the national poet of Tajikistan Kamol Nasrullo, which reflects the issues of language and ways of expression. In the course of the study, the author concludes that the poet in his work considers simplicity of expression as his main task, which is a distinctive quality of the work of successful poets. According to the author, the simplicity of expression is characteristic of the poems of such famous poets as Mirzo Tursunzoda, Loik, Bozor and other prominent poets, who are widely glorified among the people. The author of the article, having studied the language issues and the means of expression in the poetry of Camola Nasrullo, came to the conclusion that although it is easy to read poems composed in a simple form, their creation is quite a difficult task. Indeed, these verses should consist of high poetic means, and in the course of their application high skill is required to convey thoughts in a simple and accessible form. The article pays great attention to language issues and ways of expression in the work of Kamol Nasrullo, the author also sought to clarify the above issues of this article. In this article investigated language and style of Kamol Nasrullo's poetry.
Key words: Kamol Nasrullo, poet, language, poems, author, literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мустафобова Рудоба Мукаррамшоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6. E-mail: **rudobaimukarram @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-80-15-03; 224-58-89**

Сведения об авторе: ***Мустаджобова Рудоба Мукаррамшоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзаде, соискатель кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **rudobaimukarram @ mail.ru.** Тел.: **(+992) 934-80-15-03; 224-58-89**

Information about the author: ***Mustajobova Rudoba Mukarramshoeva*** - Tajik State Institute of Languades named after S.Ulugzoda, aspirant of the Applicant for the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **rudobaimukarram @ mail.ru.**
Tel.: **(+992) 934-80-15-03; 224-58-89**

УДК:981.550:82.09

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ МАТНҲОИ ЧОПИИ РОМАНИ "ВАФО"

Нуруллозода С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Романи "Вафо" – и Фотеҳ Ниёзӣ аз ҷумлаи асарҳои барҷастаи адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад, ки дар ҳалли мавзӯи ҷанг, ба вуҷуд овардани таърихи бадеии муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони фашистӣ дар адабиёти тоҷик ҳиссаи муҳимме гузошт. Хонандаи имрӯз тавассути он аз таърих ва ҳаёти мардуми тоҷик дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои аввали баъдиҷангӣ воқиф мегардад.

Дар бораи ин асар як зумра олимон, адабиётшиносон ва адибони дохилию берун аз кишвар, ба монанди С. Айнӣ, М. Шукуров, М. Турсунзода, С. Табаров, А. Шарифов, А. Сайфуллоев, Л.С. Кирянов, П.С. Фатеев изҳори ақида кардаанд.

Фотеҳ Ниёзӣ қисми аввали романи "Вафо" - ро ибтидои соли 1949 дар шумораҳои 5,7, ва 8 – и маҷаллаи "Шарқи Сурх" нашр намуд. Дар ҳамин сол нависанда асарро дар шакли китоб, ки аз 15 боб ва хотима иборат аст, ба табъ мерасонад. Асар бо эпиграфи зерин оғоз мегардад: "Ин асар ба шарафи бистсолагии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки беҳтарин фарзандони вай дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар зидди истилогарони немисӣ-фашистӣ баҳри озодӣ ва истиқлолияти Ватани кабирамон диловарӣ ва ҷонбозиҳои беназир нишон доданд, бахшида мешавад" [4, с.1].

Аз он замон "Вафо" чанд бори дигар бо таҳриру иловаҳои нав нашр мегардад. Ба забони русӣ ин асарро бори аввал Нашриёти давлатии Тоҷикистон ва дар соли 1950 нашриёти "Советский писатель" чоп кард. Китоби якуми "Вафо" сентябри соли 1949 дар Даҳаи санъат ва адабиёти тоҷик дар Маскав дар байни нависандагону адабиётшиносон дар қатори дигар асарҳои соҳаи наср мавриди муҳокима қарор гирифт. Аз тарафи адабиётшиносон И.С.

Брагинский, С.Л. Кирянов ва П.С. Фатеев ба асар баҳои баланд дода шуда ва дар айни замон нуқсонҳои ҷудогонаи он мавриди танқид қарор гирифт. “Хочу остановиться на книге Ниязи «Верность», - қайд кардааст С.Л. Кирянов. – Это повесть произвела на меня большое впечатление с точки зрения законченность и литературной сделанности. Мне кажется, что это наиболее законченное произведение. Книга Ниязи – яркая, сильная и звучит сегодня по – настоящему. То новое что даст автор в своей повести обогащает советского читателя, обогащает нашу литературу” [2, с.66].

Бояд гуфт, ки романи “Вафо” аз тарафи Ю. Смирнова ба забони русӣ тарҷума шудааст, бинобар ин, махсусан норасоиҳои забонии асар, чи хеле ки И.С. Брагинский қайд мекунад: “Дар тарҷумаи русӣ онҳо эҳсос намешаванд, вале дар матни тоҷикӣ мушоҳида мешаванд. Фикр мекунам, ки дар ин ҳолат ҳам муаллиф ва ҳам муҳаррир [муҳаррири матни тоҷикии асар нависанда Ҷ. Икромӣ аст – Н.С.] бисёр чизҳоро ислоҳ накардаанд” [2, с.75].

Дар ҳақиқат, дар нашри аввали роман камбудиҳо ва норасоии зиёд дида мешуд. Махсусан, норасоиҳо дар забони асар зиёдтар мушоҳида мешуд. Ин нуқтаро, аз ҷумла мунаққид Соҳиб Табаров зери танқид гирифта, иброз доштааст, ки “Дар масъалаи хушсифат баромадани асари бадеӣ роли муҳаррирон хурд нест. Вале, мутаассифона, муҳаррири романи “Вафо” Ҷалол Икромӣ дар масъалаи ислоҳ намудани баъзе норасоиҳои он камтар кор кардааст. Рафиқ Ҷалол Икромӣ метавонист, аксари норасоиҳои забонӣ ва композитсионии асари Фотеҳ Ниёзиро ба нависанда нишон диҳад ё ба мадади ӯ ояд. Аз ҷумла, дар романи “Вафо” даҳҳо хатоҳои имлоӣ ва услубӣ аз қабили фараҳбамтар [с.86] ба ҷойи фараҳбахштар, ба чамаам [с.83] ба ҷойи бачаам, монанд [с.119] ба ҷойи монданд, қувваи гирифтани [с.129] ба ҷойи қувва гирифтан, паз]с.139[ба ҷойи пас, зада [с.220] ба ҷойи зарба, дамгарӣ [с.283] ба ҷойи дамгирӣ, чӣ хеӣ [с.342] ба ҷойи чӣ хелӣ ва ғайраҳо ҷой доранд, ки барои ислоҳи онҳо муҳаррир саҳм гузошта метавонист [8, с.350]. Ҳамаи камбудиҳое, ки дар боло зикр гардиданд, ба нашри якуми роман, яъне ба матни соли 1949 рабт доранд.

Боз як нуктаи муҳимме, ки Соҳиб Табаров ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ин номувофиқ омадани сухани иштирокдорони асар мебошад. Чи тавре ки маълум аст, як қисми воқеаҳои асар дар водии Ҳисор дар қишлоқи Ҷӯйбор мегузарад, вале персонажҳои он бо забоне гап мезананд, ки он на ба шеваи аҳолии Ҳисор ва на ба забони адабӣ мувофиқат дорад. Ҷумлаҳои зерин далели гуфтаҳои болост: “Худо хайри муаллимаро диҳад, духтари қобил ҳамаи корро гуфтагетон барин саришта кардисос” [4, с.16], “Амакатон ин гапҳоя бечиз намегӯяд, инро хуб фаҳмида монед, дар ин кору бор гӯштамон фаромада, пӯстамон рехта, мӯямон сафед шуд-ку, ҷиянам. Бед монед, алами куҳнаро тоза накунед” [4, с.30], ”Садқетон гардам, боботон аз маърака дер мондааст-дия. То ин ҷонвара аз қир пеш карда омаданам, аллакай, корвон рафта мондааст” [4, с.33]. “Шумо ҳам ба хона мерафтагед?” [4, с.50], “Ҳа, мана ман, аз ин ҷо бед, хоҳар” [4, с.55] ва ғайра. Дар ин ҷумлаҳо, бештари ибораю калимаҳои гуфтагетон, кардисос, бечиз, бед монед, садқетон, аз қир, мерафтагед, ин ҷо бед, ҳуйт мегирад, кияда кӣ, иқир-чиқир, омадисему омадисем, ӯзамон, биноӣ, мебенӣ, мех боин ва монанди онҳо ба шеваи мардуми Ҳисор хос нестанд ва қисми зиёди хонандагони тоҷик ба маънои ин калима ва ибораҳои лаҳҷавӣ сарфаҳм намераванд, чунин тарзи суханронии онҳо на ба қонуни забони зиндаи халқ ва на ба нормаи забони адабӣ мувофиқат мекунанд. Бинобар ҳамин, забони ҳеҷ яке аз ин қаҳрамонон фардӣ нагардидааст, иброз намудааст Соҳиб Табаров [8, с.352].

Ғайр аз ин, камбудии дигар аз норасоиҳои забонӣ ва услубии романи “Вафо” он аст, ки нависанда дар баъзе ҷойҳои роман калимаҳои русӣ ва ӯзбекиро бе мавқеъ кор мефармояд, ҳол он ки муродифи ин гуна калимаҳоро дар забони тоҷикӣ ёфтан мумкин аст. Масалан, дар ҷумлаҳои зерин ин ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст: ”Пагоҳии барвақт як сари қадам омада, боз ҳамроҳи уполномочени райком баромада рафта буданд” [4, с.26]. “Олам гулистон, ҳамаи кор парадка гӯед?” - гуфт Бобо ба Сафар”... Ба ҷияни мудири магазини сельпо Мирбадал - котиби колхоз Мамараҷаб ҳам повуска омадааст” [4, с.49]. “Ба мо ҳам очередь меомада бошад” [4, с.78], “Мудира сад фоиз корҳоя папарадка бурда истодаанд” [4, с.82] ва монанди инҳо.

Дар ҳақиқат ҳам, қисми якуми роман дорои баъзе камбудиву норасоиҳо буд. Ин нуқтаро дарк намуда, нависанда соли 1954 қисми якумро аз сари нав бо таҳриру иловаҳо рӯйи чоп оварда. Муҳаррири нашри 1954 Нурматов Н. мебошад.

Норасоиҳои чопи аввали “Вафо” аз назари устод Айнӣ низ дур намондааст. Устод ба Фотеҳ Ниёзӣ барои чунин асараш баҳои баланд додааст, ҳамчунин аз камбудиҳо ёдрас шудааст. Устод Айнӣ фақат як нуктаро зери танқид гирифтааст. Ин ҳам бошад истифодаи ноҷоизи калимаи амма ва хола мебошад. Худи Фотеҳ Ниёзӣ дар китоби “Айнӣ дар хотироти

дӯстон ва шогирдон” ёдовар шудааст: “Баъд аз нашри қисми якуми романи “Вафо” рӯзе дар боғи ҳукуматӣ ба зиёрати домулло омадам. Домулло каме нотоб буданд, бо вуҷуди ин дар дасташон китоби “Вафо” машғули мутолиаи он буданд. Маро аз рӯ ба рӯяшон шинонданд ва якбора саволборон карданд:

– Шумо амма доред?

– Дорам, - гуфтам.

– Хола чӣ?

– Хола ҳам дорам, - ҷавоб додам каме дасту по гум карда.

–Амма кию, хола кӣ? – пурсиданд боз домулло.

–Амма, гуфтам, хоҳари падар, хола – хоҳари модар.

Домулло камтар оташин шуда гуфтанд: Модоме ки ҳамин тавр аст, чаро шумо, бародар, дар китобатон дар як саҳифа хоҳари падари қаҳрамонатон Зебиро хола меномеду дар саҳифаи дигар амма. Аз афти кор дар вақти навиштан русӣ фикр кардед, ки ба забони русӣ аммаро ҳам, холаро ҳам “тӯта” мегӯянд” [1, с.46].

Дар ҳақиқат, вақте кас ба матни соли 1949 романи “Вафо” таваҷҷуҳ мекунад, чунин саҳви нависанда ба назар мерасад. Дар ҷумлаи зерин Зебиро холааш парасторӣ мекунад. “Худаш ҳам Сафар барин бепадару модар, дар дасти холааш ятима калон шуд, аз хурдеш духтари бамаънӣ, ҳушёру кордон аст. Холааш ҳам заифи фақиракак. Хайр, кошкӣ тезтар ба муроду мақсадашон мерасиданд” [4, с.45].

Дар саҳифаи дигар бошад ба ҷойи калимаи “хола” “амма ” омадааст: “Солҳои бачагии Зебӣ дар ҳамин қишлоқ гузашт. Вай баъд аз вафоти падару модараш, дар дасти аммааш Бибизайнаб монд [2, с.47]”. Аз нашри соли 1954 маълум гардид, ки дар ин ҷо асосан калимаи амма дуруст будааст.

Дар айни ҳол Ф. Ниёзӣ китоби дуюми романро таълиф мекунад, ки он соли 1957 дар шумораҳои 4 [саҳ. 49-71], 5 [саҳ. 24-40], 6 [саҳ. 31-50], 7 [саҳ. 10-28], 8 [саҳ. 31-53], 9 [саҳ. 54-78], 10 [саҳ.3-28], 11 [саҳ.22-44], 12 [саҳ. 43-66] ва соли 1958 [1саҳ.32-51], 2 [саҳ. 75-99], 3 [саҳ.67-78] нашр шуд. Муҳаррири китоби дуюм суханшинос Шукуров М. мебошад. Ин китоб ҳам аз назари муҳаққиқон ва адабиётшиносон дур намондааст.

Китоби дуюми роман идомаи бевоситаи китоби якум мебошад. Дар китоби дуюм нақли нависанда дар атрофи тақдири минбаъдаи образҳои асар, ки аз китоби якум ба мо шиносанд, меравад: лейтинанти калон Сафар Одинаев - директори собиқи мактаби қишлоқи Ҷӯйбор: номзади ӯ - Зебӣ муаллима ва баъд директори ҳамин мактаб, акои Олим - раиси колхози “Коммуна”, парторг Одил Сардор ва дигарон амал мекунанд. Дар қисмати дуюми роман низ норасоиву камбудиҳо вуҷуд дорад, ки ин ҳолатро, аз ҷумла, устод Мирзо Турсунзода басо муфассал қайд кардааст, ки бинобар аҳаммияти таърихӣ ва бадеияш онро пурра манзури хонанда менамоем: “Қатъи назар аз якчанд ҷиҳатҳои хуб роман [китоби дуюми “Вафо” – Н.С.] камбудиҳои зиёде дорад. Муаллиф, пеш аз ҳама, ҳисси андозаро фаромӯш карда, даркору нодаркор асарро кашола додааст. Охир асари бадеӣ монанди резинка нест, ки онро чӣ қадаре ки хоҳед, метавонед кашед ва дароз кунед. Асар амалиётро мехоҳад”.

Дуюм, ин қисми роман ба образи Сафар, ки қаҳрамони асосӣ мебошад, ҳеҷ чизи наве илова намекунад. Дар қисми дуюм Сафар як одами шахшудамонда, дар аксари мавридҳо бисёр содалавҳ баромадааст, ки роли ҷанговари тоҷикро паст мекунад. Бо иродаи муаллиф вай бисёр корҳои ҳайратовар мекунад, масалан, муддати дуру дарозе ба маъшуқаи худ Зебӣ мактуб наменависад. Ин худписандии сунъии Сафар беасос баромадааст.

Умуман, дар роман воқеаҳои бисёре тасвир ёфтаанд, ки онҳоро нависанда пешакӣ фикр карда ва аз рӯйи як схемаи муайян тартиб додааст. Масалан, тафтиши раиси колхоз дар натиҷаи хароҷоти ғайриқонунӣ ва ҳуҷҷатҳои қалбакии ҷонишини ӯ Улфатов ним сол кашол меёбад.

Савум, дар роман саҳифаҳои бисёре ҳастанд, ки ба қатор-қатор овардани фактҳои хушку холӣ, ба ташвиқоте, ки ба забони газета навишта шудааст [ба агитка], ба тасвири рӯякии воқеаҳо бахшида шудаанд. Муаллиф дар қисми дуюм конфликти асосӣ, яъне проблемаҳоеро, ки ба ҳаёти ақибгоҳ дар замони ҷанг хос буданд, набардоштааст. Муаллиф образи қаҳрамонзани асосӣ – Зебиро ҳам беобуранг тасвир кардааст. Ин образ беҳаракат буда, дар рафти воқеа маънан намесабзад. Мо танҳо як қиёфаи камҷон, тасвири хираи зани тоҷикро мебинем. Ҳатто мукотибаи байни Сафар ва Зебӣ бисёр хушк, бе ҳарорати дил ва расмӣ баромадааст. Мактубҳои онҳо на мактубҳои ошиқон, балки мукотибаи одамони дилсард мебошад, ки бо ҳамдигар бо забони расмӣ гуфтугӯ мекунанд. Умуман, забони роман хушк буда, аксари иштирокчиёни роман нутқи ба худ хос надоранд. Ба фикри мо, ба муаллиф лозим буд, ки қисми дуюми асари худро бераҳмона нисфӣ мухтасар карда, бо қисми якум ба

сифати як китоб чоп мекард. Афсӯс, ки дар ин ҷо Фотеҳ Ниёзӣ на ба худ ва на ба хонанда раҳм кардааст [9, с.39].

Норасоиҳои матнҳои пешини чопии романи “Вафо” аз назари М. Шукуров низ дур намондааст. Муҳаққиқ ба монанди дигар мунаққидон, пеш аз ҳама, ба забони асар ва хусусиятҳои грамматикии он диққати ҷиддӣ додааст. Ҳамчунин дигар паҳлуҳои романро низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Нуқтаи муҳимме, ки ӯ иброз доштааст ин ислоҳ накардани камбудие, ки мавриди танқид қарор гирифта шуда буд, мебошад: “Дар айни замон қайд кардан лозим аст, ки нависанда дар вақти ба чопи дуюм тайёр намудани асар баъзе камбудиҳои дигари онро, ки низ танқиди адабӣ нишон дода буд, ислоҳ накардааст. Дар муҳокимаи Даҳрӯзаи адабиёти тоҷик дар Москав [1949] хотиррасон карда шуда буд, ки нависанда дар якчанд ҷойи асар дар бораи характери Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва моҳияти ифода ёфтани дӯстии халқҳои мамлакати мо дар ин ҷанг нуқтаи назари нодурустеро пеш меронад [11, с.42-58]. Аз ин ақидаи ӯ чунин маълум мешавад, ки гӯё тоҷикон ба Ҷанги Ватанӣ бояд аз он сабаб иштирок намоянд, ки халқи рус дар солҳои босмачигарӣ ба халқи тоҷик ёрӣ дода буд, аммо акнун Гитлер ба халқи рус ҳуҷум кардааст ва ба халқи рус ёрӣ додани тоҷикон зарур аст. Ин фикр, бешубҳа, нодуруст аст”. Фашизми Германия ба Ватани Советӣ – ҷанги тамоми халқҳои бародарии СССР бар зидди фашизм буд. Тамоми повести “Вафо” низ ба воситаи идеяи асосӣ ва образҳои бадеии худ ин ҳақиқатро тасдиқ менамояд, аммо нависанда бо он суханҳои худ ба моҳияти тамоми воқеаҳои асар зид мебарояд. Дар чопи нав ислоҳи ин хато зарур буд [11, с.58].

Ҳангоми дар қайди ҳаёт будани нависанда асар боз чанд маротибаи дигар бо таҳриру иловаҳои нав нашр шуд. Соли 1984 нашриёти “Ирфон” асарро дар ду ҷилд чоп намуд ва муҳаррир Султонова буд. Дар соли 1966 бошад, муаллиф ба роман таҳрири ҷиддӣ дароварда, онро рӯйи чоп оварда, ки муҳаррир Холмуҳаммадов мебошад.

Генерал якдам Сафарро ба ҳоли худ гузошта аз кисаааш папирос бароварда кашиду баъд аз каме сукут ба китфи Сафар даст монда гап зад [4, с.352].	Генерал якдам ба ҳоли худ гузошта аз кисааш папирос бароварда кашиду баъд аз каме сукут ба китфи Сафар даст монду орому маъюсона гуфт [5, с.361].

Дар ҳақиқат, дар чопҳои аввал, чи хеле ки мунаққидон ва суханварон қайд кардаанд, сухани персонажҳо расмӣ ва хушку ноҳамвор ба назар мерасанд, ки хоси асари бадеӣ намебошанд. Масалан, Генерал Балашов Сафарро тасаллӣ медиҳад. Дар матни аввал тасаллидиҳанда оид ба ғамхории Ватан ва Партияи Коммунистӣ сухан меронад, ки ин ба ҳолати рӯҳии азодор тамоман мувофиқ нест. Ва ин костагӣ дар матнҳои минбаъдаи асар, як андоза ислоҳ гардидааст:

Ин хабар маро ҳам беинтиҳо ғамгин кард, писар. Афсӯс, ки модаратон шуморо дар ин сарулибос ва дар сифати ҳозираатон дида натавонист. Аммо ҳаминро хуб дар хотир дошта бошед, ки мисли шумо писарони ба нони намаки Ватани худ то охир вафодор дар ҳеҷ куҷо ва ҳеҷ гоҳ ятиму бекасу кӯй наемонанд. Ба як китфатон модари ҳамаи мо – Ватан, ба китфи дигаратон Партияи Коммунистӣ дасти падаронаи худро гузоштаанд, ки ин дастони тавоно шуморо аз модару падари худатон ҳам афзалтар парасторӣ мекунанд, ба ошёнаҳои нави ҳаёт баланд мебардоранд [5, с.361].	Оре, писари азиз, ба сари шумо кулфати сахт афтодааст. Аз модар маҳрум шудан боз дар як вазъияте, ки ду чашми ӯ дар роҳи шумо ин қадар интизорӣ мекашид, хеле андуҳи вазнин аст. Бигузор хотираи азизи ӯ дар дили шумо, дар дилҳои ҳамаи он касоне, ки ӯро медонистанду мешинохтанд, зиндаи ҷовид монад [6, с.390].

Ҳамин тариқ, як назари сабук ба таърихи матнҳои чопии романи “Вафо” моро ба хулосае меоварад, ки матнҳои аввали роман бо норасоӣ дар мундариҷа ва шакли асар ба табъ расидаанд. Нависанда Фотеҳ Ниёзӣ минбаъд бо дарназардошти мулоҳизаҳои мунаққидону суханварон асарро борҳо таҳрир мекунад ва дар натиҷа матни асар аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва забону услуб комил гардида, ба хонанда ғизои маънавӣ ва завқи бадеӣ мебахшад. Ин аст, ки романи “Вафо” чун ҷангнома дар замони Тоҷикистони соҳибистиқлол низ аз аҳаммияти таълимию тарбиявӣ ва эстетикӣ бархӯрдор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Дар хотироти дӯстон ва шогирдон / С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 256 с.
2. Декада таджикской советской литературы в Москве. – Сталинобод: Таджикгосиздат, 1950. – 166 с.
3. Кӯчаров А. Матншиносӣ / А.Кӯчаров. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 223 с.

4. Ниёзӣ Ф. Вафо / Ф.Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1949. – 351 с.
5. Ниёзӣ Ф. Вафо / Ф.Ниёзӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. – 361 с.
6. Ниёзӣ Ф. Вафо / Ф.Ниёзӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 390 с.
7. Ниёзӣ Ф. Вафо / Ф.Ниёзӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 688 с.
8. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1984. - 400 с.
9. Турсунзода, М. Ҳаёт ва адабиёт (Маърӯза дар анҷумани ıV = уми нависандагони Тоҷикистон) / М. Турсунзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1959. – 60 с.
10. Шарипов Ҷ. Инъикоси Ҷанги Бузурги Ватанӣ / Ҷ.Шарипов. - Душанбе: Дониш, 1981. – 148 с.
11. Шукуров М. Дар бораи романи “Вафо”. Муваффақият ва камбудиҳои он / М.Шукуров // Ахбороти шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. - Академияи РСС Тоҷикистон, 1956. - Бароиши 9. - С. 55–71.

НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ МАТНҲОИ ЧОПИИ РОМАНИ “ВАФО”

Романи “Вафо” – и Фотеҳ Ниёзӣ аз ҷумлаи асарҳои барҷастаи адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад, ки дар ҳалли мавзӯи ҷанг, ба вуҷуд овардани таърихи бадеии муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони фашистӣ дар адабиёти тоҷик ҳиссаи муҳимме гузоштааст. Фотеҳ Ниёзӣ қисми аввали романи “Вафо” – ро ибтидои соли 1949 дар шумораҳои 5, 7 ва 8 – и маҷаллаи “Шарқи Сурх” нашр намуд. Дар ҳамин сол нависанда асарро дар шакли китоб ба табъ мерасонад. Аз он замон “Вафо” чанд маротибаи дигар бо таҳриру иловаҳои нав нашр мегардад. Муаллифи мақола дар такя ба ақидаҳои мунаққидону адабиётшносон таъкид менамояд, ки дар нашри аввали роман камбудиҳо ва норасоиҳои зиёд дида мешуд. Норасоиҳо дар забони асар зиёд мушоҳида мешуданд. Боз як нуқтаи муҳимме, ки ба он таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ин номувофиқ омадани суҳани иштирокдорони асар мебошад. Ғайр аз ин, камбудии дигар аз норасоиҳои забонӣ ва услубии романи “Вафо” он аст, ки нависанда дар баъзе ҷойҳои роман калимаҳои русӣ ва ӯзбекиро бе мавқеъ кор фармудааст, ҳол он ки муродифи ин гуна калимаҳоро дар забони тоҷикӣ ёфтан мумкин аст. Ин нуктаро дарк намуда, нависанда соли 1954 китоби якумро аз сари нав бо таҳриру иловаҳо рӯйи чоп меовард. Соли 1958 нависанда китоби дуюми романи “Вафо” – ро чоп мекунад, ки он бевосита идомаи китоби якум мебошад. Дар нашри дуюм сухан дар атрофи ҳаёти минбаъдаи қаҳрамони асосии асар – Сафар Одинаев меравад. Нависанда Фотеҳ Ниёзӣ минбаъд бо дарназардошти мулоҳизаҳои мунаққидону суханварон асарро борҳо таҳрир мекунад ва дар натиҷа матни асар аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва забону услуб комил гардида, ба хонанда ғизои маънавӣ ва завқи бадеӣ мебахшад.

Калидвожаҳо: забон, асар камбудӣ, ҷанг, китоб, таърих, хатогӣ, таҳрир, илова.

ОБ ИСТОРИИ ПЕЧАТНЫХ ИЗДАНИЙ РОМАНА «ВЕРНОСТЬ» ФОТЕХА НИЯЗИ

Роман «Вафо» Фотеха Ниязи является одним из выдающихся произведений таджикской литературы, в котором решаются проблемы тематики войны и создаётся художественная история борьбы таджикского народа против фашистских оккупантов. Впервые Фотех Ниязи опубликовал первую часть «Вафо» в пятом, седьмом и восьмых номерах журнала «Шарки сурх» 1949 года. В этом же году роман был издан как отдельная книга. С тех пор «Вафо» переиздавался еще несколько раз с добавлением изменений и дополнительным редактированием. В первом издании романа недостатков было довольно много. В основном недостатки относились к языковой части, т.е. стилистике письма. Другая проблема заключалась в том, что местами в высказываниях персонажей замечались несходства. Кроме того, в некоторых моментах писатель в романе использовал русские и узбекские слова, тогда как таджикские синонимы данных слов уже имеются. Ввиду таких обстоятельств, в 1954 году первая книга романа была переиздана в дополненном и редактированном виде. В 1958 году была издана вторая книга «Вафо», которая является непосредственным продолжением первой книги романа. Вторая книга рассказывает о дальнейшей жизни главного героя – Сафара Одинаева. Постоянно учитывая заметки и критику специалистов, Фотех Ниязи старался улучшить текст романа в процессе каждого из редактирований. Впоследствии, стиль, язык и содержание произведения настолько изменились к лучшему, что оно стало источником вдохновения молодого поколения.

Ключевые слова: язык, произведение, недостаток, война, книга, история, ошибка, редактирование, дополнение.

THE HISTORY OF PRINTED PUBLICATIONS OF THE NOVEL “VAFO” BY FOTEH NIYOZI

The novel "Vafo" by Foteh Niyozi is one of the outstanding works of Tajik literature, which solves the problems of war themes, and creates an artistic history of the struggle of the Tajik people against the Nazi occupiers. For the first time, Foteh Niyozi published the first part of «Vafo» in the fifth, seventh and eighth issues of the 1949th «Sharqi Surkh» magazine. In the same year, the novel was published as a separate book. Since then, «Vafo» has been reprinted several more times after editing. There were quite a few flaws in the first edition of the novel. Basically, the shortcomings related to the language part, i.e. writing style. There was another problem: somewhere in the statements of characters, were noticed dissimilarities. In addition, at some points, the writer used Russian and Uzbek words in the novel, while Tajik synonyms for these words already exist. Because of such circumstances, in 1954, the first book of the novel was reprinted in augmented and edited form. In 1958, the second book of «Vafo» was published, which is a direct continuation of the first book of the novel. The second book tells about the future life of the protagonist - Safar Odinaev. Constantly taking into account the notes and criticism of specialists, Foteh Niyozi tried to improve the text of the novel during each of the editions. Subsequently, the style, language and content of the work changed so much for the better that it became a source of inspiration for the younger generation.

Key words: language, creation, defect, war, book, history, mistake, edition, addition.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуруллозода Соҷида*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 987-16-82-53**

Сведения об авторе: ***Нуруллозода Соджида*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории новейшей персидско таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 987-16-82-53**

Information about the author: ***Nurullozoda Sojida*** - Tajik National University, postgraduate student of the Department of Theory of Contemporary Persian Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel .: **(+992) 987-16-82-53**

УДК:891.550

ТАРҶУМАИ НАЗМИ ТУРК ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Шарифова Г.А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Шеъри асил аз муҳимтарин василаҳои тасвири реалистии ҳаёти воқеӣ ва ба халқ наздик гардидан аст, яъне ба дили хонанда роҳ ёфта тавонистани ғояҳои он – забони сода ва оммафаҳм мебошад. Бесабаб нест, ки ташаккули назми адиб аз ибтидо ба муборизаи ӯ барои забони фасеҳ ва оммафаҳм алоқаи ҷудонашаванда пайдо кардааст. Дар ин муборизаи худ низ ба тарзи ифодаи сода ва воситаҳои тасвир вай дар чанде аз ҳикояву шеъру достонҳои худ дар бобати забон, тасвир, услуб, тарзи баён ва ғайра такя намудааст.

Доир ба назми адабиёти турк хонандагони тоҷик ба воситаи тарҷумаҳо аз тариқи матбуот бештар шинос ҳастанд. Масалан, шеърҳои Нозим Ҳикмат, ки яке аз шоирони маъруфи Туркия мебошад, бо инъикоси барҷастаи зиндагӣ, бо воқеияти тасвири худ, бо баландии шаклу мазмуни худ, дар назми муосири Туркия бе мислу монанданд. То имрӯз шеър, маҷмӯаи шеърҳо ва достон ва романи ин шоири оташсухан ва муборизи ҷасури сулҳ ва амният ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ки дар кори тарҷумонии онҳо шоирони машҳури тоҷик аз ҷумла, Мирзо Турсунзода, Муҳиддин Аминзода, Абдусалом Деҳотӣ, М.Фарҳат ва дигарон ширкат варзидаанд. Қисми зиёди ашъори тарҷумашудаи Нозим Ҳикмат дар маҷмӯаи «Шеърҳо» (1954, 80 саҳ.) ҷойгир шуда, ҳар кадоми онҳо мавзӯъ ва идеяи хеле фаҳмо ва муайянро доранд.

Акнун мехостем ба чанд шеъри Нозим Ҳикмат, ки аз асли туркӣ ба забони русиву тоҷикӣ тарҷума шудааст, таваҷҷуҳ зоҳир карда, муқоисаи онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Ҳоло аз асли туркӣ намуна меорем:

YİNE DE İYİMSERLİK
Kardeşim
sonu tatlıya bağlanan kitaplar yollayın bana
uçak sağ salim inebilsin meydana
doktor gülerek çıksın ameliyattan
kör çocuğun açılsın gözleri
delikanlı kurtarılsın kurşuna dizilirken
birbirine kavuşsun yavuklular
düğün dernek yapılsın hem de
susuzluk da suya kavuşsun
ekmek de hürriyete
kardeşim
sonu tatlıya bağlanan kitaplar yollayın bana
onların dedikleri çıkacak
eninde de sonunda da...

Ин шеър ба забони туркӣ соли 1946 навишта шудааст. Онро тарҷумони рус Н.Разговорова аз асли туркӣ ба забони русӣ соли 1951 тарҷума кардааст, ки чунин аст:

Оптимизм
Друг мой (брат),
Отправляйте мне книги, где счастливый конец
Чтоб самолет благополучно приземлился
Чтоб доктор, смеясь, выходил после операции
Чтобы глаза ослепшего прозрели
Чтобы парень спасся от пули
Чтобы соединились обрученные
Чтоб свадьба была
Чтоб жажда достигла воды

А хлеб достиг свободы
Друг мой (брат),
Отправляйте мне книги, где счастливый конец
В конце концов, будет то, что сказано в этих книгах.

Ин мисраъҳои шеърро ба забони тоҷикӣ М.Аминзода соли 1954 ин тавр тарҷума кардааст:

НЕКБИНӢ
Бародар
Китобҳои анҷоми хубдорро ба ман бифирист,
Ҳавопаймо сиҳату солим ба фурудгоҳ бинишинад,
Духтур пас аз ҷарроҳӣ хушу хурсанд барояд аз дар,
Чашмони кӯдаки нобино бино гарданд,
Ҷавонмард халос шавад аз тири ба нишон,
Ба якдигар бирасанд арусу домод,
Тӯй шаваду хона обод гардад,
Ҳолати беобӣ бо об пур шавад,
Нон ба озодӣ,
Бародар
Китобҳои анҷоми хубдорро ба ман бифирист,
Гуфтаҳои онҳо мешавад ҳам дар аввал ҳам дар охир

Аз муқоисаи асли мисраъҳои шеърӣ бармеояд, ки тарҷумони рус Н.Разговорова забони туркиро хуб медонад ва тавонистааст, ки мазмун, рӯҳ, кудрати таъсир ва нуктаи ҳадафи онро то ҳаддалимкон нигоҳ дорад ва маънои шеър низ пурра бошад. Масалан, мисраъҳои:

"sonu tatlıya bağlanan kitaplar yollayın bana
onların dedikleri çıkacak
eninde de sonunda da..."-ро ӯ ин тавр нигоштааст;
"Отправляйте мне книги, где счастливый конец,
В конце концов, будет то, что сказано в этих книгах"

Дар ин ҷо камбудие ба назар намерасад, маънои асл бошад, дуруст аст.

Тарҷумони тоҷик ин мисраъҳоро:

"Китобҳои анҷоми хубдорро ба ман бифирист,
Гуфтаҳои онҳо мешавад, ҳам дар аввал ҳам дар охир"

тарҷума кардааст, ки каме маъно пайдарҳам набуда, балки услубан низ камбудиҳо ба назар мерасад. Маълум аст, ки тарҷумаи шеър мушкилиҳоро дорост. Чунки дар вақти эҷод кардани он бояд пайдарҳамии вазну қофия ва аввалу охири он дуруст бошад.

Ҳоло ба муқоисаи асл ва тарҷумаи шеъри дигари Нозим Ҳикмат, ки "Баҳор" унвон гирифтааст ва онро шоир моҳи феврали соли 1947 эҷод кардааст, назари таҳқиқ меафканем:

BAHAR
Dağlardan inip yayılan bu duman
kış dumanı değil artık.
Bak,
çocuk elleri gibi yumuşak olan sisin içinde
gül kütüklerinin aşı bezleri ıslak.
Kapanmak üzre yarası budanmış ağaçların.
Çırılçıplak dallarda uykuyla uyanıklık arası.
Fakat henüz
ne bir filiz
ne bir yaprak.
Cemreler bile düşmedi daha.
Yağmur yağdı bütün gece,
şakır şakır, bir zafer şarkısı gibi yağdı yağmur,
hala da çişeliyor cesur ve sıcak
ve kardeşçesine gülümseyerek.
Fakat mümkün
hava belki poyrazlar yine,
hatta kar serpiştirir.
Lakin bahar,
— artık o bir müjdeden de fazla bir şey —,

lakin bahar geldi demektir.

Порчаҳои шеърро аз туркӣ ба забони русӣ тарҷумони русзабон Н.Разговорова ба анҷом расонидааст:

ВЕСНА
Дымка, спускающаяся и распространяющаяся с гор,
уже не зимняя дымка.
Посмотри, в тумане похожем на мягкие детские ручки,
веточки цветов мокрые
Заживающие раны обрезанного дерева
В голых ветках между сном и бодрствованием (пробуждением)
Но еще не отростка и не листочка
Еще пока не потеплело
Дождь шел всю ночь
обильно, как песня победы шел дождь
По-прежнему накрапывает, смелый и горячий и по-братски улыбаясь
Но возможно подует холодный ветер
И даже посыпает снегом
Но весна
- Это больше чем хорошие новости
Значит весна пришла

Ҳамин мисраъҳоро шоир ва тарҷумони тоҷик М.Аминзода аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, ки намуна меорем:

БАҲОР
Ин боде, ки аз куҳсор фаромада мевазад, боди зимистон нест акнун,
Бингар, мисли дастони кӯдаки навзод, мулоим дар даруни ғубор,
баргҳои гуле, ки тар ҳастанд,
Барои пӯшидани он захми дарахтҳои тозакардашуда.
Дар байни хоболуду бедории шохҳои хушк.
Фақат ҳоло на ягон ниҳоле ҳасту на барге.
Сардии саҳар ҳоло ба замин нафаромадааст.
Тамоми шаб борон борид,
Чак-чак гуён мисли суруди зафар борид борон,
Ҳоло ҳам бориши ҷасур ва гарм ва хандаи бародарона.
Мумкин аст ҳаво ба шамоли шимол монанд бошад,
Гуё барфро пошидаанд.
Лекин баҳор,
- акнун он аз як мужда зиёдтар аст - ,
Лекин ин маънои омадани баҳорро дорад.

Аз муқоисаи асли туркӣ ва тарҷумаи русиву тоҷикӣ бармеояд, ки тарҷумонҳо осору ашъори шоири тавонои турк Нозим Ҳикматро ба хонандаи русзабон ва тоҷикзабон ба воситаи тарҷума шинос намудаанд.

Ба андешаи мо, маҳсули тарҷумонии тарҷумонҳо зиёд буда, назми Нозим Ҳикмат барин саромадони суханро тарҷума ва ба ин васила хазинаи адабиёти рус ва хусусан, тоҷикро бой карда, дар симои адиб ва шоири турк шоиреро пайдо карданд, ки қисмати худро дар тақдири халқу ватан пайваста буд. Ва бад ин васила робитаҳои байниҳамдигарии адибони турк бо адибони русу тоҷик боз ҳам пуркувват гардида, осори гаронбаҳои адабиёти Туркия ба дасти хонандагони сершумор расид. Ҳар як шеър ё достоне, ки дар он ҳиссиёти шахсӣ ва назари субъективонаи Н.Ҳикмат ба таври бадеӣ аксбардорӣ шудааст, дар назари адибон ва шоирони тоҷик М.Аминзода ва М.Турсунзода танҳо аз шарҳи ҳоли шоир иборат набуда, ҳамчун ифодакунандаи фикру хаёл, орзую омол ва дарду алами халқ ва худи ӯ ҷилвагар мешуд. Шоири муборизи турк Нозим Ҳикмат дар назму насри безаволи худ образи ҳамзамононашро бо маҳорати тамом офаридааст ва мубориза дар роҳи маърифат, дархостҳои ватанхоҳию озодипарастӣ тору пуди шеъри ӯро ташкил кардаанд, ки мо дар муқоисаи тарҷумаҳо бархӯрдор шудем.

Инак, шеъру достонҳое, ки қариб яку ним аср қабл аз ин навишта шудаанд, ҳоло ҳам баланд садо медиҳанд. Шоиру нависандагон ин шеъру достонҳоро ба забонҳои гуногуни олам тарҷума менамоянд ва дӯстдорони адабиёт бо шавқу ҳавас онҳоро мутолиа мекунанд. Зеро аз осори шоир ба саволҳои зиндагӣ ҷавобҳои мувофиқ меёбанд.

Аз ин рӯ, Нозим Ҳикмат бо шеъру осори худ ба ҳаракати озодихоҳонаи халқи Туркия ва ба рушду афкори бадеии онҳо кумаки маънавии бузурге расонидааст. Шеърҳои Н.Ҳикмат оинаанд, ки мо дар онҳо вазъияти ондавраинаи табақаҳои гуногунро рӯшан мебинем. Бинобар ин, ашъори вай дар миёни мардуми тоҷик низ ба воситаи тарҷумаҳо шуҳрати беандозае дошта, писанди хонандагони кишвари мо гаштааст. Эҷодиёти Нозим Ҳикмат ва услуби хосси вай дар равнақи кишварҳои гуногуни олам, бахусус, қаламкашони мо таъсири самарабахше расонид.

А Д А Б И Ё Т

1. Yücebaş H., Nâzim Hikmet türk basininda. - Ist., 1967.
2. Nazim Hikmet, Tiyatro yazarlin Uzerine, «Ant». – 1969. - № 127.
3. Aydemir A., Nâzim. - Ankara, 1970.
4. Yücebaş H., Nâzim Hikmet türk basininda. - Ist., 1967.
5. Orhan Kemal, Nâzim Hikmet"le üç buçuk yil. - Ist., 1965.
6. Бабаев А.А. Назим Хикмет. Жизнь и творчество / А.А. Бабаев. – М.: Наука, 1975.
7. Бабаев А.А. Назым Хикмет / А.А. Бабаев. - М., 1957; Горбаткина Г.А. Пьесы-легенды Назыма Хикмета / Г.А. Горбаткина. - М., 1967.
8. Шарифова Г.А. Равобити адабӣ ва нақши тарҷумаи бадеӣ / Г.А. Шарифова. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 129 с.
9. Самад Валӣ. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. Мақолаҳо / Валӣ Самад. – Душанбе: Маориф, 1993.

ТАРҶУМАИ НАЗМИ ТУРК ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Дар мақола сухан оиди муқоисаи ашъори шоир Нозим Ҳикмат ва тарҷумаи он дар адабиёти тоҷик меравад. Бо туфайли тарҷума муносибатои дуҷонибаи шоирони турк, рус ва тоҷик боз ҳам мустаҳкам гардида, хонандагон бо асарҳои пуразриши адабиёти турк ошноӣ пайдо намуданд. Аз муқоисаи асли туркӣ ва тарҷумаи русиву тоҷикӣ бармеояд, ки тарҷумонҳо осору ашъори шоири тавонои турк Нозим Ҳикматро ба хонандаи русзабон ва тоҷикзабон ба воситаи тарҷума шинос намудаанд. Ба андешаи муаллиф, маҳсули тарҷумонии тарҷумонҳо зиёд буда, назми Нозим Ҳикмат барин саромадони суханро тарҷума ва ба ин васила хазинаи адабиёти рус ва хусусан, тоҷикро бой карда, дар симои адиб ва шоири турк шоиреро пайдо карданд, ки қисмати худро дар тақдири халқу ватан пайваста буд. Ва бад ин васила робитаҳои байниҳамдигарии адибони турк бо адибони русу тоҷик боз ҳам пурқувват гардида, осори гаронбаҳои адабиёти Туркия ба дасти хонандагони сершумор расид. Муаллиф қайд менамояд, ки Нозим Ҳикмат дар назму насри безаволи худ образи ҳамзамононашро бо маҳорати тамом офаридааст ва мубориза дар роҳи маърифат, дархостҳои ватанхоҳию озодипарастӣ тору пуди шеъри ӯро ташкил кардаанд, ки мо дар муқоисаи тарҷумаҳо бархӯрдор шудем. Нозим Ҳикмат бо шеъру осори худ ба ҳаракати озодихоҳонаи халқи Туркия ва ба рушду афкори бадеии онҳо кумаки маънавии бузурге расонидааст.

Калидвожаҳо: адабиёти турк, Нозим Ҳикмат, шеърҳои Нозим Ҳикмат, эҷодиёти Нозим Ҳикмат, услуби хосси шоир, муқоисаи асли туркӣ ва тарҷумаи русиву тоҷикӣ, таъсири самарабахш.

ПЕРЕВОД ТУРЕЦКОЙ ПОЭЗИИ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье речь идет о сравнениях поэтического наследия турецкого поэта Назима Хикмета и его перевода на таджикский язык. Благодаря переводу еще более укрепились литературные связи турецких поэтов и писателей с русскими и таджикскими литераторами, и читатели с удовольствием знакомились с ценными произведениями турецкой литературы. Из сравнения турецких произведений и их переводов на русский и таджикский языки становится очевидным, что переводчики ознакомили русского и таджикского читателя с наследием знаменитого турецкого поэта Назима Хикмета посредством перевода его произведений. По мнению автора, плоды переводческой деятельности многочисленны, с переводом произведений таких родоначальников литературы как Назим Хикмет переводчики еще больше обогатили сокровищницу русской и таджикской литературы и в образе турецкого литератора и нашли поэта, который связал свою судьбу с судьбой родины и своего народа. Благодаря переводческой деятельности еще больше укрепилось взаимное сотрудничество турецких, русских и таджикских литераторов и богатое литературное наследие турецкого народа стало достоянием огромного числа читателей, Автор отмечает, что Назим Хикмет в своих поэтических и прозаических произведениях создал образы современников присущим ему литературным мастерством и тема борьбы на пути к просвещению, свободолюбию и патриотизму охватывают всю тематику его произведений, с которыми мы ознакомились при сравнении переводов. Назим Хикмет своим литературным наследием внес огромный духовный вклад в освободительное движение турецкого народа и в развитие его литературного мышления.

Ключевые слова: турецкая литература, Назим Хикмет, поэзия Назима Хикмета, творчество Назима Хикмета, особенный стиль выражения поэта, сравнение турецких произведений и их переводов на русский и таджикский языки, эффективное влияние.

TRANSLATION OF TURKISH POETRY INTO TAJIK LITERATURE

The article deals with comparisons of the poetic heritage of the Turkish poet Nazim Hikmet and its translation into Tajik. Thanks to the translation, the literary ties of Turkish poets and writers with Russian and Tajik writers were further strengthened, and readers were happy to get acquainted with the valuable works of Turkish literature. From a comparison of Turkish works and their translations into Russian and Tajik, it becomes obvious that the translators acquainted the Russian and Tajik readers with the legacy of the famous Turkish poet Nazim Hikmet by translating his works. According to the author, the fruits of translation activity are numerous, with the translation of the works of such founders of literature as Nazim Hikmet, translators further enriched the treasury of Russian and Tajik literature in the image of a Turkish writer and found a poet who linked his fate with the fate of his homeland and his people. Thanks to translation activities, the mutual cooperation of Turkish, Russian

and Tajik writers has been strengthened even more and the rich literary heritage of the Turkish people has become the property of a huge number of readers. to enlightenment, love of freedom and patriotism cover the entire subject of his works, which we got acquainted with when comparing translations. Nazim Hikmet, with his literary heritage, made an enormous spiritual contribution to the liberation movement of the Turkish people and to the development of their literary thinking.

Key words: Turkish literature, Nazim Hikmet, Nazim Hikmet's poetry, Nazim Hikmet's work, the poet's special style of expression, comparison of Turkish works and their translations into Russian and Tajik, effective influence.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарифова Гулистон Амриддиновна*** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев 63/3. E-mail: **SharifovaG@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 907-70-29-75**

Сведения об авторах: ***Шарифова Гулистон Амриддиновна*** - Таджикский технологический университет, доктор филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Карабаева 63/3. E-mail: **SharifovaG@inbox.ru.** Тел.: **(+992) 907-70-29-75**

Information about the authors: ***Sharifova Guliston Amriddinovna*** - Technological University of Tajikistan, doctor of Pilology, docent of the Department of the Tajik language. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Karabaeva 63/3.E-mail: **SharifovaG@inbox.ru.** Tel.: **(+992) 907-70-29-75**

УДК: 891.550-1(55)

НАЗАРЕ БА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ШЕЪРИ НАВ (ШИЪР АЛ-ҲУРР) ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ АРАБ

Шодиев М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти араб яке аз пурғановаттарин адабиётҳои ҷаҳон, ки дар таърихи тамаддуни инсонӣ мақоми хосса дорад. Бавижа шеъри забони арабӣ, ки ҷавҳари ин адабиётро ташкил медиҳад, таърихи тӯлонӣ дорад ва як чанд давраи таҳаввулу ташаккулро аз сар гузаронидааст. Оғоз аз даврони ҷоҳилия, ки бо қасидаҳои (муаллақоти) хеш машҳур аст, сипас садри ислом, аҳди умавиён, аҳди аббосиён ва адабиёти андалусӣ давраҳое мебошанд, ки дар он шеъри арабӣ ташаккул ва таҳаввули назаррасеро аз сар гузаронидааст. Махсусан аҳди аббосиён замони гулгулшукуфии илму фарҳанги арабию исломӣ маҳсуб мешавад ва дар ин даврон шеъри арабӣ низ ба авҷи рушди худ расида буд ва шаҳодати ин пажӯҳишҳои арзандаи бешумори муҳаққиқони ғарбию шарқӣ буда метавонад. Мо дар ин мақола тасмим гирифтем назаре ба таҳаввули шеъри суннатии арабӣ ва зуҳури шеъри нав дар даврони муосир андозем ва заминаҳои пайдоиш ва баъзе аз вежагиҳои онро ба қадри имкон нишон диҳем. Дар баробари ин, ба таърихчаи зуҳур ва густариши шеъри нав дар адабиёти Эрон ва Тоҷикистон низ таваққуф намоем.

Тавре ки маълум аст, шеъри суннатии арабӣ ва ҳамчунин форсӣ-тоҷикӣ ҳамеша побанди арӯз буд ва ҳар чи ки берун аз он зуҳур мекард аз ҷониби аҳли адаб мавриди баҳсу сарзаниш қарор мегирифт. Бо вуҷуди ин, дар ҳар давру замон шахсони алоҳида ва ё гуруҳҳое пайдо мешуданд, ки хоҳони тағйиру таҳаввули арӯзи арабӣ буданд. Аз ҷумла, дар аҳди аббосиён шоири шинохтаи араб Абулатоҳия мехост, ки шеъри ӯ фаротар аз арӯзи Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ бошад ва ӯ гоҳо аз қолаби арӯз берун мерафт. Аз ӯ пурсиданд, ки чаро ин амалро мекунӣ? Посух медод, ки «Ман аз арӯз бузургтарам». Ба ин Абулфараҷи Исфаҳонӣ низ дар китоби ал-Ағонӣ ишора намудааст: «Абулатоҳия ашъоре дорад, ки дар қолаби арӯзи араб намегуҷад» [1, с.254]. Бо густариш ёфтани хилофати арабӣ, дар ин ва ё он гӯшаи хилофат дар натиҷаи омезиши фарҳангҳои мухталиф навъҳои гуногуни шеърӣ низ пайдо мешуданд, мисли «мувашшаҳот» дар Андалус ва «банд» дар Байнаннаҳрайн, ки сарояндагони онҳо аз қавонини арӯз берун мерафтанд. Дар мавриди ин анвои шеърӣ мо поёнтар сухан хоҳем кард. Бо аз байн рафтани хилофати ягонаи арабӣ шеъри суннатии араб низ рӯ ба таназзул овард ва ҷойи онро аксаран шеъри пасту каммазмун ва бештар шеъри омиёна мегирифт. Бавижа, дар замони империяи усмониҳо, ки он ҳокимияти туркони усмонӣ буд, таваҷҷуҳ нисбат ба шеъри арабӣ коста гардид. Танҳо дар асри XIX дар натиҷаи зуҳури наҳзатҳои миллии арабӣ кӯшишҳои зиёде аз ҷониби адибони араб барои эҳёи шеъри суннатӣ сурат гирифтанд ва онҳо то ба дараҷае низ комёб гаштанд. Дар ин замина хизмати шоироне чун Маҳмуд Сомӣ ал-Борудӣ, Аҳмад Шавқӣ, Ҳофиз Иброҳим, Алӣ ал-Ҳозим, Аҳмад Муҳаррам ва дигарон хеле бузург аст. Ҳамин буд, ки шеъри суннатии араб баъди таназзулҳо то ба имрӯз боз ҳам пойбарҷо монд ва дубора эҳё шуд. Дар баробари ин, шеъри суннатии араб дар авохири асри

XIX ва аввали асри XX ба тағйироти ҷиддие, ки аз тарафи шоирони навгаро сурат мегирифт, рӯ ба рӯ гашт ва онро инқилобе дар шеъри араб номидан мумкин аст. Ошноии адибон ва равшанфикрони араб бо илму фарҳанги ғарбӣ дар адабиёти араб низ таҳаввулоти вижае ба амал овард ва махсусан дар шеър. Бештари адибони таҳсилкардаи Аврупо кӯшиш ба харҷ медоданд то ба шеъри ғарбӣ, ки шеъре озод аз ҳамагуна «арӯз» буд, пайравӣ кунанд ва ба қавли эшон «аз қайду банди арӯз раҳоӣ ёбанд». Дар ин замина дар нимаи аввали асри XX якчанд мактаби адабӣ, ки тамоюли навгароёна доштанд, берун аз мамолики арабӣ ва ҳамчунин дар дохили он по бар арсаи вуҷуд ниҳоданд. Аз машҳуртарини онҳо, ки дар адабиёти араб як шӯру инқилоб барпо кард, ин мактаби адабии «ар-Робитату-л-қаламия» буд, ки бо ташаббуси Ҷуброн Халил Ҷуброн ва Михаил Нуъайма дар соли 1920 дар Амрико таъсис ёфт. Ашъори намояндагони ин мактаб Ҷуброн Халил, Михаил Нуъайма, Илия Абу Мозӣ ва дигарон дар асоси шеъри ғарбӣ суруда мешуд ва аз мухолифони сарсахти арӯзи арабӣ буданд. Дар ин ҷода нақши адиби барҷастаи араб Амин ар-Рийҳониро бояд зикр намуд, ки муддате бо онҳо ҳамкорӣ дошт ва дар рушди адабиёти араб ва махсусан шеъри мансур дар маҳҷар (Амрико) бузург аст. Ҳамчунин мактабҳои адабии «Аполло» (Аҳмад Закӣ Абу Шодӣ, Иброҳим Ноҷӣ, Алӣ Муҳаммад Тоҳо, Абдулқосим аш-Шобӣ) ва «Дивон» (Маҳмуд Аббос ал-Аққод, Иброҳим Абдулқодир ал-Мозинӣ, Абдурраҳмон Шукрӣ) низ, ки дар Миср таъсис шуданд, тарафдорони раҳоӣ аз қолабҳои арӯзи Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ буданд ва даъват аз сурудани шеъри навро мекарданд. Бояд тазаккур дод, ки аксари ин адибон бо вуҷуди тарафдори шеъри ғарбӣ будан боз ҳам дар қолаби шеъри суннатӣ шеър мегуфтанд. Гарчанде мактабҳои адабии мазкур тӯлонӣ фаъолият надоштанд ва бо сабабҳои гуногун пароканда гашта бошанд ҳам, дар ҳавзаҳои адабии араб таъсири ҷиддӣ ворид намуданд ва тарафдорону пайравони зиёде низ пайдо карданд. Ба ҳар сурат, ворид гаштани навовариҳо дар шеъри арабӣ аз ҷониби намояндагони мактабҳои мазкур заминае буд барои тавлиди шеъри нави арабӣ, ки ба симати «шеър ал-ҳурр» («шеъри озод») пазируфта шудааст. Шеъри озод яке аз навъҳои шеъриест, ки дар адабиёти муосири араб ибтидо аз солҳои сиюми асри гузашта по ба арсаи вуҷуд гузошт ва минбаъд ташаккулу такомул ёфт. Дар оғоз он бо номҳои «шеъри мурсал», «назми мурсали мутлақ», «шеъри нав», «шеъри тафъила» зикр мешуд. Аммо баъд аз солҳои панҷоҳуми асри сипаришуда он бо номи «шеъри ҳурр» («шеъри озод») машҳур гашт.

Аввалин сарояндагони шеъри нави ҷавобгӯ ба қолаб ва қавонини ин навъи шеър дар адабиёти муосири араб ду шоири ироқӣ Нозик ал-Малоика (1923-2007) ва Бадр Шокир ас-Сайёб (1926-1964) эътироф гардидаанд. Нозик ал-Малоика дар риштаи забони англисӣ таҳсил карда буд ва табиист, ки бо адабиёти Ғарб ошноӣ дошт ва аз он таъсирпазир низ шудааст. У қасидае бо номи «Кулира» («Вабо») ба риштаи назм даровард, ки дар он ҳодисаи эпидемияи бемории ваборо дар Миср бо як эҳсосоти хеле баланди инсонпарастӣ тасвир кардааст ва он намунаи аввалини ҷавобгӯ ба шеъри нав дар адабиёти араб шинохта шудааст. Шафеии Кадканӣ дар мавриди аз пешоҳангони ин шеър будани Нозик мегӯяд: «Вай нахустин касе буд, ки занҷири арӯзи клоссикиро дарҳам шикаста ва дар арӯзи озод шеър сурудааст… » [15, с.114]. Нозик қасидаи мазкурро дар дар соли 1947 (моҳи октябр) дар маҷмӯаи шеъриаш бо номи «Шазоё ва румод» ба чоп расонид.

Сакана ал-лайлу
Асғи ила вақъи садоа-л-аннот
Фи умқи-з-зулмати, таҳта самти, ъала-л-амвот
Сарахотун таълу, тазтарибу
Ҳузнун ятадаффақу, йалтаҳибу
Ятаасару фийҳи садоа-л-оҳот
Фи кулли фуодин ғалаёну
Фи-л-кухи ас-сокини аҳзону
Фи кулли маконин руҳун тасриху фи-з-заламот
Фи кулли маконин ябки савт
Ҳозо мо қад маззақаҳу ал-мавт
Ал-мавту ал-мавту ал-мавт [8, с.138-9].

Аммо баъзе аз муҳаққиқин бар онанд, ки аввалин шеъри озоди арабиро на Нозик ал-Малоика, балки Бадр Шокир ас-Сайёб сурудааст ва он қасидаи «Ҳал кона ҳуббан» аз маҷмӯаи ашъори ӯ «Азҳор зобила» мебошад, ки он низ дар соли 1947 моҳи декабр ба нашр расидааст.

Ҳал тусаммина ал-лазӣ алқо ҳиёман?
Ам ҷунунан би-л-амонӣ? Ам ғароман?

Мо якуну-л-ҳуббу? Навҳан вабтисоман?
Ам хуфуқа-л-азлаъи-л-ҳарро, изо ҳона ат-талоқӣ
Байна ъайнайно, фатрақту, фироран биштиёқӣ
Ъан самоин лайса тасқийнӣ, изан мо?
Ҷиътуҳо мустасқиян, илло авомо… [3, с.148].

Аз зиндагиномаи Нозик ал-Малоика ва Бадр Шокир ас-Сайёб чунин бармеояд, ки онҳо ҳангоми донишҷӯӣ бо ҳам шинос будаанд ва аз фаъолияти шоирии якдигар ва таъсирпазириашон аз шеъри ғарбӣ бохабар буданд, аз ҳамин ҷост, ки онҳо нияти чопи маҷмӯаи ашъори муштараки худро доштанд. «Сайёб дар соли 1946 бо хонум Нозик ал-Малоика ошно шуд ва ҳарду ба тавофуқ расиданд, ки девони шеъри муштаракро ба чоп бирасонанд, аммо вай ба иллати фаъолиятҳои ҳизбӣ аз Донишсарои олӣ ихроҷ шуд…» [4, с.821].

Ба думболи ин ду шоир дар соли 1950 Абдулваҳҳоб ал-Баётӣ девони шеърии «Малоика ва шаётин»-ро, ки дар пайравӣ ба шеъри нав суруда шуда буд, ба нашр расонид. Баъд аз нашри ин девон Абдулваҳҳоб ал-Баётӣ низ худро аз поягузорони шеъри нав дар адабиёти муосири араб ҳисобид. Минбаъд ин навъи шеърӣ дар адабиёти муосири араб хеле маъмулу машҳур гашт ва шоирони зиёде чун Салоҳ Абдуссабур, Адонис, Халил Ҳовӣ, Низор Қубонӣ, Муҳаммад Файтурӣ, Илёс Абушабака, Алӣ Маҳмуд Тоҳо, Маҳмуд Дарвеш, Фадва Тавфон ва дигарон низ дар ин навъи шеър (шеъри озод) девонҳо тадвин кардаанд.

Тавре ки қаблан ишора шуд, мо тасмим гирифтем, ки дар ин мақола дар баробари баррасии пайдоиш ва ташаккули шеъри нави (шеъри озоди) арабӣ, мухтасаран перомуни таърихчаи пайдоиши шеъри нав ва ё шеъри озод дар адабиёти муосири Тоҷикистон ва Эрон, ки ба гунае ба ҳам пайванд доранд, низ каме таваққуф менамоем. Шеъри нав ва ё шеъри озод дар ин ду кишвар низ дар авоили асри ХХ зуҳур кардааст, вале рушду нумуи мухталиф доштанд. Нахуст ба адабиёти Эрон тааммуле хоҳем кард, чун ин навъи шеърӣ дар ин кишвар рушду ривоҷи бештаре дошт. Дар мавриди он ки кадоме аз шоирони эронӣ нахуст шеъри озодро сурудааст, низ фикри ягона вуҷуд надорад. Ба ҳар сурат, шоири барҷастаи Эрон Нимо Юшиҷро парчамбардори ин шеър меҳисобанд. Ӯ дар соли 1920 манзумае бо номи «Афсона» дар вазни озод, яъне бо шикастани қолаби арӯзи маъмулӣ суруд, ки шӯру валвалаи зиёде дар ҷомеаи хамонвақтаи Эрон барпо кард. Вале бо мурури замон шеъри нави сурудаи ӯ аз ҷониби ҳаводорони шеър пазируфта шуд ва минбаъд ин навъи шеърӣ пайравону тарафдорони зиёде касб намуд ва хеле роиҷ гашт. Қобили тазаккур аст, ки ҳатто бузургони шеъри форсии Эрон мисли «Мирзодаи Ишқӣ, Маликушшуаро Баҳор, Сайидмуҳаммад Ҳиссии Шаҳриёр ба тадриҷ ба пайравӣ аз ӯ пардохтанд ва ҳар як бо сабку бо забону баёни вижаи худ, шаклу вазни «Афсона»-ро тақлид карданд» [18]. Имрӯзҳо ин навъи шеърӣ дар Эрон бештар бо номи «шеъри нимоӣ» маъмул аст.

Дар шаби тира девонае, к-ӯ
Дил ба ранге гурезон супурда.
Дар дарае сарду хилват нишаста,
Ҳамчу соқаи гиёҳе фусурда,
Мекунад достоне ғамовар
Дар миён…
Фоилун/фоилун/фоилотун -v-/-v-/-v- -
Фоилун/фоилун/фоилотун -v-/-v-/-v- -…[ниг.10].

Бо вуҷуди он ки шеъри нав дар Эрон ба номи Нимо ва шеъри нимоӣ машҳур гашта бошад ҳам, иддае аз муҳаққиқон шоири барҷаста Абулқосим Лоҳутиро асосгузори шеъри нав дар адабиёти Эрон ва ҳамчунин Тоҷикистон медонанд. Муҳаққиқ ва шоири маъруфи эронӣ Шамси Лангрудӣ дар таҳқиқоти ҷомеи худ бо унвони «Таърихи таҳлилии шеъри нав» Абулқосим Лоҳутиро аввалин касе медонад, ки дар соли 1900 (1288ҳ.ш.) нахустин шеъри навро бо номи «Вафо ба аҳд» ба риштаи назм даровардааст [14, с.49].

Урдуи ситам хаставу оҷиз шуду баргашт,
Бозгашт, на бо майли худ, аз ҷумлаи аҳрор.
Раҳ боз шуду гандуму озуқа ба хирвор,
Ҳай вориди Табриз шуд аз ҳар дару ҳар дашт.
Аз хӯрдани асбу алафу барги дарахтон,
Фориғ чу шуд он миллати бо азму ирода,
Озода зане, бар сари як қабр ситода,
Бо дидае аз ашк пуру домане аз нон… 1900, Теҳрон. [14, с.49].

Гурӯҳи дигаре аз муҳаққиқони адабиёти муосири Эрон Алиакбар Деҳхудоро аввалин сарояндаи шеъри нав медонанд ва шеъри «Эй мурғи саҳар»-и ӯро нахустин намунаи шеъри нав шумурдаанд.

Эй мурғи саҳар! Чун ин шаби тор,
Бигзошт зи сар, сиёҳкорӣ,
В-аз нафҳаи рӯҳбахши асҳор,
Рафт аз сари хуфтагони хамморӣ
бигшуд гирех зи зулфи зартор… [6, с.578].

Дар Эрони имрӯз шеъри озод (шеъри нимоӣ) пайравони зиёде дорад ва барҷастатарини онҳо, ки дар густариши ин навъи шеърӣ дар адабиёти муосири Эрон саҳми арзанда доранд, Ахавони Солис, Фурӯғи Фарухзод, Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва дигарон буданд.

Аммо дар мавриди пайдоиши шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик пажӯҳандагони ин соҳа бар онанд, ки шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик дар авохири асри XIX ва ибтидои асри XX зуҳур кардааст. Аз ҷумла, адабиётшиноси маъруфи тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар бораи замони шаклгирии шеъри нав дар Моваруннаҳр менависад: «Садри Зиё дар ин бовар аст, ки дар замони ӯ, яъне аз авоили қарни чаҳордаҳуми ҳичрӣ, ки баробар бо солҳои охирини қарни нуздаҳум ва оғози қарни бистуми мелодӣ хоҳад буд, дар адабиёти форсии Моваруннаҳр шеъри нав ба вуҷуд омад. Маълум нест, ки ӯ адабиёти форсии тамоми Моваруннаҳрро ба назар дорад ё на, вале дар ин ки манзури ӯ ҳавзаи адабии Бухорост, шак наметавон кард» [7, с.165]. Ҳамчунин меафзояд: «Истилоҳи шеъри нав дар Тоҷикистон, пас аз чандин соли дигар, тахминан аз солҳои шаст шуҳрат ёфт, аз Эрон ва Афғонистон омад… аммо пайдоиши истилоҳи шеъри нав дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба солҳои пеш аз инқилоби 1917-1920 мерасад. Шеъри нав дар вуруд бо адабиёти маорифпарвар арзи вуҷуд карда ва яке аз хусусиятҳои онро нишон медод…» [7, с.165]. Дар ин маврид, муҳаққиқи адабиётшинос Худойназар Асозода низ ҳамин мавқеъро дорад: «Истилоҳи шеъри нав дар адабиёти форсизабони қарни бистум, яъне шеъре, ки мазмуну муҳтавои навро дар худ гунҷонад, солҳои бистуми мелодӣ арзи вуҷуд карда, … дар адабиёти форсии тоҷикӣ дертар, яъне солҳои 1960 м. арзи вуҷуд намудааст, ки яқинан дар ин бахш, таъсири шеъри нави Эрон ва Афғонистон бар шеъри нав дар адабиёти Тоҷикистон, бисёр ёригар ва мусоид будааст» [12, с.123]. Ба ҳар сурат, ин ҷо аз таъсири шеъри муосири рус ва аврупо сарфи назар кардан мумкин нест, чун аввалин намунаҳои шеъри нави тоҷикӣ дар пайравии онҳо суруда шудааст, ба монанди шеъри «Марши ҳурият»-и Садриддин Айнӣ (1918). Бешак, устод Айнӣ аз шеъри ғарбӣ тавассути шеъри русӣ таъсирпазир буданд ва худи ӯ дар сабаби сурудани шеъри «Марши ҳуррият» мегӯяд, ки вазни шеъри «Марши ҳуррият» зери таъсири оҳанги суруди инқилобиёни Фаронса «Марселеза» ба вуҷуд омада, ҳадаф аз он таъмини оҳанги инқилобӣ будааст. Ҳамин шеъри «Марши ҳуррият»-и адиби бузурги тоҷик Садриддин Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқону ноқидони адабиёти муосири тоҷику эрон аввалин шеъри нав дар ин адабиёт эътироф гардидааст. Ба ақидаи адабиётшинос ва адиби шинохтаи тоҷик Рустами Ваҳҳоб «Дар назми тоҷик ин асар аввалин намунаи комилу бомуваффақияти шеърест, ки ба анъанаҳои қадиму қонунии арӯз мутобиқат намекунад, вале дар айни ҳол имконоти бузургу номаҳдуди арӯзро нишон медиҳад» [ниг.10].

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид...
Ҳар ситамгори дун хурраму шод
Солҳо ҷоми ишрат чашид.
Дар шаби тираи ҷавру бедод
Ҳар ситамдида меҳнат кашид...
фоилун/фоилун/фоилотун -v-/-v-/-v- -
фоилун/фоилун/фоилун -v-/-v-/-v-» [ниг.10].

Муҳаққиқи эронӣ Алиасғари Бувандии Шаҳриёрӣ низ дар рисолаи худ бо номи «Сайри таҳаввули шеър дар Тоҷикистон» (соли 2002) ба эътибори қитъаҳои фавқуззикр устод Айниро нахустин сарояндаи шеъри нав дар адабиёти форсӣ унвон кардааст [ниг.10]. Минбаъд шоирони зиёди тоҷик ба ҳамин равиш шеър гуфтанд ва то имрӯз ин шеър дар адабиёти муосири тоҷик ривоҷу равнақ дорад. Дар Тоҷикистон пайравони ин навъи шеърӣ (шеъри озод) шоироне чун Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафӣ, Фарзона, Сиёвуш, Аҷамӣ ва чанде аз шоирони дигари ҷавони тоҷик маҳсуб мешаванд. Тавре ки дидем ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тоҷикистон

зуҳури шеъри нав (шеъри озод) ба адабиёти ғарбӣ иртибот дорад, яъне дар эҷоди ин навъи шеърӣ шоирони тоҷик ва эронӣ аз ашъори шоирони ғарбӣ таъсирпазир буданд. Агар шоирони эронӣ аз шеъри фаронса, олмон ва англис илҳом гирифта бошанд, пас шоирони тоҷик аз шеъри русӣ ва тавассути он аз шеъри ғарбӣ низ таъсирпазир будаанд. Аммо шеъри озоди форсӣ асосан дар солҳои шастуми асри гузашта ба Тоҷикистон роҳ ёфт.

Дар мавриди заминаҳои пайдоиши шеъри озод дар адабиёти араб миёни муҳаққиқону адибон орои мухталиф ҷой дорад. Бархе аз муҳаққиқони шеъри муосири араб бар онанд, ки шеъри озоди арабӣ аз «мувашшаҳ» нашъа мегирад ва он як навъи шеъриест, ки дар Андалус пайдо шудааст ва онро Муқаддам ибни Маъофир ал-Фарирӣ ал-Андалусӣ иншо кардааст [11, с.400]. Гурӯҳи дигар муътақиданд, ки аввалин мувашшаҳро Ибни Муътаз (247-296ҳ.) сурудааст. Истилоҳи «Мувашшаҳ» ҷамъи вожаи «вашаҳа» ба маънои ороиш аст. Дар гузашта ҷанговарони араб олоти ҷангии худро мисли, зиреҳ ва ғилофҳои шамшерҳояшонро бо нигинҳои рангоранг ороста ва мурассаъ мекарданд ва онро «мувашшаҳ» меномиданд. Ба ҳамин далел, баъзе аз муҳаққиқон вазни шеъреро, ки аз назари вазн, мазмун ва муҳтаво беҳтар ва ҷолибтар аз шеъри дигар аст, «мувашшаҳ» гуфтаанд. Мисли:

Аййуҳо ас-соқӣ, илайка ал-муштако қад даъавнока ва ин лам тасмаъ
Ва надимин ҳимту фи ғурратиҳи
Ва бишурби-р-роҳи мин роҳатиҳи
Кулламо истайқаза мин сукратиҳи…

Ҷазаба аз-зиққа илайҳи ва атко, ва сақонӣ арбаъан фӣ арбаъи
Мо лиъайнӣ ашият би-н-назари
Анкарат баъдака завъа ал-ғамари
Фа изо мо шиъта фаисмаъ хабарӣ… [13, с.586].

Омили пайдоиши ин навъи шеъриро муҳаққиқон дар омезиши мардум ва фарҳангу тамаддунҳои мухталиф дар Испания баъд аз фатҳи он аз ҷониби арабҳо мебинанд. Мувашшаҳ асосан ҳамчун тарона суруда мешуд ва мавзӯъҳои асосии он ғазал, шаробу нӯшхорӣ ва тавсифи табиат буд ва он ба сурудҳои миллӣ ва ашъори трубодурҳо (troubadours)-и ҳамин минтақа шабоҳат дорад. Мавзӯоти он баъдан боз ҳам густариш ёфтанд. Дар адабиёти араб қолабҳои шеърии ба мувашшаҳ монанд мисли мухаммас, мусаммат, рубоии арабӣ ва ғайра низ вуҷуд доранд. Муҳаққиқи араб Ҳанно ал-Фохурӣ овардааст, ки «мувашшаҳ аз ду қисм иборат аст, яке он ки бар вазни ашъори арабист ва қисми дигар мувашшаҳест, ки бо авзони шеъри араб ҳамоҳанг нест ва аксари мувашшаҳот ба ҳамин гунаанд» [13, с.586]. Мувашшаҳсароён дар вазну арӯзи шеъри араб тағйироти зиёде ворид кардаанд, Аз ҷумла ду вазни навро ба вазнҳои шеъри араб илова кардаанд. Яке вазни мустатил, ки акси вазни тавил аст ва дигаре вазни мумтад, ки акси вазни мадид аст. Дар қофия низ яксон набуданд ва мувашшаҳ дар қофияҳои гуногун суруда мешуд. Бо вуҷуди ин ҳама ин навъи шеър аз шеъри озод фарқ дорад. Аҳаммияти мувашшаҳ дар иртибот бо шеъри озод низ ба ҳамин ҷо бар мегардад, ки тағйир ва таҳаввул дар вазнҳои араб ва арӯзи араб фақат навъе таъсирпазирии сирф аз шоирони ғарбӣ нест.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон навъи дигари шеъри арабӣ-«банд»-ро сарчашмаи шеъри озод медонанд. Аз ҷумла, Нозик ал-Малоика дар китоби «Қазоё аш-шиър ал-муъосир» «банд»-ро наздиктарин навъи шеъри арабӣ ба шеъри нав медонад, чун дар сурудани банд шоир маҷбур нест, ки шеъри худро дар қолаби мисраъҳои баробар қарор диҳад, балки ӯ метавонад дарозии мисраъҳоро каму зиёд намояд. Як сатри шеърӣ метавонад як тафъила ва сатри дигар се ё чаҳор ва ё ҳатто даҳ тафъила дошта бошад… ва одатан бандро ба сурати наср эҷод мекарданд. Нозик ал-Малоика меафзояд, ки қоидаи арӯзии банд ҳамон қоидаи шеъри нав аст, бо ин фарқ, ки дар банд ду вазн, рамал ва рачаз истифода мешавад… дар шеъри нав ихтиёр кардани шумораи вазн озод аст. «Ҳеч ҷойи шакке нест, ки шеъри нави забони арабӣ аз лиҳози сабк ва вазн ба банд бештар наздик аст то ба шеъри шоирони суннатгаро» [9, с.173]. Дар мавриди кай пайдо шудани ин навъи шеърӣ низ маълумоти гуногун вуҷуд дорад. Дар арӯзи Халил ибни Аҳмад ва Арӯзи Кисоӣ дар бораи «банд» чизе гуфта нашудааст. Бино бар ин, гуфтан мумкин аст, ки ин навъи шеър баъд аз онҳо пайдо шудааст ва таърихи куҳане надорад. Ба ҳар сурат, дар ин маврид дар китоби «Ал-Муъҷам ал-муфаззал» омадааст, ки шеъри «банд» дар асри XVII м. (асри XI ҳ.) дар қисмати ҷанубии Ироқ пайдо ва то асри бистум дар Ироқ ва давлатҳои Халиҷ роиҷ буд, сипас шоирон аз сурудани он даст кашиданд [16, с.167].

Пас, оё мо гуфта метавонем, ки заминаҳои асосии пайдоиши шеъри озод дар адабиёти муосири араб ин «мувашшаҳ» ва ё «банд» буданд? Барои гирифтани ҷавоб ба ин суол мо ба

фаъолияти худи ҳамин ду шоир муроҷиат мекунем. Бояд қайд намуд, ки ҳарду асосгузорони ин навъи шеърӣ, ҳам Нозик ал-Малоика ва ҳам Бадр Шокир ас-Сайёб (дар зимн, Нимо Юшиҷ низ) дар риштаи забони англисӣ ва фаронсавӣ таҳсил кардаанд ва бо осори адибоне аз адабиёти аврупоӣ низ хуб ошноӣ доштанд ва бешак аз онҳо таъсирпазир ҳам гаштаанд. Нозик ал-Малоика худ эътироф мекунад, ки аз услуби шуарои ғарбӣ ҳамчун Китс, Шилӣ, Эдгар Олан По таъсир пазируфтааст ва аз ин тариқ бархе аз равишҳои шеъри англисиро вориди адабиёти араб кардааст [15, с.446]. Ба ҳамин минвол Бадр Шокир ас-Сайёб низ мегӯяд: «Аз байни шоирони ғарбӣ, ки аз онон таъсир пазируфтам, дар ибтидои кор Шилӣ, Китс, Алиют ва адиб Сиетл будааст ва шеваҳоеро, ки акнун бештари ашъори худро бо он менависам таркибе аз Абу Тамом ва адиб Сиетл аст» [5, с.11]. Пас, гуфтан мумкин аст, ки ҳарду адиб ҳам аз адабиёти ғарбӣ таъсирпазир буданд, вале дар баробари ин, аз ашъори арабие чун «мувашшаҳот» ва «банд» низ илҳом гирифтаанд ва аз ҳамин ҷост, ки Нозик ал-Малоика ҳатто «банд»-ро асоси шеъри нави араб меҳисобад [9, с.181].

Аммо дар мавриди вижагиҳои шеъри нав ё шеъри озод бояд тазаккур дод, ки яке аз вежагиҳои асосии ин навъи шеърӣ кӯтоҳу дароз будани мисраъҳои шеър мебошад. Чи тавре ки зикр шуд, шоир метавонад дар як мисраъ як ва дар мисраи баъди якчанд тафъиларо истифода намояд ва ин барои шоир имкон фароҳам меорад то фикри худро бо истифодаи ками калимот ва ибораҳо баён намояд ва байни шаклу мазмун ҳамбастагиро эҷод намояд. Дар ин маврид Нозик ал-Малоика дар китобе, ки зикраш дар боло рафт, барои исботи он ки шоир дар сабку шеваи шеъри суннатӣ маҷбур аст аз калимоти зиёд истифода намояд, шеъри «Ядока лиламси-н-нуҷум, ва насҷил ғуюм, ядока лизалоли, ва ташйиди буютиҳо фи-р-рамал»-ро мисол овардааст [9, с.11-13]. Ва меафзояд, ки агар ман онро ба шеваи суннатӣ месароидам, бояд ба ин шакл мебуд: «Ядока лиламси-н-нуҷуми ал-вазаъ, ва асҷил ғамоими малъу-с-само» ва он эҷоз, содагӣ ва зарофати абёти аввалро надорад [9, с.13]. Вижагии дигар ин ягонагӣ ва ҳамоҳангии сохтори шеъри озод аст. Агар дар шеъри суннатӣ ҳамоҳангии сохтории калимот дар як байт маҳдуд шавад, пас дар шеъри озод ин робита дар тӯли шеър риоя мегардад ва ин ҳамоҳангӣ гоҳо чунон дақиқ аст, ки бо ихтисори як ибора ва ё як мисраъ ба камоли он латма ворид мешавад ва онро ноқис нишон медиҳад. Баракси он, дар шеъри суннатӣ бо ихтисори байте ва ё якчанд байт ба маънои аслии он зарар намерасад. Мухтасаран ин ва дигар вежагиҳои шеъри навро ба шакли зайл метавон баён намуд:

«-шоир дар ин қолаби шеърӣ аз баҳри интихобкарда хориҷ намешавад, аммо пайваста ба мавзӯъҳое, ки ба кор мебарад, метавонад вазнҳои мухталифро ба кор барад;

-дар ба кор бурдани қофия низ озод аст. Бино бар ин, лозим нест барои пур кардани вазн ё қофия аз калимаҳои зиёд истифода кард;

-шоир метавонад ба таносуби маънои мақсуд, вазнеро бо хости худ дар баҳри воҳид ихтиёр кунад, пас шеъри озод низ луғуман дорои вазн мешавад. Нимо мегӯяд «Вазн аст, ки шеърро мутташаккил ва мукаммал мекунад, … ман вазнро чи дар тибқи классикӣ ва чи бар тибқи қавоиде, ки шеъри озодро ба вуҷуд меорад лозиму ҳатмӣ медонам»;

-тақсим шудани шеър ба бандҳое, ки ҳар кадоми он аз пораҳое иборат аст ва агар вазне дар шеър дида шавад, аз мавзун будани ҳамин пораҳост. Ин пораҳоро метавон мисраъ номид;

- дар сурати иваз шудани матлаб ё зарурати мусиқиёӣ қофия метавонад тағйир шавад;

- қолаби ягона вуҷуд надорад, дарозии бандҳо ва пораҳо аз ваҳдати андеша, тасвиргарӣ ва низ мавзӯъҳо вобастааст;

-дар мисраъҳои гуногун баробарии вазн вуҷуд надорад, чунки ки ҳар пора вазни хосси худро дорад;

-шеъри нав дар қолаб ё вазни ҳиҷоӣ суруда мешавад, бар хилофи шеъри қадим, ки дорои авзон ва баҳр аст» [ниг.17].

Ҳамин тавр, шеъри нав ё шеъри озод ҳамчун як ҳунаре нест, ки якбора ва тавассути шахси алоҳидае падид омада бошад. Ин навъи шеърӣ дар натиҷаи таҳаввулу ташаккули шеъри суннатӣ дар тӯли асрҳо ва барҳӯрди он бо фарҳангу суннатҳои миллатҳои мухталиф падид омадааст. Шеъри нав дар адабиёти муосири араб дар баробари таъсирпазирӣ аз шеъри ғарбӣ, аз навъҳои маъмули шеърӣ дар ин забон мисли «мувашшаҳот» ва «банд» низ сарчашма мегирад ва ин нишондиҳандаи он аст, ки шеъри нави арабӣ рӯҳи арабияти худро нигоҳ доштааст. Шеъри нави арабӣ мисли шеъри нав дар адабиёти муосири Тоҷикистон ва Эрон дар оғози қарни бистум по ба арсаи вуҷуд гузоштааст ва дар ҳар се кишвар ҳам як заминаи умумии пайдоиш, яъне таъсирпазири аз адабиёти аврупо (англис, фаронса ва олмон) дида мешавад. Нозик ал-Малоика, Бадр Шокир ас-Сайёб ва Нимо Юшиҷу устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, ки ба унвони пешоҳангони ин ҳунар шинохта шудаанд, огоҳона

дар ин ҷода қадам бардоштанд ва бо ин иқдоми тозаи худ суханварони дигарро ба дунболи худ кашиданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулфарағ ал-Исфаҳонӣ, Алӣ ибн Ҳасан. Китоб ал-Ағонӣ. Ҷ.3. / Алӣ ибн Ҳасан Абулфарағ ал-Исфаҳонӣ. - Бейрут, Дор ан-наҳор, 1997. – 1079 с.
2. Алӣ Акбари Деҳхудо. Маҷмӯаи ашъор / Деҳхудо, Алӣ Акбар. – Теҳрон: Зуввор, 1334. - 171 с.
3. Бадр Шокир ас-Сайёб. Дивон. Ал-Аъмол аш-шиърия ал-комила / ас-Сайёб, Бадр Шокир. – Бейрут: Дор ал-Уда, 1997. – 446 с.
4. Басом ар-Рабобиа. Бадр Шокир ас-Сайёб роиду-ш-шиъри-л-ҳадис фи ал-адаб ал-арабӣ ал-муосир / ар-Рабобиа, Басом // Маҷалат иттиҳод ал-ҷомиот ал-арабия, куллият ал-одоб, ҷомиат ал-Ярмук. - Муҷаллади 15. - С.821-843. - №2. - 10.2018.
5. Муҳаммад ал-Китоӣ. Ас-сироъ байна-л-қадим ва-л-ҳадис фи-л-адаби-л-араби ал-ҳадис / ал-Китоӣ, Муҳаммад. – Бейрут: Дор ас-сақофа, 1982. - 544 с.
6. Муҳаммад Ҳуқуқӣ. Шеъри нав аз оғоз то имрӯз. Ҷ.1. / Ҳуқуқӣ, Муҳаммад. - Теҳрон, 1367. – 610 с.
7. Муҳаммадҷон Шакурӣ. Инҷо Бухоро. Номаи порсӣ / Шакурӣ, Муҳаммадҷон соли ҳаштум, 1382. - С.165.
8. Нозик ал-Малоика. Девон, ҷ.1. «Шазоё ва румод» / ал-Малоика, Нозик. – Бейрут: Дор ал-Уда, 1999. – 690 с.
9. Нозик ал-Малоика. Қазоё аш-шиър ал-муъосир / ал-Малоика, Нозик. – Бейрут: Дору-л-илм ли-л-малойин, 1974. – 360 с.
10. Рустами Ваҳҳоб. «Нимо пеш аз навиштани «Афсона» аз «Марши ҳуррият» хабар дошт» / Ваҳҳоб, Рустам // Ҳафтаномаи «Рӯзгор» №24. - 13 ноябри соли 2013.
11. Хафоҷӣ Муҳаммад Абдулмунъим. Ал-адабу-л-андалусӣ, ат-татаввур ва ат-таҷдид / Абдулмунъим Хафоҷӣ Муҳаммад. – Бейрут: Дор ал-ҷийл, 1992. – 798 с.
12. Худойназар Асозода. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он / Асозода Худойназар. – Душанбе: Маориф, 1991. - 127 с.
13. Ҳанна ал-Фохурӣ. Торихи адабиёти арабӣ / ал-Фохурӣ, Ҳанна. – Теҳрон: Тус, 1374. – 788 с.
14. Шамси Лангрудӣ. «Таърихи таҳлилии шеъри нав». Ҷ.1. / Лангрудӣ, Шамс. – Теҳрон: нашри Марказ, 1378 ҳ. – 663 с.
15. Ш.Кадканӣ. Мусиқии шеър / Кадканӣ, Ш. – Теҳрон: нашри Огоҳ, 1984. – 680 с.
16. Эмил Яъқуб. Ал-Муъҷам ал-муфаззал фи илм ал-аруз ва алқофия ва фунун аш-шиър. Т.1. / Яъқуб, Эмил. – Бейрут – Лубнон: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1991. - 487с.
17. Шеъри озод.
18. www.irna.ir/news/83096321/

НАЗАРЕ БА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ШЕЪРИ НАВ (ШИЪР АЛ-ҲУРР) ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ АРАБ

Дар мақолаи мазкур мавзӯи таърихи пайдоиш, заминаҳо ва вежагиҳои шеъри нави арабӣ ё «шиър ал-ҳурр» («шеъри озод»), ки дар авоили асри ХХ зуҳур карда буд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола муаллиф замина ва омилҳои пайдоиши шеъри навро дар адабиёти муосири араб дар асоси сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқӣ нишон додааст. Аз ҷумла, таъйид мешавад, ки шеъри нави арабӣ ё «шиър ал-ҳурр» («шеъри озод») дар забони арабӣ бо ошноии адибони араб бо адабиёти Аврупо ибтидо аз асри бистум оғоз гардид ва он дар ашъори намояндагони мактабҳои адабие чун «ар-Робита ал-қаламия», «Дивон» ва «Аполло» таҷассум гашт. Дар баробари ин, шеъри нави арабӣ аз навъҳои шеърии «мувашшаҳ»-и Андалус ва бавижа аз навъи шеъри «банд»-и ироқӣ, ки дар асри XVII м. (асри XI ҳ.) дар қисмати ҷанубии Ироқи имрӯза пайдо шуда буд, баҳра гирифтааст. Ҳамчунин назари кӯтоҳе ба таърихи пайдоиши шеъри нав ва ё озод дар адабиёти Эрон ва Тоҷикистон, ки гузаштаи умумӣ ва робитаи ногусастании имрӯзӣ ҳам доранд, андохта шудааст. Дар ин робита намунае чанд аз ашъори шоирони араб, поягузорони шеъри нав дар адабиёти араб чун Нозик ал-Малоика ва Бадр Шокир ас-Сайёб ва тоҷику эронӣ, чун Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Нимо Юшиҷ, Деҳхудо ва ғайра, ки дар қолаби шеъри озод шеър сурудаанд, оварда шудааст то умумият ва ё фарқияти онҳо муайян гардад. Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳо ва сарчашмаҳо хулоса намудааст, ки шеъри нав дар адабиёти муосири араб дар баробари таъсирпазирӣ аз шеъри ғарбӣ, аз навъҳои шеърии маъмул дар ин забон мисли «мувашшаҳот» ва «банд» низ сарчашма мегирад ва ин нишондиҳандаи он аст, ки дар баробари таъсирпазирӣ аз шеъри ғарбӣ шеъри нави арабӣ арабияти рӯҳи худро нигоҳ доштааст.

Калидвожаҳо: шеъри нави арабӣ, шеъри озод, «мувашшаҳ», «банд», шеъри ғарбӣ, Нозик ал-Малоика, Бадр Шокир ас-Сийёб, Нимо Юшиҷ, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, арӯз, маҳҷар.

ВЗГЛЯД НА ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ НОВОЙ ПОЭЗИИ (ШИЪР АЛ-ЊУРР) В АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В этой статье обсуждается история, предпосылки и события новой арабской поэмы или «шиир аль-хурр» («свободной поэзии»), появившейся в начале двадцатого века. В статье автор приводит предпосылки и факторы появления новой поэзии в современной арабской литературе на основе литературных источников и исследований. В частности, утверждается, что новая арабская поэзия в современной арабской литературе, возникла в начале двадцатого века под влиянием европейской литературы, и это отражается в произведениях представителей литературных школ, таких как «ар-Рабита аль-каламия», «Диван» и «Аполлон». Также в формировании нового вида арабской поэзии отмечается роль поэтических видов, таких как «мувашшах», который возник в Андалусии и особенно, «банд», возникшего в XVII веке (XI х.) на юге нынешнего Ирака. Также вкратце рассматривается история появления новой или свободной поэзии в иранской и таджикской литературе, которые имеют общее прошлое и современную связь. В связи с этим, в целях определения их общности и различий, приведены в качесте примера некоторые стихи арабских поэтов, основателей новой поэзии в арабской литературе, таких как Назик аль-Малика и Бадр Шакир аль-Сияб, а также

таджикских и иранских поэтов, таких как Садриддин Айни, Абулкасым Лахути, Нимо Юшидж, Дехкудо и другие. На основе литературных источников и исследований, автор приходит к выводу, что наряду с влиянием западной поэзии в возникновении новой поэзии в современной арабской литературе, также наблюдается влияние существующих видов поэзии в арабской литературе, таких как «мувашшах» и «банд», что указывает на то, что, несмотря на влияние западной поэзии, новое арабское стихотворение сохранило свою арабскую духовность.

Ключевые слова: новая арабская поэзия, свободный стих (поэзия), «мувашшах», «банд», западная поэзия, Назик аль-Малика, Бадр Шакир аль-Сияб, Нимо Юшидж, Садриддин Айни, Абулкасим Лахути, «аруз», махджар.

A LOOK AT THE BASICS OF THE EMERGENCE OF NEW POETRY (SHIR AL-QURR) IN ARABIC LITERATURE

This article discusses the history, background, and events of a new Arabic poem or “Shiir al-Hurr” (“free poetry”), which appeared at the beginning of the twentieth century. In the article, the author provides the prerequisites and factors for the emergence of new poetry in modern Arabic literature based on literary sources and research. In particular, it is argued that new Arabic poetry in modern Arabic literature arose in the early twentieth century under the influence of European literature, and this was reflected in the works of representatives of literary schools such as “ar-Rabita al-kalamiya”, “Divan” and “Apollo”. Also in the formation of a new type of Arabic poetry, the role of poetic types as “muvashahs” that arose in Andalusia and especially “gangs” that arose in the 17th century (11th century hijri) in the south of present-day Iraq is noted. It also briefly discusses the history of the emergence of new or free poetry in Iranian and Tajik literature, which have a common past and a modern connection. In this regard, in order to determine their commonality and differences, some poems by Arab poets, the founders of new poetry in Arabic literature, such as Nazik al-Malik and Badr Shakir al-Siyab, as well as Tajik and Iranian poets, are given as examples. like Sadriddin Aini, Abulkasim Lahuti, Nimo Yushij, Dehudo and others. Based on literature and research, the author concludes that, along with the influence of Western poetry in the emergence of new poetry in modern Arabic literature, the influence of existing types of poetry in Arabic literature, such as “muvashahs” and “band,” is also observed. This indicates that, despite the influence of Western poetry, the new Arabic poem has retained its Arab spirituality.

Key words: new Arabic poetry, free verse (poetry), «muvashshah», «band», western poetry, Nazik al-Malika, Badr Shakir al-Siyab, Nimo Yushij, Sadriddin Aini, Abulkasim Lahuti, aruz, mahjar.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодиев Мирзохуджа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 735025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-96-00-61**

Сведения об авторе: ***Шодиев Мирзохуджа*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-96-00-61**

Information about the author: ***Shodiev Mirzohuja*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 735025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mir_shod1955@mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-96-00-61**

УДК: 891.55

МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ РОМАНИ ТӮЙЧӢ МИРЗОДИ РАШТӢ «ТУЛУИ ХУРШЕД»

Шоназаров Ш.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Таҷлили ҷашни 1100 – солагии давлати Сомониён ҳусни таваҷҷуҳи аҳли адабро бештар ба корномаҳои Амир Исмоили Сомонӣ ва муҳити зиндагонии ӯ кашиданд. Ҳикояву қисса, роману намоишномаҳое, ки дар маркази онҳо масъалаи истиқлолияти сиёсии тоҷикон ва ҳувияти миллии он гузошта шудаанд, бисёр ба нашр расиданд. Мавзӯъҳои ватану ватандорӣ, давлати мустақилу давлатдорӣ, худогоҳии миллӣ ва раҳоӣ аз тазйиқи бегонагон, иттиҳоди халқҳои эронинажод ва муборизаи онҳо дар роҳи озодӣ ва истиқлолияти худ дар асарҳои гуногунжанр мавриди таълифи бадеӣ қарор гирифтанд. Ин ҳамаро метавон марҳилаи аввали дахолати фаъолонаи нависандагон ба таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон номид.

«Дар қарни XX идеологияи шӯравӣ имконият намедод, ки нависандагон оид ба давлати феодалии Сомониён, бахусус, нақши Исмоили Сомонӣ дар истеҳком ва рушди он асарҳои бадеӣ эҷод намоянд. Ин кор дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гардид. Ба ифтихори 1100 – солагии давлати Сомониён романи Муҳаммадзамони Солеҳ «Девори Хуросон» (1999) интишор ёфт, ки ин аввалин асари бузурги ҳамосавӣ дар бораи кору пайкори асосгузори давлати Сомониён амир Исмоил маҳсуб мешавад» [7, с.185]. Ва ин мавзӯъ ҳусни таваҷҷуҳи дигар адибонро ба таърихи давлати

Сомониён ва поягузори он бедор кард ва паси ҳамдигар романҳои Юсуфҷон Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» (2001), «Мунтасир»-и Аброри Зоҳир (2001), «Тулӯи хуршед»-и Тӯйчӣ Мирзоди Раштӣ (2003), ҳикояҳо аз таърихи Сомониён «Ситораҳо дар осмони Ориён»-и Мубинҷон Юсуфов (2006) ва ғайраҳо ба нашр расиданд. Ҳар кадоме аз ин навиштаҳои таърихӣ вижагиҳои ба худ хос доранд. Ҳарчанд ки дар маркази асарҳои мазкур таърихи давлати Сомониён ва фаъолияти гуногунҷабҳаи амир Исмоил, муносибати тарафайни Насру Исмоил, воқеаҳои дарбори Самарқанду Бухоро, муҳити сиёсии он замон, усули давлатдорӣ, ҷангу ҷидолҳо барои ҳокимият, хислатҳои шахсии қаҳрамонони асарҳои номбурда, масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва монанди инҳо қарор гирифтаанд, аммо асарҳои фавқузикр аз ҳамдигар чи аз лиҳози гузориши мавзӯю муаммо, чи аз ҷиҳати ҳаллу фасли бадеии масъалаҳо, чи аз тариқи образофаринӣ ва сабки нигориш фарқ мекунанд.

Асари Тӯйчӣ Мирзоди Раштӣ «Тулӯи хуршед» аз лиҳози мавзӯву муҳтавои худ бо замони ҳукмронии амирони Сомонӣ Наср ва Исмоил алоқаманд аст. Вожаи «Тулӯи хуршед» истиора буда, ба сари қудрат омадани Исмоили Сомониро мефаҳмонад. Дарвоқеъ, доираи мавзӯи романи мазкур як давраи муайяну мушаххаси таърихии кору пайкори Амир Исмоилро аз соли волии Бухоро таъйин шудани ӯ то вафоти Насри Бузург ва ба амирони тамоми Мовароуннаҳр мушарраф гардидани ӯро фаро мегирад. Дар романи «Тулӯи хуршед» се мавзӯъ ба назар такрори асарҳои М. Солеҳ «Девори Хуросон» ва Ю. Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» мебошад: аввалан, тибқи хоҳиши намояндагони Бухоро волии ин шаҳр таъйин шудани Исмоил; сониян, ҷанги Наср бо Исмоил, ки заминаи иқтисодӣ дошт; ниҳоят, марги Наср ва тоҷи амирии Мовароуннаҳрро ба сар гузоштану ба тахти салтанат нишастани ӯ. Табиист, ки шакли тасвири ин се воқеа дар романи «Тулӯи хуршед» аз ду асари аввала фарқҳои муайян дорад, вале чун ҳамаи муаллифон воқеаҳои номбурдаро аз сарчашмаҳои таърихии асрҳои миёна гирифтаанд, онҳо шабеҳи якдигар мебошанд. Бо вуҷуди ҳамрангии баъзе риштаҳои сужет дар ин се асари ҳамосавӣ, романи «Тулӯи хуршед» махсусиятҳое дорад, ки ҳаёти феодалиро дар қарни Х ва бахусус рӯзгори дарбори Насрро дар Самарқанд муфассал ба тасвир гирифтааст.

Аввал аз ҳама таъкид бояд кард, ки баъд аз ҳуҷуми аъроб ба Мовароуннаҳру Эрон ва афзудани нуфузи онҳо дар ин қаламрав сатҳи рӯзгори моддии аҳолии Бухоро паст гардида, онҳо на танҳо аз лиҳози сиёсӣ, балки аз ҷиҳати иқтисодӣ низ тобеи халифаҳои араб гардида буданд. Соҳибони хориҷии мамлакат ба ободӣ ва осудагии халқ аҳаммият намедоданд, балки ғами хазина ва ҳамёни худро мехӯрданд. Беназоратии роҳбарон боиси дуздиё ғоратгарии моликияти мардум мешуд. Шаклҳои гуногуни андоз меафзуданд ва боло мерафтанд. Ин аст, ки меҳнаткашон эътироз баён мекарданд ва исёнҳо мебардоштанд. Пастии сатҳи иқтисодии вилояти Бухоро ва заифӣ дар идораи мамлакат боиси он мегардиданд, ки ҳамсояҳо ба ҳуҷуми алайҳи Бухоро ва ба даст овардани он омодагӣ медиданд. Бадбахтиҳоро пешгирӣ кардан лозим буд. Тӯйчи Мирзоди Раштӣ мухтасаран иттилоъ медиҳад: «Чанд сол пеш мардуми Бухоро аз зулму тааддии волӣ ба ҷон омаданд ва аз Наср имдод хостанд. Наср Исмоилро бо лашкар ба Бухоро фиристод. Мардуми Бухоро Исмоилро тарафдорӣ намуда, душманро мағлуб сохтанд ва ӯ ҳокими Бухоро гардид» [3, с.7].

Сониян ҷанги ду бародар – Наср ва Исмоил. Дар романи «Девори Бухоро» манзараи батафсили ҷанг дида намешавад. Нависанда дар бораи майдони ҷанг иттилоъ кӯтоҳ медиҳад:

«Аз ду тарафи муқобил лашкарҳо ба ҳам мерасанд ва садои тақу туқи шамшерҳо ба осмон мепечад. Аз он тарафи набардгоҳ амир Наср бо иддае сарбоз болои чаревае истода рафти ҷангро назора, мекунад. Амир Исмоил бо дар гирифтани ҷанг бо сарбозонаш ба майдони набард наздик мешавад. Баъди хеле ҷангидан қарибиҳои нисфи рӯз лашкари амир Наср ба парешоншавӣ оғоз мекунад ва қарибиҳои намози аср ба пуррагӣ мунҳазим мешавад. Амир Исмоил ба сӯйи чаревае асп метозад, ки он ҷо амир Наср бо иддаи ками сарбозаш истода буду ба ҷанг наззора мекард. Саворанизоми хоразмиҳо ба амир Наср метозанд ва дар ҳамин вақт бонги амир Исмоил баланд мешавад» [4, с.143].

Майдони набард дар романи «Ҳафт рӯъё» аз ин ҳам мухтасар тасвир ёфтааст. М. Солеҳ ва Ю. Аҳмадзода одамро дар шароити ҷанг тасвир кардаанд, муносибати амир Исмоил ва Насрро ба ҷанг нишон додаанд. Барои Наср ҷанг, агар ғалаба воситаи пур кардани хазина бошад, барои Исмоил ҷанг ваҳшоният, қурбонии одамони бегуноҳ дар роҳи истиқлолияти давлатист. Вай ба мулки дигаре ҳуҷум намеорад, балки кишвари хешро ҳимоя мекунад. Дар шароити ҷанг хислатҳои инсонпарваронаи Исмоил пурратар ба зуҳур меоянд. Ӯ чӣ қадаре, ки ба сарбозони лашкари худ ғамхорӣ намояд, ба сарбозони асирафтодаи душмани худ низ ба ҳамон андоза парастории ва меҳрубонӣ менамояд, хилъат пӯшонида роҳкиро дода ба диёрашон гусел мекунад.

Дар романи «Тулӯи хуршед» майдони ҷанг, кушокушӣ, бераҳмӣ ва бешафқатӣ муфассал тасвир ёфтааст. Фаслҳои асари мазкур «Омодагӣ ба ҷанг», «Марги Баҳодури қаҳрамон», «Шикасти лашкари Наср» дар ин бора далолат мекунанд. Нависанда ҷанги сарбозон, шуҷоати сарҳангону сарлашкарҳо, ҳатто набарди падару писар (Бойғош ва Додбахт) ва бесарусомониҳои майдони ҷангро ба тасвир оварда, лавҳаҳои натуралистона меофарад. Чунончи, «Лашкари Бойғош андак ба худ омад ва ҷанги ҳақиқӣ оғоз ёфт. Овози тиру камон, найзаю шамшери ҷонситон, бо садои шиҳаи аспу мардони майдон бо ҳам ҷӯр шуда, майдони набардро даҳшатноктар ба назар ҷилва медоданд. Дар аввал сафҳои рақиб хеле пеш омада бисёр сипоҳиёни ба ғафлат мондаро аз дами шамшер гузарониданд, вале оҳиста – оҳиста сипоҳиёни Бойғош гӯё ба худ омада, ҷоннисорона набард мекарданд, шуҷоату далерӣ нишон медоданд. Сафҳо ба ҳам чун оташи сӯзон бархӯрда, аланга мегирифтанд. Каме аз сарбозон аз ин оташ раҳо меёфтанд. Ҳамин тавр, аз хуни куштагон ҷӯйчаю ҷӯйҳои хун равон гардида, ба дарёчаи хунин бадал мешуд…» [3, с.179].

Нависанда нишон медиҳад, ки ҷанг мавқеи ҳар фардро муайян кард. Бойғош, сарлашкари Наср, ки худ оташдиҳандаи ҷанг буд, ба муқобили Исмоил мубориза мебурд. Писари ӯ Додбахт ҳақ будани Исмоили Сомониро фаҳмида ҳамроҳи дастаи ҷанговаронаш ба тарафи ӯ гузашт ва алайҳи падар ва Наср меҷангид. «Бойғош ин тағйиротро эҳсос мекард ва нисбат ба хоинон, ки якеаш фарзанди ҷигарбандаш буд, лаънат мефиристод» [3, с.179].

Дар роман беморию вафоти Наср ва ба тоҷу тахти Моваруннаҳр соҳиб шудани Исмоили Сомонӣ ҳам нисбатан ба тафсил инъикос ёфтааст. Наср ду нуктаро такрор мекунад: яке гунаҳкориаш ба ҷанги ӯ ва Исмоил, дигаре ба дудмони хонадони сомониҳо бештар лоиқу арзандатар будани Исмоил.

Романи «Тулӯи хуршед» бо тасвири бозгашти Амир Исмоил сарвари хирадманди Моваруннаҳр аз Самарқанд ба Бухоро ва саъю талоши ӯ дар роҳи ободӣ ва осудагии мамлакат хотима меёбад.

Дигар риштаи сужети романи «Тулӯи хуршед» аз фитнаю дасисабозиҳои дарбори Наср ва ахлоқу маишати аъёну ашрофи Самарқанд иборат мебошад. Бояд тазаккур дод, ки ин масъалаҳо дар асари номбурда назар ба воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ васеътар ба тасвир омадаанд. Ташкилотчии ҳамаи ин фитнаю дасисаҳо сарлашкари давлати Моваруннаҳр Бойғош аст. Мақсади ниҳоии Бойғош аз ҳамин иборат аст, ки бародарон Наср ва Исмоилро бар зидди ҳамдигар бархезонида ба марги нобаҳангом ва фоҷеонаи эшон муваффақ бишавад ва ҳокимияти Моваруннаҳрро ба даст орад. Бойғош ин нақшаи худро ба писари саркаши худ Додбахт чунин баён мекунад:

«- Нақшаи амалиёти ман ҳама барои ояндаи туст. Ду бародар бо ҳам ҷанг мекунанд. Яке мағлуб мешаваду дигаре ғолиб! Ғолиб ҳам камқувват ва заифу бемадор хоҳад шуд. Дар ин маврид, ба осонӣ бо як зарбаи ногаҳонӣ ба сари қудрат омадан мумкин, тоҷу тахт насиб мегардад. Ҳанӯз ту ҷавон, ақлат намегирад. Таърихи гузаштагонро омӯз. Бо чунин роҳу нақша сосониҳо ва боз сулолаҳои зиёд ба сари қудрат омадаанд, таърих гувоҳ аст» [3, с.78-79].

Бойғош бо ҳамин нияти зишт Насрро бар зидди Исмоил мешӯронад, Ҳоҷибро ба тарафи худ кашида, ҳар ду муваффақ мешаванд, ки даргириҳо ба вуқӯъ оянд, вале худ дар яке аз набардҳои шадид кушта мешавад. Фикру андешаҳои сиёсӣ ва фаъолияти давлатии ӯро писараш Додбахт, баъди вафоташ бо Наср маҳкум мекунанд, ахлоқи фосидашро ҳамсараш Хосият фош менамояд. Дар асар муносибати маҳрамона хеле зиёд инъикос шудааст, ки он ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқ нест. Аҷдоди тоҷикон, ки занону духтарони аъёну ашроф низ ба онҳо мансубанд, бо покдоманӣ ном баровардаанд. Дар шароите, ки дини мубини ислом ва меъёри ахлоқи занону духтарон майнӯшӣ ва фосиқиро манъ мекарданд, онҳо наметавонистанд ба ин кӯ ворид шаванд. Дар тасвири ин саҳифаҳои ҳаёт нависандаро тааммул, андеша бояд!

Дар романи «Тулӯи хуршед» назар ба тасвири бадеии воқеаҳо ва ашхоси таърихӣ сужетҳои бофта ва воқеаҳои сохтаи нависанда бештар ба назар мерасанд. Агар Наср, Исмоили Сомонӣ, Ҷайҳонӣ, Амр Лайси Саффорӣ, Муътазид ва ӯ амсоли инҳо ашхоси таърихӣ бошанд, дар роман аз ҷумлаи Бойғош, зану фарзанди ӯ Хосият ва Додбахт, зани Додбахт Савлатмоҳ, Субҳон, Салмони Муфтӣ, Абдурраҳмони миршаб, Шаддоди Хар, Ҳоҷиб ва духтарони ӯ Фарида ва Шаҳрбону ва бисёр дигарон образҳои бофтаи муаллиф ба шумор мераванд.

Нависанда дар тасвири қаҳрамонони асосии роман – Наср ва Исмоили Сомонӣ ягон тозакорӣ ворид карда натавонистааст. Бинобар ин, ҳоҷат ба таҳлили онҳо нест. Баъзе сужет ва образҳое, ки дар робита бо образҳои Наср ва Исмоили Сомонӣ эҷод кардааст, ба ҳақиқати таърихӣ рост намеоянд ва аз лиҳози бадеӣ низ арзиши ҷолиб надоранд. Масалан, Наср барои

куштани Исмоили Сомонӣ хоҳарзодаи худ Наҷмиддинро сафарбар мекунад. Аммо Наҷмиддин ба даст меафтад ва бо фармони Исмоил ҳар ду чашми ӯ кӯр карда мешавад. Ин воқеа ва ин образ сунъӣ мебошад, на ба мақоми Наср, на ба мақоми Исмоил муносиб нест. Барои қатли тағои худ – амири Бухоро розӣ шудан ва ба иҷрои ин амали ноҷавонмардона рафтани ҷиян аз ҷиҳати психологӣ низ асоснок карда нашудааст.

Дар фаслҳои хотимавии роман Исмоили Сомонӣ ҳамчун шоҳи одиле, ки қонуншиканҳо – мансабдорон ва сарватмандони ноинсофи Бухороро ҷазо дода, ба мардуми ниёзманд кумакҳои моддӣ мерасонад, тазаккур ёфтааст. Таъкид шудааст, ки ӯ ҳамчун сарвари хирадманди мамлакат ба пешрафти илму фарҳанг, тарбияи маънавии ҷавонон ғамхорӣ намуда, насли нави соҳибистеъдодро барои таҳсил ба Бағдод мефиристад. Лекин ин саҳифаҳои роман аз иттилои публитсистӣ беш нестанд.

Романи Т.М. Раштӣ «Тулӯи хуршед» бисёр воқеаҳои беасосу аз ҳақиқат дурро фаро мегирад ва аз ҷиҳати бадеӣ низ заиф аст. Романи мазкурро муаллиф «асари пуразриш» [4] номида бошад ҳам, вай ба талаботи романи таърихӣ ҷавоб дода наметавонад.

Чун сухан дар бораи ақлу идроки Исмоили Сомонӣ ва қобилияти одамшиносии ӯ меравад, кас ба шигифт меояд, ки чӣ тавр ӯ Субҳони Икром барин ҷавонмарди фосиқ ва фиребгарро сардори лашкари тозабунёди худ таъйин кард? Медонем, ки Субҳи сардори посбони Наср дар Самарқанд буд, сипас ба ҷойи Ҷайҳонӣ сарвазир таъйин гардид. Аммо дар умри худ дар ягон ҷанг иштирок надошт ва дар лашкаркашӣ одами тасодуфӣ буд. Чунин каси таҷрибаи ҳарбӣ надоштаро сарлашкар таъйин кардани Амир Исмоил ва омодагӣ дидани ӯ ба ҷанги зидди туркҳо, ба сафари Тироз ва ба водии Талас мувофиқи мантиқ, ақлу хирад ва мақому манзалати шоҳаншоҳи Мовароуннаҳр нест! Ба ҳақиқати бадеӣ низ рост намеояд.

Дар ҳар се роман – «Девори Хуросон», «Ҳафт рӯъё» ва «Тулӯи хуршед» агар Исмоил ва Наср ба сифати қаҳрамонони асосӣ тасвир ёфта бошанд, бо ин ё он сабаб дигар бародарон ҳам ёд шудаанд. Аз ҳамсари Исмоил ва духтару писари ӯ баъзе ишораҳо ҳастанд, вале тасвири батафсили оиладорӣ инъикос наёфтаанд. Шояд ба назари нависандагон тасвири ҳаёти оилавии Амир Исмоил кори дуюмдараҷа намуда бошад. Бо вуҷуди ин, муносибатҳои оилавии Амир Исмоилро нишон додан боиси пурратар тасвир ёфтани ҳаёти ӯ мегардид. Чунонки дар романи таърихии нависандаи бузурги рус Алексей Толстой «Пётри якум» ҳам фаъолияти сиёсӣ, ҳам ҳаёти оилавии ӯ ба дараҷаи даркорӣ инъикос ёфтаанд.

Дар давраи фаро расидани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълифи романҳои таърихӣ рӯ овардани нависандагони тоҷик бесабаб нест. Истиқлоли миллии Тоҷикистон ба аҳли адаб ангезае дод, ки аз таърихи халқу мамлакати худ давраи қадимтари талошу муборизаи меҳнаткашон ва пешвоёни онро дар роҳи озодӣ ва истиқлолият ба маърази тадқиқи бадеӣ бикашанд ва ҳамоҳангию ҳаммонандие дар байни ду истиқлолияти миллӣ пайдо бикунанд. Нависандагон чунин мавзӯю масъала, чунин сабақҳои таърихро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки онҳо ба гузаштаи халқи тоҷик дар қарни даҳум, балки қабл аз он алоқаманд бошанд ҳам, барои ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар охирҳои қарни бистум ва аввалҳои асри XXI кумак расонида метавонанд. Ҳарчанд ки ин ду истиқлолият дар даврaҳои гуногун ва дар шароитҳои мухталифи таърихӣ ба вуқӯъ пайвастаанд, лекин дар байни онҳо риштаҳои пайванди ғоявӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Ин, қабл аз ҳама, бедориии шуури ҷомеа ва тавлиди худшиносии миллии халқи тоҷик мебошад. Баъд аз ҳуҷуми аъроб ба Мовароуннаҳру Эрон ва афзудани нуфузи онҳо дар ин кишварҳо фарзандони бонангу номуси халқи тоҷик, ҳамчун Абӯмуслим (727–755) ва Муқаннаъ (соли таваллудаш маълум нест, вафоташ –783) алайҳи ҷабру зулми онҳо мубориза бурданд, ки шиори онҳо озодӣ ва истиқлолият буд. Ормони бисёрсолаи халқро дар ин ҷода поягузори давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ амалӣ кард. Ӯ дар Мовароуннаҳру Хуросон як давлати муқтадири мутамарказ бунёд намуд, ки дар қаламрави он озодӣ ва истиқлолияти халқи тоҷикро низ таъмин намуд.

Ҳамин ғояи олӣ дар се роман, албатта, дар сатҳҳои гуногуни бадеӣ – «Девори Хуросон» - Муҳаммадзамони Солеҳ, «Ҳафт рӯъё» - Юсуфҷон Аҳмадзода, «Тулӯи хуршед» - Тӯйчи Мирзоди Раштӣ ифода ёфтаанд.

Як масъалаи муҳимме, ки дар романҳои номбурда мавриди тасвиру таҳлили бадеӣ қарор гирифтааст, ифтихори миллист. Ин масъала низ дар робита бо худогоҳии миллӣ баррасӣ гардидааст. Аз Зардушт гирифта, то худи Исмоили Сомонӣ мавриди ифтихори миллии тоҷикон мебошанд, зеро онҳо пешвоёни оқилу хирадманд, поку ормонии халқ будаанд. Дар роҳи давлатдории кунунии халқи тоҷик ин гуна қаҳрамонҳои миллӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Чунин андешаҳои Амир Исмоил дар давраи ҳозира низ аҳаммияти

худро гум накардааст: «Хеле мешавад андешаи маро масъалаи як ҳукумати фаррӣ, ки бар доду адолат бунёдгузорӣ мешавад, машғул медорад» [4, с.58].

Ҳукумате, ки фаъолияташ ба ақлу хирад такя бикунад ва ҷомеаро ба камолоти маънавӣ расонад, хирад аз бузургтарин тарозуи амали он бошад. Мурод ба озодию ободӣ ва сатҳи баланди зиндагӣ расонидани раият аст. Чунин рисолат имрӯз ҳам вуҷуд дорад. Дар роҳи пиёда шудани вай ҳамдастии ҳукумат ва халқ лозим аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Зоҳир, А. Мунтасир / А. Зоҳир. – Душанбе: Адиб, 2001. – 178 с.
2. Кожинов В.В., Роман - эпос нового времени. - М.: Наука, 1964
3. Раштӣ, Тӯйчӣ Мирзод. Тулӯи хуршед / Тӯйчӣ Мирзоди Раштӣ. – Душанбе: Вазорати маорифи ҷумҳурии Тоҷикистон, 2003. – 371 с.
4. Саидзода, Ҷ. Шиносои вуҷуди хештан шав / Ҷ. Саидзода // Садои мардум, 2004. - 22 январ.
5. Солеҳ, М. Девори Хуросон / М.Солеҳ. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 339 с.
6. Семёнов А.А., Собрание восточных рукописей Академии наук Узб. ССР,т. 2
7. Ӯлмасова, З.Ҳ. Истиқлол ва инкишофи романи таърихӣ / З.Ҳ. Ӯлмасова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2011. – 344 с.
8. Х.Мирзозода.А.Сайфуллаев,А.Абдуманнонов. Таърихи адабиёти советии точик. Инкишофи жанрхо. Иборат аз шаш чилд. Чилди 1. - Душанбе: Дониш,1984
9. Юсуфов, М. Ситораҳо дар осмони Ориён / М.Юсуфов. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р.Ҷалил, 2006. – 196 с.
10. Энциклопедияи адабиёт ва санъати точик, Иборат аз се чилд. Ч. 1 .Душанбе, 1988

МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ РОМАНИ ТӮЙЧӢ МИРЗОДИ РАШТӢ«ТУЛУИ ХУРШЕД»

Дар мақола таъкид шудааст, таҷлили ҷашни 1100 – солагии давлати Сомониён ҳусни таваҷҷуҳи аҳли адабро бештар ба корномаҳои Амир Исмоили Сомонӣ ва муҳити зиндагонии ӯ кашиданд. Ҳикояву қисса, роману намоишномаҳое, ки дар маркази онҳо масъалаи истиқлолияти сиёсии тоҷикон ва ҳувияти миллии он гузошта шудаанд, бисёр ба нашр расиданд. Дар ин давра романи М. Солеҳ «Девори Хуросон» интишор ёфт, ки ин аввалин асари бузурги ҳамосавӣ дар бораи кору пайкори асосгузори давлати Сомониён амир Исмоил маҳсуб меёфт. Минбаъд асарҳои Ю. Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё», А. Зоҳир «Мунтасир», Т.М. Раштӣ «Тулӯи хуршед» ҳикояҳо аз таърихи Сомониёни М. Юсуфов «Ситораҳо дар осмони Ориён» ва ғайраҳо ба нашр расиданд. Таъкид кардан ба маврид аст, ки ҳар кадоме аз ин навиштаҳои таърихӣ вижагиҳои ба худ хос доранд. Манзури мо дар мақола таҳлили романи Т.М. Раштӣ «Тулӯи хуршед» буда, дар асар назар ба тасвири бадеии воқеаҳо ва ашхоси таърихӣ сужетҳои бофта ва воқеаҳои сохтаи нависанда бештар ба назар мерасанд. Дар романи «Тулӯи хуршед» се мавзӯъ ба назар такрори асарҳои М. Солеҳ «Девори Хуросон» ва Ю. Аҳмадзода «Ҳафт рӯъё» мебошад: аввалан, тибқи хоҳиши намояндагони Бухоро волии ин шаҳр таъйин шудани Исмоил; сониян, ҷанги Наср бо Исмоил, ки заминаи иқтисодӣ дошт; ниҳоят, марги Наср ва тоҷи амирии Моваруннаҳрро ба сар гузоштану ба тахти салтанат нишастани ӯ. Табиист, ки шакли тасвири ин се воқеа дар романи «Тулӯи хуршед» аз ду асари аввала фарқҳои муайян дорад, ки зикрашон дар мақола рафтааст.

Калидвожаҳо: насри даврони Истиқлол, давлати Сомониён, симои Исмоили Сомонӣ дар наср, инъикоси вақоеи таърихӣ дар асарҳо.

МЫСЛИ О РОМАНЕ ТУЙЧИ МИРЗОДА РАШТИ «ВОСХОД СОЛНЦА»

В статье подчеркивается, что празднование 1100-летия государства Саманидов привлекло внимание литераторов к этой династии, особенно к биографии эмира Исмаила Самани и эпохе его правления. Опубликованы многочисленные рассказы, повести, романы и пьесы, в центре которых находится проблема политической независимости и национальной самобытности таджиков. Проблемы Родины и патриотизма, независимого государства и управления государством, национального самосознания и освобождения от иноземного давления, объединения ираноязычных народов и их борьбе за освобождение и независимость стали предметом художественного исследования в произведениях разных жанров. Примером сказанному могут служить роман М. Солеха «Стена Хорасана», Ю. Ахмад-заде «Семь видений», А.Зохира «Мунтасир», Т.М. Рашти «Восход солнца», рассказы М.Юсуфова «Звёзды на небе Ориёна» и другие, посвященные истории образования государства Саманидов, и в частности, деятельности основоположника этого государства Исмаила Сомони. Каждое из указанных произведений имеет свои особенности. Роман Т.М. Рашти «Восход солнца», посвященный Исмаилу Сомони, также охватывает события, очень далекие от исторической действительности. Кроме того, роман является слабым в художественном отношении. Надо отметить, что книга не отвечает требованиям жанра исторического романа, она является больше плодом богатой фантазии автора. В романе «Восход солнца» три темы являются повтором романов М. Солеха «Стена Хорасана», Ю. Ахмад-заде «Семь видений»: первая, по многочисленным просьбам жителей Бухары Исмаил был назначен наместником этого города; вторая, война между Насром и Исмаилом, которая имела экономический характер; третья, смерть Насра и по наследству корона эмира Мавераннахра достаётся Исмаилу Сомони. Действительно, три указанных темы различаются с двумя вышеуказанными произведениями, что подробно отображается в статье.

Ключевые слова: проза эпохи независимости, государство Саманидов, образ Исмаила Сомони в прозе, отражение исторических событий в произведениях.

OBSERVATIONS ON THE NOVEL OF TUYCHI MIRZODI RASHTI “SUNRISE”

The article emphasizes the celebration of 1100 centenary of Samanids’ state attracted the attention of writers to this dynasty, especially to the biography of Emir Ismail Samani and the epoch of his governing. There have been published numerous stories, narratives, novels and plays in the center of which there is the problem of political independence and national

originality of Tajiks. The issues of Motherland and patriotism, independent state and state governing, national consciousness and deliverance from foreign pressure, consolidation of Iranian-speaking people and their struggle for deliverance and independence became the object of artistic researches in the works of various genre. The following novels of M.Soleh “The Horasan Wall”, Yu.Ahmad-zade “Seven sights”, A.Zohir “Muntasir”, T.M.Rashti “Sunrise”, stories of M.Yusuf “Stars on Oriyon Sky” as the others dedicated to the history of the formation of Samanids’ State, especially the activity of the founder of this state Ismail Samani, exemplify aforesaid. The novel of Rashti “Sunrise” dedicated to Ismaili Samani also covers the events far form historical reality. Besides, the novel is artistically weak. It must be noted the book does not meet the requirements of the genre of historical novel, it is more the fruit of the rich author's imagination. In the novel “Sunrise” three topics are the repetition of novels of M.Soleh “The Horasan Wall”, Yu.Ahmad-zade “Seven sights”: the first, by popular demands of Bukhara residents Ismail Samani was appointed governor of the city; the second, the war between Nasr and Ismail that had economic character; the third, the death of Nasr and by inheritance the crown of Emire Movareunnahr is given Ismail Samani. Actually, these indicated topics differ from two abovementioned works which are reflected in the article in details.

Key words: prose of the age of independence, the state of Samanids, the character of Ismail Samani in prose, reflection of historical events in works.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шоназаров Шомурод*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, докторанти Ph.D кафедраи адабиёти муосири тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиё. Мавлянбеков 1. Тел.: **(+992) 938-93-33-98**

Сведения об авторе: ***Шоназаров Шомурод*** - Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, докторант Ph.D кафедры современной таджикской литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. Тел.: **(+992) 938-93-33-98**

Information about the author: ***Shonazarov Shomurod*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, PhD doctorate of the Department of Tajik Modern literature. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. Tel.: **(+992) 938-93-33-98**

УДК: 891.550

МАНБАИ АВТОҲЕРМЕНЕВТИКА (ШАРҲИ ХУДӢ) ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Расулов А.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз зумраи он абармардонест, ки бо доштани «андешаи қавӣ», эъҷози каломи мавзун ва шеваи нигориши хосси худ дар олами андеша ва адаб мавқеи намоёне дорад.

Яке аз асарҳои бузурги ин устоди сухан «Маснавии маънавӣ» мебошад, ки худи Мавлоно онро ба таъкид «усули дин» номидааст. Илова бар ин, «Маснавии маънавӣ»-ро муҳаққиқони асримиёнагӣ ва муосир ҳамчун «Ҳамосаи рӯҳонии башарият», «Қуръони паҳлавӣ» ва монанди инҳо қазоват кардаанд, ки воқеияти маҳз аст.

«Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно бо фарохии мавзӯот ва доштани «андешаи қавӣ» на танҳо дар Шарқ, балки дар тамоми дунё маъруф ва мавриди истиқболи самимӣ қарор дорад. «Маснавии маънавӣ» аз замони Мавлоно то ба имрӯз диққати аксари аҳли илму адаб, аз он ҷумла Аҳмади Румӣ, Камолиддин Ҳусайни Хоразмӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадеъуззамон Фурӯзонфар, Карим Замонӣ, Рейналд Неколсонро ба худ ҷалб намуда, таърифу тафсирҳои гуногун пешниҳод гардидааст. Абдулкарими Суруш дар ишора ба ин шоҳасар чунин қайд намудааст: «Маснавӣ» аз намунаҳои ошкори ҷуди «беиллат ва беришват»-и Худойи ваҳҳоб аст, ки аз сари «маҳз меҳру додварӣ ва раҳм» бар заминиён фурӯ рехтааст ва аз ҳама баҳрамандтар ва мунъимтар порсизабононанд, ки ин ганҷи шойгонро чунин ройгон ба каф овардаанд ва ҳаёти маънавиашонро бо он тароват ва ҳаловати бештар додаанд» [5, с.17].

Воқеан, агар кас ба назари ибрат боре ба «Маснавӣ» нигарад ва онро мавриди мутолиа қарор диҳад, бе ҳеҷ дудилагӣ ба андешаҳои фавқ розӣ мешавад. Зеро ҳасаноти он хеле вофир аст.

Ин вусъати маъноӣ ва қавигии андеша дар «Маснавӣ» боис шуда, ки аз замони Мавлоно то имрӯз бештар аз ҳар асаре мавриди омӯзиш ва шарҳу тафсир қарор гирифтааст. Вале маърифати ҳадаф дар ин шоҳасар на ба ҳар кас даст медиҳад. Маҳз ба ҳамин хотир, шарҳу тавзеҳоте, ки ба ин муъҷизаи ҳунарии мавзун рӯйи кор омадааст, миёни зиёда аз сӣ ҳазор суханварони асримиёнагӣ, ба таври комил ба касе муяссар нагардидааст.

Мусалламан шореҳони осори адабӣ вобаста ба маънавиёт, дарк ва фаҳми хеш ин шоҳасарро шарҳу тафсир намуда, дар мавриди бархе аз нукоти он то имрӯз ихтилофи

назарҳоро ба вуҷуд овардаанд, ки он то кунун идома дорад. Ин ҳолат як воқеияти табиист. Зеро барои тафсиру шарҳи як асар шореҳе лозим аст, ки ҷаҳонбиниву маънавиёти ҳамсон ва ҳаммизони муаллифро дошта бошад ва гуфтори ӯро он гунае, ки ҳаст, идрок ва ба дигарон илқо намояд. Бо вуҷуди ин, моҳияти гуфтаҳои эҷодкори ин асарро ғолибан бо ёрии шуруҳот метавон аз худ намуд.

Дар ишора ба ин нукта Мавлонои бузургвор дар оғози «Маснавӣ» чунин мефармояд:

Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,
В – аз даруни ман наҷуст асрори ман.
Сирри ман аз нолаи ман дур нест,
Лек чашму гӯшро он нур нест.

Ҳамин тавр, яке аз манбаҳои муҳим ва боэътимод дар шарҳу тафсири осори адибони бузурги классикӣ ишораҳои мухталифи худи эшон ба ҳисоб меравад, ки ин амалро дар илми шарҳнигории осори адабӣ шарҳи худӣ ё шарҳи дохилӣ номидаанд.

Шарҳи худӣ дар адабиёти мо таърихи тӯлонӣ дорад. Шоирон ва адибони донишманди мо бо лутфу марҳамати ба худ хос андешаҳояшонро ба хонандаи худ аз ягон ҷиҳат шарҳу тавзеҳ додаанд.

Ин аст, ки бисёре аз нуктаҳои муҳимми осори онҳо дарку маърифат мешавад. Ду байти машҳури поягузори адабиёти классикии тоҷик устод Рӯдакӣ, ки мафҳуми «мардӣ»-ро бисёр шоирона ва дақиқу возеҳ шарҳ додааст, метавонад далели рӯшани ин гуфтаҳо бошад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

Устод Бадеъуззамон Фурӯзонфар дар бастагӣ ба ин нукта ибрози назар намуда, миёни ҳамаи шореҳон шарҳи худи Мавлоноро бар «Маснавӣ» тарҷеҳ медиҳад, ки комилан саҳеҳ аст. Зеро дар шарҳнигорӣ, ба вижа бар «Маснавӣ», яке аз манбаҳои боэътимод ва муҳим ин шарҳи худи муаллиф (автоҳерменевтика) ба шумор меравад, ки барои кушодани нукоти мармуз ва пӯшида кумак мерасонад.

Аз тарзи нигориш ва суханпардозиву баёни андешаи Мавлоно дар «Маснавӣ» мо метавонем ду манбаи бисёр боэътимодро баён намоем:

Якум, Қуръони карим. «Маснавии маънавӣ» аз ҷониби бузургони илму адаб чун таъвилу тафсири Қуръони карим дониста шуда, дар ин замина чанд хусусияти зайл таъкид шудааст:

1. **Дорои зоҳир ва ботини нуҳуфта будани «Маснавӣ».** Дар «паси зоҳири алфоз маъонии воло ва арзишманде нуҳуфта аст, ки шахси оқил аз зоҳири лафз ба маъно ҳидоят мешавад» [5, с.22].

2. **Баёни достонҳо ва тамсилҳо барои ибратомӯзӣ**. Барои шарҳу баст мафҳумҳо, достонҳо ва ҳикоятҳо оварда мешаванд, то ҳар кас вобаста ба қудрати дарку фаҳми худ тавонад, ки аз он баҳра гирад.

3. **Истифодаи қиссаву ҳикоят ва достонҳо ба таври пароканда ва пора-пора.** «Ба истиснои сураи «Юсуф» тамоми достонҳои қуръонӣ хӯша – хӯша дар сураҳои гуногун нозил шудаанд» [7, с.27], ки ин хусусият ё усул дар «Маснавии маънавӣ» низ бисёр равшан мушоҳида мешавад.

Дуюм, осори мутасаввифон, хосса Саноии Ғазнавӣ ва Аттори Нишопурӣ. Дар мавриди пайравӣ аз тарзи нигориш ва суханпардозии Саноии Ғазнавӣ ва Аттори Нишопурӣ худи Мавлоно чунин мефармояд:

Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз паи Саноиву Аттор омадем.

Аз ин байт маълум мешавад, ки мубтакири ин усул нахустин поягузори адабиёти тасаввуфӣ – ирфонӣ Ҳаким Саноии Ғазнавӣ аст, ки усули мазкурро дар нахустин маснавии комили тасаввуфӣ – ирфонии хеш «Ҳадиқат – ул – ҳақиқа ва шариат – ул – тариқа» *(ё «Илоҳинома» ва ё «Фахринома»)* кор гирифтааст. Ҳамчунин, дар дафтари чоруми «Маснавӣ» чунин ишора мекунад, ки пайравии Мавлоно аз Саноиро дақиқтар менамояд:

Пас накӯ гуфт он Ҳакими комёр,
Ки ту тифлӣ, хона пурнақшу нигор.
Дар «Илоҳинома» бас андарз кард,
Ки барор аз дудмони «хеш» гард [2, с.407].

Ҳаким Саноӣ усули мазкур, яъне шарҳи худиро дар ҳикояти нахустини «Ҳадиқа», ки «Ҷамоати нобиноён ва аҳволи фил» ном дорад, истифода кардааст, ки барои маърифати аҳдофи эҷодкор беҳтарин восита аст.

Чунончи:

Чанд кӯр аз миёни он кӯрон,
Бари пил омаданд аз он урон.
Омаданду ба даст месуданд,
З – он ки аз чашм бебасар буданд… [4, с.43].

Дар посух ҷавоби ҳама ҷузъӣ ва нопурра буд, ки шоир инро чунин рамзкушоӣ мекунад:

Ҳеҷ дилро зи куллӣ огаҳ не,
Илм бо ҳеҷ кӯр ҳамраҳ не [4, с.43].

Дар ниҳояти ҳикояти мазкур Саноӣ чунин ҳукм мекунад:

Аз худоӣ халоиқ огаҳ нест,
Уқалоро дар ин сухан раҳ нест [4, с.44].

Инчунин таъсири Аттор дар ҷаҳони фикрии Мавлоно мисли офтоб дурахшон ва ошкор аст, ки дар ин маврид худи Мавлоно чунин мефармояд:

Ман он Мавлои Румиам, ки аз назмам шакар резад,
Валекин дар сухан гуфтан ғуломи Шайх Атторам.

Илова бар ин, дар «Маснавӣ» ҳикояҳо ва достонҳои тамсилиро дучор омадан мумкин аст, ки дар «Тазкират – ул – авлиё», «Мантиқ – ут – тайр», «Асрорнома» низ истифода шудаанд. Дар ин маврид, хусусан, «Тазкират – ул – авлиё» ва «Асрорнома» нақши бештар дорад, ки профессор Абдулманнони Насриддин дар ин маврид чунин қайд кардааст: «Теъдоди қиссаҳои марбут ба «Тазкират-ул-авлиё», ки дар «Маснавии маънавӣ» истифода шудаанд, ба 28 адад мерасад» [7, с.42].

Ин наздикии маъноии осори ин ду орифи бузург ва чунин ихлосмандии Мавлоно ба Аттор бешак дар тарзи нигориши Мавлоно низ бетаъсир нест.

Барои исботи ин гуфтаҳо, ҳикояи тамсилии «Шогирди аҳвал» аз «Асрорнома» ва «Маснавӣ»-ро метавон баён намуд:

Аз «Асрорнома»:

Яке шогирди аҳвал дошт устод,
Магар шогирдро ҷое фиристод.
Ки моро як қароба равған он ҷост,
Биёвар зуд! – Он шогирд бархост… [1, с.361].

Ва дар охир аз баёни ин ҳикояи тамсилӣ чунин натиҷагирӣ намудааст:

Агар чизе ҳамибинӣ ту ҷуз хеш,
Ту ҳам он аҳвали хешӣ, бияндеш!
Ту ҳар чизе, ки мебинӣ, ту онӣ,
Вале чун дар ғалат мондӣ, чӣ донӣ [1, с.361]!

Аз «Маснавӣ»:

Гуфт устод аҳвалеро, к-андаро,
Рав, бурун ор аз висоқ он шишаро.
Гуфт аҳвал: «З-он ду шиша ман кадом,
Пеши ту орам? Бикун шарҳи тамом»… [2, с.24].

Мавлоно дар хулосаи ин ҳикоят чунин мефармояд:

Хашму шаҳват мардро аҳвал кунад,
З-истиқомат рӯҳро мубдал кунад.
Чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд,
Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯйи дида шуд.
Чун диҳад қозӣ ба дил ришват қарор,
Кай шиносад золим аз мазлуми зор [2, с.24]?

Инчунин метавон ҳикоят ва достонҳои тамсилии «Бозаргон ва тӯтӣ», «Бози шоҳ ва пирзан», «Шутур ва осиё», «Пашша ва бод» ва монанди инҳоро мисол овард.

Пас, бетардид метавон манбаи асосии корбурди чунин усул аз ҷониби Мавлоноро Қуръони карим ва осори мутасаввифон, хусусан Саноӣ ва Аттор донист, ки мағз – мағзи осори шоирро ташкил кардааст.

Воқеан, вақте ки ба шеъри Мавлоно, хоссатан ба мутолиаи «Маснавӣ» мепардозед, ба корбурди вожаҳо, мавқеи онҳо дар матн ва бо кадом маъно истифода шудани онҳо дар ҳайрат мемонед. Чунончи, дар вожаи «сирр» мебинем, ки маҳз тафсири худи матлаби аслии шоирро пешорӯи мо мегузорад.

Ба ҳамин хотир, ин ҷо тасмим гирифтем, ки «сирр»-и Мавлоноро дар «нола»-и ӯ ҷӯё бишавем ва чанд мавриди шарҳи худи Мавлоно бар «Маснавии маънавӣ»-ро баррасӣ ва пешкаши дӯстдорони илму адаб намоем.

Усули мазкурро Мавлоно дар «Маснавӣ» басо устодона ва бо такмилу иловаҳои матлуб мавриди коргирӣ қарор додааст, ки мушкилоти хонандаро дар маърифати матн пурра осон мегардонад.

Яке аз мавзӯъҳои марказии «Маснавӣ» ва мактаби Мавлоно ин бозпас гирифтани подоши мувофиқ ба аъмолу рафтор ва гуфтор, яъне подоши амал мебошад, ки инро бо овардани ташбеҳоти бисёр сода ва нозук дар чанд мавриди ба хонанда пешкаш менамояд.

Гарчи девор афганад сойай дароз,
Боз гардад сӯйи ӯ он соя боз.
Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,
Сӯйи мо ояд нидоҳоро садо [2, с.21].

Дар ин абёт ду мисоли зоҳирӣ ва рӯшан оварда шудааст, ки барои дарки ақидаи Мавлоно аз ҷониби хонанда кумак мекунад.

Дар ишора ба ин мавзӯъ дар чанд мавриди дигар дар «Маснавӣ» Мавлоно ишораҳо менамояд. Аз ҷумла, дар ҳикояти «Шеру харгӯш» чунин мефармояд:

Эй басо зулме, ки бинӣ аз касон,
Хӯйи ту бошад дар эшон, эй фалон.
Андар эшон тофта ҳастии ту,
Аз нифоқу зулму бадмастии ту [2, с.49].

Ё ин ки вақте хонанда ба ҳикояти «Модаркуш» мувоҷеҳ мешавад:

Он яке аз хашм модарро бикушт,
Ҳам ба захми ханҷару ҳам зарби мушт.
Он яке гуфташ, ки аз бадгавҳарӣ,
Ёд н-овардӣ ту ҳаққи модарӣ.
Гуфт: коре кард, к-он ори вай аст,
Куштамаш, к-он хок саттори вай аст.
Муттаҳам шуд бо яке, з-он куштамаш,
Ғарқи хун дар хоки гӯр оғӯштамаш.
Гуфт: Он касро бикуш, эй муҳташам,
Гуфт писар: «Ҳаррӯз мардеро кушам.
Куштам онро, растам аз хунҳои халқ,
Нойи ӯ буррам, беҳ аст, аз нои халқ» [2, с.138].

Аввалан, аз хондани ин мисраъҳо хонанда бо тамоми ҳастӣ дар ҳайрат мемонад, ки наход фарзанд ба чунин хиёнати гӯшношунид даст бизанад?! **Сониян**, аз ҷиҳати зоҳирӣ танҳо ҳодисаи нохушеро ифода менамояд, ки дарки асли мақсад барои хонанда хеле мушкил ва ғайриимкон мебошад. Вале ҳангоме ки ба ин гуфтаи орифи шоир:

Нафси туст он модари бадхосият,
Ки фасоди ӯст дар ҳар ноҳият.
Ҳин, бикуш ӯро, ки баҳри он данӣ,
Ҳар даме қасди азизе мекунӣ.
Аз вай ин дунёи хуш бар туст танг,
Аз пайи ӯ бо Ҳақу бо халқ ҷанг [2, с.138].

мерасад, аз моҳияти мақсад бохабар мешавад ва худро қонеъ меҳисобад.

Ё худ, дар мисоли зерин нақши шарҳи худӣ дар вусъати андеша боз ҳам беҳтар ва рӯшантар эҳсос мегардад:

Дар замини мардумон хона макун,
Кори худ кун, кори бегона макун [2, с.126].

Сароҳатан дар байти баъдӣ Мавлоно ба шарҳи мафҳуми бегона ва дар ниҳояти ин байт мепардозад:

Кист бегона? Тани хокии ту,
К-аз барои ӯст ғамнокии ту [2, с.126].

Ин қабил мисолҳоро метавон фаровон зикр намуд, ки дар дарку маърифат шудани «Маснавӣ» яке аз манбаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Бо баррасии чанд нуктаи боло ва дигар ишораҳои Мавлоно дар охири ин мақола метавон ба чунин хулоса ва натиҷа расид:

1. Тарз ва усули баёни андеша ва шеваи нигориш дар «Маснавӣ» аз Қуръони карим сарчашма гирифта, дар мағз андар мағзи ин асар мушоҳида мегардад.

2. Манбаи дигари дақиқ ва боэътимод дар тарзи нигориш ва шарҳи худии «Маснавӣ», осори намояндагони тасаввуф, хусусан Саноии Ғазнавӣ ва Аттори Нишопурӣ мебошад.

3. Шарҳ ва ишораҳои худи Мавлоно барои бештар дарк гардидани «Маснавӣ» яке аз манбаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки ҳам дар «Маснавӣ» ва ҳам дар осори дигари ӯ ба таври фаровон мушоҳида мешавад.

4. Шурӯҳоти гуногуне, ки доир ба «Маснавӣ» таълиф шудааст *(аз қабили шарҳи абёт, шарҳи ҳикоёт, шарҳи луғот ва шарҳҳои комил),* барои дарки амиқи «Маснавӣ» мусоидат менамояд.

5. Дарку фаҳмиши ақидаҳои Мавлоно, ки дар «Маснавӣ» баён шудааст, танҳо дар сурати пурра фаро гирифтани осори Мавлоно ба даст хоҳад омад.

Ба риштаи таҳқиқ кашидани масоили фавқ ва ошкор сохтани муҳассаноти он ба муҳаққиқону ихлосмандони каломи бадеӣ кори ояндаи мо хоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Аттор, Фаридаддин. «Мантиқ – ут – тайр»; Асрорнома / Фаридаддини Аттор. – Душанбе: Адиб, 2014. – 480 с.
2. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. «Маснавии маънавӣ»: Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар / Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. – Теҳрон: Замон, 2001. – 728 с.
3. Гузидаи «Фиҳӣ мо фиҳ» (мақолоти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ): талхис, муқаддима ва шарҳи доктор Ҳусейн Илоҳии Қумшаӣ. – Душанбе, 2007. – 302 с.
4. Ғазнавӣ, Саноӣ. «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа» / Саноии Ғазнавӣ. – Душанбе, 2008. – 666 с.
5. Замонӣ, К. Шарҳи ҷомеи «Маснавии маънавӣ»: Дафтари аввал / К. Замонӣ. – Теҳрон: Интишороти иттилоот, 1386. – 1140 с.
6. Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Девони ҷомеи Шамси Табрезӣ / Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ; [Бар асоси нусхаи тасҳеҳшудаи Бадеуззамон Фурӯзонфар; веростор Мустафо Замонӣ]. – Теҳрон: Фирдавс, 1384.
7. Насриддин А. Бо корвони нур (мақолаҳо дар бораи зиндагӣ ва осори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва мунтахаби ғазалҳо) / А. Насриддин. – Хуҷанд, 2010. - 150 с.
8. Насриддин А. Шарҳнигорӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик. Қисми якум / А. Насриддин. – Хуҷанд, 2010. - 254 с.
9. Офтоби маърифат (маҷмӯи мақолот бахшида ба 800-солагии зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ). – Душанбе, 2007. – 347 с.
10. Сурӯш А. Қимори ошиқона / А. Суруш. – Теҳрон: Нашриёти тулӯи озодӣ, 1381. - 330 с.

МАНБАИ АВТОҲЕРМЕНЕВТИКА (ШАРҲИ ХУДӢ)
ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Дар мақола масоили басо ҷолиб – маърифати дарунмояи каломи ҳунарии мавзуни орифона ба миён гузошта шудааст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, ба таври бояду шояд дар аҳди истиқлолияти сиёсии кишвар даст додааст. Масоили мазкур дар аҳди Шӯравӣ, бо сабаби тақозои мафкураи ҳукмрон, дар шакли тавзеҳоти луғавӣ арзи ҳастӣ дошта бошад ҳам, ҳатто вожаҳои таркиби луғавии матн низ зери фишор қарор дошт. Дар мақола таъкид мешавад, ки ба каломи ҳунарие шуруҳот навишта мешавад, ки басо ҳунармандона ва дар ҳадди эъҷоз эҷод шудаанд ва ниёзи мардум ба онҳо бештар аст. Дар ин мақола як навъ шарҳ – шарҳи худӣ, ки миёни шуруҳоту шореҳон беқиёс эътироф шудааст, бо овардани мисолҳои дақиқу мушаххас, таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Агарчи ин навъи шарҳнигорӣ аз Устод Рӯдакӣ ва дар адабиёти ирфонӣ аз Ҳаким Саноӣ ва дигар намояндагони мутасаввиф оғоз ёфта бошад ҳам, тавассути осори Мавлоно, хосса «Маснавии маънавӣ»-и ӯ ҳадди олии рушдро дарёфтааст. Гузориши масъала, баҳс ва қиёсу тарҷеҳдиҳии муҳаққиқ ва натиҷагириҳои муаллиф барои дарки масъалаи мазкур бисёр ҷолиб ва нобу тозаанд.

Калидвожаҳо: автоҳерменевтика, шарҳ, тафсир, муфассир, шореҳ, тавзеҳ, мармуз, тамсил.

ИСТОЧНИК АВТОГЕРМЕНЕВТИКИ (АВТОРСКОЕ ТОЛКОВАНИЕ) В «МЕСНЕВИ» МАВЛАНА ДЖАЛОЛУДДИНА БАЛХИ

В данной статье автор рассматривает актуальный вопрос - познание высокого суфийского искусства слова, которое не было достаточно изучено до времени обретения государственной независимости Республики Таджикистан. После обретения независимости некоторые аспекты данной проблематики были освещены в работах таджикских учёных. Данная тема является весьма актуальной, поскольку автор рассматривает и разъясняет тот высокий стиль, которым написано произведение, в которой нуждается общество. А также, с приведением конкретных примеров, автор анализирует и приводит авторское толкование, которое признается другими учеными. Несмотря на то, что такое толкование использовалось в трудах великого Рудаки, в произведениях Хаким Санои и других суфийских представителей, оно начало складывается в работах Мавлоно, а именно в «Месневи Меъневи». Постановка вопроса, споры, сопоставление, предпочтение и выводы автора по данному вопросу являются интересными и уникальными.

Ключевые слова: автогерменевника, толкование, разъяснение, объяснение, пояснение, зашифрованный, сравнение.

THE SOURCE OF INTERPRETATION OF “MESNEVI” OF MAWLONA JALOLUDDIN BALKHI

In this article, the author scrutinizes the most actual question of internal epistemology of smooth Sufi’s art, which wasn’t learnt fully till getting the independence of Tajik State. After declaration of independence, some aspects of these works were enlightened to the scientific work of Tajik scientists. Such theme is the actual source that the author considers and clarifies in the highest work which was written efficiently and in which today’s society is in need. By given the most concrete examples in it the author views, analyzes and gives interpretation that is admitted among other authors and is equal to their points of views. Despite of that this interpretation used in the hard mental work of grand Rudaki, in the work of Hakim Sanoi and in the work of other representation of Sufi’s. It was spread and developed highly and was noticed in work of Mawlona, and namely in

"Mesnevi". Raising such questions, arguments, comparisons, preferences, and conclusions of author concerning this theme are interesting and uncommon.

Key words: clarification, interpretation, explanation, elucidation, abbreviation, comparison.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Расулов Абдуманон Абдуғафорович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abdumannon.rasulov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-29-54-47**

Сведение об авторе: ***Расулов Абдуманон Абдугафорович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории таджикской литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **abdumannon.rasulov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-29-54-47**

Information about the author: ***Rasulov Abdumanon Abdugaforovich*** – Tajik National University, the applicant of the department of the history of Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdumannon.rasulov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 938-29-54-47**

УДК: 891.550:82.09

САРНАВИШТИ ИБРАТАНГЕЗ ВА ҲУНАРИ ШОИСТА

Зарипова Ш.Т.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Ҳилолиён Аскар аз зумраи рӯзноманигорон ва нависандагонест, ки сарнавишти инсонӣ ва ҳунариаш ба саҳифаҳои муҳимми таърихи матбуот, адабиёт, фарҳанги тоҷик ва ташаккулу таҳаввули он талмеҳ зада, худашро низ ҳамчун як инсони ҳунарманди соҳибсалиқа ба назар менамояд. Чеҳраи инсонӣ ва фаъолияти адабии ӯ ифодакунандаи роҳи тайкардаи нафарест, ки "аз матбуот ба адабиёт" [1, с.143] омада, фардияти эҷодӣ ва ҳунарияшро ҳифз намудааст.

Ӯ, ки ному насаби хонаводагиаш Алиаскар Ҳилол-Ӯғлӣ будааст, 25-уми марти соли 1923-юм дар шаҳри Машҳад таваллуд шуда, давраи наврасӣ, мактабхонӣ ва камолоти ҷавониашро, ки бо ҷараёни дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии солҳои чилуми садаи гузаштаи Эрон пайванд мехӯрад, низ дар зодгоҳаш сипарӣ кардааст. Падари баззозаш бисёр мехостааст, ки маҳз ӯ ҷойгираш бошад ва касби меросиашро идома диҳад. Вале сарнавишт ва ормонҳояш ӯро ба роҳи дигар ҳидоят менамоянд.

Ҳилолиён Аскар ба ёд меоварад, ки "мо чаҳор бародар дар як муҳит, зери сарпарастии як падару модар он қадар гуногунхислат тарбия ёфтем, ки баъзан худам низ ҳайрон мешавам. Масалан, бародари бузургам Абдулҳусейн он қадар ба сармоя майл дошту худхоҳ буд, ки мегуфти сармоядори ҳақиқист. Шукри худо, зиндагиаш ба сомон сурат гирифт. Сармоя ҳам ёфт, фарзанди зиёд ҳам. Воқеан, якеаш рӯзноманигор аст. Бародари хурдиам – Муҳаммад дигар аст. Воқеан, буд охир, як умр аст, ки на инро дидааму на онро! Муҳаммадро бисёр дӯст медоштам ва ӯ низ ба ин ҷониб меҳри фаровон дошт. Бандаро кофта ёфтагӣ ҳам маҳз ӯст, нома карда, ки фарвардинмоҳ меоям. Интизораш ҳастем" [2].

Чунон ки ишора шуд, падар мехост писараш Алиаскар пайгири ӯ, яъне дӯкондор шавад, намехост китоб хонад. Вале ӯ аз паси китоб рафт, бе китоб наметавонист, пайваста китоб мехонд ва ба шаҳодати худаш "румони франсавиро зиёд дӯст" [2] медошт. Ҷуз ин ба бузургони адаби форсӣ низ муҳаббати беандоза дошт. Ба ҳадде, ки ҳатто дар рӯзҳои ободонии мақбараи Фирдавсӣ ӯ ҳамроҳи чанд тан аз ҷӯраҳои ҳамзавқаш "шоҳномахонон беш аз шаш фарсах пиёда" [2] то Тӯс рафтанд. Баъдтар Нишопуру Табрезро низ ба хотири Хайёму Саъдиву Ҳофиз зиёрат намуд. Ин ҳама гароиши зоҳирӣ ва содалавҳонаи айёми наврасӣ набуд, балки дилбастагии огоҳона ба адабиёт ва фарҳанги аҷдодӣ буд.

Пас аз касби таҳсили мутавассита дар солҳои 1929-1938 ва хатми Донишгоҳи тиббӣ ба фаъолияти сиёсӣ, рӯзноманигорӣ ва адабию тарҷумонӣ мепардозад. Вале аз давраи мактабхонӣ ба рӯзноманигорӣ ҳаваси хос дошт ва хабару мақолаҳояш мунтазам дар матбуоти даврӣ чоп мешуданд. Аввалин навиштааш соли 1939 дар рӯзномаи "Озодӣ" нашр шуд ва маҳз дар ҳамин давра, ба ифодаи худаш, "аз ҳавас қиссае низ" навишт, ки бо номи "Ёддоштҳои як нафар гурусна" аввали солҳои чилум дар рӯзномаи вилоятии Шероз "Суруш" пешкаши хонандагон гардид.

Ҳамон солҳо ба фаъолияти тарҷумонӣ низ даст зад ва асари Виктор Гюго "Марде, ки механдад"-ро бори аввал аз забони туркӣ ба форсӣ тарҷума кард. Вале ин маънои онро надорад, ки аз асл тарҷума намекард. Забони фаронсавиро хуб медонист ва баъдтар романи

Эмил Зол “Нана”-ро бевосита аз фаронсавӣ ба форсӣ тарҷума намуд. Аз шонздаҳ то бистсолагӣ, яъне то ба Иттиҳоди шӯравӣ омаданаш, беш аз даҳ асари бадеиро ба форсӣ тарҷума кардааст, ки асари Максим Горкий “Донишгоҳҳои ман” ва романи Николай Островский “Пӯлод чӣ тавр обутоб ёфт?” аз ин ҷумлаанд.

Гароиши ӯ дар он солҳо ба тарҷумаи осори “соф коммунистӣ”-и адабиёти шӯравӣ, бахусус русӣ, тасодуф набуд. Вазъи рӯзгор ва муҳите, ки зиндагӣ мекард, ба ӯ илҳо менамуд, ки ба озодандешӣ ва ҳақталошии иҷтимоӣ пардозад. Бахусус, дар ҳоле ки дар Эрон зиндагӣ дошту солҳои чилум дар зодбумаш озодандешиву демократия ба бунбаст афтода буд. Ӯ ёд меоварад, ки “Пулиси махфии шоҳ тартиботи сахттаринро риоя мекарду ҳама чизро зери назорат дошт. Дунё ҳам бисёр нотинҷ буд. Фошизм торафт бештар реша медавонду мамолики зиёдро ба тасарруфи хеш медаровард. Дар чунин як вазъият лашкари шӯравӣ вориди Эрон шуд... Ризошоҳ фирор карду дар мамлакат ҳизбҳои зиёд ташкил ёфтанд” [2]. Ва ӯ соли 1942 ба ҳизби Тӯда ворид шуд. Ҳизбӣ шуду ба хидмати рӯзномаи “Ростӣ”, ки нашрияи ҳизбии вилоятӣ буд, пардохт. Ҳамзамон бо нашрияҳои зиёд ҳамкорӣ дошт, ки рӯзномаи шӯравии “Ахбори тозаи рӯз” аз он ҷумла буд. Боре донист, ки ҷонишини сармуҳаррири ин рӯзномаи “миллӣ”, форсизабон ва Тоҷӣ Усмон аст, шиносоиаш бо рӯзноманигор ва нависандаи тоҷик оғоз ёфт. Бо ҳуруфчини рӯзнома Алиев, ки низ тоҷики хуҷандӣ буд, ошно шуд.

Аввалин маълумотро дар бораи Тоҷикистон аз китоби устод Лоҳутӣ “Эрони ман” дарёфт кард, ки аз тариқи тайёраҳои шӯравӣ ба хоки Эрон партофта мешуд ва барояш “рангу бӯе аз Тоҷикистон дошт” (2). Он рӯзҳо ҳатто тасаввур ҳам намекард, ки баъди чанд муддате ба ҳамешагӣ тарки Эрон хоҳад кард. Ба ёд меовард, ки “баъди як соли саркӯб шудани фошизм лашкари шӯравӣ аз Эрон баромад ва ҳамоно кишварро террор фаро гирифт На танҳо ҳизбиён, балки ҳар як рӯшанфикру озодандеш таъқиб мешуд” [2]. Дар ҳамин давраи пурфоҷеа ҳамроҳи як гурӯҳи ҳизбиён тарки Эрон карду рӯ ба шимол овард. Дар Туркманистон ҳабсаш карда, сахт тафтиш намуданд ва ниҳоят ӯро ҳамроҳи се нафар аз ҳамсангаронаш озод намуданд, вале ба Ишқобод роҳ надоданд.

Соли 1947 гурӯҳи пахтакорони тоҷик ба Туркманистон меоянд. Мизбонон аз ӯ ва рафиқонаш хоҳиш мекунанд, ки ба форсӣ шиоре нависанд. Менависанд, ки “Дуруд ба пунбакорони тоҷик!” Котиби масъули рӯзномаи “Тоҷикистони сурх” Амонов, ки дар ҳайати меҳмонон буда, таваҷҷуҳ кардааст, ки шиор ба шеваи эронист. Ба шарофати шиор ӯ ва рафиқонашро меёбанд ва чун огоҳ мешаванд, ки Ҳилолиён Аскар бо Тоҷӣ Усмон ошноӣ дорад, Амонов шодон нидо сар медиҳад: “Ӯ ҷонишини сармуҳаррири мост”. Ниҳоят Тоҷӣ Усмон ба воситаи Бобоҷон Ғафуров ӯро талабгор шуда ба Сталинобод (Душанбеи имрӯза) меоварад.

Ба шаҳодати Ҳилолиён Аскар он рӯзҳо Бобоҷон Ғафуров хоста будааст, ки ӯ ва рафиқонаш дар Донишкадаи омӯзгории Сталинобод таҳсилро идома диҳанд. Вале ӯ ин пешниҳодро қабул накарда, дар рӯзномаи “Тоҷикистони сурх” ба ҳайси ходими адабӣ ба кор медарояд.

Ду сол баъд ба сабаби манзили зист надоштан ба Хуҷанд бармегардад ва фаъолияташро дар рӯзномаи “Ҳақиқати Ленинобод” идома медиҳад. Вале соли 1961 ҳам вилоят ва ҳам рӯзнома барҳам мехӯранд. Ӯро барои кори доимӣ ба рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” даъват менамоянд, вале боз надоштани манзили истиқоматӣ пеши роҳаш мешавад ва ҳамчун мухбири ин рӯзнома ба ҳамешагӣ дар Хуҷанд мемонад. Дар ҳамин давра бахши таърихи Донишкадаи омӯзгории Хуҷандро хатм намуда, оиладор мешавад ва минбаъд сарнавишти худро ба Тоҷикистон, ба шаҳри Хуҷанд мепайвандад ва ҳаёташро сарфи хидмат ба ҷомеа, адабиёт ва фарҳанги мардуми тоҷик менамояд.

Боре адабиётшинос Абдухолиқ Набавӣ навишта буд, ки “банда замони таҳсил ва кор дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд ӯро (Ҳилолиён Аскарро-шарҳи мо) ҳамеша дар ҳалқаи аҳли адаби он даврон Раҳим Ҷалил, Ҳоҷӣ Содиқ, Озод Аминзода, Абдуҷалил Воситзода, Қурбон Алӣ, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Ҳ. Очилов, бахусус ҳайати эҷодии рӯзномаи “Ҳақиқати Ленинобод” медидам ва ба ӯ ҳама бо як эҳтироми хосса муносибат доштанд...” [3]. Далели ин муҳаббат ҳамчун шахсияти адабиву фарҳангӣ нуфуз доштанаш дар ҷомеаи тоҷикон мебошад.

Ҳилолиён Аскар дар таърихи адабиёт, рӯзноманигорӣ ва фарҳанги тоҷикӣ бо осори пуразришаш ҳамчун нависанда ва рӯзноманигор нақш ва ҷойгоҳи хос дорад. Фаъолияти рӯзноманигорӣ ва адабиаш хусусиятҳои вижа дошта, дар тӯли солҳо ӯ “онҳоро дар якҷоягӣ ба кор гирифтааст” [3]. Ба ифодаи дигар, яке дигарро вусъат ва такмил бахшидааст. Воқеан

ҳам, вақте осори рӯзноманигорӣ ва бадеии ӯро аз назар мегузаронем, мебинем, ки дар таълифоти рӯзноманигориаш ҷанбаи адабиву ҳунарӣ ва дар асарҳои бадеиаш гузоришҳои гоҳномаӣ ва публитсистӣ нуфуз доранд. Корбаст ва риояи ин усул аз вежагиҳои ҳунарии ӯ ҳамчун рӯзноманигор ва нависанда буда, барои инъикоси ҳақиқати воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии як давраи томи таърихи Тоҷикистони муосир таъсиргузор будааст.

Ҳоҷӣ Содиқ менависад, ки “газетаи “Ҳақиқати Ленинобод” барои Аскар дорулфununи ҳаёт гардид. Дар ин ҷо маҳорataш такмил ёфт, қаламаш қувват гирифт. Баъд аз навиштани хабару мақолаҳо ба иншои лавҳаю очеркҳо сар кард. Навиштаҳояш нафақат дар газетаи вилоятӣ, инчунин дар газетаю журналҳои республикавӣ низ дарҷ мешуданд. Баробари ин шеърнависиро ҳам давом медод” [4].

Фаъолияти рӯзноманигории ӯ бахусус баъди хатми Мактаби рӯзноманигории назди Иттифоқи рӯзноманигорони Иттиҳоди шӯравӣ дар соли 1963 дар Маскав пешрав мешавад. Баъди бозгашт аз Маскав ба сифати мухбири махсуси рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” (имрӯза “Ҷумҳурият”) дар вилояти Ленинобод (вилояти Суғди имрӯза) фаъолият карда, дар навиштаҳояш муҳимтарин масъалаҳои ҳалталаби сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии он даврараро ба миён мегузорад ва роҳҳои ҳалли онро нишон медиҳад. Аз ҷумла, аксари навиштаҳои солҳои панҷоҳуму шастумаш мушкилоти барномаи озуқаворӣ, дарёфт намудани захираҳои моддиву маънавӣ, дастраси умум гардондани таҷрибаи пешқадам, ошкор намудани камбудӣ ва нуқсонҳои иқтисодӣ, қавӣ сохтани низоми истеҳсолоти сотсиалистӣ, боло бурдани фарҳанги зист ва муошрати мардуми шаҳру деҳот, тарбия ва таълими дурусту натиҷаноки насли ояндаи кишвари советиро ба миён гузошта, бешак, дар роҳи ҳалли масъалаҳои зикршуда бевосита таъсиргузор будаанд.

Ба ин тартиб, дар фаъолияти рӯзноманигорӣ ва адабии Ҳилолиён Аскар инъикоси воқеиятҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол карда, аввалин мақолаву очеркҳо ва лавҳаву гузоришоти ӯ, ки дар саҳифаҳои матбуоти ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла “Ҳақиқати Ленинобод”, “Тоҷикистони советӣ” ва дигар нашрияҳои ҷумҳуриявию сатҳи маҳаллӣ чоп шудаанд, дар шакли публитсистӣ навишта шудаанд. Бисёре аз очерку қиссаҳо ва романҳояш, ки баъзеро бо ҳамқаламии Аминҷон Шукӯҳӣ, Ҳоҷӣ Содиқ ва дигарон навиштааст, зерматни қавии публитсистӣ дошта, андешаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиашро ба тарзи хос инъикос намудаанд.

Ба ин далел метавон гуфт, ки гароиш ба инъикоси воқеиятҳои иҷтимоиву фарҳангӣ муҳимтарин хусусияти эҷодиёти ӯро ташкил намуда,чеҳраи ӯро ҳамчун як рӯшанфикр, рӯзноманигор ва нависандаи таҷаддудхоҳ барои имрӯзу оянда ҳифз хоҳад кард. Зеро, осори Ҳилолиён Аскар ҳуҷҷати қотеи муҳим ва мустанад барои дарёфти роҳҳат ба саҳнаи воқеияти иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳоест, ки муаллиф мезисту фаъолият мекард ва як давраи тӯлонии таърихи миллати тоҷик бо он пайванд мехӯрад.

Ин осор дар бораи воқеиятҳои даврони шӯравӣ буда, ифтихор ва дарду ранҷи зиндагии имрӯзи моро низ инъикос кардаанд. Онҳо нафақат фарогири сабақи гузаштаанд, балки ба ояндаи созанда низ ишораи сареҳ доранд. Навиштаҳои ӯ агар дар солҳои фаъолияти муаллиф таҳрикбахши созандагӣ ва ормонҳои иҷтимоиву фарҳангии муаллиф ва мардум будаанд, имрӯз маводи таърихие ҳастанд, ки дар заминаи онҳо мо метавонем сари хатоҳои гузашта биандешем ва ғами фардоро бихӯрем.

Ҳар он чи Ҳилолиён Аскар дар солҳои панҷоҳу шаст ва баъди он навишт, пеш аз ҳама, хусусияти фаврӣ ва публитсистӣ дошта, бо фаъолияти рӯзмарраи матбуот сахт алоқаманд буданд. Навиштаҳои ӯ андеша, маънавиёт, ақидаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва завқу фаросати хонандаро ба сӯйи ормонҳои ҷомеаи пешрав раҳнамоӣ мекунанд. Бинобар ин, аз аввалин рӯзҳои кору зиндагиаш дар Тоҷикистон фаъолияти ҳунариаш фаврӣ, ҳадафманд ва огоҳона будааст. Дар ин замина метавон гуфт, ки осори публитсистии ӯ як навъ посух ба хостаҳои идеологӣ ва иҷтимоии замони шӯравӣ низ буда, арзиши маънавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо ҳеҷ гоҳ бо замони соат маҳдуд намешаванд.

Ҳилолиён Аскар дар навиштаҳои публитсистиаш муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии он рӯзгорро ба миён гузошта, меросбарии ӯ дар ин равиш марбут мешавад ба дарёфти хусусиятҳои хосси тарзи зиндагии иҷтимоиву фарҳангӣ ва хостаҳои идеологии вазъи ҳоким бар муҳити зиндагиву фаъолияти инсонҳо, ки арзишашон имрӯз низ маҳфузанд. Дар замина публитсистика барояш ҳамон соҳаи рӯзноманигорӣ будааст, ки ӯ “ба натиҷаи ниҳоиаш диққат” [2] дода, “дар такя ба тафаккури илмӣ, эътимоди мантиқӣ ва таъсироти ҳиссӣ мушкилоти ҷамъиятиву сиёсиро аз мавқеи ҳизбӣ фавран таҳқиқ” [5, с.4] намудааст ва табиист, ки бештари осори таълифкардааш ба ҳамин талаботи публитсистика ҷавобгӯянд.

Тавсифи мушаххаси “қолаби маъноии асари воқеӣ, ки публитсистӣ эътироф шудааст” [6, с.57], дар мисоли баъзе мақолаву очеркҳо ва повесту романҳои Ҳилолиён Аскар натиҷагирии фарзӣ набуда, аз таҷрибаи касбии ӯ берун меояд. Вақте ки осори ӯро дар маҷмӯъ аз назар мегузаронем, интихоби чунин асаре аз миёни навиштаҳояш мушкил нест, зеро тамоми умр муаллиф барои “эҷоди қолаби асари публитсистӣ” [6, с.57] талош варзидааст. Ин гуна асарҳои ӯ хусусиятҳои хосси публитсистикаи ӯро, ки замон ва вазъи аудиторияро низ муайян мекунанд, ба таври мушаххас нишон медиҳанд. Аксари навиштаҳояш пурвусъат буда, ҳамаи он унсурҳое, ки сохтори ташаккулёфтаи асари публитсистиро ба ҳам овардаанд, дар онҳо ба мушоҳида мерасанд ва гувоҳи соҳиби истеъдоди публитсистӣ будани муаллифанд. Ҳамаи ин сифатҳоро мо дар мақолаҳои ӯ “Қишлоқи колхозии мо гул-гул шукуфт” (Ҳақиқати Ленинобод.-1955.-20-уми феврал), “Комёбӣ аз мо, камбудӣ аз кӣ?” (Тоҷикистони советӣ.-1987.-31-уми март), “Захираҳоро бояд истифода бурд”(Тоҷикистони Советӣ.-1985.-20-уми феврал), очеркҳои “Аз Мастчоҳ то Мастчоҳ” (бо ҳамқаламии Ҳоҷӣ Содиқ, Тоҷикистони советӣ.-1959.-30-юми апрел; 6-уми май; 2-юми июн; 6-уми июн; 2-юми июл; 8-уми июл; 12-уми июл; 23-уми июл), “Тоҷи кӯҳсор” (Тоҷикистони советӣ.-1963.-16-уми май) ва сисилаи очерку повестҳо ва румони дуҷилда аз ҳаёти Саидҳоҷа Ӯрунхоҷаев ва ғайра мушоҳида мекунем.

Очерки бузургҳаҷми “Аз мастчоҳ то Мастчоҳ” аз зерсарлавҳаҳои “Аз заминҳои нав”, “Ду Оббурдон”, “Полдоракиҳо”, “Шаъну шараф ба баҳодурон”, “Бобо Сафар”, “Инженери об боз пайдо мешавад”, “Ӯ дар куҷост?”, “Шаккокӣ”, “Замини ҳазориспанддор”, “Дар колхози ҳамсоя”, “Халқ қарор мекунад”, “Чӣ қадар инҳо аз онҳо фарқ доранд” ва “Дар оинаи на он қадар дур” иборат буда, ҳар зерсарлавҳа ҳадафи интишори васеи иттилоот ва таъсиргузорӣ ба оммаи васеи хонандагон ва мардумро дорад [6, с.58]. Воқеан ҳам дар ин ва дигар навиштаҳояш Ҳилолиён Аскар ҳамеша мутаваҷҷеҳи масъалаҳои доғи рӯз будааст. Аз ҷумла, дар ин очерк низ ба шаҳодати А. Набавӣ “вайро ҷараёни аз кӯҳистони Мастчоҳ ба дашти Дилварзин кӯч додани мардуми Мастчоҳ, хубу бад ва сахту сусти ба ҷараёни зиндагии барои онҳо ғайримунтазира одат кардани онҳо, вазоифи ташкилоти дахлдор ба ин масъалаи муҳим, яъне аз худ кардани заминҳои нав ва ривоҷи пахтакорӣ дар Тоҷикистон ба худ мекашад” [3].

Муаллифон дар як муқаддимаи тавсифотие, ки ба ин очерк навиштаанд, хусусият, арзиш ва зарурати таҳаввулоти куллиро дар ҳаёти иҷтимоии кишвар таъкид карда, онро ҳодисаи бузурги таърихӣ ба шумор овардаанд, дар ҳоле ки нав ба вуқӯъ мепайваст ва дар пеши чашми мардум шакл мегирифт: “Мо чор сол пеш дар Мастчоҳи кӯҳӣ будем. Бовар кунед, ки як кӯчаи хурди совети қишлоқи Мастчоҳи нав (гарчанд ки ҳанӯз нотамом аст), аз тамоми маркази райони Мастчоҳи куҳна авлотар аст. Мастчоҳи нав ва Мастчоҳи куҳна аз якдигар на танҳо бо хонаҳою маданияти худ, киштзору маишати худ фарқ мекунанд, балки бо одамонашон низ тафовут доранд. Фақат дар давоми ду соли охир, ки мастчоҳиён аз кӯҳсор ба дашт кӯчида омаданд, аз байни онҳо чӣ қадар соҳибони касбҳои гуногун баромаданд?” [7].

Ҳилолиён Аскар баъди 32 сол, яъне 20-уми июни соли 1991 воқеияти он рӯзҳоро ёд оварда гуфта буд: “...назари наслҳое, ки дар шароити сахти “фармоишоти боло” тарбия ёфтаанд, ба тамом дигар буд ва аксаран имрӯз ҳам тағйир наёфта. Мо ба натиҷаи ниҳоӣ диққат медодем, аз рӯйи ҳамин меъёр метавон муҳоҷирати мастчоҳиёнро ҳақ бароварда, охир дашти Дилварзин обод шуд: ҳар сол аз ин ҷо бештар аз панҷоҳ ҳазор тонна пахта мегиранд, ширу гӯшт, харбузаву тарбуз, меваю сабзавоташ ҳам беҳисоб...” [2].

Тавсиф ва тасвири гуногунрангии иҷтимоиву таърихии Мастчоҳи куҳнаву нав мундариҷаи очеркро ташкил дода, ҷараёни дигаргуниҳо ва таҳаввулоти воқеиятҳо ба манфиати мардум будани онро собит мекунанд. Дар заминаи ҳамин очерк метавон дар бораи хусусияти хосси публитсистика, ки ҷӯстуҷӯҳои амиқи муаллиф, инъикоси ҳиссию тасвирии хислатҳои навъӣ (типӣ), омезиши ҳиссии таассурот, гирифториҳо ва ормони ӯро ифода мекунанд, метавон сухан кард. Бисёр муҳим аст, ки муаллиф ҳаводиси воқеиро на аз рӯйи фақат моҳияти сиёсиву иҷтимоӣ, ахлоқиву фалсафиашон, балки ҳаматарафа тавсиф ва тасвир мекунад ва хонанда доир ба паҳлуҳои гуногуни зиндагии мастчоҳиён, аҳаммияти таърихии воқеият, омилҳо ва оқибатҳои он тасаввуроти ҷомеъ пайдо мекунад. Ин ва дигар осори публитсистии Ҳилолиён Аскар намунаи публитсистикаи гуногунранги “таърихи имрӯз” буда, хусусияти сирф бадеӣ ва илмӣ надорад, балки фарогири муҳимтарин дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеаи тоҷикон дар матни воқеиятҳои сарнавиштсози замони гузаштааст.

Дигар осори бадеии публитсистии ӯ аз очерки “Тақдири арбоб” (бо ҳамқаламии М. Узоқов) сар карда, то повести “Имзои шахсӣ” ва романи “Печутоби роҳҳо” (бо ҳаммуаллифии А. Шукӯҳӣ), ки зиндагинома ва аъмолу рафтори Саидҳоҷа Ӯрунхоҷаевро фаро гирифтааст, ба ҳамин усул эҷод шуда, хусусиятҳои хосси мундариҷавӣ ва сохторӣ

доранд. Ин асарҳо саҳнаи мушаххаси зиндагӣ ва фаъолияти шахсияти асарҳост. Ҳилолиён Аскар ҳамроҳи Аминҷон Шукӯҳӣ тавонистааст, ки ба таври муназзам паҳлуҳои зиндагии қаҳрамонашро кушода, вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии замон ва минтақаи мавриди назарашро воқеӣ ва таъсиргузор инъикос намояд. Дар ин кор ба онҳо хусусияти таҷрибии публитсистика ёрии бевосита расонида, сохтори мундариҷавӣ ва шаклии асарро ташаккул додааст, ки далели салоҳияти касбии муаллифон дар шинохт ва инъикоси воқеият аст. Ҳам повест ва ҳам романро муаллифон дар натиҷаи дақиқ омӯхтани санадҳои иҷтимоӣ (вазъи ахлоқӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Мастчоҳи куҳна ва Мастчоҳи нав), воқеиятҳо (таассуботи афзояндаи динӣ ва хурофот) ва интихоби онҳо эҷод карда, ба ин васила на фақат вазъи иҷтимоиву таърихиро воқеӣ инъикос намудаанд, балки воқеиятҳову шахсиятҳоро бо ёрии тасвири бадеиву ҳиссӣ шукӯҳ бахшидаанд. Ба ифодаи дақиқтар, агар Ҳилолиён Аскарро дар замина тавсиф кунем, метавон таъкид кард, ки мушоҳидаи дақиқ, собитқадамӣ, мушоҳидакорӣ, назари амиқи интиқодиву ислоҳотхоҳӣ, касбият ва муқаддамтар аз инҳо, ҳисси нафрат ба ақибмондагиву беадолатӣ ва иштиёқи тамом ба ормонҳои созанда номи ӯро новобаста ба тағйири сиёсатҳову замонҳо зинда хоҳад дошт.

А Д А Б И Ё Т

1. Аскар, Ҳ. Аз Мастчоҳ то Мастчоҳ / Ҳ.Аскар, Ҳ.Содиқ // Тоҷикистони советӣ. - 1959, 30-юми апрел.
2. Вартанов, Г.И. Проблемы теории публицистики ждут рещении / Г.И. Вартанов // Вестник Московского университета. Журналистика. - 1967. - С.4-11.
3. Қиссаи ҳикояи зебо. Шаҳло, Шифо ва офарандаи онҳо / Мусоҳибаи Пури Ҷаҳонгир бо Ҳилолиён Аскар // Адабиёт ва санъат. – 1991, 20-уми июн.
4. Набавӣ, А. Дилаш пур аз меҳри зиндагонӣ буд / А.Набавӣ // Адабиёт ва санъат. – 2013, 4-уми апрел.
5. Прохоров, Е.Г. Публицист и действительность / Е.Г. Прохоров. - Издательство московского университета, 1973. – 317 с.
6. Содиқ, Ҳ. Аскари қалам / Ҳ.Содиқ // Маданияти Тоҷикистон. – 1983, 25-уми март.
7. Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ / М.Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.

САРНАВИШТИ ИБРАТАНГЕЗ ВА ҲУНАРИ ШОИСТА

Дар мақола муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагиномаи Ҳилолиён Аскар ва хусусиятҳои равиши публитсистии эҷодиёти ӯ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифта, вазифаҳои хосси мансуб ба ин навъи ҳунари рӯзноманигорӣ дар мисоли таҷрибаи эҷодии ӯ ёдрас шудааст. Ҳамчунин дар матни ҷараёнҳои воқеоти сиёсиву иҷтимоӣ, иҷтимоиву таърихӣ, синфиву ҳизбии замони зиндагии муаллиф, бо дастрасӣ ба санадҳои муҳимми тарҷумаиҳолӣ, лаҳзаҳои мушаххаси воқеаҳои аз сар гузаронидаи ӯ, ки нақше дар сарнавишташ доштаанд, то ҷое равшан карда шуд. Зиндагӣ ва сарнавишти воқеии ӯро ҳадафҳо ва арзишҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳизбиву идеологӣ шакл дода, аз ҳамин мавқеъ интихоби касб ва фаъолият кардааст. Маҳз мавқеи сиёсиву ҳизбӣ ва идеологӣ сарнавишти ӯро тағйир дода, аз зодбуми меросиаш ба Тоҷикистон меоварад ва ҷараёни зиндагӣ ва афъолу рафтори минбаъдаашро шакл медиҳад. Ҳамин мавқеият дар тамоми давраҳои зиндагӣ ва фаъолиятҳояш моҳияти андеша ва дидгоҳҳои ӯро ба ҳодисаҳои ҳаёти ҷомеа муайян карда, омили аслии бавуҷудоии консепсияи хосси ҳунарии ӯ дар шинохт ва инъикосу тавсифи вазифаҳои мушаххаси иҷтимоии инсон гардидааст. Зиндагинома ва осори ӯ гувоҳӣ медиҳанд, ки вай ҳеҷ вақт худро қурбонии фиребхӯрда ва худфиреб дар сиёсат надониста, дар тамоми умри сипарикардааш аз ҳама гуна иқдоми ахлоқӣ, динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, изҳорот ва ваъдаҳои ислоҳотӣ интизории саодати ахлоқӣ ва иҷтимоии инсонро доштааст.

Калидвожаҳо: Ҳилолиён Аскар, публитсистика, мақола, очерк, повест, роман, воқеият, касбият, сиёсат, рӯзноманигорӣ, адабӣ.

НАЗИДАТЕЛЬНАЯ ЖИЗНЬ И ТАЛАНТ ДОСТОЙНЫЙ МАСТЕРА СЛОВА

В статье рассматриваются важнейшие моменты жизни и творчества Хилолиен Аскар и особенности его публицистического стиля. Автор, подвергнув всестороннему изучению творческую лабораторию этого пламенного публициста, показывает специфические особенности его публицистики. Также в статье через призму жизненного пути и творческого развития писателя дается авторская оценка социально-политическим, классовым и партийным событиям периода жизни Хилолиен Аскар, оказавшие серьезное влияние на его жизнь и становление как публициста и писателя. В статье подчеркивается, что именно позиция Хилолиен Аскар как созидателя и новатора определили его отношение к общественным и политическим событиям и к построению художественной концепции публицистических и художественных сочинений. Жизненный путь и публицистическая деятельность Хилолиен Аскар являются доказательством того, что он никогда не был заложником идеологических взглядов того времени, и всю свою сознательную жизнь уповал на то, что все эти нравственные, религиозные, политические и социальные преобразования направлены на благо народа и светлое будущее.

Ключевые слова: публицистика, форма, структура, статья, очерк, повесть, роман, событие, политика, творчество, журналистика, художественность и др.

SUPERIOR LIFE AND TALENT WORTHY OF A MASTER OF WORD

The article discusses the most important moments of the life and work of Hilolien Askar and the features of his journalistic style. The author, after conducting a comprehensive study of the creative laboratory of this fiery publicist, shows the specific features of his journalism. Also in the article, through the prism of the life path and the creative development of the

writer, the author gives an assessment of the socio-political, class and party events of the life period of Hilolien Askar, which had a serious impact on his life and becoming a publicist and writer. The article emphasizes that it was the position of Hilolien Askar as a creator and innovator that determined his attitude to social and political events and to the construction of the artistic concept of journalistic and artistic works. The life path and journalistic activities of Hilolien Askar are proof that he was never held hostage to the ideological views of that time, and his whole conscious life relied on the fact that all these moral, religious, political and social transformations are aimed at the benefit of the people and a bright future.

Key words: journalism, form, structure, article, essay, novel, novel, event, politics, creativity, journalism, artistry.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зарипова Шаҳноза Тоҳировна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, х. Мавлонбеков 1. E-mail: **shahnoz_0005@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-34-78-68**

Сведения об авторе: ***Зарипова Шахноза Тохировна*** - Худжандский государственный университет им. академика Б. Гафурова, преподователь кафедры журналистики и теории перевода. **Адрес:** Таджикистан, 735700, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **shahnoz_0005@mail.ru.** Тел.: **(+992) 928-34-78-68**

Information about the author: Zaripova Shakhnoza Tohirovna - Khujand State University named after Academician B. Gafurova, lecturer at the Department of Journalism and Translation Theory. **Address**: Tajikistan, 735700, Khujand, Mavlyanbekov Avenue 1. E-mail: **shahnoz_0005@mail.ru.** Tel .: **(+992) 928-34-78-68**

УДК: 891.55:82

РУШДУ ТАҲАВВУЛИ ҒАЗАЛИ МУСТАҚИМ ДАР АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ САДАҲОИ XI-XII

Раҷабова М.Т.
Донишгоҳии миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти арабизабони охирҳои садаи XI ва асри XII назм чун даврaҳои пешин шуҳрати комил дошта, мақоми асосиро ишғол менамуд. Дар баробари тағаззулоти таркиби қасида дар ин аҳд ғазал ҳамчун навъи мустақили шеърӣ низ ривоҷ пайдо кардааст. Ғазал дар эҷодиёти шоирони охирҳои асри XI ва садаи XII низ ҳамчун навъи мустақили лирикӣ истифода шудааст. Ғазали мустақим дар адабиёти араб ҳанӯз дар охирҳои хилофати Уммавиён ривоҷи тамом пайдо намуда, ба монанди мадҳу ҳиҷову васф ба рӯҳи аср ва мафкураи мардум таъсири бориз гузоштааст. Бино ба ақидаи Е.Э. Бертелс "ривоҷи ғазал дар адабиёти араб то андозае натиҷаи таъсири эрониён ба арабҳо маҳсуб мешавад, зеро қобили қабул нест, ки халқиятҳои Осиёи Миёна ва Эрон то фатҳи арабҳо сурудҳои ишқиро намедониста бошанд. Гумони ғолиб он аст, ки махсусан оҳангҳои самимона, маҳрамонаи лирикаи қадимаи сӯфия на аз рисолаҳои схоластикии хушк, балки аз сурудҳои ишқии халқӣ, танҳо дар шакли ин лирика ва намунаҳои маҳфузмондаи назми қадимтарин сарчашма мегиранд [2, с.107]. И.С. Брагинский дар мавриди таърихи зуҳуру ташаккули ғазал дар адабиёти тоҷик андешаронӣ намуда, таъкид доштааст, ки он ҳанӯз дар асри X дар адабиёти тоҷик мавҷуд буд [3, с.100]. Дар садаи X вуҷуд доштани ғазалро ҳамчун шакли махсуси назми лирикӣ Р. Ҳодизода низ зикр кардааст [5, с.4]. Аз ин ҷо метавон ба бардоште расид, ки ғазал сараввал дар адабиёти араб зуҳуру ташаккул ёфта, баъдан бо таъсирпазирӣ аз назми арабӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ривоҷ пайдо кард. Аммо рушду нумуи ғазал дар адабиёти араб ба таъсири эрониён низ иртиботи қавӣ дошта, таъсири мутақобили ҳарду адабиётро дар худ барҷаста таҷассум кардааст.

Дар назми арабизабони қаламрави Эронзамин дар қиёс бо ҳавзаҳои сирф арабӣ ва форсӣ-тоҷикии он аҳд ғазалсароён ба шуарои забардаст, аз қабили Абунувос, Ибни Муътазз ва дигарон нарасида буданд. Дар пайвастагӣ ба ин, донишманди араб Алӣ Ҷаводи Тоҳир ба таври кӯтоҳ арзиши ғазалиёти давраи мазкурро чунин таъйин намудааст: "Дар миқдор соддаву сершумор, дар кайфият ночизу камаҳаммият, дар матонату устуворӣ ва садоқату самимият нокифояву ноқис, тақлидкорӣ ба шоирони пешин, бахусус Шариф ар-Разӣ ва Миҳёр ад-Дайламӣ" [9, с.377]. Ба назар мерасад, ки муҳаққиқи мазкур дар арзёбии ғазалҳои шоирони арабизабони давр то андозае ба ифрот роҳ додааст, зеро дар эҷодиёти шоирони давр ғазалҳои шевову дилнишинеро метавон дарёфт, ки маҳорату ҳунари онҳоро дар ғазалсароӣ бозтоб менамоянд. Чун аз рӯйи ашъори ба қисми дувуми тазкираи маъруфи садаи XII "Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср"-и Имодуддини Исфаҳонӣ – фузалои аҳли Исфаҳон, Хуросон ва Форс ворид гардида қазоват карда шавад, миёни шуарои арабизабон бо ашъори лирикии дилошӯби худ Туғроии Исфаҳонӣ [7, с.66], Комил Абулфазл Музаффари Яздӣ [7,

с.154-160], Абулҳасани Бохарзӣ [8, с.95-97], Илкиёшоҳи Марзбон [8, с.80], Қозӣ Яҳйо ибни Соид ибни Сайёри Ҳаравӣ [8, с.12, 13, 15], Низом Воизи Балхӣ [8, с.110] мақоми вижаро соҳиб гардидаанд.

Яке аз хусусиятҳои хосси ғазалиёти ин давра дар он аст, ки шоирон ба тимсолу таркибҳои зеҳнию мантиқӣ ва қисман дур аз ҳақиқат таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Ғазали Муҳаммади Ғаззолӣ ҳамин вижагиро соҳиб гардидааст:

حلَّت عقاربُ صُدْغِهِ مِنْ خَدِّهِ قمراً يجلُّ بها عنِ التشبيهِ
وَ لَقَدْ عَهِدْنَاهُ يحلُّ بِبرجها و مِنَ العجائبِ كيفَ حلَّت فيهِ

Каждумҳои чаккаи ӯ дар рӯяш нопадид гаштанд, пас қамаре зи ҳамшабеҳӣ дар он таҷаллӣ намуд.

Аҳд бинмудем, ки дар бурҷи он нопадид гардем, лек аҷаб аст, ки дар он чӣ сон битвон нопадид гашт [8, с.64].

Ғаззолӣ дар ифодаи эҳсосоти худ озод набуда, онро қисман пӯшида баён кардааст. Чунин ба назар менамояд, ки таркибу тасвирҳои мазкур ҳосили тахайюли мантиқии шоир буда, аз таҷрибаи ҳаётӣ комилан берун аст. Дар як вақт ба моҳи пурра ташбеҳ додани чеҳраи маъшуқа васфи шевоеро ба вуҷуд овардааст.

Дар ашъори шоирони давр ҳамчунин сифатҳои манфии маъшуқа низ инъикос карда мешавад. Шеъри Бохарзӣ намунаи барҷастаи чунин ғазалиёт буда, дар он шоир аз бевафогӣ ва макру ҳилаи маҳбуба шикоят намудааст. Истифодаи таркибҳои “каждуми ҷаррора”, “маккораи ҳилагар” мавҳумӣ ё худ тахайюлӣ гардида, симои маъшуқаро манфӣ таҷассум кардааст. Аз ин ҷо, дар онҳо ҳиссиёт ва асоси таҷрибавии тимсол камтар ғаштааст:

وَ لَقَدْ جَذَبْتُ إِلَيَّ عَقْرَبَ صُدْغِهِ فَوَجَدْتُها جرَّارةً مَجْرورَهْ
و كشفتُ ليلةً خَلْوةٍ عَنْ سَاقِه فرأيتها مَكَّارةً ممكورَهْ

Ҷозибаи каждуми чаккааш маро ба худ кашид, пас ӯро чун каждуми ҷаррора дарёфтам.

Ҳам зи пасаш шаби хилватро дарёфтам, пас ӯро маккораи ҳилагар бидидам [8, с.95].

Ибораи “каждуми чакка” киноя аз зулфи чакка буда, ибораи “каждуми ҷаррора” киноя аз маҳбубаи бемеҳру бевафо мебошад. Корбурди ибораҳои “каждуми ҷаррора” ва “каждуми чакка” дар назми арабизабон ва форсӣ-тоҷикӣ зиёд ба назар мерасад. Чунончи, дар шеъри зерини Унсурӣ ибораи “каждуми ҷаррора” ба маънии дар шеъри Бохарзӣ омада мавриди истифода қарор гирифтааст:

Гули сурӣ ба моҳ андар шукуфта,
Бар-ӯ бар каждуми ҷаррора хуфта.
Ду лаб чун донаи нор аст, лекин
Ба нӯги сӯзани андеша суфта [1, с.71].

Дар байти зерини Замахшарӣ сифатҳои манфии маъшуқа тавассути истифодаи ибораи “камони абрӯ” баён карда шудааст.

و كلُّ وفاءٍ كان في قَوْسِ حاجِبٍ و أَنتَ جَمَعْتَ الغَدْر في قوسِ حاجبِ

Ҳар вафое дар камони абрӯ буда, лек ту тазвирро дар камони абрӯ гирд овардӣ [8, с.171].

Дар байти мазкур “тазвирро дар камони абрӯ гирд овардӣ” киноя аз макру фиреб ва бевафогии маъшуқа мебошад. Дар ин байт ҳамчунин яке аз навъҳои санъати лафзии радд-ул-аҷз, ки дар он калимаи охирони мисраи дувум бо калимаи охирони мисраи аввал мувофиқат мекунад, дар мисоли “حاجبِ” мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар баробари тимсолу таркибҳои зеҳнию мантиқӣ дар ғазалиёти давр ҳамчунин симоҳои ҳиссию таҷрибавӣ низ зиёд ба назар мерасанд. Дар чунин ғазалҳо қаҳрамони лирикӣ дар ифодаи эҳсосоти ишқӣ қисман таҳаммул карда бошад ҳам, аксар онро равон ва пурмаънӣ баён карда, аз заминаи ҳаётию воқеияш ҷудо насохтааст. Ба ин маънӣ, баёни табиии эҳсосот ва бар асоси таҷрибаҳои зиндагӣ ифода гардидани моҳияти он умуман аз вижагиҳои намоёни ғазалиёти ин давра маҳсуб меёбад. Ин навъи ғазалиёт дар эҷодиёти шоирони аҳд мавқеи муҳим дошта, матлаби шоир табиӣ ва равшан, тимсоли қаҳрамон воқеӣ ба назар мерасад ва тасвирҳои мушоҳидавии мушаххас асоси баёнот қарор гирифтаанд. Дар робита ба ин, ғазали Комил Абулфазл Музаффари Яздӣ бо ҳиссиётангезиву мафтункунандагӣ ва таровату шевоии сухан хусусияти баланди бадеиро соҳиб гардида, ишқи поку самимӣ ва азоби ҷонкоҳи он барҷаста таҷаллӣ гардидааст:

وكنتُ ضَنيئاً بالدّموعِ فَلَمْ يَزَلْ بِيَ الشَّوْقُ حَتَّى جُدْتُ جودَ البَرَامِكِ
وما الحُبُّ إِلَّا فرحةٌ بَعْد فَرْحةٍ وما... الّا سالمٌ مِثْل هَالِكِ
هدى الله مَنْ يهدي الى الصَّبْرِ مُهْجَتي فإنَّ الهوى قَدْ سَدَّ كلَّ المَسَالِكِ

Зи ашкҳои равон беҳолу бемадор гардидам, лек ҳанӯз ҳам майлу ҳавасам гум нагаштааст, то ҷое ки ҳатто зи ҷуду сахои Бармакиён ҳам пешдастӣ ёфтам.

Муҳаббат чист, ба ҷуз хушҳолие баъди фараҳмандии тамом, муҳаббат чист, ба ҷуз шахси сиҳатманде, ки монанди мурда аст.

Худованд ҳидоят бинмояд, касеро, ки қалбамро ба сабурӣ ҳидоят бинмояд ва ба дурустӣ, ки муҳаббат садди роҳи ҳама корҳост [7, с.156].

Қаҳрамони лирикии аз паси ишқи нобарори худ азияткашида бо ин ҳама дарду ранҷ боз ҳам дар дил шавқи дидори маъшуқа ва комравоии ӯро мепарварад ва ҳамин орзуи висол намудани ошиқ оҳанги бадеӣ пайдо кардааст. Қаҳрамони лирикӣ мароқу ҳаваси худро дар дидори маъшуқа бо мурувватu саховатмандии Бармакиён ба қиёс кашида ва ҳатто аз он бештар шуморидааст, ки муболиға шудааст.

Чунин мазмуну тимсолҳои бадеӣ дар шеъри Убайдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абдуллатифи Хуҷандӣ низ бо рангу бори гуногун пайваста гузориш ёфтаанд. Дар баёни андешаҳои шоир эҳсосоти табиӣ ва симоҳои тачрибавӣ умуман бо маънавиёти бадеӣ ба ҳам омехта шудаанд. Шоир ҳолати рӯҳии худро аз фироқи маъшуқа ба василаи руҷӯъ кардан ба ӯ чунин изҳор доштааст:

قَدْ أَصْبَحَ في هَوَاكِ جَيْبِي ذيلي قد صَارَ كأَصْداغِكَ يومي ليلي
رَوَّعْتَ فؤادي بِنوىً تؤمقه لو تفعل ما تقول وَيْلي وَيْلي

Дар ҳавои ишқи ту қалбам гирифтор гардида, ҳам ҳаммонанди чаккаи ту рӯзам тор гардида.

Қалбамро бо наззораи худ зи дурӣ мафтун кардӣ, кошки он чӣ мегӯӣ, ҳамон кунӣ во вайлои ман, во вайлои ман [7, с.250].

Шоир сиёҳии рӯзи ошиқро аз дарди ҳиҷрон ба сиёҳии чаккаи маъшуқа ташбеҳ додааст, ки бисёр шево ва ба ҳам тавъам омадааст.

Яъқуб ибни Аҳмади Нишопурӣ дар мимияи худ айёми висол ва шабҳои ҳиҷронро ба ҳам муқобил гузоштааст:

حَلَاوَةُ أَيَّامِ الوِصَالِ شَهِيَّةٌ ولكنْ ليالي الهَجْر أَمْرَرْنَ طَعْمَها
وَلي كَبِدٌ حَرَّى ونَفْسٌ عليلةٌ كليمٌ تَوَلَّى كَلْمَها البيضُ كالْمَها

Ҳаловати айёми висол ширину гуворост, лек шабҳои ҳиҷрон таъми он бубарад.

Марост ҷигари сӯзону қалби бемор, гӯяндаро ҷароҳати тоза чун булӯр фаро гирифта [8, с.84].

Дар шеъри мазкур “айёми висол” ва “шабҳои ҳиҷрон” тазод шудаанд.

Дар шеъри Яздӣ хушбахтии шоир аз ёди дӯстдоронаш ба хушнудии асире, ки аз маҳбас озод гаштааст, шабоҳат дода шудааст:

تُسَرُّ بِذِكْرِكُمْ مُهْجَتِي سُرورَ الأَسِيرِ بإطْلاقِهِ
فإنّي أَنالُ بِلُقْيَاكُمُ مَنَالَ العَلِيلِ بإفْرَاقِهِ

Бо ёди шумо қалби ман хушнуд гардад, монанди хушнудии асире, ки аз зиндон озод гашта.

Ба дурустӣ дар ивази ҷудоӣ барои расидан ба дидори шумо бахшоиши тозаеро эҳдо бинмоям [7, с.158].

Қобили тазаккур аст, ки дар ашъори лирикии ин аҳд мавзӯоти суннатии ғазал, тавсифи муҳассаноти зоҳирии маъшуқа хеле зиёд ба назар мерасанд. Чунончи, чеҳраи маъшуқа ба қамар ва ё хуршед, дидаҳо ба теғу шамшер, мӯй ба шаб, гардан ба гардани оҳувон ташбеҳ дода мешаванд. Ғазали мустақили Ибни Нуриддини Шавравоҳ низ дар тавсифи муҳассаноти зоҳирии маъшуқа навишта шуда, қаҳрамони лирикии шоир шахси хушахлоқу бовафо буда, ба ёри худ меҳру вафои зиёд дорад. Ӯ ба хотири расидан ба дидори маъшуқаи худ аз ҳама чиз гузар мекунад ва ҳатто эҳтиёткориро низ фаромӯш сохта, дар гирди манзили маъшуқа давр мезанад ва мехоҳад, ки лаҳзае ҳам бошад, ба дидори ӯ мушарраф гардад:

أَفْدِي غَزَالاً يَشْبَهُ البانا قَدْ بَانَ مِنِي القَلْبُ مُذْبانَا
ظَبْيٌ كليلَ اللَّفْظِ مِنْ دَلِّهِ بَدْرَاً عَلِيلَ اللَّحْظِ فَتَّانَا
وَ مِنْ شَرَابِ الدِّنِ ذا عِفَّةٍ وَمِنْ شَرَابِ الذِّل سَكْرَانَا
أَبْدَى لَنَا الوَجْهَ فَلَمَّا رأى أَنَّا رَغِبْنَا فيهِ أَخْلَانَا
عَيْنِيَ دَلَّتْنِي عَلَيْهِ لِذا مَلأْتُهَا دُرَّاً ومَرْجَانَا
أَطُوفُ حيرانَ على بَابِهِ أَلْتُمُ جُدْرَانَاً وحيطانا
أَبُثُّ شَكْوايَ إِلَى حائطٍ و انَّ لِلْحِيْطانِ آذَانا

Ғизолеро фидояш бишавам, ки бар шир шабоҳат дорад, ӯ худро намоён кард ва дили ман асири худ сохт,

Оҳуи бонозу карашма аст, моҳи чаҳордаҳ аст, ки бо таровати нигоҳи дилфиреби худ дил бурдааст

Зи шароби кӯза парҳез бинмуда ва зи шароби фармонбардорӣ сармаст гардида

Рухи худ ба мо намоён кард, вақте бидид, ки мо аҳдшиканона ҷонибаш равонем
Дидагонам ҷониби ӯ ишора намуд ва з-ин рӯ онро бо дурдонаву гавҳар пур сохтам
Дар гирди дари хонааш ҳайрон давр мезанам ва деворҳоро ба дида мемоламу мебӯсам
Шикваҳои худ ба девор қисса менамоям, зеро ки девор низ гӯшҳое дорад [7, с.217].

Дар шеъри болоӣ чанд санъати бадеӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла, маъшуқа ба “шир”, “моҳи чаҳордаҳ” ташбеҳ дода шуда, ҳамчунин “ғизол” ва “оҳу” киноя аз маҳбуба, “зи шароби кӯза парҳез бинмудан” киноя аз хушахлоқиву покизагӣ, “зи шароби фармонбардорӣ сармаст гардидан” киноя аз гапдароиву итоаткорӣ мебошанд. Ҳамчунин дар байти охир мақоли маъруфи “Девор муш дорад, муш гӯш” ҳунармандона мавриди корбарӣ қарор гирифтааст.

Ғазалиёти мустақими шуаро шаҳодати возеҳи онанд, ки шоирони арабизабони давр суннатҳои сухансароёни форҳехтаи араб ва форсу тоҷикро идома мебахшиданд. Онҳо муҳаббати самимиву пок ва ҳусну ҷамоли маҳбубаро тараннум мекарданд. Бо тасвири дарду ранҷи ошиқ аз фироқи маҳбуба, сӯзу гудоз ва ишқи самимии ӯ эҳсосоти поки ботинии онҳо таҷассум карда мешуданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI / А.Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1979. – 282 с.
2. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс // Избранные труды. Том I. - Москва: Изд-во восточной литературы, 1960. - 556 с.
3. Брагинский И.С. О возникновении газели в таджикской и персидской литературе / И.С. Брагинский. - Москва: Советское востоковедение, 1958. - №2. - С.100.
4. Шидфар Б.Я. Аравийская старина. Из древней арабской поэзии и прозы / Б.Я. Шидфар. - Москва: Наука, 1983. – 144 с.
5. Хадизаде Р. Коротко о газели, предисловие к книге Газели / Р. Хадизаде. - Душанбе, 1968. - С.4.
6. زغلول سلام، محمد. الادب فی العصر الایوبی. الاسکندریة، 1990-595 ص.
7. عماد الدین الاصفهانی الکاتب. خریدة القصر و جریدة العصر فی ذکر فضلاء أهل إصفهان. تقدیم و تحقیق الدکتور عدنان محمد آل طعمة. تهران- دفتر نشر میراث مکتوب، آینهء میراث (مرآة التراث)،1419/1999-366 ص.
8. عماد الدین الاصفهانی الکاتب. خریدة القصر و جریدة العصر فی ذکر فضلاء أهل خراسان و هراة. تقدیم و تحقیق الدکتور عدنان محمد آل طعمة. تهران- دفتر نشر میراث مکتوب، آینهء میراث (مرآة التراث)،1419/ 1999-406 ص.
9. الطاهر، علی جواد. الشعر العربي في العراق و بلاد العجم في العصر السلجوقي. دار الرائد العربي، بیروت- لبنان. الطبعة الثانیة جزءان في مجلد واحد 1405/1985-560 ص.
10. الفاخوري، حنّا. الجامع في تاريخ الأدب العربي. الأدب القديم. دار الجيل-بيروت-لبنان، الطبعة الأولى 1986-1096 ص.

РУШДУ ТАҲАВВУЛИ ҒАЗАЛИ МУСТАҚИМ ДАР АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ САДАҲОИ XI-XII

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба таҳқиқи рушду таҳаввули ғазали мустақим дар адабиёти арабизабони XI-XII дар заминаи тазкираи “Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ пардохтааст. Зимни омӯзиши масъалаи мавриди назар муҳаққиқ бо таҳлили намунаҳои ғазалиёти мустақими шоирон мухтассоти ин навъи адабиро муайян намудааст. Бо дунболагирӣ аз ҳадафи пешгузоштаи хеш пажӯҳишгар бар мабнои таҳлилҳои анҷомдода ва омӯзиши назарияҳои пажӯҳишгарони муосир маълумоти арзишмандеро ба қайд овардааст. Бино ба таъйиди муаллифи мақола яке аз хусусиятҳои хосси ғазалиёти ин давра дар он аст, ки шоирон бештар ба тимсолу таркибҳои зеҳнию мантиқӣ ва қисман дур аз ҳақиқат тавақҷуҳ зоҳир кардаанд. Дар баробари тимсолу таркибҳои зеҳнию мантиқӣ дар ғазалиёти давр ҳамчунин симоҳои ҳиссию таҷрибавӣ низ зиёд ба назар мерасанд. Дар чунин ғазалҳо қаҳрамони лирикӣ дар ифодаи эҳсосоти ишқӣ қисман таҳаммул карда бошад ҳам, аксар онро равон ва пурмаънӣ баён карда, аз заминаи ҳаётию воқеияш ҷудо насохтааст. Ба ин маънӣ, баёни табиии эҳсосот ва бар асоси таҷрибаҳои зиндагӣ ифода гардидани моҳияти он умуман аз вижагиҳои намоёни ғазалиёти ин давра маҳсуб меёбад. Ин навъи ғазалиёт дар эҷодиёти шоирони аҳд мавқеи муҳим дошта, матлаби шоир табиӣ ва равшан, тимсоли қаҳрамон воқеӣ ба назар мерасад ва тасвирҳои мушоҳидавии мушаххас асоси баёнот қарор гирифтаанд. Ба ақидаи муаллиф дар ашъори лирикии ин аҳд мавзӯоти суннатии ғазал, тавсифи муҳассаноти зоҳирии маъшуқа хеле зиёд ба назар мерасанд. Чунончи, чеҳраи маъшуқа ба қамар ва ё хуршед, дидаҳо ба теғу шамшер, мӯй ба шаб ва ғ. ташбеҳ дода мешаванд. Муҳаққиқ чунин натиҷагирӣ менамояд, ки ғазалиёти мустақими шуаро шаҳодати возеҳи онанд, ки шоирони арабизабони давр суннатҳои сухансароёни форҳехтаи араб ва форсу тоҷикро идома бахшидаанд.

Калидвожаҳо: Имодуддини Исфаҳонӣ, “Харидат-ул-қаср”, Туғроии Исфаҳонӣ, Абулҳасани Бохарзӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Абунасри Кундурӣ, Комил Абулфазл Музаффари Яздӣ.

ЭВОЛЮЦИЯ И РАЗВИТИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ ГАЗЕЛИ В АРАБОЯЗЫЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ XI-XII ВЕКОВ

В данной статье автором рассмотрены вопросы, касающиеся развития самостоятельной газели в арабоязычной литературе XI-XII вв. на основе антологии “Жемчужина дворца и свиток современников” Имадуддина Исфахани. Глубоко изучая особенности арабоязычной газели данного периода автор статьи приводит достоверные факты относительно данной темы. По утверждению исследователя одним из особенностей самостоятельной газели является то, что поэты больше всего уделяли внимание интеллектуальным и логическим образам, далёких от реальной жизни. Наряду с интеллектуальными и логическими образами в самостоятельных газелях данного периода также встречаются

эмоциональные и экспериментальные образы. В таких газелях, хотя лирический герой в выражении чувства любви проявляет сдержанность, преимущественно свою эмоцию выражает с особым смыслом и содержательно, не отделяя её от земной и реальной основы. В этом смысле естественное проявление чувства и на основе жизненных опытов выражение его сущности является одним из важных особенностей газелей данного времени. Такие виды газелей занимают особенное место в творчестве поэтов этого периода и описание конкретного наблюдательного пейзажа становится основой изложения. По мнению автора статьи, в лирической поэзии данного времени часто встречаются такие темы традиционной газели, как описание внешнего достоинство возлюбленной. Например, лицо любимой сравнивается с луной или солнцем, глаза саблю и мечу, волосы ночи и тому подобное. Исследователь приходит к такому выводу, что самостоятельные газели поэтов являются очевидным доказательством того, что арабоязычные поэты времени продалжали традицию выдающихся арабских и персидско-таджикских поэтов.

Ключевые слова: Имадуддин ал-Исфахани, “Харидат-ул-каср”, Туграи ал-Исфахани, Абулхасан ал-Бохарзи, Мухаммад ал-Газзали, Абу Наср ал-Кундури, Камил Абулфазл Музаффар ал-Язди.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF DIRECT GAZELLE IN ARABIC LITERATURE OF XI-XII CENTURIES

In this article, on the basis of the commentary “Kharidat-ul-Qasr va jaridat-ul-Asr” by Imaduddin Isfahani the author has researched the development and evolution of direct sonnets (ghazals) in the Arabic literature of XI-XII centuries. While studying the issue in question, by analyzing the examples of direct sonnets (ghazals) of poets the researcher identified the specifics of this type literary. Following his goal, the researcher has provided valuable information based on the analysis and study of the theories of modern researchers. According to the author of the article, one of the features of the ***sonnets*** (ghazals) of this period is that the poets paid more attention on images and structures of the mind and logic, and in part far from the truth. Along with the intellectual and logical images and structures in the sonnets of the period, there are also mentioned many emotional and experiential images. In such sonnets, the lyrical protagonist, while partially tolerating the expression of romantic feelings, often expresses it fluently and meaningfully, without separating it from real-life background. As the result, the natural expression of feelings and the expression of its essence on the basis of life experiences is one of the most prominent features of the sonnets of this period. This type of sonnet plays an important role in the works of the poets of the century, subject of the poet is natural and clear, the image of the hero is real, and specific observational images are the basis of the statement. According to the author, in the lyrical poetry of this covenant, the traditional themes of the external features of the beloved are very common. For example, a lover’s face to the moon or the sun, eyes to the sword, hair to the night, and so on. are compared. The researcher concludes that the direct sonnets of the poet are clear evidence that the Arabic-speaking poets of the time continued the traditions of the great Arab, Persian and Tajik orators.

Key words: Imaduddin al-Isfahani, “Kharidat-ul-Qasr”, Tugrai al-Isfahani, Abulkhasan al-Bokharzi, Muhammad al-Gazzali, Abunasr al-Kunduri, Kamil Abulfazl Muzaffar al-Yazdi.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru**. Тел.: **(+992) 987-50-99-68**

Сведения об авторе: ***Раджабова Мархабо Тухтасуновна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru**. Тел.: **(+992) 987-50-99-68**

Information about the author: ***Rajabova Marhabo Tukhtasunovna*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, associate professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rajabova.marhabo@mail.ru**. Tel.: **(+992) 987-50-99-68**

УДК: 891.55

РОЛЬ РОБЕРТА РОЖДЕСТВЕНСКОГО В РАЗВИТИИ МИРОВОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Ашуров А.Дж.
Кулябский государственный университет имени А. Рудаки

Р.И. Рождественский, который считается одним из первых поэтов - зачинателей и лидеров литературного течения шестидесятничества, сыграл значимую роль в российском литературном процессе второй половины XX века. Изучение творческого наследия русского поэта XX века является актуальной проблемой современного русского литературоведения.

В данной научной статье анализируется лиро-эпическая поэзия Р.И. Рождественского, в которой отражается период развития современной русской литературы 1950-х - 1990-х гг., когда в современной русской литературе появились многие писатели и поэты, которые в своих произведениях показали различные проблемы современной реальной жизни. К этим поэтам и писателям относились поэты - шестидесятники Роберт Рождественский, Булат Окуджава, Евгений Евтушенко, Андрей Вознесенский, Белла Ахмадулина и другие поэты и писатели современной русской литературы, внесшие огромный вклад в развитие современной поэзии России.

Полное возвращение наследия Роберта Рождественского в мировую литературу означает начало нового этапа в изучении творчества этого русского поэта, художественные произведения в которого вошли сокровищницу мировой литературы.

Различные проблемы современной жизни, которые раскрываются в творчестве Роберта Рождественского - это высокий патриотизм, ненависть к деспотизму, попирание достоинства человек, и в этом заключено великое гуманистическое значение поэзии Р.И. Рождественского. Общечеловечность его идей, красота и нетленность стиха обессмертили творчество прославленного русского поэта. Непосредственно, его наследие - стихи и произведения - выдержали испытания временем в развитии многих и своеобразных поэтических явлений, имели огромное воздействие и на литературу таджикского народа, и всех других братских народов.

Таджикская современная литература развивается при благотворном общении с литературами всего мира, в особенности с русской литературой. В этом одно из завоеваний Октябрьской революции 1917 года.

С победой нового строя в Таджикистане сложились новые отношения, братства и уважения к другим народам, к их культуре. Действительность послереволюционных лет, которую воспевала таджикская литература, потребовала новых, более глубоких и совершенных форм. Среди них особое место занимает поэзия Роберта Рождественского.

Впервые стихотворения Роберта Рождественского на таджикский язык были переведены и опубликованы в изданиях Таджикистана в начале XX века. Переводчиком был один из современных поэтов Таджикистана Бобо Хочи, который перевел стихотворение «Дарёчаи Иня» (Река Иня) в газете «Комсомоли Точикистон».

Надо подчеркнуть, что в 50-60 годов литература Республики Таджикистан вступает в полосу своего бурного развития. Таджикская советская литература, продолжая традиции таджикской классической литературы, которая имеет большой опыт в создании произведений, поэзии и прозы, непосредственно уходящими своими корнями в устное народное творчество таджикского народа, стали для таджикских писателей источником вдохновения. Кстати, отражение новой послереволюционной действительности традиционными жанрами и образными средствами было уже невозможно.

Стремясь полнее и ярче отразить героическую современность, обогатить духовную жизнь своего народа, на основе культуры таджикского народа, они развивают различные формы таджикской литературы, обращаются к опыту русской литературы. Советская литература несет в себе не только новые идеи и стремления, но и новые средства художественного отображения действительности.

Васильев Р.С. писал: «Поэтический перевод на всех этапах своего развития немыслим в ограничительных рамках какой-либо нации или народа. История русской и мировой литературы свидетельствует о том, что литературы разных народов всегда находились и находятся в большем или меньшем взаимодействии, в неразрывном контакте, во взаимовлиянии, что способствует их художественному обогащению» [3, с.11].

Надо сказать, что этот метод стал новым в изучении поэтической жизни в XX веке. Именно в это время появилась необходимость возрождения литературных связей, взаимовлияния на качественно новом уровне, который закладывают новые проблемы взаимообогащения литератур народов мира литературных связей, которые все глубже развивают другой мир и культуру другого народа.

Арбузов А.Н. писал: «Одним из наглядных примеров такого взаимодействия в мировой литературе являются историко-культурные взаимоотношения русского и таджикского народов, продолжающиеся на протяжении столетий. Как известно, влияние одной литературы на иноязычную происходит различными путями, одним из которых является перевод, играющий немаловажную роль в реализации литературных связей» [1, с.88].

В таджикской литературе первый перевод Роберта Рождественского был сделан в 1977 году, и с этого времени его поэзия прочно входит в жизнь таджикского народа. В двенадцатом номере журнала «Садои Шарк» за 1977 год было напечатано стихотворение Роберта Рождественского «Для Ксении». Автором перевода был известный таджикский поэт, автор таджикского гимна Республики Таджикистан Гулназар Келдиева. Но любопытен сам по себе факт перевода именно этого стихотворения, известного лишь узкому кругу специалистов и любителей поэзии. Это дает основание предполагать, что переводчиком названного стихотворения был поэт широко образованный, прекрасно владеющий русским языком и стихотворной техникой. Сейчас этот перевод, можно сказать, забыт, а между тем он представляет определенную художественную

ценность и введение его в литературный обиход намного бы обогатило таджикскую литературу. Появление в 1977 г. этого перевода, изданного в популярном журнале «Садои Шарк», является подтверждением того, насколько велик был интерес к творчеству Роберта Рождественского в таджикских литературных кругах.

Следующий перевод появился в 1978 году. Молодой таджикский поэт Сайдали Маъмур перевел стихотворения «Погоня», «Радиус действия», «Солнечный зайчик», «Там за облаками», «Про жену, мечту и еще одно», «Весна двадцать девятого», «Этот большой мир», «Еще раз про любовь» и другие и выпустил их в журнале «Садои Шарк. Эти стихи же с переводом были переизданы в 1979 и 1981, 1988 гг.

В 1981 году в государственном издательстве Таджикистана «Ирфон» был напечатан сборник стихотворений Роберта Рождественского «Отлив» в переводе известного таджикского поэта, автора Гимна Республики Таджикистана Гулназара Келдиева.

В том же году газета «Точикистони Совети» опубликовала стихотворение Р.Рождественского «Посвящение» в переводе М.Боки. Этот перевод стал значительным вкладом в таджикскую литературу.

Переводы стихотворений «Флаги весны», «Моя любовь», «Испытание», «Дрейфующий проспект», «Необитаемые острова», «Ровеснику», «Избранная лирика», «Радиус действия» в 1981 году и сборник «Отлив» в 1984 году сделаны таджикскими поэтами М.Боки, Гулназар Келдиевым, Бобо Хочи, А. Адхамом, С.Маъмуром, которым было созвучно творчество Роберта Рождественского.

В 1987 году издан сборник стихотворений и поэм Роберта Ивановича Рождественского под названием «Моя любовь», куда вошли и переводы стихотворений «Флаги весны», «Моя любовь», «Испытание», «Дрейфующий проспект», «Необитаемые острова», «Ровеснику», «Избранная лирика», «Радиус действия» и другие произведения русского поэта.

В 1988 г. появляется еще один сборник Роберта Рождественского «Реквием», куда вошли такие стихотворения, как «Погоня», «Радиус действия», «Солнечный зайчик», «Там за облаками», «Про жену, мечту и еще одно», «Весна двадцать девятого», «Этот большой мир», «Еще раз про любовь» и др. в переводе М.Фархат. Число переводов произведений Роберта Рождественского растет из года в год. Они публикуются на страницах журналов «Садои Шарк», «Точикистони Совети» и «Илм ва хаёт».

Первыми переводчиками Роберта Рождественского были такие талантливые поэты, как Мирзо Боки, Аслам Адхам, Сайдали Маъмур, Бобо Хочи, Гулназар Келдиев и др. В 1999 году выходит сборник стихотворений Роберта Рождественского на таджикском языке под названием «Перед праздником» в переводе таджикского поэта Гулназара Келдиева. Он перевел на таджикский язык свыше 50 стихотворений и поэм русского поэта.

В последующие годы над произведениями Роберта Рождественского стали работать Р. Абдулло, А. Бахори, М. Фархат и многие другие молодые поэты Таджикистана. Таким образом к настоящему времени вышло 2 отдельных издания Роберта Рождественского на таджикском языке. Над переводом произведений русского поэта трудились более 10 поэтов Таджикистана. Самое крупное издание - двухтомник, выпущенный в 1999 г. Он включает большую часть художественных произведений Роберта Ивановича Рождественского.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арбузов А.Н. Особенности творчества Р.Рождественского / А.Н. Арбузов. - М.: Наука, 2001. - 243 с.
2. Аннинский, Л. Не докричавшийся до XXX века. Приход и уход Роберта Рождественского // РИ. Рождественский. Стихотворения. -М., 2006.
3. Васильев Р.С. Характеристика современной русской литературы / Р.С. Васильев. - М.: Наука, 2012. - 265 с.
4. Рябова Л.М. Переводы произведений русской литературы / Л.М. Рябова. - М.: Наука, 2007. - 254 с.
Баъди ин назари коршинос оид ба беназирии тазоҳурот нисбат ба эътирозҳои солҳои пеш муқоиса карда шуд. Ӯ гуфт, ки ҳамаи эътирозҳои Шарқи Наздик як мабнои иқтисодӣ доранд.

Соати 15:15 дақиқа, пас аз тафсири рӯзномаҳои Эрон ахбори Радиои «Фардо» аз Прага пахш шуд. Дар аввал дар бораи ду моҳи эътироз дар Ироқ, кушта шудани 354 нафар ва захмӣ гардидани 8 ҳазор нафари дигар хабар дода шуд.

Одил Маҳдӣ, сарвазири Ироқ истеъфои худро ба порлумон пешниҳод кардааст. «Истеъфои нахуствазир воқеан ҳам, метавонад барои ором шудани кишвар мусоидат намояд», - гуфт як коршинос.

Сипас дар бораи вокунишҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дар бораи эътирозҳои Эрон гузориш дода шуд.

Соати 15:30 дақиқа барномаи таҳлилии яксоата оғоз гардид. Дар оғоз иттилои Созмони «Авфи байналмилал» дар бораи кушта шудани 161 нафар такроран садо дод. Гуфта шуд, ки нархи бензин якбора 3 маротиба қимат шуда, аз 1 ҳазор ба 3 ҳазор риёл расидааст, ки боиси эътирозҳо гардид.

Сипас хабари ОИ Ассошиэйтед Пресс дар бораи баробар шудани 1 доллар ба 30 ҳазор риёл пахш шуд.

Дар чашмандозе ба он чӣ, ки тайи ду ҳафта гузашт, садои роҳбарияти Эрон садо дод: «Хориҷиҳо пул харҷ карданд, то ин ҳаракатро анҷом диҳанд. Ин ҳаракат ба василаи мардум нобуд карда шуд», - гуфт Алии Ҳоманаӣ.

«Кадом мардум?», - гуфт муҷрии барнома. Ӯ ҳар як сухани Алии Ҳоманаиро шунавонида, интиқод мекард. «То хостаҳои мардум амалӣ нашавад, эътироз аз байн намеравад», - гуфт барандаи барнома. Барномаи мазкур рӯзи дигар, соати 18:40 дақиқа такроран пахш шуд.

Қобили зикр аст, ки нимаи дуюми моҳи ноябр ва нимаи аввали моҳи декабри соли 2019 дар аксари барномаҳои «Садои Америка 365» сухан оид ба тазоҳурот мерафт. Ҳатто 02.12.2019 дар барномаи хабарҳои варзишӣ (соати 7:00) масъалаи эътирозҳо баррасӣ гардида, боз саркӯб шудани мардум, кушта шудани онҳо, қатъи Интернет бардошта шуд. 4-уми декабр бошад, (соати 9:15 дақиқа) гузориши Шаҳриёри Сиёмӣ дар бораи кушта шудани кӯдакону наврасон дар эътирозҳои Эрон пахш шуд. Дар ин бора Эҳсони Мехробӣ низ гузориш дод. Ин мавзӯъ қаблан ҳам садо дода буд. Дарвоқеъ, аксари расонаҳои ИМА ба аудиторияи худ танҳо ҳамон хабареро пахш мекунанд, ки ба манфиати худашон аст [5].

Баъзан дар ин барномаҳо рӯйирост масъалаи сарнагун кардани сохти мавҷудаи давлати Эрон бардошта мешавад. Масалан, 05.12.2019 (Соати 9:00) як нафар зан аз Эрон дар гирдиҳамоии эътирозӣ шиор мепартофт: “Нест бод режими фашистии мазҳабӣ дар Эрон!» Ҳамин суханон боз соати 9:32 дақиқа такроран садо доданд.

«Садои Америка» аз соли 1959 омӯзиши забони англисиро тавассути радио ба роҳ мондааст. Соли 2014 бо афзоиши барномаҳо бахши алоҳидаи омӯзиши забони англисӣ таъсис дода шуд ва ҳоло он сарчашмаи мултимедиявии ахбори «Садои Америка» барои омӯзандагони забони англисӣ дар тамоми ҷаҳон мебошад [9].

Барномаҳои аудиоӣ ва видео бо субтитрҳо - "Забони англисӣ дар як дақиқа", "Забони англисӣ дар филмҳо", "Грамматикаи рӯзонаи ТВ" ва "Омӯзиши забони англисӣ" бо истифода аз луғат барои навҷавонон, матнҳои онлайнӣ, MP3 ва подкастҳо ба муштариён имкон медиҳанд, ки хонанд, гӯш кунанд ва забони англисии амрикоиро омӯзанд. Барномаҳои забони англисӣ дар сомонаи https://learningenglish.voanews.com/ инчунин дар радио ва моҳвора пахш мешаванд ва дар youtube.com/voalearningenglish, facebook.com/voalearningenglish ва twitter.com/voalearnenglish дастрасанд.

Ба иттилои масъулин шумораи муштариёни «Садои Америка» солҳои охир рӯ ба афзоиш дорад. Масалан, дар соли молиявии 2019 муштариёни ҳарҳафтаинаи «Садои Америка» 5.7 миллион нафар афзоиш ёфта, шумораи аудиторияи глобалии ҳарҳафтаинаи он 280,9 миллион нафарро ташкил дод. Муштариёни «Садои Америка», ки аз бузургтарин панҷ шабакаи Оҷонсии ВАО-и глобалии ИМА (USAGM) мебошад, дар тӯли панҷ соли охир муттасил густариш ёфтааст.

Афзоиши назаррас дар Мексика (5,2 млн. ё 7.3%), Афғонистон (4,3 млн. ё 35,1%), Покистон (3 млн. ё 2,2%), Зимбабве (2.4 млн. ё 28.6 %) ва Малавӣ (2.4 млн. ё 21.6 %) ба қайд гирифта шуд. Вале дар Индонезияи сераҳолӣ шумораи муштариён 8,7 млн. ё 6,8% ва Нигерия 1,2 млн. ё 1,8% кам шуд. Дар ҳамин ҳол дар Индонезия, бо вуҷуди аз даст додани аудиторияи телевизионӣ, муштариёни расонаҳои рақамии «Садои Америка» аз соли 2016 ба ин ҷониб қариб 600 фоиз афзоиш ёфтааст.

"Афзоиши аудиторияи мо инъикоси умеди мардум ба ахбори беғараз ва мустақил аст", - мегӯяд директори «Садои Америка» Аманда Беннетт. "Ман аз он ифтихор дорам, ки «Садои Америка» ҳамчун намуна барои матбуоти озод дар тамоми ҷаҳон хизмат мекунад."[16].

Бояд гуфт, ки ҳамасола Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ барои расонаҳои зери назорататш маблағи кам дархост мекунад. Вале Конгресси ИМА баъди баррасӣ маблағи бештар ҷудо менамояд. Масалан, барои соли 2018 685.154.000 дархост шуда буд, вале беш аз 803.528.000 доллар ҷудо карда шуд. Дар соли 2019 бошад, 661.133.000 доллар дархост шуда бошад ҳам, дар асл 807.686.000 доллар ҷудо гардид. Ҳоло Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ барои соли 2020 628.076.000 доллар дархост кардааст [8]. Аз рӯйи таҷрибаи солҳои гузашта, албатта Конгресси ИМА барои фаъолити расонаҳои Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ маблағи бештаре ҷудо мекунад.

Дар ҳамин ҳол буҷаи «Садои Америка» дар соли 2018 199,8 млн. долларро ташкил дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Американцам станут доступны материалы на многих языках мира/ golos ameriki.ru. 2009-2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.golos-ameriki.ru/a/us-bbg-open/1577452.html (Санаи истифодабарӣ: 25.09. 2019).
2. Голос Америки/golos ameriki.ru. 2009-2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.golos-ameriki.ru/p/3980.html (Санаи истифодабарӣ: 25.11. 2019).
3. «Голос Америки» // Иванян Э.А. Энциклопедия российско-американских отношений. XVIII-XX века. — Москва: Международные отношения, 2001. — 696 с. — ISBN 5-7133-1045-0
4. Муким Джовид. Радио «Свобода»: ложь и правда. Монография / Джовид Муким. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 180 с.
5. Муқимов М. А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ / Паёми ДМТ, бахши илмҳои филологӣ, № 2 . - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. - С. 251 – 255. ISSN 2413-516X
6. Президент USAGM Джон Лансинг подал в отставку/ ruherald.com. 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://ruherald.com/prezident-usagm-dzhon-lansing-podal-v-otstavku/ (Санаи истифодабарӣ: 21.09.2019).
7. Русская служба «Голоса Америки»: 70 лет в эфире/ golos ameriki.ru. 2009-2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.golos-ameriki.ru/a/voa-70-about-us/3727576.html (Санаи истифодабарӣ: 18.11.2019).
8. США за год потратят на пропаганду в России 2 млрд рублей/ life.ru. 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://life.ru/t/новости/1220046/ssha_za_ghod_potratiat_na_propaghandu_v_rossii_2_mlrd_rubliei (Санаи истифодабарӣ: 20.09.2019).
9. About Us/ VOA. 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://learningenglish.voanews.com/p/5373.html (Санаи истифодабарӣ: 28.11.2019).
10. About Radio VOA/ VOA. 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.insidevoa.com/p/5831.html (Санаи истифодабарӣ: 17.11.2019).
11. AI: Дар саркӯби эътирозҳо дар Эрон 161 кас кушта шудаанд/ RFE / RL. 2007-2019. - [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.ozodi.org/a/30300348.html (Санаи истифодабарӣ: 30.11.2019).
12. "Amerika ovozi" o'zbek xizmati xodimlari/ VOA. 2019.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.amerikaovozi.com/p/5648.html (Санаи истифодабарӣ: 28.11.2019).
13. Harold W. Geisel. Inspection of U.S. International Broadcasting to Russia (англ.) // Office of Inspector General: United States Department of State and the Broadcasting Board of Governors. — 2013. — September. - ISSN ISP-IB-13-50.
14. VOA Broadcasting to Iran/ VOA. 2019. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.insidevoa.com/p/6425.html (Санаи истифодабарӣ: 08.12.2019).
15. VOA Launches Venezuela-Focused TV News Program/ VOA. 2019.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.insidevoa.com/a/voa-launches-venezuela-focused-tv-news-program/5101277.html (Санаи истифодабарӣ: 08.12.2019).
16. VOA's Weekly Audience Surpasses 280 Million/ VOA. 2019.- [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.insidevoa.com/a/voa-weekly-audience-surpasses-280-million/5175852.html (Санаи истифодабарӣ: 10.12.2019).

«САДОИ АМЕРИКА» ДАСТГОҲИ ТАРҒИБОТИИ ҲУКУМАТИ ИМА

Дар мақолаи мазкур фаъолияти Радиои «Садои Америка», ки аз 24-уми феврали соли 1942 барои хориҷа барнома пахш мекунад, мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. «Садои Америка» бузургтарин ташкилоти иттилоотии мултимедиявии ИМА буда, мақари асосииаш дар шаҳри Вашингтон ҷойгир аст. Вай ба забони англисӣ ва 45 забони дунё барнома пахш мекунад. Аз моҳи январи соли 1994 иттилои пахшкардаи «Садои Америка» дар Интернет дастрас аст. Ҳоло ба ғайр аз радиову телевизион барномаҳои «Садои Америка» тавассути 48 сомона ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо забонҳои гуногуни дунё пахш карда мешаванд. Миқдори забонҳои пахши барнома ва миқдори соатҳои эфирӣ ба ҳар як забон, вобаста аз афзалиятҳои Ҳукумати Иёлоти Муттаҳида ва вазъияти ҷаҳон тағйир меёбад. «Садои Америка» аз буҷаи давлат тариқи Оҷонсии Федералии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) маблағгузорӣ мегардад. Шуъбаи забони русии Радиои «Садои Америка» соли 1947 ба фаъолият шурӯъ кард ва бо оғози ҷанги сард яке аз авлавиятҳои ИМА гардид. Баъдан «Садои Америка» пахши барномаҳояшро барои ҷумҳуриҳои миллии Иттиҳоди Шӯравӣ ба роҳ монд. Дар миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта бо назардошти сиёсати хориҷӣ «Садои Америка» аз нав созмон дода шуд ва дигар он радиостансияи давлатӣ маҳсуб намешавад. Пахши барномаҳои форсии Радиои «Садои Америка» соли 1979, бо дигар шудани сохти давлатдорӣ дар Эрон оғоз гардидааст. Ҳоло барои Эрон Телевизиони «Садои Америка» 365 (VOA 365) шабонарӯзӣ барнома пахш мекунад. Дар ин барномаҳо вай аз роҳбарияти давлати Эронро интиқод намуда, тарғиб мекунад, ки сохти давлатдорӣ сарнагун карда шавад. Махсусан ин баъди

эътирозҳои моҳи ноябри соли 2019 дар Эрон бештар ба назар мерасад. Аз пажӯҳиш бармеояд, ки «Садои Америка» чун дигар расонаҳои тарғиботии ИМА барои амалӣ кардани ҳадафҳои геополитикии кишвар истифода мешавад.

Калидвожаҳо: тарғибот, ВАО, расонаҳо, «Садои Америка», Радиои «Озодӣ», Радиои “Фардо,” USAGM, телевизион, Эрон, ИМА, Иттиҳоди Шӯравӣ.

«ГОЛОС АМЕРИКИ» ПРОПАГАНДИТСКИЙ ИНСТРУМЕНТ ПРАВИТЕЛЬСТВА США

В этой статье анализируется деятельность Радио «Голос Америки», которая вышла в эфир 24 февраля 1942 года для фашисткой Германии и Италии. «Голос Америки» - крупнейшая в США мультимедийная информационная организация, базирующаяся в Вашингтоне. Она вещает на английском и 45 языках мира. С января 1994 года информация, опубликованная «Голосом Америки», доступна в Интернете. Помимо радио и телевидения, «Голос Америки» вещает на 48 сайтах и в социальных сетях на разных языках по всему миру. Количество языков вещания и количество часов для каждого языка будут различаться в зависимости от приоритетов Правительства Соединенных Штатов и ситуации в мире. «Голос Америки» финансируется Правительством США через Агентство США по глобальным медиа (USAGM). Русскоязычная служба Радио «Голос Америки» начала вещать передачи в 1947 году, и со времен холодной войны она стала одним из приоритетов Соединенных Штатов. Затем «Голос Америки» транслировал программы для национальных республик Советского Союза. В середине 1970-х «Голос Америки» был реорганизован и больше не был государственной радиостанцией. Персидское радиовещание «Голоса Америки» началось в 1979 году с изменения государственного строя в Иране. Теперь Телевидение «Голос Америки 365» (VOA 365) транслирует 24-часовую программу. В этих программах оно критикует правительство Ирана и призывает к свержению государственного строя. Это особенно заметно после протестов в Иране, в ноябре 2019 года. Исследования показали, что «Голос Америки» используется как другие СМИ подконтрольные Агентство США по глобальным медиа для достижения геополитических целей страны.

Ключевые слова: пропаганда, СМИ, “Голос Аменики”, Радио “Свобода”, Радио «Фарда», USAGM, телевидение, Иран, США, Советский Союз.

VOICE OF AMERICA US GOVERNMENT PROPAGANDA TOOL

This article analyzes the activities Radio «Voice of America», which aired on February 24, 1942 for fascist Germany and Italy. Voice of America is the largest multimedia information organization in the United States based in Washington. It broadcasts in English and 45 languages of the world. Since January 1994, information published by Voice of America has been available on the Internet. In addition to radio and television, Voice of America broadcasts on 48 sites and social networks in different languages around the world. The number of broadcast languages and the number of hours for each language will vary depending on the priorities of the United States Government and the situation in the world. Voice of America is funded by the US Government through the United States Global Media Agency (USAGM). The Russian-language service of Voice of America Radio began broadcasting in 1947, and since the Cold War it has become one of the priorities of the United States. Then, Voice of America broadcast programs for the national republics of the Soviet Union. In the mid-1970s, Voice of America was reorganized and was no longer a state radio station. The Voice of America Persian broadcasting began in 1979 with a change in the political system in Iran. Voice of America 365 Television (VOA 365) now broadcasts a 24-hour program. In these programs, he criticizes the Iranian government and calls for the overthrow of the political system. This is especially noticeable after the protests in Iran in November 2019. Studies have shown that Voice of America is used by the US Global Media Agency as other media to achieve the country's geopolitical goals.

Key words: propaganda, media, «Voice of America Radio», «Liberty», Radio «Farda», USAGM, television, Iran, USA, Soviet Union.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамади Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **E-mail:** **jovidm@mail.ru**

УДК: 492.7.09

ШАБАКАҲОИ ИТТИЛООТИИ АРАБ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ИНЪИКОСИ ҲАВОДИСИ «БАҲОРИ АРАБ»

Қаландаров С.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷаҳон дар ду садсолаи ахир шоҳиди инқилоб, таҳаввулот ва ҳаводиси гуногун буда, ҳар кадоме хусусият ва заминаҳои ба вуҷуд омадани худро доштанд. Ҳаводисе, ки солҳои охир дар кишварҳои арабӣ сар заданд, аз қабили ҳамин гуна воқеаҳоеанд, ки таъсири амиқу чашмгире дар низоми муносиботи сиёсӣ ва дипломатии дунё доштанду доранд. Вале як нукта мусаллам аст, ки ҳамеша васоити ахбори омма ба сифати майдони инъикоси ин гуна ҳаводис баромад мекунад. Бархӯрди ВАО ба ҳаводиси дунё якрангу якнавохт набуда, ҳар кадоме вобаста ба манфиатҳои миллии кишварҳои худ онҳоро ба таҳлил ва арзёбӣ мегиранд.

Ҳақиқатан, дар замони муосир сиёсати иттилоотӣ ҳамчун олоти таъсиррасоние аст, ки ҳамаи давлатҳои абардқудрат кӯшиш мекунанд онро соҳиб шаванд. Шабакаҳои бонуфузи иттилоотии ҷаҳон дарк кардаанд, ки ахбори оҷил ва гузоришот на фақат кори муқаррарии шахсоне, ки ба тиҷорати иттилоотӣ машғуланд, балки ин, пеш аз ҳама, нуфузи (таъсир) воқеӣ, сарвати калон ва масъулияти бузург аст. Он чи ки ба Шарқи Наздик тааллуқ дорад, бештари коршиносон ба он ақидаанд, ки шабакаҳои иттилоотии ин минтақа фақат он матолиберо мавриди намоиш ва муҳокима қарор медиҳанд, ки ҳокимони ҳукмрони ин кишварҳо иҷозат медиҳанд. Ба таъбири муҳаққиқон “амалан дар ҳамаи давлатҳои араб ВАО ҳамчун олати ташкилкунандаи афкори омма, ки дар навбати худ ба ҳолати (вазъ) дохилии сиёсӣ ва идеологии онҳо таъсир мерасонад ва фазои риояи қонун ва ҳамдигарфаҳмиро ҷонибдорӣ мекунад” [3, с.163].

Ҷаҳони араб ва ислом муддати чанд даҳсолаи охир мавриди таваҷҷуҳи махсуси ВАО-и тамоми олам қарор дорад. Айни ҳол барои ВАО-и ҷаҳон се сарчашмаи асосии ахбор мавҷуд аст: Аврупо, Америкаи шимолӣ ва Шарқи наздик. Аз дигар минтақаҳои ҷаҳон дар ВАО ахбор камшумор аст. ВАО-и Аврупо ва Америка воқеаҳои олами арабро аксар вақт бе назардошти воқеияти олами мусалмонӣ субъективона (боғараз) шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ҳамчунин солҳои пеш ВАО-и кишварҳои ғарб бинобар сабаби паст будани сифати журналистикаи араб матолиби матбуоти ВАО-и арабро ҳамчун сарчашмаи боэътимод истифода намебурданд.

Қобили зикр аст, ки воқеан ҳам роҳбарони давлатҳои араб ВАО-ро ҳамчун олати ташкилкунандаи афкори омма ва таъсир ба ҳолати идеологӣ дар кишварҳояшон ҷиҳати нигоҳ доштани таҳкурсии (бунёд) сиёсати ҳокимият, дастгирии фазои риояи қонун ва ҳамдигарфаҳмӣ хеле босамар истифода мебаранд. Дар корҳои иттилоотӣ – таблиғотии низоми ҳукмрони кишварҳои араб ду шабакаи пахши иттилоот истифода мешавад. Якум матбуоти расмӣ ва нашриёти гуногуни ҳукуматӣ ё наздик ба онҳо. Дуюм воситаҳои ахбори оммаи исломӣ. Доираҳои динӣ низ дорои дастгоҳи пурзӯри ташвиқотӣ буда, бо дастовардҳои навтарини технологияи ҷаҳони муосир таҷҳизонида шудааст.

То аввали солҳои 90-уми асри гузашта бе истисно ҳамаи шабакаҳои телевизионии кишварҳои араб давлатӣ буданд, бинобар ин, вазифаи онҳо хизмати талаботи иттилоотии давлат ва фароғатию андармонсозии тамошобинон буд. Дар барномаҳои онҳо ягон масоили муҳимми иҷтимоӣ мавриди муҳокима қарор намегирифт ва ё мусоҳибае бо роҳбарони сиёсии равияҳои гуногун гузаронида намешуд. Шабакаҳои иттилоотӣ қариб ки дар хориҷи кишварашон мухбир надоштанд ва маъмулан ахбор ва тавзеҳи фаъолияти ҳукуматро қатъи назар аз арзиши навигарӣ (хабар) дорад ё надорад, анҷом медоданд (ба мардуми кишварон мерасониданд).

Таҳаввулоти ҷиддӣ дар ВАО-и мамолики араб дар охирҳои асри XX ва аввалҳои асри XXI ба вуқуъ омад. Солҳои зиёд бебаҳс дар соҳаи иттилоот васоити ахбори оммаи ғарби англисизабон бартарият дошт, ки воқеан сиёсати иттилоотии ҷаҳонро муайян мекард. Баъди рӯйдодҳои кишварҳои мусулмонӣ дар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳон тамоюли пайдо шудани тарафи муқобили тавоно – ВАО-и араб возеҳ мушоҳида мешавад. Хусусан солҳои охир бо пайдо шудани шабакаҳои нави иттилоотии кишварҳои араб вазъият дар давлатҳои мусулмонӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Махсусан, баъди ба фаъолият шурӯъ кардани шабакаҳои иттилоотии арабии «Ал-Ҷазира» ва «Ал-Арабия» матбуоти ғарб аз ахбори онҳо ҳамчун сарчашмаи боэътимод истифода мебурдагӣ шуданд.

Воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои араб бо истифода аз сармоя ва таҷрибаву дастовардҳои технологии иттилоотии журналистикаи ғарб ба зудӣ тараққӣ кард ва дар ҳоли рушд қарор дорад. Махсусан, бартарӣ ва нуфузи ВАО-и араб ҳангоми оғози ҷанги қувваҳои ҳарбии НАТО дар Афғонистон (2001), Ироқ (2003), ноором гаштани вазъи Шарқи Наздик (Сурия) ва кишварҳои арабии Африқои шимолӣ (Тунис, Миср, Алҷазоир, Либия, Судон) эҳсос шуд.

Ҳаводиси олами араб, ки дар расонаҳои хабарӣ ва дигар улуми иҷтимоӣ бо номҳои гуногун «баҳори араб», «инқилобҳои арабӣ», «бедории олами араб», «бедории ҷаҳони ислом», «ғалабаи демократияи араб ба диктатураи араб» ва ғайра корбурд мешаванд, аз муҳимтарин ҳаводиси сиёсии солҳои охири ҷаҳон буда, то имрӯз мавриди таваҷҷуҳи расонаҳо қарор дорад. Аммо ин ҳаводис бештар бо номи «баҳори араб» маъмул буда, бо ҳамин ном ҳам дар маводу матлабҳои илмӣ ва ҳам расонаӣ инъикос шудааст.

Дар ҳақиқат, имрӯз дар ҷаҳони муосир новобаста аз шакли давлатдорӣ ва режимҳои гуногун ВАО пуртаъсиртарин восита барои таҳкими қудрат, ислоҳ ва пешрафт эътироф шудааст. Ба воситаи ВАО сиёсати худро дар дилхоҳ минтақа тарғиб менамоянд ва ҷомеа он минтақаро тарзе, ки мехоҳад идора мекунад. Зеро тавассути ВАО таъсири иттилоъ ба ташаккули инсон ва тафаккури он самаранок сурат мегирад [12, с.4]. Аммо агар дар ВАО ҳадафҳои сиёсии давлатӣ ғайривоқеӣ ва муғризона шарҳ ёбанд, пас чунин амалҳоро ҳамчун омилҳои харобиовар дар ВАО метавон арзёбӣ намуд [1, с.133].

Мавриди ба зикр аст, ки то кунун нақши ВАО-и араб дар ин ҳаводис аз ҷониби олимони тоҷик мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Танҳо як ду конфронсе, ки дар ин замина ташкил шудааст, ба ин ҳаводис баҳои илмӣ додаанд, вале марказҳои илмии Тоҷикистон ин ҳаводисро ба тадқиқи воқеии илмӣ фаро нагирифтаанд. Аз ин сабаб, мо дар мақола фаъолият ва нақши шабакаҳои бонуфузи иттилоотии олами араб-«Ал-Ҷазира» ва «Ал-Арабия»-ро дар ҳаводис мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор медиҳем ва бештар ба матолиби таҳқиқшудаи олимони араб ва рус такя мекунем. Ҳақиқатан, ду шабакаи иттилоотии халиҷи Форс “Ал-Ҷазира” ва “Ал-Арабия”, ки бемуҳобо пешсафони соҳаи иттилоот бо забони арабӣ ба шумор мераванд, дар инъикоси ҳаводиси олами араб нақши муассир бозидаанд.

Сарфи назар аз он ки шабакаро Амири Қатар - Шайх Ҳамад ибн Халифа Ас-Сонӣ сармоягузорӣ мекунад ва шарҳи (баён) воқеаҳои дохили Қатар дар он манъ аст, шабака тарафдории меъёри меҳварии дурустӣ ва боэътимодии ахборро намоиш медиҳад. Имрӯз «Ал-Ҷазира» мисоли равшани журналистикае ба шумор меравад, ки таъминкунандаи музокираҳои иҷтимоии тамоми минтақа аст ва дар баробари он, дар давлати ғайри демократӣ фаъолият дорад.

Бояд зикр кард, ки айни ҳол шабакаи иттилоотии «Ал-Ҷазира» на фақат дар олами араб, балки дар бозори ҷаҳонии иттилоот ва муборизаҳои иттилоотӣ мавқеи калон дорад. Ҳатто баъзе расонаҳои иттилоотии машҳури ҷаҳон ҳангоми пахши хабарҳо ба «Ал-Ҷазира» такя мекунанд. Набудани назорати идеологӣ, воқеият ва сатҳи баланди касбӣ ба он оварда расонид, ки шабакаи иттилоотии мазкур байни шабакаҳои телевизионии араб пешсафи мутлақ ва яке аз рамзи муваффақият дар тиҷорати иттилоотӣ шавад. Ҳамчунин, “бо шарофати “Ал-Ҷазира” арабҳо бори нахуст мутмаини имконоти вуҷуд доштани созмони (шабака) арабие гаштанд, ки тавонанд ба он боварӣ ва эътиқод кунанд. [14].

Шиори “Ал-Ҷазира”, ки дар ҳамаи барномаҳои иттилоотӣ ва ток-шоуҳояш пайравӣ мекунад, ин “Фикр (андеша) ва фикри дигар” (**الرَأى و الرَأى الآخر**) аст, ки ҳаммаънои аксиомаи журналистикаи англо-амрикоии: “Ҳарду ҷониби воқеаро нишон диҳед” мебошад [15].

Дар шароити кунунӣ, дар ҳоле ки бештари давлатҳои араб сохти давлатдориашон монархиявӣ аст ва аз демократияву озодии сухан дуранд, пайдо шудани ин шабакаи иттилоотии « Ал-Ҷазира» дар Қатар ба истилоҳе «бомбаи» сиёсӣ ва иттилоотӣ ба шумор меравад.

Марҳалаи аввали ташаккули шабака аз ҷониби олимони рус –Короченский А.П **[7]**, Орлова В.В [9], Виниченко В.М. [4], Байрамова Э.К. **[2]** ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Шабакаи иттилоотии моҳворавии “Ал-Ҷазира” бо фармони Амири Қатар - Ҳамад ибн Халифа ас – Сонӣ, ки дар аввал барои таъсис ва ташкили кардани он 150 млн.$ ҷудо кард, аз 1-уми ноябри соли 1996 инҷониб фаъолият дорад. Ба андешаи муҳаққиқон мақсади асосии манфиати Қатар аз таъсиси ин шабака нафақат дастгирии “музокираҳои ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ)”, балки, пеш аз ҳама, ба даст овардани нуфуз дар минтақа ва рақобати таъмини иттилоот бо шабакаҳои иттилоотии бартаридоштаи пешсафи олами араб – Шоҳигарии

Арабистони Саудӣ мебошад [5, с.131]. Дар натиҷаи барҳам хӯрдани шуъбаи арабии «Би-Би-Си» қариб 250 нафар мутахассисони махсус омода кардашуда (рӯзноманигорон, кормандони техникӣ, филмсозҳо) барои шуъбаи арабӣ бекор монданд. Шабакаи нави иттилоотии «Ал-Ҷазира» аз ин вазъият истифода бурда, онҳоро ба кор таклиф кард, ки 120 нафари онҳо ба таври фаврӣ ин пешниҳодро қабул карданд. Мавриди қайд аст, ки Қатар дар ду даҳсолаи охир бузургтарин содиркунандаи гази табиӣ ва яке аз бойтарин давлатҳои ҷаҳон ба шумор рафта, маҷмӯи маҳсулоти дохилии он ба сари ҳар як нафари аҳолиаш зиёда аз 100 ҳазор $ - ро ташкил медиҳад. Ҳамаи ин боигарӣ тавассути дастони мутахассисон ва коргарони хориҷӣ, ки 94% -и аҳолиро ташкил медиҳад, ба даст омадааст. Ёдовар бояд шуд, ки мувофиқи қонунҳои маҳаллӣ коргарони хориҷӣ на фақат аз ҳуқуқи ташкил кардани корпартоӣ ва иттифоқи касаба маҳруманд, балки бе иҷозати корфармо имконияти аз кишвар баромаданро низ надоранд [16].

Муҳаққиқон омили таъсис ёфтани шабакаро чунин тафсир кардаанд: "... аввалан зиёиёни ҷавони араб, ки солҳо боз дар Англия ва Амрико зиндагӣ, таҳсил ва кор мекарданд ва аз ҳавои озодӣ ва демократияи ин кишварҳо нафас мекашиданд. Ва бе шакку шубҳа чунин тарзи зиндагӣ ба афкору ҷаҳонбинии онҳо таъсир низ мерасонад. Ва вақте ки чунин зиёиён аз Ғарб ба Шарқ бармегарданд ба бисёр масоил рӯ ба рӯ мегарданд, ки, пеш аз ҳама, ин озодии сухан (фикр) аст. Баъдан моликони "Ал-Ҷазира" соҳибкоронанд. Онҳо фаҳмиданд, ки озодии сухан дар олами араб моли камчин (камёб) аст ва ҳамавақт дар моли камёб сарвати калон кор кардан мумкин аст [11, с.79]. Дар аввал пахши ахбор 6 соат дар як шабонарӯзро дар бар мегирифт ва аз моҳи феврали соли 1999 шабакаи ахбори байналмилалӣ бо забони арабӣ ба тариқи шабонарӯзӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Дар ташкил ва фаъолияти шабака рӯзноманигорони таҷрибадори шуъбаи арабии басташудаи "Би-Би-Си"-ро ҷалб карданд, ки ин дар пахши сатҳи олии барномаҳо мусоидат кард. Қобили тазаккур аст, ки "Ал-Ҷазира" дар олами араб аввалин шабакаи иттилоотии моҳворавии шабонарӯзӣ ба ҳисоб меравад. То ибтидои асри XXI, аллакай, шабакаи «Ал-Ҷазира» дар Австралия, ШМА, Америкаи Лотинӣ ва Шарқи дур паҳн шуд. Мувофиқи маълумоти пажӯҳишгарон "яке аз машҳуртарин ширкатҳои иттилоотии олами араб ба шумор меравад ва дар рақобати ҷангҳои иттилоотии ҷаҳон нақши муассир дорад" [13, с.205].

Сабаби асосии муваффақият ва шуҳрати "Ал-Ҷазира" дар байни ВАО–и олами араб (баъдтар ҷаҳонӣ) маблағгузории ҳангуфт ва истифодаи усулҳои нави замонавии онлайнии пахши иттилоот аст. Маҳз ҳамин усул онро аз шабакаҳои дигари арабӣ ҷудо мекунад. Махсусан, баъд аз пахши мустақими ҳуҷумҳои ҳавоии қуввахои мусаллаҳи НАТО ба Афғонистон (2001) ва изҳороти Усам бен Ладен тариқи ин шабака ҷаҳониён (махсусан олами араб) ба ахбори ин ширкат таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Кормандони "Ал-Ҷазира" ягона намояндаи ВАО-и ҷаҳон дар минтақаҳои таҳти назорати Толибон қарордошта фаъолият карда, ҳамзамон шабакаҳои иттилоотии Ғарбро бо мавод таъмин мекарданд. Айни ҳол оҷонсиҳои иттилоотии ҷаҳон ба ахбори "Ал-Ҷазира" ҳамчун сарчашмаи боэътимод мурочиат мекунанд.

Шабакаи "Ал-Ҷазира" дорои мутахассисони варзида аст, ки дар бахши арабӣ ва англисии он 2,5 ҳазор кормандон ва журналистон аз 40 давлати дунё кор мекунанд. Ба ғайр аз қароргоҳҳои доимӣ дар Дуҳа, Лондон, Париж, Москва, Вашингтон ва Куала – Лумпур дар бисёр давлатҳои ҷаҳон бюроҳои худро дорад, аз ҷумла дар кишварҳои арабӣ 35 бюро фаъолият дошта, аудиторияи бештар аз 50 млн. одамро дорост [9, с.93].

Аз таҳқиқ ва омӯзиши ҳодисаҳои "Баҳори араб" бармеояд, ки васоити ахбори омма дар дигар кардани сохти сиёсӣ, ноором кардани вазъият, ба мувофиқа овардани ду ҷониб, роҳгум занонидани мардуми оддӣ ва рӯйпӯш кардани ҳақиқат нақши бағоят бузург доранд. Аз ҷумла муҳаққиқон ва коршиносон нақши ВАО, аз ҷумла "Ал-Ҷазира"- ро дар инқилобҳои "баҳори араб" ва низоъҳои кишварҳои мусулмонӣ (Ироқ, Тунис, Миср, Сурия, Либия, Яман) калидӣ меҳисобанд [8, с.250]. Дар ҳаводиси рӯзҳои "Баҳори араб" шабакаи мазкур маъруфияти хоссеро соҳиб гашт. Яке аз аввалин шабакаҳои иттилоотии ҷаҳон буд, ки ба тариқи пахши мустақим аз рӯйдод ва эътирозоти Тунис хабар дод. Инқилоб ҳанӯз дар ин кишвари африқоӣ ба анҷом нарасида, "Ал-Ҷазира", аллакай, таваҷҷуҳи (нигоҳ) худро ба дигар кишвари минтақа, ки дар он ҷо эътирозоти оммавӣ сар зад, равона кард. Шабака гӯё пешгӯӣ мекард, ки дар оянда чӣ ҳодиса хоҳад рӯй дод. Бештари мутахассисони ВАО шабакаи "Ал-Ҷазира"-ро ҳамчун "катализатори" рӯйдодҳои "Баҳори араб" арзёбӣ кардаанд [4, с.161].

Ҳамчунин "Алҷазира" дар сарнагун сохтани низомҳои давлатдории Ҳуснӣ Муборак ва Муаммар Қаззофӣ нақши бениҳоят муҳим бозид. Соли 2011 баъди ба истеъфо рафтани президенти собиқи Миср-Ҳуснӣ Муборак бо қарори ҳокимияти ҳарбӣ дафтари кории "Ал-

Ҷазира” бинобар пахши хабарҳои нодуруст дар бораи ҳаводиси Миср баста шуд. Ҳокимият аккредитатсияи (ваколатнома) рӯзноманигорони “Ал-Ҷазира”-ро бинобар сабаби барангехтани бетартибиҳо дар кишвар, бекор кард. Ҳамчунин барои пахши ахбори яктарафа ва ҳимоя аз ҳаракати “Ихвонулмуслимин” мутаҳҳам дониста шуд. Ҳамзамон “Ал-Ҷазира” дар якҷоягӣ бо шабакаҳои иттилоотии ғарб дар ташкили ривояти (миф) “Баҳори араб” ҳамчун “инқилобҳои демократӣ” зидди зулму истибдод мусоидат кард. Дидаву дониста ахбори ҳақиқиро дар бораи иштироккунандагони “Баҳори араб” ба эътибор намегирифт. Хулоса, оид ба нақши шабака дар инъикоси ҳаводиси Миср ба қавли муҳаққиқон: “Ал-Ҷазира” амалан сарҳади журналистикаи телевизионӣ ва тарғиботро убур карда, рӯйирост сиёсати ҳизби “Ихвонулмуслимин” - ро тарғибу ташвиқ ва мавқеи исломгароён (аз Алқоида то “Ихвонулмуслимин”) – ро ҷонибдорӣ мекард, ки аз ин Қатар хеле манфиатдор буд” [6]. Дар бораи ҳодисаҳои Сурия бошад, ҳам шабакаи “Ал-Ҷазира” ва ҳам “Ал-Арабия” сатҳи вазифа ва муқаррароти рӯзноманигории худро фаромӯш карда, аз ҳамагуна санҷиши иттилоот даст кашиданд ва ба даъвоҳо ва сабтҳои видеоии беноме, ки сарчашмаи мушаххас надоранд, такя мекарданд. Рӯирост ҳамчун мухолифони Димишқ амал намуда, аз шӯришгарони суриягӣ дастгирӣ мекарданд ва аз рӯйпӯшсозии ҳақиқат ҳаросе надоштанд. Аз маводи сомонаҳои интернетии шабакаҳои мазкур бармеояд, ки баъзан ҳодисаҳои Сурияро ҳамчун ҷанги мазҳабӣ байни сунниҳо ва алавиҳо муаррифӣ мекунанд. Дар рӯйдодҳои Либия низ аз тазоҳургарон ҷонибдорӣ кард ва аз пахши ахбори бардурӯғ худдорӣ накард. Хулоса, мутахассисони ВАО чунин меҳисобанд, ки шабакаи “Ал-Ҷазира” “айни ҳол барои амалӣ сохтани сиёсати хориҷии Қатар оид ба заиф гардонидани мавқеи кишварҳои калидии минтақа, ба монанди Миср, Либия, Сурия ва Арабистони Саудӣ олоти муассири тарғиботӣ ба шумор меравад” [10].

Қобили тазаккур аст, ки солҳои аввали фаъолияташ шабакаи “Ал-Ҷазира” бисёр вақт сохти давлатдорӣ ва сиёсати роҳбарони на фақат кишварҳои араб, балки Америка ва Англияро низ танқид мекард (ба истиснои Қатар). Чунин хусусияти пахши ахбор на ҳама вақт аз ҷониби ҳокимони минтақа тарафдорӣ меёбад. Махсусан, баъд аз пахши мустақими ҳуҷумҳои ҳавоии қувваҳои мусаллаҳи НАТО ба Афғонистон (2001), Ироқ (2003) ва изҳороти Усам бен Ладен тариқи ин шабака Амрико ва Англия “Ал-Ҷазира”-ро ҳамчун “такягоҳи Алқоида” гунаҳгор карданӣ шуданд. Норизогии Амрико аз шарҳи воқеаҳо дар Афғонистон ва Ироқ аз ҷониби шабакаи“Ал-Ҷазира” то дараҷае буд, ки 16.04.2005 ҳангоми вохӯрии Ҷорҷ Буш бо сарвазири Англия Тонӣ Блер масъалаи мавриди ҳамлаи ҳавоӣ қарор додани дафтари кории “Ал-Ҷазира” дар Дуҳаро мавриди муҳокима қарор доданд [17].

Ҳамчунин соли 2002 баъди пахши як барномае, ки дар он сиёсати Саудӣ роҷеъ ба низои Фаластин мавриди муҳокима қарор гирифт, Ар-Риёз сафири худро ба муддати шаш сол аз Қатар бозхонд кард. Муносибатҳо байни Қатар ва Арабистони Саудӣ соли 2010 ҳангоме ки амири Қатар - Ҳамад ибн Халифа Ас-Сонӣ як гурӯҳ саудиҳоеро, ки барои иштирок дар табаддулоти соли 1996 ба ҳукми абад маҳкум шуда буданд, авф кард, нарм шуд. “Ал-Ҷазира” дар ҷавоб иҷозати таъсиси дафтари кориаш дар Ар-Риёзро гирифт. Ҳамзамон бешак наздикшавии Қатар ва Саудӣ ҳангоми рӯйдодҳои “Баҳори араб” дар сиёсати таҳририи “Ал-Ҷазира” низ таъсири худро гузошт. Дар баробари ин, акнун “Ал-Ҷазира” чун пештара дигар шӯришгарони ироқиро “муқовимат” ва қурбониҳои ҳамлаҳои ҳавоии Амрикоро “азобдида” наменомид. Инчунин, оид ба нооромиҳои Баҳрайн бошад, тамоман хомӯширо пеша кард, дар ҳоле ки Қатар ва Арабистони Саудӣ барои пахш намудани нооромиҳо ба он ҷо қӯшунҳои худро фиристоданд.

Соли 2003 яке аз шахсиятҳои назди оилаи шоҳи саудӣ, молики шабакаи “Эм-Би-Си”-Валид Ал-Иброҳим барои рақобати иттилоотӣ бо “Ал-Ҷазира” шабакаи нави иттилоотии “Ал-Арабия”-ро таъсис дод. Шабакаи мазкур аз ҷониби сармоягузорони Арабистони Саудӣ, Лубнон ва Амороти муттаҳидаи Араб ба маблағи 300 млн. $ аз 20-уми феврали соли 2003 ба фаъолият шурӯъ кард. Аввал шабака 12 соат дар як шабонарӯз фаъолият дошт ва аз 3-юми марти ҳамон сол ба пахши ахбори шабонарӯзӣ сар кард. Ҳақиқатан, шабакаи “Ал-Арабия” тавонист дар муддати кӯтоҳ байни шабакаҳои иттилоотии олами араб мақоми дувумро касб кунад. Қароргоҳи асосиаш дар шаҳри Дубай (Медиа-сити) ҷойгир буда, на фақат дар кишварҳои араб, балки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Аврупо, Амрикои шимолӣ ва ҷанубӣ, ҷанубу шарқи Осиё ва Австралия низ намояндагии худро дорад. Хидмати иттилоотии интернетии шабака (alarabiya.net) бо забони арабӣ аз соли 2004, бо англисӣ аз соли 2007 ва бо забонҳои форсӣ ва урду аз соли 2008 фаъол аст.

Шабака ҳар соат пахши ахбори мустақими ҷаҳонро омода карда, сипас барномаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, варзишӣ, таҳлилӣ, ток-шоуҳо ва маводи ҳуҷҷатиро мавриди баррасӣ қарор

медиҳад. Тибқи изҳороти намояндагони шабака ҳангоми дар бораи исломиҳо пахш кардани ахбор кӯшиш мекунанд, ки истилоҳоти бетарафиро истифода баранд ва таваҷҷуҳи ошкоро нисбати ягон тараф баён накунанд. “Ал-Арабия” мавқеи худро ҳамчун шабакаи моҳворавии мустақил, соҳиби ҷаҳонбинии озод ва худтаъминкунанда меҳисобад. Аудиторияи худро 23 млн. арзёбӣ мекунад.

Аз матолиби шабакаи “Ал-Арабия” бармеояд, ки ҳодисаҳои “Баҳори араб”, аз ҷумла Сурияро шарҳ дода, ҷиноятҳои шӯришчиёнро рӯйпӯш мекунад ва танҳо ҷанбаи мазҳабии муноқишаро дар ҷойи аввал мегузорад. Яке аз хатоҳои асосие, ки ин шабака ба он роҳ дод, он буд, ки ба ифротгарои суннимазҳаб - Аднан ал-Арур минбар дод. Ӯ дар суханрониаш дар бораи ақаллияти алавиҳо чунин гуфтааст, ки онҳоро бояд суннимазҳабон қатл намоянд ва ҷасадашонро ба сагон диҳанд. Агар “Ал-Арабия” ин шайхро чун рамзи инқилоб муаррифӣ намуда бошад, “Ал-Ҷазира” ӯро ҳамчун пешвои мухолифини режими Асад муаррифӣ намудааст. Ҳамзамон ин ду шабакаи арабизабон дар авҷи муноқишоти Сурия генерал Манаф Тласс, дӯсти наздики оилаи Асад ва писари вазири собиқи мудофиаро, ки аз кишвар фирор намуд ва ба Фаронса рафт, мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд. Чанд ҳафта пас ӯ тариқи васоити ахбори оммаи саудӣ аз худ хабар дод ва ба ҳаҷ рафт ва худро дар хорича чун муоризи ҳукумати Сурия муаррифӣ намуд. Аммо “Ал-Ҷазира” ва “Ал-Арабия” на танҳо ба ин бовар карданд, балки ҳамагонро даъват намуданд, ки аз ӯ дастгирӣ намоянд. Дар аввал ҳарду шабака дар бораи фирори ӯ бисёр гуфтанду навиштанд, аммо вақте ки ӯ хост ба ВАО –и саудӣ (“Ал-Арабия” ва рӯзномаи “Ашрақ-ул-авсат”) мусоҳибаи эксклюзивӣ анҷом диҳад, “Ал-Ҷазира” аз ӯ рӯй тофт.

Ҳамчунин, рӯзноманигорон ва пажӯҳишгарони ҷаҳон дар бораи дар сафи мухолифини суриягӣ ҷангидани ҷангиёни “Ал-Қоида” чандин маротибаҳо навиштанд, аммо ин ду шабака дар ин бора чизе намегӯянд ва гуфтанӣ ҳам нестанд.

Ҳақиқатан, рӯйдодҳои “Баҳори араб” муҳаққиқон ва сиёсатмадоронро маҷбур кард, ки таъсир ва нуфузи ин шабакаҳои мазкурро дар раванди ҳаводис мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Бе шубҳа ба фаъолият сар кардани ин шабакаҳои иттилоотӣ, тамоман шакли тележурналистикаи арабро тағйир дод ва ба таври қатъӣ ба бисёр равандҳои сиёсии минтақа таъсир гузошт. “Ал-Ҷазира” худро аввалин намояндаи матбуоти мустақил ва озод дар олами араб муаррифӣ кард ва то андозае ба он муваффақ ҳам шуд. Ва ба яке аз сарчашмаҳои муҳимми иттилоотии ҷаҳон табдил ёфт. Хулоса, новобаста аз ин, шабакаҳои иттилоотии “Ал-Ҷазира” ва “Ал-Арабия” – ро аъзои оилаҳои ҳокимони қатарӣ ва саудӣ таъсис додаанд, аз ин рӯ, тарзи инъикоси ҳодисаҳои кишварҳои араб ба пуррагӣ инъикосгари манфиат ва мавқеи сарпарастони онҳо мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахмедов Ш.Р. Мақом ва нақши васоити ахбори омма дар сиёсат / Ш.Р.Ахмедов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Душанбе: Сино, 2013. - №3/ (150). - С.132-135.
2. Байрамова Э.К. Пресса Арабского Машрика в системе ближневосточных СМИ: общее и особенное / Э.К. Байрамова // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 9. Филология. Востоковедение. Журналистика. - 2010. - №3. - С.215-223.
3. Вара Тарек Бассам. Роль и функции арабской журналистики в мировом информационном пространстве / Бассам, Вара Тарек // Известия Южного Федерального Университета. Филологические науки. – 2010. - № 3. – С.161-166.
4. Виниченко В.М. Феномен «Аль-Джазиры» на ближневосточном и глобальном информационных рынках / В.М. Виниченко // Научные ведомости. Южный федеральный университет. Серия Гуманитарные науки. - 2014. - № 13 (184). Выпуск 22. -С.156-166.
5. Виниченко В.М. Парадокс "Аль-Джазиры" / В.М. Виниченко // Журнал: Современные исследования государства и общества. - Кубанский государственный университет (Краснодар), 2017. - №1-2. - С.129-132.
6. Добродеев Д. Почему в Египте не любят "Аль-Джазиру" / Д.Добродеев. - ИТАР-ТАСС. 2014, 14 июн.
7. Короченский А.П. Эпоха телевидения / А.П. Короченский // История мировой журналистики. Издание третье. – Москва: ИКЦ «МарТ», Ростов н/Д: Издательский центр «МарТ», 2003. − С.403-404.
8. Қаландаров С.Д. Инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи сомонаҳои «Ал - Ҷазира» ва «Би- Би-Си» / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2016. - №4/5 (209). – С.248-252.
9. Орлова В.В. Глобальные телесети новостей на информационном рынке / В.В. Орлова. - М.: Изд-во «РИП-холдинг», 2003. − С.88-95.
10. Самсонов А. Катар - карлик с амбициями империи / А. Самсонов. Военное обозрение. 2015, 15 март.
11. Чернов А.В. Медиатексты «Аль-Джазиры» факторы консолидации или конфронтации? / А.В. Чернов, Е.А. Савельева // Вестник Череповецкого государственного университета. – 2015. - № 5. – С.76-80.
12. Ҷовид Муқим. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ / Муқим, Ҷовид. - Душанбе: Девештич, 2006. – 71 с.
13. Шафель Али Шаиф Хусейн. Эволюция состава новостных арабоязычных спутниковых телеканалов в начале XXI века (статья первая) / Хусейн, Шафель Али Шаиф // Научные ведомости

Белгородского государственного университета: Научный журнал. - 2014. - №6 (177). - Том 21. - С.202-209.
14. Miles H. Al Jazeera. How Arab TV News Challenged the World. Grove Press, 2005. - P.33-34.
15. Schleifer A. Media Explosion in the Arab World: The Pan-Arab Satellite Broadcasters // Transna-tional Broadcasting Studies. №1. Fall 1998. // http://www.tbsjournal.com/Archives/Fall98
16. The plight of Qatar's migrant workers //Al Jazeera English, 14 June, 2012. http://www.aljazeera.com/programmes/insidestory/2012/06/201261472812737158.html
17. Bush talked of bombing Al-Jazeera //USA Today, November 22, 2005. http://www.usatoday.com/news/world/2005-11-22-bush-al-jazeera_x.htm

ШАБАКАҲОИ ИТТИЛООТИИ АРАБ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ИНЪИКОСИ ҲАВОДИСИ «БАҲОРИ АРАБ»

Дар мақола мақом ва нақши шабакаҳои машҳури иттилоотии олами араб-«Ал-Ҷазира» ва «Ал-Арабия» дар инъикоси ҳаводис ва рӯйдодҳои кишварҳои араб, ба истилоҳ “Баҳори араб” мавриди пажӯҳиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Аз таҳқиқ ва омӯзиши ҳодисаҳои “Баҳори араб” бармеояд, ки шабакаҳои иттилоотии мазкур дар дигар кардани сохти сиёсӣ, нооором кардани вазъият, ба мувофиқа овардани ду ҷониб, роҳгум занонидани мардуми оддӣ ва рӯйпӯш кардани ҳақиқат дар инқилобҳои “баҳори араб” ва низоъҳои кишварҳои мусулмонӣ нақши бағоят бузург бозидаанд. Дар мақола муаллиф дар заминаи тадқиқи маводи Агентиҳои «Ал-Ҷазира» ва «Ал-Арабия» роҷеъ ба ҳаводиси олами араб, масъалаи чигунагии муносибат, мавқеъ ва инъикоси воқеияти рӯйдодҳои кишварҳои арабро мавриди баррасӣ қарор дода, вижагиҳои онро нишон додааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки агентиҳои иттилоотии мазкури араб дар инъикоси воқеияти рӯйдодҳо мавқеи ягона надоранд, баъзан сатҳи вазифа ва муқаррароти рӯзноманигории худро фаромӯш карда, аз ҳамагуна санҷиши иттилоот даст кашиданд ва ба даъвоҳо ва сабтҳои видеоии беноме, ки сарчашмаи мушаххас надоранд, такя кардаанд. Дар хулоса муаллиф чунин меҳисобад, ки шабакаҳои “Ал-Ҷазира” ва «Ал-Арабия» дар замони муосири ҷангҳои иттилоотӣ барои амалӣ сохтани манфиатҳои кишварҳои худ роҷеъ ба заиф гардонидани мавқеи кишварҳои дигари минтақа олоти муассири тарғиботӣ ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: нақш, шабакаи иттилоотӣ, “Ал-Ҷазира”, “Ал-Арабия”, рӯйдод, ҳаводис, манфиат, кишварҳои араб, Ироқ, Тунис, Миср, Сурия, Баҳрайн.

АРАБСКИЕ ИНФОРМАЦИОННЫЕ АГЕНТСТВА И ИХ РОЛЬ В ОСВЕЩЕНИИ СОБЫТИЙ «АРАБСКАЯ ВЕСНА»

В статье речь идёт о месте и роли популярных арабских информационных каналов «Ал-Джазира» и «Ал-Арабия» в освещении событий и происшествий в арабских странах, так называемых «Арабская весна». Изучение и анализ событий «Арабская весна» показали, что указанные информационные агентства сыграли большую роль в изменении политического строя в неспокойной обстановке, в соглашении двух сторон, сбивании с пути простого народа и сокрытии правды в революциях «Арабская весна» и конфликтах в мусульманских странах (Ирак, Тунис, Египет, Сирия, Ливия, Йемен). В статье автор на материалах Агентств «Ал-Джазира» и «Ал-Арабия» проанализировал события арабского мира, вопрос состояния отношений, позицию и освещение действительных событий арабских стран и подчеркнул их особенности. Исследование показало, что эти арабские информационные агентства в освещении событий не имеют единую позицию, иногда забывали свои журналистские назначения и отказывались проверять достоверность информации, ссылаясь на видеокадры, не имеющие конкретных источников. В заключении автор считает, что агентства «Ал-Джазира» и «Ал-Арабия» являются воздействующим агитирующим средством для осуществления интересов своих стран в плане обессиливания позиций других стран региона.

Ключевые слова: роль, информационные каналы, «Ал-Джазира», «Ал-Арабия», происшествия, события, интерес, арабские страны, Ирак, Тунис, Египет, Сирия, Бахрейн.

ARABIC INFORMATION NETWORK AND THEIR ROLE IN THE ATTRACTION OF "ARAB SPRING"

The present article, takes under consideration the role of Arabian Information Systems in the context of events of the Arab countries, the term "Arab Spring" in the Arabian Peninsula and Al-Arabi. The investigation and revision of the "Arab Spring" proposes that these information networks are in the process of changing the political system, undertaking the situation, observing to the two sides, the elimination of the ordinary people and the fact that they have a great deal in Arab Spring's revolutionaries and conflicts of the Muslim countries. In the article, the author enlightens the features of the Al-Jazeera and Al-Arabi Agencies, the Arabic Arab League, the issue of how to deal with the attitude, position and reflection of the facts of the Arab countries and its structures. The research illustrates that these Arabian informational agencies do not have a single position in the context of events, at times, they forget about their level of responsibility and point, ignoring any audits, and relying on specific claims and credentials, which do not have a specific source. In conclusion, the author deliberates that al-Al-Arabi and Al-Arabi networks are the most effective tool in defining the interests of their countries in order to weaken the position of other countries in the region.

Key words: Al-Jazeera, Al-Arabi, Information Network, Al-Jazeera, Al-Arabi, events, interest, Arab countries, Iraq, Tunisia, Egypt, Syria, Bahrain.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландаров Сарабек Давлатёрович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Сведения об авторе: ***Каландаров Сарабек Давлатёрович*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранного языка факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-505-44-60**

Information about the author: ***Kalandarov Sarabek Davlatyorovich*** - Tajik national University, candidate of Philology, associate Professor, head of the Department of foreign language of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ihson@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-505-44-60**

УДК: 070 (575.3)

МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ТУРИЗМ ДАР РӮЗНОМАИ «ҶУМҲУРИЯТ»

Абдуллоева М.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Туризм аз рӯзгори пешин барои пешрафти ҷомеа ва ҷаҳонбинии мардум аҳаммияти калон дошт. Онро метавон чун намуди фаъолияти тафреҳӣ-меҳнатии инсон аз замоне, ки таърих бо пайдоиш ва тараққиёти тамаддунҳо оғоз меёбад, мансуб донист.

Сайёҳӣ дар сарзамини тоҷикон аз замонҳои қадим мавҷуд буд ва он ба меҳмоннавозии халқи тоҷик низ рабт дорад.

Туризм ё сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир маърифияти бештаре касб карда, сол аз сол таваҷҷуҳ ба ин соҳа меафзояд. Пайдоиши сайёҳӣ дар дунё аз ҳисоби муносибатҳои тиҷоратии байни давлатҳо ба миён омадааст ва барои пешрафти ҷомеа аҳаммияти муҳим дорад. Сайёҳӣ барои васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ, шинохти фарҳанги миллату халқиятҳои гуногун ва дар маҷмӯъ тафаккури инсон нақши муҳим мебозад. Теъдоди сайёҳон дар дунё бамаротиб зиёд мешавад ва бисёр давлатҳо аз ин раванд пурсамар истифода мебаранд, чунки туризм соҳаи бисёр сердаромад аст. Лозим ба таъкид аст, ки туризм аз муҳимтарин бахши иқтисодиёти ҷаҳон ба шумор рафта, пас аз нафт ва мошинбарорӣ аз ҷиҳати даромаднокӣ дар ҷойи сеюм мавқеъ гирифтааст.

Баъди соҳибистиқлолӣ Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба рушди соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намуданд. Дар шароити муосир тараққиёти соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи иқтисодиёт маҳсуб ёфта, аз тарафи Давлату Ҳукумат ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди ин соҳа дар кишвар ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардидаанд.

Таъсис додани ниҳоди алоҳидаи махсус оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар – соли 2017 дар мамлакат Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ташкили ниҳоди алоҳида, бешубҳа, барои фарохтар ва амиқтар фаро гирифтани масоили сайёҳӣ ва ҳалли муаммоҳои он нақши бориз дорад. Мақсад аз ташкили Кумитаи рушди сайёҳӣ, ки аз номи он ҳам маълум аст, рушди ин соҳа мебошад. Албатта, тавассути роҳу воситаҳои махсус, ба мисли ташкили конфронсу нишастҳои илмӣ вобаста ба рушди соҳа, ташкилу бароҳмонии тарғиботи сайёҳӣ дар кишвар, беҳсозии инфрасохтори сайёҳӣ бо роҳи ҷалби сармоягузорӣ, «инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, омода намудани маводи иттилоотӣ ва хатсайрҳои нав дар мавзеъҳои гуногуни кишвар, инчунин, такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳа» [1] ва дигар вазифаҳои маҳз ба рушди сайёҳӣ вобаста мебошад.

Дигар ин ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ» [1] соли 2018 дар мамлакат «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид. Президенти мамлакат дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси олии мамлакат соли 2017 дар бораи сайёҳӣ чунин ибрози назар карданд: «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад» [1].

Чун рушди сайёҳӣ дар як сол амалӣ намегардад ва барои инкишофу пешрафти он солиёни дароз лозим аст ва бо назардошти он ки рушди деҳот бевосита ба рушди сайёҳӣ вобаста аст, дар Паёмашон ба Маҷлиси олӣ дар соли 2018 Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд, ки «Мақсади асосӣ аз ин пешниҳод амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои

иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад» [2].

Бояд гуфт, ки ин тадбирҳо барои рушди соҳа заминаи мусоид гузошт, дар ин солҳо ташрифи сайёҳон ба мамлакат бамаротиб афзуд. Тибқи ҳисоботҳои оморӣ дар соли 2018 бори нахуст ба ҷумҳурӣ 1 миллиону 154 ҳазору 478 нафар ба ҳайси сайёҳ сафар намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017, 723556 нафар ё ба андозаи 2,6 маротиба зиёд аст.

Дар ҳашт моҳи соли 2019 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 843738 нафар меҳмонону сайёҳон ташриф оварданд [10].

Дар ин солҳо тарғибу ташвиқи манзараҳои дилфиреби Тоҷикистон ва, умуман, имкониятҳои сайёҳии кишвар тавассути васоити ахбори омма хеле фарох ба роҳ монда шуд. Дар ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ барномаҳои махсуси сайёҳӣ ташкил карда шуд. Аз ҷумла, дар Телевизиони Тоҷикистон барномаҳои «Марҳабо ба Тоҷикистон», «Сайёҳ» («Сайёҳ: Душанбе», «Сайёҳ: Ҳисор»), «Як рӯзи Кӯлоб», Телевизиони «Сафина» барномаи «Чашмаҳо», «Як анъана», Телевизиони «Ҷаҳоннамо» «Тоҷикистон аз чашми дигарон», Телевизиони «Синамо» - барномаи «Кишвари ман» ва ғайраҳо ба вуҷуд омаданд.

Ба ғайр аз ин, роликҳои шавқовари тарғиботӣ бо инъикоси манзараҳои дилфиреби кишвар, кӯҳу даман, обҳои мусаффо, меваҳои хуштаъму хӯрокҳои миллӣ ва дигар мавзеъҳои ҷолиб намоиш дода мешаванд, ки басо ҷолиб мебошад.

Дар шабакаҳои радиоӣ низ барномаҳои махсуси сайёҳӣ ташкил карда шуданд, ба мисли дар Радиои Тоҷикистон барномаҳои «Хуррамдиёр», «Сайри диёр», Садои Душанбе барномаҳои «Раҳовард», «Фирдавс ин ҷост!», ки аз мавзеъҳои ҷолиби сайёҳӣ нақл мекунанд.

Дар матбуоти даврӣ низ рубрикаҳои махсус кушода шуданд, аз ҷумла дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» рубрикаҳои «Туризм», «Рушди деҳот», «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», дар рӯзномаи «Ҷавononи Тоҷикистон» бошад, рубрикаҳои «Туризм», «Ҳунарҳои мардумӣ» рӯйи кор омаданд, ки дар онҳо маводи ҷолибу хондании чоп мешавад.

Рушди сайёҳиро бе кори таблиғотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст ва яке аз ҷузъҳои асосии ҷалби сайёҳон ба кишвар ин тарғибот маҳсуб меёбад. Чун яке аз вазифаҳои васоити ахбори омма ин иттилоотонӣ ва тарғибот аст, дар тарғиби имкониятҳои туристии кишвар ва мавзеъҳои истироҳатию рекреатсионӣ, мавзеъҳои таърихию ёдгорӣ ВАО, махсусан матбуоти даврӣ нақши муҳим мегузорад. Тамоми чора ва тадбирҳои ҳукуматие, ки дар боло оварда шудаанд, дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ инъикос гардида, бо матолиби нашрӣ масъалагузорӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардидаанд.

Дар бораи иқтидору имконияти васоити ахбори омма дар рушди соҳаи сайёҳӣ котиби генералии ТБТ Толиб Рифоҳӣ қайд менамояд, ки “барои ба кор даровардани иқтидори баландтарини сайёҳӣ ҳамчун қувваи ҳаракаткунандаи воқеии рушд ва болобарии некуаҳволии омма бояд, ки ҳамкории ҳамаҷонибаи ширкатҳои сайёҳӣ, бахши хусусӣ ва ВАО-ро таъмин созем» [11].

Ҳамчунин олими соҳаи журналистика профессор Ш. Муллоев нақши васоити ахбори оммаро дар рушди сайёҳӣ муҳим дониста, иброз медорад, ки «ВАО яке аз субъектҳои фаъол дар самти муносибатҳои иттилоотӣ маҳсуб меёбад ва тавассути он то андозае метавон имиҷи сайёҳии мамлакатро ташаккул дод. Барои ҳалли масъалаҳои содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ ташаккули ботадриҷи имиҷи Тоҷикистон чун мамлакати сайёҳӣ пеш меояд» [9]. Муаллиф барои рушди сайёҳӣ гузаронидани иқдомҳои (аксияҳои) рекламавии давлатиро барои пешбурди маҳсулоти туристӣ дар бозори байналмилалӣ басо муҳим дониста, дар он ҳамкории ВАО-и ватаниро бо ВАО-и хориҷӣ низ дар тарғиботи мавзеъҳои сайёҳии мамлакат хеле мутаассир медонад.

«Таваҷҷуҳи воқеии одамон нисбат ба фарҳанг, дарки олами атроф, рағбат нисбат ба саёҳат намудан ва истироҳати босамар кардан, пояи асосии пайдоиш ва рушди барномаҳои мавзӯии радио ва телевизион дар бораи туризм буда, он воситаи муҳим дар таҳкими минтақаҳои туристӣ-рекреатсионӣ ва таъсирбахшандаи раванди интихоби макони истироҳат, табобат ва вақтхушӣ мебошад» [4], чунин менигорад Ф. Қодиров, муҳаққиқи соҳаи сайёҳӣ дар бораи нақши ВАО (дар мисоли телеавизион) дар рушди сайёҳӣ. Мавсуф таъсиррасонии амиқи воситаҳои ахбори оммаро бевосита ба рушди туризм ҳамчун омили самарабахши боло бурдани фаъолнокии истеъмолии шаҳрвандон ҷиҳати истифода аз имкониятҳои сайру саёҳат муҳим медонад.

Воситаҳои ахбори оммаи муосир, ки дар шароити бозори иттилоотӣ қарор доранд, бо соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, аз ҷумла индустрияи туризм робитаи зич доранд. Тавассути ВАО ва, махсусан, матбуоти даврӣ ташаккул додани фарҳанги меҳмоннавозӣ, баланд бардоштани маърифати муошират бо сайёҳон ва васеъ гардонидани доираи ҷаҳонбинии одамон роҷеъ ба маконҳои истироҳатӣ ва амсоли ин равона гардидаанд.

Аз ҷумла, нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурият» дар инъикоси масъалаи сайёҳӣ пешсаф буда, ҳамчун нашрияи давлатӣ сиёсати давлатиро дар соҳаи сайёҳӣ инъикос менамояд. Мо дар ин таҳқиқ маводи нашрияро дар давраи солҳои 2015-2019 мавриди таҳлил қарор додем.

Бояд гуфт, ки аз ҷиҳати мавзӯот матлаби нашрия гуногун буда, аз таърихи сайёҳӣ сар карда, то мушкилоти соҳаро дар бар мегирад.

Профессор Ҳамза Камол дар матлаби «Бо ҳисси пур аз муҳаббат» дар бораи таърихи сайёҳӣ дар кишварамон чунин нигоштааст: «Ҷаҳонгардӣ ё саёҳат, аз он замон, ки инсон таваҷҷуҳ ба олами атрофи худ кард, вуҷуд дорад, яъне собиқаи саёҳат реша бар умқи таърих мезанад. Мо осори зиёди сайёҳонеро, ки дар дарозои таърих аз Варорӯду Хуросон – хостгоҳи аҷдоди тоҷикон дидан намудаанд, медонем. Бахусус, дар аҳди Сомониён дар Варорӯду Хуросон теъдоди зиёде аз сайёҳон - ҷуғрофидонони худиву бегона ба ин кишвар сарозер шуданд, то он чӣ дар бораи ин давлат ва мардумонаш шунида буданд, ба чашми сар бубинанд» [3]. Муаллиф дар идомаи андешаи хеш аз гуфтаҳои ду олими араб – Абӯисҳоқ Иброҳими Истахрӣ (850 - 957) муаллифи рисолаи ҷуғрофӣ ба забони арабӣ «Масолик ва мамолик» ва Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ (945 - 1000) муаллифи «Аҳсану-т-тақосим фи маърифати-л-ақолим» иқтибосот овардааст, ки он шаҳодати қадимӣ будани сайёҳӣ ва аз меҳмоннавозии халқи тоҷик аст. Абӯисҳоқ Иброҳими Истахрӣ навиштааст: «Ва аммо фарохдастӣ ва нонпораии эшон чунон бошад, ки ҳеҷ касро аз меҳмон кароҳият н - ояд. Ва агар касе тааммул кунад пиндорад, ки ҳама Моваруннаҳр ба ин маънӣ як хона аст. Ва чун ғарибе он ҷо расад, ҳама кас ҷаҳди хеш дар хидмати ӯ ба ҷой орад ва чашми мукофот надорад. Ва далел бар муруввати эшон он бас, ки ҳар деҳқоне, ки ӯро каффофе (он миқдор рӯзӣ ва хӯрок, ки инсонро бас бошад) бувад, лобуд кӯшке ва меҳмонхона дорад. Ва ҳамасола кори ӯ он бувад, ки барг (хӯрок)-и меҳмонхона созад. Ва чун ғарибе он ҷо расад, бо якдигар муноқиша кунанд, то ӯро ба хона баранд ва пешдастӣ намоянд. Ва ҳамаи неъматҳои эшон бар меҳмондорӣ ҳазина (сарф) шавад» [3].

Ин навиштаҳои сайёҳон дар баёни меҳмоннавозӣ, дастфарохӣ, ободкорӣ, икрому иззати донишмандон муаррификунандаи миллати меҳмондӯст ва кишвари таърихии мо буда, барои шинохти таърихи сайёҳии халқи тоҷик муҳим аст ва барои хонанда меҳмонпазирии қадимаи халқро нишон медиҳад ва бозгӯи қадима будани сайёҳӣ дар кишвар аст.

Имрӯзҳо низ шумораи сайёҳони хориҷӣ ба кишвар меафзояд ва нуқтаи назари эшон барои сокинони кишвар аҳаммияти муҳим дорад. Дар чанд матлаби рӯзномаи «Ҷумҳурият» назару таассуроти сайёҳон оварда шудааст. Чунончи дар мақолаи «Бадахшон. Теъдоди сайёҳони хориҷӣ меафзояд»-и Ш. Қурбонова чунин омадааст: «Игор Фролов аз шаҳри Авдеевкаи Украина мегӯяд, ки се ҳафта боз дар Тоҷикистон қарор дорад. Бо мақсади боздид аз Бадахшон, роҳпаймоӣ дар масири М 41, тамошои кӯҳҳои барфпӯш ва шиносоӣ бо тарзи зисти мардуми маҳаллӣ ба ин минтақа бо дучарха омадааст. Дар бораи зебоиҳои Тоҷикистон зиёд шунида буд, вале аз наздик дидани ин табиати аҷиб ҳаловати дигар мебахшад.

Мегги аз Малайзия иброз дошт, ки сафар ба Бадахшон барояш басо фараҳбахш аст. Сокинони ин ҷо ниҳоят меҳмондӯстанд. Либосҳои рангин ва хӯрокҳои лазизи миллӣ барояш бештар диққатҷалбкунандаанд» [5].

Дар нигоштаи адиб Маҷид Салим чунин омадааст: «Дар тобистон бо як сайёҳи амрикоӣ, ки аз Сари Хосор бармегашт, вохӯрдам. Ман ба чеҳраи офтобхӯрдаи меҳмони хориҷӣ нигоҳ кардаму ба шигифт омадам. Охир, вай дучархасавор ин қадар роҳро тай намудааст. Дар дасташ зарфи об дошт ва маънидорона нигоҳе карда гуфт:

- Оби Шаршараи Сари Хосор. Нӯшед, дар гармӣ роҳати ҷон аст.

Боз ҳайратам афзуд. Беҳуда намегӯянд, ки «ҷаҳондида бошу ҷаҳонхӯрда не».

Ӯ бо забони тоҷикӣ ҳарф мезаду шукри обу хоки Тоҷикистон менамуд» [14].

Муаллими таърих, сайёҳ, муҳаққиқ, нависанда ва суратгири рус Тимофей Балико, ки моҳи августи соли 2018 аз Тоҷикистон дидан намудааст, аз тамошои ин минтақаи АвруОсиё ба ваҷд омада, баъди бозгашт ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нома навишт. Нома ва аксҳои ин сайёҳро, ки дар шабакаи ҷаҳонии Фейсбук ва сомонаи «Маркази Лев Гумилёв» ҷой дода шудааст, рӯзномаи Ҷумҳурият» бознашр кардааст. Ӯ менависад:

«Муносибати аз ҳама барҷаста нисбат ба сайёҳон ин аст, ки мардуми Тоҷикистон, тоҷирон, дар маҷмӯъ, ба меҳмонон мол ва хизматрасониро бо нархҳои дучанда ё сечанда гарон, ки ин дар бисёр кишварҳои дунё қабул шудааст, пешкаш намекунанд. Чунин муносибат нисбат ба меҳмонон эҳсоси бовар ба кишварро зуд ба бор овард ва ман дар Тоҷикистон қисме аз роҳро бепул бо мошинҳои роҳгузар тай намуда, бори дигар аз меҳрубонии аҳолӣ ба ҳайрат афтодам» [11]. Дар идома ҳамаи ин урфу одати миллии меҳмоннавозию инсондӯстиро, ки дар ниҳоди халқи тоҷик ҷо гирифтааст, сайёҳ идомаи анъанаи ниёгон медонад ва менависад: «Шубҳа надорам, ки ин ҳама аз доштани таърихи қадимаву бой ва пайравӣ ба анъанаҳоест, ки мардуми Тоҷикистон дар кишвари Шумо тавонистанд ҳифз кунанд. Русия дар ин маврид бояд аз Тоҷикистон биомӯзад» [11].

Ҳифз намудани урфу одат ва анъанаҳои миллӣ яке аз хусусиятҳои хосси миллии халқи тоҷик буда, барои поянда устувор мондани онҳо мусоидат менамояд ва барои муаррифии миллат созгор аст. Аз ҷумла анъанаи меҳмоннавозии тоҷикона, ки дар навиштаҳо маълум аст, аз назари меҳмонон дур намондааст ва аз он мутаассиранд. Барои дигар мамлакатҳо ибратбахш будани ин амалро таъкид сохтани сайёҳ худ эътирофи маърифати меҳмондории халқи тоҷик аст.

Умуман, дар ҳамаи матлаби чопшуда, ки дар он таассуроти сайёҳон ифшо гардидааст, ҳамагон аз табиати дилфиреби кишвар ва меҳмоннавозии мардум сухан мегӯянд. Албатта, ин фикрҳо дар матбуот чоп шуда, дастраси омма мегардад ва барои ҷалби сайёҳони бештаре ва ба афкори хонандагон таъсиргузор будан мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, фикру андешаҳои мусбии сайёҳон бо ифшои мафтуншавии онҳо аз табиату обу хок, кӯҳсор, набототу ҳайвонот, хӯрокҳои миллӣ ва муошрати одамону меҳмондӯстии халқ, бешубҳа, барои ҷалби сайёҳони дигар мусоидат карда, барои мардуми кишвар низ аҳаммиятнок аст.

Тавре ҳангоми таҳқиқ аён гашт, бештари маводи ба мавзӯи сайёҳӣ бахшидашуда ба қалами рӯзноманигор Шаҳноза Қурбонова тааллуқ дорад. Мавсуф дар якҷоягӣ бо Лола Ризоева силсиламақолаҳоро дар бораи мавзеъҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп овардаанд, ки дар онҳо дар бораи хусусиятҳои хосси сайёҳӣ, имкониятҳои рушди соҳа, мушкилоти монеъшавии пешравӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳар як мавзеъро бо ҷузъиёташ тасвир карда, махсусият ва ҷолибияташро хоссатан тасвир кардаанд. Аз ҷумла, дар мақолаҳои «Варзоб. Сайёҳӣ рӯ ба рушд аст» (2018.– 4 май), «Сайёҳӣ. Имкониятҳои рушди он дар шаҳри Турсунзода», «Сайёҳӣ. Иқтидори воқеӣ барои рушд», «Хоруғ шаҳри сайёҳон», «Мурғоб. Авлавият ба сайёҳии кӯҳӣ», «Ишкошим ба яке аз мавзеъҳои муҳимми сайёҳӣ табдил меёбад», «Душанбе шаҳри сайру саёҳат», «Душанбе ба шаҳри сайёҳӣ табдил меёбад» ва ба ҳамин монанд.

Масалан, дар бораи имкониятҳои туристии шаҳри Душанбе чунин омадааст, «дастгириҳои шаҳрдорӣ ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати манзур доштани Наврӯз ҳамчун бренди сайёҳӣ иқдоми хуб мебошад. Дар оянда он метавонад ба механизми доимии ҷалби сайёҳони хориҷӣ табдил дода шавад» [6]. Албатта, Наврӯз яке аз ҷашнҳои миллии Аҷам дар Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомати калон ҷашн гирифта мешавад ва дар чорабиниҳои ҷашнӣ шумораи зиёди сайёҳони хориҷӣ иштирок ва аз суннатҳои наврӯзӣ дидан мекунанд. Дар ҳашт моҳи соли 2019 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 843738 нафар меҳмонону сайёҳон ташриф оварданд [10], аз он 60 ҳазор нафар дар ҷашни Наврӯз вориди кишвар гардидаанд. Ба воситаи ин бренди сайёҳӣ ҷалб намудани сайёҳон бештар гардида, барои муаррифии арзишҳои миллӣ низ мусоидат мекунад.

Дигар масъалае, ки дар маводи нашрия вобаста ба сайёҳӣ нашр гардидааст, ин мушкилоти омода кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи сайёҳӣ ва меҳмонпазирӣ мебошад. Дар солҳои охир бо назардошти камии кадрҳои баландихтисоси забондон дар соҳа чандин муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи кишвар ихтисосҳои самти сайёҳӣ кушода шуд. Аз рӯйи маълумоти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [15] феълан дар мамлакат дар 20 макотиби олӣ ихтисосҳои вобаста ба соҳаи сайёҳӣ, масалан менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (сайёҳии байналмилалӣ), фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи туризм, саёҳат ва меҳмоннавозӣ, фаъолияти меҳмонхонавӣ ва маркетинг дар сайёҳӣ, иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ, иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат, туризм, фаъолияти варзишии саёҳатӣ (сайёҳии кӯҳӣ) барои соҳаи сайёҳӣ мутахассис омода мекунанд. Бояд гуфт, ки мутахассис дар соҳаи сайёҳӣ барои ҷалби сайёҳон, муаррифии мавзеъҳои тамошобобу диданӣ ва таърихӣ ва аз кишвар ҳамчун кишвари меҳмоннавоз таассуроти хубу мусбӣ гирифтан нақши калон дорад. Тавре мутахассиси соҳаи сайёҳӣ М. Қодирова

менависад: «Бе мутахассиси хуб, агар ҳазорҳо иншоот бунёд намоем ҳам, сайёҳӣ ба дараҷаи даркорӣ рушд нахоҳад кард. Зеро барои меҳмоннавозии сатҳи олӣ, муаррифии дуруст, ҷалби бештари ҷаҳонгардон ва бо ин васила ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, мутахассисони сатҳи баланд лозиманд» [7]. Дар бозори байналмилалии сайёҳӣ хизматрасонии сифатнок ба сайёҳон муҳим арзёбӣ мешавад. Бинобар ин, сифат ва фарҳанги хизматрасонӣ дар рушди сайёҳӣ «аслиҳа»-и пурқувват ба шумор меравад. Имрӯзҳо метавон гуфт, ки дар маҳалҳо барои пазироӣ ва роҳбаладӣ кадрҳои забондону соҳибкасб намерасанд ва ин яке аз мушкилоти соҳа маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин мавзӯъ дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» матлабе рӯйи чоп омадааст, таҳти унвони «Сайёҳӣ. Чанд паҳлуи як проблема» (муаллиф Нигина Раҳмон), ки фикри мутахассисони соҳаро барои рафъи проблема овардааст, чунончи «яке аз проблемаҳо аз ҷониби донишҷӯён ба таври зарурӣ аз худ накардани забонҳои хориҷӣ мебошад. Зеро агар дар курси якум забонҳои хориҷӣ бештар омӯзонда шаванд, мутаассифона, таълими онҳо солҳои дуюм, сеюм ва чаҳорум ба маротиб камтар мешавад. Аз ин рӯ, зиёд кардани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба манфиати кор хоҳад буд» [13].

Илова бар ин, дар бораи аз дарсҳои амалӣ бенасиб будани толибилмон ва бевосита дар минтақаҳои туристӣ сурат гирифтани онҳоро пешниҳод кардааст мутахассис, ки басо рӯзмарра аст. Донишҷӯе, ки мавзеъҳои сайёҳиро аз наздик намебинад, чӣ гуна дар хусуси онҳо ба сайёҳон маълумот медиҳад? Бешубҳа, ин омил метавонад барои омодасозии кадрҳои ҳирфаии туризм мусоидат намояд Инчунин, масъалаи набудани пойгоҳи ба талаботи замон ҷавобгӯ дар кафедраҳои дахлдор баррасӣ гардида, мутахассисони ҷавонро барои таҷрибаомӯзӣ ба хориҷи кишвар фиристондан пешниҳод гардидааст.

Ҳамчунин, мавсуф иброз медорад, ки барои рушди соҳа ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос таъсиси донишкадаи соҳаи сайёҳӣ зарур аст.

Омили дигаре, ки метавонад барои беҳтар омоданамоии мутахассисон мусоидат кунад, ҳамкории субъектҳои хоҷагидори туристӣ бо муассисаҳои таълимии соҳаи мазкур мебошад, менигорад муаллиф. Ин пешниҳоди басо муфид буда, ширкатҳои туристӣ метавонанд барои мутахассисони оянда ҳамчун пойгоҳ хизмат кунанд.

Ҳамин тавр, дар мақолаи мазкур масъалаи омоданамоии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ бо камбудию норасоиҳо ва роҳҳои бартарафсозии онҳо аз номи худи мутахассисони соҳа ва устодони кафедраҳои тахассусӣ оварда шудааст.

Доираи мавзӯоти ба сайёҳӣ бахшидашудаи нашрияи «Ҷумҳурият» васеъ буда, аз таърихи муаррифии мавзеъҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ сар карда, то баррасии муаммоҳои соҳа, самтҳои ҷудогонаи сайёҳиро дар бар мегирад. Чунончи дар матлаби Ш.Қурбон «Сайёҳӣ. Чаро натиҷаҳо назар ба имкониятҳо каманд?» муаллиф як қатор мушкилоти ҷалби сайёҳони хориҷиро ба кишвар оварда, барои тақвияти андешаи хеш аз нуқтаи назари мутахассисони соҳа истифода бурдааст, ба андешаи М. Қодирова, дотсенти кафедраи туризми Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, яке аз монеаҳои асосӣ дар ин раванд гаронии нархи чиптаҳои ҳавопаймо ва кам будани хатсайрҳои ҳавоию роҳиоҳанӣ мебошад [8]. Муаллиф, инчунин кам ё набудани меҳмонхонаву инфрасохтори дигари сайёҳӣ дар деҳотҷой ва маълумоти нокифоя дар бораи Тоҷикистонро аз мушкилоти соҳа медонад ва барои ин рекламаи дурусти иқтидори сайёҳии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва телевизионҳои бонуфузи ҷаҳониро ҳадафнок меҳисобад. Ба назари мо низ васоити ахбори омма барои тарғиби бренди сайёҳии кишвар нақши бориз дорад ва барои истифодаи имкониятҳои он корбарии дуруст ва самаранок лозим аст.

Таҳқиқу таҳлили маводи нашрияи «Ҷумҳурият» дар бораи сайёҳӣ ба мо имкон дод, ки доираи мавзӯоти марбут ба ин соҳаро аз рӯйи нақш ва аҳаммият дар рушди сайёҳӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуда, вижагиҳои онҳоро баррасӣ намоем:

1. Мақолаҳои муаррифкунандаи мавзеъҳои гуногуни истироҳатию сайёҳӣ ва ёдгорию таърихӣ, ки барои ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ ва тавсеа бахшидани ҷаҳонбинию маърифати кишваршиносии мардум мусоидат мекунанд, инчунин ба сифати маълумотнома ва маъхази иттилоот барои роҳбаладони ширкатҳои сайёҳӣ хидмат мекунанд;
2. Мақолаҳои фарогири андеша ва таассуроти сайёҳони хориҷӣ барои ҷалби сайёҳон таъсиргузоранд, зеро фикри меҳмонон назар ба андешаи мизбонон эътибори баланд, воқеият ва таъсири амиқ ба афкори ҷомеа дорад.
3. Мақолаҳое, ки дар онҳо мушкилоти соҳаи сайёҳӣ баррасӣ шудааст, мақолаҳои танқидианд. Ба воситаи онҳо мутасаддиён ва мақомоти дахлдор дар бораи проблемаҳо ва монеаҳои пешравӣ маълумот пайдо намуда, барои ҳалли онҳо мекӯшанд. Масалан, ҳолат ва вазъияти мушаххас метавонад барои ҳалли мушкилоти калонҳаҷм таҷриба бошад ва он барои баромадан аз мушкилот ва воситаву роҳҳои ҳалли он маълумоту дониш диҳад.

Яъне, мақолаҳо бевосита ва ё ин ки бавосита барои рушди соҳаи сайёҳӣ, ҳалли муаммоҳои соҳа таъсир ва барои ба хонанда расонидани иттилоот хизмат мерасонанд.

Ҳамин тавр, дар замони имрӯза тағйироти фаъоли имиҷи туризм тавассути воситаҳои ахбори омма сурат мегирад ва сайёҳони имконпазир ба маводи ВАО, аз он ҷумла матбуоти даврӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ боварии баланд доранд. Дар рушди соҳаи муосири туризм васоити ахбори омма аҳаммияти махсус касб мекунанд, зеро онҳо ҳамчун воситаи пуркуввати тақвияти фаъолнокии маърифатӣ ва харидории одамон баромад мекунад ва ба ин васила дар ҷалби сайёҳони эҳтимолӣ саҳм мегузоранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ // Ҷумҳурият. – 2017. – 22 декабр. – № 258.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ // Ҷумҳурият. - 2018. – 26 декабр. - № 256.
3. Камол Ҳ. Бо ҳисси пур аз муҳаббат / Ҳ.Камол // Ҷумҳурият. - 2018. - 17 июл. - № 140.
4. Қодиров Ф. Воситаҳои ахбори умум ҳамчун омили муҳимми тарғиби имкониятҳои туристии Тоҷикистон (дар мисоли телевизион) / Ф. Қодиров // Муаммоҳои татбиқи технологияҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. - Душанбе: Эр-Граф, 2014. – С.254-258
5. Қурбонова Ш. Бадахшон. Теъдоди сайёҳони хориҷӣ меафзояд / Ш.Қурбонова // Ҷумҳурият. - 2017. – 21 сентябр. - № 199.
6. Қурбон Ш. Душанбе ба шаҳри сайёҳӣ табдил меёбад / Ш.Қурбон // Ҷумҳурият. - 2018. – 16 июл. - № 139.
7. Қурбон Ш. Туризм. Аз мутахассисони ғайрикасбӣ то нобуди хатсайрҳои нав / Ш.Қурбон // Ҷумҳурият. - 2015. – 15 июл. - № 143.
8. Қурбон Ш. Сайёҳӣ. Чаро натиҷаҳо назар ба имкониятҳо каманд? / Ш.Қурбон // Ҷумҳурият. - 2019. – 30 апрел. - № 82.
9. Муллоев Ш. Роль СМИ в развитии туризма / Ш.Муллоев // Народная газета. - 2018. – 27 сентября. - №246.
10. Нақши Истиқлолияти давлатӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. Дар Душанбе таҳти ин ном Конференсияи илмӣ – амалӣ баргузор гардид // (манбаи электронӣ) http://khovar.tj/2019/09/na-shi-isti-loliyati-davlat-dar-rushdi-so-ai-sajyo-va-unar-oi-mardum-dar-dushanbe-ta-ti-in-nom-konferensiyai-ilm-amal-barguzor-gardid/ (санаи мурочиат: 05.09.2019).
11. Тимофей Балико. Ташаккур ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон / Балико, Тимофей // Ҷумҳурият. - 2018. – 10 сентябр. - №177-178.
12. Туризм и СМИ объединяют усилия для оказания поддержки сектору в трудные времена // (электронный ресурс) http //media. unwto. org (дата обращения 12.03.2019).
13. Раҳмон Н. Сайёҳӣ. Чанд паҳлуи як проблема / Н.Раҳмон // Ҷумҳурият. - 2017. – 18 декабр. - №255.
14. Салим М. Тоҷикистон. Ҷаҳони нав барои сайёҳон / М.Салим // Ҷумҳурият. - 2018. – 27 август. - №169.
15. Ҳисоботи оморӣ (манбаи электронӣ) http://ntc.tj/tj/imd-1/hisobotho/117-muassisahoi-oli-kasbi/830-oli.html

МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ТУРИЗМ ДАР РӮЗНОМАИ «ҶУМҲУРИЯТ»

Дар мақола сатҳи инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ дар воситаҳои ахбори омма, бавижа рӯзномаи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият” таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Нуфуз ва мавқеи мавзӯи сайёҳӣ дар матолиби нашрия омӯхта шуда, муносибати нашрия ба он нишон дода шудааст. Чун Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳиро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати кишвар маҳсуб донистааст ва рушди сайёҳӣ барои муаррифии кишвар аз василаҳои муҳим ва судманд маҳсуб мегардад, дар иҷрои ин вазифаҳо саҳми ВАО хеле назаррас аст. ВАО, хосса матбуоти даврӣ кӯшиш менамояд, ки сиёсати Ҳукумати кишварро дар самти рушди сайёҳӣ дастгирӣ намуда, бо чопи матолиби гуногун дар рушди соҳаи туризм саҳм гузорад. Ин вазифа дар мақола бо овардани мисолҳои алоҳида нишон дода шудааст. Муаллиф мақолаҳои марбут ба мавзӯи сайёҳиро аз рӯйи мундариҷа тасниф намуда, аз як тараф, вижагиҳои матолиб, аз ҷониби дигар, аҳаммияти онҳоро дар ҳалли муаммоҳои соҳа ва рушди соҳаи сайёҳӣ нишон додааст. Исбот гардидааст, ки ҷолибияти мундариҷавӣ низ ба афкори хонанда таъсири мусбат расонида, назар ба муносибати онро дигаргун карда метавонад, зеро сайёҳони имконпазир ба маводи ВАО, аз он ҷумла матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ эътимод доранд.

Калидвожаҳо: ВАО, матбуоти даврӣ, мақола, сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, ҷалби сайёҳон, меҳмоннавозӣ, таҳлил, инъикос, муносибат, масъала.

ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В ГАЗЕТЕ «ДЖУМХУРИЯТ»

В данной статье рассматривается и анализируется уровень отражения вопросов туризма в средствах массой информации, в том числе периодической печати на примере центральной газеты Республики Таджикистан «Джумхурият». Изучены место и влияние данной темы в материалах газеты и показано отношение редакции к ней. Так как Правительство Республики Таджикистан рассматривает развитие туризма как один из приоритетных направлений политики страны, развитие же туризма для представления и ознакомления с республикой является важным и эффективным инструментом, тогда роль СМИ в реализации этих задач считается значительной. Средства массовой информации стремятся поддержать этот аспект политики Правительства страны, внося вклад в область развития туризма с различными и разнообразными печатными материалами изданий и в данной статье эта функция показана на конкретных примерах. Автор классифицировал статьи по туризму по содержанию, и, с одной стороны, показал особенности материалов, а с другой стороны, определил их значение для решения проблемы туризма и развития этой сферы. Доказано, что привлекательность содержания также может повлиять и изменить мнение читателя, и потенциальные туристы больше доверяют материалам СМИ, в том числе периодической печати и социальным сетям.

Ключевые слова: СМИ, периодическая печать, статья, развитие туризма, информационные материалы, привлечение туристов, напечатанный материал, тематика туризма, мнение туристов, гостеприимство.

ISSUES OF TOURISM DEVELOPMENT IN THE NEWSPAPER "JUMHURIYAT»

This article examines and analyzes the reflection level of tourism issues in mass media, including the periodical press as an example of the leading newspaper of the Republic of Tajikistan "Jumhuriyat". Since the Government of the Republic of Tajikistan considers the tourism development as one of the country's policy priority areas and tourism development for republic presentation and introduction is an important and efficient instrument, subsequently mass media role in implementation of these tasks is counted significant. Mass media strives to support this aspect of the Government's policy by contributing to the area of tourism development with various and different printed materials of publications, and the role is shown by individual examples in this article. The author showed the articles correlation on tourism and classified them in content, as well as determined their significance for the tourism development, by showing the direct and indirect effects of these materials. The author believes that newspaper materials give a boost on solving tourism issues and providing information to the reader. It has been proved, that the content appeal can as well influence and reshape the reader's opinion, and potential tourists more trust in media materials, including periodical press and social networks.

Key words: mass media, periodical press, article, tourism development, news story, tourist attraction, printed matter, tourism topics, tourist's opinion, hospitality.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Машҳура Нематовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи матбуот. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **abdulloieva71@mail.ru**. Тел.: **(+992) 938-08-09-95**

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Машхура Нематовна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры периодической печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **abdulloieva71@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-08-09-95**

Information about the author: ***Abdulloeva Mashhura Nematovna*** – Tajik National University, applicant for the faculty of the press department of journalism faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **abdulloieva71@mail.ru**. Tel.: **(+992) 938-08-09-95**

УДК: 07+659(575.3)

НАҚШИ РАСОНАҲО ДАР ШАКЛГИРИИ АФКОРИ УМУМ

Мавлонов Х.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қавли машҳури "Касе иттилоотро соҳибӣ мекунад, ӯ ҷаҳонро идора мекунад"- ро дар замони кунунӣ метавон ба "Касе ВАО-ро соҳибӣ мекунад, ӯ афкори умумро идора мекунад" иваз намуд. Ҳаводиси солҳои охир низ инро собит мекунанд, ки на танҳо дар давлатҳои абарқудрат, балки дар ҳама кишварҳои ҷаҳон ВАО дар шаклгирии афкори умум нақши калон мебозад. Агарчи ин раванд тӯли як аср идома дорад, вале солҳои охир барои ташаккул додани афкори умум доир ба дилхоҳ масъала саҳми ВАО бориз арзёбӣ мешавад.

Масъалаи нақши расонаҳо дар афкори умум барои қарнҳо ба он хотир мавриди таввақуҳ аст, ки қудрати он метавонад фикру андешаи мардумро нисбати дилхоҳ масъала дигаргун созад. Ба андешаи муҳаққиқон Муқим Ҷ. ва Гулмуродзода П.: "Дар раванди дигар кардани тафаккури мардум нақши ВАО хеле зиёд аст, зеро вай ба ҳаёти ҳамарӯзаи мардум таъсири гонгун ва амиқ мерасонад" [6, с.23]. Дар оғози қарни бистум, замоне ки василаҳои интиқоли иттилоот, ба мисли телефон, телеграф, радио, синамо пайдо гардиданд, ҳамагӣ дар истифодаи васеи ҷомеа қарор гирифтанд. Истифодаи онҳо имкон дод, ки ҳамаи бахшҳои ҷомеа ба иттилооти гуногун дастрасӣ пайдо намоянд. Бинобар ин, усулҳои иртибот бо ҷомеа тағйир ёфтанд ва дар онҳо василаҳои ҷадид баҳри шаклдиҳии афкори умум зоҳир гардиданд. Муҳаққиқи рус Михаил Лойко ҳамин ҳолатро ба инобат гирифта мегӯяд: "Дар раванди рушди ҷомеа меъёрҳои ахлоқию қонунӣ ба вуҷуд омаданд, ки фарҳанги муайянеро муқаррар мекарданд ва ҷузъҳои муҳимтарини шуури ҷамъиятӣ ба шумор мерафтанд. Онҳо дар асоси фикру андешаҳои ҷамъиятӣ, ки дар маҷмӯъ дорои як қатор қарорҳо буданд, муносибати ҷомеаро бо мушкилот ва рӯйдодҳо муайян мекарданд. Муносибати ҷомеа ва боварӣ дар дараҷаи начандон зиёд дучори таъсири беруна мегардад. Давлат, масҷид ва васоити ахбори омма ба омилҳои асосӣ таъсир мерасонанд, ки метавонанд дар эҳёи ҷамъият саҳм гузоранд" [5]. Яъне ВАО низ бо қудрати худ метавонад, дар баробари давлату масҷид дар чигунагии раванди ҷомеа саҳм гузорад. Муҳаққиқ Муҳаммадиев А.У. бошад ба ин назар аст, ки: "Давлат ва масҷид ба инсон аз қадим таъсир мерасониданд. ВАО (радио, телевизион,

шабакаҳои глобалӣ, интернет) бошад дар зиндагии мо солҳои охир пайдо гардиданд. Бо вуҷуди ин, онҳо дар муддати хеле кӯтоҳ ақидаҳои инсониро бартарӣ доданд. Бинобар ин, ВАО "ҳукумати чаҳорум" ном бурда мешавад" [7, с.386-388].

Аз аввали пайдоиш расонаҳо чун муҳимтарин абзори сиёсӣ қарор гирифта, донишмандону мутахассисон омӯзишу таҳқиқи усулу роҳҳои шаклгирии афкори умумро ба воситаи расонаҳо шурӯъ намуданд. Чуноне муҳаққиқи соҳаи журналистика Қутбиддинов А.Ҳ. мегӯяд: "Дар асрҳои гузашта таҳлил, афкор ва ҳукм дар саҳифаҳои рӯзномаҳо мақоми аввалиндараҷа дошт" [3, с.12]. Мутахассисону мутафаккирон сайъ мекарданд, ки ба таври осон ва мувофиқ ба воситаи нашрияҳо афкори ҷомеаро дар самтҳои мухталиф шакл диҳанд: "Омӯзиши психология бо мақсади таъсир расонидан ба одамон аз давраи антиқа диққати донишмандон ва мутафаккиронро ҷалб намуда буд. Аз ҷумла, Афлотун дар асараш "Республика", Арасту дар "Сиёсат" ва "Этика" ба ин масъала таваҷҷуҳ намуданд. Оҳиста-оҳиста муҳаққиқони соҳаи журналистика ба омӯзиши умқи ин масъала, яъне омӯзиши психологии инсон, ба мақсади таъсир расонидан ба шуури онҳо машғул шуданд" [10, с.66]. Таҳлилҳо низ нишон медиҳанд, ки расонаҳо метавонанд барои дар дилхоҳ масъала ва мавзӯъ дигаргун намудани афкори умум дастёри хуб бошанд. Дар ин росто расонаҳо ба унвони абзоре барои равшансозии афкор, эҷоди фазо барои бархӯрди солим ва созанда, дидгоҳҳо ва иттилоърасонии муносиб аз муҳимтарин омилҳои тавсеа барои таҳрики ҷомеа маҳсуб ёфтанд. Чуноне муҳаққиқи рус Прохоров Е.П. таъкид мекунад: "ВАО, махсусан, телевизион силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон ба чизи дигар муқоиса намуд" [9, с.43]. Аммо бояд пазируфт, ки нақши дугонаи расонаҳо дар шаклсозии афкори умум, чуноне соҳибназарони ин соҳа мегӯянд, воқеияти инкорнопазир ва ошкор аст. Дар замони кунунӣ расонаҳо бахши густурдаи моҳияти афкори умумро шакл медиҳанд. Ин раванд бошад, рӯз аз рӯз рӯ ба афзоиш аст. Ба таъкиди муҳаққиқон бунёди ин раванд – нақши расонаҳо ба афкори умум бештар дар солҳои 1930-1960 шакл гирифт ва нақши мутамарказӣ пайдо намуд. Ва ин раванд имрӯз ташаккул ёфта, шаклу усулҳои нав касб карда, самтҳои навро фаро гирифта истодааст.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба шаклгирии афкори умум диққати махсус зоҳир мешуд ва забти фикрониҳо доир ба сиёсати ҳизбӣ, яккаандешӣ дар доираи сиёсати ҳизби коммунистӣ шарти асосии ҳукуматдорон ба шумор мерафт. Чунончи дар ИҶШС барои "... рушди шахсият воситаҳои ахбори омма, махсусан, телевизион нақши муассир дорад" [10, с.104], аҳаммияти махсус дошт. Яке аз дастурҳои роҳбари вақти ИҶШС В.И. Ленин ҳам ҳамин буд: "Ташаккули афкори омма чун ҳамеша асос ва мундариҷаи кори мо боқӣ мемонад" [4, с.369-377]. Барои ба ин ҳадаф ноил шудан ва барои шаклгирии афкори умум давлати шӯравӣ ба таври ҷиддӣ ин талошро ба роҳ монда буд, ки ҳар як шаҳрвандаш рӯзнома бихонад, ба радио гӯш диҳаду телевизион тамошо кунад."Қудрати таъсири тарғиб чунон аст, ки метавонад ҳар нафарро ба доми худ кашад" [10, с.43]. Табиист, ки тарғиби ҳамешагии дилхоҳ мавзӯъ дар дигаргунии афкори умум нақш гузошта, барои ҳамфикрӣ ё зиддият нишон додан миёнарави беминнат аст. Чуноне муҳаққиқ Сафарова Б.Н. мегӯяд: "...воситаҳои ахбори омма метавонанд, ба воситаи таъкидкуниҳои пайдарҳам ва таблиғоти пурзӯр афкори умумро дар бораи масъалаҳои мубрами рӯз ба вуҷуд биёранд" [10, с.24]. Қудрати ВАО ҳамеша даст медиҳад, ки дар аксар маврид сиёсатмадорон ба мардум тасаллут ёбанд. Чун ҳар иттилооте паҳн мегардад, соҳибқудратон кӯшиш мекунанд, ки он аз доираи манфиатҳои худ берун набошад. Дар ин замина прфессор Усмонов И.К. чунин гуфтааст: "Ҳамаи зимомдорон дар тамоми ҷаҳон намегузоранд хабаре паҳн шавад, ки муҳтавояш ба фоидаашон набошад" [12, с.7]. Бояд таъкид намуд, ки дарки қудрати ВАО дар шаклдиҳии афкори умум маҳз ин масъаларо ба миён овардааст. Равандҳои сиёсӣ ва вазъи байналхалқӣ нишон медиҳанд, ки ин самт сол аз сол аҳаммияти бештар касб карда, барои соҳиб шудан ба иттилоот кӯшишҳо бештар шудаанд: "Феълан рақобатҳои соҳибият ба ахбор ва равандаи мураккаби ҷаҳони иттилоотӣ мақоми ахборро баланд бурдааст," – мегӯяд муҳаққиқ Қутбиддинов А.Ҳ. [3, с.13].

Дар қиболи дигар ҳадафҳо, равандаи мутамарказии расонаҳо ин аст, ки онҳо тавассути ахбору иттилооти худ дар андешаронии ҷомеа нақш гузошта, афкори умумро дар масире, ки ниёз доранд, шакл медиҳанд. Бузургтарин таҳдид барои ҷомеа ин аст, ки расонаҳо дар баъзе аз маворид чун як дастёри сиёсӣ зоҳир мешаванд ва ҷомеаро ба он таҳрик медиҳанд, ки ба манофеи касе ё чизе амал кунанд. Муҳаққиқи эронӣ доктор Муҳаммад Раҳими Авазӣ чунин андеша дорад: "Тасаллут ба расонаҳо ва хабаргузориҳо қудрати бисёр зиёде ба бозигарони саҳнаҳои сиёсӣ ва давлатӣ додааст. Ба гунае ки бо бакоргирии агентиҳои хабарӣ ва иттилоотӣ метавонанд нисбат ба тағйири боварҳо ва нигаришҳои ҷамъиятӣ ва ё шаклдиҳӣ ба афкори умумимиллӣ ва фаромиллӣ иқдом кунанд" [8, с.256].

Объектҳое, ки афкори умум ба он равона мегарданд, ҳодисаю падидаҳо ва воқеиятҳои иҷтимоӣ мебошад. Одатан барои шаклгирии афкори умум омилҳои мазкур сабаб мешаванд:

1. ВАО ва арзёбии иттилооти он;

2.Ташаккули афкори умум тавассути табодули нуқтаи назари инфиродӣ ва гурӯҳӣ;

3. Изҳорот дар шакли шифоҳӣ;

4. Изҳорот дар шакли рафтор.

Аз ин миён иттилоот бартарии зиёдро соҳиб аст. Чун дар маъракаҳои муҳимми давлатӣ барои шаклгирии афкори умум асосан аз ВАО истифода мекунанд. Чуноне муҳаққиқон Гулов С. ва Ҷумъаев М. мегӯянд: “Дар арафаи маъракаҳои муҳимми сиёсӣ – дар арафаи интихоботҳо вазифаи тарғиботии ВАО хеле барҷаста ба назар мерасад. Ҳизбҳову ҳаракатҳои сиёсӣ дар ин давра кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки барои ба пирӯзӣ ноил гаштан аз тамоми имконоти ВАО ба таври густурда истифода баранд, зеро таъсири ВАО дар ҷомеа ниҳоят бузург аст ва ягон дастгоҳи дигари идеологӣ чунин таъсир дошта наметавонад” [2, с.37]. Ҳамин аст, ки зимни баргузории интихоботҳо ва дигар маъракаҳои сиёсӣ аҳаммияту муҳиммияти ВАО беш аз пеш мегарданд. Гузашта аз ин, дар фаъолияти рӯзмарраи одамон низ махсусияти шаклдиҳии ВАО-ро дар афкори умум ба осонӣ ҳис кардан мумкин аст. Муҳаққиқ Сафарова Б.Н. роҷеъ ба ин масъала чунин гуфтааст: “Ҷойи пӯшида нест, ки имрӯз воситаҳои ахбори омма воситаи муҳимми идоракунии шуури мардум мебошанд” [10, с.156].

Барои шаклдиҳии афкори умум иҷрои якчанд вазифаҳои асосиро муҳим мешуморанд, ки муҳимтарини онҳо иттилоотонӣ ва бонизомӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, вазифаҳои иловагиро низ амалӣ мекунанд. Ба монанди: - назоратӣ, машваратӣ, дастурдиҳанда ва баҳодиҳанда.

Самтҳои асосӣ барои муайянкунии афкори умум инҳо мебошанд:

- сиёсат (ширкатҳои интихоботӣ, муносибат бо сохторҳои ҳокимияти иҷроия, қабули қарорҳои сиёсӣ);

- соҳаҳои иҷтимоӣ;

- тиҷорат (бозори истеъмолӣ, бозори тиҷоратӣ).

Инҳо самтҳое мебошанд, ки нақши ВАО-ро дар шаклдиҳии афкори умум дар синну соли гуногуни аҳолӣ нишон медиҳанд. Аз ин самтҳо метавон фаҳмид, ки ВАО дар дигаргун намудани андешаи ҷомеа, маҳдуд намудани фазои фикрронии инсонҳо чӣ нақш дорад. Зимнан ба ин восита дилхоҳ шахс метавонад, ки бе ёрии реклама ё тарғиби иловагӣ иттилооти барҳадаф паҳн шударо муайян созад.

Аз ин махсусиятҳо метавон гуфт, ки ВАО барҳақ чун ҳокимияти чаҳорум дар ҳаёти инсонҳо нақши муҳим мебозад. Зеро иттилооти аз ВАО расида метавонад, ки моро ба ҳар тарафе моил кунад. Барои дарёфти иттилооти нисбатан дақиқ ба он мебоист аз чанд ҷониб нигарист. Дар муқоиса бо сарчашмаҳои гуногун, ҳамаро ба шубҳа кашид ва аз усулҳои гуногуни рӯзноманигории вуҷуддошта дурӣ ҷуст. Ба таъкиди муҳаққиқ Азимов А: “...журналист ба воситаи эҷоди худ ба мафкураи иҷтимоии ҷомеа таъсир мерасонад” [1, с.83]. Аз ҳамин рӯ, зимни интихоб ва мутолиаи иттилоот ба мазмуну муҳтавои он бояд диққат дод. Чун эҷоди журналистӣ ҳамеша дар умқаш ҳадафи шаклдиҳии афкори умумро ба ин ё он ҳаводис дорад. Чуноне муҳққиқ Усмонов И.К. таъкид кардааст: “Бояд дар хотир дошт, ки ҳар гуна фаъолияте, ки мақсадаш ба фикр таъсир расонидан аст, дар батни худ маънои таблиғро дорад. Яъне ба чизе бовар кунонидан, ё аз чизе дилхунук кардан мехоҳанд” [12, с.7].

Инҳисори ВАО аз ҷониби давлат ба вазъе оварда мерасонад, ки айни ҳол дар ҷумҳурии халқи Куриёи шимолӣ мушоҳида мегардад. ВАО ба тарзи ҳаёти мо, идеология ва густариши арзишҳои фарҳангӣ нақши муассир мегузорад: “ВАО зимни иҷрои вазифаи худ, ки, пеш аз ҳама, хабаррасонӣ (иттилоотонӣ) ва ташаккули афкори омма ба шумор меравад, дар таъмини манфиатҳои миллӣ низ нақши муассир мегузорад” [11, с.13].

Дар асри иттилоот маълумот дастраси ҳамагон ва оммавист. Бе ягон душворӣ, бо пахши тугмачаҳои смартфону компютер ва технологияҳо ахбори бароямон лозимаро дарҳол метавон дастрас кард. Албатта, то наздикиҳо вазъ чунин набуд. Ҳамагӣ якчанд аср пеш, иттилоот танҳо дастраси табақаи болонишини ҷомеа маҳсуб меёфту халос. Барои омма бошад, бо гузашти моҳҳо дастрас мегардид. Ҳамин буд, ки афкори умум доир ба масъалаҳо вуҷуд надошт. Вале дар замони кунунӣ ҳамарӯза тарз ва механизми таъсиррасонӣ ба афкори умум ва усулҳои тозаи он пешниҳод мегарданд, ки дар шаклгирии афкори умум нақши муассир доранд.

Нақши ВАО одатан дар он зоҳир меёбад, ки он метавонад, бо қудрати худ дар мудирияти иҷтимоии аҳолӣ саҳм гузорад. Фикру андешаи онҳоро доир ба вазъу ҳаводиси манфӣ мусбат гардонад ё баръакс. Андешаҳои рӯзноманигор Моҳира Сангмамадова бобати ҳамин нукта

айни муддаоянд: “Дар марҳилаи кунунӣ ВАО ҳамчун фишанги асосии таъсиррасон ва дастгоҳи пуркуввати таҳрикдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ эътироф гардида, ба ҳайси абзори қавии “неруи нарм” баромад мекунад. Бинобар ин, бо истифода аз ВАО бозигарони сиёсӣ ҳадафмандона ба равандҳои сиёсӣ таъсир расонда, осебпазирии давлатҳои миллиро ба вуҷуд меоранд. Дар шароити имрӯза таъсиргузории ин равандҳо ба фазои иттилоотии кишвари мо низ вуҷуд дорад ва нуфузи ВАО-и берунӣ дар он зиёд буда, бо паҳн кардани иттилооти мухталиф афкори ҷамъиятиро ба нафъи худ таҳрик медиҳанд” [13].

Хулоса, ВАО рӯз аз рӯз бо пешниҳоди матолиби гуногунжанр дар шаклгирии афкори умум мавқеи мустаҳкамтарро соҳиб мешавад. Муборизаҳои шадиди иттилоотӣ баёнгари онанд, ки дар замони кунунӣ бе истифода аз ёрии ВАО ҳеҷ як давлати соҳибқудрат ба мақсаду ҳадафҳои сиёсии худ расида наметавонад. Ҳамин аст, ки онҳо василаи асосии худ расонаҳоро қарор дода, аз онҳо ба таври бояду шояд истифода мекунанд. Гузашта аз ин, айни ҳол ВАО дар дар шаклгирии афкори умум дар ҳама ҷанбаҳои зиндагии мардум нақши назаррас дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Маҳорати журналисти таҳлилгари телевизион / А. Азимов. - Душанбе: Шарқи озод, 2013. - 84 с.
2. Гулов С. Муқаддимаи журналистика / С. Гулов, М. Ҷумъаев. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 176 с.
3. Қутбиддинов А.Ҳ. Моҳият ва таъиноти матбуоти маҳаллӣ (Баъзе масъалаҳои назарии шинохти матбуоти маҳаллӣ бо ручуъҳои таърихӣ) / А.Ҳ. Қутбиддинов. - Душанбе: Аржанг, 2018. - 160 с.
4. Ленин В.И. Полное собрание сочинений / В.И. Ленин // Том 13. - Май-сентябрь 1906. - С.369-377.
5. Лойко М. Что такое “общественное мнение” и как СМИ формируют его сегодня / М. Лойко [Электронный ресурс]. - Режим доступа: - URL: http://концептуал.рф/chto-takoe-obschestvennoe-mnenie-i-kak-smi-formiruyut-ego-segodnya
6. Муқим Ҷ. Гендер ва журналистика / Ҷ. Муқим, П. Гулмуродзода. - Душанбе, 2006. - 117 с.
7. Мухаммадиев А.У. Роль и значение информации в построении гражданского общества / А.У. Мухаммадиев // Молодой ученый. - 2012. - №12. - С.386-388.
8. Муҳаммад Р.А. Мудирияти расонаҳо ва муҳандиси афкори умум / Р.А. Муҳаммад. - Машҳад, 1997. – 270 с.
9. Прохоров Е.П. Свобода СМИ в журналистской деятельности / Е.П. Прохоров. - М., 2001. - С. 43.
10. Сафарова Б.Н. Таъсири телевизион ба афкори умум / Б.Н. Сафарова. - Душанбе: КВД “Матбаа”, 2018. - 170 с.
11. Сафаров Х.Ҳ. Мавқеи ВАО-и Русия дар фазои иттилоотии Тоҷикистон / Х.Ҳ. Сафаров // Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология: 10.01.10. - Душанбе, 2013. - С.13.
12. Усмонов И.К. Журналистика. Ҷ.4. / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2011. - 474 с.
13. Андешаҳои рӯзноманигор Моҳира Сангмамадова http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=28117 (санаи мурочиат: 20.06.2019)

НАҚШИ РАСОНАҲО ДАР ШАКЛГИРИИ АФКОРИ УМУМ

Дар ин мақола сухан дар бораи нақши расонаҳо дар шаклгирии афкори умум меравад. Муаллиф бо мисол ва далелҳои мантиқӣ нақши расонаҳоро дар шаклгирии афкори умум дақиқ намудааст. Масъалаи нақши расонаҳо дар афкори умум барои қарнҳо ба он хотир мавриди таввачуҳ аст, ки қудрати он метавонад фикру андешаи мардумро нисбати дилхоҳ масъала дигаргун созад. Аз аввали пайдоиш расонаҳо чун муҳимтарин абзори сиёсӣ қарор гирифта, донишмандону мутахассисон омӯзишу таҳқиқи усулу роҳҳои шаклгирии афкори умумро ба воситаи расонаҳо шурӯъ намуданд. Мутахассисону мутафаккирон сайъ мекарданд, ки ба таври осон ва мувофиқ ба воситаи нашрияҳо афкори ҷомеаро дар самтҳои мухталиф шакл диҳанд. Таҳлилҳо низ нишон медиҳанд, ки расонаҳо метавонанд барои дар дилхоҳ масъала ва мавзӯъ дигаргун намудани афкори умум дастёри хуб бошанд. Дар ин росто расонаҳо ба унвони абзоре барои равшансозии афкор, эҷоди фазо барои бархӯрди солим ва созанда, дидгоҳҳо ва иттилоърасонии муносиб аз муҳимтарин омилҳои тавсеа барои таҳрики ҷомеа маҳсуб ёфтанд. Дар замони кунунӣ расонаҳо бахши густурдаи моҳияти афкори умумро шакл медиҳанд. Ин раванд бошад рӯз аз рӯз рӯ ба афзоиш аст. Ба таъкиди муҳаққиқон бунёди ин раванд - нақши расонаҳо ба афкори умум бештар дар солҳои 1930-1960 шакл гирифт ва нақши мутамарказӣ пайдо намуд. Ва ин раванд имрӯз ташаккул ёфта, шаклу усулҳои нав касб карда, самтҳои навро фаро гирифта истодааст. Муборизаҳои шадиди иттилоотӣ баёнгари онанд, ки дар замони кунунӣ бе истифода аз ёрии ВАО ҳеҷ як давлати соҳибқудрат ба мақсаду ҳадафҳои сиёсии худ расида наметавонад. ВАО рӯз аз рӯз бо пешниҳоди матолиби гуногунжанр дар шаклгирии афкори умум мавқеи мустаҳкамтарро соҳиб мешавад.

Калидвожаҳо: ВАО, афкори омма, таъсир, ташаккули афкор, инҳисор радио, телевизион, интернет, технологияи иттилоотиву иртиботӣ, фазои иттилоотӣ, дастрасӣ ба иттилоот.

РОЛЬ СМИ В ФОРМИРОВАНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ

В данной статье затрагивается проблема роли СМИ в формировании общественного мнения. Автор, на основе конкретных примеров и логических данных, уточняет роль СМИ в данном вопросе. Проблема роли СМИ в формировании общественного мнения на протяжении достаточно большого времени находится в центре внимания исследователей, так как масс - медиа в состоянии изменить ход мыслей народов в любых вопросах. С самого начала своего возникновения СМИ превратились в важный политический инструмент. Исходя из этих соображений, ученые и специалисты стали обращать особое внимание на принципы и методы формирования общественного мнения посредством СМИ. Специалисты и мыслители приложили немало усилий для того, чтобы легким и подходящим способами формировать общественное мнение в различных направлениях. Анализ показывает, что СМИ сегодня могут

стать добрыми помощниками в деле изменения общественного мнения в любых вопросах и темах. В этой связи, СМИ в качестве инструмента при освещении мнений, выражения точек зрений, создания пространства, здравого и конструктивного подхода, а также должного предоставления информации, признаны одними из важнейшими критериев развития общества. В настоящее время СМИ составляют основную суть общественного мнения. Этот процесс получил особое развитие в нынешних условиях. Как подчеркивают исследователи, формирование данного процесса приходится на 1930 - 1960 е годы. В дальнейшем, совершенствовавшись, процесс получил новые формы и принципы, охватил также новые напрвления. Острая информационная борьба свидетельсвтует о том, что в наше время, без использования помощи СМИ, ни одно государство не в состоянии добиться своих целей. СМИ, ежедневно предлагая материалы в самых разных жанрах, занимает устойчивое место в формировании общественного мнения.

Ключевые слова: СМИ, общественное мнение, влияние, формирование мнений, монополия, радио, телевидение, интернет, информационно – коммуникационные технологии, информационное пространство, доступ к информации.

THE ROLE OF THE MEDIA IN SHAPING PUBLIC OPINION

This article talks about the role of the media in shaping public opinion. The author defines the role of the media in shaping public opinion via examples and logical arguments. The issue of the role of the media in public opinion over the centuries has been emphasized by the fact that its power can change people's attitudes to any problem. From the very beginning, the media were considered as the most important political tool, and scientists and experts began to study the ways and means of shaping public opinion through the media. Experts tried to shape public opinion in various directions, easily and appropriately through publications. The analysis also shows that the media can be excellent support for changing public opinion on any issue or topic. In this regard, the media as a tool for clarifying ideas, creating space for a healthy and constructive approach, relevant views and information are the most important factors for expanding the community. Currently, the media form a widespread segment of public opinion. This trend is growing day by day. According to researchers, the creation of this process - the role of the media in public opinion - was formed in 1930 and 1960 and played a centralized role. And today this process is taking shape, acquiring new forms and methods, embracing new directions. Intense information battles show that no state can achieve its political goals without the use of the media. From day to day, the media occupy increasingly strong positions in the form of public opinion, representing various media.

Key words: Media, public opinion, influence, opinion, exclusive radio, television, Internet, information and communication technologies, information space, access to information.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мавлонов Хуршед Давлаталиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-68-76-08**

Сведения об авторе: ***Мавлонов Хуршед Давлаталиевич*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры телевидения и радиовещания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **hurshed.0001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-68-76-08**

Information about the author: ***Mavlonov Khurshed Davlatalievich*** - Tajik National University, Doctoral Ph.D. of Chair of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **hurshed.0001@mail.ru**. Tel.: **(+992) 988-68-76-08**

УДК: 07 (575.3)

РАНГОРАНГИИ ЖАНРИИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР МАВЗӮИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Шодона Саидзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Жанрҳои журналистика дар телевизион ба хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ ҷудо мешаванд. Метавон гуфт, ки журналистикаи телевизион берун аз системаи жанрӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фаҳмиши ҷиддии жанрҳо аз касбияти журналист дарак медиҳад. Ин андешаро муҳаққиқони соҳа низ ҷонибдорӣ кардаанд [5, с.12].

Гузашти вақт дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо, махсусан ҷавонон навгониву воқеаҳои нав ба навро ба бор меоварад. Дар ин миён падида ва тамоюлҳои инъикоси рӯзгори ҷавонон дар телевизион бо матнҳои гуногун ва баҳсҳои мухталиф инъикос мегардад, ки таҳлили он мувофиқи мақсад аст. Ҳадафи барномаҳо дар бештари маврид як чиз бошад ҳам, тарзи баррасӣ, пешниҳод ва масъалагузории гуногун ба чашм мерасад ва ин ба шаклгирии гуногунжанрӣ дар телевизион мусоидат менамояд.

Телевизиони «Тоҷикистон» дар самти бозомӯзии рӯзгори ҷавонон ва истифодаи жанрҳои таҳлилӣ барои мавқеъ ва нуфузи барнома ва бештар аз ин, ҷиҳати ба талаботи бинанда ҷавобгӯ шудани намоишҳо, фаъолияти нисбатан беҳтарро ба роҳ мондааст, ки аз тамошои барномаҳои он бешубҳа эҳсос мегардад. Тавре муҳаққиқ Аъзамҷон Азимов менависад: «Ҷараёни инкишоф, ки сарчашмаи асосии жанрҳои телевизион гаштааст, ба ҳама маълум аст.

Барномаҳо тез-тез якдигарро иваз мекунанд. Лоиҳаи нав ба нав пешниҳод мешавад. Муҳиту вақт нақши худро дар телевизион мегузорад. Доираҳои нав ба нав ба вуҷуд меояд. Телевизион бо суръати баланд тараққӣ мекунад» [1, с.10].

Тафсири телевизионӣ, нигориши телевизионӣ, суҳбати телевизионӣ, мубоҳисаи телевизионӣ, таҳқиқоти журналистии телевизионӣ, ток-шоу, конфронси матбуотии телевизионӣ, намоиш (мухбирнома)-и телевизионӣ жанрҳои таҳлилие мебошанд, ки истифодаи онҳо дар телевизиони «Тоҷикистон» бо тасвиру наворҳо ороиш ёфта, вазифаҳои худро иҷро мекунанд ва тамошобинро бо рӯйдоду воқеаҳои муҳим ошно месозанд. Гурӯҳҳои эҷодии ин шабака мунтазам пайи сайқали мундариҷавию ғоявии барномаҳо кӯшиш менамоянд ва усулҳои нави таҳияи барномаҳоро ба роҳ мемонанд. Дар ин замима, сархатеро ба ёд меоварем, ки ба муҳаққиқон Асадулло Саъдуллоев ва Маҳмудхон Шоев тааллуқ дорад: «Жанрро хотираи санъат, гоҳо хотираи фарҳанг ҳам мегӯянд. Ин ташбеҳ замина дорад. Ҳар журналист аз усул, тарзи баён, шакли дилхоҳи ифода истифода мебарад… Жанр гӯё хишт-масолеҳест, ки аз он биноҳои гуногунҳаҷму гуногунмавзӯи журналистика бунёд мегардад. Устувории ин бино ба ҳунари бинокор-журналист вобаста аст» [4, с.12-13].

Аз дониста истифода бурдани жанр ва риояи талаботи жанрӣ барномаи телевизионӣ ранги дигар мегирад ва журналист ҳам ба суоли худ ва ҳам ба суоли тамошобин ҷавоб гардонида метавонад, яъне истифодаи дурусти жанр дар телевизион ба манфиати кори журналист буда, аз ӯ дониш ва маҳорати баланд талаб менамояду барномаро боварибахш месозад.

Истифодаи жанрҳои таҳлилӣ дар телевизиони «Тоҷикистон», бо вуҷуди ҷой доштани норасоиҳо, ба чашм мерасад. Махсусан, жанрҳои ток-шоу, шарҳи телевизионӣ, нигориши телевизионӣ, суҳбати телевизионӣ, мубоҳисаи телевизионӣ ва таҳқиқоти журналистии телевизионӣ бештар истифода мешаванд, ки бо инъикоси матолиби мухталиф рӯйи навор омадаанд ва дар таҳлилу пешниҳоди масъалаҳои ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсидошта саҳм гузоштаанд.

Дар мисоли мушаххас, ки ба мавзӯи «Ҷавонон ва варзиш» бахшида шудааст, нигориши телевизиониро баррасӣ мекунем.

«Мо бо ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо боварии бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан, ояндаи неки Ватан ва идомадиҳандаи кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд».

Ин сархатест, ки пеш аз шурӯъ шудани барнома бо муаллифии Муҳаммадсафои Ҳасан аз идораи ҷавонӣ, варзиш ва сайёҳии телевизиони «Тоҷикистон» омода гаштааст, дар экран намудор мегардад ва аз дидани он тамошобин, аллакай, аз муҳтавои мавзӯи барнома хулоса мекунад.

Ин барномаро мо бо доштани мавзӯи аҳаммияти ҷамъиятидошта, ки ҳам аз нигоҳи мутахассисон ва ҳам аз нигоҳи журналист бо силсилабандии фактҳои аз рӯйи мақсад ба гурӯҳҳо ҷудошуда, вале вобастаи ҳамдигар омода шудааст, ба жанри нигориши телевизионӣ мансуб донистем.

Муҳаққиқ Зулфиддин Муъминҷонов низ таъкид мекунад, ки «…асоси ин жанр воқеаҳои ҷамъиятӣ буда, мақсадаш ба бинандагон фаҳмонидани сабабҳову алоқаву вобастагиҳои ин воқеаҳо ва ошкоркунии аҳаммияту тамоюли инкишофи минбаъдаи он мебошад» [5, с.60].

Ҳанӯз аз марҳалаҳои душвори таърихӣ сар карда, то ба ҳол ҳукумати мамлакат нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла беҳдошти вазъи таълиму тарбия, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар ва ҷойи кор гардонидани онҳо, инчунин мавқеи хосса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Яъне, дар марҳилаи нави таърихӣ дар байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, ин иқдомро ба роҳ мондани Тоҷикистон, ки ҳадафи асосии он фароҳам овардани шароити мусоид барои насли ҷавон буд ва муваффақияту пешравии ҷавонон дар даврони истиқлолият мавзӯи матраҳшавандаи барнома мебошад.

Ин мавзӯъ дар барномаи Муҳаммадсафои Ҳасан дар доираи 46 дақиқаву 32 сония бо иштироки 13 нафар мутахассисони соҳаи ба мавзӯъ дахлдор ва истифодаи зиёда аз 50 факт баррасӣ шудааст, ки корбурди жанри нигориш дарак медиҳад.

Тавре муҳаққиқон А.Саъдуллоев ва М.Шоев таъкид кардаанд: «Муҳаққиқони ҳамаи соҳаҳои журналистика (телевизион, радио, матбуот, интернет) таъкид мекунанд, ки соҳаи таҳқиқи ин жанрафкори омма буда, мақсади муаррифии робитаи сабабу натиҷаи амал ошкор намудани моҳият ва анъанаҳои инкишоф мебошад» [4, с.70].

Бояд ёдовар шуд, ки барнома аз телевизиони «Тоҷикистон» пахш гардида, бе иштироки журналист ҷараён гирифтааст. Дар он Қиёмиддин Миралиён - вакили Маҷлиси намояндагон,

Мирзошорух Асрорӣ - раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Абдуллозода Аҳтам Рустам - раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муҳаммадиқбол Атоев - сардори шуъбаи матбуоти даврии Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Икромҷон Донахонов - сардори раёсати иқтисод ва банақшагирӣ дар соҳаи илм ва иқтисоди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фаридун Давлатов - роҳбари Шӯрои олимони ҷавони Тоҷикистон, Маҳмуди Абдулло - сардори шуъбаи варзиши Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, Носир Бозоров - сардори Раёсати варзиши Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шодӣ Сафаров - ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нуралӣ Хоркашев - мутахассиси пешбари шуъбаи иттилоотии ФФТ, Ёрзода Фозил Самӣ - сардори Раёсати тайёр кардани кадрҳои илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чанде аз ҷавонони варзишгару магистр ва хонандагони болаёқати гирандаи стипендияи президентӣ ҳамчун мусоҳиб иштирок доштанд ва бо 19 мусоҳибае, ки 15-тои он дорои факт буд рӯйи навор омаданд.

Иштироки ин нафарон ба таҳлили амиқтари мавзӯи интихобнамуда мусоидат намуда, дақиқ будани фактҳои дар барнома зикршударо маълум намудааст. Дар барнома бозгӯи паҳлуҳои мавзӯъ дар баъзе маврид аввал аз ҷониби журналист сурат гирифта, мусоҳибаҳои мутахассисон барои тақвият ва исботи матлаб пешкаши бинанда гардидааст ва дар баъзан мавриди дигар баръакс.

Дар барнома асосан оид ба таваҷҷуҳи Президенти кишвар ба ҷавонон ва боварӣ ба онҳо ҳамчун насли ояндасоз, рушди ҷавononи Тоҷикистон, нақши қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» дар ҳаёти онҳо, фаъолияти кумита дар ин самт, дастовардҳои варзишию сайёҳии ҷавонон, рушди соҳаи маориф ва илм, фаъолияти олимони ҷавон, истифодаи ҳадафмандонаи техникаву технология аз ҷониби ҷавонон, тарзи ҳёти солим, дастгирии оилаҳои ҷавон ҷиҳати таъмин намудан бо манзил бо факту рақамҳои мушаххас рӯйи кор омадааст.

Аз рӯйи мушоҳида, мо ин барномаро ба нигориши мавзӯӣ мувофиқ донистем. Чунки мавзӯъҳо аз нигоҳи аввал ба як самт равона бошанд ҳам, вале вақти ба амал омаданашон ҷудогонаанд ва зери як рубрика қарор гирифтаанд.

«Мутобиқи индекси рушди ҷавонон Тоҷикистон аз 100 хол дар ҳадди 52,8 хол қарор дорад. Дар миёни 200 давлати ҷаҳон Тоҷикистон вобаста ба татбиқи сиёсати ҷавонон ҳудудан ҷойи 70-умро ишғол менамояд. Барои як кишваре, ки ҳамагӣ истиқлолияти 25 сола дорад, ин бисёр муҳим арзёбӣ мешавад».

Ин маълумот дар барнома аз ҷониби Қиёмиддин Миралиён [3, с.171] дақиқан иброз шуда, андешаи муаллифро, ки нисбат ба рушди ҳаёти ҷавонон баъди пазируфтани қонуни сиёсати онҳо ва ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми онҳо эълон шудани самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии кишвар, баён гардид, асоснок намуда ба бозгӯ намудани чанд маълумоти дигар кумак намудааст.

Бояд гӯем, ки нигориш жанри ҷамъбастӣ аст. Дар он воқеаҳои ҳафта, моҳ, семоҳа ва ғайра рӯйдода мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Муаллифи нигориш ҳодисаҳоро аз чанд паҳлу таҳлил карда, аз онҳо хулоса мебарорад. Барои тақвияту исботи фикр ва хулосаи баровардааш муаллиф аз фактҳои мавҷуда истифода мекунад. Яъне мақоми аввалро таҳлил ва фикри муаллиф соҳиб буда, мақоми дуюм ба факт во гузошта мешавад.

Барномаи Муҳаммадсафои Ҳасан вазъи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҷавононро асосан дар панҷсолаи 2010-2015 таҳлил намуда, аз таърихи қабули қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ва муқоисаи вазъиятро нисбат ба солҳои пеш аз Истиқлолият ва баъди нав ба даст овардани он низ ёдовар шудааст.

Наворҳои барномаро муаллиф бо матни паси кадрӣ пурра мувофиқ намуда, ҳар кадомеро дар мавридаш истифода бурдааст. Ҳамчунин, истифодаи кадрҳо аз хазина низ ба чашм мерасанд (вохӯрии президент бо варзишгарон, мулоқоти аввалин бо ҷавонон, мусобиқаҳои варзишгарон дар дигар давлатҳо ва ғайра), ки ин ба мақсади журналист, ҷиҳати боварибахш будани барнома хеле мувофиқ аст.

Ҳар мавзӯъ ҷиҳати манфию мусбатро дорост. Барномае, ки мо дар доираи жанри нигориш таҳлил кардем, ҷиҳати мусбати масъалаи интихобнамудаи журналистро ба қадри имкон таҳлил намудааст. Ҳол он ки муаллиф метавонист 46 дақиқаи барномаи омоданамудааш ҳадди имкон 20 дақиқаашро ба норасоиву камбудиҳои соҳа сарф намояд ё барномаро дар ду бахш омода созад.

Манзури мо шумораи ҷавонони муҳоҷир, толибилмони душвортарбия, ҷиноятҳои аз ҷониби ҷавонон содиршуда, хориҷ шудани донишҷӯён аз муассисаҳои олии касбӣ, шумораи ҷавони бекор ва дигар масъалаҳо.

Ба ақидаи мо, ин мавзӯъҳо дар якҷоягӣ бо матлаби таҳлил ва омодакардаи журналист метавонист маводро комилтар ва эътимоди тамошобинро пурратар созад. Зеро яке аз мақсадҳои асосии нигориш ба қадри имкон ошно сохтани шунаванда бо ҷузъиёти соҳаҳои гуногуни ҷомеа аст. Кӯшиши муаллиф барои ҷалб кардани шунаванда ба он рӯйдод, кумак расондан ба шунаванда барои боварӣ ҳосил намудани ӯ равона карда мешавад.

Аз ин рӯ, мавзӯи интихобкардаи муаллифи нигоришро бояд ҳама донад, донандаи комили соҳа ё касби худу дорандаи ҳунари воло бошад, то ӯ натанҳо шунавандаро бо ҷолибияти мавзӯи нигориш, боварӣ ҳосил намудану майлу рағбат пайдо кардан, муносибаташ ба сухан, ақида ва ғояи тарғибкунандаи худ шинос намояд, инчунин тавонад возеҳу равшан, бошавқ нигоришро то ба охир расонад».

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион (воситаи таълимӣ) / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – С. 90.
2. Раҳмон, Э. Ҷавонон – созандагони Тоҷикистони оянда / Э.Раҳмон. – Душанбе, 2008. – 150 с.
3. Миралиев Қ. Ҷавонон ва 20 соли истиқлолият / Қ.Миралиев. – Душанбе, 2012. – 272 с.
4. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А.Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – 96 с.
5. Муъминҷонов З. Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион / З.Муъминҷонов. – Душанбе, 2015. – 80 с.
6. Неъматов М. Ҷавонон – созандагони ҷамъияти оянда / М. Неъматов, Н. Муродов. – Душанбе, 2008. – 200 с.
7. Буриев Н. Понятие, сущность и задачи молодежной политики / Н. Буриев // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. – №9 (73). – С. 335-340.
8. Ходибоев Ф.А. Место и роль молодежи в социальной структуре таджикского общества: дис. ... канд. филос. наук: 09.00.11 / Ф.А. Ходибоев. – Душанбе, 2015. – 156 с.
9. Набиев В.М. Исторический опыт участия молодежи в укреплении социально-экономических и культурных связей Таджикистана с союзными республиками (1961-1991гг): автореф. дис. … док. ист. наук: 07.00.02 / В.М. Набиев. – Душанбе, 1997. – 335 с.
10. Ҳасанов Ш.Қ. Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатии ҷавонон / Ш.Қ. Ҳасанов, А.А. Ашурова. – Душанбе, 2015. – 224 с.
11. Ҳамидов И. Имиджмейкинг ва нақши телевизион дар шаклгирии он / И. Ҳамидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4/5. – С.280-283.
12. Хонзода А. Эмомалӣ Раҳмон ҳомӣ ва раҳнамои ҷавонон / А. Хонзода, Б. Ҳамдам. – Душанбе, 2018. – 136 с.

РАНГОРАНГИИ ЖАНРИИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР МАВЗӮИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Жанрҳои журналистика дар телевизион ба хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеӣ ҷудо мешаванд. Метавон гуфт, ки журналистикаи телевизион берун аз системаи жанрӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фаҳмиши ҷиддии жанрҳо аз касбияти журналист дарак медиҳад. Гузашти вақт дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо, махсусан ҷавонон навгониву воқеаҳои нав ба навро ба бор меоварад. Дар ин миён падида ва тамоюлҳои инъикоси рӯзгори ҷавонон дар телевизион бо матнҳои гуногун ва баҳсҳои мухталиф инъикос мегардад, ки таҳлили он мувофиқи мақсад аст. Ҳадафи барномаҳо дар бештари маврид як чиз бошад ҳам, тарзи баррасӣ, пешниҳод ва масъалагузории гуногун ба чашм мерасад ва ин ба шаклгирии гуногунжанрӣ дар телевизион мусоидат менамояд. Телевизиони «Тоҷикистон» дар самти бозомӯзии рӯзгори ҷавонон ва истифодаи жанрҳои таҳлилӣ барои мавқеъ ва нуфузи барнома ва бештар аз ин, ҷиҳати ба талаботи бинанда ҷавобгӯ шудани намоишҳо, фаъолияти нисбатан беҳтарро ба роҳ мондааст, ки аз тамошои барномаҳои он бешубҳа эҳсос мегардад. Тавре муҳаққиқ Аъзамҷон Азимов менависад: «Ҷараёни инкишоф, ки сарчашмаи асосии жанрҳои телевизион гаштааст, ба ҳама маълум аст. Барномаҳо тез-тез якдигарро иваз мекунанд. Лоиҳаи нав ба нав пешниҳод мешавад. Муҳиту вақт нақши худро дар телевизион мегузорад. Доираҳои нав ба нав ба вуҷуд меояд. Телевизион бо суръати баланд тараққӣ мекунад». Тафсири телевизионӣ, нигориши телевизионӣ, суҳбати телевизионӣ, мубоҳисаи телевизионӣ, таҳқиқоти журналистии телевизионӣ, ток-шоу, конфронси матбуотии телевизионӣ, намоиш (мухбирнома)-и телевизионӣ жанрҳои таҳлилие мебошанд, ки истифодаи онҳо дар телевизиони «Тоҷикистон» бо тасвиру наворҳо ороиш ёфта, вазифаҳои худро ичро мекунанд ва тамошобинро бо рӯйдоду воқеаҳои муҳим ошно месозанд. Гурӯҳҳои эҷодии ин шабака мунтазам пайи сайқали мундариҷавию ғоявии барномаҳо кӯшиш менамоянд ва усулҳои нави таҳияи барномаҳоро ба роҳ мемонанд.

Калидвожаҳо: жанрҳо, телевизиони «Тоҷикистон», сиёсати ҷавонон, барномаҳо, таҳқиқ, таҳлил, моҳият, рушд.

ЖАНРОВОЕ МНОГООБРАЗИЕ ТЕЛЕВИЗИОННЫХ ПЕРЕДАЧ НА ТЕМУ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ

Жанр – это исторически определившийся тип отображения реальной действительности, обладающий набором относительно устойчивых признаков. Понятие того или иного жанра формировалось многие годы, менялась жизнь, какие-то явления ее исчезали, становились достоянием истории, возникали новые, однако, каждое новое явление, будучи принципиально иным по содержанию, сохраняло прежнюю форму. Это же относится и к жанровым формам,

основанным на общности функций каждой из них, независимо от конкретного наполнения. Телевидение восприняло в основном функции, методы и формы своих предшественников по массовой коммуникации – печати и радио. И точно так же, как печать и радио, телевидение во всем богатстве и разнообразии его продукции можно классифицировать по ряду устоявшихся формальных признаков, разделить по принадлежности к тому или иному жанру. Теория жанров постоянно находится в развитии, видоизменяясь, происходит становление, развитие новых и отмирание старых жанров, впрочем, это не означает, что жанровое деление творчества тележурналиста есть бессмысленное теоретизирование. В адекватном понимании природы того или иного жанра заложен потенциал реализации творческого развития. Понимание же неразрывно связано со знанием. Жанр – категория общественно-историческая. Поэтому, например, в ситуации ограничения свободы слова и печати происходит всплеск в развитии жанров аналитических и даже дидактических, напротив, расширение информационных свобод влечет за собой развитие информационных жанров, потребитель информации уже не нуждается в назиданиях, а стремится сам оценивать и анализировать факты. При всей динамике и диалектичности понятия жанра, существует, тем не менее, ряд довольно-таки устоявшихся форм, в развитии которых на протяжении продолжительного времени сохраняются сущностные признаки. В рамках информационных и аналитических жанров телевизионной журналистики автор пытается оценить жанровую палитру телевизионных передач телеканалов «Таджикистан» на тему государственной молодежной политики.

Ключевые слова: жанры, телевидение «Таджикистан», молодежная политика, программы, исследование, анализ, сущность, развитие.

THE VARIETY OF GENRES OF TELEVISION PROGRAMS ON THE SUBJECT OF THE STATE YOUTH POLICY

A genre is a historically determined type of representation of reality, which has a set of relatively stable features. The concept of this or that genre was formed for many years, life changed, some of its phenomena disappeared, became the property of history, there were new, however, each new phenomenon, being fundamentally different in content, retained its former form. The same applies to genre forms based on the common functions of each of them, regardless of the specific content. Television has adopted mainly the functions, methods and forms of its predecessors in mass communication – the press and radio. And just as the press and radio, television in all the richness and diversity of its products, can be classified by a number of established formal features, divided by belonging to a particular genre. The theory of genres is constantly in development, changing, there is a formation, development of new and dying of old genres, however, this does not mean that the genre division of the creativity of the journalist is meaningless theorizing. In an adequate understanding of the nature of a genre lies the potential for creative development. Understanding is inextricably linked to knowledge. Genre – the category of the socio-historical. Therefore, for example, in a situation of restriction of freedom of speech and press there is a surge in the development of analytical and even didactic genres, on the contrary, the expansion of information freedoms entails the development of information genres, the consumer of information no longer needs edification, and seeks to evaluate and analyze the facts. For all the dynamics and dialectics of the concept of the genre, there is, however, a number of fairly well-established forms, in the development of which for a long time remain essential features. As part of the information and analytical genres of television journalism, the author tries to assess the genre palette of TV programs of TV channels "Tajikistan" on the theme of the state youth policy.

Key words: genres, TV "Tajikistan", youth policy, programs, research, analysis, essence, development.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодона Саидзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ, факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Шодона Саидзода*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры ТВ и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

Information about the author: ***Shodona Saidzoda*** - Tajik National University, post-graduate student Department of TV and broadcasting journalism faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

УДК: 07 (575/3)

ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ МАТБУОТИ ӮЗБЕКИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Умаров З.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нақши воситаҳои ахбори оммаи вилояти Суғд дар фазои иттилоотии вилоят назаррас аст. Тибқи маълумотҳои расмӣ нисбати дигар манотиқи кишвар дар вилояти Суғд воситаҳои ахбори чопӣ ва ҳам электронӣ бештар фаъоланд [1, с.57]. Дар баробари воситаҳои ахбори оммае, ки бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва русӣ интишор меёбанд, дар ҳудуди вилоят боз нашрияҳое ҳастанд, ки бо забони ӯзбекӣ аз чоп мебароянд.

Агар ба таърихи нашрияҳои ӯзбекии Тоҷикистон назар афканем, аввалини он рӯзномаи «Қизил Тожикистон» аст, ки ҳамчун органи КМ ҲК Тоҷикистон, Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз соли 1929 нашр мешавад.

Албатта, ин рӯзномаи умумиҷумҳуриявии ӯзбекии ҶШС Тоҷикистон буд. Дар баробари ин, дар вилоят ва ноҳияҳои кишвар низ нашрияҳои ӯзбекӣ мавҷуд буданд.

Барои мисол, муҳаққиқи таърихи матбуот Қаҳҳори Расулиён дар китоби худ бо номи «Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ» аз нашрияҳои бо забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ-ӯзбекӣ ба нашр мерасида ёдовар мешавад. Аз ҷумла, нашрияҳое, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дар солҳои 30-40-уми асри гузашта ба нашр мешуданд, инҳоянд: «Роҳи колхозчӣ» [5, с.69], «Коммунисти Панҷакент» [5, с.69], «Ҳақиқати Шаҳринав» [5, с.69], «Байрақи дӯстӣ» [5, с.70], «Аскари сурх» [5, с.70], «Болшевики Конибодом» [5, с.70], «Шараф» [5, с.71], «Роҳи сотсиализм» [5, с.72], «Колхозчӣ» [5, с.72], «Коммунизм учун» [5, с.72], «Коммуна» [5, с.73], «Варзоби нав» [5, с.73], «Зарбдори Ашт» [5, с.73], «Ленин юлӣ» [5, с.73], «Нури илич» [5, с.74], «Шаҳристони болшевикӣ» [5, с.74], «Роҳи Сталинӣ» [5, с.75], «Ҳосил учун» [5, с.75-76], «Зарбдори Данғара» [5, с.76], «Пролетар ҳақиқати» [5, с.76], «Қизил байрақ» [5, с.77], «Стахановичии Ёвон» [5, с.77], «Пахтакори сурх» [5, с.81].

Дар қатори онҳо рӯзномаи ноҳиявии «Паёми Спитамен»-и ноҳияи Спитеман аст, ки бори аввал 7 ноябри соли 1930 бо номи «Қизил нишон» («Нишони сурх») бо забони ӯзбекӣ аз чоп баромадааст. Дар давоми фаъолияти зиёда аз 85-солаи худ нашрия бо номҳои гуногун нашр шудааст. Бо тақозои давр ва гузашти солҳо ба рӯзнома номи «Сталин байроғи» («Парчами Сталин») дода шуда, аз соли 1961 он бо номи «Коммунизм сари» («Ба сӯйи коммунизм») иваз карда шуддааст. Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз ибтидои моҳи августи соли 1978 як саҳифаи рӯзнома бо забони тоҷикӣ ба нашр мерасад.

Баъд аз ба истиқлолият расидани ҷумҳурӣ бо пешниҳоди муассиси нашрия - Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия аз моҳи сентябри соли 1991 ба рӯзнома номи «Халқ сӯзи» («Сухани халқ») дода мешавад. Аз аввали соли 2012 ҷиҳати риояи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номи нашрия ба «Паёми Спитеман» тағйир дода мешавад. Имрӯз он бо ду забон - тоҷикӣ ва ӯзбекӣ аз чоп мебарояд.

Ба ғайр аз ин, дар нашрияҳои «Зарафшон»-и шаҳри Панҷакент, «Паёми Истаравшан»-и шаҳри Истаравшан, «Садои Конибодом»-и Конибодом, «Иқбол»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов, «Чашмаи Шаҳристон»-и ноҳияи Шаҳристон, «Шуҳрати Ашт»-и ноҳияи Ашт ва «Хуҷанд»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҳоло низ саҳифаҳои ӯзбекӣ мавҷуд аст.

Имрӯз вазъи саҳифаҳои ӯзбекии нашрияҳои дар боло зикргардида ба талаботи аудитория ҷавобгӯ нест. Зеро, дар аксари онҳо маводҳои ҷолиб ба нашр намерасанд. Вазъи ҷомеа, мушкилиҳои аҳолӣ ва иттилооти саривақтӣ ба таври пурра инъикос намегардад. Ва ин боиси он мегардад, ки аҳолии ӯзбекзабони минтақа ҷӯёи ахбори ВАО-и дигар шавад.

Дар тафовут ба саҳифаҳои ӯзбекии нашрияҳои ноҳиявӣ дар ҳудуди вилоят якчанд рӯзномаҳои сирф ӯзбекӣ, аз ҷумла расмӣ, ҷамъиятӣ, иттиҳодиявӣ ва адабӣ ба нашр мерасанд.

Мардуми ӯзбекзабони вилояти Суғд асосан ахбори расмиро бо воситаи рӯзномаи вилоятии «Суғд ҳақиқати», ки нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят аст, дастрас менамоянд. Рӯзномаи «Суғд ҳақиқати» нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ба забони ӯзбекӣ буда, дар аввалин солҳои истиқлолияти кишвар таъсис дода шудааст.Нахустин шумораи он аз 1 июли соли 1993 ба нашр расидааст. Албатта, ин рӯзнома низ дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст. Зеро то ташкил шудани рӯзнома дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» саҳифаи ӯзбекӣ мавҷуд буд. Ин саҳифа дар замони Шӯравӣ манбаи ягонаи иттилоъ барои мардуми ӯзбекзабони собиқ вилояти Ленинобод ба ҳисоб мерафт. Истиқлолияти кишвар чун дигар соҳаҳо дар низоми иттилоотӣ низ фазои

муносиберо фароҳам овард, ки дар асоси он дар вилоят рӯзномаи алоҳидаи сирф ӯзбекӣ ба майдон омад. Зеро ташкил шудани рӯзномаи ӯзбекӣ орзуи деринаи мардуми ӯзбекзабони вилоят буд. Бо вуҷуди он ки дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ дар аксар рӯзномаҳои ноҳиявии вилоят саҳифаҳои ӯзбекӣ вуҷуд дошт, ҳамаи он талаботи аудиторияи ӯзбекзабони минтақаро қонеъ карда наметавонист.

Дар таъсиси рӯзномаи «Суғд ҳақиқати» саҳми адиби ӯзбекзабон Мафтун Ҷӯра (Тоштемир Ҷӯрабоев) хеле бузург аст. Зеро маҳз бо кӯшишҳои ӯ саҳифаи ӯзбекии рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ба нашрияи алоҳида тадбил дода шуд.

Дар баробари ин, дар ташкили рӯзнома Қаҳрамони дукаратаи Меҳнати Сотсиалистӣ Абдуғафур Самадов, адиб ва рӯзноманигори шинохта Дадаҷон Раҷабӣ, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Аҳмадҷон Мӯсоев ва дигарон низ саҳми худро гузоштаанд.

Рӯзномаи навтаъсиси «Ленинобод ҳақиқати» дар идораи нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» ҷойгир шуда буд. Шумораи нахустини он бо имзои сармуҳаррири аввалин Мафтун Ҷӯра ба чоп расида, ҳайати эҷодӣ аз Дилмурод Хоҷимуродов – ҷонишини сармуҳаррир, Акмал Қаландаров – котиби масъул, хабарнигорон – Шариф Нуриддин, Насим Салимов, Эгам Шералиев, Абдували Бегалиев ва дигарон иборат будааст.

Бо гузашти вақт ҳайати эҷодии рӯзнома низ тағйир ёфта, дар солҳои 1993-1999 шоир, рӯзноманигори шинохтаи ӯзбекзабон Дилмурод Хоҷимуродов, солҳои 1999-2002 Акмал Қаландар, солҳои 2002-2008 Солиҳа Олимова ҳамчун сармуҳаррир фаъолият намудаанд. Ҳоло (аз соли 2008) вазифаи сармуҳарририи рӯзномаро Фарҳод Ҷӯраев бар зимма дорад.

Бо иваз шудани номи вилояти Ленинобод ба Суғд нашрия низ номи худро аз «Ленинобод ҳақиқати» ба «Суғд ҳақиқати» тағйир дод.

Ҳоло рӯзнома дар як ҳафта ду маротиба дар ҳаҷми 4 саҳифа, формати А2, бо теъдоди зиёда аз 2500 нусха ба нашр мерасад. Рӯзнома чун нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бештар фаъолияти мақомоти мазкурро инъикос мекунад. Дар баробари ин, рисолати дигари рӯзнома ин тараннуми дӯстии азалии мардумони тоҷику ӯзбек мебошад. Рубрикаҳои доимии рӯзнома аз «Сенинг фарзандларинг, Тожикистон» («Фарзандони ту, Тоҷикистон»), «Маориф фидойилари» («Фидоиёни маориф»), «Маънавият» («Маънавиёт»), «Спорт» («Варзиш»), «Туризм» («Сайёҳӣ»), «Қишлоқ хӯжалиги» («Кишоварзӣ»), «Саноат», «Қурилиш» («Сохтмон»), «Бунёдкорлик» («Бунёдкорӣ»), «Ёшлар» («Ҷавонон»), «Жамият» («Ҷамъият»), «Соғлиқни сақлаш» («Тандурустӣ») ва ғайраҳо иборат мебошанд.

Рӯзнома бештар дар саҳифаҳои якуму дуюм маводҳои расмӣ-сиёсӣ, дар саҳифаи сеюм иҷтимоиву бадеӣ ва дар саҳифаи чорум хабарҳои хориҷиву маводҳои фароғатиро ҷой медиҳад. Рӯзнома дар инъикоси проблемаҳои ҷомеа низ фаъол буда, дар баррасии он аз андешаи муҳаққиқону коршиносон истифода мебарад. Бартарии рӯзнома аз дигар нашрияҳои ӯзбекии вилояти Суғд дар он аст, ки он дар як ҳафта ду маротиба ба нашр расида, хонандагони худро аз хабару воқеаҳои нав огоҳ менамояд.

Мақсади асосии рӯзнома ба масъалаҳои робитаи дӯстона ва якдигарфаҳмиро байни халқҳо боз ҳам мустаҳкам кардан, барои муаллифони ӯзбекзабон фазои муносиби эҷодӣ фароҳам овардан нигаронида шудааст.

Рӯзномаи «Суғд ҳақиқати» барои аҳли эҷод ва мардуми одии ӯзбекзабони вилоят минбари сухан буда, ин рисолати худро аз оғози фаъолият амалӣ карда истодааст.

Адибону рӯзноманигорони ӯзбекзабони вилоят, аз ҷумла Шодӣ Саттор, Шариф Нуриддин, Ӯринбой Орипов, Насим Салимов, Суюнбой Тилабов, Авлиёхон Эшон, Абдурасул Мамадалиев, Ӯринбой Усмон ва ғайраҳо ба кори эҷодӣ дар рӯзнома ҷалб гардида, ба рушди он саҳм гузоштаанд. Ҳамин тариқ, рӯзномаи «Суғд ҳақиқати» дар атрофи худ қаламкашони номдору лаёқатманд ва мухбирони ҷамоатиро ҷалб кардааст. Маҳз ҳамин роҳ рӯзномаи мазкурро байни аҳолии вилоят шинохта гардонид.

Имрӯз рӯзномаи «Суғд ҳақиқати» яке аз нашрияҳои фаъоли ӯзбекии вилояти Суғд буда, баъд аз рӯзномаи ҷумҳуриявии «Халқ овози» дар фазои иттилоотии Тоҷикистон дар ҷойи дувум меистад. Аз нуқтаи назари мазмуну муҳтавои маводҳо, аз ҷиҳати фаврияту рӯзмаррагии онҳо, аз лиҳози ороишу бандубаст рӯзнома дар як ҳолати хеле хуб қарор дорад.

Ҳайати эҷодии рӯзнома мекӯшанд то нигоштаҳояшон дар як мавзӯъ ва якранг набошад, тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар гирифта тавонад. Ҳамчунин нисбат ба зуҳуроти номатлуби замони муосир, аз қабили терроризму ифротгароӣ ба мақолаҳои пурмуҳтавои худ мубориза мебарад ва хонанда, пеш аз ҳама, насли навли ҷомеаро огоҳ месозад, ки ба чунин созмону ҳаракатҳои ифротӣ шомил нашавад. Дар баробари ин, рӯзнома ба масъалаи боло бурдани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, ба омӯхтани илму донишу забонҳои хориҷӣ даъват

намудани онҳо низ диққати аввалиндараҷа зоҳир намуда, доир ба ин мавзӯъҳо силсиламақолаҳоро нашр менамояд.

Лозим ба ёдоварист, ки рӯзнома аз соли 2013 дар шабакаи Интернет саҳифаи худро бо суроғаи www.sugd-hakikati.tj фаъол кардааст. Дар ин саҳифа матлабҳои дар рӯзнома наршгардида интишор меёбад. Ин ҳам аз он сабаб аст, ки «сомонаҳои оҷонсиҳои иттилоотӣ ва газетаҳо имрӯз бо матбуоти чопӣ рақобат карда, аксаран дар пахши ахбор пешдастанд» [3, с.3]. Ва рӯзномаи «Суғд ҳақиқати» низ ин омилро хуб дарк намуда, дар Интернет саҳифаи худро кушодааст, ки бо пахши маводҳояш сафи хонандагонашро зиёд намояд.

Дар баробари ин, дар ҳудуди вилоят боз нашрияҳои марказ ва ҷамъияти фарҳангии ӯзбекони вилояти Суғд низ ба нашр мерасанд.

Яке аз онҳо моҳномаи «Қадрият» аст. Он аз 3 январи соли 1992 нашр мешавад. Нашрияи мазкур ҷамъиятӣ буда, муассиси он ҷамъияти ӯзбекони вилоят мебошад.

Нашрия бештар ба масъалаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ таваҷҷуҳ менамояд. Маводҳои сиёсиву таҳлилӣ камтар ба назар мерасанд. Саҳифаҳои алоҳидаи он ба хонандагони муассисаҳои таълимӣ барои интишори намунаи эҷодиёташон ва ба маводҳои адабӣ ҷудо карда мешавад.

Рӯзномаи дигар «Маънавият» аст, ки ба Ташкилоти ҷамъиятии Маркази маънавиёт ва маърифати ӯзбекон дар вилояти Суғд тааллуқ дорад. Дар гувоҳномаи он қайд гардидааст, ки рӯзнома бо забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ мавод нашр менамояд. Аммо дар саҳифаҳои он маводҳои ба забони тоҷикӣ ва русӣ бақаламдодашуда, камтар ба назар мерасад.

Шумораи нахустини он 11 марти соли 2011 ба нашр расидааст. Асосан маблағгузории рӯзнома аз фоидаи худи он мебошад. Рӯзнома аз 12 саҳифа иборат буда, дар як ҳафта як маротиба чоп мешавад. Ин нашрия низ ба масъалаҳои иҷтимоиву адабӣ бештар таваҷҷуҳ менамояд.

Барои пур кардани фазои иттилоотии кишвар аз нақши маҷаллаи адабӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ, илмӣ-оммавии ӯзбекӣ «Шарқнома» ёдовар мешавем. Ин маҷалла аз соли 2012 бо муассисии Маркази фарҳангии ӯзбекони вилояти Суғд ва соҳибкор Одил Раҷабов нашр мешавад. Дар ин ҷо асарҳои адибони ӯзбекзабони кишвар, тарҷумаи асарҳои адибони тоҷик ва хориҷ нашр шуда, то андазае муҳити адабии ӯзбекзабонҳои мамлакатро бо ҳам меорад [7, с.142].

Дар вилояти Суғд нашрияҳои мустақили ӯзбекӣ асосан баъд аз соҳибистиқлол гардидани кишвар ба фаъолият шурӯъ кардаанд. Аммо аксарияти онҳо фаъолияташонро то ба имрӯз идома дода натавонистанд. Ба ин чандин омилҳо сабаб шуда метавонад. Аввало, ҷиҳати молиявии нашрияҳо боиси зуд аз байн рафтани онҳо гардиданд. Баъдан муҳтавои пасти нашрияҳо боис гашт, ки онҳо дар байни хонандагон мавқеи хосси худро пайдо карда натавонистанд. Ба инҳо нашрияҳои «Субҳидам» [6], «Тонг» [6] мисол шуда метавонанд.

Имрӯз аксари муҳаққиқон ва коршиносони соҳа аз он нигаронӣ доранд, ки таъсири воситаҳои ахбори оммаи кишвари ҳамсоя ба фазои иттилоотии ҷумҳурӣ бештар гаштааст.

Яке аз онҳо Сафват Бурхонов чунин андеша дорад, ки «Аслан дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ радиову телевизионҳои Ӯзбекистон бештар пахш мешаванд. Барои ба даст гирифтани фазои иттилоотӣ, бояд ба забони ӯзбекӣ шабакаҳои махсуси пурмуҳтаво таҳия кард, ки дастраси аҳолии ӯзбекзабони Тоҷикистон бошанд. Ӯзбекони Тоҷикистон низ шаҳрвандони кишваранд. Онҳо паҳлуи тоҷикон умр ба сар мебаранду зиндагиашон фарқе надоранд. Ҳуқуқи онҳоро ба иттилоот бояд риоя кард. Онҳо дар бораи кишвари худ бояд иттилооти пурра ва бо забони модариашон дастрас карда тавонанд [2].

Албатта, имрӯз замоне расидааст, ки ба воситаҳои ахбори оммаи ӯзбекии вилояти Суғд таваҷҷуҳ кард. Зеро мардум бояд аз воқеаву ҳодисаҳое, ки дар ҷумҳурӣ ба вуқӯъ мепайванданд, огоҳ бошанд. Муҳтавои маводи саҳифаҳои ӯзбекии нашрияҳои ноҳиявиро боло бурд. Мардуми ӯзбекзабони вилоят ба ҷуз аз чанд рӯзномае, ки дар боло зикр кардем, дигар воситаи иттилоъгирӣ ва баёни андешаи худ бо забони модариашонро надоранд. Ҳатто, дар телевизион ва радиои вилоят низ барномаҳои алоҳидае нест, ки бо забони ӯзбекӣ пахш шавад. Ва ин боиси он гашта буд, ки «Гурӯҳе аз сокинони деҳаи Кучкаи ноҳияи Конибодоми вилояти Суғд ба роҳбарияти ҳукумати маҳаллӣ ва роҳбарияти намояндагии ширкати «Тоҷиктелеком» мурочиат намуда, хоҳиш карданд, ки барои ташкили радиостансияи барномаҳои ӯзбекӣ кумак расонанд.

Дар мурочиатномаи расмии сокинон гуфта мешавад, ки дар минтақае, ки аксарияти аҳолиро мардуми ӯзбекзабон ташкил мекунанд, воситаи ахбори омма ба забони ӯзбекӣ вуҷуд надорад. Хатҳои радио, ки дар замони шӯравӣ фаъол буданд, бармаҳал аз кор баромадаанд. Ӯзбекҳои вилояти Суғд нияти доранд ин навъи ВАО-ро барои пурсамар тарбият намудани насли бавоярасанда, тарғиби фарҳангу анъаноти халқи худ истифода баранд» [4].

Вобаста ба ин гуна омилҳо метавонанд, ки воситаҳои ахбори оммаи хориҷӣ ба осонӣ ба фазои иттилоотии мо ворид шаванд ва мавқеи устувор дошта бошанд. Ва дар ин ҳолат моро зарур аст ба ахбори ғаразноке, ки нисбати мо равона мегарданд, истодагарӣ намоем, амнияти иттилоотии кишвари худро таъмин созем ва ба аудитория ахбори саҳеҳу беғаразро саривақтӣ пешниҳод карда тавонем.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоҷонова М. Баъзе муаммоҳои риояи меъёрҳои этикаи журналистӣ дар радио ва телевизион (дар мисоли ВЭА-и вилояти Суғд) / М.Бобоҷонова // Журналистикаи байналхалқӣ – VII. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2015. – С.57.
2. [Манбаи электронӣ] URL: http://safwat.web-box.ru/sobytija/behatarii-ittilooti (санаи истифодабарӣ 05.03.2019 с.)
3. Муқим Ҷ. Журналистикаи мултимедиявӣ / Ҷ. Муқим // Журналистикаи мултимедиявӣ. – Душанбе: Озар, 2016. – С.3.
4. Мушкилоти ӯзбекӣ дар Тоҷикистон // Рӯзи нав. - 7 августи соли 2003. - № 1 (01).
5. Расулиён Қ. Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ / Қ. Расулиён // Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 2012. – С.69-81.
6. Тожикистонда янги ӯзбекча газета чиқа бошлади [Манбаи электронӣ] URL: http://www.ozodlik.mobi/a/2044148.html (санаи истифодабарӣ 03.09.2019 с.)
7. Умаров З. Нақши расонаҳои ӯзбекии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ / З.Умаров // Илм ва фановарӣ (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2015. - №4 (8). – С.139.

ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ МАТБУОТИ ӮЗБЕКИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Дар ин мақола таърих ва ташаккули рӯзномаҳои ӯзбекии вилояти Суғд, нақши онҳо дар фазои иттилоотии вилоят ва вазъи имрӯзаи нашрияҳо таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар бораи рӯзномаҳои замони Шӯравӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ нашр мешуданд, маълумотҳо ҷой дода шудааст. Дар хусуси нашрияҳои имрӯзаи ӯзбекзабони вилоятӣ ва ноҳиявӣ, аз ҷумла «Суғд ҳақиқати», «Паёми Спитамен», «Қадрият», «Маънавият», маҷаллаи «Шарқнома» ва дигарон маълумот оварда шудааст. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур диққати асосӣ ба фаъолияти имрӯзаи воситаҳои ахбори оммаи чопии ӯзбекӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, оид ба истифодаи жанрҳо дар рӯзномаҳо, мушкилии кадрии онҳо, журналистони собиқадор номбар карда шудаанд. Муаллиф дар тадқиқоти худ аз манбаъҳои гуногуни илмӣ ва сарчашмаҳо васеъ истифода кардааст. Мақолаи мазкур аввалин тадқиқоти илмӣ доир ба матбуоти ӯзбекзабони Тоҷикистон мебошад.

Калидвожаҳо: журналистика, ВАО, рӯзнома, фазои иттилоотӣ, матбуоти ӯзбекзабон, «Суғд ҳақиқати», «Шарқнома», «Қадрият», «Маънавият».

НЫНЕШНЕЕ СОСТОЯНИЕ УЗБЕКОЯЗЫЧНЫХ ПЕЧАТНЫХ ИЗДАНИЙ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

В данной статье анализируются история развития узбекоязычных средств массовых информаций Согдийской области, их роль в информационном пространстве республики и их сегодняшнее состояние. Дана информация о газетах, опубликованных во времена Советского Союза на таджикском и узбекском языках. Приведена информация об областных и районных газетах, двуязычных публикациях, в том числе «Сугд хакикати», «Паёми Спитамен», «Кадрият», «Маънавият», журнал «Шаркнома» и другие. А также в статье особое внимание обращено на деятельность узбекоязычных печатных средств массовой информации. В том числе перечислены использование жанров в газетах, их кадровые проблемы и журналисты имеющие большой опыт. Автор в своём исследовании использует различные научные источники. Это первый анализ узбекоязычных средств массовых информаций в Таджикистане.

Ключевые слова: журналистика, СМИ, газета, информационная среда, узбекоязычные СМИ, «Сугд хакикати», «Шаркнома», «Кадрият», «Маънавият».

CURRENT STATE OF UZBEK-LANGUAGE PUBLICATIONS OF SUGHD REGION

This article analyzes the history of development of Uzbek-language mass media of Sughd region, their role in the information space of the Republic and their current state. Information about Newspapers that published during the Soviet Union in Tajik and Uzbek languages has given. Information about regional and district Newspapers, bilingual publications, including «Sughd haqiqati», "Payomi Spitamen", «Qadriyat», «Manaviyat», «Sharknoma» magazine and others has given. The article also pays special attention to the activities of Uzbek-language print media. In particular, the use of genres in Newspapers, their personnel problems and journalists with extensive experience are listed. The author in his research used a variety of scientific sources. This is the first analysis of the Uzbek-language media in Tajikistan.

Key words: media, journalism, newspaper, information environment, uzbek-languagee Media, «Sughd haqiqati», «Sharknoma», «Qadriyat», «Manaviyat».

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Умаров Зуҳриддин Тоштемирович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯйи кафедраи журналистикаи байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-02-62-93**

Сведения об авторе: ***Умаров Зуҳриддин Тоштемирович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-02-62-93**

Information about the author: ***Umarov Zuhriddin Toshtemirovich*** – Tajik National University, candidate of the department of International journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Tel.: **(+992) 902-02-62-93**

УДК: 070.1

РОЛЬ РЕГИОНАЛЬНОЙ РУССКОЯЗЫЧНОЙ ПРЕССЫ В ФОРМИРОВАНИИ КУЛЬТУРЫ И ИЗУЧЕНИИ ЯЗЫКА
(на примере газеты «Ленинабадская правда»)

Абдусаломова М.А.
Политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими

Начало XX века характеризуется качественно новым этапом развития печати, особенно на русском языке. Хотя в начале века были попытки создания и распространения печати на русском языке, на примере газеты «Красное солнышко», которое издавалось в Худжанде, вышел всего один номер, затем газеты «Красный Каратегин» и т.д., развитие печати на русском языке в годы Советской власти имело несколько целей. Это прежде всего знакомство с местными обычаями, изучение русского языка для местного населения, распространение культуры через печать и т.д. Сейчас много рассуждают о присоединении Средней Азии или захвате со стороны Российской империи. Мы же преследуем другие цели в данной публикации. Для нас важно доказать, что ассимиляция и присутствие других народов на территории разных государств имеет и положительные тенденции. Особенно это проявляется в изучении языка, обогащении культуры, быта.

В годы Советской власти народы севера Таджикистана, как и другое население Советского Союза, не только изучали русский язык, а также смогли ознакомиться с произведениями А.С. Пушкина и М.Ю. Лермонтова, М. Достоевского и Л. Толстого, А. Чехова в оригинале. Через русский язык знакомились с произведениями Т.Драйзера и В.Скотта. Неоценим вклад русских учителей, медиков, строителей, энергетиков в создание республики. Невозможно перечеркнуть историю, а полезно изучать и использовать все положительные стороны.

История печати начинается с появления газеты «Пролетарий Ходжента» (бывшая «Путь колхозника», «Колхозник» «Большевик Ходжента», «Стахановец»). Эта газета заложила основу появления газеты «Ленинабадская правда».

25 марта 1930 года появился первый номер газеты. Сначала в ней печатались только официальные приказы, телеграммы и т.п. и только через несколько лет она стала тем, что мы сейчас называем общественно – политическим изданием. Свою главную задачу газета видела в том, чтобы найти дорогу к уму и сердцу своего читателя – труженика. Просто, ясно разъясняя труженику ленинскую национальную политику Коммунистической партии, газета поднимала их на борьбу за укрепление органов Советской власти на местах, на активное участие в борьбе за социалистическое переустройство общества. В этой газете работали будущие прозаики, такие как Рахим Джалил и Хаким Карим, которые очень много сделали для обновления жизни на севере и юге республики. Об истории газеты «Ленинабадская правда» проведено мало исследований. Историки М.Р. Шукуров, Г.Х. Хайдаров, Дж. Усмонов и У. Гаффоров, И.К. Усмонов, Д. Давронов в своих трудах частично касались роли этой газеты в пропаганде идей культурной революции, агитации и пропаганде среди населения, привлечении взрослого населения в школы ликбеза [1].

Первым редактором газеты был Хасанов Мухамадчон, который, будучи студентом Института журналистики г. Москвы, возглавил газету. Первые годы деятельности газета была связана с трудностями и в короткие сроки газета превратилась в авторитетное издание. У истоков формирования и подъема газеты стояли великие личности: академики З.Раджабов, Б.Гафуров, М.Хасанов, К.Бахлулзода, М.Турсунзаде, Р.Чалил, Х.Содик, М.Аминзода, А.Шукухи, А.Пахлавонзода, Ю.Бобоева, позднее Х.Содик.

После того как был налажен регулярный выпуск «Колхозник» (вышло 7 номеров газеты), М. Хасанов уехал в Москву на учебу. Пост редактора занял литературный сотрудник Абдухамид Пахлаванзаде [2].

Эргаш Мухсинзода, который всю свою жизнь посвятил деятельности газеты «Ленинабадская правда» [3].

Облик рабселькоров был успешно героизирован, даже мифологизирован. Известная фраза В. И. Ленина о том, что «газета — не только коллективный пропагандист и агитатор, но и коллективный организатор», легла в основу всего [3].

Первый год издания газета печаталась арабским алфавитом, печаталась два раза в неделю – во вторник и в субботу. Начиная с июля 1934 года, газета стала печататься как орган ходжентского ГК КП(б) Таджикистана, городского Совета и выпускалась тиражом 2000, печаталась 1 раз в пятидневку.

В 30-х годах активный корреспондент газеты Абдулло Рахимов (Унчи), Мухтор Айемов (отдел просвещения города), Алибой Хакимов (шелкокомбинат г. Худжанда), Ислом Бобохучаев, Мухаммадчон Нурматов, Абдурахмон Исозода, Рустам Исмати, Хочи Содик, (колхоз Коминтерн), Охунчон шамси (колхоз имени Фрунзе), Рашод Махсум (Овчи-Калача), Чура Навруз, Саид Сабуров (Кистакуз) постоянно писали в редакцию.

Газета с первых дней образования организовывала участие местных женщин и девушек в написании сообщений и статей. Их материалы печатали большими буквами и на видном месте газеты. Так, газета от 24 ноября 1934 года под названием «Наши корреспонденты ударники – Марям Бозорбоева и Зухро Шахмирова» напечатала их заметки в первой странице. Активные корреспонденты в своих материалах раскрывали тайны врагов свободы женщин.

Марям Бозорбоева, Барака Бобоева (директор швейной фабрики г. Ленинабада), Шаходат Ахмадова в 1935 году участвовали как депутаты во втором республиканском съезде рабселькоров.

В мае 1935 году было проведено консультативное собрание районных газет Таджикской ССР, на котором была дана высокая оценка деятельности районной газеты «Большевик Хучанда» за услуги в воспитании рабселькоров. Как отметил секретарь ЦК КП (б) Таджикистана С.Шадунтс: «Эти все успехи достигнуты «Большевиком Худжанда», посредством участия рабселькоров, всеобщего участия трудящихся и постоянного партийного руководства.»

«Степень распространения печати среди широкой массы населения определяет степень культурного уровня населения. У нас имеются громадные показатели этой культурности населения. В частности, по Ходжентскому району мы на сегодняшний день тираж местной печати («Бо рохи Ленини», «Пролетарий Ходжента», «Рабочий Ходжента») около 10000. Кроме того, в Ходжентском районе имеются колхозные многотиражки.

В статье «О газете «Пролетарий Ходжента» было напечатано Постановление бюро ГК КП(б) Таджикистана от 28 января 1935 года.

«1. Газету «Бо рохи Ленини» ликвидировать, объединив с газетой «Пролетарий Ходжента», передав в редакцию «Пролетарий Ходжента» весь актив и пассив, а также необходимый штат работников «Бо рохи Ленини».

2. Предложить редакции газеты ввиду ликвидации газеты «Бо рохи Ленини», в каждой газете выпускать специальный вкладыш крупным шрифтом для начинающих читателей.

3. Довести тираж газеты до 7000 экземпляров, о чем сообщать газетному бюро для обеспечения этого тиража.

4. Поручить партгруппе горсовета утвердить смету и штат редакции в связи с улучшением тиража газеты.

5. В связи с ликвидацией политотдельской газеты «Бо рохи Ленини» и обслуживанием газетой «Пролетарий Ходжента» наравне с промышленностью и полностью сельского хозяйства, - назвать газету «Большевик Ходжента» [4].

В газете от 1935 года под рубрикой «Нам пишут» напечатана статья про работу горбюро «Союзпечати» о распространении газеты среди населения. «План по реализации тиража республиканской печати Таджикской ССР выполнен только на 30 %..

По газете «Большевик Ходжента» (на таджикском языке) было задание реализовать 7000 экземпляров, а реализуется 3,970, по газете «Рабочий Ходжента» задание 3000 экземпляров, а реализуется 675 по подписке, а по розничной торговле 700. Такой факт, когда цифра розничной торговли превышает цифру подписки на газету, доказывает то, что газетное бюро не заинтересовано в том, что обнаружить тех читателей, которые не охвачены подпиской, но регулярно читают газету, беря в киоске.» [5, с.551-552].

В связи с переименованием города Ходжента в Ленинабад, газета «Рабочий Ходжента» была переименована в газету «Стахановец» на основании Постановления Президиума Ленинабадского Горсовета от 19.01.1936 года №50.1. С 1 января 1948 года «Стахановец» стала выходить под названием «Ленинабадская правда».

«В редакции газеты была следующая структура:

1. Ответственный редактор
2. Ответственный секретарь
3. Отдел партийной жизни

4. Отдел сельского хозяйства
5. Отдел писем» [6].

Предвоенные годы для правильного налаживания деятельности районной газеты Ленинабада – «Бо рохи Ленини» (с 1936 года так называлась газета) огромна заслуга центральных газет, особенно «Крестьянской газеты» - органа ЦК ВКП (б). По инициативе редакции «Крестьянской газеты» в феврале 1936 года в Ленинабаде был организован внештатный отдел этой газеты, редактором которого был Точи Усмон. В начале 1937 года группа работников газеты М. Нурматов, Э. Мухсинзода, Х. Содик, С. Очилзода, О. Шамсиддинов, М. Чалилов, О. Сабуров проходили учебу на двухмесячных курсах подготовки журналистских местных кадров при редакции газеты «Крестьянская газета» в городе Москва. Они в течение учебы на курсах знакомились с организационно-массовой работой редакции.

Листая предвоенные страницы газеты «Ленинабадская правда», можно ясно представить, как рабселькоры, журналисты боролись за выполнение плана народного хозяйства, всесторонней развитие стахановского движения, внедрение передовой социалистической науки и культуры, в воспитании трудящихся на пути к коммунизму.

Статьи, фельетоны, здесь стали печататься рецензии от журналов и рабселькоров: Таджи Усман, О.Антюкова, К.Бахлул-заде, М.Базарбаева, Э.Мухсин-заде, Ф.Абдулло-заде, И.Махмудов, М.Нурматов и других [7].

В ноябре 1934 года объединились районные комитеты партии и отделы МТС и в этой связи газеты политических отделов объединились с районными газетами. В приказе Бюро городского ходжентского комитета ПК (б) Таджикистана от 28 января 1935 года «Про газету «Рабочий Ходжента» пишется так: «В связи с прекращением деятельности газеты политотдела «Бо рохи Ленини» и объединения с газетой «Рабочий Ходжента» и впредь будет охватывать рабочую разностороннюю тематику сельского хозяйства, газета «Рабочий Ходжента» отныне будет называться «Большевик Ходжента» [8].

